ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 1 (091) (584.5):87.3(5Т)



АМОНДУЛЛОЕВ БЕГМУРОД САЛОМАТУЛЛОЕВИЧ

ФАЛСАФАИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

(таҳлили муқоисавӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарѐфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои фалсафа,
профессор Содиқӣ Насиба Нуруллозода

ДУШАНБЕ – 2026

Мундарича:

МУҚАДДИМА.....4

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

1.1Омилҳои иҷтимоӣ-таърихии густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI 32

1.2 Сарчашмаҳои асосии ғоявии ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино 55

1.3 Таъсири омили исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино 90

БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО

2.1 Мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино 115

2.2 Назари Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи ҳаракат ва шаклҳои он.....146

2.3 Масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино....173

БОБИ 3. ТАЪЛИМОТИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО ДАР БОРАИ МАЪРИФАТИ ОЛАМ

3.1 Масъалаи маърифатпазирии олам дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино.....199

3.2 Андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино пиромуни шаклҳои маърифат....220

3.3 Масъалаи нафс ва имконоти маърифатии он дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино.....239

БОБИ 4. МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ, СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО

4.1 Андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ахлоқ ва камолоти инсон...267

4.2 Назарияи давлат ва ҷомеаи фозила дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино.....290

4.3 Фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино.....312

БОБИ 5. ТАЪСИРИ АФКОРИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО БА ТАШАККУЛИ ФАЛСАФА

5.1 Ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ.....332

5.2 Нақши мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино дар инкишофи фалсафаи исломӣ ва ғарбӣ.....362

ХУЛОСА.....392

ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ТАТБИҚИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ.....403

ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ..... 406

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ 443

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Фалсафаи машшоияи шарқӣ дар таърихи фалсафа ҷойгоҳи вижа дошта, яке аз мактабҳои маъруфест, ки дар ташаккули афкори фалсафии ҷаҳониён, умуман ва тоҷикон, хоссатан, нақши муассире гузоштааст. Омӯзишу таҳқиқи андеша ва осори намояндагони ин мактаби фалсафӣ дар асоси методологияи илмӣ ва бо такя ба марҳилаҳои таърихии илму афкори фалсафӣ муҳим ва мубрам мебошад. Махсусан, таҳлили муқоисавии афкори фалсафии маъруфтарин чеҳраҳои ин мактаб, ба мисли Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, бешубҳа, муҳим ва ҷавобгӯ ба талаботи замон аст. Зеро дар даврони шуравӣ, аслан, пажуҳиши масъалаҳое матраҳ мешуд, ки ба талаботи идеологияи ҳукмрон мувофиқ буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмии кишвар бознигарӣ ва муаррифии чеҳраҳои илмист, ки дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муассир доранд.

Ба алоқамандон маълум аст, ки миёни фалсафаи муосиру классикӣ тафовути ҷиддӣ ҷой дорад, аммо ин ҳаргиз ба он маъно нест, ки фалсафаи классикӣ кӯҳнаву нодаркор шуда бошад. Баръакс, фалсафаи классикӣ чун бунёди аслии фалсафаи муосир баромад намуда, ба шинохти воқеии ҷанбаҳои норавшани он мусоидат менамояд.

Зарурати таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур инчунин дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар шароити соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи аҷдодӣ рӯй оварда, раванди худшиносии миллиро тақвият мебахшанд. Пас зарурати таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи афкори фалсафии шахсиятҳои таърихии мо, махсусан мутафаккироне, ки дар ҳавзаҳои мухталифи илмии олам дар масоили гуногун ба осори онҳо такя мекунанд, амри зарурист.

Таҳлили муқоисавии афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино аз он ҷиҳат низ дорои аҳаммияти илмист, ки ҳамоҳангиву тафовути ақида ва андешаҳои ин ду симои асосии фалсафаи машшоияи шарқӣ баррасӣ гардида, ба дарки ҳамаҷонибаи ҷаҳонбинии онҳо имконият фароҳам меорад, ки дар соҳаҳои гуногуни илмҳои

муосир, махсусан таърихи фалсафа, арзишманд аст.

Мубрам будани ин масъала дар сатҳи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ низ инъикос гардидааст. Аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг, бо дарназардошти оламшумул будани шахсияти Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино, осори ин ду нобиғаи сатҳи ҷаҳониро ба таври расмӣ эътироф намуда, андешаҳои онҳоро барои инкишофи илму маърифат, таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ, тарғиби ақлгароӣ ва пайвандсозии тамаддуни умумибашарӣ муҳим меҳисобад. Дар Конфронси генералии ЮНЕСКО, ки моҳи ноябри соли 2020 дар қароргоҳи ин созмон дар Париж баргузор шуд, намояндагони 193 кишвари ҷаҳон қатъномаи махсусро дар бораи ба тақвими байналмилалии санаҳои хотиравии соли оянда ворид намудани 1150-солагии олим ва ҳакими бузург Абунаср Ал-Форобӣ қабул карданд. Инчунин ин созмони бонуфуз пештар 1-уми октябри соли 1980 конференсияи байналмилалӣ ба муносибати таҷлили 1000-солагии Ибни Сино баргузор намуд. Яке аз нашрияҳои маҷаллаи расмии UNESCO «Courier» як шумораашро махсусан ба маводи конференсияе, ки ба хотири бузургдошти Ибни Сино баргузор шуда буд, бахшида, мушҳуртарин асари ӯ «ал-Қонун-фи-т-тиб»-ро чун сарчашмае нишон медиҳад, ки зиёда аз 700 сол дар Аврупо ва дигар давлатҳои ҷаҳон ҳамчун дастури асосии тиб истифода мешуд. Инчунин, аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ (ВОЗ) сармояи беназири Абуалӣ ибни Сино дар асри XX эътироф гардида, он ҳамчун асосгузори тибби классикӣ номбар шудааст.

Ҳамзамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил (01.09.2018) таъкид ба он доштанд, ки илму дониш дар миёни мардуми мо аз қадим мақоми хос дошт ва мардуми бофазлу ҳунари тоҷик ба ин манбаи маърифат ҳамеша арҷ мегузоштанд. Мо низ бояд суннатҳои неки гузаштагонамонро эҳтиром намоем, аз усулҳои муосири таълиму тарбия истифода кунем, доираи донишу маърифат ва

камолоти маънавии насли навраси кишварамонро тавсеа бахшида, дар зеҳни онҳо эҳтиром гузоштан ба муқаддасот ва рукнҳои давлатдориро ҷой намоем, онҳоро дар руҳияи ватандӯстиву ҳисси баланди миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонем. Инчунин аз 23 майи соли 2026 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳти № 1180 таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб низ гувоҳи равшани муҳим будани пажуҳиш дар ин соҳа аст.

Илова бар ин, мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки якчанд масъалаҳои баҳсталаби иҷтимоиеро, ки ниёз ба ҳаллу фасл доранд, низ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз ҷумла, муаррифии фарҳанги миллӣ ва нишон додани саҳми донишмандони ниёгони мо дар шаклгирии фарҳанги ҷаҳонӣ, дар ташаккули давлатдории миллӣ, дар бартараф сохтани ақидаҳои баъзе муҳаққиқоне, ки ба мансубияти иҷтимоии мутафаккирони мавриди назар диди воқеъбинона надоранд, барои ошкор намудани таносуб ва фарқияти афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва нишон додани нақши онҳо дар рушди таърихи фалсафаи тоҷик кӯмак мекунад.

Дар баробари ин зарурати таҳқиқу баррасии илмии мавзуи мазкур дар он аст, ки тоҷикон имрӯз дар замони соҳибистиқлолӣ ба эҳёи фарҳанги гузаштаи аҷдодӣ рӯй оварда, раванди худшиносии миллиро таҳким мебахшанд, ки яке аз ҷанбаҳои он таҳлилу баррасӣ ва муқоисаи афкори фалсафии шахсиятҳои таърихии мост; ҳамчунин нишон додани ҷойгоҳи мутафаккирони тоҷик дар раванди ташаккулёбии фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ва муаррифии афкори онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ; сабақ омӯхтан аз муҳтавои осори ин мутафаккирон бо мақсади таҳким бахшидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ки дар афкори сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо матраҳ мегардад; дар мустаҳкам намудани робитаҳои фарҳангии Шарқу Ғарб; дар шароити таъсирпазирӣ аз ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти рӯзафзуни фарҳангӣ, махсусан тобишҳои бегонашавии фарҳангӣ ва тамоюли насли наврас ба фарҳанги бегона, омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи таълимоти фикрии аҷдодӣ; равшан намудани таносуб ва тафовути афкори

фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино; нишон додани нақши ин мутафаккирон дар рушди таърихи фалсафаи тоҷик ва дарки дурусти моҳияти таълимоти онҳо, ки чун арзишҳои миллӣ баромад мекунанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додани афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар ин таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар осори ин ду абармарди таърихӣ шукуҳу шаҳомати илмии асримиёнагии миллати тоҷик инъикос ёфтааст. Фалсафаи ин давра сарчашмаи муҳиммест, ки фарҳангу тамаддуни тоҷик бо такя ба он метавонист ба таври ҷаҳишмонанд ташаккули минбаъдаи худро биёбад. Аммо бар асари бархӯрди дуруст надоштани гузаштагони мо ба чунин манбаъҳои илмӣ ақибмонии мо аз қавму миллатҳои дигар, махсусан ғарбиён, ки дар партави фалсафаи атиқа пешрафтҳои зиёде карданд, маълум мегардад, ки ҷойи андешаву баҳс нест. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва муқоисаи осори ин ду олими забардасти тоҷик барои ташаккули фарҳанги миллӣ муҳим буда, аҳаммияти назариявию амалӣ доранд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Пажуҳандагони сершуморе, аз қабили файласуфҳо, ҷомеашиносҳо, муаррихҳо, шарқшиносҳо ва ғайра то имрӯз дар бораи ҳаёту фаъолияти Форобиву Ибни Сино таҳқиқот анҷом додаанд, ки ҳамчун сарчашмаи назариявии баррасии масъалаи мавриди назар хизмат мекунанд ва мо дар ҷараёни таҳқиқ аз ин сарчашмаҳо ба таври васеъ истифода намуда, маълумоти дастрасро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. То имрӯз дар атрофи ҳаёту фаъолияти Форобиву Ибни Сино таҳқиқоти сершуморе сурат гирифтааст. Аз ҷумла, ҳанӯз дар асрҳои миёна ба таҳқиқи осори Форобиву Ибни Сино донишмандони зиёде таваҷҷуҳ намуда буданд, ки нисбатан маъруфтари онҳо Абиусайбия, [52] Ибни Асокир, [53] Ибни Надим, [54; 55] Ибн Рушд, [56; 57] Насириддини Тусӣ, [69; 106; 107; 108] Ибни Халликон, [60] Ибни Туфайл, [59] Қифтӣ, [65] Ёқути Ҳамавӣ [117] ва дигарон мебошанд, ки дар осорашон маълумоти ниҳоят арзишманде пиромуни афкору осор ва ҳаёту фаъолияти Форобиву Ибни Сино пешниҳод намудаанд. Чун ин сарчашмаҳо нисбатан ба даврони фаъолияти Форобиву Ибни Сино наздиктаранд, барои шинохти симои воқеӣ ва таълимоти

фалсафии ин мутафаккирон ниҳоят муҳимманд, аммо дар онҳо таҳлили муқоисавию системавии фалсафаи ин ду мутафаккир хеле маҳдуд матраҳ мегардад.

Дар таҳқиқоти Забеҳуллои Сафо, [95] Ҳасан Муҳаммад Ҳарбӣ, [119] Галстон, [141] Осимӣ, [73;74] А. Баҳоваддинов, [30] ва ғайра афкори фалсафии Форобӣ бо андешаҳои донишмандони дигар, ба мисли Берунӣ, Ҳайдегер, Ал-Киндӣ ва Арасту мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Муҳаққиқоне, ба мисли Саид Н.С., Аҳмадов С., Назаров М., [83] Сайфуллоев Н., [93; 94] Моҷид Фахрӣ, [68] Ачам Рафиқ, [25] Худойдодов Ф., [115] Сулаймонов Б., [102; 103] Обид Шукрӣ, [137] Ламмер Ҷеп, [144] Шатти Салуа, [140] Надя Герман [143] масоили гуногуни мантиқиро дар таълимоти Форобиву Ибни Сино таҳлилу баррасӣ намудаанд ва бо афкори ҳакимони Юнони бостон, махсусан Арасту, муқоиса кардаанд, ки дар ин пажуҳиш аз равиши кории онҳо ба таври васеъ истифода намудем. Ин асарҳо асосан ба масоили мантиқи Форобиву Ибни Сино дахл намуда, дар онҳо таҳлили муқоисавии муҳимтарин бахшҳои фалсафаи ин мутафаккирон мушоҳида намешавад.

Дар таҳқиқоти М.М. Шариф, [146] Ҳаммод Р., [142] Ҳанно Ал-Фохурӣ, [118] Ричард Ён, [80] Франс Розентал, [81] Саид Зайд, [92] Р. Абдуллоҳ, [1] М. Хайруллоев [110; 111; 112; 113; 114] ва З.Диноршоева [46; 131] паҳлӯҳои гуногуни таълимоти фалсафии Форобӣ таҳлил шудааст, аммо бо афкори фалсафии бузургтарин намояндаи минбаъдаи машшоия-Ибни Сино, мавриди муқоисаи муназзам қарор нагирифтааст.

Ба масоили фалсафаи амалии Форобиву Ибни Сино низ донишмандони зиёде таваҷҷуҳ намудаанд, ки нисбатан машҳуртарашон Диноршоев М., [39; 40; 41; 42; 43; 44; 45; 46] Содиқов А., [98; 99; 100] Комилов Р.С., [62; 63; 64] Диноршоева З., [46; 131] Саъд Форуқ, [96] Алиризо Садро, [91] Муҳаммад Ал-Баҳронӣ, [26] А.Ҷоҳиз, [122] М.М. Шариф, [146] Ризо Доварӣ [76; 77; 78; 79] ва дигаронанд. Дар таҳқиқоташон ин донишмандон ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи амалии Форобиву Ибни Синоро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, сарчашмаҳо ва

шароити зуҳури онро низ баррасӣ намудаанд, аммо аз муқоисаи системавӣ миёни афкори онҳо сарфи назар намудаанд.

Дар раванди омода намудани диссертатсия мо ба таҳқиқоти донишмандоне, ба мисли А. Баҳовaддинов, [30] М. Диноршоев, [39; 40; 45] В.В. Бартолд, [27; 28; 29] М. Болтаев, [31; 32; 33] Н. Саид, [72; 84; 85; 86; 132; 133] Н.Н. Содиқӣ, [88; 89; 90] Зиёӣ Х., [51] С. Аҳмадов, [22; 23; 24] Ниёзӣ Ё., [70; 71] М. Раҳимов, [75] С. Ҷонбобоев, [48] И.Ғ.Зиёев, [50; 51] С. Султонзода, [136] М.Умедов, [109] Амирхон Ш.Т. [18] ва дигарон низ такя намудем, ки ба масоили матраҳнамудаи мо таваҷҷуҳ намудаанд. Аммо дар ин асарҳо низ таҳлили муқоисавии афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино дида намешавад.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди он ки дар бораи фаъолияти илмии Форобиву Ибни Сино таҳқиқоти зиёде анҷом ёфтаанд, аммо омӯзиши системавие дар масоили заминаҳои ташаккули таълимоти фалсафӣ, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъсири афкори онҳо ба ташаккули фалсафа бо равиши муқоисавӣ то кунун мавзуи таҳқиқи алоҳида ва ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ин масъала, бешубҳа, аҳаммияти илмӣ дорад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Арзишҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии тоҷику форс ва нақши онҳо дар таҳкими худшиносии миллии тоҷикон» анҷом дода шудааст ва ҷузъи таркибии фаъолияти илмию таълимии ин кафедра мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар доираи масъалаҳои меҳварии илми фалсафа ва таърихи афкори фалсафӣ таҳия шуда, инчунин бо самтҳои стратегии дорои аҳаммияти илмидоштаи кишварамон, пеш аз ҳама, бо «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то

соли 2030» робитаи мустақим дорад ва дар эҳёи мероси маънавии гузаштагони миллатамон, таҳкими худшиносии миллӣ ба василаи шинохти афкори илмии аҷдодӣ мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон таҳқиқоти мавриди назар бо «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» алоқамандии бевосита дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили амиқу ҳамаҷониба ва муқоисаи таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар доираи равиши таърихи фалсафа мебошад, ки дар натиҷа бояд андешаҳои фалсафии ин ду мутафаккир дар таносубу тафовут бо ҳамдигар муайян шаванд. Гузориши чунин мақсад ба ҳалли як масъалаи муҳим ва то ҳол пурра таҳқиқнашудаи илмӣ, яъне мушаххас намудани таносубу тафовути таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино равона гардидааст. Дар раванди таҳқиқот ин ҳадаф тавассути ҳалли як қатор масъалаҳои мубрам амалӣ мешавад, ки муҳимтаринашон мушаххас намудани заминаҳои ташаккули таълимоти фалсафии ин мутафаккирон, таҳлили мафҳумҳои меҳварии ҳастишиносиву маърифатшиносии онҳо, баррасии масъалаҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар афкори фалсафии онҳо ва муайян намудани таъсири афкори онҳо ба ташаккули фалсафа мебошад. Дар натиҷаи муқоисаву муқоринаи осору афкори ин мутафаккирон ҷойгоҳи онҳо дар муҳити илмӣ ва таъсири онҳо дар инкишофи илму фалсафа шояд мушаххас карда мешавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Бо назардошти ҳадафи асосии таҳқиқот – таҳлили муқоисавии таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар ташаккули минбаъдаи фалсафа, вазифаҳои зерин ҳамчун масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва мантиқан асосноки таҳқиқот муқаррар карда шудаанд:

- муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ-таърихии густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI;

- омӯзиши амиқи сарчашмаҳои асосии қоявии ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино, амсоли фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния, яҳудия, масеҳия ва ғайра;

- таҳлили муфассали таъсири омили исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино;

- муайян кардани мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино;

- ошкор намудани назари Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи ҳаракат ва шаклҳои он;

- арзёбии масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино;

- ошкор намудани дидгоҳҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба маърифатпазирии олам;

- муайян намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба шаклҳои маърифат;

- асоснок намудани масъалаи нафс дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ва кушодани имконоти маърифатии он;

- таҳлили андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ахлоқ ва камолоти инсон;

- таҳқиқи масоили назариявии давлат ва ҷомеаи фозила дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино;

- арзёбии афкори фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино;

- муайян намудани ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ;

-нишон додани нақши мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино дар инкишофи фалсафаи исломӣ ва ғарбӣ;

- пешниҳоди тавсияҳои илмӣ барои истифода дар таълими фалсафа, таҳияи дастурҳои методӣ ва таҳкими маводи омӯзишии донишгоҳӣ.

Объекти таҳқиқот — мероси фалсафӣ ва низоми таълимоти фалсафии Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дар маҷмуъ мебошад.

Масъалаҳои умумияти назариявӣ ва хусусиятҳои хоси таълимоти фалсафии ин ду мутафаккирро дар масъалаҳои ҳастӣ ва моҳият, сабабият, робитаи ақл ва нафс, назарияи маърифат, мақоми инсон дар низоми ҳастӣ, камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ, инчунин тасаввуроти онҳо дар бораи ҷомеаи некӯ ва давлатдории оқилона фаро мегирад.

Мавзуи таҳқиқот. Умумият ва тафовути ақидаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино оид ба масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъсири афкори ин ду мутафаккир дар ташаккули фалсафа.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2021 дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз шуда, соли 2026 анҷом ёфтааст. Доираи таърихии таҳқиқот масъалаҳои марбут ба афкори фалсафии аҳди қадим, асрҳои миёна ва махсусан таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Синоро фаро мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Аз лиҳози назариявӣ таҳқиқоти мазкур дар асоси осори Форобиву Ибни Сино, сарчашмаҳои юнонӣ, насронӣ, яҳудия, исломӣ ва ғайра таҳия шудааст. Илова ба ин таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба масоили форобишиносӣ ва синошиносӣ бахшида шудаанд, ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Таҳқиқ ба таври хос ба ин раванд таваҷҷуҳ менамояд, ки чӣ гуна мутафаккирони барҷастаи тамаддуни асримиёнагии мо – Форобӣ ва Ибни Сино, бо такя ба мероси фалсафаи гузаштагонамон, ҳикмати Юнони бостон ва дар пайванд бо муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии замони худ низоми мустақили фалсафиро ташаккул доданд. Муаллиф кӯшиш намудаст, ки тавассути муқоисаи консептуалии фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино низоми асосноккунии илмии афкори фалсафии онҳоро ба таври амиқ тавсиф намояд. Яъне, асосҳои назариявии таҳқиқот на танҳо фарогири шарҳи заминаҳои фалсафист, балки бо мушаххас кардани холигии илмӣ дар ин қисмати соҳаи таърихи фалсафа, барои таҳияи модели нави таҳлилӣ дар илми фалсафа хизмат мекунад. Асарҳои фундаменталӣ роҷеъ ба омӯзиши фалсафаи машшоияи шарқӣ, махсусан фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино, ки аз ҷониби муҳаққиқони даврaҳои

гуногун таълиф шудаанд, ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шуданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Маҷмуи усулҳо, равишҳо ва воситаҳои илмие, ки барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда, амалӣ сохтани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот хизмат мекунанд, асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил доданд. Дар таҳқиқоти мазкур методҳои диалектикӣ, таърихӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, усулҳои герменевтикӣ, мантиқӣ, абстраксия ва умумисозии илмӣ, реконструксияи илмӣ, таҳлили интиқодӣ ва аксиологӣ ҳамчун шеваи асосӣ ба кор рафтаанд.

Методи диалектикӣ ҳамчун асоси умумии таҳқиқот барои омӯзиши қонуниятҳои инкишофи афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино истифода мегардад. Ин метод имконият фароҳам овард, ки муносибати байни ҳастӣ ва маърифат, модда ва сурат, ақл ва ваҳй, инчунин робитаи мероси классикӣ ва фалсафаи асримиёнагии шарқӣ муайян карда шавад.

Методи таърихӣ-фалсафӣ барои таҳқиқи заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмии ташаккули ҷаҳонбинии Форобӣ ва Ибни Сино истифода гардид. Бо ин равиш рушди афкори онҳо дар иртибот бо муҳити илмии асрҳои IX–XI ва таъсири фалсафаи классикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Ҳамзамон ҷойгоҳи онҳо дар инкишофи машшоияи шарқӣ муайян гардид.

Методи муқоисавӣ методи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Бо истифода аз он таносубу тафовути таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар масоили заминаҳои ташаккули таълимоти ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъсири афкори онҳо ба ташаккули афкори фалсафӣ ошкор гардид. Ин метод имконият фароҳам овард, ки хусусияти навоварии андешаҳои фалсафии ин мутафаккирон муайян гардад.

Методи таҳлил барои ҷудо намудани унсурҳои алоҳидаи таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино истифода шуда, баъдан тавассути синтез байни онҳо робитаи мантиқӣ барқарор карда шуд. Дар натиҷа, низоми ягонаи муқоисаи андешаҳои Форобиву Ибни Сино таҳқиқ гардида, ҷойгоҳи афкори фалсафии онҳо дар рушди минбаъдаи ҷаҳонбинии илмӣ муайян карда шуд.

Методи герменевтикӣ барои таҳлил ва тафсири матнҳои аслӣ, ки аз сарчашмаҳои аввалия дастрас гардиданд, мавриди истифода қарор гирифт. Ин метод имконият дод, ки мазмун ва мақсади аслии мафҳумҳои фалсафии таҳқиқгардида, бо дарназардошти муҳити таърихӣ ва фарҳангии замони зиндагии мутафаккирон дуруст дарк карда шавад. Ҳамзамон дар ин раванд ихтилофҳои тарҷума ва тафсири осори онҳо бартараф карда шуд.

Методи мантиқӣ барои омӯзиши сохтори дохилии андешаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино, таҳлили далелҳо, исботҳо ва робитаи мантиқии мафҳумҳои асосӣ истифода гардид. Ин метод махсусан ҳангоми таҳқиқи назарияҳои маърифатӣ – ақл, нафс, қиёс, бурҳон ва ғайра мавриди истифода қарор гирифт.

Методи таҷрид (абстраксия) ва умумиятдиҳии илмӣ барои ҷудо намудани хусусиятҳои муҳимтарини таълимоти ҳар ду мутафаккир ва ташаккули хулосаҳои умумии назариявӣ мавриди истифода қарор гирифта, муҳимтарин масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо ҷамъбаст гардид ва аҳаммияти минбаъдаи афкори мутафаккирон барои фалсафаи муосир муайян карда шуд.

Тавассути методи реконструксияи илмӣ сарчашмаҳои таърихӣ аз нав барқарор карда мешавад. Ин равиш дар раванди муайянсозии низоми фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси осори боқимондаи онҳо мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамзамон методи мазкур барои муайян намудани робитаи байни асарҳо ва муайян намудани асолати онҳо хидмат намуд.

Ба воситаи методи таҳлили интиқодӣ ақидаҳо, назарияҳо, мафҳумҳо, далелҳо ва сарчашмаҳои илмӣ омӯхта мешавад ва ҷанбаҳои мусбату манфӣ, бартариҳо, камбудиҳо ва мувофиқативу номувофиқатии онҳо муайян мегардад. Ин метод имконият фароҳам овард, ки дар асоси муқоисаи осори Форобӣ ва Ибни Сино тафовутҳои методологӣ ва баъзе назариёти онҳо, ки бо низоми фалсафии худашон мувофиқат намекунад, муайян карда шаванд.

Методи аксиологӣ барои муайян намудани арзишҳои инсонгароӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва тамаддунсозе, ки дар осори Форобӣ ва Ибни Сино таҷассум ёфтаанд, истифода гардид. Бо ин равиш аҳаммияти амалии таълимоти онҳо барои рушди

ҷомеаи муосир, фарҳанги таҳаммулпазирӣ, худшиносии миллӣ ва муколамаи тамаддунҳо асоснок карда шуд.

Ҳамин тавр, истифодаи ин методҳо имконият фароҳам овард, ки таълимоти Форобиву Ибни Сино ҳамчун ду низоми мукаммали фалсафӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, умумият, хусусиятҳои фарқкунанда, қонуниятҳои рушди онҳо ва аҳаммияти назариявию амалии онҳо барои фалсафаи муосир нишон дода шавад.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот сарчашмаҳо, далелҳои аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ асоснокшуда, маълумот, таҳлил ва натиҷаҳои воқеие мебошанд, ки дар раванди омӯзиши мустақими осор, муқоисаи консепсияҳо ва баррасии мантиқии матнҳо ба таври таҷрибӣ ба даст омада, асоси боэътимоди хулосаҳои илмии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Пойгоҳҳои таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст. Диссертант барои анҷоми таҳқиқот аз имкониятҳои моддӣ-техникии Донишгоҳ ва кафедраи мазкур истифода намудааст. Донишгоҳ дорои инфрасохтори зарурӣ ва имкониятҳои моддӣ-техникӣ барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, толорҳои таълимӣ, китобхонаҳои тахассусӣ, дастрасӣ ба пойгоҳҳои электронии илмӣ ва захираҳои байналмилалӣ мебошад. Аз ҷумла, Донишгоҳ дорои китобхонаи электронӣ ва маъхази адабиёти классикӣ ва муосир оид ба фалсафа, мантиқ ва таърихи фалсафа мебошад, ки барои таҳлили амиқи манбаъҳои аслӣ ва назариявӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Илова бар ин, муҳити илмии кафедра ва иштироки фаъоли омӯзгорон дар раванди таҳқиқ имконият дод, ки диссертант дастрасӣ ба маслиҳатҳои тахассусӣ, муҳокимаҳои илмӣ, истифода аз аёниятҳои дар кафедра буда, аз ҷумла «Таснифоти системавии дониш ва илм», баргузории баҳсҳои методологӣ ва ғайра дошта бошад ва ҳамаи инҳо шароити муҳиммеро ба миён оварда, барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимоди илмӣ мусоидат намуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавии осори Форобӣ ва Ибни Сино

натиҷаҳо ва хулосаҳои тозае ба даст омадааст. Навгониҳои кори диссертатсионӣ бо натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ҳосилшуда муайян ва ба таври зер мушаххас карда шудаанд:

1. Исбот карда шуд, ки раванди густариши афкори фалсафии Моваруннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI дар заминаи мактабҳои фалсафии классикӣ ва ҳамбастагӣ бо густариши тамаддуни исломӣ ташаккул ёфтааст;

2. Асоснок карда шуд, ки таъсири фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния, яҳудия ва масеҳия ба ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино нақши назаррас дорад;

3. Муайян карда шуд, ки афкори исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино таъсири бевосита дорад;

4. Бори аввал ба таври муқоисавӣ мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино аз нигоҳи илмӣ муайян карда шуд;

5. Нишон дода шуд, ки дар фалсафаи машшоияи шарқӣ Форобӣ заминаи назариявии ҳаракат ва шаклҳои онро фароҳам овардааст ва Ибни Сино онро инкишоф дода, ба авҷи камол расонидааст;

6. Равшан карда шуд, ки миёни афкори Форобиву Ибни Сино дар масъалаи ҷавҳар ва араз, бо вуҷуди ҳамоҳангӣ, баъзе нуктаҳои фарқкунанда ҳам вуҷуд доранд. Зеро аз назари Форобӣ ҷавҳар ба таври умумӣ ифодагари ҳақиқати ашёст, вале Ибни Сино ҷавҳари куллро дар зеҳн ва ҷавҳари фардро берун аз он тасаввур мекунад. Ё худ Форобӣ ақлҳоро ҷавҳарҳои муҷаррад меҳисобад ва дар доираи метафизикӣ баррасӣ мекунад, аммо Ибни Сино бошад, онро аз доираи сирф метафизикӣ берун карда аст;

7. Муайян гардид, ки дидгоҳҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба маърифатпазирии олам бо вуҷуди умумиятҳо тафовути бунёдӣ низ дорад. Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду ҳисро сарчашмаи ибтидоии маърифат медонанд, аммо аввалӣ ба тасаввур ва дуюмӣ ба эҳсоси ботинӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳар ду мутафаккир дар масъалаи идроки олам аз ҷониби инсон ба қудрати ақл баҳои мусбат медиҳанд, аммо Муаллими сонӣ ба мантиқу таҷриба бештар такя мекунад,

вале аҳёнан Шайхурраис аз доираи баҳси фалсафӣ берун меравад ва ба илоҳиёту ирфон майл мекунад, махсусан дар мавриди ақли фаъол;

8. Равшан карда шуд, ки таълимоти Форобиву Ибни Сино дар масъалаи нафс гуногунҷабҳа буда, Форобӣ онро чун як қисмати космологӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба он асосан чун василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл муносибат мекунад;

9. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ нишон дода шуд, ки бисёр масъалаҳои фалсафаи амалии Форобӣ ва Ибни Сино, аз ҷумла масъалаҳои инсон, ахлоқ, ҷомеа ва давлат, барои ҳалли мушкилоти фалсафаи муосир, рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва таҳкими муколамаи тамаддунҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

10. Мушаххас карда шуд, ки Фаробӣ аввалин мутафаккирест, ки низоми мукаммали фалсафаи сиёсӣ ва мантиқи Арастуро бо ҷаҳонбинӣ ва ақоиди исломӣ омезиш дода, консепсияи давлатдории афлотуниро азнавсозӣ кард ва заминаи фалсафаи сиёсии шарқиро гузошт. Ибни Сино бошад, бо такя ба он дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ навовариҳои зиёде ворид намуда, дар рушди фалсафаи ҷаҳонӣ нақши созанда бозидааст.

11. Консепсияи ягонаи фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар заминаи арзишҳои давлатдории дунявӣ ва ҳуқуқбунёд асоснок карда шуд, ки минбаъд имконияти татбиқи амалии он дар шароити ҷаҳонишавӣ ва барҳӯрди тамаддунҳо имконпазир аст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки заминаҳо ва омилҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ташаккул ва рушди афкори фалсафӣ дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX–XI муайян ва нақши онҳо дар ташаккули муҳити илмӣ ва фалсафии минтақа . Муайян гардидааст, ки ташаккули давлатҳои нисбатан мустақил, рушди шаҳрҳо ҳамчун марказҳои маъмурӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ, густариши муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва тарҷумаи осори фалсафии тамаддунҳои гуногун барои инкишофи тафаккури назариявӣ

заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Дар ин замина саҳми Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар муназзамсозии донишҳои фалсафӣ, такмили истилоҳоти илмӣ ва ташаккули анъанаи мустақили фалсафии Шарқи асримиёнагӣ муайян карда шудааст.

Бори аввал муайян карда шуд, ки новобаста аз он ки ақидаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино мушобиҳати зиёди шакливу маъноӣ доранд, тафовути ҷавҳарӣ низ дар онҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ дидаву дониста андешаҳои фалсафии худро пардапечона ва бо рамзу роз баён намудааст, то моҳияти онро танҳо аҳли ҳикмат пай бурда тавонанд. Ибни Сино бошад, мекӯшид, ки бо ибороти фаҳмову сода афкорашро баён кунад. Форобӣ дар масоили зиёди фалсафӣ меъёри воқеиятро афкори ҳакимони юнонӣ, махсусан андешаҳои Афлотуну Арасту меҳисобид, Ибни Сино бошад, танҳо ҳамон андешаҳои ҳакимони юнониро мепазируфт, ки исботи мантиқӣ дошта бошанд ва дар тарозуи ақл бигунҷанд. Форобӣ бештари афкори фалсафиашро бо такя ба Афлотуну Арасту баён намудааст, дар ҳоле ки Ибни Сино барои дарёфти ҳақиқат ба ақлу мантиқ такя мекард, на ба андешаи ҳакимон.

2. Муайян карда шуд, Форобӣ ва Ибни Сино аз навоварону назарияпардозон ва муассисони фалсафаи навин дар масоили онтологӣ буда, масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо минбаъд мавзуи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегарданд. Ибни Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф бениёз ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо

мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад. Бори аввал муайян шуд, ки баъзе истилоҳоти ҳастишиносӣ ба маъноҳои гуногун шарҳ дода шудаанд.

Ошкор карда шудааст, ки Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракатро яке аз хусусиятҳои муҳимми мавҷудияти модда донистаанд. Форобӣ мафҳуми ҳаракатро танҳо бо ҷойивазкунии ҷисмҳо маҳдуд накарда, ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва дигаргуншавии ашёву падидаҳоро низ ба доираи он дохил намудааст. Асоснок карда шудааст, ки баррасии ҳаракат ҳамчун шакли умумии тағйирот ва инкишоф дар таълимоти Форобӣ дорои аҳаммияти назариявию методологӣ буда, дар фаҳмиши фалсафии робитаи мутақобилаи ҳаракат, замон ва ҳастӣ нақши муҳим дорад.

Сарчашмаҳои асосии назариявӣ ва ғоявии ташаккули фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино муайян гардида, хусусиятҳои таъсири мероси фалсафии Афлотун, Арасту, навафлотуния ва анъанаҳои динӣ-фалсафии яҳудӣ, масеҳӣ ва исломӣ ба низоми андешаҳои онҳо таҳлили муқоисавӣ шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҳар ду мутафаккир мероси фалсафии пешинаро на ба таври механикӣ қабул кардаанд, балки онро дар заминаи масъалагузориҳои замони худ бознигарӣ намуда, бо ворид кардани тафсир ва хулосаҳои мустақил ба ташаккули низоми фалсафии хеш мусоидат кардаанд. Ҳамзамон, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи муносибати онҳо ба масъалаи ҳамоҳангсозии ақл ва дин, фалсафа ва ваҳй, инчунин истифодаи усулҳои мантиқӣ дар шарҳи масъалаҳои метафизикӣ ошкор карда шудаанд.

3. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи таълимоти ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино дар масъалаҳои вуҷуд, моҳият, ҷавҳар, араз ва робитаи иллату маълул муайян карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки ҳар ду мутафаккир ҳастиро ҳамчун масъалаи бунёдии фалсафа баррасӣ намуда, барои шарҳи сохтор ва низоми мавҷудот аз мафҳумҳои умумии метафизикӣ истифода

кардаанд. Бо вуҷуди ин, дар низоми фалсафии Форобӣ масъалаҳои ҳастӣ бештар дар робита бо тартиби сабабии мавҷудот ва назарияи судур баррасӣ гардида, Ибни Сино бо таҳлили амиқи фарқияти вуҷуд ва моҳият, инчунин ҷудо намудани Воҷиб-ул-вуҷуд аз мумкин-ул-вуҷуд ба ин масъалаҳо мазмуни мукаммалтари назариявӣ бахшидааст. Дар ин замина хусусиятҳои идомаи андешаҳои Форобӣ ва инкишофи эҷодкоронаи онҳо дар таълимоти Ибни Сино муайян карда шудаанд. Дар асоси муқоисаи таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ҳаракат, замон ва макон хусусиятҳои тафсир ва таснифи ин мафҳумҳо, инчунин робитаи мутақобилаи онҳо бо ҷисм, модда ва сабаб муайян карда шудаанд. Муқаррар гардид, ки Форобӣ ҳаракатро ҳамчун асоси тағйироти ҷисмҳо баррасӣ намуда, онро ба чор шакл — маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо мекунад. Ӯ ҳаракати ҷавҳариро эътироф накарда, ҳаракатро дар доираи тағйироти аразии ашё шарҳ медиҳад ва мавҷудияти замону маконро бо ҳаракати ҷисмҳо ва ҷойгоҳи онҳо алоқаманд медонад. Аз ин рӯ, дар таълимоти ӯ замон бе ҳаракат маънои мустақили вуҷудӣ надорад ва макони мутлақан холӣ низ инкор карда мешавад.

Дар таълимоти Ибни Сино масъалаи ҳаракат нисбат ба Форобӣ бо тафсилоти бештар ва аз рӯйи се меъёри таснифӣ таҳлил шудааст: гузариш аз қувва ба феъл, манбаъ ё тарзи пайдоиши ҳаракат ва хусусияти ҷараёни он. Дар доираи таснифи аввал ҳаракати маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ фарқ карда мешавад; таснифи дуюм ҳаракатҳои аразӣ, қасрӣ ва табииро дар бар мегирад; таснифи сеюм бошад, ҳаракатҳои даврӣ ва мустақимро фаро мегирад. Муайян карда шуд, ки Ибни Сино, бо такя ба заминаҳои назариявии фалсафаи Арасту ва Форобӣ, таснифи ҳаракатро муназзамтар намуда, меъёрҳои гуногуни таҳлили онро аз ҳам ҷудо кардааст.

Ҳамзамон, дар масъалаи замон ва макон низ ҳамоҳангӣ ва тафовути назарҳои ин ду мутафаккир ошкор карда шуд. Ҳар ду замонро бо ҳаракат алоқаманд намуда, онро бе ҳаракат қобили тасаввур намедонанд. Форобӣ

замонро ҳамчун падидаи вобаста ба ҳаракати ҷисмҳо шарҳ диҳад, Ибни Сино онро ҳамчун миқдори ҳаракат муайян намуда, робитаи байни замон, ҳаракат ва маконро дар доираи таҳлили фалсафӣ муфассалтар асоснок мекунад. Навгонии таҳқиқот дар муайян намудани он ифода меёбад, ки дар таълимоти Ибни Сино масъалаҳои ҳаракат, замон ва макон на танҳо идомаи андешаҳои Форобӣ, балки натиҷаи такмил ва низоммандсозии эҷодкоронаи онҳо мебошанд.

4. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии таълимоти ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино масъалаи ҷавҳар ва араз, муносибати байни онҳо ва мақоми ҷавҳарҳои аввалия ва сонавия дар низоми фалсафии ҳар ду мутафаккир мушаххас карда шудааст. Муайян гардид, ки ҳар ду файласуф дар шарҳи ин масъалаҳо ба анъанаи метафизикии Арасту такя намуда, ҷавҳарро ҳамчун асоси мустақили ҳастии ашё ва аразро ҳамчун хусусияте, ки бе такя ба ҷавҳар вуҷуд дошта наметавонад, баррасӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, Ибни Сино таълимоти арастуиро танҳо такрор накарда, бо такя ба дастовардҳои мантиқӣ ва метафизикии пешгузаштагони худ, аз ҷумла Форобӣ, масъалаи ҷавҳарро дар робита бо фарқи байни ҳастии воқеии ашё ва тарзи даркшавии онҳо таҳлили амиқтар менамояд. Дар ин замина, ӯ Воҷиб-ул-вуҷудро берун аз доираи тақсимоти ҷавҳар ва араз баррасӣ карда, мустақилияти ҳастии онро аз категорияҳои мавҷудоти мумкин асоснок месозад.

Ҳамзамон дар таҳқиқот умумият ва тафовути мавқеи ин ду мутафаккир нисбат ба ҷавҳарҳои аввалия ва сонавия муайян карда шудааст. Форобӣ бо истифода аз ин мафҳумҳо мақоми ашёи ҷузъӣ ва мафҳумҳои куллиро дар низоми ҳастӣ ва маърифат шарҳ медиҳад. Ибни Сино бошад, ин масъалаҳоро бо фарқгузории дақиқи мавҷудияти ашёи ҷузъӣ дар воқеият ва мавҷудияти мафҳумҳои куллӣ дар зеҳн инкишоф дода, нишон медиҳад, ки куллият ҳамчун хусусияти мафҳум дар зеҳн вуҷуд дорад, дар ҳоле ки дар воқеияти хориҷӣ ашё ба сурати фардӣ ва мушаххас

мавҷуданд. Ҳамин тариқ, навгонии таҳқиқот дар ошкор намудани тафовути равиши ин ду мутафаккир дар шарҳи муносибати ҷавҳарҳои аввалия ва сонавия, инчунин муайян кардани саҳми Ибни Сино дар амиқтар намудани таҳлили ҳастишиносӣ ва мантиқии ин масъала ифода меёбад.

Инчунин, дар натиҷаи муқоисаи таълимоти онҳо мақоми ақлҳо ва нафс ҳамчун ҷавҳарҳои ғайримоддӣ муайян карда шудааст. Форобӣ ақлҳоро дар робита бо низоми кайҳонӣ, нуфуси самовӣ ва назарияи судур баррасӣ намуда, ба онҳо мақоми ҷавҳарҳои муҷаррад медиҳад. Ибни Сино бошад, масъалаи ҷавҳарияти нафси инсонро тавассути далели мавҷуд набудани он «дар мавзуъ» асоснок намуда, мустақилияти ҳастии нафсро аз ҷисм ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафаи худ таҳлил мекунад.

5. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи таълимоти маърифатшиносии Форобӣ ва Ибни Сино, аз ҷумла муносибати онҳо ба маърифати олам, нақши ҳис ва ақл, марҳилаҳои идрок ва аҳаммияти Ақли фаъол муайян карда шудаанд. Муқаррар гардид, ки ҳар ду мутафаккир оламро ҳамчун низоми муназзам ва маърифатпазир баррасӣ намуда, раванди шинохти воқеиятро аз идроки ҳиссӣ оғозёбанда ва тавассути фаъолияти ақл такмилёбанда медонанд. Бо вуҷуди ин, дар низоми фалсафии Форобӣ масъалаи маърифат бештар дар робита бо мантиқ, назарияи ақл ва гузариш аз тасаввуроти ҳиссӣ ба дарки маъқулот таҳлил мешавад. Ӯ ба фаъолияти мутақобилаи ҳис, қувваи хаёл ва ақл аҳаммият дода, ақли фаъолро омили ба феъл табдил ёфтани ақли билқувва ва дарки маъқулот мешуморад.

Ибни Сино бошад, масъалаи маърифатро бо фарогирии ҷанбаҳои мантиқӣ, равонӣ ва физиологии фаъолияти нафс муфассалтар таҳлил намуда, сохтор ва вазифаҳои қувваҳои идрокиро мушаххас мекунад. Дар таълимоти ӯ ҳисҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, аз ҷумла ҳисси муштарак, хаёл, мутахаййила, ваҳм ва ҳофиза, дар ташаккули маърифат нақши муайян

доранд. Ин қуввахо заминаи фаъолияти ақлро фароҳам оварда, барои дарки маъқулот ва ташаккули донишҳои назариявӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, Ибни Сино масъалаи ҳадсро ҳамчун қобилияти махсуси дарёфти ҳадди васат дар қиёси мантиқӣ таҳлил намуда, онро яке аз омилҳои муҳими суръат ва самаранокии фаъолияти ақлӣ мешуморад.

Дар натиҷаи муқоиса муайян карда шуд, ки ҳар ду мутафаккир ҳисро марҳилаи ибтидоии маърифат ва ақлро зинаи олии он эътироф мекунанд, аммо фарқияти асосӣ дар дараҷаи тафсил ва усули таҳлили раванди идрок зоҳир мегардад. Форобӣ бештар ба робитаи мантиқии марҳилаҳои маърифат ва мақоми ақли фаъол дар ташаккули дониш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, Ибни Сино бошад, механизмҳои фаъолияти қуввахои ҳиссӣ ва ботинӣ, муносибати онҳо бо ақл ва нақши ҳадсро ба таври муфассалтар асоснок менамояд. Аз ин рӯ, навгонии таҳқиқот дар ошкор намудани фарқияти равиши маърифатшиносии ин ду мутафаккир ва муайян кардани хусусияти низомманду тафсилёфтаи таҳлили қуввахои идрокӣ дар таълимоти Ибни Сино ифода меёбад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ мавқеи Форобӣ ва Ибни Сино оид ба масъалаи ҳудус ва қидами олам, инчунин робитаи ҳастии олам бо сабаби аввал муайян карда шудааст. Муқаррар гардид, ки ҳар ду мутафаккир пайдоиш ва ҳастии оламро дар доираи низоми сабабият ва назарияи судур шарҳ дода, онро аз мавҷудияти сабаби аввал вобаста медонанд. Дар таълимоти Форобӣ қадимии Худо хусусияти зотӣ дошта, қидмати олам бошад, нисбӣ ва вобаста ба сабаби аввал маънидод мешавад. Яъне, олам ҳамчун натиҷаи судури низомманди мавҷудот аз мабдаи аввал баррасӣ гардида, ҳастии он бе сабаби нахустин имконнопазир аст.

Ибни Сино низ қадим будани замонии оламро бо вобастагии куллии он аз Воҷиб-ул-вуҷуд пайванд медиҳад. Тибқи таълимоти ӯ, олам аз лиҳози замонӣ оғоз надошта бошад ҳам, аз лиҳози зотӣ мумкин-ул-вуҷуд

буда, ҳастии худро танҳо тавассути сабаби аввал ба даст меорад. Ба ибораи дигар, қидмати олам маънои мустақил ва худбасанда будани онро надорад, зеро вуҷуди он ҳамеша ба Воҷиб-ул-вуҷуд вобаста аст.

Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки ҳар ду мутафаккир масъалаи қидами оламро аз доираи тафсири сирф замонӣ берун бароварда, онро дар заминаи робитаи сабаб ва натиҷа, инчунин вобастагии мавҷудоти мумкин аз мабдаи аввал шарҳ додаанд. Бо вуҷуди ин, дар таълимоти Ибни Сино фарқгузории байни мумкин будани олам аз лиҳози зотӣ ва зарурияти ҳастии он тавассути сабаби дигар мақоми махсуси назариявӣ касб мекунад. Навгонии таҳқиқот дар ошкор намудани умумияти асосҳои метафизикии мавқеи ин ду мутафаккир ва муайян кардани фарқияти тарзи асосноккунии вобастагии олам аз сабаби аввал дар таълимоти онҳо ифода меёбад.

6. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муайян карда шудааст, ки таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи нафс дорои ҷанбаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносӣ буда, масъалаи муносибати нафс бо ҷисм, қувваҳои нафсонӣ ва бақои он баъди маргро фаро мегирад. Форобӣ нафсро ҳамчун камоли аввали ҷисми табиӣ баррасӣ намуда, масъалаи қувваҳои нафсонӣ, робитаи онҳо бо ҷисм ва расидан ба саодатро дар доираи низоми умумии кайҳонӣ таҳлил кардааст. Ибни Сино бошад, бо такя ба таҳлили ҷавҳарии нафси инсонӣ, мустақилияти ҳастии он аз ҷисм ва хусусиятҳои маърифатии нафси нотиқа ин масъалаҳоро амиқтар инкишоф додааст. Ҳамин тариқ, умумият ва фарқияти равишҳои онҳо дар шарҳи моҳият, сохтор, вазифаҳои нафс ва имконоти маърифатии он муайян карда шудааст.

7. Муқаррар гардидааст, ки таълимоти ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино дар заминаи пайванди дониш, фазилат, саодат ва камолоти инсон ташаккул ёфта, дорои умумиятҳои ғоявӣ ва фарқиятҳои назариявию методологӣ мебошад. Муайян карда шудааст, ки Форобӣ

саодати ҳақиқиро ҳамчун мақсади ниҳоии фаъолияти инсон баррасӣ намуда, расидан ба онро бо дониш, фазилати ахлоқӣ ва зиндагӣ дар ҷомеаи фозила алоқаманд месозад. Ибни Сино бошад, масъалаҳои ахлоқро дар робита бо некӣ, адолат, камолоти нафс ва танзими рафтори инсон таҳлил намуда, ба заминаҳои ақлӣ ва амалии худтакмилдиҳии шахс таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар ин замина хусусиятҳои фарқкунандаи дидгоҳҳои онҳо оид ба моҳияти фазилат, саодат ва нақши тарбияи ахлоқӣ дар камолоти инсон муайян карда шудаанд.

8. Асоснок карда шудааст, ки таълимоти иҷтимоию сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккул ва рушди фалсафаи сиёсии Шарқи асримиёнагӣ ва анъанаи машшоияи шарқӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ муайян гардидааст, ки Форобӣ консепсияи ҷомеаи фозиларо дар асоси ҳамоҳангии дониш, фазилат, саодат ва роҳбарии оқилона таҳия намуда, масъалаи сохтор ва вазифаҳои давлатро бо мақсади расидан ба камолоти ҷамъиятӣ баррасӣ кардааст. Ибни Сино бошад, бо таъкиди хусусияти иҷтимоии инсон, зарурати ҳамзистии ҷамъиятӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути қонун ва таъмини адолат ҷанбаҳои амалии фалсафаи сиёсиро инкишоф додааст. Ҳамзамон нақши ҳар ду мутафаккир дар рушди мактаби машшоияи шарқӣ, муназзамнамоии донишҳои фалсафӣ ва таъсири мероси онҳо ба таҳаввули минбаъдаи афкори фалсафии Шарқу Ғарб муайян карда шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори аввал умдатарин бахшҳои таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино бо усули муқоисавӣ таҳқиқ шуда, дар сатҳи назариявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада аз ин таҳқиқот чун саҳми назариявӣ дар таҳлилу баррасии мушкилоти масоили фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҳқиқот муҳимтарин хусусиёти фалсафаи ин ду мутафаккир, умумият ва тафовути афкори фалсафии онҳо ва

ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқиву нақши мероси илмии онҳо дар инкишофи фалсафаи минбаъда муайян гардидааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ назаррас буда, натиҷаҳои он метавонанд дар таҳия ва таълими барномаҳои таълимӣ дар самтҳои «Фалсафа», «Мантиқ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм» истифода шаванд. Хулосаҳои таҳлилии пешниҳодшуда метавонанд барои донишҷӯён, муҳаққиқон ва устодони соҳа ҳамчун воситаи методологӣ хизмат кунанд. Илова бар ин, таҳқиқ заминаи зарурӣ барои таҳияи дастурҳои таълимӣ ва илмию методӣ фароҳам оварда, барои баланд бардоштани сатҳи таҳлилгарии илмии муҳаққиқони ҷавон ва таҳқиқи афкори фалсафии Шарқ мусоидат менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо асоснокии заминаҳои назариявию методологӣ, истифодаи маҷмуии сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмӣ, татбиқи усулҳои муосири таҳқиқоти фалсафӣ ва муқоисавӣ, инчунин мутобиқати хулосаҳои бадастомада ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот таъмин гардидааст.

Асоснокии илмии натиҷаҳо тавассути истифодаи усулҳои таърихӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, герменевтикӣ, мантиқӣ, системавӣ ва таърихӣ таъмин шудааст. Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳои диссертатсия ҳамчунин бо он асоснок мегардад, ки ҳангоми таҳлили масъалаҳои баҳсталаб мавқеъҳои гуногуни илмӣ муқоиса ва арзёбӣ гардида, хулосаҳои муаллиф дар асоси далелҳои назариявӣ ва сарчашмаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин аз мутобиқати мантиқии мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот бо натиҷаҳои бадастомада, пайдарҳамии таҳлили масъалаҳо ва робитаи байни муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсия бармеояд. Ҳар як натиҷаи асосӣ аз таҳлили маводи мушаххаси илмӣ бароварда шуда, бо муҳтавои бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот алоқаманд мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада бо муқоисаи онҳо бо дастовардҳои мавҷудаи илмӣ, таҳлили интиқодии адабиёти соҳавӣ ва апробатсияи муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва нашри мақолаҳои илмии

довталаб низ тақвият меёбанд. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмии муаллиф инъикос гардида, мавриди муҳокимаи ҷомеаи илмӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти муътабари илмӣ, интихоби методологияи мувофиқ, истифодаи маҷмуии усулҳои таҳқиқот, таҳлили муқоисавию интиқодии мавқеъҳои илмӣ, пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот ва апробатсияи натиҷаҳои он таъмин гардида, барои асоснок донистани хулосаҳо ва муқаррароти илмии пешниҳодшуда заминаи кофӣ фароҳам меорад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи мазкур, ки ба омӯзиши таҳлили муқоисавии таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино бахшида шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 6.3.2. Таърихи фалсафа пурра мутобиқат дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, масъалаҳои асосии фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар заминаи таҳлили муқоисавӣ мавриди омӯзиши муназзам ва ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, заминаҳои назариявию методологии муқоисаи таълимоти ду мутафаккирро таҳия ва доираи сарчашмаҳои фалсафӣ ва илмии марбут ба мавзуъро интихобу таҳлил намудааст.

Дар диссертатсия довталаб мустақилона хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи андешаҳои Форобӣ ва Ибни Синоро дар бахши ҳастӣ, маърифат, инсон, ақл, нафс, ахлоқ, ҷомеа, давлат, адолат, саодат ва дигар масъалаҳои бунёдии фалсафӣ муайян ва мавриди муқоиса қарор додааст. Дар ин замина робитаи мантиқии масъалаҳои онтологӣ, гносеологӣ, инсоншиносӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дар низоми фалсафии ҳар ду мутафаккир ошкор карда шудааст.

Саҳми мустақими муаллиф ҳамчунин дар муайян намудани асосҳои методологии таҳлили муқоисавии мероси фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино зоҳир

мегардад. Довталаб бо истифода аз методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, низомнокӣ, таҳлил ва синтез кӯшиш намудааст, ки на танҳо умумият ва тафовути ақидаҳои мутафаккиронро нишон диҳад, балки заминаҳои таърихию фалсафӣ ва мантиқии ташаккул ва рушди онҳоро низ муайян намояд.

Муаллиф дар асоси таҳлили осори аслии Форобиву Ибни Сино ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавқеи мустақили илмии худро пиромуни масъалаҳои мавриди омӯзиш асоснок намуда, дараҷаи ташаккули ғояҳо ва ҳамзамон хусусияти мустақили низоми фалсафии Ибни Синоро нисбат ба мероси фалсафии Форобӣ муайян кардааст. Аз ҷумла, нишон дода шудааст, ки муносибати ин ду мутафаккирро танҳо ҳамчун таъсирпазирии яктарафа арзёбӣ намудан кофӣ набуда, он бояд дар заминаи рушди пайдарпай ва эҷодкоронаи анъанаҳои фалсафии машшоия таҳқиқ карда шавад.

Ҳамзамон, саҳми шахсии довталаб дар таҳияи хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия ифода меёбад. Муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои муқоисавӣ ва хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот натиҷаи таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва мавқеи мустақили илмии муаллиф мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, якчанд маротиба муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Баъзе аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқ дар шакли монография, мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои гирд ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар конференсияҳои байналмилалӣ:

- Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили

мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ» – маъруза дар мавзуи «Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абӯнасри Форобӣ». –Душанбе, 2021.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Худшиносӣ ва масоили арзишҳои миллӣ дар таълимоти Ибни Сино». – Душанбе, 03 октябри соли 2023.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Узбеко-Финское образование и проблемы воспитания гармоничного поколения» – маъруза дар мавзуи «Роль философского наследия представителей восточного перипатетизма в формировании личности в современных условиях» – Самарканд, 24-25 майи соли 2024.

- Симпозиуми байналмилалии «Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва аҳаммият барои ҷаҳони муосир» – маъруза дар мавзуи «Нақши Форобӣ дар ташаккули фалсафаи машшоияи шарқӣ». (16-17 октябри соли 2024, ш. Душанбе, Тоҷикистон). –С. 485-497.

- Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ” – маъруза дар мавзуи «Меъёри маърифат дар таълимоти Ибни Сино». – Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025.

- Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ” – маъруза дар мавзуи «Саҳми нобиғаи тоҷик-Пури Сино дар рушди тамаддуни умумибашарӣ». – Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025.

Дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ:

- Семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд» – маъруза дар мавзуи «Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик». –Душанбе, 2021.

– Мизи гирд дар мавзуи «Современные тенденции развития философской

науки в Таджикистане и мире» – маъруза дар мавзуи «Нақши «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ дар ташаккули илми ахлоқ». –Душанбе, 18 ноябри соли 2022.

- Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо» – маъруза дар мавзуи «Мавқеи саодат дар фалсафаи амалии Абунасри Форобӣ». –Душанбе, 2023.

- Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи ««Эҳсо-ул-улум» аввалин доират-ул-маорифи шарқӣ» (–Душанбе, 12-уми марти соли 2024). –С. 79-86.

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ» – маъруза дар мавзуи «Раванди худшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ» (ш. Душанбе, 31.03.2026). –Душанбе, ДМТ, 2026. –С. 92-100.

– Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Истиқлоли давлатӣ ва рушди илму маориф дар Тоҷикистон» бахшида ба 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Эҳёи арзишҳои миллӣ дар даврони Истиқлол». –Душанбе, 19 августи соли 2026.

– Конференсияи илмӣ-назариявии дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ: ташаккул ва танзими ҳуқуқӣ» бахшида ба 35 солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Мероси илмӣ-фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино: нақши Тоҷикистон дар эҳё, таҳқиқ ва муаррифии он». –Душанбе, Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ, 21 августи соли 2026.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаи муҳтавои диссертатсия дар 3 монография, 2 китоби дарсӣ, 1 воситаи таълимӣ, 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақолаи дигар дар дигар нашрияхо (ҷамъ, 40 номгӯй) ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ

буда, аз муқаддима, панҷ боб, чордаҳ параграф, хулоса, тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 449 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

1.1 Омилҳои иҷтимоӣ-таърихии густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI

Мактабҳои фалсафии ориёиҳо ва таълимоти намояндагони онҳо дар рушду нумуи афкори фалсафӣ саҳми ниҳоят бузург гузоштааст. Марҳилаҳои ташаккули тафаккури фалсафии ориёитаборон реша дар аъмоқи таърих дошта, он дар даврони мавҷудияташ бо мактабҳои фалсафии қавмҳои гуногуне омехта, сайқал ёфтааст ва вобаста ба ҳар давру замон ва сиёсати идорӣ ҷилои тоза касб намуда, мазмуну моҳияташ дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии олимону ҳакимони минбаъда инъикос шудааст. Яке аз ин марҳилаҳо ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI дахл дорад, ки дар ташаккули фалсафаи тоҷик нақши равшан гузошта, омилҳои густариши фалсафа дар ин давра зиёд аст, ки ниёз ба таҳқиқи хосса дорад. Дар таълимоти фалсафиашон маъруфтарин донишмандони асримиёнагии тоҷик аз ин таҷриба ба таври густурда истифода намудаанд, ки аз саромадони онҳо Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархон ибни Узлағ маъруф ба Форобӣ (872-950) ва Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (980-1037) маҳсуб мешаванд.

Пас аз истилои Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби арабҳо ин минтақа ду аср бештар бо халои маънавӣ рӯ ба рӯ гашт, ки баъзе аз муҳаққиқон ба он «асри сукут» ном гузоштаанд. Дар ин давра тамоми сохтори иҷтимоӣ фалаҷ гардида буд ва аз вуҷуди осори хаттии мушаххасе, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ин давраро инъикос намояд, то ҳол дарак нест. Ҳамзамон сарчашмаи илмие, ки чун намунаи осори ин давра баромад кунад, дастрас нест. Хатибӣ дар ин маврид қайд мекунад, ки «пас

аз ҳамлаи араб, то ҳангоми ташкили давлатҳои ниммустақил ва мустақили эронӣ, камобеш дар ҳудуди ду қарну ним, аз кайфияти иншои макотиб иттилое дар даст нест». [274, с. 313]

Баъдан, руҳи халлоқу бунёдкори аҷдодии тоҷик ва алоқамандии зиёди онҳо ба илму таълим боис гардид, ки як давраи пешрафту инкишоф аз худ дарак диҳад ва муҳити мусоиди фарҳангие барои таълиму илм ба вуҷуд омада, донишмандону ҳакимонеро парвариш диҳад, ки ҳазорон худиву бегона ифтихори меросбарии эшонро доранд. Ҳатто дар асрҳои IX-X, дар даврае, ки фалсафаи юнонӣ ба Бағдод интиқол меёбад, бевосита худи халифаҳои араб донишмандони форсро ба ин маркази илмӣ таклиф мекарданд. Мувофиқи нишондоди Бартолд В.В.: «Халифаи Бағдод адибону олимонро аз атрофу акнофи ҷаҳон, махсусан сарзамини Форс, ба марказ даъват мекард». [83, с. 41]

Мовароуннаҳру Хуросон чун меросбарони воқеии тамаддуни атиқаи Эрон тавонистанд истеъдодҳои нуҳуфтаи худро барои равнақи тамаддуни минбаъдаи ҷаҳонӣ дар асрҳои миёна нишон диҳанд. Хосу ом ба масоили илмиву маърифатӣ таваҷҷуҳ доштанд, махсусан сиёсатмадорони онҳо бо аҳли илм иртиботи зич барқарор намуда, беҳтарин донишмандонро ба дарбор мехонданд. Ин минтақа дар як муҳлати кӯтоҳ ба маркази илмиву маърифатӣ табдил ёфт. Дарахти маърифате, ки ин ҷомеа дар парваришаш саҳмгузориро қарзи инсонии хеш медонистанд самар дод ва донишмандонашон, ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Мусои Хоразмӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ, Ҳаким Тирмизӣ, Абубакри Наршахӣ ва садҳо мутафаккирони дигар осоре эҷод намуданд, ки манзараи ҷахонро барои аҳли маънӣ дигаргун намуд.

Сабабҳои густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI гуногунанд, ки дар ин миён тавзеҳи омили иҷтимоӣ-таърихӣ барои равшантар кардани матлаби мавриди назар зарур аст. Ин омил танҳо

муҳити зиндагии мардумро муайян намекунад, балки самти инкишофи илм, омилҳои ба он таъсиргузор, тарзи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии намояндагони ин давра ва талаботи иҷтимоиро низ мушаххас менамояд. Дар ин давра шаҳрҳои бузурги ин минтақа, ба мисли Бухоро, Самарқанд, Нишопур ва ғайра ба марказҳои илмӣ, тиҷорӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта буданд. Дар ин шаҳрҳо табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба мубодилаи фикр ниёз доштанд, ки чунин муҳити созгор ба ташаккули тафаккури фалсафии донишмандони онҳо бетаъсир набуд. Муҳимтар аз ҳама, табақаи зиёӣ ва олимон дар ҷомеа обрӯву нуфузи назаррасе пайдо намуда, аз ҷониби сиёсатмадорони бонуфуз ҳимоят мешуданд, ки файласуфон миёни онҳо аз эътибори хос бархӯрдор буданд. Дар натиҷа, фалсафа аз доираи фаъолияти инфиродӣ фаротар рафта, ба касби иҷтимоӣ мубаддал гашт.

Дар заминаи табодули фикр дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ ва дастрасӣ бо осори тарҷумавии донишмандони кишварҳои дигар, амсоли Юнон, Рим, Ҳинд ва ғайра олимони маҳаллӣ бо фалсафаи классикӣ ошноӣ пайдо намуданд. Ҳамзамон ҳарчанд тоҷикон дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI дар миёни аҳолии гуногунзабону гуногунанъана нуфузи бештар доштанд, аммо қавмҳои дигаре, ки ақаллиятро ташкил медоданд, бо онҳо дар масоили гуногуни иҷтимоӣ омезиш ёфтанд. Дар фарҳангшиносии муосир, мувофиқи назарияи диффузияи фарҳангӣ, омезиши фарҳангҳо боиси ба вуҷуд омадани назариёту андешаҳои нав оид ба ҳаёту фаъолият ва роҳҳои инкишофи он мегардад, ки дар ин минтақа ин раванд ба сароҳат мушоҳида мешавад. Зеро дар ин давра мероси фарҳангии эронӣ бо фарҳанги исломӣ омезиш ёфт, баъзе анъанаҳои гузаштагони мо, махсусан, анъанаҳои ахлоқии зардуштӣ бо таълимоти исломӣ мутобиқ гардид, адабиёти нав, ки ифодакунандаи ин омезиш аст, шакл гирифт, осори фалсафаи классикии юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума шуд ва дастраси аҳли назар гардид, осори илмии ҳиндӣ, алалхусус дар соҳаи тиб, риёзӣ, нуҷум ва ғайра тарҷума гардид, бузургтарин шаҳрҳои минтақа ба сифати марказҳои фарҳангӣ

баромад намуда, мавзеи дидорбиниву мубодилаи фикри донишмандон қарор гирифт, ақоиди исломӣ бо унсурҳои фалсафии юнонӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва ғайра омезиш ёфт, ки ҳамаи инҳо заминаи инкишофи фалсафаро дар муҳити Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба хусус ва ҷаҳони ислом дар умум фароҳам овард.

Ҳамчунин илмҳои риёзӣ, табиӣ, нуҷум ва мантиқ низ дар ин давра инкишоф ёфтанд, ки онҳо бо фалсафа тавъам омӯхта мешуданд. Донишмандони ин соҳаҳо кӯшиш менамуданд қонуниятҳои инкишофи иҷтимоиро дарк кунанд ва масоили марбут ба онро бо равиши ақлонӣ шарҳу тавзеҳ диҳанд, ки ҳамаи ин боиси рушди бесобиқаи фалсафа дар ин давра гардид. Дар натиҷа, фалсафа чун натиҷаи ҳамгироии фарҳангҳои юнонӣ, рими эронӣ, ҳиндӣ, шомӣ ва исломӣ ба вуҷуд омад.

Барои равшантар намудани омилҳои густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон масоили марбут ба динро низ таҳлил намудан зарур аст. Зеро аксари донишмандони пешинаи мо маърифати диниро мадюни маърифати илмӣ ҳисобида, донишро аз муҳимтарин имтиёзоту фазилатҳо ва нодониро бадтарин сифати инсонӣ медонистанд. Ба таъкиди академик К. Олимов: «Мутафаккирони гузаштаи халқи тоҷик ҳарчанд ба дин арҷ мегузоштанд, вале донишҳои дунявиро эътироф мекарданд ва бадтарин сифати инсонро нодонӣ ва ҷаҳолат медонистанд». [195, с. 134]

Дини ислом баъди расидан ба ҳудуди Эрони Сосонӣ бо фарҳангу маънавиёти мардуми ин минтақа омезиш ёфта, ба истилоҳ «фарҳангӣ» шуд. Он танҳо ба сифати эътиқод баромад намекард, балки ҳамчун ҷаҳонбинӣ ба масоили фалсафӣ, маърифатӣ, ахлоқӣ, адабӣ ва ғайра таваҷҷуҳ дошт. Мардуми ин давраи Мовароуннаҳру Хуросон аз аламбардорони фарҳангу маънавиёти ҷаҳони ислом ба ҳисоб мерафтанд.

Дар ин давра дар заминаи эътиқоду ҷаҳонбинии динӣ мактабҳои ақидавие ба вуҷуд омаданд, ки тавассути баҳсу мунозираҳо бо усули ақлӣ боиси инкишофи фалсафа шуданд. Масалан, мактаби фалсафии калом ташаккул ёфт. Дар масъалаи фарогирии мавзуотии калом муҳаққиқон

назарияҳои гуногун пешниҳод намудаанд. Мувофиқи нишондоди муҳаққиқон: «Калом илми диниест, ки аз боби усули дин бо овардани далелҳои нақлӣ ва ақлӣ баҳс мекунад». [76, с. 175]

Пайравони он зарурати дифои ақоиди исломиро аз таҳоҷуми аҷнабӣ муҳим меҳисобиданд ва барои исботи андешаашон аз усулҳои мантиқиву фалсафӣ истифода мекарданд, ки дар ин замина масоили гуногуни фалсафӣ ривоҷ ёфт. Намояндагони каломи мутақаддим нисбатан ба масъалаҳои мантиқиву фалсафӣ хӯрдагирии ҷиддӣ надоштанд. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик С. Аҳмадов: «Мутакаллимини он давра бештар аз каҷравӣ ва фирқаандешӣ ҷилавгирӣ мекарданд ва мунозираи ҳақҷӯёна намуда, хаторо аз савоб ошкор месохтанд». [75, с. 204]

Аммо баъдтар аксари намояндагони маъруфи калом, махсусан Ғаззолӣ, ба танқиди орои файласуфон, алалхусус Форобиву Ибни Сино, иқдом намуда, зидди андешаҳои эшон осоре, ба мисли «Мақосид-ул-фалосифа», «Ал-Мустаҳзирӣ фи-р-рад ала-л-ботиния», «Ал-иқтисод фи-л-эътиқод», «Таҳофут-ул-фалосифа», «Эҳёу улум-ид-дин», «Ал-мустасфо», «Илҷом-ул-ағвом ан илм-ил-калом», «Кимиёи саодат» ва ғайра таълиф намуд. Дар ин асарҳояш Ғаззолӣ ҳарчанд кӯшидааст ҳикмати машшоияро танқид кунад ва афкори фалсафиро бо ақоиди исломӣ муқоиса намуда, нодуруст будани далелҳои файласуфонро аз нуқтаи назари дини ислом собит намояд, аммо маҷбур шудааст ба масъалаҳои гуногуни фалсафӣ дахл намуда, аз усулҳои мантиқиву фалсафӣ барои исботи андешаҳояш истифода кунад, ки андешаҳои ӯро пуртазод нишон медиҳад. Масалан, Ғаззолӣ мақоми ақлро дар маърифат маҳдуд меҳисобад, аммо ҳақиқати динро бо воситаи ақл кашф кардан мехоҳад ё афкори фалсафиро зери тозиёнаи танқид мегирад, вале далелҳои фалсафиро дар исботи таълимоти дин бе дудилагӣ истифода мебарад, дар масоили мухталифи ҳастишиносиву маърифатшиносӣ ақоиди фалсафиро намепазирад, лекин дар мавриди маърифати сифатҳои

Худо, моҳияти рисолат, офариниш, маъод ва ғайраҳо ба далелҳои мантиқӣ ва фалсафӣ такя мекунад. [101, с. 208]

Ин андешаҳои Ғаззолӣ нишондиҳандаи он аст, ки ҳадафи аслии ӯ дифои ақоиди исломӣ аз таҳоҷуми фарҳангӣ, бидъатҳо ва аз равияҳои фалсафӣ, махсусан машшоия мебошад. Ӯ назарияи абадияти оламро, ки дар таълимоти машшоия ҷойгоҳи вижа дорад, баркасдона таҳриф намуда, мавриди интиқоди шадид карор додааст. Машшоиён назарияҳои абадияти бисёрҷабҳае, ба мисли абадияти ҳамешагӣ, абадияти даҳрӣ ва ғайраҳоро баррасӣ намудаанд ва ҷанбаҳои гуногуни онҳоро инкишоф додаанд, вале Ғазолӣ фақат як ҷиҳати абадияти оламро пайгирӣ карда, ақоиди машшоиёнро бидъат ва куфр ҳисобидааст. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Мӯсо Диноршоев, шояд ин усули осони асримиёнагии муборизаи идеологӣ ва ба куфру бидъат айбдор кардани намояндагони фалсафа бошад, зеро мушаххасоти ҷиҳатҳои дигари абадияти оламро Фаробӣ ва Ибни Сино дар асарҳои худ ба таври возеҳ нишон додаанд: «Газзолӣ... ақоиди Ибни Синоро дар бораи сармад, даҳр ва замон ба таври кофӣ таҳлил ва дуруст дарк накардааст». [116, с. 464]

Ғаззолӣ дар даврае фаъолият кардааст, ки афкори фалсафӣ хеле инкишоф ёфта, бархе аз ҳакимон қудрату нуфузи динро зери суол мебурданд, аз ин рӯ, ӯ хост дини ислом ва мазҳаби ашъариро аз ин таъсироти ба ақоиди динӣ носозгор ҳимоя намояд. Албатта, ин фаъолияти Ғаззолӣ зарбаи шадиде ба пояҳои ҳикмати машшоияи шарқӣ расонида бошад ҳам, истифодаи усулҳои мантиқиву фалсафӣ ва тафаккури интиқодиро дар руҳияи афроди гуногуни ин давра ва баъд ба вуҷуд оварда. Дар ин замина санҷиши донишҳо ба василаи усулҳои гуногун, аз ҷумла равиши шубҳа, ки онро Ғаззолӣ барои дастрасӣ ба ҳақиқат истифода намудааст, дурустиву нодурустии донишҳоро муайян кардан, мушаххас намудани сарчашмаҳои маърифат, ба мисли донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ ва ғайра дар ташаккули методологияи фалсафӣ ва анъанаи танқидӣ таъсири назаррас гузошт. Махсусан, дар давраи Сомониҳо дар Мовароуннаҳру

Хуросон донишмандони зиёде арзи ҳастӣ намуданд, ки донишҳои дар онҳо ихтилофи назар ҷойдоштаро месанҷиданд ва нодурустро аз дуруст ҷудо мекарданд. Маҳфилҳои зиёди илмӣ бо ибтикори элитаи сиёсиву иқтисодиву фарҳангӣ сурат мегирифт ва барои баҳс намудан ё дар баҳс иштирок кардан монеаҳоро бардошта буданд. Мабоҳиси ақлонӣ барои ҳамагон озоду дастрас буд. Яъне, сиёсати фарҳангпарваронаи давлатҳои хусусияти миллидоштаи ондавраи тоҷик ва дастгириву ҳавасмандкунии аҳли илму адаб аз ҷониби сиёсатмадорон омили аслии ташаккули чунин муҳити зеҳнӣ гардид. Ҳамаи ин дастовардҳо аз ҷиҳате бо дин алоқамандӣ дошта бошанд ҳам, дар он таъсири амиқи арзишҳои тамаддуни атиқа мушоҳида шуда, аз эътиқоду ҷаҳонбинии саҳроии аъроб, ки зимоми асосии идорӣ дар дасти онҳо буд, фарқ дошт ва дар ташаккулу равнақи тамаддуни исломӣ низ саҳми бештар дошт. Ба қавли Ноҷӣ: «дар аҳди Сомониён фарҳангу тамаддуни исломӣ ба авҷи шукуфоӣ расид». [176, с. 14] Аз ин рӯ, ин даврaро метавон бо итминон даврони маърифат номид, ки чун ҳалқаи тамаддунӣ тавонист фарҳангу маънавиёти атиқаро ба илму ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии замонашон пайванд кунад.

Ногуфта намонад, ки Ғаззолӣ назария ва амалияи дину фалсафаро хеле хуб медонист, аммо баръакси Форобӣ ва Ибни Сино кӯшиш намекунад миёни фалсафаю дин ҳамоҳангӣ ва мувофиқат нишон диҳад, балки динро василаи дарёфти ҳақиқат ва фалсафа, хусусан машшоияро як навъ гумроҳӣ меҳисобад. Форобӣ ва Ибни Сино бошанд, зиёд кӯшидаанд миёни дину фалсафа як навъ созиш ба вуҷуд оранд. Масалан, Форобӣ дар асари «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким» мекӯшад на танҳо миёни дину фалсафа фарқият нишон надиҳад, балки байни андешаҳои фалсафии Афлотуну Арасту ҳамоҳангӣ қоил шавад. Аммо ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро Форобӣ дидаву дониста аз тафовути равиши фалсафии Афлотун ва Арасту чашмпӯшӣ менамояд? Ба назари ин ҷониб, ин кӯшиши Форобӣ, аслан, ба хотири оштӣ додани фалсафаи юнониву эътиқоди мавриди назараш

будааст. Зеро дар замони Форобӣ мутакаллимони зиёде ба танқиди фалсафа камар баста, файласуфонро дар қатори мулҳидон қарор медоданд, вале ночор аз равиши идеологии Афлотун ва методи мантиқии арастуӣ кор мегирифтанду ба ин ду ҳакими юнонӣ назари комилан манфӣ надоштанд. Ба осори онҳо низ бо умеди мувофиқ буданашон ба ақоиди исломӣ таваҷҷуҳ менамуданд.

Кӯшиши мувофиқ намудани дину фалсафа ҳанӯз аз даврони ташаккули ҳикмат ба вуҷуд омада, иддае аз файласуфон хостанд «миёни додаҳои ақл ва додаҳои имони худ иртибот ва инсиҷоме ба вуҷуд оваранд». [280, с. 654] Оштӣ додани фалсафаи юнониву дини ислом ҳам аз масоилест, ки пас аз ошноии мусулмонҳо бо тафаккури фалсафӣ ба вуҷуд омада, қабл аз Форобиву Ибни Сино низ ба мушоҳида мерасад. Аммо дину фалсафа чун шаклҳои шуури ҷамъиятӣ усулан аз ҳам фарқ мекунанд, аз ин рӯ, ин кӯшишҳо натиҷаи дилхоҳ надодааст. Дар ин миён суфиҳо низ дар симои файласуфон, сарфи назар аз равиши таълимотиашон, душманони динро медиданд, ки ба раванди ҳамоҳанг сохтани дину фалсафа бетаъсир набуд. Шароити сиёсӣ-фарҳангии ҷомеаи Мовароуннаҳру Хуросони ин даврaро, ки на аҳли калом бо машшоиёну суфиҳо, баръакс суфиҳо бо файласуфон муноқишаҳои лафзиву амалӣ доштанд, академик Кароматулло Олимов таҳлил намуда, сабаби онро низ нишон медиҳад: «Аҳли тасаввуф ба муқобили фалсафаи калом низ бо сарсахтӣ мубориза мекарданд, зеро онро барои маърифати бевоситаи Ҳақ номувофиқ меҳисобиданд». [194, с. 23]

Таҳқиқи андешаҳои Форобиву Ибни Сино бозгӯкунандаи он аст, ки ҳарчанд мутафаккирон кӯшидааст фалсафаву динро ба ҳам оштӣ диҳанд ва ҳадафҳои усулии онҳоро муштарак ҳисобанд, аммо ин амали онҳо ҳаргиз ба маънои ягонагии дину фалсафа нест. Ин кӯшиш ва равиши таҳқиқи мутафаккирон усулан ба фалсафаашон мутааллиқ буда, ба тақозои вазъи таърихии тафаккури замонашон вобаста аст. Яъне, ин кӯшиши Форобиву Ибни Синоро метавон ҷавоби тозае ба масъалаҳои усулии фалсафа ҳисобид ва заминаи устуворе дар шаклгирии фалсафаи исломӣ донист. Ҳамзамон ин

равиши Форобиву Ибни Сино ифодакунандаи он аст, ки онҳо ҳарчанд дар заминаи ҳикмати юнонӣ таълимоташонро рӯйи кор овардаанд, аммо ба он қонеъ набуда, навҷӯӣ доранд.

Ба масъалаи мувофиқ сохтани таълимоти исломиву фалсафаи юнонӣ Форобӣ ба чандин мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда буд. Яке аз ҷанбаҳои мухолифи дини ислом ва фалсафаи юнонӣ, аз қабили офариниши оламу қадим будани он, сифоти Худо ва масоили марбут ба метафизика бошад, дигар, фалсафа мавриди тавҳину таҳқири фақеҳон қарор гирифта буд. Онҳо оммаро зидди тафаккури фалсафӣ таҳрик дода, онро барои дин хатарзо меҳисобиданд. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Ё. Ниёзӣ: «дар ин аср ҳар кӣ ба фалсафа машғул мегардид, ӯро ба зиндиқа гунаҳкор мекарданд». [187, с. 111] Аз ин рӯ, Форобӣ мехост бо оштӣ додани дину фалсафа ҳам аз мавқеия илмҳои фалсафӣ дифоъ кунад, ҳам аз осеби гурӯҳҳои мутаассиб ва фишори фақеҳону ҳокимон худу алоқамандони ҳикматро раҳоӣ бахшад.

Муносибати Форобӣ дар ин масъала бо равиши пайравони муътазила ҳамоҳангии назаррас дорад. Зеро намояндагони он ақлу ваҳйро аз ҷониби Худо дониста, якеро такмилдиҳандаи дигар меҳисобиданд ва иддао доштанд, ки миёни онҳо танокузе вуҷуд надорад. Ҳамчунин муътазилиён ба ин назар буданд, ки агар миёни ақлу ваҳй ихтилофе дида шавад, бояд ба «таъвил» пардохт. Бори нахуст Ал-Киндӣ ба ин кор иқдом намуд, аммо чандон муваффақ нашуд, ки сабабҳои гуногун дорад. Шояд яке аз сабабҳои асосии ба ҳадаф нарасидани Ал-Киндӣ дар номуназзамии илмҳои фалсафӣ ва набудани забони махсусу истилоҳоти фалсафӣ дар олами исломи замонаш бошад, ки ба ҳадди назаррас ин мушкилот аз ҷониби Форобиву Ибни Сино ҳалли худро пайдо карданд ва фалсафаи эшон чун заминаи муҳимми ташаккули ҳикмати исломӣ дониста шудааст.

Ба ин давраи Мовароуннаҳру Хуросон дастовардҳои зиёди илмии намояндагони барҷастаи он шукуҳу шаҳомати хоса мебахшад. Улуми ақлӣ, хоссатан фалсафа, риёзиёт, табииёт, мантиқ, нуҷум, тиб, таърих,

ҷуғрофия, дар баробари улуми шаръӣ, ба мисли қироат, тафсир, ҳадисшиносӣ, фиқҳ ва ғайра ривоҷ ёфт. Олимони сершуморе аз илмҳои ёдшуда намояндагӣ менамуданд ва таълифоти зиёде дар ин соҳаҳо падид омад, ки қисме аз онҳо то имрӯз омада расидааст ва аз он ганҷинаи азими маънавӣ шаҳодат медиҳад. Дар миёни ин олимони сершумор Форобиву Ибни Сино ҷойгоҳи хосеро соҳиб буданд.

Форобиву Ибни Сино дар даврае кору пайкор намудаанд, ки дар таърих чун марҳилаи гулгулшукуфоии тамаддуни асримиёнагии тоҷик ёд мешавад. Махсусан, асрҳои IX-XI дар таърихи илму фарҳанги аҷдодони мо чун даврони тиллоии рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ қайд гардида аст. Ҳарчанд тафаккури теологӣ бо масоили гуногуни озодандешӣ мухолифат менамуд, аммо дар ин давра фалсафаву фарҳанг ба таври бесобиқа инкишоф ёфт ва илмҳои тиб, ситорашиносӣ, мантиқ, риёзӣ, ҳандаса ва ғайра низ ба қадри зарурӣ рушд карданд, ки наметавонад ба ҷаҳонбиниву тафаккури илмии донишмандон бетаъсир бошад. Ин инкишофу пешрафтҳо ва дастовардҳои арзишманд: «решаҳои тамаддун ва фарҳанги моро нерӯманд кардаанд». [291, с. 6]

Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI тавассути фарҳанги оламгири худ чун марказҳои сиёсиву маъмурӣ шуҳрат касб намуда, дар ташаккули илму маънавиёти минтақа ва ҷаҳон таъсири босазо гузоштанд. Дар бузургтарин шаҳрҳои ин давра, ба мисли Бухоро, Самарқанд, Нахшаб, Нишопур, Марв, Тирмиз, Тус, Балх, Ҳирот, Ғазна ва ғайра бо дастгирии баъзе ҳокимони илмдӯсту маърифатпарвар баҳсҳои озоди донишмандон сурат мегирифт, ки барои ташаккули низоми фалсафии намояндагони ҳикмати ин давра мусоидат намуд. Ҳамзамон дар ин давра таъсири давлатдории хонадонҳои бонаҷобати Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии он низ дар ташаккули ҷаҳонбинии олимони ин давра, махсусан Форобиву Ибни Сино, ниҳоят бузург аст. Ҳарчанд «Сомониён...халифаро омили машруъияти худ

медонистанд», [176, с. 29] аммо забони тоҷикӣ дар ин давра ҳамчун забони илму фарҳанг ташаккул ёфта, мақоми идорӣ касб намуд, ки минбаъд дар заминаи он «истилоҳоти форсии ҳиндӣ, форсии Мовароуннаҳр, форсии Эрон, форсии Тӯрон ва ғ. пайдо шуданд». [205, с. 239] Дар даврони ҳокимияти арабҳо, ки мардуми зердасташонро маҷбур ба омӯхтани забони арабӣ мекарданд, ба таъбири Аҳмад Амин: «ҳатто онҳо (ғайриарабҳо. –А.Б.) маҷбур буданд, ки барои ислоҳи забонашон матнҳои грамматикии ин забонро азёд кунанд»[73, с. 143] ё мувофиқи нишондоди Наршахӣ: «ҳар ки дар аҳкоми шариат тақсире кардӣ, уқубат мекард (Қутайба ибни Муслим. –А.Б.)», [183, с. 98] чун забони илму фарҳанг баромад намудани забони тоҷикӣ дар ҳудуди ҷаҳони ислом нодир буд. Мувофиқи нишондоди Фредерик Старр: «Забони расмии бюрократияи сомонӣ арабӣ боқӣ монда буд, аммо забони гуфтугӯӣ дар дарбори Бухоро ва дар аксарияти маъракаҳои фарҳангӣ, ба ҷуз масҷид, забони нави аз форсӣ бавуҷудомада буд». [266, с. 276] Баъзе забони тоҷикиро дар ин даврон дар доираи шеъру каломи бадеъ маҳдуд кардан мехоҳанд, ки нодуруст аст. Ба таъкиди академик К. Олимов: «Забони форсӣ (тоҷикӣ, дарӣ) низ фақат забони шеър набуд, осори илмӣ низ ба он эҷод мешуд, ки аз қудрати он шаҳодат медиҳад». [196, с. 35] Ба ҳар навъ, даврони ҳукмронии сулолаи Сомониёнро замони ташаккули бунёди забони муосири дарии тоҷикӣ шуморида шудааст. Осори илмию адабии адибони ин давра, махсусан Ибни Сино, намунаи беҳтарини забони ноби услубҳои илмию бадеии давраи нави забони тоҷикӣ ҳисоб меравад, ки дар шароити фишори чандинҷиҳатаи арабҳо ба инқилоби фикрӣ монанд аст. Чунин муҳити созгор дар ташаккули тафаккури ақлгароёна, ки муҳимтарин василаи дарёфти ҳақиқат аст ва бо ҳадафи асосии фалсафа мувофиқат мекунад, мусоидат намуд.

Гарчи андешаҳои теологии ҷаҳони ислом, чи тавре пештар ишора кардем, саҳнаи баҳсҳои ошкороро дар масоили бо эътиқоди мусулмонон

номувофиқ маҳдуд менамуд, аммо дар миёни олимону донишмандони Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI баҳсҳои илмии озод аз ҳар гуна қайду бандҳои таассубӣ сурат мегирифт, ки дар ғановати фазои маънавии ин ҳавза мусоидат менамуд. Масалан, донишмандоне ба мисли Беруниву Ибни Сино тавассути номанигорӣ масоили «плюрализми кайҳонӣ» [257, с. 105]-ро баррасӣ намуда, масъалаҳои муҳимми фалсафии замони худро муҳокима менамуданд. Ин мутафаккирон дар асоси таълимоти машшоия масоили гуногунеро чун мавзуи баҳс матраҳ менамуданд ва асосан аз диди арастуӣ ба онҳо ҷавоб меҷустанд. Ҳар кадоме бо далелу бурҳон ҳақ будани худро собит кардан мехост, ки чунин муҳити илмӣ метавонад обишхӯри ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ гардад. Бештар Берунӣ мепурсид ва Ибни Сино ҷавоб медод. Ба ин нукот К. Олимов чунин ишора намудааст: «Аслан суолҳои Берунӣ ба ибни Сино ба дақиқ кардани андешаҳои Арасту вобаста аст. Ибни Сино дар масъалаҳои илмии табиатшиносӣ ба суолҳои Берунӣ аз мавқеи Арасту ҷавоб медиҳад». [196, с. 130]

Терновский дуруст қайд мекунад, ки «давлати Мовароуннаҳр ва қисман Хуросон чун марказҳои бузурги эҷоди китобҳо дар Шарқи қадим ба шумор мерафтанд». [256, с. 16] Яке аз муассиртарин василаҳои бедории фикрӣ муҳити илму китоб аст, ки ба ҷаҳонбиниву маънавиёти ҷомеа таъсири ҷиддӣ мегузорад. Дар қариб саросари Мовароуннаҳр ва Хуросон, махсусан шаҳрҳои бузурги он, китоб дар радифи муқаддасот ҷой дошт. Тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ аз рӯйи китоб, чи китобҳои динӣ, чи панду андарзномаҳо, чи рисолаҳои ахлоқиву сиёсӣ, сурат мегирифт. Сухани китобӣ мавриди эътибори хосу ом қарор мегирифт. Мардум, ба таъкиди академик М. Шакурӣ: «дар одитарин мавриди зиндагӣ ҳам аз рӯйи тавсияи китоб амал мекарданд». [180, с. 76] Дар ин шароит сухани китобӣ имтиёз касб мекунад ва чунин тарзи тафаккур ба каломи мавзун ва сухани ҳикматомезу хулосабарориҳои мантиқӣ ва фалсафӣ мусоидат

мекунад. Яке аз муҳимтарин омилҳои ба каломи манзум майли бештар доштани халқи мо низ маҳз тафаккури китобӣ аст.

Маҳз дар ин давра донишмандони мо дар соҳаҳои гуногуни илм кашфиёти нодире намуданд ва садҳо китоби илмӣ эҷод намуданд. Олимони ин давра осори гаронарзише дар соҳаҳои тиб, манозир (оптика), ҷарри асқол (механика), табақот-ул-арз (геология), маодин (минералогия), география ва ғайра таълиф намуданд, ки дар заминаи он донишпажӯҳони минбаъда таълифоти пурсамартаре эҷод намуданд. Масалан, дар ин давра аввалин асаре, ки бо забони форсии дарӣ ба илми география бахшида шудааст, таҳти унвони «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқи ила-л-мағриб» навишта шуд, ки мутаассифона «муаллифи асар номаълум мебошад». [284, с. 125] Дар соҳаи тиб ва биология Ибни Сино тахмин кард, ки дар обу ҳаво ҳайвонҳои хурди ба чашм ноаён зиндагӣ мекунанд, ки сабаби баъзе бемориҳо мегарданд. Ин фарзияи илмӣ танҳо соли 1892 дар заминаи пажуҳиши зиёди чандинсолаи бемории тамоку аз ҷониби олими рус Дмитрий Иосифович Ивановский кашф гардид. [364] Баъдтар дар соли 1898 биологи ҳолландӣ Мартинус Бейеринк дар зери микроскоп онҳоро мушоҳида карда, дар заминаи таҷрибаҳои Ивановский онро вирус номид ва мушаххас кард, ки вирус имкон дорад дар дохили ҳуҷайраҳо зиёд шавад. [365]

Дигаре аз хусусиятҳои ин давра, ки таъсироти он то миёнаҳои асри гузашта дар шуури иҷтимоии миллати мо равшан эҳсос мешуд, ҳадафи аслӣ қарор додани таҳсили маънавият буд. Яъне, низоми маорифе, ки дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба вуҷуд омад, дониш омӯхтанро ҳадафи мактаби ибтидоӣ намедонист, балки онро қисме аз вазифаи мадраса ҳисобида, асосан ба омода сохтани таҳкурсии маънавияти шахс ва ҷомеа, ки ба тарбияи ахлоқӣ, руҳонӣ ва арзишӣ такя мекунад, мепардохт. Таҳсили маънавият ба ташаккули шахсияти солим мусоидат намуда, омили асосии бетараф набудан нисбати сарнавишти инсон

мегардад ва ба фард кӯмак менамояд, ки арзишҳои умумиинсониро дарк намуда, аз хислатҳои разила, амсоли худхоҳӣ, зӯроварӣ, беандешагӣ, беадолатӣ ва ғайра парҳез намояд. Таъсири ин низом дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино, махсусан дар фалсафаи амалии онҳо, равшан инъикос шудааст. Бесабаб нест, ки ин мутафаккирон решаҳои мушкилоти иҷтимоиро дар маънавият ҷуста, тарбияи ахлоқӣ ва рушди маънавиро василаи дастрасӣ ба саодати умум ҳисобида, камоли ҳақиқии инсонро дар такмили нафс медиданд.

Чунин низоми маънавии мактабу маориф ва муҳити илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI нақши назаррасе дар ташаккули забони тоҷикӣ гузоштааст. Ба алоқамандони таърихи забони тоҷикӣ маълум аст, ки таҳаввулу ташаккули шакли имрӯзаи он ба давраи Тоҳириёни Хуросон (821-873) рост меояд. Роҳбари ин дудмон «Хуросон ва вилоятҳои Осиёи Миёнаро ҳамчун ҳукмрони мустақил идора мекард. Вай соли 822 ҳатто фармон дод, ки дар хутбаи намози ҷумъа номи халифаро ёд накунанд». [87, с. 374] Яъне, Тоҳириён кӯшиши озодихоҳӣ доштанд ва дигар ба хилофати араб мутеъ будан намехостанд. Хонадони Тоҳириён ҳарчанд ба забони арабӣ таваҷҷуҳ доштанд, зеро донистани забони арабиро баъди соли 742 барои маъмурияти Хуросон халифаи Бағдод ҳатмӣ эълон карда буд ва умури идорӣ бо он забон амал мекард, аммо миёни худ бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекарданд. Мувофиқи нишондоди Ал-Ҷаҳшиёрӣ низ: «забони арабӣ чун забони идорӣ баъди соли 124/742 расман (дар Мовароуннаҳру Хуросон. –А.Б.) ҷорӣ мешавад». [288, с. 43]

Тадриҷан, онҳо дар умури идориву фарҳангӣ суннатҳои ориёиро пас аз истилои арабҳо эҳё намуданд, ки ба онҳо дар ин маврид ашрофон, олимон ва шоирону адибони дарбор пайравӣ менамуданд. Маҳз дар ин давра забони форсӣ дар гӯиши хуросониён ва мардуми Нишопур дарӣ унвон гирифт, ки ба маънои забони дарборӣ истифода мешуд. Баъдан он дар даврони Сомониён такмил ёфт ва доираи истифодааш низ густурдатар

гардид. Яъне, Тоҳириён баъди ба қудрат расидани арабҳои истилогар аз пешгомони эҳёи суннатҳо ва фарҳангу забони форсӣ буданд, ки роҳро барои сулолаҳои минбаъдаи тоҷикӣ ҳамвор сохта, муҳити созгори инкишофи илму фалсафаро омода намуданд.

Пас аз ба қудрат расидани хонадони Саффорӣ (873-903) ва суқути дудмони Тоҳириён аз ҷониби Яъқуби Лайс иқдоми пешгирифтаи онҳо дар масоили эҳёи фарҳангу забони тоҷикӣ ба маротиб авҷ гирифт. Роҳбари ин хонадон Яъқуби Лайс забони арабӣ намедонист ва мадҳияҳои бо забони арабӣ иншошудаи шоирони дарбориро, ки дар маҷлисҳои фарҳангӣ хонда мешуданд, намефаҳмид. Аз ин рӯ, борҳо ба шоирҳо эрод гирифта, тарғиби ба забони модарӣ шеърнависӣ мекард. Ҳамзамон Яъқуби Саффорӣ ба озодандешӣ ва эҳёи дину оинҳои падарон низ майл доштааст. Чуноне ки устод Бобоҷон Гафуров ба ин масъала ишора намудааст: «ривояте ҳаст, ки гӯё Яъқуб «Мо ба ҷойи Каъба парастиши офтобро ҷорӣ мекунем» гуфта бошад». [87, с. 379] Ба ҳар навъ, Саффориҳо низ муҳити мусоиди инкишофи фалсафа ва баҳсҳои озодро ба вуҷуд оварда буданд.

Байҳақӣ дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» бародари хурдии Яъқуб Амр ибни Лайсро, ки пас аз вафоти ӯ ҳукумати давлати Саффориёнро идора менамуд ва саҳми назаррасе дар инкишофи илму фалсафа дошт, хеле ситоиш намуда, сабру таҳаммули ӯро намунаи ибрат меҳисобад. [81, с. 526] Амр ибни Лайс низ мисли бародараш барои ташаккули забони тоҷикӣ-форсӣ шароит фароҳам оварда, адибону олимонро дастгирӣ менамуд ва боиси фаъол шудани баъзе китобхонаҳо ва мадрасаҳо гардид. Муҳимтар аз ҳама, ӯ мекӯшид нуфузи хилофати арабро дар қаламраваш маҳдуд намояд, ки боиси ташаккули шуури сиёсӣ ва истиқлолхоҳии мардуми Хуросон гардида, ин омил ба инкишофи фарҳанги замонаш мусоидат намуд.

Баъди ташкили давлати муқтадири Сомониён адабиёти бою рангини илмие бо забони тоҷикӣ аз худ дарак дод, ки дар заминаи

лаҳҷаҳои Хуросону мардуми бумии Осиёи Миёна шакл гирифта аст. Дар ин давра ҳоло забонҳои алоҳида ва лаҳҷаву гӯишҳои зиёди забонҳои эронӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр роиҷ буд, ки дар сарчашмаҳои зиёде аз онҳо ёд мешавад. Масалан, дар асари «Китоб-ус-сайдана»-и Берунӣ иддае аз онҳо қайд гардидааст, ки К. Олимов ба таври зер аз онҳо ёд кардааст: «хоразмӣ, форсӣ, зобулӣ, суғдӣ, дарӣ, форсии дарӣ, тахорӣ, сиҷистонӣ, курдӣ, балхӣ, бустӣ, бухороӣ, самарқандӣ, тирмизӣ, озарбойҷонӣ, вашҷирдӣ, исфиҷобӣ». [196, с. 37-38] Ҳамзамон дар соҳаи дорусозӣ Муваффақи Ҳиравӣ китобе таҳти унвони «Дорушиносӣ» бо забони тоҷикӣ навишт, ки ба таъкиди аллома Бобоҷон Ғафуров: «аз қадимтарин дастхатҳои бо хати арабӣ китобатшудаи тоҷикӣ-форсист, ки то замони мо омада расидааст». [87, с. 424]

Азбаски худи дудмонҳои салтанатии ин давра, ба мисли Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ҳомиву пуштибон ва тарғибкунандаи забони тоҷикӣ буданд, аз миёни забонҳои гуногуни аҷдодие, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон роиҷ буд, забони дарӣ мавқеи устувортар пайдо намуд ва ба талаботи илмӣ низ ҷавобгӯ гардид. Сомониён тавонистанд Мовароуннаҳру Хуросонро, ки пас аз омадани арабҳо аз ҳам ҷудо идора мешуданд, дар атрофи Бухоро муттаҳид созанд. Ин хидмати онҳо худ ифодакунандаи эҳёи миллати ҷафодидаву азияткашидаи тоҷик аст. Дар андак вақт ин минтақаи паҳновар аз ваҳдати сиёсӣ бархӯрдор гардид, ки аз дидгоҳи илми фарҳангшиносии муосир низ муҳимтарин омили инкишофи фарҳанг ҳисобида мешавад. Ноҷӣ воқеъбинона навиштааст: «Бухоро пойтахти пуршукуҳи Сомониён ва муҳимтарин шаҳри Мовароуннаҳр...аст». [177, с. 613] Бухоро, ки баъд аз футуҳоти араб ҷойгоҳи сиёсии худро аз даст дода буд, аз нав қомат рост кард ва ҳазорон равшанфикрони ориёитабор ба он ба чашми умед ва ормони давлатдории аҷдодӣ менигаристанд. Барои он ки Бухоро бо фарҳангу маънавиёти

саршор аз арзишҳои миллӣ ҳамчун шаҳри идеалӣ барои муттаҳид кардану мақоми марказро гирифтан дар таҳти шуури аксари равшанфикрону ватанхоҳони он давра ва минбаъда инъикос шудааст ва ба ибораи академик Акбар Турсун: «ҳамон Бухорое, ки ӯро ба қавли Абубакри Наршахӣ «ҳафтод ҳазор алам бувад, дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор шаҳид бувад»; ҳамон Бухорое, ки зикри номҳои як худи уламою удабояш, ба қавли Абулфазли Марвазӣ, «дафтарҳо бояд»; худи ҳамон Бухорое, ки бо қувваи ақлу бозуи аҷамиён бино шуда буду боре чанд ба асптозии аҳли саҳро табдил ёфта, ҳар дафъа аз нав барқарор шудааст. Аз ҷумла баъди истилои араб, аз бозе ки Бухоро пойтахти нахустин давлати тоҷикон қарор гирифт, вай гӯё дубора эҳё шуд». [257, с. 5]

Қобили зикр аст, ки дар тамоми таснифоти тамаддунӣ, сарфи назар аз муаллифону мураттибони онҳо, тамаддуни ориёӣ ҷойгоҳи хос дорад ва муҳимтарин сарчашмаҳои шинохти он “Авасто” ва “Ведҳо” мебошанд. [173, с. 124] Ҳар шаҳру ноҳияи гузаштагони мо, ки дар ин сарчашмаҳо зикр шудаанд, барои мухаққиқ далели мустаҳкаму раднопазир аз ҳудуди зистбуми аҷдодӣ пешниҳод менамоянд. Ба таъкиди муҳаққиқи тоҷик Муҳтарам Ҳотам: «Аксари номҳои шаҳрҳои дигари атрофи Бухоро Байканд, Варахша, Вардана, Ромитан, Рамуш ва ғайра номҳои авастоӣ ва ведоӣ мебошанд». [181, с. 428] Пас, ин баёнгари он аст, ки Бухоро ва навоҳии он аз даврони қадим то асрҳои миёна ҷойи сукунати тоҷикон будааст.

Дар ин давра ҳаёти иҷтимоӣ рӯ ба беҳбудӣ овард ва илму фарҳанг хеле ривоҷ ёфта, шароити мусоидтари инкишофи фалсафаро ба вуҷуд овард. Маҳз дудмони Сомонӣ эҳёи воқеии фарҳангу маънавиёти тоҷиконро ба вуҷуд овард. Аксари ҳокимони ин хонадон бо мардуми хосу оми кишварашон, дар муқоиса ба ҳукуматҳои пешинаву баъдӣ, муносибати некӯ доштанд, ки заминаҳои пешрафти давлат ва муҳити илмиву адабирро ба вуҷуд оварда, дар таҳкими маънавиёти тоҷикон

саҳми босазо гузоштанд. Бесабаб нест, ки академик Шакурӣ таъкид менамояд: «Дар асри оли Сомон савияи маънавии ҷомеа хеле баланд рафта буд ва шояд давлати Сомониёнро аз бисёр ҷиҳатҳо давлати маънавибунёд метавон номид». [180, с. 103] Ҳамзамон намояндагони ин хонадон, махсусан Исмоили Сомонӣ, ба аҳли илм иродат дошт. Кошифӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» ҳарчанд бо иғроқ бошад ҳам, ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, чунин қайд намудааст: «Овардаанд, ки Исмоили Сомонӣ–подшоҳи Хуросон ва султони басе ба сомон буд. Рӯзе олиме ба муҳимме назди вай омад. Ӯро таъзими бисёр намуд ва чун мерафт ҳафт қадам аз ақиби вай бирафт...». [159, с. 178]

То ин давра маъмул гардида буд, ки осори илмӣ бо забони арабӣ навишта шавад. Амирони Сомонӣ ба олимону донишмандон дастур доданд, то осорашонро бо забони тоҷикӣ низ бинависанд, то хосу ом аз манфиати он баҳраманд гарданд. Чунин тарзи муносибат бо забон боис гардид, ки оҳиста-оҳиста забони тоҷикӣ дар масъалаҳои гуногуни идориву фарҳангӣ ва илмиву адабӣ ҷойгузини забони арабӣ бишавад. Воқеан, чунин сиёсати пешгирифтаи дудмони Сомонӣ сабаби ташаккули забони хаттии тоҷикӣ гардид ва минбаъд таваҷҷуҳ ба забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ чун забони илм дар навоҳии мухталифи Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби ҳокимон кам мушоҳида нашудааст. Масалан, Ибни Сино «Донишнома»-ро дар давраи фаъолияташ дар дарбори Алоуддавлаи Кокавейҳ-ҳокими Исфаҳон, бо дастури ӯ ба забони модариаш форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ навишта буд.

Дар Мовароуннаҳру Хуросон арабҳо хати арабиасосро ҷорӣ карда тавонистанд ва дар дарбор низ забони арабиро ҷойгузини забонҳои маҳаллӣ намуданд. Мувофиқи навиштаи Хатибӣ: «аз оғози ташкили давлатҳои эронӣ, то авоили қарни панҷуми ҳиҷрӣ, девони дарбори салотини эронӣ ба забони арабӣ буд». [274, с. 313] Сабаби асосии хати арабиро ҷорӣ намудани арабҳо дар мухити илмӣ нуфузи забонҳои

маҳаллиро маҳдуд намудан буд. Дар ин масъала низ шубҳае нест, ки яке аз ҳадафҳои сиёсии арабҳо ба куллӣ аз байн бурдани забонҳои маҳаллӣ буд. Идеологҳои онҳо хуб медонистанд, ки муҳимтарин василаи худшиносии ҳар қавму халқият забон аст ва то забони дилхоҳ гурӯҳи иҷтимоӣ зиндааст, наметавон онҳоро ба пуррагӣ мутеъ ва ғулом намуд, аммо ба ин мақсади нопоки худ нарасиданд ва кӯшиши ҷорӣ намудани забонашон дар миёни омма бе муваффақият анҷомид. Зеро забони арабӣ барои мардуми таҳҷойии ин минтақа ба қавли Бобоҷон Ғафуров: «ҳамеша бегона буд». [87, с. 425] Аммо нодида гирифтан низ нашояд, ки таъсири амиқи забони арабӣ дар забонҳои роиҷи имрӯзаи ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон равшан мушоҳида мешавад.

Арабҳо мекӯшиданд забону адабиёти худро дар минтақа ҷорӣ намуда, ба ин васила ҷойгоҳи сиёсиву иҷтимоии худро мустаҳкамтар намоянд. Барои расидан ба ин ҳадаф онҳо аз эътиқоди мардум фаровон истифода мекарданд. Аз ин рӯ, осори мубаллиғони забони арабӣ, ки дар партави Қуръон шакл гирифта, дар миёни аҳли илму адаб тарғиб карда мешуд. Дар ин миён китобҳои «Адаб-ул-котиб»-и Ибни Қутайба, «ал-Комил»-и Мубаррад, «ан-Наводир»-и Абуалӣ Ал-Бағдодӣ ва «ал-Баён ват-абйин»-и Ал-Ҷоҳиз хеле машҳуранд. Масалан, дар китоби «ал-Баён ват-абйин»-и Ал-Ҷоҳиз, ки масоили суханвариро дар маркази мабоҳиси худ қарор дода буд, ин масъала ба таври хосса матраҳ мегардад. Ал-Ҷоҳиз кӯшиш менамуд шарти асосии суханвариро мутобиқ омадани он бо Қуръон нишон диҳад. Ин назари ӯ дар давраи наҳзати тарҷумаи ҷаҳони ислом аз ҷониби қариб тамоми аҳли илму маънӣ пазируфта шуда буд. Онҳо алфозеро меписандиданд, ки дар сурату маънӣ бо Қуръон мувофиқ бошад. Ҳатто муродифотеро, ки дар Қуръон бо он маънӣ истифода нашуда, ғалат ва аз балоғат дур меҳисобиданд. Масалан, Ал-Ҷоҳиз қайд мекунад, ки «дар Қуръон лафзи «матар» (борон) ба кор нарафтааст, магар

дар мавриди интиқом. Аммо хосу ом аз мардум фарқе байни «матар» ва «ғайс» (борон) намениҳанд ва аз алфоз он чи сазорвортар ба интихоб ва истеъмол аст намеҷӯянд». [48, с. 33] Яъне, ҳарчанд дар забони арабӣ «матар» ва «ғайс» калимаҳои муродиф буда, ҳар ду ба маънои борон мебошанд, аммо дар Қуръон «матар» дар мавриди азоб ва «ғайс» ифодакунандаи раҳмат аст. Пас, агар ин тобишҳои маъноии қуръониро аҳли илму адаб дар гӯиши худ ба кор набаранд, ба назари Ал-Ҷоҳиз, калом фасеҳ нахоҳад буд.

Ин меъёрҳоро Форобиву Ибни Сино низ кӯшидаанд риоят кунанд. Ҳатто Шайхурраис асаре бо номи «Лисон-ул-араб» (Забони арабӣ) таълиф намуда буд, ки ин меъёрҳо бо тамоми нозукиҳояшон риоят мегардид ва баъзе нукоти он барои забоншиносони маъруфи ондавраи араб низ дастнорас буд, ки боиси шигифтзадагии онҳо гарида буд. Дар асари «Тафсири Қуръон»-аш низ Ибни Сино ба ин масъала ишораҳое дорад. Масалан, дар тафсири қисме аз ояти 11-уми сураи «Фуссилат», ки матни он: «пас ба осмон ва замин гуфт: хоҳ ё нохоҳ биёед» [161, 41; 11] Ибни Сино мафҳуми ҳаюло муштоқи сурат буданро бо равиши мазкур баён намудааст. [10, с. 694-695]

Муҳити илмиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон боиси ба низом даромадани донишҳои фалсафӣ дар ин минтақа гардид. Форобӣ яке аз аввалин файласуфони шарқист, ки ба андозае тавассути таълифи рисолаҳои фалсафӣ илмҳои фалсафиро муназзам сохт ва чун аз забонҳои мухталифе бархӯрдор буд, кӯшид забони фалсафиро ба таври мушаххас роҳандозӣ намояд ва ба андозае муваффақ ҳам гардид. Қайд кардан ба маврид аст, ки фалсафаи муосири тоҷик ба забони мушаххаси фалсафӣ хеле ниёзманд аст, зеро мо бисёр истилоҳоте дорем, ки барои ифодаи он маҷбурем аз забони бегонае истифода кунем. Чун дар замони Форобӣ дар ҷаҳони ислом фалсафа нав ташаккул меёфт, аз ин рӯ, он ниёз ба забони хос дошт ва Муаллими сонӣ дар сохтани истилоҳоти фалсафӣ ва

мафҳумсозӣ корҳои бунёдие намуда, роҳро ба ояндагон ҳамвор сохтааст. Масалан, нахустин маротиба Форобӣ вожаи «ал-мавҷуд»-ро ҳамчун мафҳум истифода бурдааст, ки ифодакунандаи маънии «будан»-и юнонӣ мебошад. [296, с. 37]

Ибни Сино низ дар ин маврид корҳои мондагоре дорад. Ӯ аз аввалин файласуфони тоҷик аст, ки фалсафаро аз қолаби арабӣ берун овард ва танҳо дар асари «Донишнома»-аш беш аз ҳазор истилоҳоти илмӣ бо забони модариаш сохт. Дар сохтани истилоҳоти фалсафӣ мутафаккир аз усули решаҷӯйӣ истифода намудааст. Масалан, дар заминаи донистан мақулаи «дониш»-ро корбаст менамояд. Ҳамзамон Ибни Сино кӯшиш намуд истилоҳоти маъмуле, ки тавассути забони арабӣ дар гардиш буд, тарҷума карда, шарҳ диҳад ва бо меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқ намояд. Ин фаъолияти мақсадноку огоҳонаи мутафаккир боиси ба форсӣ ташаккул ёфтани забони муназзами фалсафӣ гардид. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи Ибни Сино дар таърихи фалсафаи тоҷик танҳо чун файласуф муайян намегардад, балки ӯ созандаи забони фалсафии тоҷикӣ низ ҳаст.

Агар муҳити иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар ташаккули афкори фалсафии ҳакимони он замон ва миндаъда таъсир гузошта бошад, осору афкори мутафаккироне чун Форобиву Ибни Сино дар ташаккули фалсафаи ин давра нақш доранд. Сарфи назар аз ҳама пархошҳои аҷнабиён зидди тоҷикият ва муҳимму меъёри ҳақиқату илм донистани забони арабӣ аз ҷониби арабгароён, забони дарӣ дар муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон заиф нашуд, балки рушду нуму карду инкишоф ёфт. Дар инкишофи забони тоҷикӣ нақши донишмандону олимони мо аз сиёсатмадоронамон бештар ҳасту кам нест. Дар ин маврид метавон аз насри тоҷикии Ибни Сино ёд намуд, ки мақому манзалати забони тоҷикиро хеле боло бурд. Он боис гардид, ки баъзе услубҳои сирф арабӣ ҷойгоҳи хешро дар насри тоҷикӣ гум кунанд.

Масалан, дар охирҳои асри X Бадеуззамони Ҳамдонӣ дар қиссахонӣ фасли наве бо номи «Мақомот» офарид, ки дар адабиёти араб пайравони зиёде пайдо кард. Зеро он бо хусусиятҳои баҳсҳои арабҳои саҳронишин, ки аз мантиқу низом дур буд, аз бисёр ҷиҳат қаробат дошт. «Мақомот» қисмате аз қисса аст, ки «бо сарфи назар аз такаллуфоти лафзӣ ва маънавӣ, ки дар он ҳадафи аслӣ аст, аз ҷанбаи достоне, ки ҳеҷ гуна арзишу танаввуъе надорад ва мақсуди нависанда аз ибдоъ ва иншои он ин аст, ки битавонад бо фориғболӣ ва вусъати маҷол ҳар чи бештар саноеъи лафзӣ ва бадеӣ, бахусус саҷъро дар он ба кор бурда, дар луғотпардозӣ ва таркибсозӣ ниҳояти ҳунари худро дар фанни насрнависӣ ба шеваи маъмул дар ин давра ироа диҳад». [274, с. 546-547]

Аммо услуби илмии насри тоҷикии Ибни Сино ва пайравони ӯ ин суханбозиҳои беҷову амалан нодаркорро аз доираи истеъмоли васеи аҳли илму адаби Мовароуннаҳру Хуросон ба гӯшае партофт ва ба маънигароиву сухани пурмуҳтаво гуфтан талқин намуд. Ҳамзамон, тадриҷан, забони китобати Ибни Сино дар миёни аҳли илму адаби тоҷикӣ-форсӣ, чи тавре забони Айнӣ барои насли имрӯзи мост, ба сифати меъёр баромад намуд, ки дар забоншиносии минбаъда он бо равиши хосе корбурд мешавад. Масалан, Фасоӣ Мансур дар асари «Анвои насри форсӣ»-аш қайд мекунад: «ба сурате аз забон итлоқ мегардад, ки афроди як кишвари муайян, ки эҳтимолан ба лаҳҷаҳо ва гӯишҳои маҳаллӣ такаллум мекунанд, онро ба унвони беҳтарин ва муассиртарин василаи иртибот дар миёни худ ба кор мебаранд». [202, с. 45]

Дар чунин шароити сиёсиву иҷтимоиву фарҳангӣ донишмандоне ба мисли Форобӣ ва Ибни Сино парвариш ёфтанд. Албатта, нодида гирифтан низ нашояд, ки қисми асосии замони фаъолияти Ибни Сино ба давраи заволи давлати Сомониён ва ба қудрат расидани хонадонҳои туркии Ғазнавиён, Қарахониён ва Салҷуқиён рост меояд, ки ҷангу ҷидол

ва нооромиҳои шадидеро дар минтақа ба вуҷуд оварда, барои ҳаёти иҷтимоӣ паёмадҳои манфии зиёде дошт. Аммо таъсири хонадони бонаҷобати Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён то дер дар осори донишмандони ин давра мушоҳида мешавад. Давлати Сомониён охирин давлати абарқудрати тоҷикӣ буд, ки дар заминаи созиш додани суннатҳои қавмиву маҳаллӣ бо омӯзаҳои динӣ ва ҳифзи арзишҳои аҷдодӣ мардуми ин сарзаминро таҳти назорати ҳукумати ягонаву муқтадир тавонист нигоҳ дорад ва дар пешрафту шукуфоии ҳаёти иҷтимоӣ корҳое анҷом диҳад, ки низоми идорӣ ва ташкилоти девонсолории он сармашқи давлатҳои минбаъда гардид.

Барои густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросон омилҳои гуногуне таъсиргузоранд, ки муҳимтаринашон суботи сиёсӣ, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, ҳадафи аслӣ қарор додани таҳсили маънавиёт, тафаккури китобӣ, ба забон ва арзишҳои миллӣ эҳтиром қоил шудан ва ғайра аст. Маҳз чунин шароити иҷтимоӣ-таърихӣ дар шаклгирии шахсияти илмиву иҷтимоии Форобӣ ва Ибни Сино таъсир гузошта, таълимоти фалсафии онҳоро ҳамчун намунаи олии омезиши ақл, дин, ахлоқ ва фарҳанг ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Дар ташаккули ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии Форобӣ ва Ибни Сино омилҳои зиёде муассир бошанд ҳам, муҳити иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар ин миён ҷойгоҳи вижа дорад.

Форобӣ ва Ибни Сино дар таърихи фалсафаи тоҷик мақоми шоиста касб намуда, барои аз ғафлат бедор намудани инсоният, ба худшиносӣ таваҷҷуҳ намудан, аз ақли салим кор гирифтан ва фарқ намудани тақлид аз таҳқиқ хидматҳои шоистае анҷом доданд. Ҷавҳари таълимот ва ҷаҳонбинии онҳоро инсонгароӣ, нақши ақлу мантиқ дар касби маърифат, ҷомеаи идеалӣ ва озодфикрӣ ташкил мекунад, ки дар муҳити созгори Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI шакл гирифтааст.

Хулоса, таҳлили мавзуи мазкур нишон медиҳад, ки густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба омилҳои гуногуне вобаста аст, ки муҳимтаринашон чунинанд:

-дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI давлатҳои нисбатан мустақил ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа суботи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа таъмин гардида, илму олим аз ҷониби ҳокимият ва ҷомеа мақом пайдо намуданд ва заминаҳои институтсионалии инкишофи фалсафа ба вуҷуд омад;

- шаҳрҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба марказҳои илмӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта, муҳити созгоре барои мубодилаи фикр дар миёни ҷомеа ба вуҷуд оварданд, ки дар натиҷа, фалсафа аз доираи фаъолияти инфиродӣ фаротар рафта, ба касби иҷтимоӣ мубаддал гашт;

-дар заминаи дастрасӣ бо осори тарҷумавии донишмандони юнонӣ, римӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва ғайра олимони ин минтақа бо фалсафаи классикӣ ошноӣ пайдо намуданд, ки омезиши фарҳангҳоро ба вуҷуд оварда, боиси инкишофи фалсафа гардид;

- муҳити илмиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои IX-XI сабаби ба низом даромадани донишҳои фалсафӣ дар ин минтақа гардид, ки дар ин саҳми донишмандон, махсусан Форобӣ ва Ибни Сино зиёд аст, зеро онҳо аз аввалин файласуфони тоҷик буданд, ки илмҳои фалсафиро муназзам сохта, забони фалсафиро ба таври мушаххас роҳандозӣ намуданд. Бо кӯшиши Ибни Сино фалсафа аз қолаби арабӣ берун оварда шуд ва ҳазорҳо истилоҳоти илмӣ бо забони модариаш сохт, ки заминаҳои мустаҳками инкишофи фалсафаро рохандозӣ намуд.

1.2 Сарчашмаҳои асосии ғоявии ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино

Форобӣ ва Ибни Сино аз бузургтарин намояндагони ҳикмати машшоияи шарқӣ маҳсуб мешаванд, ки донишу малака ва ҷаҳонбинии фалсафии онҳо аз

сарчашмаҳои гуногуне ғизои маънавӣ гирифтааст. Бе таҳлили ин сарчашмаҳо, махсусан афкори фалсафии Афлотуну Арасту, ба андешаҳои фалсафии Форобиву Ибни Сино наметавон баҳои воқеӣ дод. Ҳамзамон яке аз манбаъҳои асосии ташаккули афкори фалсафии ҳакимони мавриди назари мо, ба ғайр аз фалсафаи Юнон, арзишҳои мазҳабӣ ва мактабҳои динӣ мебошанд, ки дар ин миён ислом ҷойгоҳи хос дорад, аммо ба таври мустақим набошад ҳам, яҳудия ва масеҳия низ таъсири назаррас доранд. Аз муҳтавои осор ва шеваи баёни ин ду ҳаким бармеояд, ки донишу маҳорати илмии онҳо, ки бар асоси анъанаҳои илмии муътамад ба вуҷуд омадааст, аз фалсафаи тоисломии тоҷик, фалсафаи Ҳинди бостон, макотиби фалсафии Юнони бостон, мактаби Искандария ва ғайра сарчашма мегирад, аммо муҳимтарину таъсиргузортарини онҳо таълимоти Афлотуну Арасту, навафлотуния ва ақоиди динӣ-фалсафии яҳудия, масеҳия ва муҳити илмиву адабии замонашон мебошад, ки зарурат ба таҳқиқи хос дорад. Омилҳои исломӣ низ дар ташаккули ҷаҳонбиниву низоми фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино нақши назаррас доранд. Чун омили исломӣ дар ташаккули афкори фалсафии ин мутафаккирон таъсиргузортар аст, онро дар зерфасли алоҳида таҳлил хоҳем кард.

Қариб дар тамоми осори маҳфузмондаи Форобӣ ва Ибни Сино ин моҳият ба равшанӣ мушоҳида мегардад, ки аксари назарияҳо, усулҳои таҳқиқ, мақулаҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти фалсафие, ки ин донишмандон дар осорашон истифода намудаанд ё бевосита, ё ба восита дар фалсафаи ҳакимони юнонӣ, махсусан ҳикмати афлотуниву арастуӣ, навафлотунӣ, ҳикмати ориёӣ, яҳудия, масеҳия ва ислом то андозае қаблан ҳаллу фасл гардида буданд ва дар атрофи онҳо баҳсҳои гуногуни фалсафӣ сурат гирифта буд. Масалан, дар ташаккули усули аксиоматикӣ, ки дар назариёти мантиқӣ, табиатшиносӣ ва риёзии Форобиву Ибни Сино фаровон истифода шудааст, таъсири асари «Ибтидо»-и Евклид мушоҳида мешавад. Ё мафҳуми «озодӣ»-ро Форобӣ дар «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила» тавре истифода мебарад, ки «юнониён онро аз Эрон ба даст овардаанд» [254, с. 13] ва мафҳумҳои «моҳият»

ва «вуҷуд»-ро Ибни Сино на дар асоси анъанаи ҳикмати юнонӣ, балки аз баҳси мутакаллимон дар мавриди шайъ ва мавҷуд аз ҳам ҷудо намудааст, ҳарчанд «дар ин маврид на тасаввуроти мутакаллимон, балки шарҳи нави Форобӣ мавриди писанди ӯ қарор мегирад». [296, с. 73]

Яке аз сарчашмаҳои асосии ҷаҳонбинии Форобиву Ибни Сино таълимоти юнониён маҳсуб мешавад, ки аз эътиқодоту ҷаҳоншиносии муҳити замони онҳо тафовути ҷиддӣ дошт ва ифодакунандаи аз хориҷ таъсиргузорӣ ба маънавиёташон аст. Аммо дар тафаккури Форобиву Ибни Сино онҳо тавре коркард шуданд, ки гӯё аз ҳам фарқи усулие надошта бошанд. Албатта, табодули андешаҳои илмӣ миёни юнониҳо ва мардуми ориёитабори Шарқ, ки Форобиву Ибни Сино парвардаи фарҳанги дувумианд, таърихи тулонӣ дошта, авҷи онро дар даврони Ҳахоманишиниҳо метавон ба равшанӣ дарёфт намуд. Ҳатто дар дарбори Ҳахоманишиниҳо баъзе донишмандони юнонӣ ҷойгоҳи хос доштанд ва нукоти муҳими таърихи Эронро низ навишта буданд, ки то имрӯз аз сарчашмаҳои муътамад ба ҳисоб мераванд. Пас аз истилои Искандар ин робита тағйири назаррас кард ва забони юнонӣ ҳамчун забони идориву илмӣ дар ҳавзаҳо ва марказҳои сиёсиву фарҳангӣ ва илмӣ мавқеъ пайдо намуд.

Аммо тафаккури юнонӣ ҳарчанд қариб дар тамоми ҳавзаҳои фалсафии минбаъдаи ҷаҳон бетаъсир набуд, вале дар миёни ақвоми шарқӣ нуфузи хосе касб накард, ки ба омилҳои гуногуне вобастагӣ дорад. Ба назари мо, ағлаби ҳукуматҳои юнонӣ пас аз даврони классикӣ ақлро ба маънии хос мадори мадинаи фозила ва динро асоси низоми иҷтимоӣ меҳисобиданд. Дар ин масъала дидгоҳҳои мардуми мо бо юнониён тафовути ҷиддӣ дошт. Ҳарчанд дар масъалаи ақлгароӣ муштарикияти афкори онҳо ба назар мерасад ва имконпазир ҳам буд, аммо ақоиди динии гузаштагони мо дар давраи ташаккули тамаддуни эллинӣ ба тавҳид гароиш дошт, дар ҳоле ки юнониён ҳоло ба бисёрхудоӣ муътақид буданд ва усулан миёни ақидаҳои ин ду қавм тафовути назаррасе вуҷуд дошт. Албатта, ақоиди тавҳидӣ нисбати политеистӣ мукаммалтар ва прогрессивитар аст, на баръакс. Аз ин рӯ, тафаккури юнонӣ

дар миёни мардуми мо қабл аз зуҳури ислом нуфузи хосе пайдо карда натавонист. Инчунин юнониҳо ба хилофи арабҳо, ки баъдтар кишвари моро истило карданд ва мекӯшиданд урфу одатҳо ва ҷаҳонбинии худро ба тобеонашон таҳмил кунанд, исрор намекарданд, ки тафаккури худро ба қавмҳои дигар таълим диҳанд ва пазириши онро ғалабаву тасаллут бар мардуми бумии сарзаминҳои ишғолкардаашон ҳисоб кунанд. Ин нукта ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, ки юнониҳо тафаккури ақлиро хоси худ меҳисобиданд ва аз ин равиш кор гирифтани ақвоми ғайр барояшон қобили қабул набуд. Ин падидаи аз нигоҳи илмӣ номақбул имрӯз ҳам дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон равшан мушоҳида мешавад.

Бо дарназардошти авомили фавқуззикр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки аҷдодони мо пас аз истилои Искандар ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ чанде мутеи юнониён шуданд, аммо аз усули тафаккури худ канда нашудаанд. Албатта, ин ба он маъно нест, ки фалсафаи асримиёнагии мо таҳти таъсири ҳикмати юнонӣ қарор нагирифта бошад, аммо асолати таърихӣ дар он ҷойгоҳи хос дорад.

Осори таърихӣ тасдиқ мекунанд, ки дар охирҳои давлатдории Сосониҳо ва ибтидои интишори ислом дар баъзе шаҳрҳои инкишофёфтатари минтақа, ба мисли Балх, Синд, Марв ва ғайра марказҳои илмие фаъолият мекарданд, ки дар онҳо улуми ҷамъовардаи юнониҳо таълим дода мешуд ва баъзе осори ҳакимони Юнон, пеш аз он ки ба забони арабӣ тарҷума шаванд, ба забони паҳлавӣ баргардонида шуда буданд. Дар яке аз марказҳои куҳани илмии машҳури диёри Форс, ки бо номи «Гунди Шопур» маъруф гардида буд, осори юнонӣ ба сурёниву паҳлавӣ тарҷума шуда, муҳаққиқони ин маркази илмиву фарҳангӣ аз илму маънавиёти юнониҳо фаровон истифода мекарданд. Ҳамчунин фаъолияти маъруфтарин мутарҷимони давраи аввали интишори ислом Абдуллоҳи Муқаффаъ, ки мувофиқи нишондоди сарчашмаҳо «Мақулаҳо», «Бориарминос», «Аналитикаи аввал», «Исоғуҷӣ»-и Фарфуриюс ва чандин асарҳои ҳакимони маъруфи юнониро аз забони паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷима намуда буд, [211, с. 59] ин андешаҳоро тасдиқ мекунад ва ин

фаъолияти ӯ далели воқеияти гуфтаҳои болост, ки эрониён пеш аз арабҳову мусулмонҳо бо маорифи юнонӣ ошноӣ доштанд.

Вақте лашкари арабҳо Искандарияро ғасб намуд, китобхонаи маъруфи ин шаҳр, ки дар назди он таълимгоҳ низ дошт ва аз ҳикмату маънавиёти он намояндагони қавмҳои гуногун баҳраманд мешуданд, то ҳол фаъолият мекард. Ҳатто ривоятҳое низ вуҷуд доранд, ки бо супориши Умар ин махзани маърифат ба коми оташ рафт. Ин ҳодисаҳо низ шоҳиди ҳоланд, ки донишмандони ин минтақа пеш аз наҳзати тарҷума ҳам бо маорифи халқиятҳои гуногуни шарқиву ғарбӣ умуман ва фалсафаи юнонӣ хусусан, ошноӣ доштанд ва ҳакимони мусулмон, алалхусус Форобиву Ибни Сино, аз ин сарчашмаҳо фаровон истифода намудаанд.

Дар миёни файласуфони мусулмон кам касеро метавон ном бурд, ки ба монанди Форобӣ иродату алоқамандии ниҳоят зиёде ба афкори фалсафии ҳакимони Юнони бостон, махсусан Афлотуну Арасту дошта бошад. Ӯ қайд мекунад, ки «Ҳеҷ кас аз аҳли адён ва ниҳлаҳо (мазҳабу ақида. –А.Б.) ва шариатҳо ва соири равишҳо он илме, ки Арасту ва пеш аз ӯ Афлотун ба ҳудуси олам ва исботи сонеи он ва пайдоиши қавл ба ибдоъ доштаанд ва монанди онҳо ин роҳро напаймудааст». [35, с. 95-96] Бешубҳа, фалсафаи Форобӣ таҳти таъсири таълимоти Афлотуну Арасту шакл гирифтааст, аммо ин таъсир мутлақ набуда, дар он унсурҳои қавии ҳикмати ориёӣ, яҳудия, масеҳия ва ислом низ нақши муҳимме гузоштаанд. Ба қавли Анри Корбен, Форобӣ «андешаманди амиқан динӣ ва аҳли ирфон буд». [57, с. 225] Ин баҳсро дар зербобҳои минбаъда ба тафсилтар баён хоҳем намуд.

Ба гумони ғолиб, Форобӣ ҳарчанд тафовут миёни таълимоти Афлотуну Арасту мушоҳида менамуд, аммо бар хилофи он мекӯшид миёни раъйи ин ду ҳаким, ки ба қавли ӯ «бунёдгузорони фалсафаанд» [31, с. 26], мувофиқати комил нишон диҳад. Чунин равишро Ибни Сино дар қисмати мантиқи китоби «Ҳикмати машриқия» танқид мекунад. Ӯ ба ин назар аст, ки олимони саршиноси мо чун шефтаи машшоиён буданд,

мухолифатро ба ҷумҳури уламо раво надиданд ва «аз иштибоҳҳои онҳо чашм пӯшида, барои хатоҳои онон ваҷҳе ва сабабе бофтем, дар сурате, ки аз вуҷуди хатоҳо ва порашавии онҳо огоҳу бохабар будем». [10, с. 60]

Пеш аз Форобӣ низ «гароиш ба ҳамоҳанг сохтан ва вафқ додан миёни ҳакимон ривоҷ ёфта буд», [280, с. 400] аммо талоши ӯ нисбати тамоми файласуфони пеш аз худаш бештар буд ва маҳз барои исботи ин андеша китоби «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн»-ро навишт ва назди худ мақсад гузошт, ки «агар ҳақиқати фалсафӣ воҳид аст, бояд битавон миёни афкори фалосифаи бузург, бавижа Афлотун ва Арасту тавофуқе падид овард». [31, с. 25-76] Дар масъалаи ҳамоҳангии орои Афлотуну Арасту ӯ ассосан ба ҳакимони мутааххири Юнони бостон ва муҳити адабии замонаш такя намудааст. Форобӣ хонандаашро бовар кунонидан мехост, ки агар миёни афкори фалсафии Афлотун ва Арасту таноқузи куллӣ вуҷуд дошта бошад, пас ё фалсафа усулан ботил аст, ё ин ду ҳаким фалсафа намедонанд. Ин дар суратест, ки тамоми алоқамандони соҳа огоҳанд, ки аҳкоми фалсафӣ ҳақиқат дорад ва ин ду ҳаким низ аз фалсафа огоҳанд. [31, с. 27]

Азбаски дар муҳити фарҳангӣ-адабии замони Форобӣ ба таълимоти Афлотун ва Арасту донишмандон таваҷҷуҳи хос доштанд, ба назари Форобӣ, муҳимтарин заминаҳои ташаккули афкори фалсафӣ ба таълимоти ин ду ҳаким бастагӣ дорад. Бо дарназардошти муҳити мазҳабии замонаш ва ба хотири ояндаву бақои ин илм ӯ назди худ мақсад гузошт, ки мабоҳиси мутафовити таълимоти фалсафии Афлотун ва Арастуро тарзе баррасӣ намояд, ки миёни онҳо фарқияти усулӣ эҳсос нашавад. Мувофиқи нишондоди Осифа Осифӣ, Форобӣ ба мисли намояндагони мактаби фалсафии Искандария Афлотун ва Арастуро «мазҳари ақли комил медонист ва наметавонист бо қабули орои мутаноқизи яке аз онҳо орои дигареро ботил шуморад». [199, с. 203]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки Форобӣ дар рисолаи «Фусус-ул-ҳикам» (баъзе муҳаққиқон ин рисоларо мансуб ба Форобӣ медонанд–А.Б.) ба хотири исботи тавҳид аз равиши навафлотуниён истифода мебарад. Дар «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила» [40] дар дарёфти саодат таҳти таъсири таълимоти Афлотун қарор гирифта, бо ҳамон усул ба масоили фалсафие, ба мисли ақлу нафс, афлоку аҷром ва ақсоми мақулот таваҷҷуҳ мекунад. Дар «Китобу-с-сиёсат-ил-маданияти» [44, с. 23-28] мафҳуми «нафс»-ро бо равиши Афлотун ва Арасту баррасӣ менамояд. Зеро ӯ бо такя ба Арасту шарти зуҳури нафсро ҷисм медонад, аммо бо равиши афлотунӣ муътақид аст, ки «нафсро дар бақо ниёзе ба ҷисм нест». [35, с. 182] Аммо ин нукта бебаҳс аст, ки ҳарчанд таълимоти гуногуне дар ташаккули афкори Форобӣ таъсиргузор аст, ки аз равиши фаъолияти ӯ бармеояд, аммо мутафаккир аз кадом ҷиҳате онҳоро бо ақоиди ислом мувофиқ кардан мехоҳад, ки нишондиҳандаи омили исломӣ дар ҷаҳонбинии ӯст.

Метафизикаи Форобӣ, асосан, дар заминаи таълимоти Афлотун, Арасту, навафлотуниён ва таълимоти исломӣ шакл гирифтааст. Дар масъалаи ғояти ҳастӣ Форобӣ ба Қуръон [161, 53;42] такя мекунад ва муътақид аст, ки «Воҷиб-ул-вуҷуд би-з-зот ғоят ва ҳадафи куллӣ мебошад, зеро ҳамаи чиз ба ӯ меанҷомад». [35, с. 177]

Дар мавридҳои зиёде Форобӣ ба Арасту ва Ибни Сино ба Форобӣ такя намудаанд. Масалан, дар фасли дуюми «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино дар таснифи илм мафҳум ва моҳияти илмҳои амаливу назариро ба таври зайл шарҳ меҳиҳад: «Чизҳои мавҷуда чизҳое мебошанд, ки ҳастии онҳо ё ба ихтиёру кирдори мо вобастаанд, ё ба ихтиёру кирдори мо вобаста нестанд. Маърифати умуре, ки ба қисми аввал дахл дорад, фалсафаи назарӣ номида мешавад. Маърифати умуре, ки ба қисми дуюм дахл дорад, фалсафаи амалӣ номида мешавад. Ғояи асосии фалсафаи назарӣ фақат иборат аз такмил додани нафс аст, ки танҳо бидонад. Аммо ғояи аслии фалсафаи амалӣ на фақат такмилёбии

нафс барои донистан аст, балки барои он аст, ки донӣ ва бо он дониш чи бояд кунӣ, то ҳамон кунӣ». [13, с. 87] Айнан ҳамин мазмун дар китоби «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ чунин омадааст: «...бахше, ки дар бораи мавзуоте сухан мегӯяд, ки амали инсон дар эҷоди онҳо дахолате надорад, номаш улуми назарист. Мавҷудоте, ки бо амал ва иродаи инсон эҷод мешавад ва ба ӯ меомӯзонад, ки кори некро чӣ гуна метавон анҷом дод, номи ин бахш улуми амалӣ ё фалсафаи маданист». [33, с. 10]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти илм, ки Ибни Сино анҷом додааст, бе заминаҳои назариявии гузоштаи Форобӣ тасаввурношаванда мебошад. Ибни Сино дар ин масъала қариб аз доираи таснифоти илми дар «Эҳсо-ул-улум» намудаи Форобӣ берун нарафтааст, аммо нодида гирифтан низ нашояд, ки дар инкишоф додани он саҳми назаррас дорад. Яке аз муҳаққиқони фалсафаи Ибни Сино Сагадеев А.В. ин нуктаро ба назар гирифта, чунин қайд менамояд: «аз осори то имрӯз маҳфузмондаи Абуали ибни Сино метавон «Рисолаи ҳудуд»-и ӯро қайд намуд, ки муаллиф дар он анъанаи луғатномаҳои махсуси фалсафии... «Эҳсо-ул-улум»-и Форобиро идома додааст». [285, с. 27]

Қариб дар тамоми рисолаҳои фалсафии Форобӣ таъсири таълимоти Афлотуну Арасту мушоҳида мешавад. Масалан, дар масъалаи нафс, ки дар ибтидои китоби «Фусул-ул-мунтазиъа» дарҷ шуда, Форобӣ қайд мекунад, ки «Ҷону равон монанди тану колбад дурустӣ ва нодурустӣ дорад. Бинобар ин, дурустии ҷон ба он аст, ки чигунагиҳои ҷон дорои он гуна ҳолот ва вижагиҳое бошад, ки ҳамвора хубиҳо ва кирдори зебо аз ӯ падид ояд. Нодурустии ҷон ба он аст, ки нафс дорои он гуна вижагиҳо бошад, ки ҳамвора бадиҳо, палидиҳо ва кирдори ношоиста аз ӯ падид ояд». [41, с. 5] Айни ҳамин маънӣ дар «Метафизика»-и Арасту [64, с. 174-176] мушоҳида мегардад, ки ифодакунандаи аз лиҳози усулӣ такя намудани Форобӣ ба равиши арастуист.

Ё дар масъалаи робитаи сурат бо модда ва ҷисм низ Форобӣ равиши арастуиро пеша мекунад. Форобӣ ба ин назар аст, ки «Сурат иллати суварии

модда нест, балки сурати модда аст, аммо (ҳамин сурат) иллати суварӣ амри мураккаб (яъне ҷисм) аст ва албатта иллати томмаи он нест». [35, с. 174] Форобӣ суратро чунин таъриф дода аст: «Ҳар чи билфеъл бошад, сурат номида мешавад ва ба ҳамин ҷиҳат, суратҳои ҷисмониро сурат меноманд, зеро қивомбахши феълияти аҷсом аст». [35, с. 108] Дар ин масъала низ ҳарчанд Форобӣ таълимоти Арастуро сарчашмаи фаъолияташ қарор додааст ва суратро асоси моҳияту камол меҳисобад, аммо онро бо усули ақлонии хос инкишоф додааст. Масалан, Форобӣ суратро мисли Арасту танҳо шакли ҷисмонӣ намеҳисобад, балки чун воқеияти ақлонӣ баррасӣ мекунад.

Муҳимтарин сарчашмаи ташаккули фалсафаи Форобиву Ибни Сино ҳикмати юнонӣ ба воситаҳои гуногуне дар олам, махсусан ҷаҳони ислом интишор ёфтааст. Форобӣ дар рисолаи «Зуҳури фалсафа»-аш ба таври мухтасар марҳилаҳои интиқоли донишҳои фалсафии Юнони бостонро ба Машриқзамин нишон медиҳад ва равшан таъсирпазириашро аз ҳикмати юнонӣ эътироф мекунад. Ӯ маъруфтарин файласуфони соҳибмактаб ва шогирдони минбаъдаи онҳоро, ки дар интишори улуми фалсафӣ саҳм гузоштаанд, ёд мекунад ва тарзи вуруди ҳикмат аз Юнон ба Искандария ва тавассути яҳудиёну масеҳиён ба ҷаҳони ислом расидани онро мухтасар қайд менамояд, [35, с. 33] ки ин далелҳо ифодакунандаи аз манобеи илмии ақоиди яҳудиёну масеҳиён низ истифода намудан ва баҳра гирифтани мутафаккир аст.

Бояд тазаккур дод, ки рисолаи «Зуҳури фалсафа»-и Форобӣ аз байн рафтааст. Он чи то имрӯз аз ин асари Муаллими сонӣ боқӣ монда, тавассути «Уюн-ул-анбоъ»-и Ибни Абиусайбия ба мо расидааст. Вале «Зуҳури фалсафа»-и Форобӣ аз муҳимтарин асарҳои мутафаккир аст, ки дар он ишороти малеҳе ба сарчашмаҳои ташаккули афкори фалсафии мутафаккир шудааст. Дар ин рисола Форобӣ қайд мекунад, ки «Фалсафа дар замони подшоҳони юнонӣ ва пас аз вафоти Арасту дар Искандария то охири айёми он зан ривоҷ ёфт. Чун ӯ вафот ёфт, таълимоташ то ҳукмронии сенздаҳ подшоҳ ба ҳамон тартиб дар Искандария идома ёфт». [35, с. 33] Аз ин навиштаи Форобӣ

метавон ду нуктаи муҳими назари ӯро нисбати интишори фалсафа натиҷагирӣ намуд. Аввал, дар интишори ҳикмат саҳми роҳбарони сиёсӣ аз ҳакимон кам нест. Чун ӯ дар идома аз саҳми Августин дар интишори илм ва бунёди ҳавзаҳои илмӣ хабар медиҳад ва супориши ӯро ба Теофраст ва ҳакимони таҳти султаи империяи Рим чунин ба қалам медиҳад: «пас, дастур дод, (Августин. – А.Б.) аз китобҳое, ки дар замони Арасту ва шогирдонаш нусхабардорӣ шуда буданд, нусха бардоранд ва ҳамонҳоро талим диҳанд ва аз соири кутуб сарфи назар кунанд». [35, с. 34]

Форобӣ дар рисолаи «Зуҳури фалсафа» ба кадом зане ишораи нозуке намуда, «он зан» гуфтааст, ки баъзеҳо онро киноя ба охирин ҳокими сулолаи Эллинии Миср Клеопатра, бархи дигар ба Гипатия, охирин намояндаи фалсафаи навафлотуния, тафсир намудаанд. [35, с. 33] Ба назари ин ҷониб, ин ишораи Форобӣ ба Гиппатия аст. Ин зан яке аз маъруфтарин файласуфони замонаш буд, ки ҳикматро аз падараш Теони Искандарӣ омӯхта буд. Чун ӯ ба масоили сиёсии Искандария дахл карда буд, бо супориши ҳокими ин шаҳр аз ҷониби руҳониён ба таври ниҳоят ваҳшиёна ба қатл расонида шуд. То ин воқеа ҳакимони Искандария, расмӣ набошад ҳам, мақоми дахлнопазирӣ доштанд. Пас аз вафоти Гиппатия ва таҳдиду фишорҳои пайдарҳам ба файласуфон ҷамъияти ҳакимони ин шаҳр фурӯ пошид. Ба гумони ғолиб, Форобӣ бо ифодаи ибораи «он зан», ки дар боло қайд кардем, ба ин воқеа ишора намудааст.

Баъзе мутафаккирони минбаъда, ки ба таърихи пайдоиши фалсафа таваҷҷуҳ намудаанд, қайд мекунанд, ки «Фалсафа аз Парменид ва Гераклит оғоз мешавад», [275, с. 243] аммо Форобӣ дар «Зуҳури фалсафа» фалсафаро илми бартар хонда, ба ин назар аст, ки он аввал дар байни калдониёни Ироқ ба вуҷуд омада, баъдан ба Миср, пас ба Юнон интиқол ёфтааст ва аз он ҷо сурёниёну арабҳо бо он ошноӣ пайдо намудаанд. Юнониён онро ҳикмат (фалсафа) номиданд. Дар забони онҳо фалсафа муҳаббат ба ҳикмат ва файласуф дӯстдори ҳикмат ва таҳти таъсири он қарор гирифта аст. [37, с. 86] Аз ин маълум мешавад, ки мутафаккирони мо ҳатто марҳилаҳои инкишофи

фалсафаро пайгирӣ намуда, масири маъруфтарину муқтадиртарин мактабҳои фалсафиро ҷустуҷӯ доранд, то асолати ин илм устувор боқӣ монад.

Ҳарчанд Форобиву Ибни Сино дар осори худ аз зардуштия ёд намекунанд ва таҳти таъсири ин таълимот қарор гирифтанашонро низ эътироф надоранд, аммо бо итминон метавон қайд намуд, ки таъсирпазирии бавоситаи онҳо мушаххас аст. Зеро дар осорашон ё бевосита, ё бавосита ба ин масъала ишораҳое доранд. Масалан, Ибни Сино дар китоби «Ҳикмати машриқия» сарчашмаи ягонаи омӯзиши афкори фалсафии ӯ набудани ҳикмати Юнони бостон ва пайравонашонро равшан таъкид намудааст: «...дур нест, ки илмҳо аз ғайри ҷиҳати юнониён низ ба мо расидаанд». [10, с. 60] Дар ин маврид муҳаққиқони зиёде таҳқиқ намуда, таъсири назаррас доштани зардуштияро дар муҳити фарҳангии ин давра таъкид намудаанд. [300, с. 138-157]

Барои исботи ин фикр метавонем чунин далел орем, ки яке аз муҳимтарин қисматҳои «Авесто», ки дар он масоили сиёсӣ, махсусан ҳукумат ва мадинаи фозила, баррасӣ мешавад, «Готҳо» аст. Мутаассифона, илми таърихи фалсафаи тоҷик то ҳол ба уфуқҳои кашфношудаи ин қисмати китоби муқаддаси кеши зардуштия дастрасӣ надорад ва он ба пажуҳиши вижа ниёзманд аст. Назарияи мадинаи фозила бори нахуст маҳз дар ин асар инъикос гардидааст ва Афлотун бо он ошноии амиқ доштаасту ҳакимони асримиёнагии мо дар ин масъала ба ин файласуфи юнонӣ бо эътимоди фаровон такя намудаанд. Яке аз муҳаққиқони эронӣ Ҳошим Ризо ин масъаларо баррасӣ намуда, якчанд омилҳои таъсирпазирии Афлотун аз зардуштияро мушаххас нишон медиҳад ва қайд менамояд, ки «яке аз ин масоил мадинаи фозила ва ҳокими ҳаким ё кишвари ормонӣ ё фармонравои одил аст». [213, с. 75] Ин муҳаққиқ қайд мекунад, ки Афлотун дар китоби «Ҷумҳурият»-аш ифтихор аз он менамояд, ки таълимоти Зардуштро омӯхтааст ва бо далелҳои фаровон исбот менамояд, ки ин ҳакими фарзона «мадинаи фозила»-ро ҳамчун мақулаи илми сиёсӣ дар асоси таълимоти зардуштия матраҳ намудааст. Ҳошим Ризо таъкид мекунад, ки «дар мавриди мадинаи фозила Зардушт пешгом аст дар

ҷаҳон. Яке аз масоили муҳиммеро, ки Зардушт дар ҳикмати хусравонӣ... матраҳ кард ва истилоҳоти онро вазъ намуд ва тарҷумаи дақиқи онҳо баъдҳо дар осори Афлотун, навафлотуниён, ҳукамои фалсафа ва арбоби адёни баъдӣ низ инъикос дошта, ҳамин фалсафаи сиёсии Зардушт аст». [213, с. 75] Яъне, зардуштия бавосита бошад ҳам, чун сарчашмаи таълимоти мутафаккирони мо баромад мекунад.

Ногуфта намонад, ки сарчашмаҳои ёдшуда баъзан ба воситаи фалсафаи юнонӣ, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои таълимоти Форобиву Ибни Сино мебошанд, ба ҷаҳонбинии ин мутафаккирон таъсир гузоштааст. Форобӣ дар рисолаҳои фалсафиаш, махсусан, дар «Фалсафату Афлотун ва аҷзоиҳо ва аҷзои аҷзоиҳо (Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он)», «Фалсафаи Аристотолис», «Иҳсо-ул-улум» ва ғайра таълимоти Афлотуну Арастуро чун манбаи муҳимми илмӣ эътироф мекунад ва дар шинохти ин мутафаккирон ва дастрасӣ ба умқи назариёти эшон хидматҳои шоёне низ намуда аст. Ба назаре баъзе муаррихони фалсафаи исломӣ, китобҳои мазкур «ҷомеътарин муқаддимаи умумӣ барои шинохти фалсафаи Арасту ва фалсафаи Афлотун дар забони арабӣ аст». [35, с. 5] Масалан, дар китоби «Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он» Форобӣ маҷмуи донишҳои фалсафии Афлотунро бо такя ба муҳовараҳо ва номаҳои ин мутафаккир, ки ба онҳо шарҳ ҳам навиштааст, нишон медиҳад. Ҳамзамон дараҷаи иттилои мусулмонон аз осори Афлотунро низ баррасӣ менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Форобӣ дар назди ҳеҷ файласуфи юнониe таълим нагирифтааст, аммо бо андешаҳои фалсафии онҳо шарик шудааст. Ӯ худро ҳамчун файласуф меросбари файласуфони гузашта меҳисобид ва саромадони онҳоро Афлотуну Арасту медонист ва дар ин росто роҳҳоеро кашф кард, ки ба василаи онҳо фалсафаи заифро метавон дубора эҳё кард. Зеро андешаҳои Форобӣ дар нисбати фалсафаву дин он қадар барои ҷомеаи замонаш муассир буд, ки шиоре ба вуҷуд омад, ки «вақте фалсафаи юнониву шариати арабӣ муназзам мешаванд, ҳосилаш камол аст». [210, с. 132]

Ба алоқамандон маълум аст, ки осори фалсафии Афлотун аз низоми мушаххасе бархӯрдор нест. Яке аз вижагиҳои таҳқиқи Форобӣ дар «Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он» ин аст, ки мехоҳад як навъ тартиби мантиқӣ дар он ба вуҷуд биёрад. Масалан, дар китоби мазкур Форобӣ ба хотири таъмини низоми муайян аввалан назари Афлотун ба камоли инсонро баррасӣ менамояд. Баъдан, ба ин матлаб мерасад, ки оё камоли инсон ба хубии зоҳири ӯ, ҷоҳу ҷалол ва дараҷаи иҷтимоияш вобаста аст ва барои расидан ба хушбахтӣ, ки ниҳояти камол маҳсуб мешавад, оё ин маворид кофӣ аст? Аз таҳлили Форобӣ бармеояд, ки ин умур барои Афлотун саодат маҳсуб намешавад, балки гумони мардум чунин аст. Ӯ василае барои расидан ба саодати воқеиро ҷустуҷӯ мекунад ва онро «навъе илм ва шевае (аз) амал» [35, с. 38] меҳисобад.

Муҳтавои асарҳои «Фалсафаи Афлотун» ва «Фалсафаи Арасту»-и Форобӣ нишондиҳандаи он аст, ки ӯ бе шарҳу баёни навафлотуниён низ аз таълимоти ин мутафаккирон огоҳӣ доштааст. Аммо Форобӣ дар ин асарҳо аз баъзе назарияҳои маъруфи арастуӣ, ба мисли «назарияи судур» ва китобҳои машҳури ӯ, амсоли «Этикаи Никомах» ёд намекунад, ки муҳаққиқро ба андешаҳои зиддиятнок водор мекунад. Чунин равиши Форобӣ бо услуби таълифи «Эҳсо-ул-улум» мувофиқ нест. Зеро дар «Эҳсо-ул-улум» Форобӣ масоили мавриди назарро аз куҷо истинбот мекунад ё ба таври муфассал кӣ дар кадом асараш баррааасӣ намудаасту аз куҷо иттилооти бештар ҳосил намудан мумкин аст, нишон медиҳад. Вале як чиз мусаллам аст, ки Форобӣ идомадиҳандаи фалсафаи Афлотуну Арасту бошад ҳам, мисли шореҳон ва муқаллидон нест, балки муҳаққиқест, ки бо ибтикороту навгониҳои зиёде дар ғановати донишҳои мантиқиву фалсафӣ саҳми назаррас гузоштааст. Чунин қудрати зеҳнии Форобӣ, бебаҳс, ба мутолиоти ҷиддиву амиқ ва бисёрпаҳлӯи ӯ вобаста аст. Дар ҳар сурат, «Фалсафаи Афлотун» ва «Фалсафаи Арасту»-и Форобӣ нишондиҳандаи он аст, ки осори ин ду файласуфи Юнони атиқа чун сарчашмаи илҳоми донишҳои фалсафии ӯст. Махсусан, фалсафаи мадании

Форобӣ дар пайравии Афлотун ироа мегардад ва аз тарзи баёни Арасту дар ин боб фарқ дорад.

Форобӣ дар заминаи «Ҷумҳур»-и Афлотун асари «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила»-ашро таълиф намуда, дар он консепсияи роҳбари идеалиро пешниҳод менамояд, ки он бояд донотарин шахс ва файласуф бошад. Ӯ аз аввалин ҳакимони олами ислом шарқист, ки илми сиёсиро ба таври системавӣ коркард намудааст. Бо такя ба сарчашмаҳо метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ аз муосирони тарҷумонҳои маъруфи наҳзати тарҷума Ҳунайн ибни Исҳоқ, Абубашар Матто ибни Юнус ва дигарон ба ҳисоб меравад ва бо осори тарҷумавии онҳо низ камобеш шинос буд. Масалан, Форобӣ худ тасдиқ мекунад, ки асарҳои маъруфи Афлотун «Навомис» ва «Ҷумҳур»-ро, ки тарҷумаи онҳоро ба Ҳунайн ибни Исҳоқ нисбат медиҳанд, омӯхтааст. Аммо андешаҳои сиёсии Форобӣ, ҳарчанд бе таъсири афкори ҳакимони юнонӣ нест, вале навгониҳое дорад, ки ҳам дар фалсафаи сиёсии пеш аз ӯ, ҳам дар фалсафаи Юнон, ҳам дар таълимоти ҳакимони мусулмони пеш аз ӯ, ба мисли Киндӣ мушоҳида намешавад. Зеро мутафаккир дар заминаи таълимоти сиёсии Афлотуну Арасту ҳарчанд дар ин масъала ибрози андеша мекунад, аммо маводи дастрасро бо таълимоти навафлотуния ва таълимоти исломӣ ба таври истидлоливу бурҳонӣ мувофиқ менамояд. Аз ин рӯ, ӯ бунёдгузори фалсафаи сиёсии исломӣ ба ҳисоб меравад ва таълимоти сиёсии ҳакимоне, ба мисли Ибни Сино таҳти таъсири ӯ ташаккул ёфтааст. Ба ин масъала дар бахши масъалаҳои сиёсӣ муфассалтар расидагӣ хоҳем кард.

Аммо Форобӣ, чи тавре пештар ишора кардем, комилан ба ақоиди Афлотуну Арасту пойбанд нест. Ӯ дар масъалаҳои таносух, бекор кардани моликияти шахсӣ, нобуд кардани тифлҳои заифу бемор ва ғайра бо Афлотун мухолиф аст ва ин масъалаҳоро дар доираи таълимоти исломӣ ва гуманизм баррасӣ менамояд. Дар масоили таснифи илм низ Форобӣ баъзан аз доираи таълимоти Афлотуну Арасту берун меравад ва мустақилона андешаронӣ менамояд. Масалан, Форобӣ ахлоқу сиёсатро ҷузъҳои як илм медонад ва

онҳоро дар доираи илми маданӣ баррасӣ мекунад, ки Афлотуну Арасту бо ин шева кор нагирифтаанд. [209, с. 169]

Ба ҳар навъ, таъсирпазирии Форобиву Ибни Сино аз таълимоти Афлотуну Арасту мушаххас аст ва аз ҷониби муҳаққиқони зиёде ин андеша тасдиқи худро ёфтааст. [209, с. 171-174; 249, с. 27] Ин таъсир тавассути роҳҳои гуногун сурат гирифта аст, ки муҳимтарини онҳо, ба назари ин ҷониб, чунин аст: аввал, то Форобиву Ибни Сино осори мутафаккирони юнонӣ, махсусан Афлотуну Арасту тарҷумаву дастраси ҳавзаҳои гуногуни илмии олами ислом шуда буд ва онҳо чун муттакои ҳакимони маъруфу соҳибмактаби мусулмон шинохта шуда буданд. Форобӣ чун ҳакиму донишманди замони худ бо ин руҳия асарҳои «Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он», «Мақосиди метафизикии Арасту», «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким: Афлотуну Арасту» ва Ибни Сино асарҳои «Мақола андар ғарази қотиғуриёс (категорияҳо)», «Шарҳи «Китоби нафс»-и Арасту» ва ғайраро таълиф намуданд, ки дар радифи муҳимтарин сарчашмаҳои шиносоии мусулмонон бо ҳикмати юнонӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ҳар сурат, таъсири таълимоти Афлотуну Арасту ба Форобиву Ибни Сино бебаҳс аст.

Назарияи «файз»-и Форобиву Ибни Сино дар масъалаи офариниш низ намунаи равшани таъсирпазирии онҳо аз Афлотун мебошад. Албатта, дар ин масъала унсурҳои арастуӣ низ мушоҳида мешаванд. Масалан, дар назарияи «файз»-и Форобиву Ибни Сино Муҳаррики номутаҳаррики арастуӣ чун иллати ғойии ҳаракати афлок баромад мекунад. Аммо дар таълимоти Арасту ба масъалаи офариниш, файз ва судур таваҷҷуҳе нашудааст ва ин имкон надорад мавриди пазироии Форобиву Ибни Сино қарор гирад. Зеро ҷаҳонбинӣ ва муҳити диниву сиёсии Форобиву Ибни Сино имкон намедод чунин андешаро бетағйир пазиранд, аз ин рӯ, онҳо дар ин масъала бештар ба Афлотун такя намудаанд ва назди худ мақсад гузоштанд, ки бояд дидгоҳеро пеш гирифт, ки ҳам бо усули ақлу мантиқ ва ҳам бо ақоиди динӣ созгор бошад. Чунин равиши кории онҳо дар заминаи назарияҳои Афлотун шакл гирифтааст.

Масалан, Афлотун дар «Ҷумҳур» қайд мекунад, ки «рӯшноӣ ва неруи биноӣ шабеҳи хуршеданд ва худ хуршед нестанд, шиносоӣ ва ҳақиқат низ ба худи «хуб» шабеҳанд, вале ҳеҷ як аз онҳо худи «хуб» нест, балки худи «хуб» чизест бартар аз он ду». [72, с. 1123] Манзури Афлотун аз «хуб» сарчашмаи пайдоиши ҳақиқату вуҷуд аст, ки дар ҷойи дигар аз он бо номи «Хайри мутлақ» ёд мекунад ва он бо андешаҳои Форобиву Ибни Сино мувофиқ аст ва шакке нест, ки ин мутафаккирон дар ин масъала таҳти таъсири таълимоти афлотунӣ қарор гирифтаанд.

Форобиву Ибни Сино нисбати таълимоти Арасту таваҷҷуҳи ҷиддӣ доштанд ва барои дастёбӣ ба умқи масоили баҳсталаб ба шореҳони ӯ, махсусан ба шарҳҳо ва ақоиди фалсафии Искандари Афродисӣ ё Афродизӣ, ки яке аз маъруфтарин шореҳони Муаллими Аввал буд, таваҷҷуҳ намудаанд. Ибни Халдун низ дар масъалаи санади таълими ҳакимони юнонӣ ба Искандари Афродисӣ ишорат мекунад: «Ва санади таълимашон дар ин равиш, чунон ки мепиндоштанд, аз Луқмони Ҳаким ба шогирдаш Сукроти хумнишин ва аз вай ба шогирдаш Афлотун ва аз вай ба шогирдаш Арасту ва аз вай ба шогирдаш Искандари Афродисӣ ва Сомистиус ва ҷуз эшон расидааст». [7, с. 974-975] Алалхусус, Ибни Сино ба Искандари Афродесӣ эътимоду боварии фаровон дошт. [13, с. 29] Ҳамзамон таъсири маъруфтарин шореҳону муфассирони мактаби Искандария, аз қабили Яҳёи Наҳвӣ, Парфирий, Фемистий ва дигаронро низ наметавон сарфи назар намуд, ки «таъсири онҳо бар олами исломӣ, баъзан, амиқтар аз таъсири машшоиёни аввал буд». [13, с. 29]

Аммо ин таъсирпазирӣ низ ба таври мутлақ набуда, дар масоили мухталифе Форобӣ ва Ибни Сино ақидаҳои мушаххаси худро ба хилофи шореҳони мазкур ироа намудаанд. Масалан, дар фалсафаи Искандари Афродесӣ ақли мустафод зинаи мобайнӣ дар байни ақли ҳаюлонӣ ва ақли фаъол мебошад. Вале дар фалсафаи Форобӣ он зинаи охир, ҳолати баландтарини тафаккури инсон аст, ки тавассути ваҳю ишроқ шаклу суратҳои аз Ақли фаъол ҷудошударо бе ёрии эҳсосот дарк мекунад. [58, с. 161]

Ё худ Ибни Сино дар масъалаи шинохти тани инсон ба натиҷае расидааст, ки узвҳои инсон яксон набуда, баъзе муҳимму аввалиндараҷа ва бархеи дигар хитматгорони онҳоянд. Масалан, шуш ва рагҳои шараён хидматгорони диланд, андомҳои ғизогириву асаб ходимони майнаанд ва хидматгори ҷигар меъда ва шоҳрагҳоянд. [289, с. 106] Бо ин назари худ Ибни Сино на танҳо навоварӣ дар илм мекунад, балки иштибоҳи Ҷолинусу Арастуро низ ислоҳ менамояд. Зеро ба назари Арасту ва ҳакимони юнонии то ӯ, вазифаи майна тавлиди балғам аст ва ба воситаи он сард намудани дил мебошад. [22, с. 90]

Баъзе Форобиву Ибни Синоро ба таври мутлақ шореҳи афкори фалсафии юнонӣ хондаанд, ки мавриди нақди як қатор муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Масалан, ба фаъолияти фалсафии машшоиёни шарқӣ сатҳӣ таваҷҷуҳ намуда, таълимоти фалсафии онҳоро бо Арасту айният додани баъзе муҳаққиқонро академик М. Диноршоев танқид мекунад ва ба ин назар аст, ки «фалсафаи Арасту ягона сарчашмаи фалсафии Ибни Сино нест. Дар ташаккули низоми фалсафиаш ӯ ночор ба низомҳои гуногуни фалсафӣ рӯ оварда буд». [117, с. 69] Ин мазмунро дар осори Ибни Сино низ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, ӯ дар «Донишнома» барои равшан намудани масъалаи қиёси мураккаб аз ҳандаса мисол меорад ва эътироф менамояд, ки онро бо такя ба осори Евклид навиштааст. [9, с. 195]

Андешаи мустақилу ақидаҳои хоси худро доштан ин мутафаккиронро чун файласуфи асил муаррифӣ мекунад. Ба назари ин ҷониб, ҳар муҳаққиқе, ки то имрӯз Форобӣ ва Ибни Синоро муқаллидону муфассирони афкори фалсафии юнонӣ меҳисобанд, иштибоҳ мекунанд ва мушаххас карда натавонистаанд, ки ин ду файласуф ҳарчанд машраби юнонӣ доранд, аммо ба таълимоти ҳакимони Юнони атиқа иктифо накард ва ба афкори машҳури файласуфони саршиноси ин сарзамин таслим нашуда, дар масоили мухталифи фалсафӣ, махсусан улуме, ки хоси ислом аст, ба мисли фиқҳу калом афкори бикре пешниҳод намуданд. Агар ин ду мутафаккир масъалагузориҳои наву

тоза пешниҳод намекарданд, ба масоили мухталифи фалсафӣ навгониҳо ворид намесохтанд ва мавқеи муайяни фикрӣ намедоштанд, шоистаи номи файласуф набуданд, балки дар зинаи муҳаққиқ ё олими фалсафа қарор мегирифтанд. Маҳз, масъалагузориҳои нав, назари танқидӣ ва навҷӯиҳову дидгоҳҳои тозаи онҳо эшонро чун поягузорони мактаби фалсафӣ ва файласуфони комил метавонад ба муҳаққиқони минбаъда муаррифӣ намояд. Махсусан, Форобӣ яке аз муассисони мактаби фалсафаи машшоияи шарқист, зеро тавонист усулҳои мушаххаси таҳқиқ пешниҳод намояд, ки минбаъд дар асоси онҳо файласуфони зиёде пажуҳиш намудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маъруфтарин ҳакимони олами ислом дар асрҳои миёна бо фалсафаи юнонӣ ошноӣ пайдо карда, таҳти таъсири таълимоти файласуфони соҳибмактаби ғарбӣ қарор гирифта буданд. Аммо баъзеи онҳо дар илмҳои фалсафӣ ба пояи баланди эҷодӣ расида, на бо ҳама афкори юнониён мувофиқат доштанд. Ба қавли Ибни Халдун: «эшон дар он улум ба марҳалаи ниҳоӣ расиданд ва бо бисёре аз ороъ ва ақоиди Муаллими Аввал мухолифат карданд ва радду қабулро ба назариёти вай ихтисос доданд... Ва аз бузургони эшон дар миллати ислом инҳо буданд: Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар Машриқ ва Қозӣ Абдулвалид ибни Рушд ва вазир Абубакр ибну-с-Соиғ дар Андалус». [7, с. 976] Аз ин навиштаи Ибни Халдун метавон натиҷагирӣ намуд, ки ҳарчанд ӯ бо афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино зиёд мухолифат нишон медиҳад, аммо дониши қавии мантиқиву мавқеи муайяни илмӣ доштан ва маъруфияти бемисл касб намудани онҳоро эътироф намуда, диди мустақили фалсасафӣ доштанашонро таъкид менамояд.

Муҳаққиқоне, ки бо масоили таъсиргузории Арасту ба олимони олами ислом таваҷҷуҳ намудаанд, аз қудрати илмии ин мутафаккирон шигифтзада шудаанд. Олими шинохтаи тоҷик Бобоҷонов И. қайд мекунад, ки «тамоми ҷаҳони араб таҳти таъсири амиқи осори Арасту қарор гирифта аст». [79, с. 59] Аз ҷумла, дар масъалаи каломи мавзун низ таъсирпазирии Ибни Сино аз Арасту мушаххас аст. Ӯ дар осори манзумаш меъёрҳои нишондодаи Арасту

дар «Поэтика»-ро қариб батамом риоя намудааст. Аз равиши кораш бармеояд, ки аз шарҳҳои «Поэтика» низ истифода намудааст. Аввалин ҳакими мусулмон, ки ба ин асари Арасту шарҳ навишта аст, Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ маҳсуб мешавад, ки аз он дар баъзе сарчашмаҳо ёд мешавад, аммо то замони мо ин асар омада нарасидааст.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии Форобӣ афкори муассиси машшоияи шарқӣ Абуяъқуби ал-Киндӣ низ муассир аст. Баъди ал-Киндӣ Абунасри Форобӣ ба шарҳу таълиқи «Поэтика» пардохт, ки нусхаи дастнависи он таҳти рақами 3832 дар китобхонаи давлатии Деҳлии Ҳиндустон нигоҳдорӣ мешавад, ки ба забони англисӣ низ тарҷума шудааст ва «Рисола фӣ қавонини синоъати-ш-шуаро» (Рисола дар эҷоди шоирон) ном дорад. Соли 1953 муҳаққиқи маъруфи араб Абдурраҳмон Бадавӣ дар китоби «Фанни шеър» онро рӯйи чоп овард. Ин асар бозгӯкунандаи таъсирпазириву эҳтимоми зиёди Форобӣ ба Арасту ва таҳти таъсири ин ду файласуф қарор гирифтани Ибни Синост.

Таъсири ҳикмати юнонӣ ба таълимоти Ибни Сино бо он мудаллал мегардад, ки дар муҳимтарин осори фалсафии Шайхурраис дар аснои таҳлили дилхоҳ масъалаи баҳсталаб аввал назариёти ҳакимони юнонӣ ба таври густурда матраҳ гардида, ҷузъиёти онҳо таҳлил мешавад ва ҷанбаҳои мусбиву манфии онҳо баррасӣ шуда, баъдан андешаи шахсии муаллиф ироа мегардад. Худи Ибни Сино ин матлабро дар мақолаи аввали «Китобу-ш- Шифо» таъкид мекунад: «Дар ҳақиқат, мақсади мо аз навиштани ин китоб... иборат аз гирдоварии мағзи он матолиб, ки аз усул дар улуми фалсафаи пешиниён баррасӣ намудем... Кӯшидам, то...дар ҳар мавзее ба шубҳаҳои ҷойдошта ишора намоям ва ба қадри тавон, ба эзоҳи ҳақиқат он шубҳаҳоро ислоҳ намоям». [13, с. 84]

Ё худ дар муқаддимаи илоҳиёти «Донишнома» дар қисмати таснифи илмҳо Ибни Сино чизҳоро ба мисли Арасту ду гуна меҳисобад: «Яке он аст, ки ҳастии вай ба феъли мост ва яке он аст, ки ҳастии вай на ба феъли мост. Мисоли нахустин кирдорҳои мо ва мисоли дувум замину осмон ва ҳайвону

набот». [9, с. 216] Дар заминаи тақсимоти чизҳо ӯ илмҳои ҳикматро низ ба ду гуна: амаливу назарӣ тасниф намудааст. Муҳаққиқи шаҳири тоҷик академик М. Диноршоев дуруст қайд мекунад, ки «нубуғи ӯ (Ибни Сино–А.Б.) дар пояи муҳками фарҳанги пеш аз вай ба камол расидааст». [116, с. 317]

Ҳам Форобӣ ва ҳам Ибни Сино дар масъалаи сарчашмаву зуҳури каломи мавзун ва оҳанг аз Арасту пайравӣ мекунанд. Арасту дар фасли чаҳоруми «Поэтика» дар зербоби «Асл ва маншаи шеъру мароҳили такомули он» мефармояд, ки «Пайдоиши шеър баста ба ду иллат аст ва ҳар ду иллат дар табиъат ва ниҳоди одамист: яке, ғаризаи тақлид ва дигаре, хосияти дарки вазну оҳанг». [63, с. 54] Дар осори гуногунашон Форобиву Ибни Сино ин андешаро пайгирӣ намудаанд, ки ифодакунандаи таъсирпазириашон дар соҳаи каломи мавзун аз таълимоти арастуист. Ибни Сино дар фасли аввали мақолаи чаҳоруми «Шифо» дар масъалаи баргузидани калимаҳо барои баёни фасеҳ ва шаклҳои оҳанги сухан аз Арасту иқтибос меорад ва ба ӯ таҳсин мекунад: «ин чизҳо то замони Муаллими аввал фароҳам оварда нашуда буд». [16, с. 609]

Дар ин ҷода низ ин мутафаккирон аз худ андешаву орои халлоқ нишон додаанд. Масалан, Ибни Синоро муҳаққиқон «яке аз асосгузорони жанри нави адабӣ-тиббӣ-урҷузанигорӣ» [332, с. 123] ҳисобидаанд. Ин асарҳои Ибни Синоро, ки дар маҷмуъ аз ҳашт асари манзуми тиббӣ иборатанд, ба он хотир урҷуза номидаанд, ки дар баҳри раҷаз навишта шудаанд ва минбаъд муҳаққиқони зиёде бо ин равиш осори сершумори тиббӣ эҷод намудаанд.

Таҳлили таълимоти фалсафии навафлотуния, ки дар ҷаҳони ислом ҷойгоҳи вижа касб карда буд, нишон медиҳад, ки ақидаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино бо он қаробати зиёд доранд. Дар таърихи фалсафа Афлутинро (204-269 м.) асосгузори фалсафаи навафлотунӣ меҳисобанд. Ӯ масоили муқаддаматотии фалсафаро дар Искандария меомӯзад ва дар он ҷо ба ҳалқаи дарси фалсафаи Аммониус Саккас пайваста, даҳ сол ба ӯ шогирдӣ мекунад. Аммониус Саккас мисли Суқрот аз худ осори хаттӣ боқӣ нагузоштааст. Афлутин масоили метафизикиро ба таври шифоҳӣ ба шогирдонаш таълим

медод ва дарсҳояшро бар асоси дидгоҳҳои Аммониус Саккас, бе он ки ақоиди устодашро ошкор созад, ироа менамуд. Зеро ӯ аҳд баста буд, ки ақоиди устодашро ошкор намекунад. [104, с. 6-7] Аз ин рӯ, дар таърихи фалсафа назариёти фалсафии навафлотунияро ба шогирдаш Афлутин нисбат медиҳанд.

Фалсафаи Афлутин омехтае аз ҳикмати Афлотун, фалсафаи Арасту ва афкору усули динҳои шарқӣ мебошад ва хусусияти ирфонӣ дорад. Беҳуда нест, ки ориф ва файласуфи маъруфи масеҳӣ Августинӣ Қуддус (354-430) гуфтааст: «Афлутин касест, ки Афлотунро дар вуҷуди хеш зинда кардааст». [56, с. 74]

Ногуфта намонад, ки макотиби фалсафии ин давра, аз ҷумла таълимоти Эпикур ва равоқиён, ки то асри III дар империяи Рим ба таври васеъ паҳн гардида буданд, ба истиснои таълимоти Афлотун, баъди шикасти империя рӯ ба завол оварданд. Таълимоти фалсафии Афлутин таъсири амиқе дар ҳикмати олами ислом, махсусан дар навоҳии Мовароуннаҳру Хуросон, гузоштааст ва дар байни мусулмонони асримиёнагӣ ӯ бо номи «Шайхи Юнонӣ» шинохта шуда, охирин файласуфи бузурги аҳди қадим маҳсуб мешавад.

Афлутин дар пайравӣ аз Суқрот ва устодаш Аммониус Саккас, аввалан, таълимоташро шифоҳӣ баён мекард. Баъдан, бо хоҳиши шогирдонаш андешаҳои илмиву фалсафиаш навишта мешавад ва осори фалсафиаш дар ҳаҷми 54 рисола мунташир гардидааст, ки фарогири шаш боб – хулқиёт, табииёт, илоҳиёт, илм-ун-нафс, ақл ва ваҳдат аст. Баъдан, яке аз шогирдонаш бо номи Фарфуриус ин рисолаи устодашро ба шаш гурӯҳ ҷудо намуда, дар ҳар гурӯҳ нуҳ рисоларо ҷой дод. Пас аз дастабандии мавзуии рисолаҳои Афлутин, ба хотири он ки дар ҳар гурӯҳе нуҳ рисола ҷой дорад, онро «Энеада» (Нуҳгона) унвон кард.

Мувофиқи таълимоти Афлутин асли вуҷуд ва ғоят-ул-ғоёт Худост, ки сифоти ӯ тамоми таъбирҳои олиро шоиставу сазовор аст. Худо, дар ҳоле ки асли коинот мебошад, боз фаротар аз он аст, ки ақли одамӣ аз дарки моҳияти ӯ оҷиз аст ва вуҷуди ӯ беинтиҳост, ҳама мавҷудот аз ӯст ва ба сӯи ӯ боз мегардад. [56, с. 73-75]

Баъзан ноогоҳона мутарҷимон осори Афлутинро ба Арасту нисбат додаанд ва ин асарҳои мансуб низ чун сарчашмаи афкори фалсафии мутафаккирони мо қарор гирифтаанд, ки баъдан бо тафсил ба ин масъала расидагӣ хоҳем намуд.

Навафлотуния дар ташаккули ҷаҳонбинии Форобиву Ибни Сино ҳамчун сарчашмаи хос баромад намуда, таъсири чашмрасе гузоштааст. Ҳарчанд шароити таълиму тадрис ва муҳити эҷодии ин ду ҳаким аз ҳам фарқи ҷиддӣ доранд, аммо нукоти зиёде ҳаст, ки онҳоро ба ҳам мепайвандад ва аз сарчашмаҳои муштарак илҳом гирифтани онҳоро бозгӯ менамояд. Пеш аз ҳама, муҳити илмӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоии замони онҳо дар таҳкими пояҳои маърифатии ин мутафаккирон муасир аст. Таълимоти охирин мактаби атиқаи юнонӣ-навафлотуния низ дар ҳавзаҳои гуногуни илмии Моваруннаҳру Хуросон интишор ёфта буд, ки усулҳои ирфонии он бо ақоиди динии мардуми маҳаллӣ аз ҷиҳатҳои зиёде ҳамоҳангӣ дошт ва яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино мебошад.

Таълимоти навафлотуния, ки «чун яке аз ҷараёнҳои мафкуравии дар даврони асримиёнагӣ васеъ интишорёфта ба ҳисоб рафта,... даврaҳои ташаккули он се марҳиларо фаро мегирад: искандириягӣ (Плотин), сурёнӣ (Ямвлих) ва афинагӣ (Прокл)», [269, с.] дар ташаккули фалсафаи шарқӣ нақши бориз дорад. Он ба сифати муҳимтарин сарчашмаи афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар масоили ҳастишиносӣ низ баромад мекунад. Мувофиқи таълимоти навафлотуния, ҷаҳон натиҷаи фаязон аз Худост. Худо чун воҳиди мутлақ аз худ руҳеро, ки тавлидкунандаи руҳи ҷаҳонист, файз мекунад. Модда натиҷаи зинаи охири файз аст.

Дар таълимоти Афлутин назарияи файз ва судур мавқеи назаррас дошта, дар ҷаҳонбинии Форобиву Ибни Сино таъсири амиқ гузоштаанд. Афлутин файзро навъе аз эҷод меҳисобад, ки дар ин раванд вуҷуди шайъ ба ҳоли худ собит мемонад ва натиҷаи он бо ҳамаи камолот дар ваҳдати худ боқӣ мемонад.

Ин чунин маъно дорад, ки Зоти ягона дар аснои офариниши мавҷудот ҷузъиёти худро ба офаридаҳояш намедиҳад ва дар онҳо мунташир намешавад.

Форобиву Ибни Сино низ масоили муносибати Воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷудро дар ин асос баррасӣ мекунанд. Форобӣ мафҳумҳои Воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷудро, ки ду паҳлӯи аслии ҳастишиносии ӯ ба ҳисоб мераванд, ба мисли Афлутин дар иртибот ба ҳам тавзеҳ медиҳад, аммо масоили эътиқодоти исломиро низ дар ин масъала ба назар мегирад. Дар илоҳиёти ӯ Воҷиб-ул-вуҷуд ҳамчун иллати иллатҳо ягонаи мутлақ аст ва аз фарзи нестии ӯ муҳол лозим меояд. Воҷиб-ул-вуҷуд аз ҳар гуна нуқсон орӣ аст, бинобар ин вуҷудаш комилтарин вуҷуд аст, на иллати фоилӣ дорад ва на ғойӣ ва на иллати суварӣ дорад ва на моддӣ, вуҷудаш муназзам ва мулҳиқ ба моҳияте намешавад, моҳияте ғайр аз Воҷиб-ул-вуҷуд будан надорад, ки ҳамоно аннийат ва таҳаққуқи ӯст, бинобар ин на ҷинсе дорад, на фасле ва на ҳадде дорад ва на бар ӯ бурҳоне аст, вуҷудаш зотан ҳамешагӣ ва доимист ва ҳеҷ гоҳ ба адам омехта намешавад, қувва ва истеъдод дар ӯ роҳ надорад, пас муҳол аст, ки мавҷуд набошад ва барои бақои вуҷуд ниёзманди чизи дигаре нест». [35, с. 118]

Ибни Сино низ дар масъалаи файз аз назарияи судури Афлутин таъсири зиёд гирифтааст. Аммо Ибни Сино ин назарияро чун таълимоти Арасту қабул дорад, зеро аз осори ба забони арабӣ тарҷумашуда ва чун илоҳиёти арастуӣ баррасигардида, ки баъдан воқеияти он ба муҳаққиқон маълум гардид, истифода намудааст. [116, с. 540] Мутафаккир ин масъаларо дар «Мабдаъ ва маод» муфассал баррасӣ намуда, ин асарро ба се бахш ё гуфтор ҷудо намудааст. Дар ду бахши аввал масоили зиёди марбут ба ин назарияро таҳлил менамояд ва ба мисли навафлотуниёну Форобӣ эҳтимоми зиёде ба ҷавоб ҷустан ба суоли «оё олам офаридашудааст ё қадим?» намуда, бо диди идеалистӣ ба он посух медиҳад. Пас аз таҳлилу баррасии бисту як фасл, ки меҳвари пажуҳишро исботи Воҷиб-ул-вуҷуд ташкил медиҳад, чунин натиҷагирӣ менамояд: «ӯ аз ҳама рӯй воҳид аст, чи зоташ ба ҳеҷ ваҷҳ

инқисомпазир нест; на аз роҳи камм ва на аз роҳи модда ва сурат ва на аз роҳи аҷзои ҳад, чун имкон надорад, ки вуҷуди воҷиб барои зоте дигар ҳам бошад. Пас воҷибтаъоло аз ҷиҳати фардоният воҳид аст, чун моҳияти воҷиб бас барои зоти ӯ аст ва ӯро шарике дар ин навъ нест». [9, с. 586] Ба алоқамандон маълум аст, ки дар ин масъала Афлутин ва Форобӣ низ бо чунин шева бархӯрд намудаанд.

Дар масъалаи пайванди маънӣ ва лафз бо эҳтимоли зиёд Форобӣ ва Ибни Сино таҳти таъсири Искандари Афродесӣ (асрҳои II-III мелодӣ) қарор гирифтаанд. Масалан, дар фасли аввали «Эҳсо-ул-улум», ки «Илми забон» [34, с. 75-82] ном дорад, масоили фаро гирифтани алфозу маърифати ҳуди далолати онҳо ва шинохти қавонини он алфозро Форобӣ ба мисли Афродесӣ матраҳ мекунад. Ё Ибни Сино ба монанди Искандари Афродесӣ таъкид дорад, ки «...агар алфоз набудӣ, он (маънӣ–А.Б.) ҳам падид наомадӣ. Ва бар синоати мантиқ ногузир омад, ки баъзе аз қисматҳои он аҳволи алфозро баррасӣ намояд». [13, с. 71] Ногуфта намонад, ки дар асари «Топика»-аш Арасту дар масъалаи алфоз то андозае таснифи маҷмуие анҷом дода буд ва баъди ӯ то даврони шореҳи осори ӯ Искандари Афродесӣ ин баҳс ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода буд. Искандари Афродесӣ, ки осораш дар ҷаҳони ислом маъруфият дошт ва ба ҳакимони мусулмон таъсиргузор буд ва тавассути ӯ қисман афкори фалсафии Юнони атиқа ба мусулмонон дастрас гардида буд, наметавонист ба ҳакимони пуркудрати мусулмон, амсоли Форобиву Ибни Сино бетаъсир бошад. Ибни Сино дар масоили душворфаҳми осори Арасту ба шарҳҳои ӯ таваҷҷуҳ менамуд, барои маърифати комили мантиқ баррасии алфозро муҳим меҳисобид ва айни он дар «Мадхал» ва фасли панҷуми «Китобу-ш-шифо» мушоҳида мегардад. [13, с. 244-251] Дар «Ҳикмати машриқия» низ баҳсе таҳти унвони «Таърифи исм, калима, одот ва қавл» [10, с. 126-128] ҷой дорад, ки масоили забонӣ дар он баррасӣ мегардад. Дар ин қисмат Ибни Сино ба таври муҷаз, бо такя ба қавоиди сарфиву наҳвии арабӣ нисбати исм, калима, ҷумла ва ақсоми он маълумот медиҳад, ки тақвиятдиҳандаи андешаҳои болост.

Дигаре аз сарчашмаҳои афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино яҳудияву масеҳия маҳсуб мешавад. Ин мазҳабҳо ҳанӯз пеш аз ислом дар сарзамини ориёитаборони шарқӣ пайравоне доштанд ва дар миёни намояндагони онҳо ҳакимоне буданд, ки ҳикмати юнониро тарғиб мекарданд. Баъди нуфузи ислом низ пайравони ин мазҳабҳо дар ин сарзамин кам набуданд. Масалан, Ноҷӣ қайд мекунад, ки «Гурӯҳе аз яҳудиён ба унвони аҳли китоб дар сарзамини Сомониён зиндагӣ мекарданд... гуфта шудааст, ки дар Ғазнин ҳашт ҳазор ва дар Самарқанд сӣ ҳазор яҳудӣ сокин буданд». [177, с. 704-705] Чун фалсафаи юнонӣ пеш аз ислом ба ин минтақа расида буд ва яке аз муҳимтарин сабабҳои ривоҷи он дар Эрон таваҷҷуҳи хоси шаҳаншоҳ Анӯшервон ба он ва паноҳ додани файласуфони зери тааррузи салтанати Рим қароргирифта маҳсуб мешавад. Албатта, омилҳои дигари зуҳури фалсафаи юнонӣ дар Эрон низ ҷой дорад, ки таваҷҷуҳи масеҳиёни ин минтақа ба забону фарҳанги юнонӣ аз он ҷумла аст ва ин баҳси муфассали алоҳида мехоҳад.

Яҳудиҳо аз даврони атиқа дар миёни мардуми Эрон, Миср, Байнаннаҳрайн, Фаластин, арабҳо ва ғайра сукунат намуда, аксари онҳо ба тиҷорат, саррофӣ, заргарӣ, косибӣ ва амсоли инҳо машғул гардида, бо фарҳанги мардуми маҳаллӣ омехта буданд. Пас аз ислом низ яҳудиён бо авомили гуногуни иҷтимоӣ бо мусулмонон ҳамзистӣ доштанд ва аз фарҳангу маънавиёти онҳо, махсусан тафсирҳои Таврот, ки баъдҳо таҳти унвони исроилиёт ёд мегардад, адабиёти мусулмонон таъсир пазируфтааст. Исроилиёт ҳамон қиссаву ривоятҳо ва эътиқодоте ҳастанд, ки аз фарҳанги аҳли китоб-яҳудиёну насрониён, ба адабиёти мусулмонҳо ворид шудааст.

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино низ ба мисли Форобӣ яҳудия таъсири мустақим надорад. Вале таъсири фарҳангу маънавиёти яҳудия тавассути осори тарҷумавӣ ва баҳсҳои файласуфони онҳо дар масоили офариниш, исботи вуҷуди Худо, шаклҳои ҳаракат ва ғайра дар ҷаҳонбинии Ибни Сино эҳсос мешавад. Зеро дар муҳите, ки ӯ кору пайкор кардааст, яҳудиён дар баробари мусулмонон ва намояндагони дигар адён дар соҳаҳои

гуногуни иҷтимоӣ фаъолият мекарданд, ки заминаи таъсири мутақобилаи фарҳангиро фароҳам оварда буд ва ҳамчунин донишмандони онҳо, ки дар соҳаҳои гуногуни илм фаъолият мекарданд, кам набуданд.

Ҳарчанд Ибни Сино дар ҳеҷ ҷой иқтибосе аз ҳакимони яҳудӣ наовардааст, бо онҳо иртиботи мустақим низ надорад ва ҳатто дар баъзе мавридҳо онҳоро мазаммат намуда, «ибронии ҷилф» [9, с. 706] (яҳудии ҷоҳил) менависад, аммо дар баҳсҳои гуногуни фалсафӣ, махсусан масоили фавқуззикр, тарзи далеловарӣ, услуби баҳс ва ҳамоҳангии хулосаҳои онҳо бо ҳам хеле монанд аст ва касро ба андеша водор мекунад, ки миёни онҳо эҳтимоли таъсирпазирӣ вуҷуд дорад. Ба таъкиди Мутаҳҳарӣ, дар даврои аввали ислом дар миёни аҳли ҳикмат афроди ғайримусулмон, аз қабили яҳудиву насронӣ ё мулҳид низ мушоҳида мешавад, ки таъсири таълимоти онҳо ба файласуфони мусулмон аз ягон ҷиҳат расидааст. [174, с. 469] Масалан, Ибни Сино дар фасли аввали асари «Азҳавия»-аш масъалаи маодро баррасӣ намуда, машҳуртарин гуфтовардҳо дар ин масъаларо ёд мекунад ва маодро бо такя ба «Таврот» ва «Қуръон» бозгашт меномад. Аз «Қуръон» ин оятро иқтибос мекунад, ки «Эй нафси мутмаинна (оромгирифта), боз гард ба сӯйи Парвардигорат, дар ҳоле ки хушнудӣ ва хушнудшудаӣ» [161, 27; 28] ва таъкид мекунад, ки «лафзи боз омадан дуруст набошад, магар ки аз он ҷо омада бошад». [9, с. 702] Яъне Ибни Сино аз китобҳои муқаддас ҳамчун сарчашмаи муътамад иқтибос меорад ва ҳақиқати маодро исбот кардан мехоҳад, ки бозгашти руҳ ба маконест, ки аз он ҷо ба бадан омада буд.

Ҳамзамон дар масъалаи тавҳиду сифоти Худо таълимоти китобҳои муқаддаси яҳудиёну мусулмонон «Таврот» ва «Қуръон»-ро дар ин асар мавриди муқоиса қарор медиҳад. Ӯ «Таврот»-ро саропо пур аз ташбеҳ меҳисобад, ки дар «Қуръон» низ он фаровон истифода шудааст. Аммо дар «Қуръон» Худо ба чизе ташбеҳ намешавад, чи тавре дар он омадааст, ки «Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест». Ибни Сино ташбеҳи дар ваҳй ифодашударо «начандон ташбеҳ аст, ки ҳадде дорад» [9, с. 707] мегӯяд. Ӯ моҳияти «ҳадд»-ро, ки ишора

шуд, шарҳ медиҳад ва тасдиқ мекунад, ки дар «Қуръон» низ баъзе оёт равшан баён шудаанд, аммо оятҳое низ ҳастанд, ки тариқи маҷозу истиора баён шудаанд.

Дар баъзе масоили баҳси илоҳиёт муштаракияти ақидаҳои Ибни Синову Филони Искандаронӣ мушоҳида мешавад. Зеро Филон ақлро воситаи асосии дарки ҳақиқат меҳисобид, ки ин мазмун айнан дар таълимоти Ибни Сино, махсусан дар низоми маърифатии ӯ ба назар мерасад.

Дар ташаккули афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино таълимоти гуногун муассиранд ва ҳамчун сарчашма баромад мекунанд. Як қисми ин сарчашмаҳо, ба мисли таълимоти исломӣ ва ҳакимони юнонӣ бевосита ба афкору орои Форобиву Ибни Сино таъсир расонида бошанд, иддае аз онҳо тавассути тарҷумаҳо, мактабу мадориси эътиқодӣ ва амсоли инҳо муассиранд. Ба қавли муҳаққиқи араб Ҳисом Ал-Олусӣ: «Афкори фалсафии юнонӣ ба ҷаҳони ислом аслан тавассути таълимоти панҷгона интиқол ёфтааст: настуриҳо, яъқубиҳо, зардуштиҳо, мадрасаи Ҳаррон ва яҳудиҳо». [283, с. 102-103]

Мувофиқи нишондоди Климович Л.И., «Настурия-равияи масеҳия аст, ки дар асри V дар Рум дар муқобили эътиқоди расмӣ ба Масеҳ ҳамчун ба «одамхудо» пайдо шуда, табиати инсонии «мустақилаи мавҷуд»-и Исоро таълим медод. Дар настурия руҳияву кайфияти зидди ҳукумати Рум ифода ёфтаанд. Дар Эрон ҳам, ки идеологияи дини куҳани давлатӣ-зардуштия аз байн мерафт, настуриён зиёд буданд». [153, с. 37] Настуриҳо пайравони масеҳия бошанд ҳам, дидгоҳҳои онҳо бо таълимоти расмии калисо ихтилоф дошт. Аз ин рӯ, пайравони онҳо дар Ғарб зери таъқибу фишор қарор мегиранд ва як қисмати умдаашон ба Миср, Ироқ, Эрону Осиёи Миёна ҳиҷрат мекунанд ва дар ин минтақаҳо низ калисои худро бунёд намуда, ба мисли намояндагони падарони калисо, апологетҳо ва схоластҳо аз усулҳо ва сарчашмаҳои фалсафаи юнонӣ ба хотири таҳкими масоили эътиқодиашон фаровон истифода мекарданд.

Нақши настуриҳоро дар Шарқ аксари сарчашмаҳо дар масъалаи интишори илму ҳикмат нодида мегиранд. Аммо дар тарғибу интишори илм ин равияи мазҳабӣ дар минтақаҳои гуногуни шарқӣ, алалхусус шаҳрҳои мусулмоннишини ибтидои интишори ислом, корҳои назаррасе намуданд. Маҳз настуриҳо аз пешгомони тарҷумаи осори мантиқӣ, фалсафӣ ва тиббии ҳакимони юнонӣ ба забонҳои сурёниву арабӣ буданд, ки роҳи наҳзати тарҷумаи олами исломро минбаъд ҳамвор намуданд. Ногуфта намонад, ки тарҷумони маъруфи давраи Аббосиён Ҳунайн ибни Исҳоқ аз мазҳаби настуриҳо пайравӣ мекард. Форобиву Ибни Сино аз тарҷумаҳои ин мутарҷим фаровон истифода намудаанд ва аз эҳтимол дур аст, ки аз кадом ҷиҳате таҳти таъсир қарор нагирифта бошанд.

Дигаре аз аз ҳаракатҳои масеҳиёни шарқӣ, ки эҳтимоли зиёди таъсиргузориашон ба донишмандони мо вуҷуд дорад, яъқубия аст. Номгузории яъқубия ба номи Яъқуби Барадаӣ вобаста буда, он яке аз ҳаракатҳои масеҳиёни шарқӣ аст, ки намояндагони маъруфи он дар замони хилофати Аббосиҳо ба тарҷума ва шарҳу таълиқи осори ҳакимони юнонӣ таваҷҷуҳи хос доштанд. Онҳо дар вуруди мафҳумҳои ирфониву ғояҳои навафлотунӣ ба ҷаҳони ислом хидматҳои зиёде намудаанд, ки минбаъд тавассути тарҷумонҳои маъруф, амсоли Ҳунайн ибни Исҳоқ, Абубишр Матто, Исо ибни Яҳё, Қуста ибни Луқо, Яҳё ибни Адӣ, Собит ибни Қурра ва ғайра дар таълимоти мутафаккирони мусулмон, махсусан Форобӣ ва Ибни Сино инъикос шудаанд.

Пас аз зуҳури ислом дар ин минтақа яҳудиёну масеҳиён ҳамчун аҳли китоб бо додани зимма нисбатан имконияти бештари фаъолият пайдо карданд ва ба тарҷумаи осори юнонӣ пардохтанд, ки тавассути онҳо мусулмонон бо маҳсули афкори ҳакимони Юнон, аз қабили мантиқ, риёзиёт, табииёт, илоҳиёт, ҳандаса, нуҷум, тиб ва ғайра огоҳ гардиданд. Ин тарҷумонҳо илоҳиёт ва афкори орифонаи намояндагони навафлотунияро низ ба аҳли илм пешкаш намуданд, ки яке аз сабабҳои асосии густариши тасаввуф гардид.

Албатта, ақоиди динии яҳудия ба таври мустақим дар ҷаҳонбинии Форобӣ ва Ибни Сино таъсиргузор набошад ҳам, он тавассути наҳзати тарҷума, махсусан аз забонҳои юнониву сурёнӣ ба забони арабӣ, дар ташаккули тафаккури фалсафии мутафаккирони мо нақши назаррас гузоштааст. Масалан, Форобӣ дар яке аз навоҳии Хуросон, ки дар он ҷо масеҳиён низ сукунат доштанд, ба воя расидааст ва аз забону фарҳанги онҳо огоҳ буд. Баъдтар вақте ба Бағдод рафт, аз осори ҳакимони яҳудиву масеҳӣ тарҷуманамуда ва шарҳҳои ба асарҳои Арасту навиштаи онҳо фаровон истифода намудааст, ки онҳо низ таъсири амиқе ба ҷаҳонбинии мутафаккир расонидаанд. Дар «Байтулҳикма»-и Бағдод низ ҳакимону тарҷумонҳои донишманди яҳудиву масеҳӣ кам набуданд ва осори тарҷуманамудаву таълифнамудаи онҳо, ки дастраси Форобӣ ва Ибни Сино гардида буданд, аз таъсири ғайримустақими фарҳанги яҳудиву насронӣ ба мутафаккирони мо дарак медиҳад.

Ин нукта низ қобили тазаккур аст, ки асрҳои IX-XI муҳити фарҳангӣ аз асрҳои минбаъда фарқи ҷиддӣ дошт ва дар он гуногунфарҳангӣ ва гуногундинӣ роиҷ буд. Ҳатто халифаҳои аббосӣ намояндагони динҳои дигарро ба вазифаҳои гуногун, вобаста ба истеъдоду малакаашон, таъйин менамуданд. Масалан, Исҳоқ ибни Ҳунайн ва баъдтар писари ӯ Ҳунайн ибни Исҳоқ китобдори «Байтулҳикма» буданд ва аз моҳонаи муайяннамудаи Ҳорунаррашид, ки қариб ба андозаи моҳонаи вазирҳо буд, бархӯрдорӣ доштанд. Ҳакимони яҳудӣ ва масеҳӣ дар муҳити илмӣ ҷойгоҳи муайян доштанд. Форобӣ ва Ибни Сино маҳз дар чунин муҳити фарҳангӣ таълим гирифтаанд ва ба камоли илмӣ расидаанд. Аз ин рӯ, имкон надорад аз осори ҳакимони яҳудиву масеҳии ин давра ва пешина огоҳ набошанд ва дар ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии онҳо таъсире нагузошта бошад.

Иддае аз ин тарҷумонҳо ҳикмати яҳудияро бо фалсафаи юнонӣ пайвастан мехостанд. Дар ин миён таълимоти Саид ибни Юсуфи Файюмӣ ҷойгоҳи вижа дорад. Ин ҳакими яҳудӣ дар асари «Эътиқодот ва назарияҳо»-

яш кӯшидааст дину фалсафаро бо ҳам созиш диҳад, [362] ки минбаъд Форобӣ дар ин росто заҳматҳои фаровоне кашид ва чандин асарҳои Ибни Сино низ дар ин руҳия таълиф шудаанд, ки баъдтар пиромуни ин масъала муфассалтар маълумот хоҳем дод.

Китоби асосии Саид ибни Юсуфи Файюмӣ таҳти унвони «Китоб-ул-имон ва-л-ътиқод» ёд мешавад, ки дар ин асар кӯшидааст ақоиди динии яҳудиро бо фалсафа омезиш диҳад ва масоили эътиқодиро тавассути далелҳои ақлӣ собит созад. Ин китоб яке аз асарҳои бунёдии фалсафаи яҳудӣ аст, ки дар он масоили ҳастӣ, ғайри Худо ҳодис будани дигар мавҷудот, замону макон ва ғайра баррасӣ мешавад. [354]

Ин асар аз аввалин осори фалсафии яҳудиҳост, ки ба хотири дифоъ аз масоили эътиқодии яҳудия таълиф шудааст. Аз равиши нигориши асар бармеояд, ки он таҳти таъсири каломи исломӣ навишта шудааст. «Китоб-ул-имон ва-л-ътиқод» дар асри IX дар миёни ҳакимони мусулмон низ маъруфият касб карда буд ва шакке нест, ки Форобӣ ва Ибни Сино низ аз он баҳраманд гардидаанд. Зеро дар масоили дар боло зикргардида равиши кори онҳо бо ҳам як набошад ҳам, монандиҳои зиёде дорад.

Форобӣ дар асари «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким» дар масъалаи ҳодис будани олам аз ақоиди яҳудиёну зардуштиён мисол меорад, ки далели равшани аз ин таълимот огоҳ будани ӯст: «бояд дар он чи яҳудиён ва зардуштиён ва дигар умматҳо гуфтаанд, тааммул кунад, ки ҳама бар таҳаввул ва тағайюр, ки зидди ибдоъ ва пайдоиш аст, далолат доранд». [35, с. 96]

Мувофиқи нишондоди Муҳаммад Ризо Ноҷӣ, ки бо такя ба манобеи муътабари таърихӣ сурат гирифта, яҳудиёни қаламрави Сомониён аз лиҳози шумора нисбати насоро бештар будаанд. Ӯ бо истинод аз осори маъруфи ҷуғрофие, ба мисли «Ҳудуд-ул-олам» ва «Истахрӣ» қайд мекунад, ки дар навоҳии Балх шаҳре бо номи «Ҷуҳудон» вуҷуд дошт, ки хеле ободон буд ва аҳолии зиёде дошт ва «ин шаҳр баъдан ба маймана тағйири ном ёфт, ки то ба имрӯз ба ин ном хонда мешавад». [176, с. 609]

Ҳамзамон Форобӣ ва Ибни Сино ҳарчанд аз муътақидони дини ислом буданд, дар тафаккури онҳо таъсири баъзе масоили илоҳиёт, нафс, космология, ахлоқ, сиёсат ва ғайра, ки тавассути тарҷумаи осори яҳудиву масеҳӣ дастрас мегардид, мушоҳида мешавад. Масалан, дар масъалаи ҳодис будан, аммо абадият касб кардани руҳ андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино бо таълимоти масеҳият, ки дар он «рӯҳ ҷовидона аст», [149, с. 25] ҳамоҳангӣ пайдо мекунанд.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии Форобӣ масеҳият ба таври мустақим набошад ҳам, нақши назаррас бозидааст. Форобӣ аз осори ба забони арабӣ тарҷумашудаи намояндагони патристикаву схоластика зиёд истифода намудааст ва дар масоили муҷаррадот (идеяҳо), ба мисли сабаби аввал, вуҷуду моҳияти Худо, алоқамандии ақлу ваҳй ва ғайра ба мисли онҳо ибрози андеша намудааст. Назарияи «файз»-и Форобӣ низ бо мафҳуми «вуҷуди муқаддас» ва «нур»-и масеҳият қаробат дорад, ки бозгӯкунандаи сарчашмаи илҳоми ӯ аз таълимоти навафлотунияи масеҳӣ аст.

Чи тавре дар фалсафаи яҳудӣ мушоҳида кардем, ҳакимони масеҳимазҳаби суриягӣ ва мисрӣ низ зиёд кӯшиши оштӣ додани фалсафаву дин намудаанд. Онҳо фалсафаро воситаи дарки дурусти ваҳй меҳисобиданд. Дар таърихи фалсафа бори аввал кӯшишҳои ҷиддии истифода аз фалсафа ба ҳадафи тақвияти динро Филони Искандарӣ ва намояндагони апологетикаи насронӣ роҳандозӣ намудаанд, ки Форобӣ низ айнан бо ҳамин шева кор гирифтааст, ки ҳамоҳангии таълимоти ӯву ҳакимони масеҳимазҳабро нишон медиҳад.

Форобӣ дар бунёди истилоҳоти фалсафӣ низ аз таълимоти ҳакимони масеҳимазҳаб истифода кардааст. Масалан, истилоҳоти ҷавҳар, араз, табиат, ақл, нафс, сурат, билқувва (потенсиалӣ), билфеъл (актуалӣ) ва ғайра аз забони ҳакимони масеҳимазҳаби суриягӣ ба арабӣ интиқол ёфтааст. [379] Худи Форобӣ дар муқаддимаи «Китоб-ул-ҳуруф» қайд мекунад: «Фалсафа дар ибтидо ба забони юнонӣ навишта шуд, баъдан ба сурёнӣ тарҷума гардид.

Истилоҳоти фаровоне, ки имрӯз мо истифода мебарем, аз забони тарҷумашуда гирифта шудааст, пас бояд маъноҳои онҳо фаҳмида шаванд». [350] Аз ин мебарояд, ки таълимоти ҳакимони масеҳимазҳаби ҳавзаҳои суриягиву мисрӣ, ки қисман дастраси Форобӣ буданд, дар ташаккули тафаккури фалсафии мутафаккир саҳмгузор буда, сарсашмаи афкори фалсафиаш маҳсуб мешаванд.

Мувофиқи навиштаҳои Абиусайбия, ки Саъид Раҳимиён иқтибос мекунад, Форобӣ илми мантиқро дар назди файласуфи маъруфи насронӣ Юҳанно ибни Ҳайлон омӯхтааст. [35, с. 35; 170, с. 124] Форобӣ дар ҳавзаи илмии Бағдод аз ин ҳакими насронӣ асосҳои мантиқро омӯхт ва дар ин замина низоми фалсафии худро бино ниҳод. Ин нуктаро таъкид кардан ба маврид аст, ки пас аз ба расмият даромадани дини насронӣ дар Рум назорат аз болои маводи таълимӣ ҳатмӣ гардид. Аз ҷониби масъулони ин давлат дастур дода шуд, ки масоили илми мантиқро то қиёс омӯхтан мумкин аст ва он чи пас аз он бошад, ба назари онҳо, ба эътиқодоти динӣ зарарнок аст ва аз онҳо сарфи назар бояд кард. Тахмин мешавад, ки таълим гирифтани илми мантиқ то бурҳон аз ҷониби Форобӣ дар назди Юҳанно ибни Ҳайлон ба ин масъала рабт надорад ва маълум мешавад, ки дар замони Форобӣ насроният дар барномаи таълимиаш тағйирот ворид намуда буд ва ба ислоҳи масоили илмӣ пардохта, Муаллими сонӣ аз он барнома истифода намудааст.

Юҳанно ибни Ҳайлон барои маърифати табиати илоҳӣ ва ташхис намудани он аз табиати инсонӣ аз усули тафриқасозии ақлӣ ва истинботи мантиқӣ истифода менамуд. Форобӣ таҳти таъсири Юҳанно ибни Ҳайлони масеҳӣ ба шарҳу баёни мафҳумҳои илмӣ пардохт ва дар ин росто корҳои назаррасе намуд ва истилоҳоти фаровони илмӣ коркард намуд, ки дар рушду нумуи фалсафаву мантиқ мусоидат кард.

Ногуфта намонад, ки яке аз симоҳои асосии илмии асрҳои IX-X Бағдод Юҳанно ибни Ҳайлон аст, ки таълимоти фалсафии юнониро ба ҷаҳони ислом интиқол дод. Ӯ бештари фаъолияти илмии худро ба шарҳу баёни афкори мантиқии Арасту бахшида, ба шогирдонаш фалсафаву мантиқро бо забонҳои

юнонӣ, сурёнӣ ва арабӣ дарс медод. Баъзеҳо гумон доранд, ки Форобӣ илми мантиқро аз ӯ дар ҷавонӣ бо забони арабӣ омӯхтааст. Агар ӯ илми мантиқро бо забони юнонӣ дар назди Юҳанно ибни Ҳайлон омӯхта буд, бебаҳс, аз нозукиҳои забони юнонӣ огоҳии комил касб мекард, ки чунин нест. Ҳарчанд Форобӣ дар масоили маърифати мантиқ аз нодирони замонаш буд, аммо забони юнониро хуб намедонист, ки аз тарҷумаҳои истилоҳоти гуногуни илмии дар «Китоб-ул-ҳуруф» пешниҳоднамудааш маълум мегардад. Усули кории ин мутафаккирон низ аз ҳам фарқ дорад. Зеро Юҳанно ибни Ҳайлон кӯшиш мекард, ки ба омма низ нозукиҳои фалсафаро омӯзонад, ин дар ҳолест ки Форобӣ асрори фалсафаро хоси аҳли ҳикмат медонист. Ба назари ин ҷониб, Гассет дар ин масъала аз Форобӣ пайравӣ мекунад, зеро ӯ дар асари «Фалсафа чист?» изҳори нигаронӣ мекунад, ки «Вақте раванди тафаккури фалсафӣ такрор шудан мегирад ва ба воқеаи муқаррарӣ табдил меёбад, одамон аз як тараф ба муҳокимаи он мепардозанд (зеро маъмулан онҳо ҳама чизро дону нодон муҳокима мекунанд), вазъ тағйир меёбад». [275, с. 246]

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқи «Китоб-ул-ҳуруф»-и Абунасри Форобӣ устоди забони арабӣ дар донишгоҳи Гарвард Муҳсин Маҳдӣ дар ин таҳқиқоти худ қисмати алоҳидаеро ба истифодаи истилоҳоте, ки бо забонҳои суғдӣ, форсӣ ва юнонӣ аз ҷониби Муаллими сонӣ дар матни ин китоб ироа шуда, тахассус додааст. Пас, маълум мегардад, ки доираи манбаъҳои таъсиррасон ба ҷаҳонбинии Форобӣ хеле васеъ буда, дар радифи фалсафаи юнонӣ, яҳудӣ, масеҳӣ ва исломӣ ӯ аз ҳикмати аҷдодии худ-суғдиву форсӣ низ фаровон истифода намудааст.

Фалсафаи асримиёнагӣ нисбат ба фалсафаи атиқа бо дин иртиботи бештар дорад. Ҳатто як қисми назарраси файласуфони масеҳии асримиёнагӣ ходимон ва шахсиятҳои таъсиргузори калисо буданд. Дуруст аст, ки дар олами ислом файласуфон то ин ҳад эътибор надоштанд ва бисёр ҳолатҳое ҳам буда, ки мавриди таҳқиру тавҳини руҳониён қарор мегирифтанд. Аммо ба ҳар навъ, муваффақияти ҳакимони масеҳимазҳаби асримиёнагӣ дар он буд, ки ба дин

сурати фалсафӣ пӯшониданд. Воқеият ин аст, ки тамоми файласуфони асримиёнагии олами масеҳиву яҳудӣ, ки идеалист буданд ва ба дараҷаи соҳибмактабӣ расидаанд, ҳақро Худо медонистанд ва Худоро асоси ҳастӣ меҳисобиданд, ки дар таълимоти Форобиву Ибни Сино низ ин ҳолат мушоҳида шуда, аз таъсирпазирии онҳо аз ин манобеъ гувоҳӣ медиҳад.

Дар даврони Ибни Сино низ яке аз муҳимтарин василаи интишори донишҳои фалсафӣ марказҳои тарҷумонӣ маҳсуб мешуданд, ки маъруфтаринҳояшон дар шаҳрҳои Ҳаррон, Нисибин, Антокиё ва ғайра ҷой доштанд. Дар ин марказҳо ҳакимони масеҳӣ аз забонҳои гуногун, махсусан юнонӣ осори мухталифи мантиқӣ, фалсафӣ, тиббӣ ва ғайраро ба забонҳои сурёниву арабӣ тарҷума мекарданд, ки тавассути онҳо донишмандони мусулмон низ бо илму маънавиёти ғарбӣ ошноӣ пайдо кардаанду аз маънавиёти ин мутарҷимони масеҳӣ ғизои маънавӣ касб намудаанд ва Ибни Сино низ наметавонад истисно бошад.

Ҳамчунин таъсири тарҷумонҳо ва шореҳони масеҳӣ дар муҳити илмии Бухоро, Нишопур, Рай, Исфаҳон ва дигар шаҳрҳое, ки Ибни Сино дар онҳо сукунат ихтиёр намуда буд ва ба фаъолияти илмӣ машғул мегардид, дар он давра хеле муассир буд. Махсусан, фазои фарҳангиву илмие, ки Сомониён ба вуҷуд оварда буданд ва Ибни Сино дастпарвари ин муҳит мебошад, шиддати таассубу хурофоти диниро хеле паст карда буд ва майдони амалро барои донишмандони ғайримусулмон низ фарох нигоҳ медошт, ки дар зерфасли аввал ин масъаларо муфассалтар баён карда будем. Устодони Ибни Сино, ба мисли Исмоили Зоҳид-устоди фиқҳ, Маҳмуди Сайёҳ-устоди ҳисобу ҳандаса, Абуабди Нотилӣ-устоди мантиқу фалсафа, Абумансур Ҳасан ибни Нуҳ ва Абусаҳл Исо ибни Яҳё ибни Масеҳои Гургонӣ-устодони тиб низ аксар аз таассуби динӣ орӣ буданд ва тарзи муносибати онҳо бозгӯкунандаи муҳити илмиву фарҳангии замонашон мебошад ва дар ташаккули шахсияти илмии Шайхурраис нақши калидӣ доранд.

Ҳарчанд Ибни Сино баъзан ақоиди масеҳиёнро мазаммат мекунад: «бидон, ки сусттарин раъйе дар кори маъод раъйи насоро аст», [9, с. 714] аммо ҷанбаҳои гуногуни таълимоташ бозгӯкунандаи он аст, ки ӯ таҳти таъсири донишмандони масеҳӣ низ қарор гирифтааст ва осори онҳо чун манбаи ташаккули афкори фалсафиаш баромад мекунанд. Масалан, дар масъалаи илми нафс (равоншиносӣ) китоби «Дар бораи нафс»-и Арасту яке аз муҳимтарин маъхазҳоест, ки Форобӣ ва Ибни Сино дар ин масъала ба он такя намудаанд ва ба он борҳо ҳамчун сарчашмаи муътамад ишора намудаанд. Ин китобро Исҳоқ Ибни Ҳунайни масеҳӣ ба арабӣ тарҷума намуда буд, ки дар ҷаҳони ислом маъруфияти зиёд дошт ва масоили гуногуни марбут ба нафс миёни насорову муслимин дар он муштарак матраҳ мегардад. Дар масъалаи роҳату уқубати он дунё руҳонӣ аст ё ҷисмонӣ, Ибни Сино аз сарчашмаҳои гуногуне ёд мекунад ва ақоиди насороро махсус зикр мекунад, ки бо орои ӯ дар ин масъала мувофиқ аст. Мутафаккир таъкид мекунад, ки «Ва гурӯҳи дигар мегӯянд, ки роҳату уқубат (дар охират –А.Б.) ҷуз руҳонӣ нест. Ва тарсоён ҷумла бар инанд». [9, с. 704]

Ҳамин тариқ, мушаххас аст, ки манбаъҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино гуногун бошанд ҳам, дар ин миён фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния ва анъанаҳои мазҳабии яҳудия, масеҳият ва ислом ҷойгоҳи хос доранд ва метавон ба таври зер чунин натиҷагирӣ намуд:

-метафизика ва таълимоти сиёсии ҳар ду мутафаккир таҳти таъсири назарияи идеяҳои Афлотун шакл гирифтааст;

-бунёди методологии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси мантиқу фалсафаи Арасту шакл гирифта, он ба фалсафаи ин ду мутафаккир шакли мантиқӣ ва низом бахшид;

-дар заминаи таълимоти навафлотуния ҳар ду мутафаккир ба мутобиқ намудани фалсафаву дин иқдом намуданд ва Форобӣ консепсияи «файз» ва Ибни Сино марҳилаҳои вуҷудро коркард намуданд;

-ҳарчанд омилҳои яҳудия мустақиман ба мутафаккирони мо мушоҳида нашавад ҳам, унсурҳои гуногуни назарияи офариниш, тавҳид, ваҳй, нубувват, муҳокимаҳои метафизикии донишмандони яҳудӣ ва ғайра бо роҳҳои мухталиф, махсусан тавассути тарҷума ва муҳити фарҳангӣ ба онҳо таъсир гузоштааст;

-масеҳият дар афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино тавассути тарҷумаҳои осори юнонӣ, асосан дар масоили муносибати ақлу имон, маърифати Худо ва ӯро асоси ҳастӣ ҳисобидан, мувофиқати фалсафаву дин, таъсир расонидааст.

Инчунин, муҳити орӣ аз таассубу хурофоте, ки дар замони фаъолияти Форобиву Ибни Сино ҳокимон фароҳам оварда буданд, сабаб гардид, ки афкори ҳакимони намояндагони динҳои гуногун чун сарчашмаи андешаҳои фалсафии мутафаккирони мо баромад намоянд.

1.3 Таъсири омили исломӣ дар ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино

Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули ҷаҳонбинии Форобиву Ибни Сино, ки дар давраи инкишофи тамаддуни исломӣ ҷойгоҳи хос доштаанд, таълимоти ислом ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таъсири омили исломӣ дар ташаккули афкори фалсафии Форобиву Ибни Сино, махсусан дар масъалаҳои ҳастӣ, маърифат, нафс, ахлоқ, саодат, ваҳй, ақл ва ғайра хеле назаррас аст.

Дар даврае, ки Форобиву Ибни Сино зиндагӣ ва кору пайкор намудаанд, ислом бо фарҳангҳои мисрӣ, сурёнӣ, бобилӣ, ҳиндӣ, эронӣ ва ғайра омезиш ёфта, моҳиятан тағйир ёфта буд ва донишмандони мусулмон бо фарҳангу маънавиёти тамаддунҳои атиқа, махсусан фалсафаи онҳо ошно гардида, ҷанбаҳои гуногуни эътиқодиашонро бо ин арзишҳо муқоиса мекарданд, ки боиси ташаккули фалсафаи шарқӣ гардид ва чун идеологияи ҳукмрон ба ҷаҳонбинии мардум таъсири ҷиддӣ гузошт.

Ин таъсир ба андозае ҷиддӣ буд, ки дар ҳадафи ҳаёт, фикрронӣ ва бештари масъалагузориҳои ин насл мушоҳида мешавад. Ин омилҳо боис гардид, ки ислом ба фалсафа на танҳо ҳамчун илм, балки чун воситаи такомули арзишҳои маънавӣ, ки ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва дарёфти саодати воқеиро тақозо мекунад, таваҷҷуҳ кунад.

Муҳимтарин омилҳои таъсиргузор дар ташаккули фалсафаи Форобиву Ибни Сино сарчашмаҳои асосии ислом-Қуръону суннат, фиқҳ, калом ва ирфон ба ҳисоб мераванд. Дар саросари осори онҳо таъсири ин сарчашмаҳо ба мушоҳида мерасад. Махсусан, дар масъалаҳои офариниш, исботи Воҷиб-ул-вуҷуд, камолоти инсон ва иртиботи ӯ бо Офаридгор, инсон ҳамчун мавҷуди оқил ва масъулиятпазир, ҷойгоҳи ахлоқ дар ташаккули моҳияти инсон, зарурати тарбият, нақши сарвар (пайғамбар) дар роҳнамоии ҷомеа, тавассути равиши ақлонӣ баррасӣ намудани масъалаҳои асосии динӣ, иртиботи аҳлоқу ҳуқуқ ва зарурати мавҷудияти қонун дар ҷомеа ва амсоли инҳо ин таъсир равшан эҳсос мешавад, ки дар ташаккули афкори фалсафии онҳо нақши калидӣ гузоштааст.

Форобӣ моҳияти ваҳйу фалсафаро дар якҷоягӣ ба хотири дарёфти ҳақиқат медонист. Ба назари ӯ, фарқ миёни ваҳйу фалсафа дар шеваи фаъолияташон аст. Яъне агар ваҳй ҳақиқатро тавассути рамзу роз ва тамсил баён кунад, фалсафа барои дарёфти ин мафҳум ба бурҳон рӯ меорад. Форобӣ таъкид мекунад, ки «файласуф ҳақиқатро тавассути ақли мустафод, аммо набӣ ба василаи тахаййули қавӣ ҳосил мекунанд». [37, с. 21]

Таъсири омилҳои исломӣ дар таълимоти Форобӣ якҷониба нест, зеро ӯ аз поягузорони фалсафаи шарқист. Маҳз пас аз Форобӣ масоили ҳастишиносиву маърифатшиносӣ дар пояи баҳсҳои фалсафӣ матраҳ гардиданд. Ӯ дар заминаи иҷтиҳоди динӣ ба иҷтиҳоди фалсафӣ камар баст ва дар миёни аҳли маънии замонаш ба пояе расид, ки ҳукми ӯ дар мавриди илми калом, илми фиқҳ ва амсоли онҳо хеле муассир буд. Аз ин рӯ, муҳити

динии замони ӯ муҳимтарин манбаи таъсиррасон дар ташаккули тафаккури фалсафии ӯ маҳсуб мешавад. Махсусан, дар фалсафаи амалии Форобӣ таъсири ислом ниҳоят назаррас аст. Ӯ истилоҳоти қуръоние, ба мисли раҳм, адолат, тақво, ахлоқи ҳамида, нафси аммораву лаввомаву мутмаина ва амсоли инҳоро фаровон истифода мекунад. Мутафаккир ба мисли таълимоти Қуръон ҳадафи ниҳоии инсонро дарёфти камол ва саодати ухравӣ меҳисобад.

Форобӣ дар муҳите зиндагӣ ва эҷод намудааст, ки ақоиди динӣ мафкураи ҳукмрони даврро ташкил менамуд. Барои ҳамин ҳам, дар таълимоти фалсафии ӯ нақши дин ниҳоят зиёд аст. Масалан, Форобӣ рисолаи «Дар дониши илоҳиёт»-ашро бо ин чумла оғоз мекунад: «Лозим аст, ки аз ақл ва аз мабдаи аввал, ки қиёс бар вуҷуди ӯ далолат мекунад, баҳс кунем ва низ дар ин ки рабубияти ҳақиқӣ аз они ӯст». [35, с. 143] Муаллими сонӣ ба алоқамандони ҳикмат тавсия медиҳад, ки «Касе, ки ба таҳсили ҳикмат мепардозад, бояд... улуми шаръ ва Қуръон... омӯхта бошад... вазоифи шаръиро анҷом диҳад, ҳеҷ як аз одобу аркони шариъатро тарк нагӯяд». [33, с. 29] Ӯ комилан пойбанди назарияи офариниш буд. Мувофиқи таълимоти ӯ: «Ҳамаи мавҷудот аз зоти Ҳақ мутаъол содир шудаанд ва муқтазои зоти ӯянд, бинобар ин бо ӯ носозгор нестанд». [35, с. 167] Форобӣ зиёд кӯшидааст, миёни дину фалсафа созиш диҳад, вале ҳамчун файласуфи асил, ки барои ӯ ҳақиқат аз ҳама чизҳо арзишмандтар аст, фарқиятҳои байни дину фалсафаро нишон додааст. Ба қавли ӯ, «Фалсафа вусул ба ҳақиқат аз роҳи назар ба бурҳон аст ва дин вусул ба ҳақиқат аз роҳи тамсил ва рамз». [33, с. 2] Ӯ тафовути бунёдии илму динро дар ин иқтибос нишон медиҳад. Яъне илм ба далел такя мекунад, аммо дин ба ривоёти пуррамзу роз. Ин назарияи Форобӣ дар ташаккули идеяи таҳаммулпазирии динӣ, ки дар илми диншиносӣ мавқеи намоён дорад, таъсиргузор аст.

Дар замони фаъолияти Форобӣ илми калом ташаккул ёфта буд ва мутакаллимон аз фалсафа ҳамчун василаи муътамаду муассир ба хотири

дифоъ аз дин истифода мекарданд. Дар ин шароит Форобӣ кӯшиш ба харҷ дод, то андешаҳои бузургтарин файласуфонро мувофиқи ҳам нишон диҳад ва кӯшид миёни дину фалсафа ҳам масоили муштаракро мушаххас созад, ки дар асарҳои «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким», «Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабир», «Бовариҳои қалбӣ», «Исботи мавҷудоти муҷаррад», «Фаслбандии китоби андешаҳои аҳли ормоншаҳр», «Ниёиши бузург», «Таҳсил-ус-саодат» ва «Эҳсо-ул-улум» мушоҳида мешавад. [35]

Албатта, ин ба он маъно нест, ки Форобӣ миёни дину фалсафа ҳеҷ фарқе қоил набошад. Форобӣ ба хилофи Киндӣ, ки фалсафаву динро ду тарзи махсуси баён меҳисобид, фалсафаву динро аз дидгоҳи муштарак таҳлил намуд. Ӯ ба хулосае омад, ки фалсафаву дин ду симои гуногуни як амранд. Фалсафа тавассути қонуниятҳо, аҳком, қоидаҳо ва бурҳон ҳадафашро ироа мекунад, аммо дин сурати хитобии ин мафҳумҳост. Форобӣ фалсафаро аз дин муқаддамтар меҳисобад ва таъкид мекунад, ки ин тақаддуми шарафӣ нест, балки тақаддуми замонист. Яъне Форобӣ ба ин бовар аст, ки набӣ агар ба забони бурҳон бо мардум сухан кунад, омма чизе намефаҳманд, аз ин рӯ, ӯ бо забони хитоба ҳақиқатҳои бурҳониро баён мекунад, вагарна набӣ ҳам файласуф аст. [212, с. 73]

Таҳти таъсири таълимоти Қуръон, ки Худо мазҳари ақл аст ва ҷаҳонро идора менамояд, Форобӣ сарвари мадинаи фозиларо файласуфе қаламдод мекунад, ки корҳои идориро назму тартиб мебахшад. Аз ин мебарояд, ки ӯ фалсафаро аз сиёсат муҳимтар меҳисобад. Фалсафа дар мадинаи фозилаи ӯ сурати аслии ин низом аст. Дар мадинаи фозила фалсафа ифодакунандаи нисбат миёни ҷузъҳову сокинони он ва нисбати он бо табиату ҷамъияту мабдаи олам аст. Ҳамзамон фалсафа дар мадинаи фозила асоси афкори иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, ки дар симои раиси файласуф инъикос меёбад.

Раисе, ки файласуф аст, аз ҷиҳати мартаба ва мақом дар ҷомеа аз

ҳама болотар аст. Ӯ корфармои мутлақ аст, ба амри касе итоат намекунад, баръакс ҳама ба амри ӯ бояд итоат кунанд. Раиси ҷомеаи фозила фақат соҳибирода нест, балки фитран дорои чунин мақому мартаба аст. [37, с. 26] Ӯ хоҳ раъияте дорад ё надорад, касе ӯро эҳтиром кунад, ё накунад, дар ҳар маврид шоҳ аст. [37, с. 98] Ин назариёти Форобӣ аз фарҳанги сиёсии замонаш сарчашма мегирад, ки муассиртарин омили ба он таъсиргузор таълимоти исломӣ мебошад.

Ҳамчунин Форобӣ қайд мекунад, ки дар сурати набудани файласуфи комил, ки раёсати мадинаи фозиларо ба уҳда гирад, раиси дигаре баргузида мешавад, ки мақоми ташреъ надорад. Ин ба мисли халифаҳои пайғамбари исломанд, ки дар умури сиёсӣ ва таълими мазмуни ваҳйу иршод ҷойнишинини пайғамбаранд, аммо дар масоили шаръӣ ва нубуват чизе надоранд. Аммо ин раисе, ки ҷойнишини раиси файласуф бошад, бояд дар ривоҷи шариат ва қонунҳо саҳмгузорӣ кунад.

Форобӣ масоили усулии динро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои нозуку дастнораси фиқҳу каломро низ равшан намудаат. Ба масоили илми фиқҳ низ ӯ бо диди куллӣ таваҷҷуҳ намуда, онро донише меҳисобад, ки инсон тавассути он аҳкоми саҳеҳро, ки бо ақидаҳои шореъ мувофиқ аст, ба даст меорад. Он ба василаи саноати фиқҳ, ки маърифати аҳкоми шаръӣ ва усули дин тавассути қавонини хос аст, имконпазир аст. Саноати фиқҳро донише меҳисобад, ки инсон ба воситаи он метавонад ҳудуди чизҳоеро, ки паёмбар мушаххас накарда, бо муқоиса ба он чизҳое, ки ҳудуди онҳо ошкоро дар шариат баён шуда, мушаххас намояд. Форобӣ аҳкоми шаръӣ ва усули динро чун нишондиҳандаҳои меъёри ахлоқ баррасӣ намуда, фаъолияти паёмбарону ҳакимонро дар ошкор намудани ҳудуд ва моҳияти онҳо муштарак меҳисобад. Мутафаккир илми фиқҳро ба ду бахш: ақоид ва афъол ҷудо менамояд. Ба андешаи ӯ, он ақидаҳое, ки Худо ва сифоташро ба мардум мешиносонад, ақоид аст ва он корҳое, ки ба

рафтори мардум ва муносибатҳои мадании онҳо вобаста аст, афъол мебошад.

Дар масоили калом низ Форобӣ дар таснифоти илмаш, ки дар «Эҳсо-ул-улум» матраҳ мегардад, изҳори назар намудааст. Ӯ ба ин назар аст, ки «Саноати калом малакаӣ аст, ки инсон ба мадади он метавонад аз роҳи гуфтор, ба ёрии ороъ ва афъоли маҳдуд ва муайяне, ки возеи шариат онҳоро сареҳан баён кардааст, бипардозад ва ҳар чиро мухолифи он аст, ботил намояд» [34, с. 138-139]. Саноати калом малакаӣ гуфтани Форобӣ ифодакунандаи он аст, ки ӯ дар таснифи илмҳо каломро дар радифи илмҳои амалӣ қарор додааст. Ҳадафи аслии мутакаллим, ба назари Форобӣ, бо дарёфти ақидаи яқинӣ маҳдуд намегардад, балки ӯ эҷодкорона бо истифода аз мантиқ, ҷадал ва ақоиди динӣ мекӯшад ба дурустии назараш, ки дар амал татбиқ мешавад, бовар ҳосил намояд. Ин назари Форобӣ аз ақоиди мутакаллимоне, ки дари иҷтиҳодро баста меҳисобанд, фарқ намуда, донишпажуҳро ба омӯзишу таҳқиқ ва навоварӣ таҳрик медиҳад. Дар «Шарҳи Фусус-ул-ҳикам» низ, ки мансуб ба Форобӣ аст ва Муҳаммадтақии Астарободӣ онро ба чоп омода намуда, дар гуфтори дувуми он, ки таҳти унвони «Дар ҷудоии фалсафа аз калом ва наҳви баҳси ҳар як» ном дорад, ин назари Форобӣ муфассалтар баён шудааст. [178, с. 8]

Форобӣ илми каломро низ ба мисли илми фиқҳ ба ду бахш: ороъ ва афъол ҷудо мекунад, аммо миёни фақеҳу мутакаллим фарқ мегузорад. Фақеҳ, мувофиқи нишондоди ӯ, касест, ки бо ороъ ва афъоле, ки шореъ равшан баён кардааст сарукор дорад ва дар асоси онҳо дигар аҳкоми лозимаро истинбот (дедуксия) мекунад. Аммо мутакаллим аз эътиқодоте ҷонибдорӣ намуда, афкори бо усул мухолифро рад мекунад. Яъне, мавқеи мутакаллимро хеле маҳдуд нишон медиҳад, зеро мутакаллим метавонад аз шариат ҷонибдорӣ кунад ва фақеҳ қодир аст ба истинботи усулу фуруъ

бипардозад.

Форобӣ яке аз бунёдгузорони машшоияи шарқист ва дар ташаккули фалсафаи ҷаҳони ислом таъсири зиёд гузоштааст. Дар сарчашмаҳои зиёде аз Форобӣ бо лақаби ифтихории «Муаллими сонӣ» ёд мешавад, ки муҳаққиқон дар тафсири он андешаҳои гуногун ироа намудаанд. Масалан, Алиасғари Ҳалабӣ аз китоби «Кашф-уз-зуннун ан асоми-ил-кутуб ва-л-фунун»-и Мустафо Абдуллоҳ, машҳур ба Ҳоҷӣ Халифа (Ин китоб ҳамчун тазкира муаррификунандаи қариб 15000 китобу рисолаҳо бо забони форсӣ, арабӣ ва туркист, инчунин дар бораи қариб 9500 муаллиф ва 300 навъи донишу фанну санъат маълумот медиҳад) иқтибос оварда, сабаби ба «Муаллими сонӣ» мулаққаб шудани Форобиро ба таври зайл нишон додааст: «Мутарҷимони Маъмун (халифаи Аббосӣ, писари Ҳорун, солҳои хилофаташ 813-833 –А.Б.) аз китобҳои юнонӣ тарҷумаҳои махлуте анҷом дода буданд, ки яке ба дигаре мувофиқат надошт ва ин тарҷумаҳо ҳамчунон бидуни таҳриру шарҳ ва пероиш боқӣ монда буд, балки наздик буд, ки аз миён биравад, то ин ки ҳаким Форобӣ ба вуҷуд омад. Он гоҳ подшоҳи замони ӯ, яъне Мансур ибни Нӯҳ Ас-Сомӣ аз ӯ хост, ки ин тарҷумаҳоро гирд оварад ва аз миёни онҳо тарҷумаи мулаххас ва музаҳҳаб ва перостае, ки мутобиқи ҳикмат бошад, бипардозад. Форобӣ ин даъватро пазируфт ва чунон ки ӯ хоста буд, кард ва китоби хешро «Муаллими сонӣ» ном ниҳод ва аз ин рӯ, ӯро «Муаллими сонӣ» лақаб доданд». [277, с. 134]

Дар ин масъала Ҳоҷӣ Халифа аслан ба фаъолияти ҷамъоварӣ ва мураттаб намудани осори ҳакимони юнонӣ, ки аз ҷониби Форобӣ сурат гирифтааст, таваҷҷуҳ намуда, дар ин бобат баҳои дурусту воқеӣ додааст. Аммо дар мавриди замони фаъолияти Мансур ибни Нуҳ Ас-Сомӣ бетаваҷҷуҳӣ зоҳир намудааст. [285, с. 562] Зеро дар давраи ҳоким будани ин амири Сомонӣ Форобӣ дигар дар қайди ҳаёт набуд. Шояд бо таклифи

ҳокимони дигари Сомонӣ Форобӣ ин корро ба анҷом расонида, лақаби ифтихории Муаллими сониро соҳиб шуда бошад.

Айнан бо ҳамин мазмун муҳаққиқи эронӣ Исҳоқ Ҳусайнии Кӯҳсорӣ дар асари «Таърихи фалсафаи исломӣ»-аш ривояте оварда, таҳти таъсири Форобӣ қарор гирифтани Ибни Синоро низ таъкид мекунад ва чунин илова намудааст, ки «Ин китоб... ба дасти Абуалӣ Сино расид ва ӯ китоби «Шифо»-ро аз хулосаи он нигошт». [147, с. 45]

Дуктур Осифа Осифӣ, Комил Маҷдӣ ва П. С. Таранов бошанд ба ин масъала диди дигар доранд ва ин лақаби Форобиро дар заминаи пайравиаш ба Муаллими аввал ва шаҳомати илмиаш нисбат медиҳанд. Онҳо ба ин назаранд, ки «ба хотири дониши фароху шабоҳаташ ба Арасту донишмандони мусулмон ба Форобӣ «Муаллими сонӣ» лақаб додаанд». [199, с. 203; 154, с. 75; 251, с. 524] Дар китоби «Табақот-ул-умам»-и Қозӣ Соиди Андалусӣ низ дар ин маврид ишораҳое ҳаст, ки бо андешаҳои боло мувофиқат дорад: «Форобӣ бар ҳамаи ҳукамо ғалаба кард ва фалсафаи Арастуро чунон талхис ва таҳзиб намуд, ки ҳамаи уламо ба фазилати ӯ муътариф шуданд ва ағлоти (ғалатҳо. –А.Б.) Киндӣ (800-879) ва мутарҷимини дигар возеҳ шуд. Чун Абунаср китоби Арастуро талхис кард ва ҳудуди улумро аз якдигар имтиёз дод, аз ин ҷиҳат ӯро «Муаллими сонӣ» лақаб доданд». [242]

Аз ин иқтибосҳо бармеояд, ки Форобӣ бо истифода аз муҳити илмиву адабии ҷаҳони ислом чун ҳакими навовар нашъу нуму карда, дар ташаккули фалсафа, махсусан мактаби машшоияи шарқӣ, хидматҳои зиёде намудааст ва лақаби ифтихории мутафаккир бозгӯкунандаи ҷойгоҳи илмии ӯ дар миёни донишмандони мусулмон аст. Пеш аз ҳама, ин иқтибосҳо мавқеи таърихии Форобиро нишон дода, ӯро чун яке аз поягузорони машшоияи шарқӣ муаррифӣ мекунанд ва баёни ҳоланд, ки бе таълимоти фалсафии ӯ ин мактаби фикрӣ дар пояи мавҷудааш рушд

карда наметавонист.

Форобиро муҳаққиқони зиёде муассиси фалсафа дар ҷаҳони ислом ҳисобидаанд. [253, с. 27] Ба мафҳуми «муассиси фалсафа» дар китобҳои фалсафӣ тафсирҳои гуногун ҷой доранд. Баъзе ба ин назаранд, ки Форобӣ ба афкори ҳакимони юнонӣ иловаҳо дорад ва бо диди тоза бархе масоилро баррасӣ намудааст, аз ин рӯ, ӯро муассиси фалсафа меҳисобанд. Агар чунин бошад, ҳамон андешае, ки ӯ шореҳи ҳикмати юнонист, ба қавли муҳаққиқони араб Ҳанно Ал-Фохурӣ ва Халил Ҷар: «Форобӣ яке аз шореҳони осори Арастуст» [280, с. 397] дуруст мешавад. Вале касе то даме надонад, ки мавзуи фалсафа чист ва осори ҳакимеро таҳқиқ накарда бошад, пиромуни мақому манзалати файласуфе ҳукм намуданаш дуруст нест. Пас, моҳияти «муассиси фалсафаи исломӣ» будани Форобӣ дар он аст, ки ӯ усулан дар мабоҳиси фалсафӣ навовар аст. Форобӣ тавонистааст тавассути дониши фарогир пояҳои ҳастишиносии фалсафаи шарқиро бар меҳвари вуҷуду моҳият, имкону зарурат, ақлу нафс, физикаву метафизика ва амсоли инҳо тавре тарҳрезӣ намояд, ки аз усули фалсафаи юнонӣ тафовут дорад.

Форобӣ дар даврае умр ба сар бурдааст, ки макотиби маъруфи фалсафие, ба мисли калому тасаввуф ба авҷи баланди инкишоф расида буданд. Ба таъкиди муҳаққиқи тоҷик Абдулвоҳид Шамолов: «Замони шукуфоӣ ва рушди мактаби муътазила ба замони қудрати хулафои Аббосӣ... рост меояд». [291, с. 84] Аммо машшоия дар оғози шаклгирӣ қарор дошт. Форобӣ дар заминаи таълимоти гуногуне, ки дар миёни онҳо ислом ҷойгоҳи хос дорад, ба ташаккулу муназзамияти усулии ин мактаби фалсафӣ умқ, дақиқӣ ва ҳамоҳангӣ бахшида, онро дар таърихи фалсафа чун маъруфтарин мактаби ақлгароёна муаррифӣ намуд. То имрӯз ҳеҷ мактаби фалсафие дар ҷаҳони ислом ба андозаи машшоияи шарқӣ ба масоили ақлгароӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ накардааст. Баъди Форобӣ

файласуфони неруманде, амсоли Ибни Сино, Баҳманёр ибни Марзбон, Насириддини Тӯсӣ, Ибни Боҷа, Мир Домод ва дигарон дар такмили ин мактаб корҳои мондагоре анҷом доданд.

Аз таҳлили осори Форобиву Ибни Сино бармеояд, ки онҳо дар муҳити тамаддуни исломӣ зиндагӣ намудаанд ва дар ташаккули донишу ҷаҳонбиниашон таъсири ин фарҳанг нисбатан назаррастар ва таъсири таълимоти ислом аз ҳама бештар аст. Қариб дар тамоми осори калонҳаҷми онҳо масоили ақидавие, ки дар заминаи ваҳйи илоҳӣ ва ваҳдонияти Офаридгор шакл гирифта аст, матраҳ мегардад. Дар баҳсҳои Воҷиб-ул-вуҷуд, қадим ё ҳодис будани олам, ҷовидона будани нафси нотиқа, тавҳид ва ғайра таъсири фарҳангу маънавиёти исломӣ дар таълимоти Ибни Сино равшан мушоҳида мегардад ва дар мавзеъҳои гуногуне мутафаккир ба ин масъала таъкид мекунад, аммо ба масоили динӣ аз дидгоҳи фалсафӣ таваҷҷуҳ мекунад. Масалан, Ибни Сино истилоҳоти динӣ, ба мисли «Арш», «Курсӣ», «Лавҳ», «Қалам» ва ғайраро низ бо усули фалсафӣ ташреҳ медиҳад. Ибни Сино фалаки аввалро «Арш», фалаки дуюмро «Курсӣ» меномад. Ӯ «Лавҳ»-ро ҷисми басити сатҳдор намедонад, балки онро маҷмуи фариштагони нуҳгона меҳисобад. Ё мутафаккир «Қалам»-ро як олати ҷомид намеҳисобад, балки таҳти ин унвон маҷмуи ақлҳои даҳгонаро, ки дар баҳсҳои каломӣ малоики муқарраб меноманд, тасаввур мекунад. Ба ҳар навъ, таъсири калом дар таълимоти мутафаккир хеле назаррас аст. Дар партави фалсафаи калом шакл гирифтани фалсафаи Ибни Синоро академик Диноршоев низ таъкид карда буд: «Фалсафаи Ибни Сино дар робита ба калом-фалсафаи мадрасии ислом ташаккул ёфтааст». [116, с. 346]

Ибни Сино асари алоҳидае ҳам бо номи «Тафсири Қуръон» дорад, ки аз тафсирҳои мутакаллимон фарқ мекунад. Масалан, ӯ ин ибораи қуръонии «масалу нуриҳи камишкотин фиҳо-л-мисбоҳ» [161, 24; 35] -ро чунин шарҳ медиҳад, ки «Достони нури вай дар қалби мусулмонон ин аст,

ки монанди тоқест, ки дар он чароғ аст, он чароғ дар шишаест, яъне дар қандил аст». [10, с. 690] Ибни Сино «қандил»-ро дили паёмбари ислом, ки аз ҳар гуна олудагиҳо ва шакку шубҳа пок аст, [10, с. 690] тафсир мекунад, ки ифодакунандаи имону боварии ӯ ба таълимоти исломӣ ва таъсири амиқи ин таълимот дар ҷаҳонбинии ӯст. Албатта, Сино ҳарчанд ба масоили усулии ақоидӣ ба зоҳир аз диди шаръӣ муносибат намояд ҳам, набояд нодида гирифт, ки ӯ ба ин масъалаҳо ақлгароёна бархӯрд мекунад ва маҳдуд ба ҷаҳонбинии динӣ намешавад.

Дар масъалаи ахлоқ низ Ибни Сино асосан дар руҳияи анъанаҳои исломӣ ва масоили ирфониву каломӣ ибрози назар мекунад ва аз ин ҷаҳонбинӣ ҳамчун меъёри арзишҳои ахлоқӣ истифода мекунад. Сарчашмаи ахлоқро мутафаккир Худо меҳисобад ва дар маркази фазоили ахлоқӣ мафҳуми «саодат»-ро қарор медиҳад. Шохаҳои фазоили ахлоқиро мутафаккир саховат, қаноат, сабр, карам, ҳалимӣ, покдоманӣ, бахшандагӣ, олиҳиммат̄ӣ, пинҳон доштани сир, ҳикмат, хушбаёнӣ, фаросат, бикрандешӣ, дурандешӣ, ростгӯйӣ, вафодорӣ, дӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳаё, бузургҳиммат̄ӣ, накӯаҳдӣ ва фурӯтанӣ [10, с. 644] меҳисобад, ки ҳар кадоме василаи расидан ба саодати дунявию ухравист. Саодати дунявӣ дарёфти фазоили ахлоқӣ ва саодати ухравӣ васл бо Худост. Саодати воқеӣ дарёфти ризои Ҳақ мебошад, ки мафҳуми руҳонист. [9, с. 717]

Ҳамзамон мутафаккир лафзи муфради куллиро, ки як маъно дорад, ба ду қисм – куллии мутавотӣ ва мушаккак ҷудо мекунад: «аввал, куллии мутавотӣ: ҳар гоҳ мафҳуми куллӣ ба наҳви мусовӣ ва яксон бар афрод ҳамл шавад, онро «куллии мутавотӣ» гӯянд, (калимаи мутавотӣ аз тавотуи арабӣ ба маънои тавофуқ аст, яъне тамоми афрод дар доштани маънои куллӣ яксон ва мутавофиқанд.–А.Б.), монанди маънои кӯдак ё инсон, ки тамоми афроди кӯдак ё инсон дар ин ду маънӣ бо ҳам мусовӣ ҳастанд. Дувум, куллии мушаккак: ҳар гоҳ мафҳуми куллӣ ба таври яксон

бар афрод ҳамл нашавад, балки сидқи он маънӣ бар афрод ба тафовут бошад, куллии мушаккак аст, монанди маънои сафедӣ, ки бар сафедии барф ва сафедии коғаз ва сафедии девор ба тафовут гуфта мешавад. Чунин мафҳуме вақте ба зеҳн ояд, шахсро ба шак ва тардид во медорад, ки оё ин мафҳум ба тафовут бар афрод гуфта мешавад ва муштарак лафзест ё ба воситаи ин ки тамоми афрод дар бардоштани асли маънӣ бо ҳам шариканд, куллии мутавотӣ аст? Ба ин ҷиҳат, донишмандони мантиқ онро куллии мушаккак номидаанд». [165, с. 210-211] Ин таснифи Ибни Сино низ дар заминаи балоғати қуръонӣ шакл гирифтааст.

Ҳарчанд муҳимтарин сарчашмаи ташаккули афкори фалсафии Ибни Сино шариати ислом аст, аммо таълимоти ӯ дар ҳамаи масоили эътиқодӣ бо исломи расмӣ созгор нест. Масалан, ӯ ба охират ва маод имон дорад, аммо маоди ҷисмониро қабул надорад. Мувофиқи навиштаи ӯ: «маод ҷуз нафсро набошад» [9, с. 727] ё дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки «Бидон, ки дуртарин мазҳабе аз савоб он аст, ки гӯянд «Маод ҷуз баданро нест»». [9, с. 710]

Дар асари «Азҳавия» Ибни Сино масъалаи маод ва аҳкоми марбут ба онро муфассал баррасӣ мекунад. Назариёту таълимоти гуногуни диниеро, ки дар ин масъала баён шудаанд, таҳлил намуда, ихтилофу ҳамоҳангии раъйҳои онҳоро нишон медиҳад. Ҳамзамон намунаи раъйи намояндагони баъзе мазҳабҳое, ба мисли аҳли таносух, насоро ва ғайраро, ки дар ин росто баёни андеша намудаанд, муфассал таҳлил намуда, нодурустии онҳоро бо овардани далелҳои фалсафӣ исбот менамояд. Аз тарзи баёни мутафаккир мушаххас намудан душвор нест, ки ӯ масоили фалсафиро дар алоқамандӣ бо таълимоти исломӣ матраҳ мекунад ва натоиҷи баҳсро низ дар заминаи меъёр қарор додани аҳкоми шаръӣ эълон мекунад. Ба қавли ӯ: «Аммо он чи тааллуқ ба шаръ дорад, қоидаи куллӣ бибояд донистан ва ҷумла бар он қиёс кардан» [9, с. 706] ва «шариате, ки

ба забони Мустафо алайҳиссалом омадааст, гузинтарин ва фозилтарин шаръ аст». [9, с. 714]

Ҳамаи осори фалсафии Ибни Сино ифодакунандаи он аст, ки яке аз муҳимтарин обишхӯри ҷаҳонбинии ӯ таълимоти ислом аст. Масалан, Ибни Сино дар илоҳиёти «Шифо», ки ба ҳайси поённомаи тамоми донишҳои илмиву фалсафии мутафаккир баромад мекунад, баҳсро бо исботи ягонагии Худо оғоз мекунад [19, с. 23] ва мароҳили худшиносии инсонро баррасӣ намуда, зинаи олии онро худошиносӣ меномад ва ба хулосае меояд, ки дар моварои ҳадди дониши башарӣ оламе ҳаст, ки тавассути илҳому ваҳй метавон ба он роҳ ёфт. [19, с. 432-439]

Муҳтавои илоҳиёти «Шифо»-ро метавон ба таври муҷаз алоқамандии дину фалсафа унвон кард. Ба назари мутафаккир, ҳастӣ мадюни иллати аввал (Худо) аст, ки вуҷудаш ҳатмист ва зоти он айни моҳияташ аст. Вуҷуд (будан) ва моҳият (чи будан) аз ҳам фарқ доранд ва асли вуҷуд Худост. Вуҷуди Худо аз худаш аст ва аз чизи дигар вобаста нест. Ӯ ягона, тақсимнопазир, абадӣ ва иллати аввал аст. Тамоми мавҷудот ғайр аз Худо аз ӯ унвони ҳастӣ касб кардаанд. Ҳастии инсон махсус буда, саодату камол ба он маънӣ мебахшанд. Амали солеҳ, ки ваҳйу нақл аз он хабар медиҳанд, воситаи омодагии инсон ба камол аст. Саодати воқеӣ раҳоӣ аз модиёту пайвастан ба муҷаррадот аст, ки дар раъси муҷаррадот Воҷиб-ул-вуҷуд қарор дорад. Ин назариёти мутафаккир бо муҳтавои сураи «Ихлос»-и Қуръон мутобиқат дорад. [161, 112]

Дар илоҳиёти Форобиву Ибни Сино мафҳумҳои Воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд як ҷо тавзеҳ дода мешаванд ва муайянкунандаи ҷаҳонбинии аввалияи ин мутафаккирон маҳсуб мегарданд. Мувофиқи таълимоти Форобӣ, аҳкоми Воҷиб-ул-вуҷуд ба тариқи зайл аст: «Аз фарзи нестии Воҷиб-ул-вуҷуд биззот муҳол лозим меояд, Воҷиб-ул-вуҷуд

нахустин сабаб барои дигар мавҷудот аст, бинобар ин ӯ муқаддам бар дигарон аст, аз ҳар гуна нақз ба дур аст, бинобар ин вуҷудаш комилтарин вуҷуд аст, на иллати фоилӣ дорад ва на ғойӣ ва на иллати суварӣ дорад ва на моддӣ, вуҷудаш муназзам ва мулҳиқ ба моҳияте намешавад, моҳияте ғайр аз Воҷиб-ул-вуҷуд будан надорад, ки ҳамоно аннийат ва таҳаққуқи ӯст, бинобар ин на ҷинсе дорад, на фасле ва на ҳадде дорад ва на бар ӯ бурҳоне аст, вуҷудаш зотан ҳамешагӣ ва доимист ва ҳеҷ гоҳ ба адам омехта намешавад, қувва ва истеъдод дар ӯ роҳ надорад, пас муҳол аст, ки мавҷуд набошад ва барои бақои вуҷуд ниёзманди чизи дигаре нест». [35, с. 118]

Аз сифоти баршуморидаи Форобӣ дар аҳкоми Воҷиб-ул-вуҷуд бармеояд, ки он ҳам бо Хайри мутлақи Афлотун ва Муҳаррики аввали Арасту айният дорад, ҳам бо мафҳуми Аллоҳи қуръонӣ ва тасаввуроти илоҳиётшиносони исломӣ мутобиқат мекунад. Дар таълимоти фалсафии аксари файласуфони минбаъдаи мусулмон ин нишондоди Форобӣ қариб айнан такрор шудааст, ки далели равшани таъсирпазирии онҳо аз Муаллими сонист ва саҳми назарраси мутафаккирро дар инкишофи фалсафаи шарқӣ нишон медиҳад.

Форобӣ дар тавсифи Воҷиб-ул-вуҷуд моҳияти ваҳдати онро ба панҷ маъно нишон медиҳад. 1. Ба маънои «ягонагӣ ва нафйи мислу шарик». [35, с. 118] Яъне, ӯ ба ин бовар аст, ки ҳеҷ мавҷуде ба мисли Воҷиб-ул-вуҷуд буда наметавонад. 2. Ба маънои «ягонагӣ ва басотат», яъне, Воҷиб-ул-вуҷуд мураккаб аз чизҳое нест. 3. Ба маънои «адами вуруд дар таркиб», яъне, имкон надорад, ки ҳақиқати Воҷиб-ул-вуҷуд байни ӯву ғайраш муштарак бошад. 4. Ба маънои «нафйи ҳар гуна тақсимпазирӣ», яъне, Воҷиб-ул-вуҷуд ҷисм надорад ва ба мисли ашёи дорои ҳаҷму андоза тақсимпазир нест. 5. Ба маънои «нафйи ҳайсиёти мутаъаддид», яъне, вуҷуди Воҷиб-ул-вуҷуд хоси худаш аст ва дар ҳеҷ мавҷуде нест ва зидде

надорад. [35, с. 118-119]

Дар осори гуногунаш Форобӣ дар ин мавзуъ ба баҳс пардохтааст, ки дар онҳо таъсироти таълимоти исломӣ равшан мушоҳида мешавад. Масалан, дар «Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабири юнонӣ» масъалаи Воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ба тариқи зайл матраҳ гардидааст: «Агар ҳар он чиз, ки дар олами кавн ва фасод аст, нахуст вуҷуд надошта ва сипас ба вуҷуд омадааст, қабл аз ба вуҷуд омадан мумкин-ул-вуҷуд будааст, зеро агар мумтаниъ-ул-вуҷуд буд, ҳаргиз ба вуҷуд намеомад. Агар Воҷиб-ул-вуҷуд буд, наметавонист вуҷуд надошта бошад». [36, с. 2] Ин таҳлили Форобӣ нисбати маърифати Воҷиб-ул-вуҷуд ва сифоти он дар ҷаҳонбинии машшоияи Шарқи мусулмон нақши назаррас гузоштааст.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино омилҳои зиёде муассиранд, ки муҳити иҷтимоии онҳо ва талабот ба осори ҳакимони гузашта, махсусан юнониҳо, дар ин миён ҷойгоҳи хос доранд. Аммо ин масъала низ бояд ба назар гирифта шавад, ки таълимоти файласуфони юнонӣ аз ҷониби донишмандони мусулмон чун сарчашмаҳои муътамади илмӣ пазируфта шуда, нисбати муҳтавои онҳо мусулмонон ваҳшату нафрат надоштанд, балки бо ихлос ва самимият ба онҳо муносибат мекарданд. Вақте дар заминаи наҳзати тарҷума баъзе аз асарҳои илмиву фалсафии юнониҳо ба забони арабӣ тарҷума шуд ва алоқамандон бо ин ганҷинаи ҳикмат огоҳӣ пайдо намуданд, мардум ба он шавқу рағбати шадид зоҳир намуданд ва талабот ба он афзуд, ки донишмандон ва донандагони санъати тарҷумониро наметавонист аз ин падида дар канор гузорад. Пас маълум мегардад, ки ба ҳикмати юнонӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудани Форобиву Ибни Сино аз ҷиҳате ба муҳити диниву фарҳангии онҳо вобастагӣ дорад.

Дигаре аз хидматҳои шоёни Форобӣ дар ҷодаи улуми фалсафӣ аз он иборат аст, ки дар заминаи талаботи маънавии муосиронаш ба осори фалсафии ҳакимони зиёди юнонӣ, аз қабили Пифагор, Зенон, Афлотун,

Арасту, Батлимус ва дигарон шарҳ навишта, мафҳумҳои дастнорасро барои ҳазорон муҳаққиқони баъдӣ ошно сохт ва роҳи мушаххаси таҳқиқро ба алоқамандон ҳамвор намуд, ки Ибни Сино аз ин шумор аст. Иброҳим Мадкур таъсирпазирии Ибни Синоро дар заминаи осори ҳакимони юнонӣ, ки ба забони арабӣ тарҷума шуда буданд ва ба онҳо шарҳҳои зиёде навишта, дар баъзеи онҳо аз кадом ҷиҳате масоили матраҳшударо ба таълимоти ислом мутобиқ намудан мехостанд, ишора намудааст: «Ибни Сино «Исоғуҷӣ» ва шарҳҳои қадиму ҷадиди арабӣ ва ғайриарабии онро ба даст оварда, аз ҳамаи онҳо хеле таъсир гирифтааст. Ва чунон рафтор кардааст, ки гумон мекунӣ «Мадхал»-и ӯ ҳамон «Исоғуҷӣ» аст». [14, с. 62]

Ин ҷо таъкид кардан ба маврид аст, ки бо вуҷуди сарчашмаҳои ташаккули афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино муштарак будан, дар таълимоти фалсафии онҳо фарқиятҳо низ кам нест. Ҳарчанд Ибни Сино дар масоили зиёди фалсафӣ ба Форобӣ такя намуда, аз таълимоти ӯ ғизои маънавӣ гирифтааст, аммо дар баъзе масъалаҳои муҳим бо ақидаҳои ӯ мувофиқ нест. Махсусан, дар масъалаи маърифати илоҳӣ афкори ин ду донишманд бо ҳам созгор наомадаанд. Зеро Форобӣ дар қаробат бо андешаҳои метафизикии Арасту [178, с. 141] ба ин назар аст, ки Офаридгор донандаи куллиёт аст, на ҷузъиёт. Аммо ба ин гуна, ки Худо ба ҷузъиёти хориҷ аз зоти худ илм надорад, вале аз он ҳайс, ки иллати онҳост, ба онҳо илми ғайримустақим дорад. [280, с. 414] Мувофиқи навиштаи худи ӯ: «Чизе, ки ҳаст моро дар ин боб роҳи хос аст, ки бо он суханони шаръӣ ва диниро баён мекунем ва ин роҳ бар ниҳояти дурустӣ ва устуворӣ аст, ба ин тақрир, ки: Борӣ таоло мудаббири ҳамаи ҷаҳон аст, ки аз ӯву илмаш ҳеҷ заррае, ҳатто ба андозаи хардале низ пинҳон наметонад». [35, с. 96-97]

Аммо дар таълимоти Ибни Сино Воҷиб-ул-вуҷуд бо илми худ донандаи куллиёту ҷузъиёт аст. Ба назари ӯ, «илми воҷиб-ул-вуҷуд на чун илми мо бувад ва на бар қиёси илми мо». [8, с. 83] Манзури Ибни Сино,

Воҷиб-ул-вуҷуд муҷаррад аст ва зоти вай бар ҳар чӣ пайвандад илм бувад. Дар қисмати илоҳиёти «Китоби ҳидоя» ин мазмунро равшантар ба қалам медиҳад: «Азбаски Воҷиб-ул-вуҷуд зоти хешро медонад, пас,...аз зоти вай ҳар як вуҷуди куллӣ ва ҷузъӣ бо навъи куллӣ маълум мегардад». [10, с. 512] Имкон дорад, ки дар ин масъала Ибни Сино кӯшидааст мутобиқи ҷаҳонбинии маъмули замонаш андешаҳояшро баён намояд. Ё дар масъалаи ақли фаъол низ андешаҳои онҳо бо ҳам мувофиқат намекунад. Зеро Форобӣ муътақид аст, ки куллиёт билқувва вуҷуд дорад, ба хилофи Ибни Сино, ки ба мавҷудияти билфеъли куллиёт таъкид мекунад.

Форобӣ мекӯшид фалсафа танҳо ба аҳли ҳикмат дастрас бошад, аз ин рӯ, мафҳумҳои фалсафиро бештар бо рамзу киноёт баён менамуд ва баъзан ба духӯрагӣ низ майл мекард, то моҳияти аслии онҳо барои авом пӯшида бимонад. Бегумон, ин равишро пеш гирифтани Форобӣ ба омилҳои динӣ алоқаманд буда, ба хотири аз фалсафа танаффур пайдо накардани омма буд. Аммо баръакси ӯ Ибни Сино мекӯшид матлабро фаҳмо ва сода баён кунад. Вале ин ҳаргиз ба он маъно нест, ки ӯ матолиби фалсафиро бо забони омма навишта, аз забони илмӣ сарфи назар намуда бошад. Чунин ошкоро баён намудани матолибе, ки дар тарозуи ақли ҷоҳилон намегунҷад, сабаби дар баъзе ҳолатҳо мавриди маломату азият қарор гирифтани мутафаккир аз ҷониби онҳо гардид ва ин нуктаро дар баъзе осораш, ба мисли «Китоб-уш-шифо», «Ишорот ва танбеҳот», «Ҳикмати машриқия» ва ғ. худаш чунин таъкид намудааст: «Аз ҷумлаи чизе, ки нахостем бо ҷоҳилон мухолифат кунем ва аз ошкори он сарфи назар намудем, масоиле буд дар назди ҷоҳилон воситаи шуҳрат, ки дар рӯзи равшан шак доштанду дар онҳо не. Баъзеи ин масоил то ҳадде борик буд, ки ҷоҳилони ин аср онро намефаҳмиданд. Ҳамроҳи он кӯрдилон мо низ ба бало гирифтор шудем. Онҳо мепиндоштанд, ки афкорашон гӯё «сутуни маҳкам аст» ва умқназариро «бидъат» ва мухолифат ба маъмулро гумроҳӣ меномиданд». [10, с. 60]

Ибни Сино ба донишҳои ироанамудаи Арасту эҳтироми зиёд қоил аст, аммо ба хонандагони закӣ тавсия медиҳад, ки ба онҳо диди фалсафӣ дошта бошанд, яъне бо тафаккури интиқодӣ бархӯрд намоянд ва ҳусну қубҳи онҳоро муайян кунанд. Фаъолияти муҳаққиқонеро, ки кӯр-кӯрона ба осори Арасту муносибат карда, ба худ раво надидаанд, ки камбудиҳои онро ислоҳ кунанд, сахт танқид намуда, онҳоро ба таассуби илмӣ айбдор мекунад ва ишораи намакине мекунад, ки дар илм ба сарчашмаи ягонае маҳдуд шудан нашояд ва ӯ аз ғайри ҷиҳати юнониён низ сарчашмаҳои муътамади омӯзишӣ дорад: «Аз ин ҷо меарзад, ки ҳар касе баъди Арасту меомад, бояд хатоҳо ва иштибоҳоти ӯро дар илм ислоҳ намуда, усулҳои овардаи ӯро ба шохаҳо тақсим менамуд. Лекин касоне, ки баъди Арасту омадаанд, аз уҳдаи дарки мероси ӯ набаромадаанд ва умри худро сарфи фаҳми ҷиҳатҳои беҳтаринаш намуда, тарафҳои ноқиси онро кӯр-кӯрона ва бо таассуб омӯхтаанд. Вале онҳо умри худро сарфи омӯзиши мероси гузаштагон намуда, фурсати баррасии ақли худро надоштанд, агар фурсат ҳам медоштанд, раво намедиданд, ки он чиро гузаштагон гуфтаанд, ислоҳу баррасӣ намоянд. Лекин мо дар оғози машғулият чизеро, ки пешиниён гуфта буданд, ба осонӣ фаҳмидем ва дур нест, ки илмҳо аз ғайри ҷиҳати юнониён низ ба мо расидаанд. Зеро замоне, ки машғули илмомӯзӣ будем, овони ҷавонӣ буду дар як муддати кӯтоҳ, ба мадади Худованд, ба фаҳми мероси гузашта, ки аз дарки он кӯтоҳӣ доштем, муваффақ шудем»». [10, с. 59-60]

Дар таълифи баъзе осори Ибни Сино пайравиаш аз Форобӣ мушаххастар аст. Масалан, дар натиҷаи муқоиса намудани матнҳои «Таълиқот»-и ин ду мутафаккир ба хулосае расидем, ки «Таълиқот»-и Ибни Сино ба тамом «Таълиқот»-и Форобиро дар бар дорад ва ифодакунандаи яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои илҳоми Шайхурраис мебошад. Вале дар ин асарҳо низ тафовути равиши кории ин мутафаккирон мушоҳида мешавад. Масалан, Форобӣ мабоҳиси фалсафии

гуногунеро бо равиши муқаррариаш, ки дар дигар асарҳои фалсафиаш ба чашм мерасад, ҳаллу фасл менамояд, аммо «Таълиқот»-и Ибни Сино ҳарчанд аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа аз дигар осори фалсафиаш тафовути назаррас надорад, вале ба тарзу шеваи ба осори фалсафиаш хос, ки бо тартиб аз мантиқ, табииёт ва илоҳиёт баҳс мекунанд, таълиф нашудааст.

Илова ба ин, ба Ибни Сино чанд «Таълиқот» нисбат медиҳанд, ки шогирдонаш, ба мисли Абулфараҷи Ҳамадонӣ, Мансур ибни Зайла ва Баҳманёр ба онҳо шарҳ навистаанд ва дар миёни онҳо «Таълиқот»-и Баҳманёр арзиши бештари илмӣ дорад ва дар равшан намудани баъзе нукоти фалсафии душворфаҳми Шайхурраис кӯмак менамояд. Баъзе муҳаққиқон ба ин назаранд, ки «Таълиқот»-и Ибни Сино ҳамон натиҷаи дарсҳои шабонаи дар аснои вазири дарбори Шамсуддавла будаи Шайхурраис аст, ки яке аз шогирдони наздикаш «Баҳманёр бо тафсиру тавзеҳ ба шакли китоб даровардааст». [21, с. 7]

Қайд кардан ба маврид аст, ки «Таълиқот»-и Ибни Сино фарогири 1013 таълиқ буда, қариб тамоми «Таълиқот»-и Форобиро, ки дар маҷмуъ 106-то мебошанд, на бо тартиби муайян, балки ба шакли пароканда дар бар мегирад. Масалан, таълиқи аввали Форобӣ дар «Таълиқот»-и Ибни Сино дар ҷойи сеюм, дуюмаш дар мақоми панҷум, 106-умаш дар ҷойи 936-ум истифода шудааст. Агар ба ин асарҳо амиқтар таваҷҷуҳ шавад, маълум мегардад, ки «Таълиқот»-и Ибни Сино ё шарҳи «Таълиқот»-и Форобист, ё ибороти «Таълиқот»-и Форобӣ дар миёни ҷумлаҳои мураккабтари Ибни Сино қариб ба таври нусхабардорӣ омадаанд, ё мафҳумҳо ва мазмуни асосии матни Муаллими сонӣ бо тафовутҳои назарраси зоҳирӣ, ки ин қисм камтар аст, дар асари Сино қайд мегардад. Сайид Ҳусайни Мӯсавӣ маҷмуи ин қисми охирро 27 таълиқ нишон додааст. [39, с. 18-23] Ин ифодакунандаи таҳти таъсири амиқи Форобӣ қарор гирифтани Ибни

Сино бошад ҳам, аммо маънои комилан дар тамоми масоили фалсафӣ созгории андешаҳои ин ду ҳакимро нишон намедиҳад.

Ҳарчанд тарҷумаи матнҳои фалсафии юнонӣ ба забони арабӣ масъалаҳои гуногунеро дар ҷаҳони ислом ба бор оварда бошад ҳам, «саволҳои навро ба вуҷуд меовард», [266, с. 218] ки баъзе аз онҳо боиси ҷудоиандозӣ дар миёни ҷомеа мегардид. Аммо нодида гирифтан нашояд, ки дар давраи наҳзати тарҷума дар Шарқи мусулмонӣ ва бо афкори фалсафии аврупоӣ ошноӣ пайдо намудани мусулмонон донишмандони зиёди олами ислом мафтуну шефтаи назариёти ғарбиён гашта буданд. Ибни Халдун ин мазмунро чунин баён намудааст: «Абуҷаъфар Мансур касеро назди подшоҳи Рум (Грек) гусел кард, ки кутуби таолим (риёзиёт)-ро пас аз тарҷума ба арабӣ барои вай бифиристад ва ӯ китоби Уқлидус ва баъзе аз кутуби табииётро барои халифа ирсол дошт. Мусулмонон онҳоро хонданд ва бар матолиби онҳо огоҳӣ ёфтанд ва шефтагии онон ба комёбӣ бар бақияи он улум фузунӣ гирифт». [7, с. 975] Баъзе аз донишмандони мусулмон ҳатто нишондоди олимони юнониву римиро меъёри ҳақиқат мепиндоштанд. Вале сарфи назар аз эҳтимоми зиёд ба осори олимони юнонӣ, Форобӣ ва Ибни Сино пурра ба афкори онҳо пойбанд нашудаанд ва андешаҳои бикре дар фунуни фалсафӣ изҳор намудаанд. Зеро усули пажуҳиши онҳо фарқ мекард. Ин нуктаро ҳанӯз Ибни Халдун дар «Муқаддима» таъкид карда буд. [7, с. 947] Ё дар рисолаи «Ҳудуд» Ибни Сино иштибоҳи яке аз олимони маъруфи юнонӣ-Фарфуриюсро нишон медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки «ӯ (Фарфуриюс–А.Б.) дар ин ақидаи нодуруст буд, ки дар таърифи навъ ҷинсро ва дар ҳадди ҷинс навъро гиранд» [10, с. 598] дар ҳолате, ки чизи изофа дар ҳадди музоф (муносибат-relation) гирифта шавад ва дар таърифи зидҳо аз ҷиҳати инкор бояд иҷоб ва малака ба назар гирифта шаванд, на баръакс. [10, с. 598]

Таҳлили осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки муҳимтарин

сарчашмаҳои ташаккули афкори фалсафии ӯро низ, ба монанди Форобӣ ҳикмати атиқаи юнонӣ ва таълимоти исломӣ ташкил медиҳанд. Академик Мусо Диноршоев дуруст қайд мекунад: «Мутолиаи бодиққати осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки сарчашмаи аввал ва асосии фалсафаи табиии ӯ фалсафаи атиқа, махсусан таълимоти машшоияи Арасту аст». [111, с. 50] Аммо дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ нақши муҳити замонаш, аз ҷумла таълимоти ислом, ниҳоят муассир аст. Дар мавриди чун муҳимтарин сарчашма баромад намудани ҳикмати исломӣ дар таълимоти Ибни Сино ба таври умумӣ чунин далел пешниҳод мекунем, ки донишу ҷаҳонбинии ин мутафаккир марбути муҳити сиёсиву иҷтимоии замонаш буд ва ба алоқамандон маълум аст, ки дар ин давра муассиртарин ҷанбаи ҳаёти иҷтимоиро афкору эътиқодоти динӣ ташкил менамуд. Худи Ибни Сино дар фасли дуюми «Китобу-ш-шифо» дар баёни фалсафаи амалӣ роҳҳои ба танзим овардани муносибатҳои иҷтимоиро баррасӣ намуда менависад, ки «Дурустии ҳамаи ин оро бо бурҳони назарӣ ва шаҳодати шаръӣ ба таҳқиқ мерасад ва тафсил ва тақдири (баҳодиҳии) он, бо шариати илоҳӣ сурат мегирад». [13, с. 89]

Дар масъалаи ҳамоҳанг сохтани фалсафа бо эътиқодоти динӣ Ибни Сино аслан аз Форобӣ пайравӣ кардааст. Сарфи назар аз озодандешӣ ва ақлгароӣ, дар таълимоти фалсафии Ибни Сино таъсири дин дар ҷаҳонбинии ӯ кам нест. Масалан, Ибни Сино дар тафсири ибораи қуръонии «яҳди-л-Лоҳу линуриҳи ман яшоъ» [161, 24; 35] (роҳ менамояд Худо ба нури худ ҳар киро хоҳад) ба ин назар аст, ки тамоми хушбахтиҳо ва бадбахтиҳо вобаста ба ҳидоят ва хостаҳои Худованд аст: «ҳар киро Худованд бихоҳад, ба ин хушбахтӣ ноил гардонад, ӯро Муҳаммад (с) раҳнамун мегардад ва ӯ ба саодати аввалии хеш мерасад, дар ҳоле ҳар касеро Аллоҳ Таъоло ҳидоят кардан нахоҳад, то сазовори ин гардад, синааш тангу реш гашта, абадуддаҳр он хушбахтӣ муяссараш намегардад». [10, с. 693] Ё дар масъалаи нафси инсонӣ ба ин назар аст, ки «нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки фасод намепазирад ва истимдоди вай аз файзи

илоҳӣ мебошад». [15, с. 177]

Албатта, дар ташаккули ҷаҳонбинии Ибни Сино нақши ҳакимони доираҳои илмии Бухоро, Гурганҷ, Гургон, Ҳамадон, Исфаҳон низ назаррас аст. Махсусан, мубоҳисаҳои ӯ бо ҳакимоне, ба мисли Абулҳасан Омирӣ ибни Абизари Нишопурӣ (913-992), Абурайҳони Берунӣ (973-1048) ва дигарон, ки қаблан зикр намудем, аслан аз доираи таълимоти исломӣ берун намерафт, дар ташаккули афкори ӯ таъсири босазо гузоштааст. Ҳатто Ибни Сино равиши таҷрибагароёнаи Розиро дар партави таълимоти исломӣ баррасӣ намуда, аз он фаровон истифода намудааст.

Мусулмонон ба Афлотуну Арасту эҳтироми хос доранд, ки ҳанӯз дар даврони зиндагонии Форобиву Ибни Сино он равшан эҳсос мегардид. Муҳити иҷтимоии замон ва талаботи маънавии давронаш Форобиро водор намудааст, ки ба осори ин мутафаккирон таваҷҷуҳ намояд ва ба онҳо шарҳу ҳошияҳое нависад, ки муҳаққиқони зиёде ин нуктаро таъйид намудаанд: «Форобӣ яке аз шореҳони осори Арастуст». [280, с. 397] Дар масъалаи таснифи улум низ Форобӣ ба таълимоти Арасту такя мекунад ва илмҳоро ба назариву амалӣ ҷудо мекунад, аммо ба таснифоти Муаллими аввал маҳдуд нагардида, ба навҷӯӣ иқдом менамояд ва илми фиқҳу каломро низ ба илмҳои амалӣ илова намудааст, ки баъзе файласуфон, ба мисли Ибни Сино, дар таснифоти илм аз ин равиш истифода намудаанд, аммо дар миёни файласуфони минбаъди ин равиш аз эътибори аксар дур афтод. Ин равиши Форобиву Ибни Сино ҳам аз таъсироти иҷтимоии замонашон ва эътиқоди динии онҳо бармеояд.

Ибни Сино дар масъалаи таснифи илмҳо низ ба таълимоти Арастуву Форобӣ такя мекунад ва ҳадафи илмҳои фалсафиро бо амалҳои инсон рабт медиҳад. Ӯ дар фасли дуюми «Китобу-ш-шифо» менависад, ки «ғараз ва ҳадаф аз фалсафа-ин ба пуррагӣ дарёфти ҳақиқати ҳама чизҳост, ба қадри тавони инсонӣ. Чизҳои мавҷуда чизҳое мебошанд, ки ҳастии онҳо ё ба ихтиёру кирдори мо вобастаанд, ё ... вобаста нестанд. Маърифати

умуре, ки ба қисми аввал дахл дорад, фалсафаи назарӣ номида мешавад. Маърифати умуре, ки ба қисми дуюм дахл дорад, фалсафаи амалӣ номида мешавад». [14, с. 87] Ибни Сино тавонист, бо такя ба равиши арастуӣ дар замони худ беҳтарин таснифи улумро пешниҳод намояд, ки чанд аср баъд низ он мавриди истифодаи ҳакимони зиёде қарор дошт. Муҳимтарин вазифаи фалсафаи назарӣ, ба назари ӯ, шарҳу тавзеҳи масоили куллии ҳастӣ ва равандҳои табиат, ба ибораи дигар, дарёфти ҳақиқат аст. Дар тавзеҳи фалсафаи амалӣ таъсири Форобӣ ба Ибни Сино бештар эҳсос мешавад, зере мувофиқи нишондоди Шайхурраис, фалсафаи амалӣ ба ҷуз маърифат ба масоили такомули моҳияти ахлоқии инсон сарукор дошта, муҳимтарин ҳадафи он дарёфти хайр мебошад. Агар ин мазмунро бо назарияи «хайр»-и Форобӣ муқоиса намоем, ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад.

Дар масоили ҳастишиносии Ибни Сино низ, ки «сарчашмаи он дар осори Арасту ва Форобӣ ёфт мешавад», [116, с. 436] таъсири омилҳои исломӣ мушоҳида мешавад. Муқоисаи осори ин мутафаккирон нишон медиҳанд, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули афкори фалсафии Ибни Сино дар ин масъала низ осори Арастуву Форобӣ маҳсуб мешавад, ки баъдан дар қисмати ҳастишиносӣ муфассалтар маълумот хоҳем дод.

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино сарчашмаҳои зиёд дошта, дорои машраби мухталифе буда, дар баъзе масъалаҳо бо ҳам низ мувофиқати комил надоранд. Муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Синоро ба замми таълимоти афлотуниву арастуӣ, навафлотуния ва ориёӣ таълимоти исломӣ ташкил медиҳад, зеро дар муайян намудани мазмуну моҳияти фалсафа, таснифи улум, истифодаи мақулоти фалсафӣ, тасаввурот дар мавриди ҳастии мутлақ, мушаххас сохтани мавзуи

метафизика, масоили ахлоқ, сиёсат, назарияи маърифат ва усули таҳқиқу сохтори осорашон асосан аз равиши ин макотиби фалсафӣ истифода намудаанд. Баъзеи ин сарчашмаҳо, ба мисли таълимоти фалсафии Афлотуну Арасту, навафлотуния ва ҳикмати исломӣ таъсироти назаррастару бевосита доранд, чун мафҳумҳо ва мавзуъҳои асосии баҳсҳои онҳо аз бисёр ҷиҳат ҳамоҳангӣ доранд. Ҳамзамон таъсири сарчашмаҳое низ, ба монанди таълимоти фалсафии ориёитаборон дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино бо сароҳат эҳсос мешаванд, ки ҳарчанд ба мисли таълимоти фалсафии Юнони бостон ва исломӣ пуртаъсир нестанд, аммо таъсири бавосита доранд. Масалан, назарияи судури навафлотуния, ки дар он таъсири таълимоти зардуштия мушоҳида мегардад, чун сарчашмаи афкори фалсафаи Форобӣ шинохта мешавад. Аммо ислом ба афкори фалсафии мутафаккирони мо на танҳо ҳамчун дин, балки чун низоми мукаммали ҷаҳонбинӣ таъсир гузошта аст.

Инчунин, мушаххас карда шуд, ки ақоиди фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҳарчанд мушобиҳати зиёди шакливу маъноӣ доранд, аммо тафовути ҷавҳарӣ низ дар онҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ амдан андешаҳои фалсафиашро пардапечона, бо рамзу роз баён менамуд, то танҳо аҳли ҳикмат аз моҳияташон пай бибаранд, аммо Ибни Сино мекӯшид бо ибороти фаҳмо ва содабаёнӣ афкорашро ироа кунад. Форобӣ дар масоили зиёди фалсафӣ меъёри воқеиятро афкори ҳакимони юнонӣ, махсусан андешаҳои Афлотуну Арасту меҳисобид, вале Ибни Сино танҳо ҳамон андешаҳои ҳакимони юнониро мепазируфт, ки исботи мантиқӣ дошта бошанд ва дар тарозуи ақл бигунҷанд. Форобӣ ағлаби орои фалсафиашро бо такя ба Афлотуну Арасту баён намудааст дар ҳоле ки Ибни Сино барои дарёфти ҳақиқат ба ақлу мантиқ такя мекард, на ба андешаи ҳакиме.

Таъсири омили исломӣ дар омезиш бо фалсафаи юнонӣ дар масоили

гуногуни таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино, амсоли тавҳид, маърифати Воҷиб-ул-вуҷуд, офариниш, муносибату ақлу ваҳй, ахлоқ, инсоншиносӣ ва ғайра мушоҳида мешавад. Дар заминаи таҳлилу баррасии мафҳумҳои мазкур онҳо кӯшиш намуданд дин ва фалсафаро ҳамоҳанг нишон диҳанд. Дар заминаи шарҳу баёни фалсафаи юнонӣ ва мутобиқ намудани он бо таълимоти динӣ онҳо тавонистанд низоми нави фалсафиеро ба вуҷуд оранд, ки минбаъд пайравони зиёде пайдо намуд ва дар ташаккули тафаккури фалсафӣ мусоидат намуд.

БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО

2.1 Мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино

Усулан, Форобӣ ва Ибни Сино тавассути осори Арасту ба мавзуъҳои фалсафӣ ворид гардида, тавонистанд мушкилоти зиёди норавшани таълимоти машшоияро, ки Киндӣ пештар матраҳ намуда буд, бозгӯ кунанд. Форобӣ чун ҳакими навовар бо афкори тозаву бикр соҳаҳои гуногуни илмро ғанӣ намуда, аз худ мероси гаронарзише ба насли минбаъда гузошт, ки фарогири масоили мухталифест. Ибни Сино низ дар масъалаҳои гуногуни илмӣ ибрози назар намуда, дар ин ҷода шоҳкориҳои бемисле дорад, ки ифодакунандаи нубуғи фикрии ӯянд. Яке аз ҷанбаҳои муҳиму баҳсталаби таълимоти фалсафии онҳоро ҳастишиносӣ ташкил мекунад. Ин мутафаккирон дар масоили ҳастишиносӣ таҳқиқоти зиёде доранд. Дар ин росто онҳо барои равшан намудани масъала ба мафҳум, моҳият ва намудҳои ҳастӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина истилоҳоти калидие, ба мисли вуҷуд, вуҷуб, имкон ва ғайраро матраҳ кардаанд, ки дар таълимоти эшон мафҳумҳои бадеҳӣ буда, ҳарчанд бо ибораҳое баён шаванд ҳам, бо маонии возеҳтар аз худ таъриф намешаванд. Аз ин рӯ, бисёр мафҳумҳои калидие, ки дар ин баҳс матраҳ мегардад, дар назари аввал содаву фаҳмо намоянд ҳам, агар ба умқи онҳо кас сарфаҳм рафтан хоҳад, мушаххас мешавад, ки хеле мушкилфаҳму дастнорасанд.

Масоили ҳастишиносӣ, умуман муаммои ҳастӣ, муҳимтарин ва мураккабтарин қисмати фалсафа буда, ҳамқадами фалсафа ва тафаккури фалсафист. Ин қисмати фалсафа ба саволҳое, ба мисли «моҳияти ҳастӣ дар чист?», «чаро дар таърихи фалсафа ин масъала ҳамеша таваҷҷуҳи ҳакимонро ба худ ҷалб менамояд?», «барои чӣ аксари файласуфон ҳастиро сарчашмаи низоми тафаккури фалсафӣ меҳисобанд?» ва ба ин монанд

саволҳо, ки доираи фаҳму даркашон ниҳоят фароху куллист ва аз ибтидои зуҳури тафаккури фалсафӣ то имрӯз ба муҳимтарин масъалаи фалсафӣ табдил ёфтаанду наметавонанд алоқамандони ҳикматро бетараф гузоранд, посух ҷустан мехоҳад. Муҳаққиқи тоҷик Каримов А.А. бамаврид андешаи Арастуро дар ин маврид қайд намудаст: «фақат фалсафа қудрати фарогирии кулли ҷанбаҳои ҳастиро дорост». [149, с. 23]

Ҳастӣ ҳақиқатест, ки моҳияти обективӣ дошта, чун нахустмақулаи фалсафа баромад мекунад. Фалсафа таҳти мафҳуми ҳастӣ ҳам ҳастии билқувва ва ҳам ҳастии билфеълро, ки новобаста аз инсон вуҷуд дорад, аммо тавассути шуури инсон шинохта мешавад, ифода мекунад. Яке аз суолҳои калидии фалсафа пурсиши вуҷуд аст. Аз ин рӯ, барои шинохти файласуф, ногузир бояд масоили мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти фалсафии ӯ баррасӣ шаванд. Зеро сайр аз масоили фуруъ ба усул ва баръакс аз усул ба фуруъ, инчунин бо диди мунаққидона тавоҷҷуҳ намудану баҳогузорӣ ба он фалсафа шарти зарурии маърифати таълимоти файласуфи мавриди назар аст.

Дар таълимоти фалсафии Форобӣ, ки аз ҷумлаи маъруфтарин намояндагони фалсафаи машшоияи шарқӣ буда, саҳми бузурге дар ташаккули фалсафа расонидааст, дар масъалаи ҳастишиносӣ баҳсҳои доманадоре ҷой дорад. Мувофиқи таълимоти ҳастишиносии ӯ, ҳамаи мавҷудот аз зоти Худо содир шудаанд ва муқтазои зоти ӯянд, аз ин рӯ, бо ӯ носозгор нестанд. Аз сабаби он ки Худо ошиқи зоти хеш аст, пас ҳамаи махлуқот барои зоти худи ӯ мутааллиқи иродааш воқеъ мешаванд. Бинобар ин ғояти аслии феъли ӯ зоти ӯст. [39, с. 3] Яъне, дар низоми фалсафии Форобӣ оғози ҳастӣ ба Мавҷуди аввал бармегардад. Вақте тамоми мавҷудот, ба назари Форобӣ, аз Воҳид (Худо) файз шудааст, шакке нест, ки тамоми мавҷудот муҳдас аст, зеро Худо сабаби ба вуҷуд омадани онҳо аст ва аз лиҳози замонӣ низ аз онҳо пештар мебошад. Ба назари Форобӣ, вақте ҳаюло (моддаи аввал) дар зинаи поёнии файз қарор дорад, пас шакке нест, ки ҳаюло низ муҳдас аст. [262, с. 360]

Мувофиқи ҳастишиносии Фороби, мавҷудот дар умум ду гунаанд. Яке, вуҷудаш ҳатмист, ки фарзи нобуди он муҳол аст ва воҷиб-ул-вуҷуд унвон мешавад. Дигар, «мумкин-ул-вуҷуд аст, ки агар маъдум (нест) фарз шавад, аз он муҳоле лозим наёяд». [35, с. 117] Тафовути ин тасниф аз мутакаллимон дар он аст, ки онҳо мавҷудотро ба қадим ва ҳодис тақсим мекунанд. Воҷиб-ул-вуҷуд биғайр дар натиҷаи файз аз ҷониби воҷиб-ул-вуҷуд биззот ибдоъ ва мумкин-ул-вуҷуд биззот аз ӯ эҷод мешаванд.

Форобӣ зоти воҷиб-ул-вуҷудро ғоят ва ҳадафи куллӣ меҳисобад, «зеро ҳама чиз ба ӯ (воҷиб-ул-вуҷуд –А.Б.) меанҷомад». [35, с. 177] Дар алоқамандӣ ба маърифати ҳастии мутлақ Форобӣ қайд мекунад, ки «ҳикмат иборат аст аз шинохти ҳастии ҳақиқӣ ва ҳастии ҳақиқӣ ҳамон воҷиб-ул-вуҷуд биззот аст. Ва ҳаким касест, ки назди ӯ илми воҷиб-ул-вуҷуд биззот дар ҳадди камол мавҷуд бошад. Ва ҳар чи мосивои (ғайри–А.Б.) воҷиб-ул-вуҷуд биззот аст, дар вуҷуди худ нуқсоне нисбат ба рутбаи мабдаи нахуст бар ҳасби дуриаш аз ӯ дорад ва бар ҳамин асос аз лиҳози идрок низ ноқис аст. Бинобар ин, ҷуз мабдаи нахуст ҳакиме нест, ӯст, ки маърифати комил ба зоти худ дорад». [35, с. 177] Аз ин бархӯрди Форобӣ бо ҳикмат таъсирпазириаш аз Пифагор равшан мегардад.

Дар таърихи фалсафа ба саволи «чаро мавҷуд ҳаст?» ҷавобҳои аз ҳам фарқкунандаи зиёде пайдо мекунем, ки посухи Форобӣ аз файласуфони аз ӯ пешина фарқи назаррас дорад. Масалан, ҷавоби Афлотуну Арасту ба ин савол аз ҳам фарқ доранд, аммо бо ҳам мутаносибанд. Арасту ҷинс будани вуҷудро қабул надорад ва миёни моҳияту вуҷуд фарқ мегузорад. Ба назари ӯ, наметавон чистӣ (моҳият) ва ҳастии як чизро бо қавли воҳиде баён кард: чистии шайъ ба василаи таърифи он ва ҳастиаш ба воситаи бурҳон баён мешавад. Бурҳону таъриф як чизро ифода намекунанд. [126, с. 179] Вале ҷавоби Форобӣ аз ин ду ҳакими машҳури Юнони бостон, ки онҳоро поягузорони фалсафа медонист, [308, с. 63-64] фарқи усулӣ дорад, зеро ба назари Муаллими сонӣ, вуҷуди аслӣ Худост ва ӯст, ки ба моҳият вуҷуд мебахшад. Ҳастияш айни моҳияташ аст ва «илму амалаш як чиз аст». [283, с. 116] Чаро Форобӣ ба ин масъала чунин

дидгоҳ дорад? Зеро агар вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд ғайри моҳияташ бошад, ҳастияш ориз (accident – сифат ё хусусияти ғайримустақили мавҷуд, ки барои вуҷуд доштан ниёз ба ҷавҳар дорад. –А.Б.) бар моҳияташ хоҳад буд. Маълум аст, ки ҳар араз ниёз ба ғайр дорад. Дар сурати ба ғайр ниёзманд будани воҷиб-ул-вуҷуд, ки дар таълимоти Форобӣ муҳол ҳисобида мешавад, низоми ҳастие, ки ӯ матраҳ менамояд, зери суол меравад. Ӯ муътақид аст, ки «мумкин нест, ки вуҷуди ӯ аз вуҷуди дигаре вобаста бошад, балки баръакс ҳастии мавҷудоти дигар аз ӯянд». [310, с. 46]

Ҳастишоносии Форобиро наметавон бе шинохти «назарияи файз» (эманатсия) таҳлилу баррасӣ намуд. Аз ин рӯ, ба таърихи ташаккули ин назария ва ҳадафҳои аслии ба вуҷуд омадани он таваҷҷуҳ намудан аз манфиат холӣ нест. Сарчашмаи «назарияи файз»-ро, ки файласуфони саршиноси мусулмон аз он таъсир пазируфтаанд, дар ҳавзаҳои фалсафии шарқии асри Х мелодӣ, дар мадрасаи фалсафии Искандария, таълимоти ААфлутин ва баъдан дар андешаҳои пайравони Ихвон-ус-сафову исмоилиён ҷустуҷӯ бояд намуд. [283, с. 329] Зинаҳои файз (эманатсия) дар таълимоти мактабҳои мазкур чаҳор аст, ки иборатанд аз Худо, Ақли аввал, Нафси куллӣ ва Нуфуси башариву ҳамаи чизҳое, ки соҳиби сурату ҳаюло ҳастанд. [6]

Ба назари Форобӣ, ҳастӣ ба воҷиб-ул-вуҷуд (ҳастии мутлақ) ва имкон-ул-вуҷуд (ҳастии касрат) ҷудо мешавад ва миёни онҳо таносуб ҷой дорад. Мартабаҳои ҳастиро ӯ аз Иллати иллатҳо (сабабӣ), иллати дувум, Ақли фаъол, нафс, шакл ва ҳаюло иборат медонад, ки ҳар кадоме вобаста ба маротибашон ба сабаби аввал вобастаанд. Иллати иллатҳо ё Воҷиб-ул-вуҷуд ваҳдати мутлақ аст ва ба хилофи маротиби баъдӣ касрат намепазирад.

Иллати иллатҳо ё Мавҷуди аввал, дар таълимоти Форобӣ, комилтарини мавҷудот аст ва сабабе барои вуҷуди ӯ нест, аз ин рӯ, зарур аст, ки он сабаби вуҷуди дигар мавҷудот бошад. Мавҷуди аввал аз тамоми мавҷудоти дигар комилтар аст. Барои исботи сабаби аввал будани он Форобӣ назарияи файзашро коркард мекунад, ки мувофиқи он камол, ҷуд, илм, ҳикмат ва ҳаёти

Мавҷуди аввал аз зоти ӯ содир шуда, аммо дар он камолу нуқсону ҳаракате зиёдат нашудааст. Судур ҳамон файз аст, ки аз мавҷуди аввал мавҷуди дуюм фоиз мешавад. Баъзе файласуфон мавҷуди дуюмро Ақли аввал меноманд, аммо Форобӣ Ақли дуюм меномад, зеро мавҷуди аввалро айни Ақл меҳисобад. Мувофиқи ин назария, ҳама мавҷудот аз Мавҷуди аввал (Худо) ба таври дар поён тафсиршуда содир мешаванд. Пас, маълум мешавад, ки Форобӣ дар мартаби дуюми ҳастишиносии худ ақлҳои муҷаррадро қарор додааст.

Мувофиқи ҳастишиносии Форобӣ, аввалан, аз Мавҷуди аввал, ки танҳо зоти худро тааққул мекунад, Ақли дуюм содир мешавад. Азбаски Мавҷуди аввал ягона аст, аз ӯ танҳо Ақли дуюм содир мешавад, ки он ҷавҳари бемодда,бечисм ва бесурат аст. Ақли дуюм ҳам зоти худро ва ҳам Мавҷуди аввалро тааққул мекунад. Ҳарчанд Ақли дуюм бо Мавҷуди аввал мушобеҳ аст, аммо ӯ нест ва тамоми мартабаҳои файз минбаъд аз ӯ содир мешавад. Баъдан, дар натиҷаи тааққули хеш аз ӯ Ақли сеюм содир мешавад, ки бо ӯ самои аввал низ содир мешавад. Баъд аз он ақлҳои ёздаҳгона ба таври зайл содир мешаванд: Ақли чорум ва бо он курраи ситорагони собита, Ақли панҷум ва бо он курраи Зуҳал, Ақли шашум ва бо он курраи Муштарӣ, Ақли ҳафтум ва бо он курраи Миррих, Ақли ҳаштум ва бо он курраи Офтоб, Ақли нуҳум ва бо он курраи Зуҳра, Ақли даҳум ва бо он курраи Аторуд, Ақли ёздаҳум ва бо он курраи Қамар. Ҳамин тавр, бо судури фалаки Қамар фаязони мавҷудоти комил, мутлақ ва кавну фасоднопазир, ки аз фалсафаи даврони қадим бармеояд, ба охир мерасад. Дараҷаи охирини мавҷудоте, ки ҷисму сурат надоранд, фалаки Қамар аст ва аз он пас унсурҳои чаҳоргона, баъд ҷамодот, баъд наботот, баъд ҳайвоноти беақл ва баъд ҳайвони оқил-инсон ба вуҷуд меоянд.

Дар масоили муҷаррадот Форобӣ баҳсҳои зиёде дорад, ҳатто осори алоҳида низ дар ин боб таълиф намудааст, ки рисолаи «Исботи мавҷудоти муҷаррад»-аш аз ин зумраанд. Ӯ дар ин асар мавҷудоти муҷаррадро дорои чаҳор маротиби аз ҳам фарқкунанда медонад, ки ба тариқи зайланд: 1 Воҷиб-

ул-вуҷуд, ки воҳид ва сабабе барои мавҷудият надорад, 2 ақлҳои фаъол, ки анвои бисёру мутааддид доранд, 3 нуфуси осмонӣ, ки онҳо низ аз зумраи бисёриҳоянд ва навъҳои зиёде доранд ва 4 нуфуси инсонӣ, ки на аз лиҳози навъӣ, балки аз лиҳози шахсӣ касрат доранд, зеро ҳамаашон навъи ягона ҳисоб мешаванд. Ин тасниф бозгӯкунандаи навъҳои ҳастӣ дар таълимоти Форобӣ аст. Ин мартабаҳои муҷаррадот дар навбати худ чаҳор сифоти муштараке доранд, ки моҳияташонро бозгӯ мекунанд. Аввал, муҷаррадот ҷисмонӣ нестанд, дуюм, онҳо наемиранд ва фасодпазир нестанд ва баъд аз он ки феълият ёфтанд, дигар дар онҳо қувва ва имкони истеъдодӣ боқӣ наемонад, сеюм, онҳо худогоҳанд ва ин сифати онҳо айни вуҷудашон аст ва чаҳорум, муҷаррадот саодате фаротар аз он ва лаззате марбут ба модиёт ва муқоринот бо модда доранд, ҳарчанд амри муқорин бо модда худ муҷаррад мебошад. [35, с.133-135] Форобӣ ба таври хеле муҷаз ин масъаларо дар қисмати илми илоҳии «Эҳсоул-улум» матраҳ мекунад ва Воҷиб-ул-вуҷудро аз дигар мафҳумҳои муҷаррадот ҷудо намуда, онро мавҷуде муаррифӣ мекунад, ки мумкин нест вуҷуди худро аз дигар чиз гирифта бошад. [34, с.128-131]

Мафҳуми муҷаррадотро Форобӣ бе ҷисм, намиранда, фанонопазир, боқӣ, ба василаи олоти ҳис ғайримудрак ва худогоҳ медонад. Худогоҳии онҳо айни вуҷуди онҳост, ки аз дигар анвои мавҷуд фарқ доранд. Форобӣ муътақид аст, ки дар муҷаррадот, агар қувваҳои фанонопазирӣ ва мирандагӣ мебуд, лозим буд, ки «ҳам қувваи вуҷуду адам ва ҳам феълияти он ду дар онҳо ҷамъ шавад ва ҳамзамон, мавҷуду маъдум бошанд. Пас, возеҳ шуд, ки умури басит ва муҷаррад чун феълият ёбанд, дигар дар онҳо қувва ва имкон (имкони истеъдодӣ) боқӣ наемонад». [35, с. 133]

Дар масъалаи модда ва олам Форобӣ ба таълимоти навафлотуния ва таълимоти исломӣ такя мекунад. Ӯ тамоми мавҷудоти имкон-ул-вуҷудро аз зоти ҳамешагии қодиру тавонову ягона, яъне Худо содиршуда меҳисобад, аз ин рӯ, шакке нест, ки ба ҳудуси олам бовар дорад. Мутафаккир зоти мабдаи аввалро қадим ва муқаддам аз ҳамаи чизҳо меҳисобад. Вақте ҳаюло ё моддаи

аввал, ба назари Форобӣ, натиҷаи охирин зинаи файз бошад, шубҳае боқӣ намемонад, ки ӯ моддаро низ ҳодис меҳисобад. Масалан, дар баҳс пиромуни қадим ё ҳодис будани олам дар китоби «ал-Ҷамъ байна раъй-ил-ҳакимайн» Форобӣ бо такя ба навиштаҳои Арасту муътақид аст, ки «Худои азимушшаън ҳаюлоро аз ҳеҷ чизе офарида, он аз ҷониби Худои пок ва бо иродаи ӯ шакл гирифтааст». [, с. 101]

Форобӣ назарияи арастуии қадим будани оламро ҷонибдорӣ намояд ҳам, вале барои он ки ин мазмунро бо таълимоти исломӣ мувофиқ намояд, миёни қидами олам, чунонки Арасту мепиндошт ва андешаи халқ, чунончи ақоиди динӣ талаб дорад, як навъ ҳамоҳангӣ мехоҳад нишон диҳад. Аз ин рӯ, ақлро ибдои Худо меҳисобад, ки хориҷ аз замон аст. Аз равиши баёни Форобӣ бармеояд, ки ӯ роҳи ҳалли дурусти масъалаи моддаро пайдо карда натавонистааст. Зеро дар масъалаи ба вуҷуд омадани модда ӯ ба ақли ибдоии хориҷ аз замон такя мекунад, аммо далели қонеъкунандае пайдо карда наметавонад, ки чи тавр модда аз ақли муҷаррад аз модда содир шудааст. Аз ин метавон натиҷагирӣ намуд, ки силсилаи ақлҳои нишондодаи Форобӣ роҳи ҳалли пайдоиши олам буда наметавонад. [310, с. 47]

Дар масъалаи имкон-ул-вуҷуд назарияи сабабу натиҷаи Форобӣ ҷолиб аст. Ба назари ӯ, барои ҳастии билфеъли имкон-ул-вуҷуд сабаб даркор аст. Азбаски силсилаи сабабҳо то беохир нест, аз ин рӯ, ин иллат ба вуҷуде ба охир бояд расад, ки ба зоти худ мавҷуд буда, вуҷудаш воҷиб ва моҳияташ айни зоташ бошад. Ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ӯро номавҷуд тасаввур намуд, зеро воҷиб-ул-вуҷуд сабаби тамоми мавҷудот аст. Худи воҷиб-ул-вуҷуд сабаби вуҷудият надорад ва аз ҳама ҷиҳатҳо билфеъл буда, дар дин Худо ном дорад ва тавассути сифоташ шинохта мешавад.

Форобӣ сифоти Худоро ба зотӣ ва изофа ҷудо мекунад. Сифоти изофӣ дар нисбати ӯ ва алоқааш бо дигар мавҷудот дода мешавад. Ҳастии ин сифот бо ягонагии ӯ ва зоту сифоташ зиддият надорад, зеро сифот ҳама айни зотанд.

Ба ибораи Форобӣ : «Аз Воҷиб-ул-вуҷуд он чи бо зоти ӯ созгор набошад, содир намешавад ва агар ӯ намебуд, чизе аз мавҷудот бақо намеёфт». [35, с. 111]

Форобӣ ба масоили ҳастишиносӣ дар осори гуногунаш таваҷҷуҳ намудааст. Яке аз маъруфтарин осори ӯ, ки ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, масоили мухталифи фалсафӣ, махсусан ҳастишиносӣ ба таври васеъ баррасӣ гардида, «Эҳсо-ул-улум» мебошад. Дар ин асар масъалаи ҳастишиносӣ дар қисмати илоҳиёт матраҳ мегардад. Ӯ ин қисматро ба се бахш ҷудо мекунад. Аввал, аз мавҷудот аз он ҷиҳат, ки мавҷуд ҳастанд, баҳс мекунад. Яъне, мавзуи ҳастишиносиро, бар хилофи баъзе ҳакимони даврони атиқа, ки бо маҳсусот муродиф медонистанд, мутлақи вуҷуд ҳисобидааст. Дуюм, аз мабодӣ (замина, сарчашма) ва бурҳон дар улуми назарии ҷузъӣ баҳс мешавад. Сеюм, аз мавҷудоте баҳс мекунад, ки ҷисм надоранд. Дар ин бахш баҳс ба мавҷуде мерасад, ки чизе аз ӯ муқаддам нест, мумкин нест, ки чизе аз вай қадимтар бошад ва имкон надорад, ки ӯ вуҷуди худро аз чизи дигар гирифта бошад. Ба ибораи Форобӣ: «Ин мавҷуд ҳамон мавҷуди азалии қадими воҳиди мутлақ аст». [33, с. 103] Ҳастии ин мавҷуд аз дигар ҳастиҳо тафовути ҷавҳарӣ надошта бошад ҳам, фарқҳо дошта, «аз илали моддӣ, суварӣ, ғойӣ ва фоилӣ мубарро» [358] аст, яъне, шайъ-чиз нест, зеро шайъ наметавонад иллати вуҷудӣ бошад. Он ҳастии мутлақ, хайри мутлақ, ҷамоли мутлақ, камоли мутлақ, ҳақиқати мутлақ ва бемислу монанд буда, бо нестӣ иртиботе надорад. Аз ин таснифи Форобӣ бармеояд, ки ӯ ҳарчанд аз ҳастии ягона пайгирӣ мекунад, вуҷуди Воҷиб-ул-вуҷудро қисме аз ҳастӣ медонад, на мутлақи ҳастӣ, ки баъзе аз аҳли ирфон гумон мекунанд.

Дар масъалаи вуҷуд Форобӣ ба натиҷае расидааст, ки дар асоси назарияи иллат (сабаб) зотан бар маълули худ муқаддам аст, ҳеҷ чиз наметавонад иллати худаш бошад. Инчунин, шайъ (чиз) наметавонад иллати вуҷуде бошад, ки бар моҳияти он ориз шуда бошад, зеро вуҷуди иллат сабаби вуҷуди маълул аст. Ӯ муътақид аст, ки ҳама ашёҳо, ки нахуст вуҷуд надоштаанд, баъдан ба вуҷуд омадаанд ва пеш аз зуҳур мумкин-ул-вуҷуд будаанд. Зеро, агар мумтаниъ-ул-

вуҷуд мебуданд, мавҷуд шуда наметавонистанд. Аммо агар чизе воҷиб-ул-вуҷуд буд, наметавонист вуҷуд надошта бошад. Ҳар чизе, ки мумкин-ул-вуҷуд бошад, пас он барои ба вуҷуд омадан ба сабабе зарурат дорад ва вуҷуди он аз ғайраш аст. Агар он ғайр ҳам мумкин-ул-вуҷуд бошад, пас он низ мисли мумкин-ул-вуҷуди пешина то ба воҷиб-ул-вуҷуд расидан идома меёбад. Ба ибораи Форобӣ, «мумкинот бояд ба вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд мустанад бошанд». [358]

Форобӣ илмҳоро ба куллӣ ва ҷузъӣ ҷудо намуда, фалсафаро илми куллӣ меҳисобад, ки «дар бораи амре баҳс мекунад, ки бар ҳамаи мавҷудот содиқ аст ва умумият дорад, монанди вуҷуд, ваҳдат ва анвоу лавоҳиқи он». [35, с. 59] Аз ин тарзи бархӯрди Форобӣ бо фалсафа бармеояд, ки ӯ ҳастиро, ҳарчанд равшан баён намекунад, ба мақулоти фалсафӣ ворид месозад, ки дар таълимоти Арасту мушҳида намешавад. Зеро Арасту шумори мафҳумҳои куллии фалсафаро, ки мақулаҳо номидааст, аз даҳто иборат дониста, якеро ҷавҳар (субстансия) ва нуҳтои дигарро араз (аксиденсия) медонист (мо ин масъаларо дар баҳси ҳаракат батафсил баён хоҳем кард) ва ҳастиро ба мақулот ворид накарда буд. Мавзуи илмҳои ҷузъиро баъзе аз мавҷудот (ҳастиҳои воқеӣ) ё мавҳумот (ҳастиҳои эътиборӣ) медонад. Масалан, илми тиб ва ҳисоб илмҳои ҷузъиянд, зеро аввалӣ ба ҷисми инсон ва бемориҳои ӯ вобаста бошад, дуюмӣ, ба ададҳо вобаста аст. Илме, ки мавзуи муайян дошта бошад ва он мавзуи илми дигареро фаро нагирад, илми куллӣ нахоҳад буд. Улуми ҷузъӣ чизеро, ки ҳамаи мавҷудотро фаро гирад, мавзуи баҳс қарор намедиҳанд ва он хоси фалсафа аст.

Дар масъалаи ҳастишиносӣ Форобӣ мисли дигар файласуфони идеалисти қаблӣ муътақид аст, ки ҳастӣ аз тафаккур бармеояд. Яъне, баҳс аслан атрофи ҳастии зеҳнӣ меравад. Он ҳастии воҳиди ҳамафарогир буда, фаротар аз олами моддӣ аст. Дар ин масъала, ба назари мо, ӯ ба ақоиди дар «Ҷумҳур» ироашудаи Афлотун такя мекунад. Ба қавли Афлотун: «агар мо битавонем воҳидро ба василаи ҳисси босира мушоҳида ва ё ба василаи ҳар як

аз ҳавоси дигар дарк кунем, дар он сурат воҳид монанди мисоле, ки аз ангушт овардем, наметавонад маро ба мушоҳидаи ҳақиқати вуҷуд ҳидоят кунад». [71, с. 89] Афлотун ба ин бовар буд, ки воҳид василаи нафси инсонро ба олами боло рабтдиҳанда буда, инсонро ҷӯёи вуҷуди ҳақиқӣ мекунад. [71, с. 89]

Форобӣ ҳастии моддиро дар қисмати табииёти «Эҳсо-ул-улум» таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае аст, ки «илми табиӣ дар бораи аҷсоми табиӣ ва дар мавриди аразҳое, ки қавоми онҳо ба ин аҷсом аст, ба мутолиа мепардозад». [33, с. 93] Мутафаккир ҷисмҳоро ба ду қисм – маснуӣ ва табиӣ ҷудо мекунад. Ҷисмҳои маснуӣ аз ҷониби инсон сохта шудааст. Онро ба истилоҳи имрӯза фарҳанги моддӣ меноманд. Вуҷуди ҷисмҳои табиӣ ба фаъолият ва хостаи инсон вобаста набуда, табиатан, ба мисли Замину Офтоб, мавҷуданд.

Ҳамзамон Форобӣ ҷисмро мураккаб аз моддаву сурат ҳисобида, суратро низ ба маснуӣ ва табиӣ ҷудо мекунад. Сурати табиӣ тавассути таъсири қуввае дар ҷисме нақш меёбад. Ба қавли мутафаккир, «сурати маснуӣ, масалан, дар мис ё чӯб, ё санг мунаққаш мешавад ва мумкин нест, ки қабл аз он ки ин сурат тавассути санъатгар дар бархе аносир нақш шавад, ба наҳви мустақил вуҷуд дошта бошад ва ин санъатгар аст, ки мисро ба сурати муҷассамаи инсоне дармеоварад ва ё чӯбро ба сурати тахт дармеоварад ва наметавонад, ки сурате аз суратҳоро ба наҳви мустақил ва бидуни модда ба вуҷуд оварад». [35, с. 144] Чи тавре дар осори дигари Форобӣ, ки низ ҳамин равиш мушоҳида мешавад, ӯ таъкид мекунад, ки сурат бе модда ба вуҷуд омада наметавонад. Ин назари ӯ, бо андешаи аз ҳеҷ офарандагии воҷиб-ул-вуҷуд, ки мутакаллимон мепиндоранд, мувофиқат надорад. Яъне, Форобӣ ҳарчанд ба ҳудуси мавҷудот, ба истиснои воҷиб-ул-вуҷуд иқрор дорад, аммо моддаро низ қадим меҳисобад.

Дар ин масъала ҳамин нукта қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба назари Форобӣ, олам аз ҷониби зоти ягонаи қодиру мухтор, ки сабаби кулл мебошад, ба вуҷуд омадааст. Яъне, Форобӣ ишора ба он мекунад, ки олам аз лиҳози замонӣ қадим ва аз ҷиҳати зот ҳодис аст. Худо воҷиб-ул-вуҷуд би-з-зот ва олам мумкин-ул-вуҷуд би-з-зот аст. Ҳаюло қадим аст, аммо аз лиҳози замонӣ аз

воҷиб-ул-вуҷуд дар мартабаи баъдӣ қарор дорад. Тамоми қуввахои ҷисмонӣ ҳадду андозаи муайн доранд, зеро худи ҷисм мунҳасир ба андоза аст. Аммо ҳаракат ба таври мутлақ ҳадду андозаи муайн надорад, аз ин рӯ, наметавонад ҷисмонӣ бошад. Ин тарзи ибрози андешаи мутафаккир хусусияти методологӣ дошта, аксари машшоиёни шарқӣ дар масоили ҳастишиносӣ маҳз аз ҳамин равиш кор гирифтаанд ва яке аз сабабҳои аслии бунёдгузори фалсафаи шарқӣ номидани ӯ аз ҷонии баъзе муҳаққиқон маҳз ҳамин омил аст.

Ҳарчанд Форобӣ шеваи файласуфонро дар дарёфти ҳақиқат муштарак медонад ва эҳтимоми зиёде ба ҳакимони юнонӣ дорад, вале дар масъалаи ҷавҳари фард ё ҷузъи тақсимнопазир бо назари Демокрит мухолифат меварзад. Демокрит ҳастиро аз атомҳо ва хало, ки дар таълимоти ӯ азалианд, иборат медонист. Атом, ба назари ӯ, қадим, тағйирнаёбанда ва тақсимнопазир, миқдоран беҳудуд, бехолигӣ ва аз як ҷинс аст. Дар натиҷаи ҷобаҷошавии ин зарроти ба чашм ноаён ҷисмҳо ва ҳаракат ба вуҷуд меоянд. Ин заррахо дорои андозаи муайяни риёзианд. Аммо, ба назари Форобӣ, ин заррахо ҳарчанд абадианд, вале дорои андозаҳои риёзӣ нестанд. Ин назари Форобӣ бо андешаи мутакаллимон қисман мувофиқат дорад. Зеро аз назари мутакаллимон низ ҳар мавҷуде, ки дар мавзуъ набошад, ҷавҳар буда, қисмҳои он ба «ақл ва мафориқ», ки қоим ба зоти хеш аст, «сурат», ки ҳулулкунанда аст, «ҳаюло», ки маҳалли сурат аст ва «ҷисм», ки мураккаб аз ҳаюлову сурат аст, тақсим мешавад. [103, с. 85] Аммо мутакаллимон дар шинохти ҷисм назарияи онро, ки ҷисм аз ҷавҳари фард таркиб шудааст ва мувофиқи он «ҷисм аз аҷзое таркиб ёфта, ки он аҷзо ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қисмат нестанд», [103, с. 86] намепазиранд.

Дар масъалаи сурату модда Форобӣ назари арастуӣ дорад. Ӯ муътиқид аст, ки сурат бидуни модда мавҷуд буда наметавонад. Дар навбати худ вуҷуди модда ба сурат бастагӣ дорад, яъне, сурат набошад, модда ҳам мавҷуд буда наметавонад. Бо вуҷуди ин, чунин тасаввур мешавад, ки вуҷуди модда қабл аз сурат асту баъдан, бо сурат пӯшида шудааст. Ӯ дар «Таълиқот»-аш ин

масъаларо ба тариқи зайл баррасӣ мекунад: «Сурат иллати суварии модда нест, балки сурати модда аст, аммо (ҳамин сурат) иллати суварии амри мураккаб (ҷисм) аст ва албатта, иллати томмаи он нест». [35, с. 174]

Форобӣ дар масъалаи ба вуҷуд омадани ҷисмҳои маснуӣ бо Арасту ҳамфикр аст. Зеро Арасту пайдоиши ҳар чизро ба чаҳор сабаб рабт медод: а) модда, ки вуҷуди билқуввa аст; б) сурат, ки вуҷуди билфеъл аст; в) сабаби муҳаррика; г) сабаби ғойӣ. [199, с. 44-45] Масалан, ба назари Форобӣ, шамшер барои ҷанг бо душман сохта мешавад, ки сабаби ғойӣ аст. Сабаби муҳаррикаи ин шамшер шамшерсоз мебошад. Моддаи шамшер оҳан аст ва ин оҳан метавонад шамшер ё чизи дигар шавад, пас билқуввa шамшер аст. Ин ҷо тафовути равиши Форобӣ аз Арасту танҳо дар ҷойгоҳи ин сабабҳост. Агар Арасту аввал моддаву баъд суратро баррасӣ намуда бошад, Форобӣ аввал сабаби ғойиву сабаби муҳаррика ва сурату моддаро нишон медиҳад, зеро Арасту ба мақулоти муайяннамудааш бо диди вуҷудӣ муносибат намояд, Форобӣ назари моҳиятӣ дорад.

Дар таърихи фалсафаи асримиёнагӣ Форобӣ дар баҳсҳои ҳастишиносӣ истилоҳоти наверо ворид намудааст, ки дар ташаккули забони фалсафа хеле муассир буда, ҳакимони минбаъдаи шарқӣ аз онҳо фаровон истифода намудаанд. Аз Форобӣ таъсирпазир будани ҳакимони зиёдеро Фролова Е.А. дар асари «Таърихи фалсафаи арабӣ-исломӣ»-аш таъкид мекунад. [267, с. 80] Форобӣ мафҳуми «моҳият»-ро чун истилоҳи фалсафӣ ба гардиши илмӣ ворид намуда, миёни «моҳият» ва «вуҷуд» тафовут қоил шудааст ва дар таърихи фалсафа ба сифати навоваре шинохта мешавад, ки ин истилоҳро ба гардиши илмӣ ворид намудааст. Ӯ вуҷудро асоси (қивоми) моҳият намеҳисобад, балки маҳмул ва ориз бар он медонад. Аммо Ибни Сино бар асолати моҳият қоил буд, ки ин ҳам яке аз ҷанбаҳои фарқкунандаи таълимоти ӯ аз Форобист.

Масалан, барои исботи аз ҷисм орӣ будани воҷиб-ул-вуҷуд ва муҷаррад будани он аз моддаву сурат Форобӣ чунин далел меорад, ки агар воҷиб-ул-вуҷуд ҷисм мебуд, моҳият медошт ва агар моҳият медошт, се муҳол аз он

лозим меомад: 1) маъдум мулозим бо вуҷуд буд; 2) мавҷуде, ки иллат надорад, аз лавозими он моҳият набошад, маълули он ва содир аз он мебуд; 3) вуҷуби вуҷуд мутааллиқ ба он моҳият ва қоим ба он буда, яъне вуҷуди вуҷуб ношӣ аз он моҳият мебуд. [35, с. 135] Яъне, Форобӣ мехоҳад исбот кунад, ки Худо наметавонад ҷисм бошад ва аз моддаву сурат таркиб ёбад. Ин далелҳоро мутафаккир бо такя ба принсипҳои фалсафаи классикӣ, ки ҳар ҷисм аз модда ва сурат иборат аст ва маҷмуи онҳоро "моҳият" (чистӣ) меноманд, ироа мекунад. Агар Худо ҷисм мебуд, пас ӯ "чистӣ" медошт (масалан, мисли инсон, ки моҳияташ "ҳайвони нотиқ" аст). Форобӣ мегӯяд, ки агар Воҷиб-ул-вуҷуд моҳият дошта бошад, ин се маҳол (номумкинӣ) пеш меояд: якум, барои Воҷиб-ул-вуҷуд (ки вуҷудаш айни зоташ аст) номумкин аст, ки аслан бо "нестӣ" ё "адами вуҷуд" иртиботе дошта бошад, дуюм, чизе, ки худаш сабаби аввал аст, наметавонад натиҷаи чизи дигар, ҳатто моҳияти худаш бошад ва ниҳоят, сеюм, Воҷиб-ул-вуҷуд наметавонад барои мавҷуд буданаш ба ягон қолаб ё моҳият ниёз дошта бошад.

Муҳимтарин масоили ҳастишиносии Форобӣ дар қисмати илоҳиёти ӯ матраҳ мегарданд. Яке аз хусусиёти барҷастаи масоили метафизикии Форобӣ мавзуи онро муайян намудан маҳсуб мешавад, зеро то Форобӣ дар фалсафаи ҷаҳони ислом мавзуи аслии илоҳиёт Худо дониста мешуд ва «Форобӣ нахустин шуда дар фалсафаи исломӣ ҳастии мутлақ ва ё ҳастӣ ҳамчун ҳастиро чун мавзуи асосии метафизика асоснок намуда, ба Худо як маънии фалсафӣ дода ва онҳоро дар назарияи маърифати худ алоқаманд сохтааст». [296, с. 37] Маҳз таҳти таъсири ин равиши кории ӯ Ибни Сино ба натиҷае расид, ки «Илме, ки «мо баъд-ат-табиат»-ро омӯзад, мавзуи он мавҷуди мутлақ аст». [11, с. 107] Ин баҳсро Форобӣ дар асари «Мақосиди метафизикии Арасту» чунин матраҳ мекунад: «Сазовор аст, ки илми илоҳӣ дохили ин илми куллӣ (фалсафа –А.Б.) ва бахше аз он бошад, зеро Худованд мабдаи мавҷуди мутлақ [бидуни қайди моддӣ ё муҷаррад будан] аст, на ин ки мабдаи мавҷуди хосе бошад ва мабдаи мавҷуди дигаре на». [35, с. 59] Яъне, Форобӣ мушаххас менамояд, ки илмҳое,

ки масоили ҷузъиро баррасӣ мекунанд, мавзуи омӯзишашон ҳамон ҷузъиёт аст. Аммо мавзуи илми куллӣ наметавонад ҷузъӣ бошад. Дар ҳастишиносӣ низ, ки бахше аз илми куллист, кӯшиш мешавад куллиёти вуҷуд баён гардад.

Масоили ҳастӣ дар таълимоти фалсафии Ибни Сино низ хеле мураккабу баҳсбарангез таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар заминаи осори зиёди ӯ метавон мушаххас намуд, ки ҳастӣ дар фалсафаву илоҳиёти ӯ мақоми меҳварӣ дорад. Ибни Сино фалсафаро илми куллӣ унвон карда, дар қисмати баҳси масоили ҳастӣ муҳимтарин сифатҳои куллии мавҷуд, ба мисли ҷузъ, кул, ваҳдат, касрат, иллат, маълул ва амсоли инҳоро баррасӣ менамояд. Ӯ таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф меҳисобад ва онро ҳам ба моддиёт ва ҳам ба маънавиёт ҳамл мекунад.

Ибни Сино дар заминаи назариёти марбут ба ин баҳси Форобӣ дар ҳастишиносиаш илоҳиётро аз фалсафа ҷудо намуда, онро ба масоили куллии ҳастии фавқуттабиӣ хос мегардонад. Бояд қайд намуд, ки бе таҳлилу баррасии қисмати илоҳиёти Ибни Сино низоми фалсафии ин мутафаккиронро наметавон ба пуррагӣ омӯхт. Аз ин рӯ, ин ҷо муҳимтарин мафҳумҳои илоҳиёти ӯро ба таври мухтасар ёд намудан аз манфиат холӣ нест.

Ибни Сино дар тамоми масъалаҳои фалсафиву метафизикӣ ба ҳастӣ ва шинохти он таваҷҷуҳи махсус намуда, ба ин бовар буд, ки онро таъриф додан ё тасвир кардан ғайриимкон аст. Дар ин масъала таъсирпазирии Ибни Сино аз Арасту мушоҳида мегардад. Ин матлабро мутафаккир дар «Рисолаи ҳудуд» равшан баён мекунад ва аз Арасту иқтибос меорад, ки «Ҳаким дар китоби «Тупиқо» зикр кардааст, ки ҳад-қавлест, ки моҳияти чиз, яъне камоли вуҷуди зотии онро нишон дода, аз ҷинсу фасли қариби он ҳосил мегардад». [10, с. 598] Дар қисмати илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино мафҳумҳои куллӣ, ба мисли «вуҷуд», «шайъ» ва «воҳид» ва ба он монандро бадеҳитарин тасаввуроти омме, ки шомили ҳар чӣ мегарданд, ҳисобида,

таъкид мекунад, ки «ба ҳеҷ вақҳ наметавон... аз онҳо ба чизе аъраф (равшантар –А.Б.) аз худ таъриф кард». [139, с. 24]

Ин манзури ӯ дар «Донишнома» низ равшан баён шудааст: «Ҳастиро хирад худ бишносад беҳадду берасм, ки ӯро ҳад нест, ҷинсу фасл нест ва чизе аз вай омтар нест, вайро расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест». [9, с. 219] Яъне, барои шинохти ҳастӣ хирад ба васоите муҳтоҷ нест ва он мафҳуми комилан равшан буда, аз таърифу тавсиф бениёз аст. Масалан, барои шинохти Офтоб инсон ба маърифати таърифи мушаххасе ниёз надорад. Дар таълимоти Ибни Сино вожаи «ҳад» ба маънои таъриф аст ва ӯ асари алоҳидае дар ин боб бо номи «Рисолаи ҳудуд» таълиф намудааст, ки дар он ба муҳимтарин мақулоту мафоҳими фалсафӣ ба таври муҷаз таъриф медиҳад. Манзур аз «расм» тасвир ва манзур аз «чизе аз вай омтар нест», ин чизе аз вай маъруфтар нест, мебошад.

Дар ин баён Ибни Сино мафҳумҳои «ҷинс», «фасл» ва «расм»-ро махсус қайд намудааст, ки бесабаб нест. Зеро ӯ бо такя ба мантиқи шаклии замонаш танҳо таъриф ба воситаи ҷинсу фасл ва расмро медонист, ки тавассути онҳо ба мафҳумҳои ниҳоят куллӣ таъриф додан душвор, ҳатто ғайриимкон буд. Аммо дар мантиқи шаклии муосир «чанд навъи дигари таъриф коркард шудааст, ки бо ёрии яке аз онҳо лафзҳои ниҳоят куллиро низ таъриф додан мумкин аст. Ин навъи таъриф–таъриф тавассути ишораи муносибат ба зидди худ ном дорад». [116, с. 433]

Чун дар таълимоти Ибни Сино ва дигар мантиқиёни замонаш низ таъриф танҳо ба воситаи ҷинсу фасл ва расм корбаст мешуд, мутафаккир дар «Рисолаи ҳудуд» барои таъриф додан шарт мегузорад, ки «бояд ҷинси қариби чиз гирифта шавад, то ки ҳамаи зотиёти муштараки чизро дар бар бигирад».[10, с. 595] Инчунин, таъкид мекунад, ки «дар таъриф бо овардани фасли суварӣ бе ҳаюлонӣ ва фасли ҳаюлонӣ бидуни фасли суварӣ маҳдуд машав». [10, с. 595] Яъне, дар таъриф сифатҳои мушаххаси зоҳириву маъноии таърифшаванда бояд ба назар гирифта шавад, ки ин усул дархӯри

мафҳумҳои ниҳоят куллӣ нест.

Ҳарчанд Ибни Сино ҳастиро мафҳуми бадеҳӣ меҳисобад, аммо дар ин масъала ба тафсил баҳсҳо ороста аст. Масалан, дар «Донишнома» дар баҳс пиромуни назарияи таҷавҳури аҷсом, дар асоси мақулоти фалсафии муайяннамудаи Арасту, онро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад. Мутафаккир ба натиҷае мерасад, ки араз ҳолат ё сифати мавҷуд аст, ки мустақилона арзи ҳастӣ карда наметавонад ва ба ҷавҳар вобаста аст: «араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизе дигар истода бувад, ки он чиз бе вай ҳастиаш худ тамом бувад». [9, с. 220] Яъне мутафаккир аразро яке аз қисматҳои ҳастӣ ҳисобида, вуҷудашро на қоим ба зоти худаш, балки дар заминаи чизи дигар медонад. Баъзе аз муосирони Ибни Сино даъво мекарданд, ки чизҳо дар муқоиса бо чизҳои дигар метавонанд ҳам ҷавҳар ва ҳам араз бошанд, ба мисли ҳарорат, ки ғайр аз ҷисми оташ араз аст, вале аз он ҷо, ки ҳарорат дар оташ мисли ҷузъе аз оташ аст ва дар сурати дур шудани ҳарорат, аз оташ ҳам чизе боқӣ намемонад, пас он дар ин маврид араз нахоҳад буд, балки ҷавҳар аст. Дар ин масъала Ибни Сино дар мақолаи дуюми фасли аввали илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» низ изҳори назар мекунад ва ин даъворо «хатои бузург» [139, с. 46] меномад.

Ҷавҳарро Ибни Сино мавҷуде медонад, ки дар мавзуе нест ва қоим ба араз набуда, иллати бавуҷудорандаи араз аст ва барои мавҷудият ба чизе муҳтоҷ нест. Мутафаккир мавҷудотро ба мавҷуд биззот (ҳастиаш ба чизе бастагӣ надорад –А.Б.) ва мавҷуд биғайр (ҳастиаш вобаста ба чизи дигар аст–А.Б.) ҷудо мекунад ва қисми аввали мавҷудот биззотро ҷавҳар медонад. Пас, ҷавҳар ҳарчанд тафовути усулӣ аз араз дорад, аммо мисли он вуҷудашро на аз худаш, балки аз омилҳои беруна ва бо сабабе ҳосил мекунад. Аз ин равиши таҳқиқи мутафаккир маълум мегардад, ки баҳс атрофи ҳастии ҷавҳар ва араз танҳо дар доираи имкон-ул-вуҷуд сурат мегирад. Яъне, ӯ Воҷиб-ул-вуҷудро берун аз доираи ҷавҳару араз баррасӣ мекунад.

Ибни Сино суратро ҳамчун ҷавҳар таҳлилу баррасӣ мекунад. Дар масъалаи ҷавҳар будани сурат ӯ далелҳои зиёде меорад. Ӯ дар фасли дуюми илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» зерфасле таҳти унвони «Дар ин, ки моддаи ҷисмонӣ аз сурат орӣ нест» бо бисту як далел бе сурат имкони мавҷудият надоштани моддаи ҷисмониро исбот мекунад ва таъкид мекунад, ки «моддаи ҷисмонӣ муҳол аст бидуни сурат дорои вуҷуди билфеъл бошад». [139, с. 56] Аз ин равиши Ибни Сино бармеояд, ки ӯ мисли Арасту камоли ҷисмро сурат меҳисобад, ки бунёди ғайриҷисмонӣ дорад. [230, с. 32]

Дар табииёти «Китоб ан-наҷот» низ Ибни Сино суратро ҷавҳар меҳисобад: «Аразҳо табиатан баъд аз моддаанд. Сурат аз рӯи иллият пеш аз модда аст. Моддаву сурат аз рӯи табиат ва иллият пеш аз аразанд». [11, с. 108] Аз ин иқтибос низ равшан мегардад, ки мутафаккир дар заминаи назарияи сабабият ба сурат сифоти ҷавҳарӣ қоил буда, онро аз лиҳози вуҷудӣ пеш аз модда дониста, ҷавҳар меҳисобад ва саҳми суратро дар ҳастӣ аз саҳми модда бештар медонад, зеро онро сабаби атокунандаи вуҷуд дарёфтааст. Баҳси мавриди назар ба мартабаҳои вуҷуд рабт дорад ва дар ин масъала Ибни Сино муътақид аст, ки сурат аз модда муқаддам мебошад. Ба қавли ӯ: «Танҳо вуҷуди сурат аст, ки моддаи ҷисмонӣ қивом билфеъл меёбад». [139, с. 62] Пас, маълум мегардад, ки ӯ мисли Арасту суратро асли мавҷудияти чизҳо меҳисобад.

Ибни Сино дар масъалаи ҷисмҳои моддӣ ба ин назар аст, ки то қуваҳои ба ҷисмҳо хосбуда таъсир нарасонанд, онҳо худ ба худ на ҳаракат мекунанд, на сокин мешаванд, на шакл мегиранд ва на чизе меофаранд. Сабаби инро мутафаккир на аз ҷисми дигар ва на аз қуввае медонад, ки аз ҷисме файз шудааст, балки хусусияти мабдаъҳои ба ҳам қарин-модда ва сурат медонад. Ӯ дар «Китоб ан-наҷот» се намуди қувваҳои хоси ҷисмҳои табииро – қувваҳои табиӣ, нафсонӣ ва фалакӣ ҷудо мекунад.

Навъи аввал, қувваҳои табииянд. Онҳо дар ҷисм амалкунанда буда, тавассути шаклҳо, маконҳои табиӣ ва амалҳояшон маҳфуз мемонанд. Агар

ин сифот завол ёбанд, боз аз нав барқарор мешаванд. Қуввахои табиӣ зотан мабдаи ҳаракат, оромӣ ва дигар камолоти зотии хоси худашон буда, ҳеҷ ҷисми табиӣ аз ин қувва холӣ нест. Навъи дуюм, нафс мебошад, ба воситаи олот дар ҷисмҳо амал мекунад, ки чун нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ тавсиф мешавад. Навъи сеюм қувваҳое, ки бе олот амал мекунанд ва нафси фалакӣ номида мешаванд.

Мутафаккир нафсро камоли аввали ҷисми табиӣ меҳисобад, ки тавассути олоту қувва дорои ҳаёт аст. Нафс, ба назари мутафаккир, метавонад дар ҷисмҳо афъоле, чун ҳаракат, оромӣ, ҳифзи навъ ва дигар васоили камолотро тавассути олот ва василаҳои гуногун мунтақил кунад. Ҳеҷ ҷисм худ ба худ на ҳаракат мекунад, на ором мегирад ва на тағйироте дар онҳо ҳосил мешавад, то қувваҳои табиӣ, муҳаррика ва иродӣ ба онҳо таъсир нарасонанд. Ҳарчанд нафс муҷаррад аз модда буда, хусусиёти метафизикӣ дорад ва мавзуи баҳси фалсафаи уло иборат аз донистану шинохтани аҳволи мавҷудоти муҷаррад аз модда аз ҷиҳати вуҷуд аст, аммо мисли аксари файласуфони ҷаҳони ислом Ибни Сино баҳс дар бораи нафсро асосан дар қисмати фалсафаи табииёт баррасӣ мекунад. Ин равиши ӯ ишора ба он аст, ки ҳайвоноту наботот аз нафс, ки сурат маҳсуб мешаванд ва ҷисм, ки аз маҷмуи модда иборат ҳастанд, таркиб ёфтаанд. Пас, аз ҷиҳати алоқаи нафс ба ҷисм ин мавзуъ ҷузъе аз табииёт ҳисобида мешавад. Яъне, агар нафсро, ки муҷаррад аз модда аст, бо ҷисм алоқае намебуд, баҳси он алоқае бо табииёт надошт. Аммо алоқа байни сурату модда, ки сабаби ҳаракати бадан ҳаст ва ҳаракат аз умури табиист, он дар қисмати табииёт баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, Ибни Сино баҳс пиромуни нафсро дар ҳикмати табииёт тафсил мекунад. Дар мавриди нафс баъдтар дар боби дигар муфассалтар баҳс хоҳем кард.

Ибни Сино суратро мабдаи дуюми ҷисм меҳисобад ва дар атрофи он баҳсҳои зиёде дорад. Дар «Китоб ан-наҷот» хусусиятҳои суратҳои дар модда бударо баррасӣ намуда, онҳоро ба суратҳои аз модда холӣ набуда ва

суратҳои аз модда холӣ ҷудо мекунад. Агар яке аз онҳо завол ёбад, ҷояшро дигарӣ ногузир бояд бигирад. Аз ин рӯ, моддаро аз сурат озод намеҳисобад. Дар ин ҳолат он барои сурати дуюм ҳастист, аммо барои сурати аввал аз байн рафтан аст, ки истилоҳан файласуфони асримиёнагии мо «кавну фасод» меноманд. Аммо ин гуна тағйиротро дар аразҳо на кавну фасод, балки гузариш, инкишоф ё ба ин монанд мегӯянд.

Дар «Рисолаи ҳудуд» Ибни Сино суратро исми муштарак номида, чунин маъниҳои онро нишон додааст: навъ, моҳияти чиз ба шакле, ки ҳаст, камоле, ки навъ тавассути он ба камолоти дуюми худ мерасад, ҳақиқате, ки маҳалли худро қоим месозад ва ҳақиқате, ки навъро қоим месозад. [10, с. 602] Ин ҷо низ ҳамон мазмуне, ки дар «Китоб ан-наҷот» ҳаст, бо тағйироти шаклӣ мушоҳида мешавад.

Бо ҳамон равиши моҳиятие, ки Форобӣ дар масоили ҷавҳар дошт ва пештар ишора кардем, Ибни Сино дар «Ҳикмати машриқия» барои билфеъл донистани моҳияти чиз суратро аз модда муфидтар меҳисобад [10, с. 161] ва ба он чунин таърифҳо пешниҳод намудааст: «Чизе, ки мо бояд аз ҳоли сурат бидонем, ин аст, ки сурат исми муштарак буда, ба моҳияте гуфта мешавад, ки чиз бо ёрии он ҳамон чизест, ки ҳаст. Сурат чизест, ки ҳар гоҳ моҳияташ дар модда ба вуҷуд ояд, онро навъ қивом мебахшад. Сурат худи навъро [низ] мегӯянд. Сурат шакл ва тахтиро меноманд. Сурат ҳайати иҷтимоъ, чун сурати аскарро гӯянд. Сурат низоми мустаҳфиз чун шариатро гӯянд. Ҳар ҳайат чӣ гунае, ки бошад, «сурат» номида мешавад. Ҳақиқати ҳар як шайъ хоҳ ҷавҳар бошад, хоҳ араз [низ] «сурат» хонда мешавад». [10, с. 161] Баъди баррасии ин таърифҳо мутафаккир ба чунин натиҷае мерасад: «сурат аз ҷумлаи чизҳое нест, ки пайдо ва фосид шавад, балки он ба ибдоъ вобаста аст». [10, с. 162] Дар асари «Мабдаъ ва маод»-аш Ибни Сино фасле «Дар баёни маънии «ибдоъ...» дорад ва ин мафҳумро аз лиҳози урфи ом «ихтирое тоза, на аз модда» [8, с. 354] ва ҳамчун истилоҳи фалсафӣ «идома додани мавҷуд сохтани чизе, ки ба зоти худ нест аст, навъе аз идома, ки ба иллате

ҷуз зоти мабдаи нахуст тааллуқ надорад ва ҳам ба модда ва олат ва восита ва муайянӣ баста нест» [8, с. 354], дониста аст. Дар «Рисолаи ҳудуд» ибдоъро номи ду мафҳум меҳисобад, аввал, «таъсиси чиз аз ночиз ва бе тавассути чизе», [10, с. 617] дуюм, «чизе умуман бидуни сабабе ба вуҷуд омада бошад, дар ҳоле ки мавҷудияте надошта бошад». [10, с. 617]

Аз ин равиши кори Ибни Сино бармеояд, ки ӯ дар масъалаи сурат хеле печидаву чигил баҳс намуда, мавқеи муайне пайдо карда натавонистааст, зеро дар «Китоб ан-наҷот» аз байн рафтану фасодпазирии суратеро зуҳури сурати дигар меномад, дар «Ҳикмати машриқия» ҷавҳару аразро муштарак ҳақиқати ашё ва сурат медонад, дар мавзеи дигари ҳамин асар суратро ба ибдоъ вобаста намудааст, ки бо низоми фалсафии худаш мувофиқат намекунад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳумҳои «сунъ» ва «ибдоъ» дар истилоҳоти файласуфони асримиёнагии мо ба маънои «эҷод» корбаст мешаванд, аммо миёни ин мафҳумҳо фарқият низ ҳаст. Тафовут ин аст, ки ҳар гоҳ эҷод коре ё амале бошад, ки қаблан аз лиҳози замонӣ собиқа дошта бошад, «сунъ» ва аз лиҳози замонӣ собиқа надошта бошад, «ибдоъ» аст. Ба ибораи дигар, «сунъ» эҷод аз чизест ва «ибдоъ» эҷод аз ҳеҷ. Маънои ибдоъ ва халқро Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ дар китоби «Ҳуҷҷат-ул-Лоҳ-ил-болиға»-аш чунин тавсиф мекунад: «Ибдоъ-эҷоди чиз на аз чиз... Халқ-эҷоди чиз аз чиз». [108, с. 76] Дар «Рисолаи ҳудуд»-и Ибни Сино аз халқ чун исми муштараке ном бурда мешавад, ки ду маънӣ дорад: «1. Халқ тарзи пайдошавии вуҷудро гӯянд. 2. Халқ тарзи пайдошавии вуҷудеро хонанд, ки аз модда ва сурат ба ҳар тарз ҳосил мегардад. Маънои дуввуми халқ вуҷуди билқувваест, ки пештар набудааст, монанди баҳампайвастагии модда ва сурат дар вуҷуд». [10, с. 618]

Дар «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино доманаи баҳси сурат ва моддаро густурдатар матраҳ менамояд ва қайд намудааст, ки «танҳо бо вуҷуди сурат аст, ки моддаи ҷисмонӣ қивом билфеъл меёбад ва ҳамчунин, сурати моддӣ

ҷудо аз модда вуҷуд надорад». [139, с. 62] Аз ин иқтибос бармеояд, ки мутафаккир байни сурат ва модда алоқаи изофӣ қоил аст. Дар мавриди музоф (чизе, ки моҳияти муайян ё ҳолати он дар нисбат ба чизи дигар фаҳмида мешавад. –А.Б.) ва моҳияти он мутафаккир ба ин назар аст, ки «агар барои изофа вуҷуде фарз мешавад, вуҷуди он аразӣ аст, зеро чизе аст, ки худ ба худ қобили тааққул нест». [139, с. 114] Яъне, музоф ҳамеша дар нисбати чизе бо чизе тасаввур мегардад. Маънои музофро дар «Китоб-уш-шифо» чунин тавзеҳ мекунад, ки «ҳамаи музофҳо он чи лозим мегардад, ҳар ду дар вуҷуд ҳамроҳ мебошанд, ба ин маънӣ, ки ҳар кадоме аз дуи онҳо вуҷуд дошта бошад, дигаре низ мавҷуд мешавад, ҳар кадоме аз дуи онҳо вуҷуд надошта бошад, дигаре низ ғайри мавҷуд мешавад». [13, с. 352] Дар баҳси робитаи сурату модда Ибни Сино онҳоро ҳамчун вуҷуд баррасӣ мекунад. Ӯ ин алоқаро аз ду дидгоҳ нишон додан мехоҳад. Аввал, алоқаи иллату маълул (сабабу натиҷа), дар мисоли дучанд ва нисф, дуюм, алоқаи ду чизе, ки ҳар ду зарурати вуҷудӣ доранд, дар мисоли илм ва ҳис, дар ҳоле ки қуввати мушоракат дар ин ду дар исм зоҳир намегардад. Худи илм ҷавҳаран ҳамеша лозим дорад, ки изофа ба маълум бошад, ки дар зоташ ҳаст ва «маълум» бошад, дар ҷавҳари худ зарурат ба илм надорад, он метавонад бо изофа ба илм вуҷуд дошта бошад, ҳарчанд илм ва маълум ҳар ду билфеъл музофшавандаанд ва ҳеҷ кадоме аз ҳам муқаддамтар нест.

Аммо дар баҳси сурату модда Ибни Сино ба натиҷае мерасад, ки «сурат аз ҳаюло муқаддамтар аст». [19, с. 100] Ӯ ба далели ин, ки ҷавҳари сурат билфеъл аст ва ягон табиате билқуввa буда, маҳаллаш модда мебошад, ба ин бовар аст, ки сурат ҳамеша билқуввa мавҷуд аст ва тавассути модда билфеъл мегардад. Дар ин замина мутафаккир ба модда чунин таъриф қоил мешавад, ки «он дар нафси хеш билқуввa мавҷуд буда, бо сурат билфеъл аст». [19, с. 101]

Дар масъалаи модда ва сурат Ибни Сино дар «Китоб ан-наҷот» низ баҳси муфассале ороста, бо далелҳои зиёде исбот мекунад, ки «модда аз

сурати ҷисм орӣ нест». [11, с. 223] Ӯ ҷисмро исми муштараке меҳисобад, ки маъноҳои гуногун дорад. Дар «Рисолаи ҳудуд» се маънои онро ба тариқи зайл нишон додааст: «1. Ҷисм ҳар каммияти пайвастаи муайянеро гӯянд, ки дорои масоҳат ва се буъди билқувва аст. 2. Ҷисм суратеро гӯянд, ки ҳар гоҳ хоҳӣ, дар он се буъд–тул, арз ва умқро, ки ҳадҳои муайян доранд, пайдо кунӣ. 3. Ҷисм ҷавҳареро гӯянд, ки бо ин сифат ва ҳаюло ва сурат таркиб меёбад». [10, с. 605]

Сурати ҷисмонии миқдориро Ибни Сино аз сурати ҷавҳарӣ фарқ мекунад. Барои ташхиси миқдор ва сурат ӯ қатраи об ва пораи шамъро мисол оварда, бо далел исбот мекунад, ки агар онҳо шаклҳои худро дигар кунанд ва андозаҳояшон дигар шаванд ҳам, ҳолаташон бе табдил мемонад. Аз ин рӯ, вақте «ҷисм такосуф ва тахалхул ёбад, сурати ҷисмиаш тағйир наёфта, буъдҳои он дигаргун мешаванд. Пас, байни сурати ҷисмӣ, ки аз боби миқдор аст ва сурат, ки аз боби ҷавҳар аст, фарқ аст». [10, с. 606] Вожаҳои «такосуф» ва «тахалхул» истилоҳотест, ки Ибни Сино дар масъалаи ҳаракат истифода мебарад. Дар «Донишнома» маънои ин истилоҳотро чунин шарҳ додааст: «тахалхул он бувад, ки ҷисм ҷунбиш кунад сӯйи зиёдат, бе он ки андар вай чизе дигар ояд, чунон ки об, ки гарм шавад меҳтар (бузургтар) шавад... Аммо такосуф ҷунбиш бувад сӯи нуқсон, бе он ки чизе биполояд, чунонки об, ки бифусурад, хурдтар шавад». [9, с. 301] Яъне, «тахалхул» афзоиши миқдори ҷисм аст, бе он ки аҷзои ҷисми хориҷӣ ҷузъи он шавад ва «такосуф» кам шудани миқдори ҷисм аст, бе он ки аз ҷисм ҷузъе кам гардад.

Ҳаракатро мутафаккир аз лиҳози шакл ба айна (маконӣ), кайфа (сифатӣ), каммӣ (миқдорӣ), вазъӣ ва аз рӯйи сарчашмаи зуҳур ба табиӣ, касрӣ ва аразӣ ҷудо менамояд. Як нукта дар ин масъала қобили таваҷҷуҳ аст, ки Ибни Сино сарчашмаи ҳаракати табииро дар таркиби ҷисм ва сарчашмаи ҳаракоти касриву аразиро берун аз он ҷустуҷӯ дошт, ки ин тарзи бархӯрди ӯ бо ҳастии моддӣ хусусияти равишшиносӣ дорад. Зеро ҳаракати

табииро аз дохили ҷисм донистан, имконият фароҳам меорад, ки сабаби ашёву ҳодисаҳоро дар худи онҳо ҷустуҷӯ намоянд, ки ба қонунҳои диалектикӣ мувофиқ аст. Назари идеалистии Ибни Сино ӯро водор намуда, ки сарчашмаи ҳаракоти касриву аразиро аз берун ҷустуҷӯ намуда, ба мисли Арасту онро ба муҳаррики аввал нисбат диҳад ва ҳаракати ҷавҳариву ҷунбишҳоро чун навъи ҳаракат эътироф накунад. Ин масъаларо дар фасли дигар ба тафсил баён хоҳем кард.

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино масоили дигари шаклҳои ҳастӣ, ки дар он ба таври васеъ матраҳ гардидааст, баҳси илоҳиёт мебошад. Аз ин рӯ, бе таҳлилу баррасии ин қисмат наметавон ба мафҳуму моҳияти намудҳои ҳастӣ дар фалсафаи мутафаккир баҳои воқеӣ дод. Бинобар ин, муҳимтарин мафҳумҳои илоҳиёти ӯро ба таври мухтасар ёд намудан аз манфиат холӣ нест.

Мутафаккир мавзуи метафизикаро «чизи мавҷуд аз ҷиҳати мавҷуд буданаш» [10, с. 500] меҳисобад. Ӯ мавҷудро бо мақулоти фалсафӣ рабт медиҳад, аммо ин робитаро «на аз роҳи иштирок (як калима дар мавридҳои муайян ба маъноҳои гуногун ба кор равад. –А.Б.), на интибоҳ (маъноест, ки ба чанд чизи танҳо аз рӯйи сурат ба ҳам монанд гуфта мешавад. –А.Б.) ва на тавотуи сирфе (нодида гирифтан. –А.Б.), ки ҳамроҳи вай нисбати мақоми онҳо дар вуҷуд баробар аст» [10, с. 500], балки тавассути муайян намудани мафҳум аз рӯйи қиёс медонад.

Дар ҳастишиносии Ибни Сино масъалаи қадим ё ҳодис будани олам низ хеле печида матраҳ гардидааст. Ибни Сино дар масъалаи қадим ё ҳодис будани олам аз Форобӣ пайравӣ мекунад, на аз Арасту. Зеро Арасту тақаддумро (пешӣ доштан) ба чаҳор қисм: замонӣ, тақаддуми кул бар ҷузъ, тақаддуми рутбаӣ ва тақаддуми афзалу ашраф ҷудо мекард. Аммо Форобӣ қисмҳои тақаддумро панҷ медонист: замонӣ, тақаддуми биттабъ ё тақаддуми кул бар ҷузъ, тақаддуми рутбаӣ, тақаддуми афзалу ашраф, ки ин чаҳор ҳамон ақсоми тақаддуми арастуист ва тақаддуми вуҷудӣ, ба мисли тақаддуми тулуи хуршед бар рӯз. Ақсоми тақаддумро Ибни Сино ба монанди Форобӣ аз панҷ қисм

иборат медонад: замонӣ, тақаддуми рутбаӣ ё вазъӣ, тақаддуми афзалу ашраф, тақаддуми биттабъ ва иллатнокӣ, ки ду қисми охир дар тааххури биззот шариканд. Чи тавре мушоҳида мешавад, ин ҷо низ Ибни Сино навгонӣ ворид мекунад ва иллатнокиро илова мекунад. Дар «Китоби ҳидоя»-аш низ ин масъаларо ба таври муфассал баррасӣ мекунад: «Иллатҳо гоҳо зотан, гоҳо табъан ва гоҳо шарафан пешӣ доранд».[10, с.504]

Албатта, дар масъалаи иллату маълул (сабабу натиҷа) Арасту баҳсҳои муфассале дорад ва сабабҳои чоргонаи матраҳнамудаи ӯ: сабаби моддӣ, сурӣ, фоилӣ ва ғойӣ дар фалсафаи Ибни Сино ҳам ба таври мукаррар омадааст ва Форобиву Шайхурраис онро дар ин замина инкишоф дода, бо таълимоти исломӣ созгор намудаанд. Ҳарчанд Ибни Сино дар «Уюн ал-ҳикмат» аз анвои панҷгонаи сабабҳо ёд мекунад: «сабабҳо панҷ навъанд: модда, мавзуъ, сурат, фоил ва ғоят»[10, с.582], аммо бо такя ба осори дигари мутафаккир, алахусус «Таълиқот», метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ шумори чаҳоргонаи сабабҳои арастуиро ба ҳафт расонидааст. Се сабаби илованамудаи ӯ ба таври зайланд: модда ҳамчун буёди нахустин аз сабаби моддӣ ҷудо аст, вуҷуди шароит ва адами мамониат низ сабабҳоанд. Яке аз камбудиҳои ҷиддии маорифпарварон, ки аз ҷониби макотиби ҷадиди фалсафии асри XX Ғарб нишон дода шуда, маҳз ба назар нагирифтани шароитҳо буд, ки дах аср пештар дар таҳқиқоти Ибни Сино матраҳ гардида буд. Ба ҳар навъ, Ибни Сино сабабу натиҷаро асоси идроки воқеият ҳисобида, мавҷудро натиҷаи сабаб медонад. Ҷаҳон ибдоъи сабаби аввал-Худо мебошад ва дарки ин робита кори ҳикмат аст.

Дар ин замина Ибни Сино яке аз умдатарин аслҳои низоми фалсафиашро, ки назарияи сабабият аст, коркард менамояд. Ба назари ӯ, дар инсон ҳолати хосе вуҷуд дорад, ки онро сабабҷӯйӣ меноманд. Вуҷуди ҳеҷ чиз ва ҳодисае бе сабаб нест. Мутафаккир шаклҳои гуногуни робитаи сабабу натиҷаро баррасӣ намуда, онҳоро зарурӣ ва доимӣ меҳисобад. Ҳамзамон барои идроки айнии олам, ба назари ӯ, донистани қонуниятҳои сабабу натиҷа, навъҳои робитаҳо, моҳияту вижагии онҳо, шаклҳои иллату маълул муҳим аст. Мутафаккир дар

илоҳиёти «Донишнома» аввал моҳияту таносуби сабабу натиҷаро нишон медиҳад: «Ҳар чизе, ки варо ҳастӣ бувад на аз чизе маълум ва ҳастии он чизи маълум ба вай бувад, варо иллати он чизи маълум хонем ва он чизро маълули вай хонем».[9, с.241] Дар ин таъриф Ибни Сино сифоти сабабу натиҷаро мушаххас кардан мехоҳад, ки таносуби замонии онҳо дар миёни файласуфони замони ӯ ва пешиниён баҳсҳои доманадореро ба вуҷуд оварда буд. Албатта, ӯ ҳоло таъсири мутақобилаи сабабу натиҷаро ҳамчун усули фалсафӣ пешниҳод накарда бошад ҳам, аммо масоили робитаҳои куллӣ ва ҳаводисро ҳамчун проблемаи фалсафӣ матраҳ мекунад. Барои ҷавоб ёфтан ба ин мушкилӣ Ибни Сино сабабҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: яке, ҷузъи натиҷа аст ва дуюмӣ, ҷузъи натиҷа нест.

Дар навбати худ ҳолатҳои сабаби аввал, ки дар зоти натиҷа ва ҷузъи он аст, нишон медиҳад, ки ду гуна мешаванд. Якум, муҳим нест, ки вуҷуди сабаб мавҷудияти натиҷаро дар ваҳм ба вуҷуд орад. Мисли чӯбу курсӣ, зеро вуҷуди чӯб лозим намедорад, ки курсӣ ҳам бошад, метавонад усто аз он чизи дигаре созад. Аммо зарур аст, ки билқувва мавҷуд бошад, зеро имкони аз чӯб сохтани курсӣ ҳаст. Инро Ибни Сино «иллати унсурӣ» меномад. Дуюм, ҳаст будани сабаб дар зеҳн, ҳастии натиҷаро лозим дорад. Яъне, агар тасаввур кунӣ, ки чизе ба вуҷуд омад, зарур аст, ки натиҷааш ҳам бояд мавҷуд бошад, мисли сурати курсӣ ва инро «иллати суварӣ» меномад. Ҳолати сабаби дуюм, яъне ҷузъи натиҷа набудани сабаб, низ ба ду зергурӯҳ ҷудо мешавад, ки яке «иллати ғойӣ» ва дигар «иллати фоилӣ» мебошанд. Сабаби ғойӣ ҳадафест, ки барои расидан ба он амале ё ҳастие ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо метавон нишастанро сабаби ғойии сохтани курсӣ ё паноҳгоҳро сабаби ғойии сохтани хона ва усторо сабаби фоилӣ ҳисобем.

Ба назари Ибни Сино, яке аз сабабҳои ғойии мавҷудияти олам рафта ба Худо мерасад. Худо танҳо муҳаррики аввал нест, ки аз таълимоти Арасту бармеояд, балки мақсади ниҳоии ҳамаи мавҷудот мебошад. Ин ҷо андешаҳои Ибни Сино бо таълимоти аҳли ирфон монандӣ пайдо мекунад.

Ибни Сино ба мисли Форобӣ масъалаи қадим будани оламро бо ақоиди динӣ рабт медиҳад. Баҳси «қадим» ё «ҳодис» будани олам дар фалсафаи исломӣ ҷойгоҳи хос дошта, асосан дар чаҳорчӯбаи таносуби холиқу махлуқ аз худ дарак медиҳад. Мутафаккир оламро ба далели аз зоти Худо содир шуданаш қадим меҳисобад. Аммо зоти Худо аз лиҳози шарофат, табъ ва маълулият нисбати олам тақаддум дорад. Аз ин рӯ, ба назари ӯ, дуруст нест, ки олам аз Худо аз лиҳози замонӣ дертар ба вуҷуд омада бошад.

Мувофиқи таълимоти Ибни Сино, мафҳуми «қадим» аз ҷиҳати зот ё аз ҷиҳати замон шарҳ дода мешавад. Қадим аз ҷиҳати зот вуҷудаш аз чизи дигаре вобаста нест ва оғози замонӣ надорад, ки он воҷиб-ул-вуҷуд аст. Аммо барои маърифати қадим аз ҷиҳати замон аввал бояд истилоҳи «ҳодис» бознигарӣ шавад. «Ҳодис» ба ду маъно фаҳмида мешавад: аввал, барои зоти вуҷуди он ибтидое ҳаст, дуюм, барои замони вуҷуди он оғозе тасаввурпазир нест. Яъне, имкон надорад чизе дар замон вуҷуд надошта бошад ва акнун худ аз худ мавҷуд шудааст. Аз ин метавон натиҷагирӣ намуд, ки ҳар чизе, ки барои замони вуҷудаш ибтидое бошад, аз ҷумлаи оғози замонист, на ибдоӣ. Аз ин нуқтаи назар, модда аз ҳар навъ вуҷуди ҳодис муқаддамтар аст. Барои он ки то моддае падидор нашавад, ҳодисе ба вуҷуд намеояд, пас ҳодис аз рӯйи мавқеъ фаръи модда аст. Дар «Рисолаи ҳудуд»-аш мутафаккир моддаро муродифи ҳаюло дониста, онро мавзуе мехонад, ки ба сабаби омезишаш ба чизи дигар ва воридшавии тадриҷии чизи дигар бар он камолро қабул мекунад, монанди манӣ ва хун, ки сурати ҳайвонӣ мегирад. [10, с.603] Пас, қадим аз ҷиҳати замон чизест, ки оғози замонӣ надорад, ба мисли олам.

Ибни Сино итминони комил дорад, ки модда аз вуҷуди ҳодис пештар аст ва то модда набошад, вуҷуди ҳодисе аз худ дарак намедиҳад. Ин ҷо Ибни Сино ба хулосае меояд, ки то чизе мавҷуд нагардад, нестӣ аст. Дар навбати худ дар нестӣ низ чунин эҳтимол вуҷуд дорад, ки оё аз вуҷуд пештар аст ё дар баробари он қарор дорад? Аз ин мебарояд, ки нестӣ пеш аз ба даст овардани сифоти ҳастӣ вуҷуд доштааст, зеро барои ҳодис гузаштае вуҷуд дорад, ки ҳақиқати

вуҷуд ё нестист.

Дар заминаи ин баҳс Ибни Сино назарияи имконияташро коркард менамояд, ки он барои равшан намудани боварии ӯ нисбати идроки олам хеле муҳим аст. Ӯ ба ин бовар аст, ки чизе қабл аз вуҷуд агар қобилияту имконияти пазирандагие нисбати вуҷуде надошта бошад, имкон надорад он ба вуҷуд ояд. Яъне пеш аз вуҷуд бояд қобилияту истеъдоди мавҷуд шудан бошад, то мувофиқи он чизе мавҷуд гардад. Ин назарияро Форобӣ қаблан дар заминаи таълимоти навафлотуния коркард карда бошад ҳам, Ибни Сино онро такмил дода аст. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон қодир нест чизе эҷод намояд, ки номумкин бошад. Қудрати инсон танҳо дар доираи имконист.

Маърифати аҷсоми табиӣ дар таълимоти Ибни Сино дар пайравии Арастуву Форобӣ шакл гирифта аст. Зеро Ибни Сино ба мисли Муаллими аввал ва сонӣ ҷисмҳоро мураккаб аз моддаву сурат медонист. Ӯ муносибати моддаву суратро ҳамчун мис ва муҷассама меҳисобид ва ҳаракату сукун, замону макон, хало ва амсоли инҳоро аз сифоти аҷсом медонист. Ба вуҷуд омадани нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва инсониро дар натиҷаи эътидоли мизоҷ меҳисобид.

Мутафаккир дар «Уюн ал-ҳикмат»-аш ҷисмҳоро ба басит ва мураккаб ҷудо намуда, ин навъҳоро тавзеҳ медиҳад. Ҷисмҳои баситро аҷсоме медонад, ки ба ҷузъҳои табиаташон гуногун тақсим намешаванд, ба мисли осмонҳо, замин, об, ҳаво, оташ. Ҷисмҳои мураккаб ба хилофи ҷисмҳои басит ба қисматҳои аз лиҳози шакл бо ҳам фарқкунанда, ба мисли таркиби набототу ҳайвонот ҷудо мешаванд. [10, с.561] Ин таснифоти Ибни Сино дар физикаи муосир низ арзишманд буда, барои муайян намудани хусусиёт, сифатҳо ва таркиби ҷисмҳо мусоидат мекунад.

Дар таълимоти Ибни Сино мафҳумҳои «воҷиб», «мумкин» ва «мумтанеъ», ки дар ҳастишиносии ӯ муайянкунандаи ҷаҳонбинии аввалияи ин мутафаккир маҳсуб мегарданд, як ҷо матраҳ мешаванд: «Пас, ҷумлаи маводи қазоё ин се аст: моддаи «воҷиб» аст ва моддаи «мумкин» ва моддаи

«мумтанеъ»». [9, с. 370] Дар илоҳиёти мутафаккир мафҳумҳои «Воҷиб-ул-вуҷуд» ва «имкон-ул-вуҷуд» як ҷо тавъам баррасӣ мешаванд. Мувофиқи таълимоти Ибни Сино, «Воҷиб-ул-вуҷуд зотан ягона аст... иннияти Воҷиб-ул-вуҷуд моҳияти он аст... Воҷиб-ул-вуҷуд барои васфи ду шахс раво набувад... Он қадим ба зоти хеш, якто ва зотан ғайримуҳдас аст, зеро вуҷуди қадим ба моҳияти дигаре лоҳиқ намегардад. Пас, Воҷиб-ул-вуҷуд моҳият, ҷинс, фасл, ҳад ва ҳамто надошта, аз модда низ озод аст ва зид надорад... Ӯ мабдаи ҳар як камол аст». [10, с. 510-511] Иллати ба таври ҳатмӣ ягона будани Воҷиб-ул-вуҷудро Ибни Сино чунин шарҳ медиҳад: «сабаби зарурати ягона будани Воҷиб-ул-вуҷуд он аст, ки чизи ташаххусёфтаро ё зоташ ва ё чизи дигаре иллати вай гардад. Пас агар чизи ташаххусёфтаро зоташ иллаташ бошад, касрат пазируфтанаш дуруст набувад». [21, с. 91]

Ақидаи мутакаллимонро, ки ҳар ашё барои зуҳураш ниёзманди сабабест ва пас аз бавуҷудоӣ дигар ниёз ба сабаб надорад, Ибни Сино танқид мекунад. Яъне, аз лиҳози замонӣ пешӣ доштани сабаб аз мусаббаб (натиҷа)-ро Ибни Сино қабул надорад. Пешӣ доштани Воҷиб-ул-вуҷуд аз имкон-ул-вуҷудро низ на аз ҳайси замон, балки моҳиятан медонад. Ба ин монанд бо афкори гуногуни каломӣ Ибни Сино мухолифат дорад, аммо бо такя ба сарчашмаҳои фавқуззикр метавонем натиҷагирӣ намоем, ки андешаи баъзе муҳаққиқони Ибни Сино, ки ақидаҳои фалсафии ӯро мутлақ «ба муқобили дину фалсафаи калом» [250, с. 59] ба қалам медиҳанд, чандон қобили қабул нест. Ҳарчанд назарияи сабабияти мутафаккир бо ҷаҳоншиносии мутакаллимон мувофиқ набошад ҳам, бебаҳс, Ибни Сино кӯшидааст афкори фалсафиашро бо таълимоти исломӣ мутобиқ созад, ки пештар ин масъаларо ба тафсил баён кардем. Дар метафизикааш мутафаккир таҳти мафҳуми сабаби фоилӣ нахустсабаб-Худоро дар назар дорад ва ӯро сабаби зуҳури ҳамаи сабабҳо меҳисобад. Аз ин рӯ, наметавон андешаҳои фалсафии ӯро мутлақо зиддидинӣ таъбир намоем.

Сифоти Воҷиб-ул-вуҷуд, ки дар осори Ибни Сино матраҳ мегардад, бо

такя ба таълимоти Форобӣ баён шуда бошад ҳам, дар баробари ин тафовути усулӣ низ ҷой дорад. Зеро Ибни Сино муносибати Аллоҳ ва табиатро на чун муносибати офаридгор ва офаридашуда, балки таносуби иллату маълул меҳисобад. Масалан, дар қисмати илоҳиёти «Донишнома» Ибни Сино чунин менависад, ки «Пас, бояд чун мавҷуд хоҳад шудан, яке мумкине бишавад ва мумкине ба худ ҳаргиз нашавад, ки аз сабабе омадааст. Пас, мумкиниаш аз иллат бояд ки бишавад, то воҷиб шавад». [8, с. 76] Яъне, яке аз шартҳои мавҷуд мумкин-ул-вуҷуд буданаш аст, зеро агар мумтаниъ-ул-вуҷуд мебуд, наметавонист ҳаргиз ба вуҷуд биёяд. Дигар, маълул барои мавҷудияти худро муайян намудан ба сабабе муҳтоҷ аст.

Дар таълимоти Ибни Сино иллат зотан «чизест, ки аз вай ба сабаби зоташ доим маълул берун меояд, агар монее набошад». [10, с. 504] Ин ҷо Ибни Сино таъкид мекунад, ки «агар монее набошад», [10, с. 504] ин ба он маъност, ки дар муносибат ба араз мутафаккир натиҷаро ба сабаби зоти иллат намедонад: «Иллат ба араз чизест, ки аз вай амре берун меояд, ки сабаби зоти вай набуда, балки аз барои чизест, ки дар араз пайдо мегардад ва он амр заруран аз он сабаб ба амал меояд». [10, с. 504-505]

Барои исботи «Воҷиб-ул-вуҷуд» ҳакимони асримиёнагии мо равишҳои мухталиферо пеш гирифтаанд. Масалан, намояндагони ҳикмати калом дар масъалаи ҳодис будани ҷисмҳо, қадим будани Холиқ ва огоҳии мутлақ доштани ӯ аз аҳволи махлуқотро бар сифоти «Воҷиб-ул-вуҷуд» истидлол мекунанд, ки ин далеловарӣ бо равиши аз сабаб ба натиҷа мебошад ва ба истилоҳи файласуфон «бурҳони инна» (бурҳони ҳастӣ) [23, с. 141] аст. Файласуфони табиатшинос аз вуҷуди ҳаракат бар вуҷуди муҳаррик истидлол карда, тамоми ҳаракотро ба муҳаррике, ки номутаҳаррик аст, ба охир мерасонанд. Ин равиш низ мисли равиши мутакаллимон истидлол аз асар бар муассир ва сабаб ба натиҷа аст. Ҳакимоне, ки равиши метафизикиро пеша намудаанд, дар истидлол бар зоти Худо мафҳуми ҳастиро, ки мумкин ё воҷиб аст, баррасӣ намуда,

зарурати вуҷуб ва имконро бар исботи сифоти ӯ истидлол менамоянд ва баъдан аз сифоти «Воҷиб-ул-вуҷуд» судури афъоли ӯро муъайян кардан мехоҳанд. Ибни Сино равиши сеюмро меписандад ва дар «Ишорот ва танбеҳот» ин мазмунро чунин баён менамояд: «Бияндеш ва тааммул кун, ки чӣ гуна дар исботи мабдаи аввал, ваҳдоният, ягонагии вай ва покиаш аз айбҳо баёни мо ба тааммули чизи дигар ҷуз худи вуҷуд ниёз надошт?». [164, с. 279]

Азбаски Ибни Сино далелҳои мантиқиро аз дигар далоил беҳтар медонист, равиши метафизикиро қабул намудааст, зеро мувофиқи он истидлол аз сабаб ба натиҷа аст ва бо баррасии аҳволи ҳастӣ вуҷуди «Воҷиб-ул-вуҷуд»-ро эътироф менамояд, ки дар мантиқ онро «бурҳони лимма» меноманд. Бурҳони лимма бурҳонест, ки дар он аз иллат ба воситаи маълул метавон огоҳ шуд. Ба ибораи дигар, дар ин навъи бурҳон аз сабаб ба натиҷа мегузаранд. Мантиқиён ин навъ бурҳонро беҳтарин истидлол меҳисобанд, ки аз хатову иштибоҳ дур ва ба яқин қаробат дорад.

Дар баҳси ҳастишиносӣ Ибни Сино ба мафҳуми «ҳаюло» таваҷҷуҳи хосе намудааст. Мутафаккир мафҳуми «ҳаюло»-ро чунин баён мекунад: «Ҳар пазирое, ки ба пазируфтае ҳастии вай тамом шавад ва ба феъл шавад, он пазироро «ҳаюло» хонанд». [9, с. 220] Пас, ҳаюло билқувва мавҷуд аст ва билфеъл сурат мепазирад. Он метавонад ҳар як суратро бипазирад, аз суратҳои қоим ба нафси худ ҷудо нест ва бе онҳо билфеъл вуҷуд дошта наметавонад. Мутафаккир «ҳаюло»-ро ҷавҳар меҳисобад ва ин назарашро чунин шарҳ медиҳад: «Маънои «ҳаюло» ҷавҳар бошад гуфтанам ин аст, ки вуҷуди билфеъли вай ба сабаби зоташ дар ӯ ҳосил мегардад». [10, с. 603]

Дар ҳастишиносии Ибни Сино вуҷуди «ҳаюло» ба сурат вобаста аст, аммо адам ба зот, умуман, на мавҷуд асту на маъдум, балки рафъи зоти бо қувва мавҷудбуда аст. [11, с. 110] Он мустақилона вуҷуд дошта наметавонад ва ҳамчунин вуҷуди ҷисм низ дар худи он муқаррар нест. [13, с. 224] Агар ҳаюло дорои вуҷуде ҷудо аз сурати ҷисмонӣ бошад, дар ин сурат макон

дорад ва ба он ишора карда мешавад ё бемакон ва ғайри қобили ишора аст. Дар қисмати табииёти «Ҳикмати машриқия» Ибни Сино таъкид мекунад, ки ҳаюло ҷавҳар аст ва метавонад дар дилхоҳ сурат инъикос гардад ё аз рӯи табиати худ бо ҳамаи суратҳо пайваст шавад. Агар сурат аз ҳаюло нест шавад, вай сурати дигаре пайдо намекунад, ки пардаи вай бошад. Нуктаи охири чизи мураккаб ҳангоми пароканда шудан ба ҳаюло рафта мерасад, аз ин рӯ, ҷузъи басите мебошад, ки суратҳоро қабул мекунад. [12, с. 79]

Дар мавриди ҳудус ва қидами олам Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду таҳти таъсири амиқи навафлотуния қарор гирифтаанд. Ҳар ду ҳам кӯшидаанд масоили дар ин боб матраҳнамудаашон аз доираи ақоиди динӣ берун наравад. Форобӣ мафҳуми «қадим»-ро ба Худо зотӣ ва дар мавриди олам нисбӣ медонист. Ибни Сино низ ба мисли Форобӣ оламро қадим медонад, аммо он вобастаи Воҷиб-ул-вуҷуд аст. Ҳар ду мутафаккир ба хилофи мутакаллимон, ки мафҳуми «қадим»-ро шарҳи динӣ медоданд, онро аз лиҳози фалсафӣ тафсир намудаанд, яъне вуҷуди зарурии вобаста ба сабаби аввал. Аз ин дидгоҳ, олам ҳодис набошад ҳам, аммо бо зоти Худо аз лиҳози шарофат, табъ ва маълулият баробар нест. Тафовути андешаҳои ин ду мутафаккир дар ин масъала аз лиҳози услуби баёнашон аст, моҳиятан ҳар ду оламро қадим, аммо вобастаи Худо медонанд. Дар ин масъала онҳо кӯшидаанд, дарки ҳамешагӣ ва зарурии ҳастиро ба вуҷуд оранд.

Хулоса, таҳлили ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино нишон медиҳад, ки ин ҳакимон дар таърихи фалсафаи асримиёнагии мусулмон аз навоварону назарияпардозон ва муассисони фалсафаи навин буда, масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо минбаъд мавзуи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегардад.

Ибни Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф мустағнӣ ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад.

Форобӣ ва Ибни Сино барои маърифати ҳастӣ истилоҳоте, ба мисли «мафҳум», «моҳият» ва «шакл»-ро истифода бурда, маъноҳои онҳоро ба таври ҷудогона баррасӣ намудаанд. Мафҳуми ҳастӣ, ба назари онҳо, шакли андеша аст, ки чистии чизро дар зеҳн инъикос мекунад. Он натиҷаи тафаккури ақлӣ буда, василаи маърифати воқеӣ аст. Моҳият бошад ҳақиқати чиз аст, ки бо ҷавоби суоли «ин чист?» айният дорад. Агар Форобӣ ба масоили мантиқии ин баҳс таваҷҷуҳи бештар дошта бошад, Ибни Сино робитаи онро бо ҳастии воқеӣ нишон медиҳад.

2.2 Назари Форобӣ ва Ибни Сино дар бораи ҳаракат ва шаклҳои он

Масъалаи ҳаракат дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҷойгоҳи хос дошта, он аз назари ин мутафаккирон ҳамчун арази зотии пайваст бо модда тавсиф мешавад. Аз назари Форобиву Ибни Сино ҳаракат дар доираи миқдору сифат маҳдуд намешавад ва аз мақулаҳои муайяннамудаи арастуӣ фаротар аст. Ин мутафаккирон ҳаракатро ҳамчун падидаи умумии ҳастӣ ҳисобида, дар заминаи таълимоти арастуӣ ҷанбаҳои метафизикӣ ва табиатшиносии онро такмил додаанд ва онро ҳамчун гузариш аз имконият ба воқеият ва сабабу натиҷа таҳлил намудаанд.

Дар таърихи фалсафа Форобӣ аз намояндагони ҳикмати машшоияи шарқӣ буда, аз ҷонибдорони таълимоти Арастуст. Ошноии Форобӣ бо фалсафаи Арасту гоҳе мустақим тавассути осори худи Муаллими аввал, гоҳе ба воситаи тарҷумаву шарҳи онҳо ва гоҳе ба василаи таълимоти фалсафии

макотиби гуногун сурат гирифта аст. Форобӣ осори мантиқиву фалсафии Арастуро тарҷума намуда, ба аксари онҳо шарҳу ҳошияҳо навишта, борҳо аз таъсирпазирии хеш аз ҳикмати юнонӣ дар осораш ёд намудааст. Аммо чи тавре пештар таъкид намудем, наметавон ӯро сирф муфассиру муқаллиди ҳикмати юнонӣ донист. Зеро бо такя ба фаъолияту осори ӯ метавон бо итминони комил гуфт, ки ӯ тавассути тарбияи пайравонаш ва навовариҳову кашфиёти илмиву фалсафиаш мактаби хоси худро ба вуҷуд овард, ки дар ташаккули фалсафаи машшоъ нақши калидӣ гузошт ва ӯро чун файласуфи асил муаррифӣ намуд. Дигар, аз ҷанбаҳои мутафовити ин мутафаккирон дар он аст, ки «равиши таҳқиқи Форобӣ аз Арасту фарқ мекунад». [96, с. 23]

Аз осори Форобӣ бармеояд, ки зеҳнияти ҷӯёву пӯёи ӯ боис гардидааст, ки мутафаккир дар бораи масоили гуногуни фалсафӣ изҳори назар намуда, хулосаҳои мантиқӣ барорад ва қариб ба тамоми қисматҳои фалсафии замонаш дахл намуда, дар инкишофи тафаккури фалсафӣ таъсири босазо гузорад. Форобӣ дар асари «Таҳсил-ус-саодат»-аш фалсафаро чунин тавсиф намуда: « Фалсафа қадимтарину комилтарини илмҳо ва пешвои онҳост ва илмҳои дигари асосӣ зери соя ва роҳбарии ин илм қарор доранд». [37, с. 86] Мутафаккир яке аз аввалинҳо шуда, мавқеи робитаи зарурии байни муқаддимаҳо ва натиҷаро дар ҷараёни муҳокимарониву исбот мушаххас намудааст. [292, с. 26] Ба алоқамандон маълум аст, ки дар фалсафаи атиқа ва асрҳои миёна яке аз масоили баҳсбарангез ҳаракат маҳсуб мегардид. Дар баҳси мавриди назари мо низ, ки шаклҳои ҳаракат дар таълимоти Форобиву Ибни Синост, ин масъала ба таври муҷаз матраҳ гардидааст.

Пиромуни муаммоҳои ҳаракат Форобӣ баҳсҳои зиёде намуда, бар асоси таълимоти арастуӣ ба он баҳо додан мехоҳад, ки бо ин равиш дар он замон сабабҳои аслии ҳаракатро мушаххас карда наметавонист, вале бисёр ҷанбаҳои норавшани онро бо далоили мантиқӣ тавонистааст равшан намояд ва минбаъд таълимоти ӯ чун сарчашмаи муътамад аз ҷониби ҳакимони гуногунмашраб мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирад. Форобӣ ҳама гуна тағйироту

инкишофро ҳамчун ҳаракат баррасӣ менамояд, ки дар фалсафаи муосир низ арзишманд аст. Масъалаи ҳаракатро Форобӣ дар доираи «назарияи файз»-аш густурдатар баррасӣ менамояд ва онро ҳамчун қонуни умумии табиат медонад. Ӯ барои мушаххас намудани ҳаракат ба дарёфти муҳаррик таваҷҷуҳ менамояд ва бо такя ба назарияи «муҳаррики аввал»-и Арасту масъаларо равшан кардан мехоҳад. Форобӣ ин назарияро пазируфта, кӯшиши зиёд намудааст, ки ҳақиқати онро исбот намояд.

Ӯ ибтидоан вуҷудро ба воҷиб ва имкон ҷудо мекунад. Вуҷуди Воҷиб-ул-вуҷуд аз чизе нест, тағйирнопазиру собит аст. Барои исботи вуҷудаш бурҳоне нест, чун ӯ бурҳони ҳама ашёст. Моҳияти ӯ айни зоти ӯст. [147, с. 51] Ба назари ӯ, аз Воҷиб-ул-вуҷуд, ки ягона аст, ҳамчун худи ӯ нахуст Ақли аввал ба танҳоӣ содир мешавад. Ақли аввал ба ҳасби зот мумкин-ул-вуҷуд ва тавассути иртиботаш бо Худо воҷиб-ул-вуҷуд бағайр аст. Ӯ ҳам худаш ва ҳам Худоро тааққул мекунад ва касрате, ки дар он аст, аз ҷониби Худо файз мегардад. Вуҷуди ӯ амри имконист, ки ба зоти худаш дахл дорад, Худо сабаби мавҷудияти ӯ нест, балки ӯ аз ҷониби Худо лузуман содир шудааст. Азбаски Ақли аввал Худоро тааққул мекунад, Ақли дувум содир мешавад, ки он низ ягона ва тақсимнопазир аст. Аз сабаби он ки Ақли аввал мумкин ба зот ва тааққулкунандаи зоти худ аст, аз он фалаки олӣ, яъне маҷмуи модда ва сураташ, ки нафси фалакист, падид меояд. Аз ақли дувум низ, ки касрати аразӣ дорад, дар навбати худ ақли дигар ва фалаке, ки аз лиҳози рутба аз фалаки олӣ поёнтар бошад, ба вуҷуд меояд. Ба ҳамин минвол аз ҳар ақле ба мадади фоили муфориқ (амалкунандае, ки ҷудо аз модда буда, таъсири он мустақим ва ақлонӣ аст ва сабаби ҳаракат ва вуҷуди дигар мавҷудот мебошад.–А.Б.) ақли дигар ва фалаке ҳосил мешавад, то ба ақли охир. Баъд аз файз шудани ақли охир теъдоди афлок ба итмом мерасад, то силсилаи ақлҳову афлок беинтиҳо давом наёбад. Ин тарзи ҷаҳонбинии Форобӣ бо тафовути ҷузъӣ ба таълимоти навафлотуния мувофиқат дорад, ки минбаъд аз ҷониби Ибни Синову ҳакимони дигари машшоъ тақвият ёфт.

Ҳар кадоме аз ин ақлҳо аз лиҳози навъ гуногунанд ва ақли охир, аз ҷиҳати он ки бо Худо робита дорад ва Худо аз тарафи ӯ фоъилият анҷом медиҳад, сабаби ба вуҷуд омадани нафсҳои заминӣ, аз ҷумла нафси нотиқа мегардад ва унсурҳо ба воситаи нафси осмонии фалак, аз ҷиҳате, ки хешро тааққул мекунанд, ба вуҷуд омадаанд. Дар унсурҳо аз ҷиҳати нисбате, ки бо мавҷудоти самовӣ пайдо кардаанд, ба мадади зуҳуроти табиӣ, ба мисли раъд, барқ, борон ва амсоли онҳо омехтагӣ ба вуҷуд меояд ва онҳо пазирои нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва нафси нотиқа мегарданд. Ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва таҳаввулоте, ки ба воситаи наздикӣ ё дурии иллатҳо ҳосил мешавад, ин ҳамон ҳаракат аст. [35, с. 121-122] Яъне, Форобӣ ҳаракатро ҳамчун низоми космологӣ таҳлил намуда, онро танҳо ба ҷисм маҳдуд намекунад, балки унсури сохтории тартиби ҳастӣ меҳисобад.

Дар ин замина ӯ шаклҳои ҳаракатро мушаххас намудан мехоҳад. Мутафаккир дар асари «Исботи мавҷудоти муҷаррад»-аш бо шаш бурҳон исбот менамояд, ки ақлҳо аз зумраи муҷаррадотанд ва ҳаракати онҳо даврист. Дар тавсифи бурҳони шашум қайд менамояд: «ҳаракати доимӣ лузуман бояд муҳаррики муҷаррад дошта бошад». [35, с. 138] Дар ин маврид Форобӣ масъалаи ҳаракатро ба баҳс кашида, бо се бурҳон андешаашро асоснок мекунад, ки ҳаракати афлок табиӣ нест, балки даврист. Далелҳои ӯ ба таври зайланд: аввал, ба назари ӯ, ҳаракати табиӣ ҳарчанд дар ҳолати ғайритабиӣ аз шайъ содир шавад, аммо дар ниҳоят ба ҳолати табиӣ меанҷомад ва дар натиҷаи он ҳаракат ҳангоми рафъи ҳолати ғайритабиӣ ва қасрӣ ба сукун хоҳад расид. Ҳол он ки дар ҳаракати даврии фалак сукун ҷоиз нест. Дуюм, ҳаракати табиӣ зотан толиби амрест, ки бо вусул ба он ба сукун бирасад ва онро аз наздиктарин роҳ мехоҳад, ки наздиктарин роҳ низ роҳи мустақим аст. Сеюм, табиати шайъ талаб надорад, ки хостгори чизе бошад, ки аз он мегурезад, ҳамчунон ки муқтазо ин нест, ки аз матлуби хеш бигрезад, ба хилофи ҳаракати даврии афлок. Бинобар ин ҳаракати даврӣ ҳаракати табиӣ нест, балки нафсонӣ ва ихтиёрист. [35, с. 138]

Форобӣ ба ин назар аст, ки устуқсот (унсурҳои басит) ва аносири чаҳоргона тавассути нафси афлок ва меҳвари ҳаракати он ба вуҷуд меоянд. Ин масъаларо ӯ чунин шарҳ медиҳад: «Афлоке, ки ҳаракати даваронӣ доранд, лозим аст бар меҳвари чизи собит ҳаракат кунанд. Аз истикоки (неруи мухолиф бо ҳаракати нисбии ду сатҳи моддӣ дар тамос бо якдигар) фалак бо ин меҳвар аносири чаҳоргона ба тартиб ба вуҷуд меоянд». [35, с. 122] Чи тавре ки қаблан ишора шуд, Форобӣ ҳаракати афлокро на табиӣ, балки даврӣ меҳисобад, ки аз таълимоти арастуӣ бармеояд. Зеро Арасту фалакро ба ду қисмати мутазод – фавқи қамар ва таҳти қамар ҷудо намуда буд, ки дар ҷаҳоншиносии ҳакимони машшоӣ таъсири зиёд гузошта аст. Дар ин ҷаҳонбинӣ ҳаракати даврӣ хоси муҳити фалаки фавқи қамар аст ва мунтаҳо ба қадим будани ҳаракат ҷамъбаст мегардад.

Ҳаракати афлокро Форобӣ бар меҳвари чизе собит меҳисобад. Мувофиқи ҷаҳоншиносии ӯ, ҷирмҳои осмонӣ дорои тааққули кулливу ҷузъиянд ва метавонанд тахаййул намоянд, ки ба табъи он тахаййули ҷисмонӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳаракат аст. Пай дар пай омадани ин тахаййулот сабаби пайваста будани ҳаракатҳои ҷисмонӣ дар ҷирмҳои осмонист. Пайваста дар ҳоли тағйир будан сабаби тағйир дар унсурҳо ва дар ниҳоят дар олами кавну фасод аст. Форобӣ муддаӣ аст, ки «фалак метавонад ашёро нахуст тааққул, сипас тахайюл кунад, вале мо ибтидо чизҳоро тахайюл мекунему сипас тааққул». [35, с. 184]

Муштарак будани ҷирмҳои осмонӣ дар маънои ягона, ки аз талаботи ҳаракати даврист, сабаби муштаракияти унсурҳои чаҳоргона дар моддаи ягона мегардад ва ихтилофи онҳо иллати фарқият миёни суратҳои ин унсурҳо мешавад. Вале ҳарчанд ҷирмҳои осмонӣ бо унсурҳои чаҳоргона ва падидаҳои моддӣ дар таркиб аз моддаву сурат муштараканд, аммо моддаву сурати мукавванот (мавҷудоте, ки пайдо мешаванд, тағйирпазир ва фанопазиранд. – А.Б.) гуногун аст. [35, с. 122] Яъне Форобӣ яке аз шаклҳои ҳаракатро даврӣ ҳисобида, ҳаракоти ҷирмҳои осмониро ба ин гурӯҳ шомил мекунад, ки дар

шаклгирии мавҷудоти айнӣ муассир аст. Ӯ аз миёни шаклҳои гуногуни ҳаракат танҳо ба ҳаракати даврӣ давомнокӣ қоил аст.

Дар масъалаи ҳаракоти осмонӣ Форобӣ зуҳури ҷисм ва ҳаракоти онҳоро аввалин зинаи камоли чизи билқувва ва ҳаракати фалакро камол меҳисобад, ки ҳамин назария дар таълимоти Ибни Сино низ мушоҳида мешавад. [237, с. 90; 320, с. 76] Ба назари ӯ, «агар камоли фалак ғайри ҳаракаташ мебуд, ҳангоми вусул ба он камол мутаваққиф мешуд. Пас ҳаракат барои фалак ба манзалаи субот дар макони табиӣ барои ҷисми мутаҳаррик дар масири мустақим аст ва бад-ин ҷиҳат ҳаракаташ доимӣ аст». [35, с. 185]

Чи тавре ишора шуд, Форобӣ ҳаракатро арази зотии ҷисмҳо меҳисобад, яъне он хосияти имкон-ул-вуҷуд аст. Мутафаккир имкон-ул-вуҷудро ба модда ва муҷаррад аз модда ҷудо намуда, муътақид аст, ки ҳар ду ҷанбаи имконӣ ниёзманди камоланд. Азбаски имкон-ул-вуҷуд ҷавҳаран ноқис аст, ба камол ниёз дорад. Аз ин рӯ, бе ҳаракат имкон надорад, ки камоли матлуб ҳосил гардад. Пас маълум мегардад, ки ҳаракат аз хосиятҳои ҷудонопазири ҷисм буда, ба имконияту воқеият ва таносуби онҳо бастагӣ дорад.

Ҳарчанд ҳаракати ҷавҳарӣ дар илми муосир собит шудааст, аммо Форобӣ муътақид буд, ки ҳаракат дар ҷавҳари ашё вуҷуд надорад. Ба назари ӯ, ҳаракот ибтидо ва интиҳои замонӣ надоранд ва дар маҷмуъ онро ба чаҳор қисм – вазъӣ, маконӣ, миқдорӣ (каммӣ) ва сифатӣ (кайфӣ) ҷудо мекунад. Ба андешаи ӯ, ҳаракате, ки бар ҷирмҳои осмонӣ ориз мешавад, ҳаракати вазъист ва ҷисмҳои самовӣ муайянкунандаи ҷиҳатҳои шашгона мебошанд, ки ҳақиқаташон бо мафҳумҳои арз, тул ва умқ собит мешавад. Фалак сарчашмае барои ҳаракат кардан, ба мисли ҳаракати мустақим надорад, инчунин ҳаракату сурати фалак зидде надоранд. Бояд тазаккур дод, ки ҳаракати вазъӣ дар доираи мақулоти муайяннамудаи Арасту мушоҳида намешавад ва ин аз ибтикороти Форобист, ки дар таълимоти файласуфони минбаъда, махсусан Ибни Сино, ташаккул ёфт. Мақулаи вазъ дар Арасту ифодакунандаи ҳолат аст, ба мисли нишастан ё такя задани одам. Мақулаҳои муайяннамудаи Арасту матлабҳоро

аз ҷиҳатҳои гуногун матраҳ мекунанд. Агар фарди танҳо мисли Суқротро мисол гирем, аз он ҷиҳат, ки инсон аст, таҳти мақулаи ҷавҳар, чун ҳаҷму андоза дорад, таҳти мақулаи каммӣ, аз он ҷиҳат, ки сафед ё олим аст, таҳти мақулаи кайфӣ ва аз он ҷиҳат, ки падар ё писар аст, таҳти мақулаи музоф (муносибат-relation) ва амсоли инҳо қарор мегирад.

Ҳаракатҳое, ки ориз бар ҷирмҳо дар ҳоли пайдоиш ва завол мешаванд, ҳаракоти маконӣ, миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд. Мутафаккир дар асари "Ас-самоъ ат-табиӣ" барои ин шаклҳои ҳаракат мисолҳои мушаххас оварда, онҳоро чун «ҳаракати маконӣ интиқоли тадриҷии ҷисм аз ҷойе ба ҷойест», [32, с. 68] «аз ҷумлаи ҳаракат он аст, ки дар камият сурат мегирад, ҳамчун инкишофи растанӣ ё пажмурдашавии он» [32, с. 97] ва «ҳаракат дар сифат, яъне тағйири хусусиятҳои чиз, ба мисли гарму сард шудани ҷисм», [32, с. ,115] таъриф додааст.

Форобӣ ба масъалаи ҳаллу фасли ҳаракати ҷавҳарӣ зиёд таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, таҳти таъсири шореҳони Арасту ва навафлотуниён ба инкори тамоми шаклҳои он иқдом намудааст, ки Ибни Сино низ ин андешаро пайгирӣ намуда, онро пазируфтааст. Форобӣ дар ҷавҳари фалак низ набудани ҳаракатро таъкид намуда, ба хулосае расидааст, ки дар ҷавҳари фалак ҳаракат воқеъ намешавад ва ҳаракат фақат ориз бар он аст. Пас ҷавҳари фалак собит аст ва ба ҳамин ҷиҳат аст, ки гуфта шуда: «фалак худ дар ҳаракат ва дар замон нест, балки ҳамроҳ бо ҳаракат ва замон аст». [35, с. 193] Форобӣ дар масъалаи ибтидои замонӣ надоштани фалак далелҳои гуногун меорад. Ӯ ба ин назар аст, ки замон аз ҳаракати фалак падид меояд, пас муҳол аст, ки пайдоиши худи фалак ибтидои замонӣ дошта бошад. Пас саҳеҳ аст, ки гуфта шавад: танҳо ба ибдоъи Борӣ таоло ба як бор ва бидуни замон таҳаққуқ ёфта аст, на ба ҳудуси таквинӣ ва тадриҷӣ дар қолаби замон. [35, с. 93] Аз ин назари Форобӣ маълум мегардад, ки ӯ замонро натиҷаи ҳаракати афлок меҳисобад, ки қадим аст.

Дар масъалаи «ибдоъи Борӣ» Форобӣ ба назариёти арастуӣ такя кардан мехоҳад, аммо ҳамон иштибоҳи маъмули шореҳони Арастуро пазируфтааст,

ки мувофиқи нишондоди онҳо китоби «Усулуҷӣ» ба Арасту мутааллиқ аст. Вале таҳқиқоте, ки Абдурраҳмон Ал-Бадавӣ ва шарқшиносон дар атрофи ин китоб анҷом доданд, мушаххас намуд, ки он аз Арасту нест ва иштибоҳан шореҳони ин китоб онро ба Муаллими аввал нисбат додаанд. Форобӣ низ мисли шореҳони Арасту дар рисолаи «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким» китоби «Усулуҷӣ»-ро ба Муаллими аввал нисбат дода, масъалаи ибдоъ ва аз ҳаракати фалак замон ба вуҷуд омаданро чунин шарҳ медиҳад: «Аз ҳаракати ин фалак замон пайдо шудааст. Ва ҳар кас, ки ба суханони Арасту дар мабҳаси рабубият дар китобе, ки ба «Усулуҷӣ» маъруф аст, назар бияфканад, тардиде дар исботи Сониъи ибдоъкунандаи ин олам дар назди муаллифи ин китоб ба худ роҳ намедиҳад... Дар он ҷо равшан шудааст, ки Борӣ таоло ҳаюлоро на аз чизи дигар ибдоъ намудааст ва ҳаюло ба воситаи Борӣ таоло ва иродаи ӯ ҷисмият ёфт ва сипас мавҷудоти табиӣ ба тартиб ба вуҷуд омаданд». [35, с. 93-94] Ҳарчанд Форобӣ ҳаюлоро ибдои Борӣ, бо иродаву хоҳиши ӯ, на аз чизи дигар падидомада медонад, аммо назари мутакаллимонеро, ки ҳаюлоро аз он ҷиҳат, ки чиз аст, ҳаюлост ва аз он ҷиҳат, ки пазирандааст, чизи дигар мебошад ва истеъдод сурати ҳаюлост, қабул надорад. Ӯ ба ин назар аст, ки истеъдод худ ҳаюлост.

Дигаре аз шаклҳои ҳаракат, ки Форобӣ ба тавзеҳу таснифи он иқдом намудааст, ҳаракати мустақим мебошад. Ҳаракати мустақимро мутафаккир бо шарти мавҷудияти унсурҳои басит ба ду қисм – ҳаракат ба самти боло ва поён ҷудо мекунад. Аммо ҳаракатҳои бар мураккабот оризшударо ба табоеъи унсурҳои таъсири бештардошта вобаста медонад. Форобӣ таъкид мекунад, ки имкон надорад билфеъл ҳаюло бе сурат ва сурати табиӣ бе ҳаюло арзи ҳастӣ кунад. Дар таснифоти ӯ ҳаракоти ба таври ҳамешагӣ аз сабабҳо падидоянда ба табииву иродӣ ҷудо мешавад. Ҳаракате, ки ба таври ориза аз ҳаракоти табииву иродӣ падид меояд, ҳаракоти иттифоқӣ меномад.

Форобӣ масъалаи сарчашмаҳо ва сабабҳои ҳаракату беҳаракатиро баррасӣ намуда, муайян менамояд, ки «агар сабаби ҳаракат ва сукун аз беруни

шайъ набошад ё мустанад ба ҳаракатест тағйирнопазир ва ғайрииродӣ ва ё ба сукуне мустанад аст, ба ҳамон васф, ки онро табиӣ меномем, ё он ки мустанад ба ҳаракатҳои гуногун ва табдилноёбанда ғайрииродӣ аст, ки онро, ки нафсонӣ меномем ва ё он ки мустанад аст ба ҳаракоти иродӣ. Дар ҳар сурат ё ин ҳаракоти иродӣ мансуб аст ба нафси ҳайвонӣ ва ё нафси фалакӣ». [35, с. 124] Яъне, Форобӣ ҳарчанд ҳаракоти ҷавҳариро қабул надорад, аммо ба ҳаракоти дохилии ашё қоил буда, онро ба табиӣ ва нафсонӣ ҷудо мекунад.

Дар асоси усули кории аксари файласуфони машшоӣ Форобӣ ҳаракатро ба воситаи замону макон васф менамояд ва мувофиқи нишондоди ӯ хало вуҷуд надорад. Замонро Форобӣ ба монанди Арасту амри оризии тобеи ҳаракат ва маконро сатҳи ҷисми ҳовӣ меҳисобад: «Амри оризие, ки тобеи ҳаракат аст ва ориз бар он замон номида мешавад... ва сатҳи ҷисми ҳовӣ, ки бар ҷисми маҳвӣ иҳота дорад, макон номида мешавад». [35, с. 124] Яъне Форобӣ вуҷуди замону маконро ба ҳастии ҳолоти ҳаракати ҷисмҳо ва маҳалли онҳо вобаста дониста, макони мутлақан холиро қабул надорад. Замонро низ мутафаккир моддӣ меҳисобад ва муътақид аст, ки агар ҳаракат набошад, замон низ нест, зеро пеш ё пас хосияти замон аст ва агар онҳо набошанд, замон низ вуҷуд дошта наметавонад. Ин чунин маънӣ дорад, ки Форобӣ назарияи нисбияти замонро, ки Афлотуну Арасту онро ба таври муфассал баррасӣ накарда буданд, пайгирӣ намуда, ҷанбаҳои торикашро равшан менамояд ва ҳамзамон назарияи зеҳнии замонро инкор намуда аст.

Форобӣ ҳарчанд ба азалияту абадияти замону макон қоил аст, аммо ба ин назар мебошад, ки ҷаҳони моддӣ ҳодис аст, аммо на ҳудуси замонӣ. Яъне вуҷуди ҷаҳони моддӣ пас аз вуҷуди Борист. Мафҳуми ҳудусро Форобӣ аз лиҳози замонӣ ва ғайризамонӣ баррасӣ мекунад. Ҳудуси замонӣ ба ин маъност, ки эҷоди чиз дар ҳолест, ки он вуҷуди гузашта надошта бошад. Ҳудуси ғайризамонӣ ба чизе гуфта мешавад, ки вуҷудаш ба замони мутлақ мутааллиқ аст, на ба як замони мушаххас. Маҷмуи ҳаракатҳо ибтидо ва интиҳои замонӣ надоранд. Форобӣ мақулаҳои замону маконро дар партави

ҳаракат таҳлил намуда, ба натиҷае мерасад, ки ин мафҳумҳо ниҳоят мураккаб ва мушкилфаҳманд. Ин назари Форобӣ бо андешаи Августин қаробати маъноӣ дорад: «Ҳамеша мо вожаи вақтро истифода мебарем... Дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки аз ин одитару фаҳмотар чизе нест. Воқеият ин аст, ки аз ин чизи нофаҳмову дастнорас, ки касро ба андеша водор мекунад, вуҷуд надорад». [333, с. 116] Ба ҳар навъ, Форобӣ ҳамаи мавҷудотро аз зоти Ҳақ содиршуда медонад. [35, с. 167]

Мувофиқи таълимоти Форобӣ, дар ҳар ҷисме қувва ва истеъдоде, ки мабдаи ҳаракат биззот аст, вуҷуд дорад. [35, с. 125] Дигаргунии ҷисмҳоро Форобӣ дар ихтилофи қувваҳо ва истеъдоди зотии онҳо медид, ки сабаби ҳаракаташон мегардад. Ба назари ӯ, имкон надорад, ки дар ҷисми басит ҳам сарчашмаи ҳаракати мустақим ва ҳам ҳаракати даврӣ вуҷуд дошта бошад. Мутафаккир хуб дарк карда буд, ки «ҳар ҷисми табиии басит, ҳангоме ки дар макони табиии хеш бошад, ҷуз ба наҳви қасрӣ (яъне мухолифи табъ ва бо фишор) ҳаракат нахоҳад кард ва ҳар гоҳ аз макони табиии хеш ҷудо шавад, ба ҳасби табъи худ (дубора) ба сӯйи ҳамон мабдаъ ҳаракат мекунад». [35, с. 126] Ин назария дар физикаи муосир бо номи раққосаки математикӣ маъмул аст.

Инчунин, Форобӣ мушаххас намуда буд, ки ҷисме, ки майли табиӣ надошта бошад, майли қасрӣ низ намепазирад. Пас, ҳаракати ҷисм дар ҳолати беҳавоӣ сифати табииашро гум мекунад ва ба таъсири беруна нигаронида мешавад. Яъне дар ин ҳолат, ба истиснои ҳаракати даврии афлок, ҳама шаклҳои ҳаракат қасрӣ хоҳанд гашт. Зеро дар табииёти Форобӣ борҳо таъкид шудааст, ки «ҷисме, ки дар табиаташ майли ҳаракати давронӣ бошад, муҳол аст, ки дар табъаш ҳамзамон майли мустақим-ул-хат ва дар натиҷа майли қасрӣ вуҷуд дошта бошад». [35, с. 126]

Форобӣ зимни таҳлили шаклҳои ҳаракат ба натиҷае расидааст, ки ҳамаи ҷисмҳо, ба истиснои ҷисмҳои фалакӣ, майл ба ҳаракати ростхата доранд, аммо ҷирмҳои фалакӣ вобаста ба табиаташон майл ба ҳаракати даваронӣ доранд. Табиати фалакро Форобӣ табиати панҷум меномад. Он аз табоеи унсурҳои

чаҳоргона фарқ дорад, яъне биззот на гарм, на сард, на сабук ва на вазнин аст. Ҳаракати фалак иродист, на табиӣ ва он тақсимнашаван мебошад. Ҳаракати иродии фалак аз рӯйи шаҳват ва ғазаб нест, балки аз ҷиҳати шавқ ва монанд шудан ба мабодии ақли муҷарради хеш аст. Аз ин шавқ ва ҳаракати пайдоиш он чи пас аз олами фалак, яъне табиат аст, тибқи зарурат ба вуҷуд омадааст.

Тамоми ҷирмҳои осмонӣ дорои ақли муҷарраду махсус аст, ки мавриди иштиёқи он ҷирми фалакист. Имкон надорад, ки ақли мавриди иштиёқи ҳамаи афлок як ақл бошад. Агар чи ҳар фалак маъшуқи хос ва мутафовит аз дигар афлок дорад, ҳама дар доштани маъшуқи ягона шариканд, ки он Ақли аввал ё ба истилоҳи динӣ Худост. Неруи ба ҳаракат оварандаи ҳар як фалак беинтиҳост, аммо неруи ҷисмонии онҳо ба таври ҳатмӣ бояд ҳадду андозае дошта бошад ва ба интиҳо бирасад. Мумкин нест, ки неруи ба интиҳо расанда ҷисмеро дар замони беинтиҳо ҳаракат диҳад ва ҳамчунин ғайриимкон аст, ки ҷисми беинтиҳоро неруи мутаноҳиро ҳаракат диҳад.

Форобӣ ҳаракати фалакиро аз ҳаракати механикӣ фарқ мекунад. Ба назари ӯ, «ҳадаф аз ҳаракатҳои фалакӣ худи ҳаракат аз он ҷиҳат, ки ҳаракат бошад нест, балки ҳифзи табиати он ҳаракат аст. Аммо чун ҳифзи ашхоси ҳаракат мумкин нест, навъи он дар қолаби ҳаракатҳои ҷузъӣ маҳфуз мемонад. Чунонки навъи инсон бо афрод ва ашхос боқӣ мемонад, чун ҳифзи навъи инсон бо як фард мумкин ва муяссар нест. Зеро ӯ сиришти коин (табиӣ) дорад ва ҳар коинӣ заруратан фосид ва дар маърази дигаргунӣ ва завол аст». [35, с. 186]

Мутафаккир ҳаракати фалакиро навшаванда ва тадриҷӣ, аммо давомдор ҳисобида, ба ин эътибор онро собит медонад. Ба таъкиди ӯ, тамоми ҷирмҳои осмонӣ мутаҳаррик буда, дар ҳеҷ як аз онҳо оромӣ нест. Ситорагон низ ба ҳасби зоти хеш бар меҳвари марказашон дар ҳаракатанд. Баъзан дар натиҷаи ба ҳам бархӯрдани ситорагон ҳаракати нав ҳодис мешавад. Инчунин Форобӣ муътақид аст, ки тахайюли ситорагон сабаби ба вуҷуд омадани тахайюлоте дар нафси инсон мешавад ва ӯро дар анҷом додани баъзе афъол таҳрик медиҳад.

[35, с. 189]

Дар фалсафаи Ибни Сино низ ҳаракат аз муҳимтарин мақулаҳои табиатшиносӣ ва ҳастишиносӣ ба ҳисоб меравад. Тафаккури фалсафӣ дар ҳавзаҳои илмии ҷаҳони ислом баъди Ибни Сино ба авҷи худ расид, ки дар он нақши хидматҳои арзишманди ӯ бесобиқа аст. Дар асоси асноду мадорики сершумори дастрас Ибни Сино ба тамоми қисматҳои роиҷи фалсафии замонаш дахл намуда, андешаҳои бикре ироа намудааст ва таълифоти пурмаҳсуле дорад. Яке аз масоили баҳсбарангез дар фалсафаи атиқа ва асрҳои миёна ҳаракат ба ҳисоб меравад ва Ибни Сино ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд намуда, ба таҳлили шаклу моҳияти ҳаракат, ки ба назари ӯ, аз арази зотиву ҷудонопазири чизҳову ҳодисаҳоанд, пардохтааст.

Ҳаракатро Ибни Сино арази зотии ҷисмҳо меҳисобад, яъне ҳаракат хосияти имкон-ул-вуҷуд аст. Мутафаккир имкон-ул-вуҷудро ба модда ва муҷаррад аз модда ҷудо намуда, муътақид аст, ки ҳар ду ҷанбаи имконӣ ниёзманди камоланд. Азбаски имкон-ул-вуҷуд ба камол ниёз дорад, пас бе ҳаракат имкон надорад, ки камоли матлуб муяссар гардад. Аз ин маълум мегардад, ки ҳаракат аз хосиятҳои ҷисм аст. Дар «Китобу-ш-шифо» низ ӯ моҳияти ҳаракатро камоли чизи билқуввa меҳисобад. [19, с. 144]

Ибни Сино дар «Донишнома» мафҳуми «ҳаракат»-ро, ки асолати арабӣ дорад, истилоҳан «ҷунбиш» номидааст. Ӯ «аз аввалин файласуфони тоҷик мебошад, ки кӯшиш намуд бо забони модариаш-тоҷикӣ истилоҳоти фалсафиро таҷҳиз намояд». [313, с. 250] Мутафаккир ҳаракатро чунин тавсиф менамояд: «Ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гӯянд, ки андар ҷое бувад. Валекин акнун номи маънӣ дигар шудааст, оммтар аз ҷунбиши ҷойгоҳӣ, ки ҳар ҳоле ва ба феъл будане, ки чизеро бувад, ки вай ба қуввати чизе аст, аз ҷиҳати ба қувват будани он чиз, онро ҷунбиш хонанд». [9, с. 299] Яке аз тавонотарин синошиносони тоҷик М.Диноршоев нисбати ин таъриф чунин ибрози андеша намудааст: «Чунин таърифи ҳаракат на дар фалсафаи асрҳои миёна, на дар фалсафаи давраи Эҳё ва замони Нави Аврупо ба чашм

намехурад. Фақат дар охири асри XIX файласуфи Олмон Ф. Энгелс дар заминаи баррасии кашфиёти навтарини табиатшиносӣ ба ин натиҷа расид, ки ҳаракат, дар татбиқ ба модда, умуман тағйирот аст». [116, с. 456-457] Воқеан, Энгелс дар заминаи таҳқиқ дар атрофи масъалаи ҳаракат якчанд шаклҳои онро муайян намудааст, ки ҳаракоти физикӣ, аз қабили ҳаракатҳои механикӣ, гармӣ, электромагнитӣ, ҷозибӣ, равандҳои атомиву ядроӣ ва ғайра, ҳаракоти химикӣ, ба мисли дигаршавии хосияту таркиби ҷисм дар заминаи раванди дигаргун шудани моддаҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар таъсирркунии онҳо, ҳаракати биологӣ, ки тамоми равандҳои ҳаётӣ ва ҷанбаҳои дорусозӣ, амсоли фармакокинетика, фармакодинамика ва мубодилаи модда дар организмро фаро мегирад, ҳаракати иҷтимоӣ, ки фарогири ҳаёти иҷтимоӣ ва тафаккур аст ва ҳаракати географӣ, ки ҷойгиршавии муҳитро нишон медиҳад, аз ин ҷумла буда, дар ин замина таърифи мукаммали ҳаракатро пешниҳод намудааст. То Энгелс дар фалсафаи Аврупо ҳакимеро наметавон мушоҳида намуд, ки дар пояи Ибни Сино масоили ҳаракатро баррасӣ намуда бошад.

Дар осори гуногунаш Ибни Сино таърифҳои ҳаракатро таҳлил намуда, бо такя ба Арасту ба таври хулосавӣ онро дар «Рисолаи ҳудуд»-аш чунин таъриф медиҳад: «Ҳаракат камоли аввали чизи билқуввa, аз ҷиҳати билқуввa буданаш аст. Ҳар гоҳ хоҳӣ, мегӯӣ: «ҳаракат аз қуввa ба феъл баромадан аст», лекин на дар як они воҳид. Аммо ҳаракати кул ин ҳаракати ҷисми аз васат дур аст, ки ҳамаи ҳаракатҳои дар васат буда ва тезтарини онҳоро шомил аст». [10, с. 609] Яъне ҳаракатро Ибни Сино на танҳо интиқол аз маконе ба макони дигар, балки ҳамагуна тағйири тадриҷӣ аз сифате ба сифати дигар меҳисобад. Ба ибораи дигар, агар сифате аз ҳолати билқуввагии маҳз (имконӣ) хориҷ гардад ва тадриҷан он сифат зоҳир шавад ва то ҳадди камоли худ бирасад, сайри тадриҷӣ миёни қуввa ва феъл (воқеият)-ро «ҳаракат» меномад. Аз ибораи «на дар як они воҳид», [10, с. 609] ки Ибни Сино дар таърифи ҳаракат меорад, маълум мегардад, ки

мутафаккир тағйироти дар як они воҳид, ки ба як бор чизро аз билқувва ба билфеъл меорад, ҳаракат намеҳисобад ва дар ҳамин асос ҳаракати ҷавҳариро қабул надорад, ки бо назарияи ҳаракати фалсафаи муосир мувофиқ нест. Ба ибораи худи Ибни Сино, «гавҳарӣ андакӣ ва бешӣ напазирад, чунонки араз пазирад, ки шояд ки сиёҳӣ сиёҳтар бувад аз сиёҳӣ. Ва аммо мардумӣ нашояд, ки мардумтар бувад аз мардуми дигар ва мардум аз мардумӣ ба як захм берун шавад ё мардум бувад, ё на». [9, с. 300]

Тағйир ё якбора, ё тадриҷӣ сурат мегирад. Тағйири якбораро истилоҳан Ғаззолӣ «инқилоб» ва тағйири тадриҷиро «ҳаракат» меномад. [103, с. 181] Яъне, вобаста ба шарҳи ақидаҳои Ибни Сино, ки аз ҷониби Ғаззолӣ тафсир мешавад, тағйири якбора ҳаракат нест, онро «инқилоб» номидааст. Ибни Сино дар «Донишнома» ин ҳолатро чунин тавсиф мекунад: «нашояд, ки ба як захм аз ҷойе ба ҷойе шавад, зеро ки ҷисм баҳрапазир бувад. Ва баҳра-баҳра ҷудо шавад аз ҷойи хештан ва ҳар чи баҳра-баҳра ҷудо шавад, ба як захм ҷудо нашавад. Ва аммо аз кайфияте ба кайфияте шояд, ки ба як захм шавад... Ва ин ҷунбишро, ки аз кайфияте ба кайфияте бувад, «истиҳолат» (дигаргун шудан, табдил ёфтан аз як ҳол ба ҳоли дигар.–А.Б.) хонанд». [9, с. 299] Ғаззолӣ ҳамин истилоҳи «истиҳолат»-ро «инқилоб» номидааст. Пас, аз ин мебарояд, ки муҳаррик на дар ҳоли қувваи маҳз аст ва на дар ҳоли феълияти маҳз, балки байни қувва ва феъл сайр менамояд.

Аз тавсифи ҳаракат дар таълимоти Ибни Сино бармеояд, ки ӯ дар ин масъала бо такя ба назарияи шакл ва ҳаракати арастуӣ ибрози назар мекунад. Арасту ҳаракатро яке аз хусусиятҳои модда меҳисобид ва ба ин назар буд, ки ҷисм дар ҳоли ҳаракати доимӣ қарор дорад ва шарти вуҷудияти модда ҳаракат аст. Арасту ду шакли асосии ҳаракатро аз ҳам фарқ мекард. Яке, ҳаракати механикӣ, ки он ҳаракати ҷисм дар фазост, ба мисли афтодани санг. Дигар, моҳияти ҳаракат, ки тағйири сифат ё ҳолати ҷисм аст, монанди инкишофи растанӣ, тағйири шакл ва ҳарорати ҷисм.

Ҳамзамон дар заминаи таҳлили назарияи ҳаракати Ибни Сино маълум мегардад, ки ӯ ба сабабҳои пайдоиши чизҳо, ки Арасту пешниҳод мекунад, қисман мувофиқ аст. Зеро Арасту пайдоиши ҳар чизро ба чор иллат вобаста медонад. Аввал, модда аст, ки онро вуҷуди билқувва (потенсиалӣ) меҳисобад. Дуюм, сурат аст, ки вуҷудаш билфеъл (актуалӣ) буда, зоти вуҷуд ва воқеияти он чи дар мода аст, дар ӯ нуҳуфта аст. Сеюм, иллати муҳаррика ва чаҳорум иллати ғойӣ. Масалан, барои вуҷуди кӯза моддаи он хок аст ва он хок метавонад кӯза шавад, пас билқувва кӯза аст. Вале дар он ҳол хок сурати кӯза надорад ва феълан кӯза нест. Вақте он хок ба сурати кӯза даромад, билфеъл кӯза аст. Тавассути иллати муҳаррика ба сурати кӯза медарояд. Яъне ин кӯза иллати муҳаррика дорад, ки он кӯзагар аст ва ӯ сабаби ба вуҷуд омадани сурати кӯза мешавад. Иллати ғойиаш истифодаи кӯза, чун нигоҳдории об мебошад. Яъне, Ибни Сино чун Арасту дар пайдоиши чизҳо иллати муҳаррикаро муҳим ва аз хусусиятҳои он медонад.

Арасту дар масъалаи исботи муҳаррики аввал ба натиҷае мерасад, ки ҳаракати ҳар мутаҳаррике ниёз ба ҳаракатдиҳанда дорад ва ин силсила наметавонад то беинтиҳо давом ёбад. Пас, бояд муҳаррике вуҷуд дошта бошад, ки тавонад ҷавҳари мутаҳаррик ба ҳаракати азалиро ба ҳаракат дароварад. Барои фоили ҳаракати азалӣ будан, бояд муҳаррики аввал феълияти маҳз ва аз моддаву қувва орӣ бошад. Зеро дар сурати феълияти маҳз набудан ва дорои моддаву қувва будан, феълияти ӯ метавонад аз сарчашмаи дигар бошад ё бардавом набошад. Аммо агар муҳаррики аввал феълияти маҳз бошад, орӣ аз ҳар гуна нуқсон мебошад ва феълияташ ҳам азалӣ хоҳад буд. Дар ин замина ӯ назари касонеро, ки мегӯянд, ҳар феълияте қувва дорад, вале ҳар билқувва феълият надорад, яъне билқувва аз билфеъл муқаддам аст, рад менамояд ва мегӯяд, ки дар ин сурат «лозим меояд, ки ҳеҷ як аз мавҷудот таҳаққуқ наёбад, ...ҳаракат ҳам ниёзманди вуҷуди феълияти маҳзи муқаддам аст, вагарна ҳаракате рух нахоҳад дод». [126, с. 408]

Ногуфта намонад, ки ба назари Арасту ҳаракат натиҷаи қувваи ҳаракатдиҳандааст. Ӯ чаҳор қувваи асосии таҳрикдиҳандаро аз ҳам фарқ мекард. Якум, қувваи табиӣ, ки бо материя тавъам аст, ба мисли вазн. Дуюм, қувваи сунъӣ, ки маҳсули инсон аст, ба мисли қувваи бозу. Сеюм, қувваи ногаҳонӣ, ки ногоҳ ба вуқуъ меояд, ба мисли раъд. Чаҳорум, қувваи зарурӣ, ки шарти вуҷуди чиз аст, ба мисли қуввае, ки ҳаракати ҷирмҳои осмониро нигоҳдорӣ мекунад.

Ин назариёти арастуӣ дар ҷаҳонбинии Ибни Сино таъсири назаррас гузошта аст. Зеро Ибни Сино низ мисли Арасту ҳаракати доиравиро ибдоӣ (эҷоде, ки қаблан аз лиҳози замонӣ собиқа надошта бошад.–А.Б.) меҳисобад: «Ҳаракати аввали мустадир ибдоӣ буда, онро Худованди Таоло ибдоъ кардааст». [10, с. 476] Ҳарчанд Ибни Сино ҳаракатро арази зотии ҷисм меҳисобад ва дар таълимоти ӯ «замон ба ҳаракати табиат вобаста аст», [204, с. 21] аммо назари идеалистиаш ӯро бар он водор намудааст, ки онро ибдоӣ ҳисобад ва ба Худо, бе эҳтиёҷ ба замоне, ки аз он пеш бошад, нисбат дода, муътақид аст, ки ҳаракати аввали доиравӣ баҳаракатоварандае дорад, ки он Воҷиб-ул-вуҷуд аст. Ибни Сино мисли Арастуву Форобӣ Воҷиб-ул-вуҷудро орӣ аз ҷисм медонад.

Дар таълимоти Ибни Сино ҳаракат ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Ба таври умумӣ ӯ ҳаракатро ба се шакл тақсим менамояд. Дар тақсимоти аввал, ҳаракат ба сифати гузаштани мавҷуд аз қувва ба феъл ё тағйири сурат аст, ки танҳо дар чаҳор мақулоти даҳгонаи муайяннамудаи арастуӣ имконпазир аст. Ба алоқамандон маълум аст, ки дар таълимоти Арасту мафҳумҳои ҷавҳар ва араз ҳамчун мақулоти фалсафӣ баррасӣ гардида, ба таври муфассал таҳлил шудаанд. Даҳ мақулаи фалсафие, ки ӯ муайян мекунад, яке ҷавҳар ва нуҳтои дигар аразанд. Ҷавҳар ҳар чизест, ки вуҷудаш ба чизи дигар бастагӣ надорад, мустақил ва қоим ба зоти худ буда, бар панҷ қисм аст: ҳаюло, сурат, ҷисм, нафс ва ақл. Ҳаюло, сурат ва ҷисм ҷавҳарҳои моддӣ, нафс ва ақл ҷавҳарҳои маънавианд. Ҷавҳар ба маънои хос

чизест, ки на дар чиз ёфт мешавад ва на зери чизест, балки зот ва худи он чиз аст ва барои мавҷудият ба чизи дигар ниёзманд нест. Аммо араз қоим ба зоти худ нест, балки вобастаи ҷавҳар аст.

Он чаҳор мақулоти даҳгонаи арастуӣ макон, вазъ, каммият (миқдорӣ) ва кайфият (сифатӣ) мебошанд. Ба назари Ибни Сино, дар макон тағйири якбораро тасаввур кардан номумкин аст, зеро макон ва ҷисм тақсимпазиранд. Пас, лозим меояд, ки ҷузъе аз ҷисм аз ҷузъе аз макон ҷудо гардад ва ин ҷузъҳо нисбати ҳамдигар пешиву пасӣ доранд, яъне ҳаракат тадриҷӣ сурат мегирад, на якбора. Дар ҳаракати вазъӣ ва миқдорӣ низ тағйир тадриҷӣ аст, на якбора. Ҳаракати доиравӣ ҳаракати вазъист, зеро ҷисм дар ҳаракати доиравӣ аз макони худ ҷудо намешавад, масалан ҳаракати фалак-ул-афлок вазъист, на маконӣ. Ҳаракати миқдорӣ бо ҳаракати маконӣ мулозим аст, зеро ҷисм калон ё хурд шавад, макони он ҳам бузург, ё кӯчак мегардад. Ҳаракати миқдориро Ибни Сино ба ду гуна ҷудо мекунад, ки яке, «ба ғизо бувад» [9, с. 301] ва дигар, «на ба ғизо бувад». [9, с. 301] Ҳаракате, ки ба ғизо марбут аст, дар навбати худ ба «нуму» (инкишоф) ва «зубул» (пажмурдан) ҷудо мешаванд. «Нуму» тавассути ғизогирӣ бузургтар шудани ҷисм аст, дар мисоли набототу ҳайвонот. «Зубул» хурдтар шудани ҷисм аст, ба сабаби камтар будани ғизопазирӣ. Ҳаракати миқдорие, ки ба ғизо вобаста нест, низ дар навбати худ ба «тахалхул» ва «такосуф» ҷудо мешаванд. Дар «Донишнома» маънои истилоҳи «тахалхул»-ро мутафаккир чунин шарҳ додааст: «тахалхул он бувад, ки ҷисм ҷунбиш кунад сӯйи зиёдат, бе он ки андар вай чизе дигар ояд, чунон ки об, ки гарм шавад меҳтар (бузургтар) шавад». [9, с. 301] Яъне ҷисм аз лиҳози миқдор афзоиш меёбад, бе он ки аҷзои ҷисми хориҷӣ ба он бияфзояд. «Такосуф»-ро ба гунаи зайл тавсиф мекунад: «Аммо такосуф ҷунбиш бувад сӯи нуқсон, бе он ки чизе биполояд, чунонки об, ки бифусурад, хурдтар шавад». [9, с. 301] Яъне, «такосуф» кам шудани миқдори ҷисм аст, бе он ки аҷзое аз даст бидиҳад.

Аммо дар ҳаракати сифатӣ метавонад тағйир ё якбора бошад, ё тадриҷӣ сурат бигирад. Масалан, чизи сафед якбора сиёҳ шавад ё ба тадриҷ ранги он ба сиёҳӣ табдил ёбад.

Тақсими дуюм, бо дарназардошти ҳолатҳои ҳаракат ё сарчашмаи зуҳур тасниф мешавад, ки сабаби ҳаракат низ ба назар гирифта мешавад. Мувофиқи ин тақсимот ҳаракат бар се қисм аст: аразӣ, касрӣ ва табъӣ. Дар «Донишнома» Ибни Сино «ҳаракати аразӣ»-ро чунин тавсиф медиҳад: «ҷунбиш ба араз он бувад, ки ҷисм андар чизе бувад, ки он чиз ҳамеҷунбад. Пас, ба сабаби ҷунбиши вай, на ба сабаби ҷунбиши хеш аз ҷойе ба ҷойе шавад, чунонки ҷома, ки андар сандуқ бувад ва сандуқ аз ҷойе ба ҷойе шавад, ҷома низ аз ҷойе ба ҷойе шавад». [9, с. 301]

«Ҳаракати қасрӣ» (зарурӣ, маҷбурӣ. –А.Б.) он аст, ки сабаби он хориҷ аз зоти ҳаракаткунанда бошад ва бар асари таъсире сурат гирад. Масалан, касе ҷисми вазнинро ба тарафи боло партояд ё тӯби дамкардаро дар зери об нигоҳ доштан хоҳад. Ба ибораи Ибни Сино, «ҷунбиши қасрӣ он бувад, ки аз ҷойи хос ба ҷойи хоси дигар шавад. Валекин на аз худ бувад ӯро он аз ҷойе ба ҷойе шудан». [9, с. 302]

«Ҳаракати табъӣ» ҳаракатест, ки сарчашмаи ба вуҷуд омадани он аз табиати худи ҷисми мутаҳаррик бармеояд. Бо такя ба тавзеҳоти Ибни Сино нисбати «ҳаракати табъӣ» метавон натиҷагирӣ намуд, ки мутафаккир чор навъи ин ҳаракатро аз ҳам фарқ мекунад. Аввал, ҳаракати табъӣ, ки ба ирода вобаста нест, ба мисли «фурӯ шудани сангу об ва бар шудани оташу ҳаво». [9, с. 302] Дуюм, ҳаракат бидуни ирода ба ҳар тараф, мисли ҳаракати нафси наботӣ. Сеюм, ҳаракати бо ирода ба ҳар тараф, мисли ҳаракати нафси ҳайвонӣ. Чаҳорум, ҳаракат бо ирода ва пайваста, мисли ҳаракати афлок.

Ибни Сино муътақид аст, ки ҳаракати иродӣ бо ҳадафи муайян сурат мегирад. Ҳар ҳаракати иродӣ ба дунболи камол аст, аммо он чи худ комил аст ва ниёз ба камол надорад, ба ҳаракати иродӣ ҳаракат напазирад. Пас, Воҷиб-ул-вуҷуд, ки тамоми камолоти мумкин дар ӯ собит аст, ба ҳаракати

иродӣ ҳаракат напазирад. Аз ин маълум мешавад, ки ҳаракат хоси имкон-ул-вуҷуд аст, то бо фарогирии фазилат ба саодат бирасад. Яъне, ҳар мумкине ба далели ниёзи зотӣ дорои ҳаракати иродӣ аст. Агар дар вуҷуди мумкин ҳаракати иродӣ набошад, дар ниҳодаш таҳаввуле, ки вайро ба камол барад, ба вуҷуд намеояд. Шарти комил шудани он ҳаракати иродист. [230, с. 238]

Дар тавсифи «ҳаракати табъӣ» Ибни Сино назари ҳакимоне, ки чунин навъи ҳаракатро табъӣ намеҳисобанд ва гумон мекунанд, ки шояд сабаби ҳаракат ҷазби ҷозим бошад, рад мекунад: «Замин мар замини ҷузвиро бикашад ба худ» [9, с. 302] (ба ибораи имрӯза-қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ. –А.Б.) ва андешаашро бо он асоснок менамояд, ки «боистӣ, ки ҳар чӣ хурдтар будӣ, тезтар ҷунбидӣ ва ҳар чӣ бузургтар будӣ, дертар ҷунбидӣ. Ва кор ба хилофи ин аст». [9, с. 302] Яъне, мутафаккир бо такя ба мушоҳидаҳо мегӯяд, ки агар ин шакли ҳаракат ба ҷазби Замин вобаста мебуд, бояд ҷисмҳои хурдтар нисбати ҷисмҳои бузургтар зудтар ҳаракат мекарданд, аммо баръакс мушоҳида менамоем, ки суръати афтодани санги калон нисбати сангреза ба маротиб тезтар аст. Аз ин мушоҳидот Ибни Сино натиҷа мегирад, ки ҳаракат ношӣ аз зоти санг мебошад ва ҳаракат ба тарафи поён барои санг ҳаракати табъист: «пас, ин ҷунбишҳо аз табиати худ аст». [9, с. 302]

Тақсими сеюми ҳаракат бо дарназардошти ниҳод ва сифоти онҳост, ки бар ду қисманд. Онҳоро Ибни Сино ҳаракоти даврӣ, мисли ҳаракати афлок ва рост, мисли ҳаракати унсурҳо, «ки аз ҷойе ба ҷойе шавад», [9, с. 302] меҳисобад. Ҳар феъле, аз ҷумла ҳаракат, бояд ғоят (ҳад, поён, интиҳо) дошта бошад. Пас, вақте дар мисоли ҳаракати даврӣ ҳаракати афлок ёд мешавад, суоле дар ин маврид аз ҷониби аҳли ҳикмати замони Ибни Сино матраҳ мегардид, ки оё ҳаракати афлок ғояте дорад? Оё ҳар нуктае аз мадори ҳаракати он ғоят аст? Дар ин сурат силсилаи ғоёти беинтиҳо лозим меояд. Зоҳиран, ҳаракати афлок ғояте надорад, аз ин рӯ, куллияи иллати

ғойӣ нақз мешавад.

Ба ин масъала Ибни Сино чунин посух медиҳад, ки дар табиат собит шудааст, ки ҳаракати афлок муттасил аст. Аз ин рӯ, ба сарчашмаи ягона мерасад ва ба ҳукми як ҳаракат буда, аз қабили ҳаракатҳои сершумор ва беинтиҳо нест, то дорои ғоятҳои гуногун бошад. Ба назари Ибни Сино, ҳаракати афлок даврӣ, бениҳоят ва азалӣ аст ва ғояти ин ҳаракат худи ин ҳаракат нест, балки ғараз аз он фароҳам овардани иллати коиноти ҷузъист. Тавассути ҳаракати афлок имконоти беинтиҳои олами кавну фасод аз қувва ба феъл меояд. [126, с. 388-389]

Ҳаракати ростро дар навбати худ Ибни Сино ба барсӯ ва фаросӯ ҷудо мекунад ва ҳаддашонро муайян намуда, бо мисолҳо шарҳ медиҳад: «ё барсӯ, ки аз сабукӣ бувад, ё фаросӯ, ки аз гаронӣ бувад. Ва ҳар ду ё ба ғоят бувад, ё дуни ғоят. Ва бар шудани ғоят мар оташрост ва дуни ғоят ҳаворост ва фурӯ шудани ғоят заминрост ва дуни ғоят оброст». [9, с. 302] Ногуфта намонад, ки дар таълимоти Арасту ҳаракати вазъӣ ё ниҳодӣ, ки Ибни Сино тавсиф мекунад, ба чашм намерасад, пас дар ин масъала низ ӯ пойбанди таълимоти юнониён нашуда, аз усули таҷриба ва мушоҳида оқилонаву ихтироъкорона истифода мекунад.

Ҳаракати даврӣ аз ҷиҳати аз макони худ ҷудо нашудан ба ҳаракати вазъӣ монанд мебошад. Ҳаракате, ки нисбат ба марказ аст, се навъ дорад: аввал, ҳаракат дар худи марказ, ки он ҳаракати даврист, дуюм, ҳаракати мустақим, ки аз марказ ба канор, сеюм, ҳаракат аз канор ба марказ аст.

Аз ин таснифот бармеояд, ки ҳаракатро мутафаккир аз лиҳози шакл ба маконӣ, миқдорӣ, вазъӣ ва сифатӣ, аз рӯйи сарчашмаи зуҳур ба табиӣ, қасрӣ ва аразӣ ва бо дарназардошти ниҳод ва сифоти онҳо ба ҳаракоти даврӣ ва рост ҷудо менамояд. Як нукта дар ин масъала диққатҷалбкунанда аст, ки Ибни Сино сарчашмаи ҳаракати табииро дар таркиби ҷисм ва сарчашмаи ҳаракоти қасриву аразиро берун аз он ҷустуҷӯ дошт, ки ин тарзи бархӯрди ӯ бо ҳастии моддӣ хусусияти равишшиносӣ дорад. Зеро ҳаракати табииро

аз дохили ҷисм донистан, имконият фароҳам меорад, ки сабаби ашёву ҳодисаҳоро дар худи онҳо ҷустуҷӯ намоянд, ки ба қонунҳои диалектикӣ мувофиқ аст. Назари идеалистии Ибни Сино ӯро водор намуда, ки сарчашмаи ҳаракоти касриву аразиро, ба василаи усули метафизикӣ, аз берун ҷустуҷӯ намуда, ба мисли Арастуву Форобӣ онро ба муҳаррики аввал нисбат диҳад ва ҳаракати ҷавҳариву ҷунбишҳоро чун навъи ҳаракат надонад.

Маврид ба зикр аст, ки дар асоси таҳлили ҳамин назарияи Ибни Сино ва ҳаракати ҷавҳариро эътироф нанамудани ӯ ва муқоисаи он бо таълимоти навафлотуниён, машшоиён ва аҳли ирфон баъдан Мулло Садро на танҳо ба ҳаракати ҷавҳарӣ қоил мешавад, балки ҳамаи тағйирот ва шаклҳои дигари ҳаракатро дар асоси ҳаракати ҷавҳарӣ медонад.

Қувваҳои муҳаррикаро Ибни Сино ба нафс рабт медиҳад ва онро мабдаи ҳаракат ҳисобида, ба се навъ ҷудо менамояд: 1). Нафси наботӣ, ки амалҳои он ҳамеша аз роҳи эҳтиёт ва бешуурона иҷро мегарданд. Сарчашмаи нафси наботӣ ҷамодот мебошад. Дар ҳолати омезиши некӯ қуввати наботӣ падид меояд, ки дорои афъоли ғозия (ғизодеҳ), мунмия (инкишофёбанда) ва мутаваллида (зоянда) аст. 2). Нафси ҳайвонӣ, ки қудратест бар феъл, тарки он ва идроки чизи муносиб. Нафси ҳайвонӣ дар заминаи мусоидтар омадани мизоҷе, ки дар натиҷаи омезиши некӯи қуввои ҷамодӣ ба наботӣ табдил ёфта буд, ба вуҷуд меояд. Он қобилияти пазироии ҷонро дошта, тавассути қувваҳои шаҳвонӣ, ғазабӣ ва андарёфт, ки дар навбати худ ба зоҳириву ботинӣ ҷудо мешавад, муташаккил мегардад. 3). Нафси инсонӣ иҳотаест дар бораи ҳаракоти мавҷудот бо роҳи фикр ва баҳс. Он дар заминаи муътадилтар омадани мизоҷи қувваҳои куноӣ (қувваи амалкунанда ё ҳаракатдиҳанда. – А.Б.) ва андарёфт (қувваи идроккунанда. –А.Б.) ташаккул меёбад. Нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки метавонад тааққул кунад ва нерӯеву камолоте дорад. Яке аз қувватҳои он ақли амалист, ки нафс барои комил кардани бадан ба он ниёзманд аст.

Дар муайян намудани шаклҳои ҳаракат Ибни Сино аз мақулаҳои макону замон фаровон истифода мекунад. Дар «Донишнома» чор хусусияти макон нишон дода шудааст: аввал, «ҷунбанда аз вай бишавад ба сӯи ҷои дигар, ки орамида андар яке аз вай биистад». [9, с. 302] Яъне, хосияти нахустини макон он аст, ки ҷисми ҳаракаткунанда аз он ба ҷойи дигар интиқол ёбад ва дар яке аз ду макон–аз ҷойе, ки ҳаракат кард ва ба ҷойе, ки расид, сокин мегардад. Дуюм, «андар яке аз вай ду чиз нагунҷад». [9, с. 302] Яъне, ду ҷисм дар як макон ҷамъ намеоянд. Сеюм, «зеру забар андар ҷойгоҳ бувад». [9, с. 302] Яъне, бурҳони болову поён дар макон таҳаққук меёбад. Чаҳорум, «гӯянд мар ҷисмро, ки андар вай аст». [9, с. 302] Яъне, ҷисм дар макон аст ва аз хосияти макон маҳалли ҷисм аст, ки ин мазмун то асри XIX дар миёни файласуфон маъмул буд. Аз тавсифи хосиятҳои чаҳоргонаи макон, ки Ибни Сино матраҳ мекунад, бармеояд, ки ӯ робитаи ҳаракатро бо макон ва вобастагии онро бо модда эътироф мекунад.

Дар муайян намудани моҳияти ҳаракат Ибни Сино ба тавсифи замон мепардозад ва ба он чунин таъриф додааст: «миқдори ҳаракат аз ҷиҳати пешӣ ва пасӣ аст». [10, с. 609] Дар ҷойи дигар: «Ҳар як ҳаракат дар замоне пайдо мегардад, зеро байни оғози ҳаракат ва анҷоми он имкони паймудани масофаи муайян ба воситаи суръати муайян вуҷуд дорад». [10, с. 473] Яъне, ба назари ӯ, замон миқдори ҳаракат мебошад. Ҳамзамон Ибни Сино дуруст фаҳмида буд, ки замонро бе модда ва ҳаракат наметавон дуруст дарк намуд. Дар «Ҳидоя» ин маъниро ӯ чунин ба қалам медиҳад: «замон ба воситаи миқдори дигаре вуҷуд дорад, ки дар ҷисм қарор дорад. Аз ин ҷо замон чизеро муайян мекунад, ки миқдори замон аст, гузашта аз ин, замон чизеро муайян мекунад, ки устувор нест ва он ҳаракат аст». [10, с. 473-474]

Замонро чун миқдори ҳаракат муаррифӣ намудани Ибни Сино нишондиҳандаи он аст, ки ӯ ба назарияи ҷавҳарияти замони арастуӣ диди мусбат надорад ва ҷонибдори назарияи нисбияти замон мебошад. Ба қавли ӯ, «замон миқдори ҳаракат аст, лекин на миқдори ҳаракате, масофае, ки бе

тавассути вазъ қаблу баъд надорад. Балки масофае, ки дар ҳаракат мавҷуд аст, аз ҷиҳати он ки қаблу баъд дар он вуҷуд дорад». [10, с. 474]

Замонро Ибни Сино мисли модда ва ҳаракат қадим ба ҳасби замон, яъне бе мабдаи замонӣ, меҳисобад ва дар ин асос масъалаи қадим будани оламро матраҳ менамояд. «Яке аз масъалаҳои бузурге, ки дорои аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ буд, -тавре А. Муҳаммадхоҷаев менависад, -ин аз тарафи Ибни Сино асоснок намудани масъалаи қидамии олам, сабабият, масъалаи алоқамандӣ ва робитаи мутақобилаи ашё ва ҳодисаҳои олам ва инчунин масъалаи донисташавии онҳо мебошад». [179, с. 80] Истилоҳи «қадими мутлақ»-ро Ибни Сино ба ду маънӣ истифода намудааст: «яке, аз рӯйи замон, дигаре аз ҷиҳати зот. Қидами мутлақ мувофиқи замон чизест, ки дар замони гузаштаи номутаноҳӣ мавҷуд аст. Мурод аз қидами мутлақ аз рӯи зот он аст, ки мабдае, ки сабаби вуҷуди зоти ӯ гардад, набошад». [10, с. 618] Дар «Ҳидоя» ба ин маънӣ чунин ишора шудааст: «Ҳаракат оғози замонӣ надорад ва Худованди пок ба амри хеш мубдеъгар ва оғозгари ҳаракат аст, зеро замон худ ба худ оғоз надорад, балки аввали он аз Худованди Таоло сар мешавад ва ӯ зотан бар замон пештар аст. Замон ба ҷуз тағйири ҳоле, ки пеш буду пас дигаре нест ва он ҳаракат аст, вале на ҳама ҳаракат, балки ҳаракати қадимтарине, ки ба воситаи он наздик ва дур мешавад». [10, с. 474]

Ибни Сино дар низоми фалсафиаш миёни моҳияти ҳаракат ва замон тавассути макон алоқамандӣ барқарор месозад ва дар «Донишнома» онро бо истилоҳи «ҷой» [9, с. 302] ифода намуда, бо такя ба орои ҳакимони машшоъ чаҳор хусусиёти онро нишон додааст. «Яке, ки ҷунбанда аз вай бишавад ва ба сӯи ҷои дигар, ки орамида андар яке аз вай биистад. Ва дувум, ки андар яке аз вай ду чиз нагунҷад, ки то об аз кӯза бинашавад, сирка андар наёяд. Ва сеюм, ки зеру забар андар ҷойгоҳ бувад. Ва чаҳорум, ки гӯянд, мар ҷисмро, ки андар вай аст». [9, с. 302] Ин хусусиятҳоро Ибни Сино далели ҳастии воқеии макон меҳисобад.

Ҳарчанд Ибни Сино дар заминаи афкори ҳакимони пешин хосиятҳои маконро мушаххас мекунад, аммо дар масоили гуногуни марбут ба ин қазия бо онҳо мувофиқ нест. Масалан, андешаи нафаронеро, ки маконро мисли ҳаюло пазирои чизе аз паси чизе ҳисобида, модда медонанд, қабул надорад ва муддаӣ аст, ки «ҳаюло пазирои сурат аст, на он ҷисм». [9, с. 303]

Ба назари Ибни Сино, макон ба монанди ҳаракату замон хосияти ҷисм ва шарти моддии ҳаракат буда, миёни ин мафҳумҳо робитаи қавие ҷой дорад. Ҳарчанд назари Ибни Сино дар масъалаи макон бо фалсафаи муосир ҷузъан мувофиқ аст, аммо мутафаккир кӯшидааст, ба воситаи исботи ҳастии воқеии макон, робитаи ҷойгоҳиро бо замону ҳаракат исбот намояд ва дар ин раванд тафовути таълимоти ӯ аз пайравони атомизм ва Арасту мушаххас мегардад. Зеро ҳам атомистон ва ҳам Арасту ба вуҷуди хало бовар доштанд, аммо Ибни Сино зиёд кӯшидааст, то исбот намояд, ки хало вуҷуд надорад. Дар ин масъала ӯ аз Форобӣ пайравӣ кардааст. Ҳамзамон Ибни Сино дар масъалаи макон ба масоили дар ин боб мубҳами Арасту равшанӣ меандозад. Чун мувофиқи нишондоди Арасту макон ҳам канораи ҷисми фарогир аст, ҳам воқеияти хосест, ки ба ҷисм марбут нест. Аммо Ибни Сино ҳарчанд мисли Арасту маконро канораи ҷисми фарогир ҳисобад ҳам, аммо онро дар якҷоягӣ ва алоқамандӣ бо моддаву ҳаракат баррасӣ менамуд, ки ин духӯрагии таълимоти арастуиро рафъ менамояд.

Дар маҷмуъ, Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракатро яке аз сифатҳои мавҷудияти модда меҳисобанд. Аммо Форобӣ дар заминаи баррасии масоили марбут ба ақл ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва таҳаввулотро низ ҳаракат меҳисобад. Пас ӯ ҳаракатро ҳамчун низоми космологӣ таҳлил намуда, онро танҳо ба ҷисм маҳдуд намекунад, балки унсури сохтории тартиби ҳастӣ меҳисобад ва замонро ҳамчун натиҷаи ҳаракати афлок пазируфта ба қадим будани он қоил аст. Форобӣ дар ин масъала асосан ба таълимоти арастуӣ такя менамояд, ки бо он равиш сабабҳои аслии ҳаракатро мушаххас карда наметавонист. Аммо бисёр ҷанбаҳои норавшани онро бо далоили мантиқӣ

тавонистааст равшан намояд, ки ҳама гуна тағйироту инкишофро ҳамчун ҳаракат баррасӣ намудани ӯ аз ин ҷумла аст, ки дар фалсафаи муосир низ арзишманд мебошад. Инчунин, ӯ тавонист муайян намояд, ки ҳаракати ҷисм дар ҳолати беҳавоӣ сифати табииашро гум мекунад ва ба таъсири беруна нигаронида мешавад.

Нуктаҳои умдаи таълимоти Форобӣ дар бораи ҳаракат, замон, макон, робитаи онҳо бо ҳаюлову ҷисмҳои моддӣ, ҳамзамон азаливу абадӣ будани онҳо дар ин мабҳас мушаххас гардид. Форобӣ ҳама гуна тағйироту инкишофро дар доираи мақулаи ҳаракат баррасӣ намуда, ба ин назар аст, ки он ибтидо ва интиҳои замонӣ надоранд ва дар маҷмуъ онро ба чаҳор қисм: вазъӣ, маконӣ, миқдорӣ (каммӣ) ва сифатӣ (кайфӣ) ҷудо мекунад. Мафҳуми ҳаракати вазъиро ҳамчун ҳаракати сукуннопазири даврӣ, ки хоси фалак буда, бар ҷирмҳои осмонӣ ориз мешавад, Форобӣ ба таври мушаххас истифода менамояд, ки минбаъд дар улуми табиӣ маъмул гардидааст ва Ибни Сино аз он ҷонибдорӣ намуда, онро инкишоф додааст. Ҳаракатҳое, ки ориз бар ҷирмҳо дар ҳоли пайдоиш ва завол мешаванд, ҳаракоти маконӣ, миқдорӣ ва сифатӣ мебошанд. Форобӣ ҳарчанд ҳаракати ҷавҳариро намепазирад ва муътақид аст, ки ҳаракат дар ҷавҳари ашё вуҷуд надорад, аммо ба ҳаракоти дохилии ашё қоил буда, онро ба табиӣ ва нафсонӣ ҷудо мекунад.

Инчунин Форобӣ зимни таҳлили мавзуи ҳаракат кӯшидааст мазмуну моҳияти ҳаракатҳои мустақим ва навъҳои он, ҳаракатҳои табииву иродӣ, иттифоқӣ ва амсоли онҳоро, ки дар таълимоти Арасту мушоҳида мешавад, равшан намояд. Мутафаккир вуҷуди замону маконро ба ҳастии ҳолоти ҳаракати ҷисмҳо ва маҳалли онҳо вобаста дониста, макони мутлақан холиро қабул надорад ва замонро низ моддӣ ҳисобида, муътақид аст, ки агар ҳаракат набошад, замон низ нест. Яъне Форобӣ назарияи зеҳнии замонро, ки намояндагони гуногуни фалсафаи атиқа аз он ҷонибдорӣ менамуданд, инкор намуда назарияи нисбияти замонро, ки Афлотуну Арасту онро ба таври муфассал баррасӣ накарда буданд, пайгирӣ намуда, ҷанбаҳои торикашро

равшан намудааст.

Ибни Сино низ ҳаракатро арази зотии ҷисмҳо меҳисобад. Яъне, ӯ ҳаракатро хосияти имкон-ул-вуҷуд дониста аст. Ибни Сино яке аз аввалин намояндагони машшоияи шарқист, ки шаклҳои ҳаракатро ба тафсил таҳлил намуда, онҳоро тақсимбандӣ намудааст. Мувофиқи тақсимоти ӯ, ҳаракат ибтидоан ба се қисм ҷудо мешавад. Дар тақсими аввал гузариш аз қувва ба феъл ба назар гирифта мешавад ва он фарогири чор шакли ҳаракат – маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ аст. Дар тақсими дуюм ҳолатҳои ҳаракат ё сарчашмаи зуҳур ба назар гирифта мешавад ва дар навбати худ шомили ҳаракатҳои аразӣ, касрӣ ва табъӣ мебошад. Дар тақсими сеюм ниҳод ва сифоти ҳаракат ба назар гирифта мешавад, ки ҳаракоти даврӣ ва мустақимро фаро мегирад. Ин таснифоти Ибни Сино ҳарчанд бо назариёти ба масоили ҳаракат марбути Форобӣ монандӣ дошта бошад ҳам, мутафаккир дар мушаххас намудани ин навъҳои ҳаракат ва сарчашмаи зуҳури онҳоро нишон додан кӯшиш намуда, дар таҳкими ин масоил саҳми назаррас гузошта аст. Ибни Сино чун ҳакими табиатшинос барои муайян намудани шаклҳои ҳаракат аз мақулаҳои макону замон истифода мекунад ва ба натиҷае расидааст, ки миёни ҳаракат, макон ва замон робитаи ногусастанӣ ҷой дорад ва онҳо аз ҳаюло вобастаанд. Ҳаракату замону маконро Ибни Сино мисли модда қадим меҳисобад. Ӯ муътақид аст, ки замон миқдори ҳаракат мебошад ва ҷонибдори назарияи нисбияти замон аст. Макон низ ба монанди ҳаракату замон хосияти ҷисм ва шарти моддии ҳаракат аст. Мутафаккир кӯшидааст, ба воситаи субути ҳастии воқеии макон, робитаи онро бо замону ҳаракат исбот намояд.

Пас маълум мегардад, ки дар масъалаи ҳаракат Форобӣ ва Ибни Сино асосан ба Арасту такя мекунанд, зеро ҳаракатро гузариш аз қувва (имкон) ба феъл (воқеият) ҳисобидани онҳо ва бо мафҳумҳои замон, макон ва модда алоқаманд намуданашон бо таълимоти арастуӣ қариб ба пуррагӣ айният дорад. Дар навъҳои ҳаракат ва робитаи он бо сабаб низ дар таълимоти

Форобӣ ва Ибни Сино ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад. Ҳар ду мутафаккир ба анвои маконӣ, сифатӣ ва миқдории ҳаракат қоиланд ва муътақиданд, ки ҳар ҳаракат сабабе дорад ва бе ҳаракатдиҳанда он ба вуқуъ намеояд. Ибни Сино низ масоили ҳаракатро бо такя ба Арасту тавсиф мекунад ва онро камоли аввали чизи билқувва номида аст. Ӯ низ мисли Форобӣ ҳаракатро на танҳо интиқол, балки ҳамагуна тағйири тадриҷӣ аз сифате ба сифати дигар меҳисобад. Яъне Ибни Сино сайри тадриҷӣ миёни қувва ва феълро «ҳаракат» меномад. Ӯ ба масъалаи ҳаракати вазъӣ ё ниҳодӣ, ки дар осори Арасту аз он нишоне нест, дар заминаи таълимоти Форобӣ таваҷҷуҳ намуда ин масъаларо инкишоф додааст.

Ҳарчанд дар масъалаҳои мазкур Форобӣ ва Ибни Сино ҳамраъйанд, аммо тафовут низ миёни орои онҳо дар масъалаи ҳаракат дида мешавад. Форобӣ кӯшидааст мафҳуму моҳияти ҳаракатро дар асоси нишондоди арастуӣ таҳлил кунад, аммо Ибни Сино назарияи ҳаракатро дақиқтар таҳлил намуда, шаклҳои онро мушаххастар мекунад ва вобаста ба ҳолот онҳоро ба низом медарорад, ки хусусияти сирф илмӣ пайдо мекунад. Ҳамзамон Форобӣ замонро ба мисли Арасту чун ченаки ҳаракат қабул мекунад, аммо Ибни Сино илова ба ин онро ба идроки инсон пайваст мекунад. Инчунин Ибни Сино мисли Форобӣ ҳаракатро танҳо падидаи табиӣ наҳисобида, ба масоили ҳастишиносӣ рабт медиҳад, ки тафовути назариёти онҳоро мушаххастар нишон медиҳад.

Хулоса, аз таҳлилҳои боло метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар фалсафаи машшоияи шарқӣ Форобӣ заминаи назариявии ҳаракат ва шаклҳои онро фароҳам меорад ва Ибни Сино онро такрор накарда, муфассалтар таҳлил менамояд ва онро инкишоф дода, ба авҷи камол мерасонад. Ин ду мутафаккир ҳаракатро ҳамчун тағйири тадриҷии ҳолати ҷисм дар иртибот бо қувва, замон, макон, андоза ва сифат таҳлил намуда, шаклҳои онро, ба мисли сифатӣ, вазъӣ, табиӣ, қасрӣ, иродӣ, даврӣ ва ғайра аз рӯйи сарчашмаи зуҳурашон фарқ мекунанд. Ҷолиб аст, ки Форобӣ ва

Ибни Сино ҳаракоти сифатӣ, вазъӣ, маконӣ ва миқдориро чун навъи тағйир баррасӣ мекунанд ва ҳаракоти табиӣ, қасрӣ ва иродиро чун сарчашмаи ҳаракат таҳлил менамоянд, ки хусусияти равишшиносӣ дошта, дар физикаи муосир низ арзишманд аст.

2.3 Масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино

Дар ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино баҳси ҷавҳар ва араз мақоми махсус дорад ва яке аз муҳимтарин ва баҳсбарангезтарин қисматҳои фалсафаи онҳо ба ин масоил бахшида шудааст. Ин мутафаккирон дар ибтидои масоили ҳастишиносӣ мавҷудро ба воҷиб ва имкон ҷудо намуда, дар доираи баҳси имкон-ул-вуҷуд онро ба ҷавҳар ва араз тақсим мекунанд. Масъалаи ҷавҳар ва аразро онҳо асосан дар доираи метафизика ё худ илоҳиёт баррасӣ менамоярд. Ин равиши онҳо аз ҷониби аксари файласуфони асримиёнагии минбаъда, махсусан файласуфони арабзабон, дастгирӣ наёфт ва масоили ҷавҳару аразро онҳо дар доираи даҳ мақулаи муайяннамудаи Арасту баррасӣ намуданд. Ба ҳар навъ, равиши таҳқиқу баррасии ҷавҳару араз, ки Форобӣ ва Ибни Сино зимни масоили илоҳиёт пеш мегузоранд, дар ташаккули тафаккури фалсафии ҳакимони зиёди минбаъдаи тоҷик нақши назаррас гузоштааст ва ниёз ба таҳқиқи вижа доранд. Он аз равиши арастуӣ тафовути усулӣ дорад, зеро Арасту ба масоили ҷавҳару араз диди вуҷудӣ дошт, аммо Форобӣ ва Ибни Сино бошанд диди моҳиятӣ доранд.

Дар таърихи фалсафа Арасту аввалин ҳакиме мебошад, ки баҳси ҷавҳару аразро матраҳ намудааст ва «ҷавҳарро унсури нахустини ҷаҳон фарз мекунад» [88, с. 24] Ин баҳс дар заминаи посухҷӯйи ба масоиле рӯйи кор омад, ки дар миёни файласуфони атиқа маъмул буд. Яке аз ин мушкилот баҳси ҳаракат ва оромӣ маҳсуб мешуд, ки миёни маъруфтарин ҳакимони Юнони бостон, ба мисли Фалес, Гераклит, Зенон ва дигарон назариёти мухталифи ба ҳам зидро ба вуҷуд оварда буд. Баъзе ҷонибдори ҳаракати мутлақ, баъзе баръакс аз сукуни мутлақ ҷонибдорӣ мекарданд. Арасту дар ин баҳс мавқеи миёна интихоб кард. Ӯ сукунро ба ҷавҳар ва ҳаракатро ба араз нисбат дод.

Арасту ҷавҳарро ба аввалия (primary substance) ва сонавия (seconday substance) ҷудо мекунад. Ҷавҳари аввалия, ба назари ӯ, ҳар чизи воқеии берунии мушаххас, ба мисли Суқрот ё дарахти хос мебошад. Ҷавҳари сонавия дорои қисмҳои гуногун аст ва мақсади Арасту аз он ҷинсу навъ мебошад, ки ҷавҳари аввалия ба он тааллуқ дорад, масалан, инсон ва ҳайвон. Маълум аст, ки ҷавҳари сонавия аз ҷумлаи мафҳумҳост, дар ҳоле ки ҷавҳари аввалия як чизи мушаххас мебошад. Ҳарчанд Арасту ба ин ду навъ ҷавҳар дар осораш ишора мекунад, аммо аз навиштаи шореҳону муфассирони ӯ бармеояд, ки дар ҳама мавриде, ки ба ҷавҳар ишора мекунад, манзураш ҷавҳари аввалия мебошад. [64, с. 23-64]

Ба ҳар навъ, Арасту ба саволи «мавҷуд чист?», «ҷавҳар чист?»-ро матраҳ мекунад ва ба назари ӯ, ҷавҳар ҳар чизи воқеии берунии мушаххас мебошад. Яъне ҷаҳоне, ки Арасту тасаввур менамояд, ҷаҳонест, ки воқеӣ ва билфеъл мавҷуд аст. Аз ин мебарояд, ки вуҷуде, ки Арасту дар фалсафааш онро таҳлил мекунад, ҳамон ҷавҳари айнии берунист. Ба андешаи Арасту, куллӣ ҷавҳар нест, зеро ҷавҳар ҳар чизи хоси худаш аст. Аммо куллӣ вуҷуде дар худ нест.

Арасту суратро феълият ва ҷавҳари шайъ ҳисобида, ба ин назар аст, ки сурат ҳар чизи зот ва ҷавҳар нахустини он аст, зеро сурат воқеитар аз модда аст. Ӯ ба вуҷуди се ҷавҳари мутафовит қоил аст. Аввал, ҷавҳари нобудипазир, ки шомили набототу ҳайвонот аст. Дуюм, ҷавҳаре, ки нобуд намешавад ва он шомили ҷирмҳои осмонист. Сеюм, ҷавҳаре, ки на маҳсус аст ва на нобудипазир, ки шомили Худо ва нафси нотиқа аст. [230, с. 32-33]

Чунин ба назар мерасад, ки Арасту миёни вуҷуду моҳият фарқ қоил буд. Зеро ба назари ӯ, инсон чист ва инсон вуҷуд дорад, ду матлаби комилан мухталифанд. [64, с. 59] Вале аз матолиби «Мобаъдуттабиа»-аш бамеояд, ки Арасту моҳияту вуҷудро як чиз ҳисобидааст, аз ин рӯ, дар таърихи фалсафа ӯ бо диди вуҷудиаш маъруф шудааст. Далели дигари назари вуҷудӣ доштани Арасту аз бурҳони дараҷоти камоли ӯ бармеояд. Ин истидлоли ӯ барои исботи вуҷуди Худо буда, хулосаи он чунин аст, ки «ҳар чо, ки як шайъи беҳтар вуҷуд дошта бошад, як беҳтарин низ мавҷуд аст». [126, с. 410] Азбаски дар ин бурҳони арастуӣ вуҷуди

мавҷудот ва беҳтарин мавҷуд будани муҳаррики аввал исбот карда мешавад, метавон решаҳои назари вуҷудии Арастуро дар он пайдо намуд.

Аввалин касе, ки миёни вуҷуду моҳият фарқи мушаххас қоил мешавад, Форобист. Ин иқдоми Форобӣ дар тафаккури ҳастишиносии минбаъда таъсири назаррас гузошт. Ҳарчанд Арасту низ чистӣ (моҳият) ва ҳастии чизро аз ҳам фарқ мекард, вале ба ин мафҳумҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ надошт ва дар мавридҳои гуногун, чунонки ишора шуд, нисбати ин маънӣ беэътино буд. Аммо дар фалсафаи Форобӣ он мақоми меҳварӣ касб намуд.

Форобӣ дар «Ҷавобот лимасоилин суила анҳо» (Ҷавоб ба масъалаҳое, ки аз онҳо пурсида шуд) қайд мекунад, ки «Пурсида шуд, ки қазияи «Инсон мавҷуд аст» маҳмул (предикат–А.Б.) аст ё не? Дар ин масъала ҳакимони пешина ва имрӯза ихтилофи назар доранд. Баъзе онро маҳмул, баръакс гурӯҳе ғайри маҳмул меҳисобанд. Ба назари ман, ҳар ду қавл аз ҷиҳатҳои хос дуруст аст. Зеро вақте ба ин қазия ва қазияҳои ба он монанд нафари закие чун воқеияти шайъи хориҷӣ таваҷҷуҳ кунад, онро маҳмул намеҳисобад. Барои он ки вуҷуди чиз ғайри он чиз нест. Барои маҳмул лозим аст, ки нисбати он ҳукми ҳа ё не бароварда шавад. Аз ин ҷиҳат, ин қазия маҳмул нест. Аммо вақте ба ин қазия аз лиҳози мантиқӣ таваҷҷуҳ шавад, он мураккаб аз ду калима–инсон ва мавҷуд аст. Ин калимаҳо қобилияти тасдиқ ё инкор доранд. Пас аз ин ҷиҳат, ин қазия маҳмул аст. Аз ин мебарояд, ки ҳар ду қавли ба ҳам зид: «Ин қазия маҳмул аст» ва «Ин қазия маҳмул нест» ҳар ду дуруст аст». [47, с. 90-91]

Яъне Форобӣ масъалаи «Оё метавон миёни вуҷуди як чиз ва худи он чиз фарқ гузошт?»-ро аз ду ҷиҳат баррасӣ намуда, ба ҳар кадоме ҳукми ҷудогона содир менамояд. Аз ҷиҳате, Форобӣ миёни вуҷуду моҳияти шайъ фарқ намебинад. Ба қавли ӯ: «вуҷуди шайъ ғайри он шайъ нест». [47, с. 90] Аз ин ҷиҳат, миёни Форобӣ ва Арасту иттифоқи назар мушоҳида мешавад. Зеро Форобӣ мисли Арасту аз ашёи мавҷуди айнӣ шуруъ мекунад. Ба назари ӯ низ шайъи хориҷӣ як чизи якпорча аст. Аммо Форобӣ таҳлили дигар низ дар мавриди тафовути вуҷуду моҳият дорад, ки миёни фалсафаи ӯву таълимоти Арасту фарқи бунёдӣ мегузорад. Муҳимтарин

нукта дар баҳси робита миёни вуҷуду моҳият тавсифи калимаи «ориз» ва «лозим» аст. Яъне вуҷуд оризи моҳият мешавад, ба ин маъност, ки чизе аз хориҷ ориз ва ҳодис мешавад. Вале вуҷуд лозими моҳият аст, ба ин маъност, ки ин ду сифат аз ҳам ҷудоношуданианд. Андешаи Форобӣ дар ин масъала аз ҷиҳате бо таълимоти арастуӣ мувофиқ аст, аммо аз ҷиҳати дигар, ба назари ӯ, моҳият аз вуҷуд фарқ доранд, зеро вуҷуд аз аразҳои лозими моҳият аст. Ӯ далел меорад, ки метавон чизро бидуни вуҷуди он тасаввур кард, аммо чунин нест, ки вақте чизро тасаввур менамоем, ба вуҷуди он низ пай бибарем. На вуҷуд ҷузъи моҳият ва на моҳият ҷузъи вуҷуд аст. Ин ду мақулаи ҷудогонаанд, аммо дар робита қарор доранд. Аз ин мебарояд, ки Форобӣ ду ҳолати ҷавҳарро баррасӣ намуда, онро ба «аввалия» (фарди хориҷӣ) ва «сонавия» (навъ ва ҷинс) ҷудо менамояд ва ба ҷавҳари аввалия афзалият қоил аст. Аммо ӯ ба ин назар аст, ки ҳақиқати ашёро мафҳумҳои куллӣ ташкил медиҳанд, ки ҷавҳарҳои сонавия мебошанд. Дар ин масъала тафовут миёни таълимоти Форобиву Ибни Сино мушоҳида мешавад, ки поёнтар муфассалтар баррасӣ хоҳем кард.

Аз осори мавҷудаи Форобӣ бармеояд, ки доираи дониши ӯ хеле фарох буда, дар ташаккули минбаъдаи улуми гуногуни замонаш, махсусан илоҳиёт, нақши назаррас гузоштааст. Муҳимтарин масоили илоҳиёти Форобӣ дар асарҳои «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн» (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф “Афлотун ва Арасту”), «Эҳсо-ул-улум», «Бовариҳои қалбӣ», «Мақосиди метафизикии Арасту», «Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабири юнонӣ» ва «Дар дониши илоҳиёт» ба тафсил баррасӣ шудаанд. Махсусан, рисолаи «Мақосиди метафизикии Арасту» ҳарчанд аз нигоҳи ҳаҷм хурд бошад ҳам, яке аз сарчашмаҳои муътамаду муассири фалсафаи машшоияи шарқӣ маҳсуб мешавад. Маҳз тавассути ҳамин асар Ибни Сино аз моҳияти навиштаҳои Арасту дар бораи метафизика огоҳ гардид. Ба таъкиди Ибни Сино: «ғаразҳои ин китоб, ки дар дили ман буд, бар ман кушода шуданд». [9, с. 157-158] Форобӣ қаблан ба ин мавзуъ дахл карда, ҳадафи илоҳиёт танҳо масоили ақидавии динӣ набуданро ошкор карда, ин гуна муносибати Арастуро нисбати ин масъала чунин шарҳ дода буд: «Ғарази мо аз

ин рисола он аст, ки ба мақсуде, ки китоби Арасту маъруф ба «Мобаъдуттабиа» онро дар бар дорад... бипардозем. Чун бисёре мардон мепиндоранд, ки муҳтаво ва мазмуни ин китоб ҳамон сухан дар мавриди Худои таоло ва ақлу нафс ва дигар умури муносиб бо он аст ва ин ки илми мобаъдуттабиа ва илми тавҳид як донишанд ва аз ин рӯст, ки бештари пажӯҳандагони ин китобро саргашта ва ҳайрон меёбем. Чӣ бештар матолиби онро холӣ аз чунон умуре меёбанд. [35, с. 57]

Тамоми файласуфоне, ки дар бораи моҳияти илоҳиёт изҳори назар намудаанд, кӯшидаанд объекти ин илмро муайян намоянд. Иддае ба ин назаранд, ки илоҳиёт ба масоиле мепардозад, ки улуми тақрибӣ дар ҷавоб ба он оҷиз аст. Гурӯҳе онро донише медонанд, ки мекӯшад куллитар, ҷомеътар ё бунёдитар аз илмҳои тақрибӣ бошад. Баъзе онро донише меҳисобанд, ки дар ҷустуҷӯи воқеиятест, ки бунёди ашё ба он вобаста аст, яъне ҷӯёи ҳақиқати зоти ашё аст, на ба тавре ки ба тақрибаи мо ҳосил шуда, балки он гуна аст, ки дар ҳадди зоти худ ҳастанд. Ба ибораи дигар, илоҳиёт бо анвои ашё сарукор дорад, на бо намунаҳои ҷузъии он анвоъ. [50, с. 15-16]

Форобӣ барои мушаххас намудани мавзуи илоҳиёт илмҳоро ба кулливу ҷузъӣ ҷудо намуда, ба ин назар аст, ки мавзуи илмҳои ҷузъӣ мавҷудот (ҳастиҳои воқеӣ) ё мавҳумот (ҳастиҳои эътиборӣ) мебошад. Масалан, илми табиӣ ҷисмҳо ё илми ҳисоб ададҳоро мавриди баҳс қарор медиҳад, азбски мавзуи баҳси онҳо ҷузъист, худи ин илмҳо низ, дар таснифи Форобӣ, илми ҷузъӣ маҳсуб мешаванд. Дигар илмҳои ҷузъӣ низ ба ин монанданд ва ҳеҷ кадоми онҳо чизеро, ки ҳамаи мавҷудотро дар бар гирад, мавзуи баҳси худ қарор надодаанд. Вале фалсафа, азбаски илми куллӣ аст, дар бораи чизҳое, ба мисли «вуҷуд» ва «ваҳдат» баҳс мекунад, ки бо тамоми мавҷудот умумият дорад ва мавзуи хосе надорад. Ба ибораи Форобӣ: «илме, ки мавзуи хос дошта бошад, ки мавзуи илми дигареро дар бар нагирад, илми куллӣ нахоҳад буд ва дониши ҷузъӣ маҳсуб мегардад». [35, с. 59] Пас, ӯ барои илми фалсафа мавзуи мушаххасе қоил нест, балки ҳастиро ҳамчун ҳастӣ таҳқиқ кардан мехоҳад. Ҳамзамон Форобӣ таъкид менамояд, ки

«сазовор аст, ки илми илоҳӣ дохили ин илми куллӣ (фалсафа. –А.Б.) ва бахше аз он бошад». [35, с. 59] Яъне ҳарчанд дар фалсафаи Форобӣ мафҳуми Худо ҳамчун ибтидову интиҳои ҷаҳон баррасӣ мегардад, ӯ онро аз мафҳуми ҳастии мутлақ фарқ мекунад ва онро ҷузъи баҳси илоҳиёт меҳисобад. Барои исботи ин андешааш ва номгузории ин илм мутафаккир аз ин бурҳони мантиқи шаклӣ истифода мекунад: «зеро Худованд мабдаи мавҷуди мутлақ аст, на ин ки мабдаи мавҷуди хосе бошад ва мабдаи мавҷуди дигар на... аз ин рӯ, шоиста аст, ки ба номи илми мобаъдуттабиат номида шавад». [35, с. 59]

Илоҳиётро Форобӣ аз илмҳои ҷузъӣ низ фарқ мекунад. Ба назари ӯ, риёзиёт низ ҳарчанд аз ҷиҳати орӣ будани мавзуоташ, ба мисли миқдор, шакл ва адад аз модда, бартар аз илми табиист, вале сифоти илми метафизика надорад, зеро ин орӣ будан аз модда амри вуҷудӣ нест ва танҳо дар зеҳн таҳаққуқ меёбад. Дар олами ҳастӣ миқдор, шакл ва адад дар доираи умури табиӣ вуҷуд намеёбанд. [35, с. 60]

Аз ин андешаҳои Форобӣ бармеояд, ки илоҳиёти ӯ се бахшро фаро мегирад. Бахши аввал ба аразҳои зотии мавҷуд аз ҷиҳате, ки мавҷуд аст тахассус меёбад. Ин аразҳо умуреанд, ки бевосита оризи мавҷуд мешаванд. Бахши дуюм фарогири масоили сарчашмаҳои илмҳои ҷузъӣ, ба монанди мантиқ, риёзиёт ва табииёт аст. Дар бахши сеюм дар бораи ҳастиҳое баҳс мешавад, ки орӣ аз ҷисманд. Дар ин мавзуи баҳс саволҳое ба вуҷуд меоянд, ки «оё мавҷуди ғайриҷисмонӣ вуҷуд дорад?», «агар вуҷуд дорад, ягона аст ё бисёр, ҳадде дорад, беинтиҳост?», «агар мавҷудоти ғайриҷисмонӣ бисёранд, ҳама дар як мартабаанд ё фарқ мекунанд?». Дар ин баҳс Форобӣ ба натиҷае мерасад, ки мавҷудот бисёранд ин шумор беинтиҳо нест. Мавҷудот дорои мартабаҳои гуногунанд ва дар онҳо ғаризаи аз нуқс ба камол расидан ҷой дорад. Онҳо ба сӯйи мавҷуде дар ҳаракатанд, ки комилтар аз ӯ чизе нест.

Ба масъалаи ҷавҳар Форобӣ дар заминаи таълимоти Афлотуну Арасту таваҷҷуҳ мекунад ва тафовути назариёти онҳоро нисбати ин масъала ба тарзи муносибатҳои фаръӣ ҳамл намуда, дар усул миёни ин назариёт фарқият қоил

намешавад. Ба назари Афлотун, бартарин ҷавҳарҳо ва беҳтарину муқаддамтарини онҳо чизест, ки ба ақлу нафс наздиктар ва аз ҳиссу олами кавну фасод дуртар бошанд. Мувофиқи навиштаҳои Арасту бошад, шоистатарин ҷавҳар дар бартарӣ ва тақаддуми ҷавҳарҳои нахустанд, яъне ашхос. [35, с. 73] Пас Афлотун шоистатарин ҷавҳарро мавҷудоти баситу ҳамешагӣ, ки фанопазир нестанд, меҳисобад. Ин дар ҳолест, ки Арасту шоистатарин ҷавҳарро ба ашхос қоил аст, яъне мавҷудоте, ки маҳсусанд. Аз ин мебарояд, ки Форобӣ дар масъалаи ҷавҳар миёни моҳияту вуҷуд фарқият гузошта, дар бораи ориз шудани моҳият бар чиз ба баҳс мепардозад.

Дар масъалаи ҷавҳару араз Форобӣ дар осори дигараш низ ба таври муназзам набошад ҳам, баҳсҳои доманадоре дорад. Дар «Таълиқот»-аш ӯ ба ин мафҳумҳо чунин таърифи мушаххас додааст: «Ҳақиқати ҷавҳар он аст, ки дар мавзуе набошад ва ҳақиқати араз он, ки дар мавзуъ бошад». [35, с. 127] Ин таърифро Ибни Сино баъзан бетағйир ва гоҳо бо иловаҳо дар баҳси мавриди назар фаровон истифода бурдааст, ки баъдтар ба ин маъала расидагӣ хоҳем кард. Ҷавҳару аразро Форобӣ аразҳои хоси вуҷуд меҳисобад ва дар доираи мақулоти арастуӣ, ки хусусияти вуҷудӣ доранд, баррасӣ мекунад. Вале Форобӣ чун файласуфи соҳибраъй дар ин масъала низ ба ақоиди арастуӣ пойбанд намемонад ва ба хилофи Арасту нисбати ин мақулаҳо диди моҳиятӣ дорад. Яъне моҳият вуҷуд нест, он чизест, ки вуҷуд оризу мулозими вай мешавад. Ҳар чиз ба ғайр аз маънои зоҳирӣ боз ҳақиқати дигаре дорад, ки ифодакунандаи маҳияташ аст. Масалан, лафзи «дарахт» моҳияте аст, лекин худи вуҷуд нест ва вуҷуд ҷузъи он ҳам намебошад, балки берун аз ҳадди ӯ буда, ба моҳияти он илҳоқ шудааст. Форобӣ ин ҳақиқатро вуҷуди хос медонад ва миёни вуҷуду моҳият иртибот қоил аст. Ба назари ӯ, ҳастиву вуҷуд аз лавозими моҳиятҳост, на асли онҳо. Яъне, вуҷуд ҷинсу фасли ҳеҷ чиз нест. Аммо дар мабдаи аввал, ки ғайр аз вуҷуду инният (воқеияти вуҷудии чиз) ҳеҷ моҳияте надорад, чунин нест ва метавон гуфт, ки агар воҷиб-ул-вуҷуд сифате дошта бошад, ки он сифат моҳияти вуҷудро ташкил диҳад, ин ҳамон вуҷуд аст, ки ҳақиқати ӯст. Ҳақиқати ӯ маъноест, ки ном

надорад ва таъкиди вуҷуд танҳо таъбире аз он маъност. [35, с. 172]

Яъне Форобӣ ба вуҷуд омадани олами моддиро дар заминаи назарияи судур шарҳ додан мехоҳад. Форобӣ зимни қоидаи то ӯ маъмули «аз воҳид танҳо воҳид судур меёбад», муътақид аст, ки воҷиб-ул-вуҷуд чун зоти худро тааққул намуд, олам аз илми ӯ ба зоти худ судур ёфт. Пас аз силсилаи ақлҳое, ки қаблан зикрашон рафт, силсилаи афлок такмил мешавад. Ҳамин тавр, ҳаракоти даврии афлок ҳамвора таҳти тадбири уқули кавния қарор мегирад ва силсилаи фаязон, ки шомили даҳ ақл, нуҳ фалак ва нафсҳои онҳо ҳаст, такмил меёбад. Ин ақлҳову нафсҳо дорои тартиби муайянанд. Ақли аввал аз ҳама мартабаи воло дорад ва афлоку нафсҳои фалакӣ аз ӯ пайравӣ мекунанд. Замин дар ин мартабаҳо аз ҳама охир аз уқул Ақли фаъол ё Руҳулқудс аст, ки робитаи ҷаҳони болоро бо поин таъмин мекунад ва аз ӯ ҳар чи пас аз фалаки қамар аст, содир мешавад.

Масоили судур дар болои қамар ва таҳти он баръакс баррасӣ мешавад. Зеро дар маротиби судур дар болои қамар аз комилтарин, ки Ақли аввал аст ба ноқистарин меояд ва дар олами таҳти қамар аз ноқистарин, ки ҳаюлост ба комилтарин мерасад. Дар ин марҳила аз ҳаюло ба унсурҳои чаҳоргона-хок, об, ҳаво ва оташ, аз он дар заминаи мусоид омадани шароит ба ҷимодот ва дар заминаи мусоидтар омадани шароит ҷимодот ба набот, набот ба ҳайвон ва ҳайвон ба ҳайвони нотиқ мерасад. Дар олами таҳти қамар мавҷуде аз ҳайвони нотиқ-инсон комилтар нест. Яъне дар олами таҳти қамар аз ноқис ба комил мерасад. Чун инсон комилтарин мавҷуди таҳти қамар аст, табиату сиришти ӯ ибдоӣ аст. Пас инсон мисли дигар унсурҳои ибдоӣ дар олами кавну фасод дохил нест, ҳарчанд табиату ҷисми ӯ шомилшуда ба олами кавну фасод аст. Яъне марги инсонро Форобӣ интиҳои вуҷуди ӯ намеҳисобад.

Аносири чаҳоргона асли кавн (пайдоиш) ва фасод (аз байн рафтан) мебошанд. Кавн пайдоиши сурати ҷавҳарӣ дар модда ва фасод заволу аз байн рафтани он сурат аст. Сурати ҷавҳарӣ метавонад тағйир ва таҳаввул ёфта, сабаби бавуҷудоии сурати дигар гардад. Аз суратҳо сифоти маҳсус ба вуҷуд меоянд ва баъзан сифот тағйир меёбанд, аммо сурат маҳфуз мемонад.

Вуҷуд, ба назари Форобӣ, дорои шаш мартаба аст: 1) Файзи аввал ё Ақли аввал, 2) Файзи дуюм, ки шомили афлоки ҳаштгона аст, 3) Ақли фаъол ё Руҳулқудс, 4) нафс, 5) сурат ва 6) модда. Се мартабаи аввал ҷисмонӣ нестанд. Сетои охир дар ҷисманд, аммо худ ҷисм нестанд, яъне дар иртибот бо ҷисманд. [147, с. 53] Дар ҳастишиносии Форобӣ вуҷуди дар худии аразҳо ва суратҳои моддӣ айни вуҷуди онҳо дар мавзуъҳояшон аст. Аз ин рӯ, аз мавзуъҳои худ ба мавзуи дигар интиқол намеёбанд, балки дар он мавзуъҳо ботилу нобуд мешаванд.

Ҷисмҳоро Форобӣ ба шаш қисм ҷудо мекунад: ҷисмҳои осмонӣ, ҳайвони нотиқ, ҳайвони ғайринотиқ, набот, ҷисмҳои маъданӣ ва унсурҳои ҷаҳоргона. [147, с. 53] Шарти мавҷудияти ҷисм моддаву сурат ва шарти бақои сурат модда аст. Ҳаюлои аввал хамирмояи олам аст, ки тамоми ҷисмҳо аз он ба вуҷуд омадаанд, на аз нестӣ. Ин ҷо Форобӣ кӯшидааст, назарияи аз ҳеҷ ба вуҷуд омадани ҳастиро, ки мутакаллимон ҷонибдорӣ менамуданд, рад кунад ва ба ҷойи он назарияи файзро пешниҳод мекунад, ки дар фалсафаи навафлотуния низ мушоҳида мешавад. Ба ҳар навъ, Форобӣ дар миёни ҳакимони мусулмон аввалин шахсиятест, ки андешаи «хилқат аз олами ақлҳо оғоз шудааст»-ро пешниҳод намуд, ки бо назарияи файз ё судур маъруф гардид.

Дар ҷисмҳои мураккаб аз унсурҳои чаҳоргона қуввае мавҷуд аст, ки дар заминаи билфеъл шудан ва таъсиргузории он гармову сармо ва дар заминаи инфиъол (асарпазирӣ)-и тез ё оҳистаи он тариву хушкӣ падид меояд. Дигар қувваҳои ҷисмҳо тобеи ин чаҳор қувва мебошанд. Ин қувваҳои чаҳоргона ба сурати ҷавҳар ва унсур нестанд, балки аразҳоеанд, ки тобеи суратҳои ҳақиқӣ мебошанд. Форобӣ иллатҳои табии модиётро ба чаҳор даста ҷудо намудааст: а) фоил, б) қобил (модда ва пазиранда), в) сурат ва г) ғоят. Ба назари ӯ, барои зуҳури шайъ феъл (таъсиргузорӣ) ё инфиъол (таъсирпазирӣ) зарур аст. Дар қобил (пазиранда) ду ҷиҳат эътибор дорад. Яке, чиз ба воситае чизи дигарро аз берун пазирад. Дар ин ҳолат бояд дар ҳаюло таъсирпазирӣ бошад, то он чизи берунаро бипазирад. Дуюм, ҷиҳати дохилӣ, ки аз зоти шайъ пазиро аст, на аз берун. Дар

ин сурат таъсирпазирӣ нест.

Форобӣ дар масъалаи падид омадани ҳаюло ва умури моддии таҳти қамар ба тафсил, чуноне ки Ибни Сино баён мекунад, баҳс накардааст. Аммо сифоти ҳаюло ва сабабҳои ба вуҷуд омадани онро мутафаккир мушаххас баён намудааст: «Аҷсоми самовӣ табиати муштарак доранд ва аз ноҳияи ин табиати муштарак моддаи уло муштарак миёни аҷсоми таҳти қамар падид меояд ва аз ноҳияи ихтилофи ҷавоҳири онҳо вуҷуди аҷсоми касир ва ҷавоҳири мухталифи моддӣ лозим меояд ва ба ҳамин тартиб вуҷуди сувари мутазод ва таоқиби сувари мутазод бар ҳаюлои уло ва ихтилооту имтизоҷи мавҷудоте, ки суратҳои мутазод доранд». [210, с. 55] Аз ин бармеояд, ки ба назари Форобӣ ҳаюло мавзуи ҳамаи чизҳо буда, моддиёт аз он ба вуҷуд меояд. Он ҷавҳари тағйирёбанда буда, билқувва пазирои сурат ва билфеъл ҳомили сурат аст ва дар асоси он шаклҳои ҳастӣ зоҳир мешаванд. Ин андешаҳои моҳиятан диалектикии Форобӣ бо назарияҳои нуҷумии ӯ иртиботи наздик дорад. Зеро, мувофиқи таълимоти табиатшиносии ӯ, аз ақли суфло моддаи уло ё ҳаюло, ки сарчашмаи унсурҳои чаҳоргона аст, ба вуҷуд меояд ва аз ҳамин ақли даҳум суратҳои гуногун падидор шуда, пас аз омезиш бо ҳаюло ҷисмҳо ба вуҷуд меоянд.

Бояд тазаккур дод, ки силсилаи ақлҳое, ки Форобӣ баён мекунад, бо назариёти астрономии Арасту комилан мувофиқ аст, назарияи судураш бо таълимоти Афлутин ва шореҳони Арасту айният дорад, аммо ақлҳои даҳгона, дар умум, назарияи шахсии Форобист ва тамоюли вай ба нишон додани ваҳдат ва равиши ӯ дар гурӯҳбандиву таркиб ба ин назария ҷомаи нав пӯшонидааст. Бо ин кор Форобӣ Афлотуну Арасту ва дину фалсафаро оштӣ додан хостааст, ки пештар ин масъаларо муфассалтар матраҳ кардем. Ҳамзамон дар ин росто мутафаккир миёни вуҷуду моҳият иртибот қоил буда, вуҷудро аз лавозими моҳият медонад, зеро ӯ вуҷудро ҷинс ё фасли мавҷуде намеҳисобад. Вале дар масъалаи Воҷиб-ул-вуҷуд ин принсип тағйир меёбад. Зеро дар мабдаи аввал, ба назари Форобӣ, ки ғайр аз вуҷуд ва аннийат (таҳаққуқи вуҷуд ё ҳаст будан) ҳеҷ моҳияте надорад, чунин нест. Ҳақиқати Воҷиб-ул-вуҷуд маъноест, ки бо номе

наметавон онро ифода кард ва таъкиди вуҷуди он танҳо таъбире аз он маъност. [35, с. 172-173]

Ибни Сино низ масъалаи ҷавҳар ва аразро дар руҳияи анъанаи арастуӣ таҳлилу баррасӣ намуда, аз баъзе дидгоҳҳои Форобӣ дар ин масъала ғизои маънавӣ гирифтааст ва онро тавассути ба низоми мушаххас ворид намудан ва таснифи мантиқӣ кардан мустақилона такмил додааст. Мутафаккир ҷавҳар ва аразро чун ду сатҳи муҳими ҳастӣ асосан дар доираи илоҳиёт таҳлил мекунад. Ба назари Ибни Сино, мавзуи илоҳиёт чизҳои ҷузъӣ набуда, «ҳастии мутлақ аст». [9, с. 218] Дар таълимоти ӯ илоҳиёт дорои усулу фуруъ аст. Усули он бар панҷ қисм аст: аввал, шинохти усулии ҳамаи мавҷудот; дуюм, таҳқиқи сарчашмаҳои ибтидоияи мантиқ, табииёт ва риёзиёт; сеюм, баррасии масоили марбут ба воҷиб-ул-вуҷуд; чаҳорум, баҳси масъалаҳои вобаста ба нахустибтидо ва ҷавҳари маънавии самовӣ ва панҷум, ҷавҳари руҳонии арзӣ. Фуруъи илоҳиёт, аз назари Ибни Сино, аз шинохти ваҳю нубувват ва илми маъод иборат аст.

Ибни Сино ба мисли файласуфони даврони атиқа ва асримиёнагӣ ба масъалаи нахустибтидо зиёд таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ ба ин бовар аст, ки ҳастӣ сароғоз дорад, ки аз он шуруъ мешавад ва дорои маоде (макону замони бозгашт –А.Б.) ҳаст, ки ба он боз мегардад ва ин бозгашт ба ҳаракат рабт дошта, нишони ба камолрасиаш аст. [314, с. 155] Тамоми масоили шинохт дар ниҳоят аз вуҷуд сар мешавад ва ба он ба анҷом мерасад. Шинохти нахустибтидоро мутафаккир ба панҷ омил алоқаманд менамояд, ки ба таври зайланд: аввал, иллатҳо аз тамоми ҷиҳат поёнпазиранд, дуюм, дар ҳар табақае аз онҳо мабдаи аввал ҳаст, сеюм, мабдаи ҳамаи онҳо якто аст ва Ӯ аз ҷомеи мавҷудот фарқ дошта, танҳо худаш Воҷиб-ул-вуҷуд аст ва панҷум, вуҷуди ҳар як мавҷуд аз Ӯ оғоз меёбад. [19, с. 315] Ин усул қариб дар тамоми матнҳои ақидавии олами ислом, ки мувофиқи онҳо Воҷиб-ул-вуҷудро дар ин ҷаҳон дидан номумкин аст, тасаввур кардани ӯ ғайриимкон мебошад, имкон надорад касе, ҳатто паёмбар, бевосита бо ӯ мусоҳиб гардад ва ғ. то имрӯз роиҷ аст. [238, с. 629]

Дар таълимоти ҳастишиносии Ибни Сино баҳси иллату маълул ҷойгоҳи

вижа дошта, масоили зиёди фалсафии матраҳнамудаи ӯ аз кадом ҷиҳате ба ин назария рабт мегирад. Ба назари Ибни Сино, дар инсон ҳолоти хосе вуҷуд дорад, ки онро иллати ҷавҳарӣ меноманд. Аз ин нигоҳ, инсон ба ҳадде муҳим ва ҷойгоҳи вижа дорад, ки ба ҳар чизе иллат талаб мекунад ва масъалаи иллатпазириро ба ҳамаи мавҷудот таъмим медиҳад. Яъне ҳастии билқувва (потенсиалӣ) вақте билфеъл (актуалӣ) мегардад, он бар асоси иллате будааст. Истилоҳан дар фалсафа иллат ба ду маъно истифода мешавад. Якум, иллати сарчашмаи пайдоиш ва дуюм, иллат фаротар аз он аст, ки вуҷуде ба вуҷуди дигар вобаста гардад. Дар ҳар сурат, асли иллат собит аст, аммо субути иллатҳо вуҷуди маҳсус набуда, ақлонӣ мебошад. Ба қавли Ибни Сино: «Иллат зотеро гӯянд, ки вуҷуди феълии зоти дигар аз вуҷуди феълии вай аст. Вале вуҷуди феълии аввал аз вуҷуди феълии дувум нест». [35, с. 616]

Барои Ибни Сино вожаи вуҷуд мафҳуми фаротар аз иллат дорад ва сабабҷӯйӣ замоне маънӣ касб мекунад, ки дар иллатпазирӣ имкони мантиқӣ вуҷуд дошта бошад. Яъне иллатро Ибни Сино танҳо дар вуҷуди имконӣ мебинад ва ба назари ӯ, дар нахустибтидо, ки ниёз ба иллат надорад, тасаввури он бемаънист.

Ибни Сино барои ҳастӣ маротибе қоил аст, ки дар таълимоти Форобӣ низ бо тағйироти ҷузъӣ мушоҳида мешавад. Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино мартабаҳои оғози вуҷуд, баъд аз зоти Воҷиб-ул-вуҷуд, чаҳор аст. Аввал, мартабаи ақлҳост, ки аз ақли аввал оғоз шуда, ба ақли фаъол ба охир мерасад. Дуюм, мартабаи нафсҳост, ки аз нафси фалаки афлок сар шуда, ба нафси фалаки адно ба поён мерасад. Сеюм, маротиби сувар аст. Он аз сурати фалаки аъло оғоз шуда, ба сурати аносир хатм мешавад. Чаҳорум, мартабаи ҳаюло аст, ки аз ҳаюлои фалаки аъло оғоз шуда, ба ҳаюлои муштараки унсурӣ ба охир мерасад. Дар «Донишнома» мутафаккир кӯшидааст ба «ҳаюло» таъриф диҳад ва муродифи порсиашро ҳам қайд мекунад: «Ҳар пазирое, ки ба пазируфтае ҳастии вай тамом шавад ва бафеъл шавад, он пазироро «ҳаюло» хонанд ва моддат хонанд ва ба порсӣ моя хонанд». [9, с. 220]

Ҳастиро Ибни Сино дар низоми фалсафиаш аввалан ба «Мумтаниъ-ул-вуҷуд» (нестӣ), «Воҷиб-ул-вуҷуд» (Худо) ва «Имкон-ул-вуҷуд» (мавҷудоти дигаре ғайри Худо) ҷудо мекунад. Баҳси «Мумтаниъ-ул-вуҷуд»-ро Ибни Сино ба таври муҷазу мухтасар ироа намуда, таъкид мекунад, ки «маъдуми мутлақ бошад, ба таврест, ки дар бораи он ба тариқи эҷобӣ ҳеҷ хабаре дода намешавад. Агар ба тариқи салбӣ (инкорӣ. –А.Б.) оид ба он хабаре дода шавад, дар ин сурат низ ба ягон ваҷҳе дар зеҳн барои он вуҷуд дуруст карда хоҳад шуд, чунки «он» гуфтани мо мазмуни ишораро дорад ва ишора ба суи маъдуме, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ дар зеҳн сурате набошад, муҳол аст». [19, с. 49] Яъне, Ибни Сино мафҳуми «Мумтаниъ-ул-вуҷуд»-ро аз доираи баҳси ҳастӣ берун кардан мехоҳад ва баён намудааст, ки дар бораи чизе, ки нест, чӣ тавр метавон маълумот дод? Аз ин рӯ, баҳси вуҷуд дар таълимоти Ибни Сино, асосан, дар доираи ду мартаба-«Воҷиб-ул-вуҷуд» ва «Имкон-ул-вуҷуд», матраҳ мегардад. Ӯ муътақид аст, ки «ҳар мавҷуде дар мақоми зот ё худ ба худ «Воҷиб-ул-вуҷуд», ё худ ба худ «Имкон-ул-вуҷуд» аст». [164, с. 259]

Баҳси ҷавҳар ва аразро Ибни Сино дар доираи «Имкон-ул-вуҷуд» ва мақулоти фалсафӣ баррасӣ мекунад ва «Воҷиб-ул-вуҷуд»-ро берун аз доираи мақулаҳои даҳгонаи муайяннамудаи арастуӣ таҳлил намуда, онро на ҷавҳар меҳисобад ва на араз. Араз наҳисобидани Ибни Сино «Воҷиб-ул-вуҷуд»-ро мушаххас аст, зеро ҳастии араз бастагӣ ба чизи дигар дорад, ки ба зоту сифоти «Воҷиб-ул-вуҷуд» мувофиқ нест. Аммо сарфи назар аз он, ки ҳастии «Воҷиб-ул-вуҷуд» айни моҳияти ӯст, дар мавзуъ нест ва ӯ муҳтоҷ ба маҳал нест, вале номи ҷавҳар ба ӯ гузошта намешавад, зеро ҷавҳар моҳиятест, ки вуҷуд бар он ориз мешавад. [9, с. 253-254] Чунин ба назар мерасад, ки дар ин мавзуъ низоми фалсафии Ибни Сино бо ақлгароёни минбаъдаи ғарбӣ, махсусан бо Бенедикт Спиноза ва Рене Декарт мувофиқ нест. Зеро онҳо ба хилофи Ибни Сино Худоро ҷавҳар меҳисобанд. [363] Спиноза баъди пажуҳишҳои зиёде ба хулосае омадааст, ки дар ҳастӣ як ҷавҳар аст, ки он Худо ё табиат аст: «Зери мафҳуми Худо ман мавҷуди мутлақан беохирро мефаҳмам, яъне ҷавҳаре, ки

аз сифатҳои бешумор иборат аст ва ҳар кадоме аз онҳо моҳияти абадию беохирро ифода мекунанд». [246, с. 5] Декарт низ ҳарчанд оламро ба ду ҷавҳари махлуқ, ки ба андешаи ӯ офаридаҳои Худоянд, тақсим мекунад, аммо танҳо Худоро ҷавҳари мутлақ меҳисобад, ки барои вуҷуд доштанаш ба ҳеҷ чизи дигар ниёз надорад: «Зери мафҳуми ҷавҳар мо танҳо чизеро фаҳмида метавонем, ки он барои вуҷуд доштани худ ба чизи дигаре ниёз надорад. Ва дар асл, танҳо як ҷавҳар мавҷуд аст, ки ба ҳеҷ чизи дигар эҳтиёҷ надорад — ва он Худост». [107, с. 334]

Бо такя осори Ибни Сино дар масъалаи моҳият метавон ба чунин натиҷа расид: 1. Моҳияти шайъ чизест, ки таърифи ҳад далолат ба он мекунад. 2. Моҳият ҳақиқати комили шайъ мебошад, он ҳақиқате, ки шайъ бар ҳасби он ҳамон шайъ аст. 3. Моҳият аввалан ва биззот махсуси ҷавҳар аст ва ғайри ҷавҳарҳо ба маънои дигаре дорои моҳиятанд. 4. Аразҳо ва низ умури мураккаб аз ҷавҳару араз ҳад ва моҳият (ба маънои ҳақиқии калима) надоранд. 5. Фақат ҷинс ва навъ моҳият доранд, вале ашхос моҳият (ба он маъно, ки ба ҷинс ва навъ итлоқ мешавад) надорад, ба ибораи дигар, вожаи моҳият байни моҳияти ҷинсӣ ва навъӣ аз як сӯ ва моҳияти шахсӣ аз сӯйи дигар, муштараки лафзӣ аст.

Барои баёни андешаҳои илмӣ Ибни Сино ба мисли ҳакимони дигар аз истилоҳоти маъмулӣ фалсафӣ кор мегирад ва дар ҳамаи осори калонҳаҷми фалсафиаш дар мавридҳои мушаххас онҳоро вобаста ба баҳси мавриди назараш тавзеҳ медиҳад. Масалан, ӯ дар «Шифо» мафҳуми «мавзуъ»-ро чунин тафсир мекунад: «мақсуд аз «мавзуъ» чизест, ки қоим ба нафс ва навъияти худ аст ва сипас иллат барои ин мешавад, ки он чи ҷузъе аз он нест, қоим ба он бошад». [139, с. 46] Дар «Рисолаи ҳудуд» мушаххастар менависад: «Мавзуъ чизест, ки хосияту камоле дошта бошад, ки пештар онро доро буд... «Мавзуъ» маъноеро гӯянд, ки бар он ҳукми «кун» ё «накун» воҷиб бошад». [10, с. 603] «Маҳал бошад, -қайд мекунад Ибни Сино, – ҳар он чизест, ки ягон чиз онро ишғол намуда ва бо он чиз ба ягон ҳоле табдил ёбад». [19, с. 73] Аз ақидаҳои дар осори Ибни Сино ироашуда бармеояд, ки агар маҳал дар устуворӣ мустақил бошад, мавзуъ хоҳад

буд. Агар маҳал ба мавзуъ ниёз дошта бошад, ҳаюло аст. Агар ҷавҳари зотӣ дар мавзуе набошад, ҷавҳар аст ва ҳар зоте ба мавзуе бастагӣ дошта бошад, араз мебошад.

Дар таълимоти Ибни Сино «Воҷиб-ул-вуҷуд» мавҷуди қоим ба зоти худ, сабаби тамоми мавҷудот, ғайри натиҷа, камолоташ номаҳдуд, дар ҳадде тасаввурношуданӣ, воҳиди мутлақ ва касратнопазир, зоташ ҳам маъқул аст, ҳам ақл, зотан хайри маҳзу ҳаққи маҳз ва вуҷудаш барои мавҷудияти дигар мавҷудот лозиму зарурӣ аст. Вуҷуди «Имкон-ул-вуҷуд» вобастаи «Воҷиб-ул-вуҷуд» мебошад. Дар таълимоти ӯ «Имкон-ул-вуҷуд» аз ду ҷузъи зеҳнӣ – камолоту феълиятҳо ва ниҳояти камолот иборат аст. Худи мутафаккир ҷузъи аввалро вуҷуд ва дувюро моҳият ва сабабҳое, ки дар вуҷуди ҷузъи аввал муассиранд илал ё марҷаъ, ё муҷиби вуҷуд ва сабабҳое, ки боиси вуҷуди ҷузъи дуюм мешаванд, «илали моҳият» ё «илали қивом», ё «муқаввими зотӣ» ном мебарад. Дар масъалаи «Воҷиб-ул-вуҷуд» ва «Имкон-ул-вуҷуд» Ибни Сино дар қисмати илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» айнан ба Форобӣ такя мекунад. [139, с. 30]

Бо такя ба осори Ибни Сино метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ ба мисли Арасту ба панҷ навъи ҷавҳар муътақид аст. Зеро ҷавҳар дар таълимоти Арасту ҳар чизест, ки вуҷудаш ба чизи дигар вобастагӣ надорад, мустақил ва қоим ба зоти худ буда, бар панҷ қисм аст: ҳаюло, сурат, ҷисм, нафс ва ақл. Ҳаюло, сурат ва ҷисм ҷавҳарҳои моддӣ, нафс ва ақл ҷавҳарҳои маънавианд. Ҳаюло маҳалли сурат аст, зеро ҳаюло бе ҷавҳари суварӣ вуҷуд дошта наметавонад. Сурат ҷавҳари ҳол дар ҳаюлост. Ҷисм ҷавҳари мураккаб аз ҳаюлову сурат аст. Нафс ҷавҳарест, ки зоҳиран бениёз аз модда аст ва амалан вобастаи модда мебошад. Ақл ҷавҳари бениёз аз модда дар зоту амал аст.

Аммо дар «Донишнома» ҷавҳарҳоро Ибни Сино ба чаҳор гуна ҷудо мекунад: «Яке ҳаюло чун асл, ки табиати оташ андар вай аст. Ва дигар сурат чун ҳақиқати оташӣ ва табиати оташӣ ва савум мураккаб (ҷисм, ки мураккаб аз ҳаюло ва сурат аст.–А.Б.) чун тани оташӣ ва чаҳорум чун ҷони ҷудоистода аз тан (нафс.–А.Б.) ва чун ақл». [9, с. 220] Яъне Ибни Сино нафсу ақлро якҷо баён

намудааст ва дар ҳолати ҷудо намудани онҳо боз ҳамон шумораи ҷавҳарҳо ба панҷ мерасад ва бо назарияи ҷавҳарии арастуӣ айният пайдо мекунад. Дар ин маврид андешаҳои Ибни Сино бо дастовардҳои илмҳои муосир ба пуррагӣ мувофиқ нестанд. Зеро нафси нотиқа (шуур) ва ақл дар таълимоти ӯ ҷавҳар, яъне мавҷуди мутлақ ҳисобида мешаванд, ҳол он ки дар фалсафаи муосир он хосияти мағзи сари инсон дониста шуда, худи он моддаи басо олиташкил мебошад. [116, с. 66]

Ҷавҳар ба маънои хос чизест, ки на дар чиз ёфт мешавад ва на зери чизест, балки зот ва худи он чиз аст ва барои мавҷудият ба чизи дигар ниёзманд нест. Масалан, мегӯем: «Ин инсон». Дар маънои дигар ҷавҳар навъ ё ҷинс аст, масалан мегӯем инсон, ки ҳам мурод навъи инсон аст ва дар айни ҳол ин ҳукм баёни ҷинси он чиз ҳаст, ки ҳайвон аст. Ҷавҳар он аст, ки дар чиз нест, балки худи чизест. Масалан, як инсон метавонад ҷавон, пир, бемор, тандуруст ва амсоли он бошад, аммо ҳамеша ҳамон инсон аст. Ҷавҳар ҳам ба ду қисм аст: ё муҷаррад аст, монанди ақл ва нафс ва ё моддӣ аст, монанди ҷисм, ки мураккаб аз ҳаюло ва сурат аст. Ҷавҳар ба араз вобаста нест, вале араз бе ҷавҳар таҳаққуқ намеёбад, зеро яке мустақил аст ва дигаре ниёзманд ба дигар.

Назарияи ҷавҳару аразро Ибни Сино дар заминаи мақулаҳои даҳгонаи арастуӣ низ баррасӣ менамояд, ки ин равиши ӯ аз ҷониби файласуфони зиёди минбаъда дастгирӣ ёфтааст. Он мақулоти даҳгонаи арастуӣ яке ҷавҳар аст, ки дар боло ишора кардем ва нуҳтои он араз. Нуҳ аразе, ки Арасту муайян намудааст, чунинанд: 1) каммият (чандӣ), 2) кайфият (чигунагӣ), 3) изофат (муносибат), 4) айна (куҷоӣ), 5) мато (кайӣ), 6) вазъ (ниҳод), 7) феъл (куниш), 8) мунфаил (таъсирпазирӣ) ва 9) мулк (дошт).

Ибни Сино низ бо такя ба ин назарияи арастуӣ дар «Донишнома» аразҳоро муқаддиман ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: аввал, аразе, ки гузашта аз эҳтиёҷ ба мавзуъ ба амри хориҷ аз худ муҳтоҷ нест ва дуюм, аразе, ки дар муайян намудани он илова ба мавзуъ ба амри дигар низ ниёзманд аст. Аразҳои каммият (чандӣ) ва кайфият (чигунагӣ)-ро ба гурӯҳи аввал ва ҳафт арази боқимондаеро, ки дар

номгӯйи аразҳои нишондодаи Арасту зикр кардем, ба гурӯҳи дуюм шомил мекунад ва ҳар кадомеро бо овардани мисолҳо тавсиф менамояд. Ба назари ӯ, «каммият» (чандӣ) аразест, ки барои мушаххас намудани он ба амри хориҷӣ эҳтиёҷ намеафтад, ба мисли дарозӣ, паҳноӣ, ситабро ва замон. «Кайфият» (чигунагӣ) аразест, ки ҳолати ҷавҳар буда, дар таҳаққуқаш бо амри хориҷӣ ғайр аз мавзуъ эҳтиёҷ надорад ва сабаби тақсими ҷавҳар ҳам нест. Ин гуна аразҳо мумкинанд эҳсосшаванда бошанд, ба мисли ранг, мазза, бӯй, нармӣ, дуруштӣ, гармӣ, сардӣ ва ғ. Ё ин навъи аразҳо метавонанд эҳсосшаванда набошанд, ба мисли тандурустиву беморӣ, порсоиву нопарҳезгорӣ, бохирадиву бехирадӣ ва ғ. Инчунин аразҳои «кайфият» ифодакунандаи ҳолоти нафсонӣ ҳастанд, ба мисли илм, шуҷоат ва он чӣ ба ин монад. [9, с. 228]

Гурӯҳи дуюми аразҳоро низ Ибни Сино бо нишондоди Арасту тавсиф менамояд, ки ба ҳафт қисм ҷудо мешаванд. Аввал, «изофат» (муносибат) аст, ки мутафаккир онро аразе меҳисобад, ки дар заминаи нисбат додан ба муқобили чизи дигар пайдо мешавад, ба мисли падариву писарӣ, дӯстӣ, бародарӣ, хешовандӣ ва амсоли инҳо. Дувум, «айна» (куҷоӣ) аразест, ки нишондиҳандаи будани чизе дар макон аст, ба мисли дар зер будан ё дар боло будан ва ба ин монанд. Сеюм, «мато» (кайӣ) аразест, ки нишондиҳандаи будани чизе дар замон аст, ба мисли иттифоқ афтодани коре имрӯз ё фардо. Чаҳорум, «вазъ» (ниҳод) ва он аразест, ки нисбати ҷузъҳои чизе ба якдигар аст, ба мисли нишастану бархостан, ки дар ин ҳолатҳо вазъи узвҳо тағйир меёбад. Панҷум, «мулк» (дошт) аразест, ки барои тавсифи ҳолатҳои берунаи чиз хидмат мекунад, ба мисли пироҳан доштан бар тан. Агар чизе ба чизи дигар бипайвандад, аммо бар он муҳит набошад, ба мисли доштани пироҳан дар болои сар, он арази мулк нест. Шашум, феъл (куниш) аразест, ки аз фоил будани чизе ва таъсир расонидани он ба чизи дигар мушаххас мегардад, ба мисли гарм кардани оташ обро. Ҳафтум, «мунфаил» (таъсирпазирӣ) ва он аразест, ки дар муқобили феъл ва асарпазирии чизе аз чизи дигар аст, ба мисли гарм шудани об тавассути оташ. Аз ин таснифи Ибни Сино маълум мегардад, ки ӯ ҳарчанд аразҳоро ба мисли Арасту

баршуморида бошад ҳам, навоварона ва мустақилона онҳоро ба синфҳо ҷудо мекунад, ки барои фаҳмидани сохтори ҳастӣ ва тарзи нисбат додани сифатҳо ба чизҳо муҳим аст.

Ибни Сино хуб дарк карда буд, ки барои маърифати воқеии ҷавҳар ногузир бояд аввалан араз шинохта шавад. Ӯ дар ин масъала таҳти таъсири назарияҳои мантиқии Форобӣ қарор гирифтааст. Ибни Сино назарияи аразашро дар «Донишнома» чунин иброз медорад: «араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизе дигар истода бувад, ки он чиз бе вай ҳастиаш худ тамом бувад ва ба феъл бувад ё ба худ, ё ба чизе дигар ҷуз вай, чунонки сапедӣ андар ҷома, ки ҷома худ ҳаст бувад ба нафси хеш ё ба чизҳо, ки ба эшон ҳаст шавад ва он гоҳ сапедӣ андар вай истода бувад. Сапедӣ ва ҳар чӣ ба вай монад, араз хонанд ва пазирои ӯро бад-ин ҷойгоҳ мавзӯъ хонанд, ҳарчанд ки ба мавзуъ ба ҷойи дигар чизе дигар хонанд». [9, с. 220] Ибни Сино назари касонеро, ки ба ҷавҳарияти мақулаи «кайфа» (чӣ гуна) муътақиданд, рад намуда, кайфиятҳои эҳсосшавандаро араз меномад. Ин маъниро дар фасли алоҳидаи «Китоб ан-наҷот» ба тафсил баён мекунад, ки хулосааш ин аст: «равшану возеҳ шуд, ки кайфиятҳо ҷавҳар нестанд, пас онҳо араз бошанд». [11, с. 231]

Ибни Сино аразро исми муштарак хонда, шаш маънои онро ба тариқи зайл баён намудааст: «1. Ҳар мавҷудеро, ки дар маҳал аст, «араз» гӯянд. 2. Ҳар мавҷудеро, ки дар мавзуъ аст, «араз» номанд. 3. Араз ба ҳар маънои муфради куллие гуфта мешавад, ки нисбат ба афроди бисёр ҳамли ғайри қоимсоз мегардад ва вай аразист. 4. Араз маънои мавҷудеро мегӯянд, ки берун аз табиати чиз аст. 5. Араз ҳар маъноеро гӯянд, ки ба чиз барои вуҷудаш дар чизи дигаре, ки ба он пайваст мегардад, нисбат дода шавад. 6. Араз маъноеро гӯянд, ки дар ибтидои амр вуҷуд надошт». [10, с. 607]

Аз ин таърифҳо бармеояд, ки ҳарчанд миёни онҳо аз кадом ҷиҳате алоқаи маъноӣ мавҷуд бошад ҳам, тафовут низ ҷой дорад. Масалан, танҳо дар маънои «Ҳар мавҷудеро, ки дар маҳал аст, «араз» гӯянд» метавон суратро араз гуфт, ки мутакаллимон ба ин ақиданд, аммо машшоиён бо шумули Ибни Сино суратро

ҷавҳар меҳисобанд. Ибни Сино дар «Донишнома» таъкид менамояд, ки «сурат ҷавҳар бувад на араз». [9, с. 220] Мутафаккир бо далоили зиёде ҷавҳар будани суратро исбот мекунад ва қайд менамояд, ки ҷавҳарҳои моддӣ танҳо ба воситаи сурат метавонанд воқеият пайдо кунанд. Вуҷуди сурати ҷисм бе вуҷуди модда муҳол аст, зеро сурату модда аз ҳам ҷудонопазиранд. Сурат ҳамчун аслест, ки ба ашё чун ҷавҳар воқеият мебахшад ва дар мавзуъ вуҷуд надорад. Ба қавли Ибни Сино: «Ҷавҳаре, ки ба феъл қоим аст ба зоти хеш андар маҳсусот ба вай ҷавҳар ҳамешавад ва асли он ҷавҳар аст. Ва чигуна араз бувад, ки араз сипаси ҷавҳар бувад на асли ҷавҳар?». [9, с. 220] Яъне, мутафаккир вуҷуди ҷавҳарҳои моддиро ба сурат вобаста дониста, суратро ҳолати моддае медонад, ки аз рӯйи табиати навъи худ зотан қивом надорад. Ба назари ӯ, ҷисм аз он ҷиҳат ҷисм аст, ки дарозиву паҳноиву умқ дорад ва агар сурат дар он нақш набандад, фаҳми ҷисм маъно пайдо намекунад. Чун буъдҳои сегонаи мазкур (буъд ба маънои андозаи фазоии ҷисм аст ва дар таълимоти Ибни Сино буъди аввал хат мебошад, ки якандоза дорад – дарозӣ, дуюм, сатҳ, ки ду андоза дорад – дарозӣ ва паҳноӣ, сеюм, ҷисм аст, ки дорои се буъд – дарозӣ, паҳноӣ ва умқ аст) ниҳоди ҷисмро ташкил медиҳанд, агар ин буъдҳо, ки ифодакунандаи муҳимтарин хусусиёти геометрии ҷисманд, аз байн раванд, далеле ба мавҷудияти ҷисм боқӣ намемонад. Пас, сурат асли модда аст, аз ин рӯ, наметавон онро араз ҳисобид, ки мақомаш баъди ҷавҳар аст ва аз ин ҷиҳат низ миёни сурат ва араз фарқ мегузорад. Аразҳоро бошад, чи гунае ки пештар ишора намудем, ҳолати ҷисмҳои табиӣ меҳисобад, ки аз моддаву сурат ташкил шудаанд.

Баъд аз нишон додани маъноҳои гуногуни аразҳо Ибни Сино ба тавсифи ҷавҳар мепардозад ва онро чунин баён мекунад: «ҳар чи араз набувад ва ҳастии вай андар мавзуъ набувад, балки вай ҳақиқате бувад ва моҳияте, ки ҳастии он ҳақиқат ва моҳият андар чизе, ки пазирой бувад бад-ин сифат, ки гуфта омад набувад,... он чизро ҷавҳар хонанд». [9, с. 220]

Аз тавсифи ҷавҳару араз бармеояд, ки Ибни Сино ҳастии имконiро ба ду қисм – мавҷуд биззот (худ ба худ) ва мавҷуд биғайр (дар чизи дигар) ҷудо

мекунад ва қисми аввали мавҷуд биззотро ҷавҳар медонад. Ҷавҳар мавҷудест, ки ба ҳеҷ вақҳ дар мавзуе нест ва араз дар он ба вуҷуд меояд, вале қоим ба араз нест. Яъне, ҷавҳар ҳарчанд тафовути усулӣ аз араз дорад, аммо мисли он вуҷудашро на аз худаш, балки аз омилҳои беруна ва бо сабабе ҳосил мекунад.

Ибни Сино дар осораш ҷавҳарро исми муштарак хонда, маъноҳои гуногуни онро шарҳ медиҳад: «1.Ҷавҳар аслан чизи монанди инсон ё сафедиро мегӯянд. 2. Ҷавҳар ҳар мавҷуди ба зоти худро гӯянд, ки дар вуҷудаш бо зоти дигаре, ки ба он пайваст бошад, эҳтиёҷ надорад, то ки билфеъл қоим гардад. Ин маънои гуфтори онҳост, ки мегӯянд: «ҷавҳар ба зоти худаш қоим аст». 3. Ҷавҳар чизеро хонанд, ки сифатеро доро буда, пай дар пай зидҳои худро қабул намояд. 4. Ҷавҳар ҳар зотеро гӯянд, ки дар маҳал вуҷуд надорад. 5. Ҷавҳар ҳар зотеро хонанд, ки дар мавзуъ вуҷуд надорад».[10, с. 606] Ба маънои аввал мавҷудоте, ба мисли ранг, гармиву сардӣ ва ба ин монандро ҷавҳар гӯянд. Ба маънои дуюм, чорум ва панҷум ҷавҳар мабдаи аввал аст. Ба маънои панҷум сурат ҷавҳар аст. Ин таърифи Ибни Сино бо такя ба ҳамон усули фалсафаи Арасту доир ба ҷавҳар аст, ки вуҷуди онро мустақил ва вобаста ба худаш медонад. Вале миёни афкори Арастуву Ибни Сино дар ин масъала тафовути бунёдӣ низ ҷой дорад. Зеро Арасту ба ҷавҳар бо диди вуҷудӣ таваҷҷуҳ намудааст, аммо Ибни Сино бо такя ба Форобӣ ба ин масъала диди моҳиятӣ дорад. Яъне, моҳият дар вуҷуд ориз мешавад. Ин тафовути бунёдӣ дар ҳастишиносии Форобиву Ибни Сино аз назариёти мутакаллимон доир ба фарқгузорӣ байни шайъ ва мавҷуд маншаъ мегирад, ки сарчашмаи онҳо таълимоти арастуӣ дар бораи ҳастӣ мебошад.

Моҳиятро Арасту ба таври гуногун тавсиф намудааст, ки ба таври мушаххас метавон чунин баён кард: 1. Моҳияти ҳар шайъе ҳамон чизест, ки таърифаш онро баён мекунад. 2. Моҳияти ҳар шайъе чизест, ки мегӯем, он шайъ ба зоти худ он аст. 3. Ҳар шайъе фақат як моҳият дорад. 4. Умури мураккаб дорои моҳият нест. 5. Умуре, ки навъе аз як ҷинс набошад, моҳият надорад. 6. Ашхоси ҷузъии маҳсус таъриф намешаванд ва моҳият низ надоранд. 7. Моҳият ва ҳамчунон таъриф, ба мисли мутлақ ва уло фақат ба ҷавҳар дуруст меояд ва ба таври сонавӣ

дар мавриди аразҳо. 8. Шинохти ашё фақат тавассути шинохти чистии онҳо имкон дорад. 9. Моҳияту чизи танҳо якеанд. [126, с. 197]

Ҳакимони атиқаву асримиёнагӣ муътақид буданд, ки ба мафҳумҳои ниҳоят куллӣ таъриф додан имкон надорад. Бинобар ин дар таълимоти ҳам ҳакимони Юнони атиқа ва ҳам файласуфони машшоияи шарқӣ кӯшиши ба вуҷуду моҳият таърифи мушаххас додан нашудааст. Масалан, Ибни Сино дар «Шифо» таърифи аз ҷониби шахси номаълуме ба «шайъ» додашударо муфассал таҳлил намуда, нодурустиҳо ва норавшаниҳои онро исбот менамояд ва хулоса мекунад, ки «маънои «мавҷуд» ва маънои «чиз» дар нафсҳо тасаввуршаванда буда, ҳар ду ду маъно мебошанд».[19, с. 47-48] Аз ин иқтибос бармеояд, ки Ибни Сино мафҳумҳои куллиро аз таъриф бениёз меҳисобад.

Ҳарчанд Ибни Сино дар вуҷуди имконӣ миёни моҳияту вуҷуд фарқ мегузорад, аммо «дар муносибат бо Воҷиб-ул-вуҷуд моҳият ин ҳамон вуҷуд мебошад».[296, с. 203] Дар фалсафаи муосир миёни моҳияту вуҷуд илова ба таносуб тафовут ҳам ҷой дорад ва бо такя ба равишҳои хос ин мафҳумҳо баррасӣ мешаванд. Масалан, дар фалсафа равиши ҳастишиносӣ ҳаст, ки дар он атрофи қисматҳои вуҷуд ва мафҳумҳои далолаткунанда ба он баҳс мешавад ва ҳамзамон равиши моҳиятшиносӣ ҷой дорад, ки ба таҳлили қисматҳо ва шинохти ҷавҳарӣ машғул аст. Аз ин рӯ, метавон ҳар кадоме аз мафҳумҳои вуҷуду моҳиятро ба таври мустақил таҳлил намуд.

Ибни Сино дар пайравӣ аз Арасту моҳиятро дар якҷоягӣ бо ҳад (таъриф) муаррифӣ мекунад ва ба ин назар аст, ки моҳият бар вуҷуд пешӣ дорад. Ӯ муътақид аст, ки ашё баъди он ки дорои моҳияте мегардад, навбат ба тавсифи моҳияту вуҷуд мерасад. Зеро аломати асосии ашё будани табиати воҳид, ба андешаи ӯ, бе тавсифи ашё маъние надорад. Вуҷудро маъние меҳисобад, ки музоф ба ҳақиқаташ лозим ё ғайри лозим. [9, с.354] Дар ин замина ӯ аразҳоро дар «Ишорот ва танбеҳот» ба арази лозими ғайримуқаввим ва арази ғайри лозим ҷудо мекунад.[9, с.354-355]

Мутафаккир дар муайян намудани мафҳуми ҳад ба таърифи арастуии «ҳад-

қавлест, ки моҳияти чиз, яъне камоли вуҷуди зотии онро нишон дода, аз ҷинсу фасли қариби он ҳосил мегардад»[10, с.598] такя намуда, муътақид аст, ки моҳият ҳақиқати комили шайъ аст. Ба қавли ӯ: «Моҳияти ашё ё дар аъёни (воқеияти) ашёст, ё дар тасаввур аст».[13, с.89]

Ибни Сино ба ин назар аст, ки аразҳо ва мураккаботе, ки аз ҷавҳару араз таркиб ёфтаанд, наметавонанд таъриф дошта бошанд. Ин андешаи ӯ бо назари моҳиятии Арасту нисбати вуҷуд мувофиқ аст. Ибни Сино моҳиятро далолаткунандаи таъриф меҳисобад ва онро бо ҷавоби «мо ҳува?» (чист вай?) айният медиҳад. Ба ибораи дигар, «моҳият» ба ду маъно истифода мешавад: яке, моҳияти ҷинсу навъ ва дигар, моҳияти шахс. Мутафаккир барои фарқ доштани моҳияти ҷинсу навъ аз моҳияти шахс далел меорад, ки шахс ҳаргиз ҳад (таъриф) дошта наметавонад, зеро ҳад аз сифатҳои куллӣ таркиб меёбад, ки дар он ба чизи муайян ишора намешавад.

Дар масъалаи моҳияти ашё Ибни Сино ба ин назар аст, ки ҳақиқати ашё миҳияти он аст. Дар ин мабҳас ӯ ба мафҳумҳои куллӣ ва ҷузъӣ таъриф қоил шуда, миёни зоти куллӣ ва куллият, ки бар зот ориз мешавад, фарқ мегузорад ва ба натиҷае мерасад, ки мурод аз куллӣ моҳият буда, он аз ҷумлаи аразҳои хоси вуҷуд мебошад. Ӯ ба эътибори моҳият се тасаввурро, ки аз куллӣ ба даст меояд, дар «Шифо» матраҳ менамояд, ки бо назариёти дар ин мавзуъ матраҳнамудаи Форобӣ айният дорад. Якум, «Куллӣ маъноеро аз он ҷиҳат гӯянд, ки вай мисли инсон бар бисёриҳо итлоқшаванда аст».[19, с.190] Дар ин сурат, моҳияти инсон танҳо инсон аст ва ҷузъиёту куллиёт, вуҷуду адам ва ҳеҷ чизи дигар дар зоти он дохил намешавад. Ба назари ӯ, ҳар мавҷуди эҳсосшавандаву хосе моҳияти вуҷудӣ дорад, ки дар модда ориз мегардад. Дар ин маврид метавон моҳият ва зоти мавҷудро аз ин ҷиҳат, ки моҳият аст, дар назар гирифт ва аз ҳар чизе, ки ҳамроҳ ва омехта бо он аст, сарфи назар намуд. Яъне, дар зоти моҳият аразҳое, ба мисли ом, хос, танҳо, ҷамъ, билқувва, билфеъл ва амсоли инҳо дохил нестанд ва ба ин эътибор моҳияти омехта бо аразҳо метавонад ҳам дар якҷоягӣ бо он аразҳо ва ҳам танҳо бошад.

Дуюм, «Куллӣ маъноеро ҳангоме гӯянд, ки бар бисёриҳо ҳамл шуданаш раво бошад ва шарт нест, ки онҳо билфеъл мавҷуд бошанд».[19, с.190] Яъне, куллӣ дар ин маврид ба чизҳое ҳамл шуданаш мумкин аст, ки танҳо дар зеҳн тасаввур мешаванд, ба мисли «хонаи ҳафткунҷа»[139, с.144], ки аз ҷиҳати табиаташ ба ашёи зиёде нисбат додан мумкин аст ва шарт нест, ки айнӣ ҳатто як чизе ба мисли он мавҷуд бошад. Ин ҷо Ибни Сино эътибори дигареро ба моҳияти муҷаррад аз оизҳо меафзояд, ки дар навбати худ се гуна доранд: 1. Моҳияте, ки ҳеҷ оризе надорад ва танҳо дар зеҳн тасаввур мешавад. Ин назари Ибни Сино бо назарияи мусули (идея) Афлотун зид аст, зеро мусул дар хориҷ аз зеҳн таҳаққуқе надорад. 2. Моҳияте, ки омехта аст, яъне дар берун аз шайъ ҳамроҳ бо оризаи хориҷӣ ва дар зеҳн ҳамроҳ бо оризаи зеҳнӣ мавҷуд аст. 3. Моҳияте, ки ҳам метавонад ҳамроҳ бо аразҳо дар хориҷ мавҷуд шавад, ҳам метавонад бидуни аразҳо дар зеҳн таҳаққуқ ёбад.

Сеюм тасаввуре, ки аз куллӣ ба даст меояд, «маъноеро гӯянд, ки бар бисёриҳо гуфтанаш монеъи тасаввураш намебошад, балки аз он вақте боздошта шавад, ки агар сабабе боз дорад ва далеле ба муқобили вай далолат кунад. Масалан, офтобу замин ҳар ду аз он ҷиҳат, ки ҳамчун офтоб ва ҳамчун замин дарк карда мешаванд, зеҳн аз он боз намедорад, ки мавҷуд будани маънои ҳар ду дар бисёр раво дошта шавад. Магар ин ки ӯро далеле ва ё ҳуҷҷате пайдо шавад, ки бо он донад, ки ин номумкин аст ва он ба сабабе аз берун, на ба худи тасаввураш номумкин хоҳад буд».[19, с.190]

То Ибни Сино дар масъалаи эътибори моҳият дар фалсафаи асримиёнагии шарқӣ касе ба таври васеъ баҳс наороста буд. Минбаъд ин мавзуъ, қисматҳои он ва баҳсҳои марбут ба он чун фасли алоҳида дар осори ҳакимони минбаъда, ба мисли Ибни Рушд, Мулло Садро ва дигарон ба таври густурда матраҳ гардиданд, ки аз таълимоти Ибни Сино маншаъ мегирад.

Дар маҷмуъ, назарияи ҷавҳар ва араз дар ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино мақоми махсус дошта, мутафаккирон ин масъаларо тавассути равиши метафизикӣ равшан кардан мехоҳанд. Ҳар ду мутафаккир дар миёни ҷавҳару

араз робитаи устуворе нишон медиҳанд. Ба назари онҳо, аразҳо ҳолатҳои тағйирёбандаи ҷавҳар буда, араз бе ҷавҳар арзи ҳастӣ карда наметавонад, аммо дар назария ҷавҳар бе араз метавонад тасаввур шавад. Ҷавҳар асоси зотии ашё мебошад ва дар таълимоти ҳар ду дар заминаи назариёти арастуӣ тасниф шуда, анвои онро модда, сурат, ҳаюло, нафс ва ақл меҳисобанд, аммо Ибни Сино дар ин масъала нисбатан диди фарохтар дошта, аз лиҳози онтологӣ ин мафҳумҳоро таҳлили амиқу ҳамаҷониба мекунад.

Ибни Сино дар заминаи мақулаҳои даҳгонаи арастуӣ ба тавсифи масъалаи ҷавҳар ва араз мепардозад, вале дар шинохти ин мақулаҳо ба таълимоти Арасту билкул пойбанд намонда аст. Ӯ бо пешниҳоди афкори тоза, бо такя ба андешаҳои дар ин боб баённамудаи Форобӣ, ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, назари вуҷудии Арастуро нисбати ҷавҳар намепазирад ва ба он диди моҳиятӣ дорад. Яъне, моҳият дар вуҷуд ориз мешавад. Аз ин рӯ, Ибни Сино Воҷиб-ул-вуҷудро аз доираи ҷавҳару араз берун баррасӣ менамояд. Аз ин равиши таҳқиқи ӯ бармеояд, ки мутафаккир таҳти таъсири ҷаҳоншиносии динии замони худ қарор дошта, ҷавҳарҳоро аз мабдаи ғайритабиӣ медонад, аммо сабабҳои наздиктарини чизҳо ба назари ӯ модиётанд, ки ин назари ӯ хусусияти равишшиносӣ дорад ва дар муайян намудани масоили зиёди фалсафӣ мусоидат хоҳад кард.

Ба замми монандиҳо дар масъалаи ҷавхар ва араз дар таълимоти ин мутафаккирон тафовутҳо низ мушоҳида мегардад. Масалан, Форобӣ ҷавҳарро ба «аввалия» ва «сонавия» ҷудо намуда, ба ҷавҳари аввалия афзалият медиҳад, аммо ба ин назар аст, ки ҳақиқати ашёро мафҳумҳои куллӣ ташкил медиҳанд, ки ҷавҳарҳои сонавия мебошанд. Ибни Сино ин назари Форобиро қисман пазируфта, ба ислоҳи он мекӯшад ва ба натиҷае мерасад, ки ҷавҳари куллиёт танҳо дар зеҳн ҷавҳар аст. Дар хориҷ танҳо ҷавҳари фардӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон Ибни Сино ба истилоҳи «ҷавҳари сония», ки Форобӣ онро асосан ҳамчун як истилоҳи мантиқӣ истифода карда, бо диди онтологӣ таваҷҷуҳ карда, куллиётро «арази зеҳнӣ» меҳисобад. Ҳамзамон

Форобӣ ақлҳоро ҷавҳарҳои муҷаррад ҳисобида, асосан онҳоро дар доираи нуфуси самовӣ ва назарияи судур баррасӣ мекунад. Ибни Сино бошад, мекӯшад исбот кунад, ки ҷавҳарияти нафс ба далели он аст, ки вай «дар мавзуъ нест». Яъне барои ӯ нафс араз нест, вагарна бояд ранг ё шакл медоштд. Ӯ ин масъаларо аз доираи сирф метафизикӣ берун карда аст.

Хулоса, дар таърихи фалсафа ҳарчанд Арасту мавзуи вуҷуду моҳиятро дар баҳси ҷавҳару араз аз нахустинҳо шуда матраҳ намуда буд, аммо ба он диди вуҷудӣ дошта, ба масъалаи моҳиятии он камтаваҷҷуҳӣ намудааст. Форобӣ бошад, дар ин мавзуъ аз пешгомонест, ки ки миёни вуҷуду моҳият фарқи мушаххас қоил мешавад ва Ибни Сино ғояҳои матраҳнамудаи ӯро инкишоф медиҳад. Ба назари Форобиву Ибни Сино, моҳият мафҳуми мантиқии чиз аст. Масалан, имкон дорад, ки инсон дар бораи «аспи болдор» фикр кунад ва моҳияти он дар зеҳни ӯ маълум ва равшан гардад. Ҳарчанд он дар олами воқеӣ мавҷуд нест. Моҳият танҳо ифодакунандаи чистии чиз буда, хоси ҷавхар аст. Ба ибораи дигар, моҳият маҷмуи сифатҳои дохилии як чиз, ки онро аз дигар чизҳо фарқ мегузорад. Аммо вуҷуд феъли воқеии ҳастӣ буда, чизест, ки моҳиятро аз зеҳн ба олами объективии беруна мебарорад.

Ба ҳар навъ, Форобӣ дар заминаи таълимоти Арасту мафҳумҳои ҷавҳар ва аразро бо таълимоти судур (эманатсия) ва табақабандии кайҳонии ақлҳо рабт дода, ҷавҳарро чун воқеияте баррасӣ намуд, ки барои вуҷуд доштани худ зарурат ба мавзуи дигар надорад. Аммо аразҳо аз ҷавҳар вобаста буда, мафҳумҳое мебошанд, ки барои вуҷуди худ ба ҷавҳар ниёз доранд.

Ибни Сино дар ин замина ба таҳлили ҷавҳар ва араз пардохта, онро ба сатҳи комилан нави мантиқӣ-метафизикӣ бароварда. Ӯ таносуби ҷавҳар ва аразро бо масъалаи моҳият ва вуҷуд рабт дод. Агар Форобӣ вуҷудро ҳамчун мафҳуми тобеъ ба моҳият таҳлил намуда бошад, Ибни Сино ин масъаларо амиқтар таҳлил карда, мафҳуми вуҷудро чун араз нисбат ба моҳият матраҳ намуд, ки дар зеҳн тасаввур мегардад. Дар ҳар сурат, агар Форобӣ бунёди

усулҳои таснифоти ҷавҳар ва аразро гузошта бошад, Ибни Сино бо ҷорӣ кардани арзёбиҳои мураккаби вуҷудшиносӣ ин ду категорияро ба маркази баҳсҳои фалсафии асримиёнагӣ дар бораи табиати ҳастӣ ва воқеият табдил дод.

БОБИ 3. ТАЪЛИМОТИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО ДАР БОРАИ МАЪРИФАТИ ОЛАМ

3.1 Масъалаи маърифатпазирии олам дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино

Майл ба донишу маърифат реша дар аъмоқи вуҷуди инсон дорад ва кунҷковиву ҷӯишҳо ҳамроҳу ҳамсафари ҳамешагии оқилон буда, руҳи ҳақиқатҷӯйи инсон ҳамвора зарурати шинохтро дар худ эҳсос мекунад. Дарки воқеият ва ҳақиқат муҳимтарин ҳадафи фалсафа дар ҳама давру замон будааст ва файласуф тавассути неруи маърифатшиносӣ метавонад андешаҳову назарияҳоро дурусту воқеӣ баҳогузорӣ намуда, арзиши онҳоро муайян кунад.

Дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино масъалаҳои вобаста ба маърифат ҷойгоҳи вижа дошта, муҳимтарин бахшҳои фалсафаи онҳо ба ин соҳа тахассус ёфтааст. Эътиқоди Форобӣ ва Ибни Сино нисбати шинохти олам дар заминаи таълимоти Афлотун, Арасту, навафлотуния ва таълимоти исломӣ шакл гирифта аст. Муносибати Форобӣ ва Ибни Сино, ҳарчанд ҳарду аз ҷумлаи ҳакимони ақлгаро ва намояндагони як мактаби фалсафӣ маҳсуб мешаванд, нисбати идроки олам монандиҳои зиёде дошта бошад ҳам, яксону комилан мушобеҳ нест, аз ин рӯ, ин масъала ба таҳқиқи хос зарурат дорад, то паҳлӯҳои норавшани он дақиқ карда шавад.

Форобиву Ибни Сино оламро маърифатпазир меҳисобиданд. Ҳар ду ҳам ҷараёни маърифатро бо донишҳои ҳиссӣ маҳдуд намекунанд ва муътақиданд, ки донишҳои ҳиссӣ моҳияти ҳастӣ ва қонуниятҳои зуҳуру ташаккули онҳоро ба таври комил ошкор карда наметавонанд. Пас он вазифаи асосии тафаккури мантиқӣ мебошад. Назарияи маърифати онҳо алоқамандии ногусастание бо мантиқ ва тафаккури мантиқӣ дошта, хусусияти абстрактӣ дорад. Онҳо ҷараёни маърифатро дар инъикоси сурати чиз дар ҳис ва ақл меҳисобанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз дар замони Форобӣ ва Ибни Сино назарияи маърифат чун қисми мустақили фалсафа маъмул набуд ва мутафаккирони мо

бештар масоили марбут ба маърифат, амсоли моҳияти маърифат, маърифат чун инъикос, маърифати ҳиссиву ақлӣ, нафс, ҳадс, шароиту вижагиҳои маърифат ва ғайраро дар қисматҳои гуногуни осорашон ба таври парокандаву номуназзам таҳлилу баррасӣ менамоянд. Масоили марбут ба маърифатшиносиро ин мутафаккирон асосан дар бахши табииёт матраҳ намудаанд. Инро ҳанӯз муҳаққиқони тоҷик А.М.Баҳоваддинов ва М.Диноршоев дар нисбати осори Ибни Сино мушоҳида намуда, таъкид карда буданд.[90, с.476]

Бебаҳс, дар зеҳни инсонҳои оқилу ҷӯё ва дорои тафаккури фалсафӣ суолҳое ба вуҷуд меоянд, ки ҷавоб ба онҳо барои маърифати олам зарурист. Вале пеш аз ҷавоб пайдо кардан ба ин суолҳо ва шохаҳои маърифатӣ пурсишҳои бунёдитаре вуҷуд доранд, ки бе ҷавоб пайдо намудан ба онҳо ҳеҷ масъалаи маърифатӣ қобили баррасӣ нест. Ин пурсишҳои бунёдӣ дар бораи худи маърифатшиносӣ ва қудрати зеҳнии инсон нисбати маърифати олам ба вуҷуд омада аст. Чунин суолҳо ва амсоли онҳоро донишмандону хирадгароён ҳанӯз аз даврони атиқа матраҳ намуда, дар ҷустуҷӯи ҷавоб ба онҳо будаанд ва минбаъд низ онҳо инкишоф ёфта, то ҳол ин раванд идома дорад. Дар ин қисмати кор кӯшиш ба харҷ медиҳем, то масоили идроки олам аз дидгоҳи Форобиву Ибни Сино ва баҳсҳои татбиқии онро ба таври муқоисавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Форобӣ дар ҷаҳони ислом аз бунёдгузорони тафаккури фалсафист. Ӯ ҳадафи фалсафаро дарёфти ҳақиқат унвон намуда, таълимоти мантиқӣ, табиатшиносӣ, илоҳиёт, сиёсат ва ахлоқии макотиби фалсафии Афлотуну Арасту, равоқиён, навафлотуниён ва ғайраро омӯхт ва муҳтавои онҳоро ба таври муназзам дар таълифоти худ инъикос намуд, ки ифодакунандаи қудрати андешаи ӯянд. Форобӣ аз муҳтавои таълимоти гуногуни фалсафӣ, он чиро ки бо ақоиди динии мавриди эътиқоди мусулмонон мувофиқ буд ё зид набуд, пазируфт ва андешаҳои мухолифи динро тағйиру таъвил намуда, тавре тафсир намуд, то фалсафа дар олами ислом мақбулу пазиро бошад. Барои Форобӣ рӯй

овардан ба фалсафаи Афлотуну Арасту ҳадаф нест, балки василаи маърифати назариявист. [52, с.15] Таълифи асари «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким»-и ӯ маҳз ба хотири ин буд, ки ба назари ӯ, фалсафаи ҳақиқӣ ягона аст ва ҳакимони бузурги соҳибмактаб наметавонанд бо ҳам ихтилоф дошта бошанд. Зеро мақсади онҳо як аст, ки он ҳақиқат мебошад. Пас ихтилофи Афлотуну Арасту низ зоҳирист ва мақсади ҳар ду як аст. Ин ихтилоф дар заминаи бардоштҳои нодурусти шогирдону муфассирони онҳост. Мутафаккир дар хотимаи асари «Таҳсил-ус-саодат»-аш ин мазмунро таъкид мекунад. [37, с.99]

Албатта, Форобӣ аввалин файласуфе нест, ки чунин назар дошта бошад. Пеш аз ӯ дар замони навафлотуниён ва баъдан дар ҳавзаҳои фалсафии Искандарияву Бағдод чунин кӯшишҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ дар ин замина усули комилан наве коркард намуд, ки ба воситаи он андешаҳои Афлотуну Арастуро татбиқ мебахшад ва ин усул дар таърихи фалсафа нодир буда, нишондиҳандаи мизони боварии ӯ нисбати маърифатпазирии ҷаҳон мебошад. Ба ҳар навъ, Форобӣ эътиқоди комил дошт, ки фалсафа василаи асосии идроки дурусти олам аст.

Таълимоти фалсафии Форобӣ дар асоси омӯзиши манбаъҳои гуногуни барои мутафаккир дастрас ва таҳлилу баррасии онҳо шакл мегирад. Ӯ бештар ба Афлотуну Арасту, навафлотуния ва таълимоти исломӣ такя менамояд ва дар ин миён андешаи сирф фалсафии худро матраҳ месозад, ки дар он унсурҳои динӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Назарияи маърифати ӯ дар асоси таълимоти маърифати ҳиссии арастуӣ ташаккул ёфтааст ва Форобӣ назарияи мусули (идеяҳо) Афлотунро, ки тазаккур аст, на танҳо қабул надошт, балки танқид намудааст.[35, с.131] Аммо ӯ мехоҳад дар мувофиқа бо назарияи мусули Афлотун ва маърифати ҳиссии Арасту ба масоили маърифатӣ пардохта, миёни ин андешаҳои мутазод як навъ ҳамоҳангие нишон диҳад. Мувофиқи назарияи мусули Афлотун, мавҷудот дар олами метафизикӣ суратҳои муҷаррад доранд, ки гоҳе онҳоро «мусули илоҳӣ» меноманд. Ин мусул на нобуд мешаванд, на фосид, балки боқианд.[35, с.98] Пеш аз ин ҳастии

воқеӣ, ки маҳсус аст, дар олами маъқулот инсон ҳақиқатро дарёфта буд ва бо омадан ба ҷаҳон гӯё ба қафасе ворид шуд, ки имкониятҳои ӯро маҳдуд намуд. Аммо ҳама ҳақиқатҳо аз хотираи ӯ пок нашудааст ва агар ба хотир орад, он донистаҳо аз нав ба ёд меоянд. Яъне мувофиқ назарияи мусули Афлотун, пеш аз ин олам дар олами маъқулот инсон ҳақиқатро дарёфта буд. Пас аз дастрасӣ ба ҳаёти заминӣ дар банди хостаҳову хоҳишҳои нафсонӣ монда, аммо ҳақиқатро ба куллӣ фаромӯш накардааст. Агар тазаккур шавад, он маърифати пешина ба ӯ боз мегардад.

Аммо Арасту ин назарияи устодашро рад намуда, ба ин бовар аст, ки мо тавассути ҳис аз олами воқеӣ иттилоот ба даст меорем. Он ба нафс мунтақил мешавад ва ақл ба воситаи истидлол маърифатро ба вуҷуд меорад. Пас Арасту маърифатро қаробати ду чизи ба ҳам монанд меҳисобад. Ба ибораи дигар, Афлотун ба олами муҷаррад аз модда бовар дошт, аммо Арасту чунин оламро инкор менамуд.

Вале Форобӣ ҳарчанд бо афкори дар ин масъала баённамудаи Афлотун комилан ҳамраъй нест, ихтилофи миёни Афлотуну Арастуро зоҳирӣ меҳисобад. Ба назари ӯ, мусул аз сурати дар ақли илоҳӣ мавҷудбуда иборат аст. Агар мусул дар ақли илоҳӣ намебуд, махлуқот ибдоъ намешуданд. Аммо Форобӣ ин ҷо назариёти Арастуву Афлутинро омехта мекунад ва китоби «Усулуҷӣ»-и Афлутинро ба Арасту нисбат медиҳад ва афкори бо ҳам зиддиятноки ин асарҳоро тавассути таъвил зоҳиран хилофи ҳам ва ботинан мувофиқ меҳисобад.

Аммо воқеият ин аст, ки мувофиқи назарияи мусули Афлотун, мусул қоим ба зот аст, на сурати дар ақли илоҳӣ мавҷудбуда. Форобӣ ин назарияро, ки аз Афлутин аст, ба Арасту нисбат медиҳад.[35, с.99-100] Пас Форобӣ на таълимоти Афлотуну Арастуро ба ҳам қиёс намуда, балки назарияҳои Афлотуну Афлутинро ба ҳам муқоиса карда, танҳо дар зоҳири онҳо ихтилоф мебинад ва маънои ҳардуро як меҳисобад. Аз ин рӯ, ӯ иштибоҳан таълимоти Афлутинро аз Афлотун ҳисобидааст. Ба ҳар навъ, аз таҳлили ақидаҳои

Форобӣ, ки дар асари «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким» ироа шуда, бармеояд, ки ҳадафи аслии мутафаккир мушаххас намудани андешаҳои Афлотуну Арасту нест, балки онҳоро тавре тафсир менамояд, ки бо раъйи худаш мувофиқ бошад. Пас маълум мегардад, ки ҳадафи Форобӣ собит намудани мавқеу мақоми фалсафа аст. Албатта, ин пажуҳишҳои ӯ дар ташаккули афкори гуногуни фалсафиаш, махсусан дарку маърифати олам бетаъсир нест.

Форобӣ ба ин бовар аст, ки маърифати ҳиссӣ зоҳири ашёро нишон медиҳад ва моро ба дарки воқеият роҳнамоӣ намекунад. Аз ин рӯ, ӯ миёни ҳис ва ақл тафовути зиёд қоил аст. Зеро маҳсусот дар ҳис ҳосил мешаванд, ҳис он суратро ба ҳисси муштарака медиҳад. Ҳисси муштарака онро ба тахайюл медиҳад, то мушаххас намуда ба ақл ирсол кунад. Яъне Форобӣ таносуби маърифати ҳиссӣ ва тафаккурро эътироф мекунад ва барои ба масоили маърифатӣ дуруст сарфаҳм рафтан алоқамандии онҳоро ҳамчун равиши фалсафӣ коркард намудааст.

Дар асари «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким» Форобӣ ин масъаларо дар иртибот ба нафси нотиқа баррасӣ намудааст. Ӯ нафсро билқуввa доно ҳисобида, онро дорои ҳисҳое медонад, ки абзорҳои идроканд. Мутафаккир пас аз эҳтимоли ҳосил шудани маърифат вижагиҳои онро дар назар гирифта бошад ҳам, онро ба таври муназзаму системавӣ баён накардааст. Балки дар мабҳасҳои гуногун ба таври пароканда матраҳ менамояд. Ӯ муътақид аст, ки маърифат ба хоҳиш вобаста мебошад: «Инсон ҳар гоҳ бихоҳад чизеро бишносад, муштоқи огоҳ шудан ба ҳоле аз аҳволи он аст. Дар ин ҳангом онро бо тавҷеҳ ба кайфияти вижае ки дорад, ба чизҳои дигаре, ки пеш аз он шинохта буд, мулҳақ кунад. Ва ин нисбат ҷуз он ки он чиро дар худи ӯ вуҷуд дошта, дар он чиз хоҳон гаштааст. Чунон ки агар бихоҳад, бидонад, ки оё чизе зинда аст ё нест, пас аз он маънои зинда ва ғайризинда дар худаш вуҷуд ёфта будааст».[35, с.90-91]

Форобӣ ба мисли Афлотун мавзуи маърифатро мавҷуду ҳастӣ, на адаму нестӣ ҳисобида,[287, с.47] маърифатро ба ҳис ва зеҳн вобаста медонад. Ин

қувваҳо баъзан дар якҷоягӣ маъниро ҷӯё мешаванд: «Пас ин фард бо ҳис ё зеҳни хеш, ё бо ҳар ду яке аз ду маъниро ҷӯёст».[35, с.91] Дарёфти маъниро Форобӣ пас аз ҷӯишҳо ва машаққати часпу талошҳо муяссар меҳисобад ва онро марҳилаи осоишу оромиш ва дарёфти лаззат медонад, ки аз дунболи кашмакашҳову нодонӣ ба даст омадааст. Ин ба ҳамон маъност, ки ёдгирӣ ҳамон ёдоварист, тафаккур душвории касби илм, тазаккур ҳамон машаққати ёдоварӣ ва дониш хоҳишест, ки машаққат иштиёқашро таҳмил мекунад ва инҳо дар меҳвари таълимоти Афлотун қарор гирифтаанд. Барои касби маърифат, ба назари Форобӣ, касе меҳоҳад чизеро бишиносад, ногузир нишонаҳо, аломатҳо ва маъноҳоеро, ки қаблан дар худаш будааст, бояд мутазаккир шавад. Гӯё дар ин ҳолат он шахс таҷрибаҳои пештар дар худ доштаашро, ки аз онҳо дар ғафлат мондааст ва фаромӯш кардааст, ба ёд меоварад. Аммо ақли феълӣ хос ба худ, бе он ки аъзои ҳис онро надошта бошад, чунин иқтидоре надорад. Зеро узвҳои ҳис ҳолатҳои мавҷударо ба таври зоҳирӣ зеборо зебо, безебро безеб, сахтро сахт ва нармро нарм дармеёбад. Аммо ақл гоҳо мувофиқи дарёфти ҳис, гоҳо зидди он маърифатро дарёфт мекунад. Яъне дарки тасдиқӣ ва ҳукми қазия амали ақл аст, ки гоҳ мутобиқи воқеъ ва гоҳе мухолифи он аст. Ҳис хидматгори ақл мебошад ва тавассути он натиҷаҳои фаъолияташ аз эҳсоси ҳайвонӣ мумтоз мегардад. Бо такя ба ин далелҳо Форобӣ назариёти Афлотуну Арастуро бо ҳам наздик арзёбӣ мекунад, ҳарчанд тафовути онҳоро ҳам таъкид мекунад. Ин тафовут дар он зоҳир мегардад, ки Арасту ба ин масъала диди маърифатшиносӣ дорад, аммо Афлотун бо диди равоншиносӣ ба он таваҷҷуҳ мекунад.

Дар масъалаи маърифат тавассути ақл Форобӣ асосан ба Арастуву навафлотуниён такя мекунад ва ақлро муҳимтарин василаи идроки олам меҳисобад. Мутафаккир илмҳои ақлиро ҳақиқӣ меҳисобад, ки тавассути ақл ба нафси нотиқа мулҳақ мешаванд. Ӯ ақлро сурати нафс ҳисобида, қувваи ҳамаи суратҳоро дар ақл мебинад ва ба ин бовар аст, ки «ақл ҳамаи ашёст ва ашё ҳама дар ақланд, аммо ақл барои онҳо ба манзалаи мавзуъ нест, балки

нисбати ӯ бо онҳо монанди нисбати фоъил ва иллати фоъилӣ аст».[102, с. 145] Аз ин иқтибос бармеояд, ки ба назари Форобӣ, ақл барои ашё ба манзалаи сабаби вуҷудист. Барои тақвияти ин фикраш Форобӣ қайд мекунад, ки «дар нафси воҳид улуми фаровоне маъият (ҳамроҳӣ –А.Б.) ва ҳамбудӣ доранд ва дар он марҳила ин улум бо якдигар мухталит нестанд, балки ҳар илме аз он феъли хоси худро анҷом медиҳад ва на феъли дигареро, ҳамин гуна ақл ҳамаи ашёст» [102, с. 145].

Чи тавре пештар ишора шуд, дар таълимоти фалсафии Форобӣ масъалаҳои ҳастишиносиву маърифатшиносӣ ба таври ҷудогона матраҳ нашудаанд. Аз ин рӯ, ноилоҷ дидгоҳхои маърифатии ӯро дар масъалаи шинохти олам аз мавзуъҳои онтологӣ низ ҷустуҷӯ бояд намуд. Масалан, дар масъалаи ҳудус-офарида шудан ва қидам-азалӣ будани олам, Форобӣ дар заминаи андешаҳои Афлотуну Арасту ибрози назар намуда, ақоиди диниро низ сарфи назар намекунад. Афлотун дар осори гуногунаш таъкид мекунад, ки олам сонеъе дорад ва аз ҳеҷ офарида шудааст. Аммо Арасту ба қадим будани олам бовар дорад. Ин назари арастуиро Форобӣ бо диди дигаргунатар тавзеҳ дода, онро гумони ғалату «пиндори зишту қабеҳ»[35, с.92] нисбати таълимоти Арасту меномад. Ӯ муътақид аст, ки Арасту ба мисли Афлотун ба ибдоъ ва ҳодис будани олам бовар дорад. Қадим гуфтани олам, ки дар асарҳои «Ас-самоу ва-л-олам», «Тупиқо» (Топика-Ҷадал) ва дигар асарҳои Арасту зикр шуда, ин андешаи дигарон аст, ки дар ин мавзуъ қаблан баҳсҳо ороста буданд, на ақидаи шахсии Муаллими аввал аст. Мувофиқи навиштаҳои Форобӣ, дар ин баҳсҳо баёни аҳком ва мавридҳои ҷадалӣ тавассути қиёсҳои мураккаб аз муқаддамоти машҳура сурат гирифта аст. Арасту дар «Ас-самоу ва-л-олам», «Тупиқо» ва дигар асарҳояш ин нуктаро матраҳ мекунад, ки дар муқаддамоти машҳура дурустиву нодурустии қазияҳо муроот намешавад. [35, с.93]

Аммо Форобӣ дар ин масъала низ иштибоҳи пешинаашро такрор намудааст, ки асарҳои мунсуб ба Арастуро ба ӯ нисбат медиҳад. Дар ҳоле ки асарҳои «Усулуҷиё» ва «Ар-рабубия» аз таълифоти Афлутин аст. Ба гумони

ғолиб, дар дастхатҳои дастраси Форобӣ тарҷумонҳо ин асарҳоро ба Арасту нисбат додаанд ва ӯ ҳам бидуни таҳқиқ онҳоро моли Арасту пиндоштааст. Пас маълум мешавад, ки Форобӣ афкори Афлотуну Афлутинро муқоиса карда аст, на андешаҳои Афлотуну Арастуро.

Инчунин Форобӣ аз асари «Ас-самоу ва-л-олам»-и Арасту назарияи «кул, яъне оламро оғози замонӣ нест»-ро, ки сарчашмаҳои фаровоне аз он истифода мекунанд, иқтибос оварда, чунин тафсир мекунад: «Пас пиндоштаанд, ки ӯ (Арасту–А.Б.) дар садади баёни беоғоз будани ҷаҳон (қидами олам) аст, аммо чунин нест. Зеро ӯ худ дар ин китоб ва дигар осораш дар табииёту илоҳиёт баён кардааст, ки замон адади (миқдори) ҳаракати фалак аст ва ҳудус аз замон падид меояд. Ва он чи аз чизе ношӣ мешавад, худ онро дар бар намегирад (масалан, сояи фард худи ӯро дар бар намегирад).

Ва маънии ин сухан, ки «ҷаҳон ибтидои замонӣ надорад» он аст, ки замон кам-кам (ба тадриҷ) бо афзояш таквин наёфтааст. Чунон ки масалан, хонае кам-кам ё ҳайвоне (ба тадриҷ) бо афзояш таҳаққуқ меёбад, зеро бархе аз афзои онҳо бар бархе дигар тақаддуми замонӣ доранд.

Ҳол чун замон худ аз ҳаракати фалак падид меояд, муҳол аст, ки пайдоиши худи фалак ибтидои замонӣ дошта бошад. Пас саҳеҳ аст, ки гуфта шавад, танҳо ба ибдои Борӣ таоло ба якбор ва бидуни замон таҳаққуқ ёфтааст».[35, с.93]

Аз ин иқтибос бармеояд, ки Форобӣ ҷонибдори назарияи креатсионӣ, ибдоъ ва ҳудуси олам набуда, ба қидам будани он бовар дошта бошад ҳам, ақоиди худро нисбати идроки олам маҳз дар руҳияи офариниш баён менамояд ва барои тақвияти фикри худ ақидаҳои Афлотуну Арастуро чун далелҳои муътамад истифода намудааст. Албатта, ин назарияро Форобӣ тавассути судур баён кардан мехоҳад, ки он аз Худо ба таври абадӣ содир мешавад. Аммо ин ҷо низ танақузи фикрӣ дар таълифоти Форобӣ мушоҳида мешавад. Зеро Форобӣ дар осори гуногунаш ба мисли Арасту аз назарияи қадим будани олам ҷонибдорӣ менамояд, вале барои он ки бо таълимоти исломӣ

мухолифат ба вуҷуд наояд, миёни қидами олам, чунонки Арасту мепиндошт ва андешаи халқ, чунончи ақоиди исломӣ талаб дорад, як навъ ҳамоҳангӣ мехоҳад нишон диҳад. Аз ин рӯ, чи тавре қаблан ишора кардем, мутафаккир ақлро ибдои Худо меҳисобад, ки хориҷ аз замон аст. Аз ин равиши Форобӣ бармеояд, ки ӯ роҳи ҳалли дурусти масъалаи моддаро пайдо накардааст. Зеро дар масъалаи ба вуҷуд омадани модда ӯ ба ақли ибдоии хориҷ аз замон такя мекунад, аммо далели қонеъкунандае пайдо карда наметавонад, ки чи тавр модда аз ақли муҷаррад аз модда содир шудааст. Барои посух ёфтан ба ин савол Форобӣ маҷбур мешавад ба мисли Афлотун ва навафлотуниён силсилаи ақлҳоро коркард кунад, аммо он масъалаи пайдоиши оламро ба таври реалӣ бозгӯ карда наметавонад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки назарияи ақлҳои даҳгонаи Форобӣ ҳарчанд дар заминаи назарияи судури Афлутин ва ҳикмати Искандария ба вуҷуд омадааст ва қисмати ситорашиносии он бо ҳаракати кавокиби арастуӣ айният дорад, аммо дар он навгониҳое, ба мисли тамоюли мутафаккир барои нишон додани ягона будани Воҷиб-ул-вуҷуд, усули таснифи ин ақлҳо ва таркиби назария низ ба чашм мерасад, ки нишонаи халлоқияти андешаи ӯ мебошад.

Дар таълимоти Форобӣ идроки олам роҳу воситаҳо ва усулҳои мухталиф дорад. Яке аз роҳҳои асосии идроки олам, ба назари Форобӣ, маърифати дурусти ҷисмҳост. Ӯ ҷисмҳоро ба табиӣ ва сунъӣ ҷудо мекунад, ки баъди асри 19 марксизм онро «табиати дуюм» унвон карда буд ва имрӯзҳо ҳамчун қисмати таркибии фалсафа ва фарҳангшиносӣ омӯхта мешавад. Вуҷуди ҷисмҳои табиӣ ба офарандагиву иродаи инсон вобаста нест. Ҷисмҳои сунъӣ ба санъат ва иродаи инсон вобаста буда, таҳти таъсири ӯ сурат пазируфтаанд. Ҷисмҳои маснуӣ дорои хусусиятҳои бунёдие ҳастанд, ки дар сурати аз байн рафтани онҳо дигар ҷисми маснуӣ низ моҳияти худро аз даст медиҳад. Масалан, вуҷуди шамшер ба тезӣ ва оҳан бастагӣ дорад ва вуҷуди порчаи матоъ ба тору пуд. Шамшер корашро танҳо ба тезӣ анҷом медиҳад ва порча

танҳо бо тору пуди бофташудааш судманд воқеъ мешавад. Дигар ҷисмҳои мазнуӣ ба ҳамин қиёсанд.

Ҷисмҳои табиӣ низ, ба назари Форобӣ, барои мақсади муайян ва натиҷае эҷод шудаанд. Ҳар ҷисм ба вуҷуд оварандаву созандае дорад, ки аз он эҷод шудааст. Вуҷуди ҷисмҳои табиӣ ба ду сифоти бунёдие вобастаанд, ки онҳо ҳайати сохтори он ва моддаи ҷисму мавзуи он аст. Бо ин хусусиятҳо ҷисмҳои табиӣ ва ҷисмҳои маснуӣ фарқ мекунанд. Зеро сохтмон ва моддаи ҷисмҳои маснуӣ ба чашм ё ҳис, мисли тезии шамшер ва оҳани он ё шакли порча, идрок мешаванд. Аммо сохтумон, модда ва мавзуи аксари ҷисмҳои табиӣ маҳсус нест ва дурустии мавҷудияти онҳо барои инсон танҳо ба василаи қиёсу бурҳон исбот мешавад. Ҳарчанд баъзе ҷисмҳои маснуӣ хосияти сохтумонашон маҳсус нест. Масалан, шароб, ки аз офаридаҳои инсон аст. қувваи масткунандагии он маҳсус нест ва вуҷуди он танҳо аз роҳи таъсири шароб маърифат карда мешавад. Агар қувваи масткунандагӣ аз шароб гирифта шавад, дигар он ба чизи дигаре табдил меёбад.

Хосияти таркибии ҷисмҳои табиӣ ба ҳамин қиёс аст. Агар онҳо бо ҳис дарк намешаванд, бо маводу таркибҳои ғайримаҳсуси ҷисмҳои маснуӣ қиёсшавандаанд. Мисли ҷисми чашм ва неруи биноии он. Зеро неруи чашм бо ҳеҷ яу аз ҳавоси зоҳирӣ қобили биниш нест. Вуҷуди он танҳо ба василаи хирад идрок мешавад .

Мутафаккир ҷисмҳои табииро ба ду гурӯҳ – басит ва мураккаб ҷудо мекунад. Ҷисмҳои басит вуҷудашон ба ҷисми дигар вобаста нест. Аммо ҷисмҳои мураккаб аз ҷисмҳои дигар, ғайр аз худашон, ташкил шудаанд, монанди ҳайвону гиёҳ.

Манзури Форобӣ аз баёни хусусиятҳои ҷисмҳо мушаххас намудани василаи маърифату идроки онҳост. Усули маърифатии ҷисмҳоро ӯ дар иилми табииёт ҷустуҷӯ мекунад: «Илми табиӣ аҷсоми табииро таъриф мекунад, яъне он чиро ки вуҷудашон ошкор аст, дар ҷойи худ мушаххас месозад ва модда ва сурат ва иллати фоилӣ ва ғояти ҳар ҷисмро, ки ҷисми табиӣ барои он эҷод

шудааст, муаррифӣ менамояд».[34, с.121-125]

Яке аз вижагиҳои таҳқиқоти Форобӣ дар муқоиса бо муосиронаш ва Ибни Сино дар он аст, ки ӯ кӯшиш мекунад сарчашмаи истифоданамудаашро нишон диҳад, ки ин амал дар илми муосир низ ниҳоят зарур ва яке аз муҳимтарин сифоти инсофи илмӣ маҳсуб мешавад. Масалан, Форобӣ вақте дар бораи илми табиӣ ва бахшҳои он маълумот додан мехоҳад, қайд менамояд, ки масъалаи мавриди назар дар кадом сарчашма мавҷуд аст ва ба он ишора мекунад: «баррасии мабодӣ ва аърози он вобаста ба ин мабодӣ аст, ки тамоми аҷсоми табиӣ, хоҳ басит, хоҳ мураккаб, дар онҳо муштарак ҳастанд. Ва ин ҳама дар «Самои табиӣ» (асаре аз Арасту –А.Б.) сухан меравад».[34, с.125] Ё дар асари «Эҳсо-ул-улум» вақте баҳси илми илоҳиро оғоз мекунад, холисона тасдиқ менамояд, ки «тамоми ин илм дар китоби «Мо баъд-ут-табиъа» омадааст».[34, с.128]

Форобӣ дар асоси таълимоти Арасту муътақид аст, ки олами сифлӣ зери фалаки Моҳ қарор дошта, ба олами афлоки самовӣ вобаста аст. Ба назари ӯ, нуфуси фалакӣ аз нафси нотиқа фарқ дорад: «Фалак метавонад ашёро нахуст тааққул, сипас тахаййул кунад, вале мо ибтидо чизҳоро тахайюл мекунем ва сипас тааққул».[35, с.184]

Ҳарчанд Форобӣ ҷаҳони инсонро аз фалак-ул-афлок вобаста медонист, аммо ба мисли ситорашиносони даврони атиқа ва асримиёнагӣ ба илми аҳкоми ситорагон ва саъду наҳс будани онҳо бовар намекард. Зеро ӯ ба ин бовар буд, ки табиати ситорагон комилан хайр аст, пас наҳс дар он ҷой надорад. Вақти саъду наҳс низ нест, ҳама авқот табиатан хайранд. Форобӣ дар ин мавзуъ асари алоҳидае низ бо номи «Мо ясиҳҳу ва мо ло ясиҳҳу мин аҳком-ин-нуҷум» (Қоидаҳои дуруст ва нодуруст андар ҳукмҳои ситорашиносӣ) дорад, ки бо дархости яке аз риёзидонон ва фозилони замонаш Иброҳим ибни Абдуллоҳи Бағдодӣ, ки бо ӯ дар масоили аҳкоми нуҷум баҳсҳо доштаанд, таълиф намудааст. Дар ин рисола сӣ асл вазъ шуда, ки дар охир аз онҳо натиҷагирӣ намуда, аҳкоми ситорагонро ботил ҳисобидааст. Форобӣ дар ин асар бо

далелҳои ақливу мантиқӣ исбот менамояд, ки ситорагон дар фаъолияти инсон таъсироти ғайритабиӣ надоранд. Ҳамзамон ситорашиносонеро, ки ба аҳкоми нуҷум бовар доранд, танқид мекунад. Аммо ба дуо ва таъсироти он бовар дорад ва онро василаи шафоати Худо медонад: «Дуо ҳақиқаташ собит аст ва василаи шафоат назди Худованд мебошад».[35, с.132] Инчунин руъё (хоббинӣ), илми ладунӣ ва хабари анбиё аз умури ғайбиро тасдиқ дорад.[35, с.132] Инчунин Форобӣ ба мисли руҳониён ибодатро аз амалҳои ҳатмӣ ҳисобида, ҳақ будани шариат, амру наҳӣ ва аҳкоме, ки анбиё таълим медиҳанд таъкид менамояд ва амал намудан ба онҳоро лозим медонад. [35, с.132]

Чуноне ки пештар зикр кардем, Форобӣ оламро маърифатпазир меҳисобад. Ӯ ҳарчанд ба ҳис ва дастгоҳи ҳиссӣ таваҷҷуҳи хос дорад, аммо ҷараёни маърифатро бо донишҳои ҳиссӣ маҳдуд намекунад ва ба ин бовар аст, ки донишҳои ҳиссӣ ва тафаккури мантиқӣ дар якҷоягӣ ва бо кӯмаки ҳамдигар моҳияти ҳастӣ ва қонуниятҳои зуҳуру ташаккули онҳоро ошкор мекунанд. Аммо ин назарияи Форобӣ духӯрагиҳое низ дорад. Зеро ӯ дар таълиқи шашуми асари «Таълиқот»-аш қайд мекунад, ки воқиф шудан ба ҳақоиқи ашё дар ҳадди тавони инсон нест. Мо аз чизҳо танҳо хусусиёт, лавозим ва аразҳояшонро дармеёбем, на фаслҳои муқаввими ҳар якро, ки бар ҳақиқати онҳо далолат дорад, балки танҳо дармеёбем, ки онҳо чизҳое ҳастанд бо хавос ва аразҳо. Масалан, мо ҳақиқати ҷавҳарро дарнамеёбем, балки онро ба унвони чизе мешиносем, ки хусусияти он мавҷуд набудан дар мавзуъ аст. Ҳарчанд ин хусусият ҳақиқати он нест. Инчунин мо ҳақиқати ҷисмро дарнамеёбем, балки онро ҳамчун чизе, ки дорои хусусиёти сегона-дарозӣ, бар ва баландӣ аст, мешиносем. [39, с.7] Яъне Форобӣ мутмаин аст, ки маърифати инсон бо арази хос ва сифоти барои ӯ маълум маҳдуд мешавад ва мувофиқи талаботи ҳамон маълум ҳукм мекунад. Инсон танҳо чизи хосеро исбот мекунад ва ба он хосиятҳоеро нисбат дода, ба воситаи ин хосиятҳо дарк мекунад, ки он вижагиҳои дигаре низ дорад. Тадриҷан, дар заминаи маърифати тамоми аразҳои хос ва сифоти лозимааш, ки тавассути таҷрибаву мушоҳида ва

донишҳои ҳиссиву тафаккури мантиқӣ натиҷа медиҳад, ба шинохти моҳияти он мерасад ва бо ин роҳ ба исботи асли вуҷуд сарфаҳм меравад.

Аз ин тарзи муҳокимарониҳои Форобӣ мушаххас мегардад, ки мутафаккир яке аз мавзуъҳои баҳсии муқаддамотии мантиқу фалсафаро, ки мантиқиён куллиёти панҷгона меноманд, чун усули маърифатӣ истифода мекунад. Ба алоқамандон маълум аст, ки таъриф яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифат намудани таърифшаванда аст. Баҳси таъриф ва мушаххас намудани ҳад бе шинохти куллиёти панҷгона дар мантиқи шаклӣ қариб ғайриимкон аст. Форобӣ чун аз саромадони мантиқиён аст, маърифати оламро тавассути мафҳумҳои асосии мантиқ роҳандозӣ мекунад ва онро ба сифати усули маърифатӣ матраҳ месозад. Барои дарки ибороти ӯ хонанда маҷбур аст нишонаҳои муҳими куллии зотиву аразӣ, ба мисли навъу ҷинс, фасл, арази ому хос ва амсоли инҳоро донад. Аз мисолҳои овардаи Форобӣ дар ин қисмати баҳс равшан мегардад, ки бе омӯзишу корбурди мантиқ дарки дурусти масоили фалсафӣ ғайриимкон аст.

Ибни Сино низ чуноне ки пештар гуфта гузаштем, ба маърифатпазирии олам бовар дорад. Ӯ ҳам ба мисли Форобӣ муътақид аст, ки маърифат танҳо аз роҳи ба даст овардани донишҳои ҳиссӣ ҳосил намешавад ва дар ин росто маърифати ақлӣ ҷойгоҳи хос дорад. Олам дар асоси қонунмандиҳо ва низоми муайяне ба вуҷуд омадаст ва маърифати он хоси инсон аст. Мутафаккир оламро маҷмуи ҳамаи ҷисмҳои табиии басит ё ҷумлаи мавҷудоте, ки зоти ҳамҷинс доранд, ба мисли олами табиат, олами нафс ва олами ақл, меҳисобад. [10, с.609]

Мутафаккир мафҳуми «идрок»-ро аз тасаввур кардани маъниҳои куллӣ иборат медонад, ки инсон ба тасаввур намудани чигунигии он эҳтиёҷ дорад. Ӯ барои равшан намудани ин маъно инсонро мисол меорад ва қайд мекунад, ки ҳар фард «аҳвол ва авсофе дорад, ки бар инсон будани вай дохил нест. Аммо дар вуҷуд аз онҳо холӣ буда ҳам наметавонад, монанди ҳадди инсон дар қадду қомати вай ва рангу шакли вай аз чизҳои бисудашудаи вай ва ғайра. Пас, ҳамаи

инҳо, агарчи нишонаи инсонӣ бошад ҳам, шарти инсонӣ нестанд, вагарна ин ҳама дар инсон баробар мешуданд. Бо вуҷуди ин ба ақли мо меояд, ки ин ҷо чизе ҳаст, ки «инсон» меноманд».[10, с.571]

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино одам меъёри ҳама чизҳост ва «ба шарофати осори абадзиндаи хеш Ибни Сино имрӯз низ ҳамзамон ва ҳамқадами ҷомеаи башарӣ мебошад».[207, с.233] Ӯ ба ин назар аст, ки маърифати ақлӣ, ки хоси инсон аст, дар алоқамандӣ бо маърифати ҳиссӣ сурати ашёро дар зеҳн инъикос менамояд. Мутафаккир ба мисли Форобӣ ҳадафи ниҳоии маърифати оламро танҳо донистан не, балки баҳри камоли нафси нотиқа ва дарёфти ҳақиқат меҳисобад. Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд аз машҳуртарин феълҳои нафс ва аввалин асарҳои маҳсуси «нафси нотиқа» нутқ аст, аммо Ибни Сино ин номгузориро ба таври дигар ташреҳ медиҳад: «мурод аз «нафси нотиқа» ин нест, ки вай фақат мабдаи нутқ аст, балки ин лафз, лафзест, ки бо он далолат бар зоти он мешавад. Ва вай хосиятҳоест, ки аз ҷумлаи онҳо идрок ва феълу инфиол аст».[10, с.570]

Ин назари Ибни Сино то ҳол дар антропологияи муосир арзишманд буда, як қисмати умдааш айнан истифода мешавад. Яъне «нафси нотиқа» танҳо сарчашмаи нутқ нест, балки мафҳуми ифодакунандаи зоти инсон буда, дорои сифатҳое, ба мисли идрок, амал кардан ё накардани мақсаднок ва таъсирпазирӣ мебошад. Мафҳуми «инфиъол»-ро худи Ибни Сино чунин ташреҳ мекунад: «Инфиъолҳо аҳволе ҳастанд, ки тобеи истеъдодҳое мешаванд ва бар бадан бо ҳамроҳии «нафси нотиқа» ориз мешаванд. Монанди истеъдоди ханда, хиҷолат, ҳаё, раҳм ва ғайра».[10, с.571] Яъне инфиъол ҳолатест, ки худ фаъол нест, аммо аз таъсиркунандаи беруние таъсир мегирад ё тағйир меёбад.

Аз ин мебарояд, ки «нафси нотиқа» дорои ду қувва аст. Якум, қувваест, ки ба бадан алоқаманд буда, омодагии ӯро ба сӯйи амал нишон медиҳад. Ба воситаи ин қувва инсон миёни хубиву бидӣ дар корҳои ҷузъӣ ва коре, ки шоистаи кардан бошад ё набошад, фарқ мегузорад. Ин қувваро «ақли амалӣ» низ меномад. Дуюм, қувваи омодакунанда ба воситаи нафс ба сӯйи назария ва

феъли хос аст. Ин қувва ҳамчун истеъдодест дар нафс, ки метавонад маъқулотро тааққул кунад. Ибни Сино онро «ақли билқуввa» низ меномад.

Аз таҳлили осори Ибни Сино бармеояд, ки ӯ барои идрок чаҳор мартаба қоил аст, ки ба таври зайланд: эҳсос, хаёл, ваҳм ва тааққул. Ба назари Ибни Сино, маърифат аз идроки ҳиссӣ оғоз мешавад ва бо ақл такмил меёбад. Идроки ҳиссӣ нахустин зинаи маърифати олами маҳсус аст. Ҳисро Ибни Сино сурати аз модда ҷудошуда тасвир мекунад, ки пас аз ин ҷудоӣ робитаи аразии модда канда шудааст. Пас дар ин ҳолат, барои ҳис сурат ба таври мутлақ муҷаррад нест.

Аммо хаёл суратро бештар муҷаррад мекунад, яъне пас аз ҷудо шудан аз модда ҳам, суратро ҳифз мекунад. Хаёл аз сурати гирифташуда ва робитаҳои моддӣ ҷудо намешавад. Пас хаёл суратро мувофиқи хосияти ҳиссе, ки ба он расидааст, ҳис мекунад.

Ваҳм ба истиснои маърифати ақлӣ, чун олитарин навъи маърифати ҳиссӣ баромад мекунад. Ҳарчанд ваҳм маъноҳои ғайримаҳсусро истисно мекунад, аммо онро муҷаррад намекунад, ба шарте ки ба сурати хаёлӣ тааллуқ надошта бошад.

Дар миёни мартабаҳои чаҳоргонаи идрок комилтарину олитаринашон маърифати ақлист, ки он аз ҷумлаи муҷаррадот аст. Инсон тавассути узвҳои ҳис маълумот ба даст меорад, аммо ин навъи дарки модиёт комил нест. Маҳз маърифати ақлӣ инсонро ба шинохти воқеии олам раҳнамоӣ мекунад. Барои дарки дурусти моҳияти маърифати ақлӣ ногузир бояд анвои ақл аз диди мутафаккир баррасӣ гардад. Бо баррасии осори гуногуни Ибни Сино ва тавaҷҷуҳи хос ба «Донишнома»-и ӯ маълум мешавад, ки мутафаккир ақлро на танҳо қибилияти фикронии одам, балки марҳилаи асосии камоли инсон меҳисобад ва мартабаҳои ақлиро дар се зина ёд мекунад. Ӯ дар мабҳаси «Мартабаҳои ақлӣ»-и «Донишнома» ақли ҳаюлонӣ ё бақувват, ақли бамалака ва ақли мустафодро баррасӣ мекунад, ки поёнтар дар ин мавзуъ ба тафсилтар баҳс хоҳем кард.

Ақл дар маърифатшиносии Ибни Сино баландтарин зинаи таҷрид мебошад, ки хоси инсон аст. Дар низоми фалсафии мутафаккир ақл ҷойгоҳи вижа дошта, онро шакли махсуси идроки олам ва қувваи нафси нотиқа шинохта шудааст. Ба назари ӯ, ақл фитрӣ буда, василаи аслии ба вуҷуд омадани афъоле, ки бо мушоракати ҷисм ва қувваҳои ҷисмонӣ аз нафс содир мешавад. Он «мабдаи фоили халлоқе мебошад ва чизе, ки аз мабдаияти вай хоси зоти ақл аст, ақлияти билфеъли вай аст».[10, с.429]

Ибни Сино бо такя ба сарчашмаҳо, махсусан осори Арасту ва истинботи шахсӣ ҳашт маънои ақлро дар «Рисолаи ҳудуд»-аш махсус қайд намудааст. Аввал, бо такя ба китоби «Бурҳон»-и Арасту тафовути ақлу илмро нишон медиҳад: «Маънои ақл он аст, ки вай тасаввурот ва тасдиқотест, ки дар нафс ба воситаи фитрат ҳосил мешавад, дар ҳоле, ки илм аз роҳи касб кардан ба даст меояд».[10, с.599]

Дуюм, ақли назарӣ мебошад, ки ба ибораи Ибни Сино «қувваи нафс аст, ки моҳияти умури куллиро аз ҷиҳати куллӣ буданашон қабул мекунад».[10, с.600] Ақли назарӣ танҳо аҳкоми куллиро дарк мекунад. Ҳарчанд аҳкоми куллӣ марбут ба амал бошанд ҳам, сабаби барангехта шудани шавқ, ирода ва анҷоми амал намегарданд ва танҳо амали фикриву назарианд. Аз ин рӯ, Ибни Сино қувваи дарккунандаи аҳкоми куллиро ақли назарӣ меномад. Муҳимтарин хусусиятҳои ақли назарӣ дарёфти ҳақиқат, дарки қонуниятҳо ва сару кор доштан бо мафҳумҳост.

Сеюм, ақли амалӣ аст. Мувофиқи нишондоди Ибни Сино он «қуваи нафс буда, мабдаи таҳрики қувваи шавқия барои ихтиёр намудани ҷузъиёти ғояти гумонӣ ё маълум равона шудааст. Қуввақои бисёри ақли назариро низ «ақл» гӯянд».[10, с.600] Ақли амалӣ сарчашмаи таҳрикдиҳандаи бадани инсон барои амалҳои ҷузъист, ки ҳадафмандона сурат мегиранд. Бо вуҷуди асоси тамоми меъёрҳои ахлоқии инсон будани ақли амалӣ, он бо қуввақои ваҳмия, мутахаййила ва шаҳвонияи ҳайвонӣ алоқаи наздик дорад. Ақли амалӣ дар муқоиса бо қуввақои ҳайвонии бо шавқу майлу хоҳишу гароиш алоқаманд,

боиси ба амал омадани ҳолатҳое, ба мисли хандаву гиря ва шарму хиҷолат мегардад, ки хоси инсон аст. Ҳамзамон, ақли амалиро дар муқоиса бо қувваҳои ҳайвонии ваҳмия ва мутахаййила дар истинботи амалҳои бавуҷудоянда ва қудрати офарандагии инсон ба кор мегиранд, ки чун мабдаи амал ва ахлоқ баромад мекунад. Албатта, манзури Ибни Сино аз мабдаи ҳаракат номидани ақли амалӣ он нест, ки вай мустақим сабаби ҳаракат намудани ҷисм мегардад. Балки мақсудаш ин аст, ки ақли амалӣ яке аз сарчашмаҳои бавоситаи таҳрикдиҳандаи ҷисм аст. Яъне ақли амалӣ муҳимтарин сарчашмаи ба танзим даровардани рафтору ахлоқи инсон аст. Агар ақли назарӣ бо илмҳои фалсафа риёзиёт, табииёт, илоҳиёт ва амсоли инҳо сарукор дошта бошад, ақли амалӣ бо илмҳои ахлоқ, сиёсати мудун ва тадбири манзил дахл мекунад.

Ибни Сино тафовути ақли амаливу назариро дар мудракоти онҳо медонад. Яъне, ақли назарӣ қувваи дарккунандаи умури назарист ва ақли амалӣ қувваи дарккунандаи амалҳои хубу бад аст. Ба қавли Ибни Сино: «қувваи назарӣ барои муайян кардани росту дурӯғ ва қувваи амалӣ барои хайру шар дар ҷузъиёт вуҷуд доранд».[10, с.404] Аммо Форобӣ тафовути онҳоро дар ғояташон медид. Яъне, ғояти ақли назарӣ назар ва ғояти ақли амалӣ амал аст.

Чорум, ақли ҳаюлонӣ ё билқувва мебошад. Ақлест, ки қобилияти дарки мафҳумҳоро дорад, аммо дар амал татбиқ нашудааст. Ин номгузорӣ аз сабаби ташбеҳ шуданаш ба ҳаюлои аввал мебошад: «Вайро аз сабаби шабоҳаташ ба омодагии ҳаюлое, ки мавзуи ҳар як сурат аст, вале ба зоти худаш сурат надорад, «ҳаюлонӣ» номидаанд».[10, с.350] Гоҳо нисбати қувваи назарӣ ба сурат, нисбати билқувваи мутлақ аст ва ин вақте рӯй медиҳад, ки қувваи нафс чизеро аз камоли мувофиқи он қабул накардааст. Дар ин ҳолат онро ақли ҳаюлонӣ мегӯянд. Ба қавли Ибни Сино: «ақли ҳаюлонӣ аз ҷумлаи ақлҳо ва қувваи нафс буда, барои пазироии моҳияти ашёе омодааст, ки онҳо аз модда ҷудоанд».[10, с.600] Ақли ҳаюлонӣ ба қобилияти биноии тифле монанд мебошад, ки қобилияти дидан дорад, аммо то ҳол чизеро надидааст. Дар

«Рисолаи нафс» ин маънӣ чунин таъкид мешавад: «ҳар нафси инсониро қуввате ҳаст ва он ақли назарӣ аст. Ва ин қувват дар аввали кор ақли ҳаюлоӣ аст». [12, с.65]

Панҷум, ақли билмалака аст. Ақли билмалака метавонад маъқулоти аввалияро тааққул кунад ва ба ин васила ба маъқулоти минбаъда даст ёбад. Яъне, ақли билмалака қобилияти фаҳму дарки маърифатро дорад, аммо ҳанӯз донишҳои барояш равшаншударо дар амал татбиқ накардааст. Он «аз ҷумлаи ақлҳо буда, ба камол расидани ин қувва аст, то ки тавассути вуҷуде, ки дар «Китоби бурҳон» ақл номида шудааст, қувваи ба феъл наздик гардад».[10, с.600] Яъне, ақли билмалака дорои малакаи ибтидоист, аммо ба дараҷаи ақли билфеъл нарасидааст. Он мафҳумҳоро ташхис мекунад, вале то ҳол онҳоро амалан истифода накардааст, ҳарчанд омода мебошад. Муҳимтарин вазифаи ақли билмалака омода намудани шароит ба марҳилаи камоли маърифат мебошад.

Шашум, ақли билфеъл аст. Он аз зумраи қувваҳои нафси нотиқа буда, пас аз маъқулоти аввалия суратҳои маъқулоти иктисобиро низ ҳосил мекунад. Яъне ақли билфеъл қувваи фаъол буда, моҳияти донишро дарк карда, метавонад аз он истифода барад. Ин навъи ақлро барои он билфеъл меноманд, ки нафс ба мақоми ақл расида, бе душворӣ метавонад маъноҳои чизҳоро касб кунад. Ба қавли Ибни Сино: «ақли билфеъл аз ҷумлаи ақлҳо буда, ба камол расидани нафс дар сурате ё сурати маъқуле бошад, ки ҳар гоҳ [хоҳад] он суратро дарк ва билфеъл ҳозир намояд».[10, с.600] Ин чунин маънӣ дорад, ки ақли билфеъл марҳилаи камоли нафс аст, ки ҳар гоҳ бихоҳад бе мушкилӣ сурату маъноҳои ашёро дарк менамояд. Яъне, ақли билфеъл донишҳоро аз имкон ба амал овардааст.

Ҳафтум, ақли мустафод аст, ки дар назарияи маърифати Ибни Сино чун ҳолати камоли қувваҳои ақлия[9, с.450-451] тавсиф мешавад. Он «аз ҷумлаи ақлҳо буда, моҳияти аз модда муҷаррадест, ки дар нафс аз берун ҳосил шуда, дар вай нақш мебандад».[10, с.600] Дар он зинаи ақли мустафод, ки ақли

билқувва бо ақле, ки доим билфеъл аст, пайваст шавад, ҷинси ҳайвонӣ ва навъи инсонӣ ба итмом мерасанд. Дар ин сурат, қувваи инсонӣ ба тамоми мабдаъҳои аввалии вуҷуд монанд мегардад. Ба ибораи дигар, камоли маърифатро ақли мустафод меноманд. Ақли мустафод чун зинаи ниҳоии камоли ақл ҳисобида мешавад, ки дар ин марҳила инсон бо асли худ пайваст мешавад.

Дар таълимоти Ибни Сино баъзеи ин қувваҳо аз баъзеи дигар пешӣ дошта, яке бар дигаре роҳбар аст. Ба ҳамин маъно дар мабҳаси «Нафс»-и «Ҳикмати машриқия» мутафаккир қайд менамояд: «ақли мустафод роҳбарест, ки ҳама онро хидмат менамоянду ғояти охирин аст. Ақли билфеълро ақли билмалака хидмат мекунад ва ақли билмалакаро ақли ҳаюлонӣ ба воситаи омодагие, ки дар он аст, хидмат мекунад. Ақли амалӣ бошад, ҳамаи онҳоро хидмат мекунад, зеро алоқаи бадан барои такмили назарӣ, ба тартиб даровардан ва тоза намудани он аст. Ақли амалӣ мудаббири ин ақлҳост».[10, с.351]

Ҳаштум, ақли фаъол аст ва он ақли ҳамеша билфеъл мебошад, ки ақли мустафод тавассути он сурату маъноҳои муҷаррадро идрок мекунад. Ақли фаъол дар мақоми поёнтарини ақлҳои кайҳонӣ, вале зинаи олитарини такомули ақли дастраси инсон буда, фавқуттабиист ва ақли мустафод вақти бо он пайвастан ба донишҳо дастрасӣ пайдо мекунад. Ба қавли Ибни Сино, «ҳар як моҳияти тамоман аз модда ҷудоро «ақли фаъол» гӯянд. Таърифи ақли фаъол дар ин аст, ки вай ҷавҳари суварӣ аст ва моҳияти он аз модда ва алоқаҳо бо он худ ба худ на ба воситаи ғайри худ ҷудо аст».[10, с.600] Ақли фаъол дар зоти худ дар ҳар сурат ақли билфеъл буда, дар нафси мардум сурати маъқулот аз вай падид меояд. Маҳз бо таъсири ақли фаъол, ақли ҳаюлонӣ аз билқуввай ба билфеълӣ мерасад: «мисли ин ақли фаъол бо маъқулот ва бо қуввати ақли назарӣ мисли Офтоб аст бо сувари мубассирот (диданиҳо) ва бо қуввати басар, ки чизҳои мулавван(рангоранг)-ро, то шуои Офтоб бар он мулавванот науфтад, алвони он дарнатавон ёфт. Пас, чизҳои мулавван мубассир аст ба қувват ва қуввати басар мубассир аст ба қувват. Ва чун нури Офтоб бар ин

мулавванот тобад, он чизҳое, ки мубассир бувад, ба қуввати алвон мубассир шавад ба феъл ва басар низ, ки ба қувват мубассир шавад, акнун мубассир шавад ба феъл».[12, с.65] Аз ин тарзи мулоҳизаронии Ибни Сино бармеояд, ки ӯ дар ин маврид аз усули фалсафӣ дур мешавад ва ба тафаккури орифона майл менамояд.

Дар ҳар сурат, ақлро Ибни Сино василаи асосии маърифати олам меҳисобад. Таснифоти назарияи ақли ӯ ифодакунандаи он аст, ки мутафаккир ҷараёни маърифатро раванде медонад, ки аз ҳис сар шуда, бо ақл комил мешавад. Пас ақл марҳилаи олии маърифат мебошад, ки ба василаи он инсон дониши ҳақиқӣ ва устувор касб мекунад. Чун ҷавҳари таълимот ва ҷаҳонбинии Ибни Синоро ақлгароӣ ташкил медиҳад, мутафаккир бо равиши ақлгароёна кӯшиш менамояд, то моҳияти маърифати ақлӣ ва омилҳои ташаккули онро мӯшикофона баррасӣ намояд. Ҳарчанд тарзи баёни Ибни Сино баъзан аз доираи баҳсҳои сирф фалсафӣ берун меравад ва ба ирфон тамоюл пайдо мекунад, [233, с.404] аммо дар масъалаи аз усули ақлгароёна кор гирифтани мутафаккир, ба қавли устод А. Баҳоуддинов, «шак нест».[90, с.249] Дар ин замина ӯ барои ошкор сохтани фаъолияти инсон ва қонунмандиҳои табиату ҷамъият кофӣ набудани маърифати ҳиссиро дарк намуда, аз маърифати ақлӣ кор гирифтанро ҷонибдорӣ мекунад ва роҳу усулҳои касби маърифати ақлиро нишон медиҳад, ки хеле ҷолибу арзишманд аст. Ӯ бо далелҳои гуногун исбот менамояд, ки маърифати ҳиссӣ дар натиҷаи зиёд такрорёбӣ заиф мегардад. Ҳис дар аснои дарки қавӣ наметавонад ба таври воқеӣ заифро идрок намояд. Мисли касе, ки равшании қавиро мебинад, ҳамроҳи он ва баъди он нури заифро дида наметавонад.

Аммо ин ҳолат дар қувваи ақлӣ баръакс аст. Зеро ҳар гоҳ қувваи ақлӣ умури қавитарро тасаввур кунад, барои ӯ тасаввури умури заиф осон мегардад ва ҳамзамон қувваи ақлӣ мисли қувваҳои ҳиссӣ аз қувваҳои ҷисмонӣ нест. Барои исботи ин андеша ӯ организми инсонро далел меорад ва менависад, ки «ҳамаи қувваҳои аъзои бадан баъди камолоти ҷисмонӣ то чилсолагӣ ё дар

чилсолагӣ суст мешаванд. Вале қуввaҳои мазкур ба маъқулот вобаста буда, дар аксари амр баъди чилсолагӣ пурқувват мегарданд. Агар ин қуввaҳо аз қувваи баданӣ пайдо мешуданд, пас мебоист, ки инсон доим ва дар ҳама ҳолатҳо заиф мешуд. Лекин ин амр на дар ҳама ҳолат, балки танҳо дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми вуҷуди монеае дида мешавад. Пас, қувваи ақлӣ аз қуввaҳои баданӣ нест».[10, с.412]

Дар маҷмуъ, Форобӣ оламро ҳамчун низоми бо ҳадафи мушаххас ба вуҷудомада эътироф мекунад ва мутмаин аст, ки он тавассути донишҳои ҳиссиву ақлӣ маърифатпазир аст. Ӯ донишҳои ақлиро, ки бо тафаккури мантиқӣ муҷаҳҳаз гардидаанд, баландтарин зинаи маърифат меҳисобад, ки тавассути онҳо метавон ба ҳақиқат ноил шуд. Аммо ақл, ки воситаи асосии маърифати воқеият мебошад ва бидуни он шинохти ҳақиқат воқеӣ нест, ниёз ба парвариш дорад, ки он ба василаи шуғли доимӣ ба дониш ба даст меояд. Дар ин масъала ҷойгоҳи асосиро фалсафа ишғол мекунад ва он муҳимтарин василаи идроки дурусти олам ба ҳисоб меравад.

Форобӣ барои зоҳирӣ нишон додани ихтилофи миёни Афлотуну Арасту кӯшида, бо такя ба осори ба Арасту нисбатдодаи баъзе мутарҷимон назарияи мусулро бо ибдоъ қаробат медиҳад. Дар ин масъала Форобӣ назариёти Арастуву Афлутинро иштибоҳан омехта мекунад ва китоби «Усулуҷӣ»-и Афлутинро ба Арасту нисбат дода, афкори бо ҳам зиддиятноки ин асарҳоро тавассути таъвил зоҳиран хилофи ҳам ва ботинан мувофиқ меҳисобад. Форобӣ амалан фалсафаи арастуиро бо унсурҳои илоҳиёти навафлотунӣ омезиш медиҳад ва дар натиҷа низоми комили фалсафие ба вуҷуд меояд, ки ҳадафи аслиаш қаробат додани фалсафа (ақл) ва дин (ваҳй), ҳамоҳанг сохтани ҳикмати юнониву исломӣ, мушаххас намудани мафҳумҳои муҷаррад тавассути усулҳои мантиқӣ ва табдил додани фалсафа ба қувваи маърифативу ахлоқӣ буд, ки он ифодакунандаи маърифатпазирии олам аз ҷониби ӯст.

Ибни Сино низ оламро маърифатшавандаву муназзам медонад ва низоми фалсафие коркард намудааст, ки дар он идрок тавассути таҷрибаҳои ҳиссӣ

шакл гирифта, бо ақл ва нафс такмил меёбад. Ӯ мартабаҳои идрокро эҳсос, хаёл, ваҳм ва тааққул медонад ва ин мафҳумҳоро дар муқоиса бо Форобӣ ба таври муфассалтар шарҳу такмил додааст. Ба назари Ибни Сино, маърифат аз идроки ҳиссӣ оғоз мешавад ва бо ақл такмил меёбад. Ҳис барои Ибни Сино сурати аз модда ҷудошуда аст. Ақл аз маълумоти ҳиссӣ маъноҳои умумиро ҷудо намуда, ба ин васила оламро маърифат менамояд, ки ин равандро мутафаккир «таҷрид» меномад. Маърифати ақлӣ олитарин зинаи маърифат ҳисобида мешавад.

Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду ҳисро сарчашмаи ибтидоии маърифат медонанд, аммо аввалӣ ба тасаввур ва дуюмӣ ба эҳсоси ботинӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳар ду мутафаккир дар масъалаи идроки олам аз ҷониби инсон ба қудрати ақл баҳои мусбӣ медиҳанд, аммо Муаллими сонӣ ба мантиқу таҷриба бештар такя мекунад, вале аҳёнан Шайхурраис аз доираи баҳси фалсафӣ берун меравад ва махсусан дар мавриди ақли фаъол ба илоҳиёту ирфон майл мекунад.

Хулоса, Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси идроки ҳиссиву ақлӣ ва таносуби тасаввур, тааққул ва бурҳон ба маърифатпазирии олам бовар дошта, воқеияти таибиро ҳамчун қонунмандиҳо, ки дорои робитаи сабабиву натиҷавист, эътироф доранд. Форобӣ асосан ба сохтори умумии раванди маърифат таваҷҷуҳ намуда, барои маърифати олам нақши ақлро дар ҷойи аввал мегузорад. Илова бар ин авомил Ибни Сино ба фаъолияти қувваҳои ҳиссии зоҳириву ботинӣ, марҳилаҳои ташаккули идрок ва нақши бурҳон барои маърифати олам эътимоди бештар дорад.

3.2 Андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино пиромуни шаклҳои маърифат

Яке аз маъмултарин анъанаҳое, ки дар кору пайкори бузургтарин файласуфон мушоҳида мешавад, ибрози назар пиромуни шаклҳои маърифат аст. Ин масъала дар назарияи маърифати Форобӣ ва Ибни Сино аз мақоми хоссе бархӯрдор мебошад. То ташаккули низоми мушаххаси фалсафӣ дар

ҳавзаҳои илмии асримиёнагии мо, ки аз Форобӣ ва Ибни Сино оғоз мешавад, дар бораи шаклҳои маърифат назариёти парокандае матраҳ буд, аммо мутафаккирони мо кӯшиданд марҳилаҳо ва шаклҳои маърифатро аз нигоҳи илмият баррасӣ намоянд. Ҳар ду мутафаккир маърифатро ҳамчун раванди зина ба зинаи шинохти табиату инсон меҳисобанд, ки аз ҳисс оғоз мешавад ва дар марҳилаи донишҳои ақлонӣ такмил меёбад. Форобӣ ва Ибни Сино пурмаҳсултарин ҳакимонанд, ки дар масъалаи шаклҳои маърифат таълифоти бунёдӣ доранд. Вале азбаски масъалаҳои маърифатӣ дар замони ҳакимони мо чун яке аз паҳлӯҳои аслии фалсафа баррасӣ намегардид, ин масъала ба таври алоҳида дар осори онҳо таҳлил нашудааст. Аз ин рӯ, шаклҳои маърифат дар таълифоти Форобӣ ба таври пароканда матраҳ мегардад ва ба низоми муайяне надаромада буд. Дар осори гуногуни Ибни Сино низ, махсусан асарҳои калонҳаҷми ба фалсафа бахшидааш, ин масъаларо метавон фаровон пайдо намуд, аммо ба сурати маърифатшиносӣ, ки имрӯзҳо роиҷ аст, мушоҳида карда наметавонем. Ин далели он аст, ки дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино масоили куллии ҳастӣ ба таври хос таҳқиқ мегардид ва ҳанӯз таълимот дар бораи маърифат чун қисмати ҷудогонаи фалсафа омӯхта намешуд.

Дар масъалаи шаклҳои маърифат дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ба таври пароканда маълумоти зиёде дастрас намудан мумкин аст. Азбаски доманаи фаъолияти ин ҳакимон хеле фарох аст, бисёр ҷанбаҳои фаъолияти онҳо, махсусан назарияи маърифаташон, ба таҳқиқи вижа ниёз дорад. Ба қавли донишманди шинохтаи тоҷик С. Сулаймонов, муайян кардани ғояи фалсафии осори Ибни Сино «яке аз вазифаҳои таъхирнопазири муҳаққиқони таърихи фалсафа, хоссатан синошиносон мебошад».[12, с.5] Маъруфтарин пажӯҳандаи осори Ибни Сино дар замони мо устоди зиндаёд М. Диноршоев низ дар хотимаи «Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино» таъкид намуда буд: «Барои дақиқ муайян кардани нақши Шайхурраис дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ низ зарур аст: баёни муфассал ва мабсути ҳама масоиле, ки дар ин китоб мухтасар ва муҷаз баррасӣ шудаанд».[116, с.630] Ин дар ҳолест, ки боби панҷуми

«Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино» ба фалсафаи маърифатшиносии Ибни Сино тахассус дода шудааст. Ба ҳар навъ, таҳқиқи бунёдие дар таълимоти маърифатии Форобӣ ва Ибни Сино ба шакли таҳлили муқоисавӣ то ҳол ба анҷом нарасидааст ва умед дорем ин кори муқаддамотии мо чун заминаи кӯчаке барои таҳқиқоти оянда хидмат хоҳад кард.

Барои баҳо додан ба таълимоти файласуфе, махсусан мушаххас намудани мафҳумҳои маърифатии осораш, пеш аз ҳама, мушаххас намудани тарзи андеша ва тафаккури ӯ муҳим аст. Файласуф ба таърихи фалсафа камтар таваҷҷуҳ мекунад ва бештар масъалаҳоро матраҳ мекунад ва онҳоро таҳқиқу баррасӣ менамояд, ки нишондиҳандаи сатҳи тафаккури ӯст. Муҳаққиқоне, ки ба масоили таърихи фалсафа сару кор гирифтаанд, табиист, ки ҳама бо ҳикмат бархӯрди яксон надоранд ва аксари онҳоро файласуф номидан, ба маънои том, дуруст нест. Дар маҷмуъ, онҳоеро, ки ба масоили фалсафӣ сатҳӣ таваҷҷуҳ намудаанд, ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи аввал, онҳое, ки ба ҷойи таърихи фалсафа ба таърихи ҳаёту фаъолияти файласуфон таваҷҷуҳи бештар кардаанд. Гурӯҳи дуюм, онҳое, ки дар осорашон аз гуфтаҳои файласуфон пораҳое меоранд, аммо ҳадафи аслии муаллиф барояшон норӯшан мемонад. Онҳо маъмулан файласуф набуда, дониставу надониста ба шарҳу баёни суханони файласуфон иқдом намудаанд, аммо миёни фалсафа ва таърихи он фарқ гузошта наметавонанд. Пас, танҳо бо таваҷҷуҳ ба китобҳои таърихи фалсафа наметавон ба асолати тафаккури фалсафии ҳакиме сар даровард ва аз румузи андешаҳои ӯ пай бурд.

Аз ин рӯ, барои муайян намудани шаклҳои маърифат дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ба усули маърифатии онҳо ва низоми фалсафиашон таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Форобӣ ба ин назар аст, ки дониш ба ду маъно-қазия ва мафҳум, истифода мешавад. Баъзе қазияҳо боэътимод ва бархе беэътимод мебошанд. Ӯ мантиқан чунин натиҷагирӣ мекунад, ки вожаи дониш ба донишҳои боэътимод нисбати донишҳои беэътимод бештар истифода мешавад ва маҳз ҳамин серистеъмолӣ сабаб шуда, ки онҳоро донишҳои

боэътимод номанд. [43, с.272] Форобӣ донишро пояи асосии маърифат ва раванди шинохти ҳақиқату расидан ба саодат меҳисобад. Дониш, ба назари ӯ, идроки ақлонии воқеият буда, дар ин сатҳ инсон метавонад моҳияти табиат, ҷамъият, худ ва қонунҳои онҳоро дарк намояд. Мутафаккир дар «Китоб ал-ҳуруф» донишро «дарки маъқулот ба ҳамон гунае ки ҳаст»[350, с.78] унвон намуда, камоли онро ба ақл вобаста мекунад.

Форобӣ рисолае бо номи «Фӣ маъони-ал-ақл» (Андар маъноҳои ақл) таълиф намудааст, ки то ӯ ҳеҷ файласуфе дар ин боб ба мисли ӯ муфассал баҳс наороста буд. Муҳаққиқи эронӣ Ҳусайн Хидев Ҷам дар тавсифи ин рисола чунин менигорад: «Рисолае аст, Абунаср дар он ба шарҳ ва таҳдид ... (ҳад-таъриф додан.–А.Б.) пардохта ва бо ибороти муставфӣ (мукаммал) ақлро таъриф ва тавзеҳ кардааст. Абуалӣ Сино ҳам ин рисоларо гирифта ва дар он барои ақл чанд маънӣ изофа кардааст. Ба ақидаи Абунаср, ақл шаш маънӣ дорад, яке, ақл дар истеъмоли умумӣ, ки мардум дар ҳаққи касе гӯянд: «Ӯ оқил аст». Дувум, ақл дар истеъмоли мутакаллимин. Сеюм, ақл мутобиқи истеъмоли Арасту дар китоби «Бурҳон». Чорум, ақл мутобиқи истеъмоли Арасту дар китоби «Ахлоқ». Панҷум, ақл ба истилоҳи Арасту дар китоби «Нафс». Шашум, ақл ба истилоҳи Арасту дар китоби «Мобаъдуттабиа». Дар ин рисола Абунаср ба иттиҳоди ақлу оқил ва маъқул қоил шуда ва онро чунон нек баён карда, ки беҳтар аз он дар ин боб ҳеҷ як аз фалосифа сухан нарондаанд».[33, с.34] Ин ҷо Ҳусайн Хидев Ҷам ишора ба он мекунад, ки яке аз шаклҳои маърифат, ки Форобӣ ба он эътимоди хос нишон медиҳад, маърифати ақлӣ аст. Ҳамзамон Муаллими сонӣ ба чор маънои ақл, ки Арасту дар осори гуногунаш онҳоро тавзеҳ додааст, ду маънои дигар илова намуда, таснифи ин мафҳумро такмил намудааст, ки минбаъд дигар ҳакимон, аз ҷумла Ибни Сино, онро чун сарчашма истифода намудаанд ва дар масири ақлгароии гузаштагони мо таъсири назаррас гузоштааст.

Чуноне ки пештар ишора кардем, масоили маърифатӣ дар таълимоти Форобӣ аз низоми муайяне бархӯрдор набуда, ба шакли пароканда матраҳ

гардидааст, вале нодида гирифтан низ нашояд, ки ӯ ҳамчун файласуфи асил аҳаммияти масоили маърифатиро мушаххас намуда, мавзуи илмҳоро муайян намуд. Масалан, мутафаккир дар рисолаи «Он чи пеш аз таълими фалсафа зарур аст» қайд менамояд, ки «Иштиёқмандони омӯзиши фалсафа бояд тавассути шавқу рағбат ба амал ва ба ҳадаф расидан кор гиранд. Шавқу рағбат ба амал тавассути дониш имконпазир мегардад ё ниҳояти дониш амал аст. Ба ҳадаф расидан дар ҷодаи дониш бе маърифати табиат имконпазир нест».[53, с.12] Албатта, маърифати табиат ба шинохти қонунҳои куллии он вобаста аст, ки он ҳам кори фалсафа буда, ин як навъ кӯшиши ҷиддии ба низом даровардани донишҳои фалсафӣ ба ҳисоб меравад.

Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум», ки яке аз муҳимтарин осори фалсафиаш ба ҳисоб меравад, ҳамаи илмҳои роиҷи замонашро таснифу баррасӣ менамояд ва бо ҳашт ном табақабандӣ мекунад: илми забон, мантиқ, риёзиёт, табииёт, илоҳиёт, сиёсат, фиқҳ ва калом. Илмҳои мазкурро Форобӣ дар алоҳидагӣ тавсиф намуда, онҳоро ҳамчун шакли махсуси маърифат баррасӣ мекунад. Дар ин асар масоили маърифатӣ ҷузъан дар қисматҳои гуногун баррасӣ гардад ҳам, ҳамчун соҳаи алоҳида ёд намешавад. Аммо аз равиши кори ӯ бармеояд, ки мутафаккир мехоҳад ба ҳам алоқаманд будани илмҳоро нишон диҳад. Ӯ мантиқро воситаи муътамади дарёфти донишҳои илмӣ, табиатро заминасози ба ҳадафи маърифатӣ ноил гардидан, илоҳиётро сатҳи олии маърифат ва фалсафаи амалиро татбиқи амалии ин донишҳо меҳисобад. Дар асарҳои дигари Форобӣ низ, ки ин масъала бардошта мешавад, ҳамин ҳолат мушоҳида мегардад.

Муаллифи «Эҳсо-ул-улум» мекӯшад методологияи мушаххаси илмиро дар мисоли таҳлили муқоисавӣ роҳандозӣ намояд, ки дар ин замина шаклҳои маърифат низ мушаххас карда мешавад. Форобӣ бо таълифи ин китоб мехост маълумоти мухтасаре пешорӯйи хонанда гузорад, то ба алоқамандони илм воситаи дастрасӣ ба донишҳои илмӣ бошад. Ба ин хотир, ӯ маъмултарин улуми замонашро як-як бозгӯ намудааст ва ба онҳо таъриф дода, ҳамчун ҳакими

навовар идеяи таълифи асари энсиклопедӣ намуда, ки донишмандони гуногуни шарқиву ғарбӣ ин равишро дунбол намуда, онро такмил доданд ва Ибни Сино аз пешгомони онҳост. Дар ин асар Форобӣ равиши тадриси илми мантиқро чун илми алоҳида ва муҳим роҳандозӣ намуд ва ғояи ин илмро дарёфти маърифат ва ҳақиқат ҳисобида, онро муҳимтарин василаи дарки фалсафа унвон кард, ки дар миёни ҳакимони олами ислом назир надошт. Ӯ дар ин асар равиши омӯзиш ва истифодаи мантиқу талаботи қонуниятҳои умумии тафаккурро хуб коркард намуд, ки барои ҳакимони минбаъда чун нақшаи муҳимми роҳҳои маърифат хидмат намудааст. Ӯ мантиқро василаи умумии маърифат ва меъёри дастрасӣ ба ҳақиқат дониста аст.

Дар «Эҳсо-ул-улум» мутафаккир тавонистааст корҳои бунёдие анҷом диҳад. Ӯ мафҳуми донишро дар ин асар чун дарки ҳақиқат матраҳ намуда, онро ба қувваҳои ҳосса, мудрика ва оқила вобаста медонад. Яъне, ӯ донишро ҳамчун раванди динамикиву зинавие тасаввур мекунад, ки аз сода ба мураккаб майл дорад. Мутафаккир дар ин асар шаклҳои донишро ба ҳиссӣ, хаёлӣ, ақлонӣ, мантиқӣ, динӣ ва фалсафӣ ҷудо намуда, ҳар кадомро дар навбати худ тасниф намуда, шарҳ додаст ва банду басти мантиқии онҳоро мушаххас намудааст. Масалан, Форобӣ дониши ҳиссиро таҳлил намуда, онро ба модда вобаста медонад ва нопойдориву ҷузъӣ буданро аз мухтассоти ин шакли маърифат меҳисобад. Дониши хаёлиро Форобӣ василаи гузар аз ҳис ба ақл медонад.

Дар таснифи маърифати мантиқӣ ӯ аввалан ҳашт ҷузъи мантиқро ёд карда, онҳоро чун воситаҳо ва усулҳои маърифатӣ ба ду қисм ҷудо мекунад. Аввал, навъҳои қиёс ва гуфторе, ки «ба василаи онҳо метавон фикрро тасҳеҳ кард, ё матлаберо исбот намуд».[34, с.93] Ин бахшро мутафаккир дар навбати худ ба се қисм: мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ ҷудо мекунад. Дуюм, олоти касбиву методии мантиқро ба панҷ қисм: гуфторҳои бурҳонӣ, ҷадалӣ, суфастоӣ, хитобӣ, шеърӣ ва қиёсӣ ҷудо намуда, ба ҳар ҳар кадоме таърифи мушаххас дода, онҳоро муҳимтарин абзори маърифат номидааст. Бурҳонро

мутафаккир сухане меҳисобад, ки инсонро ба илми яқинӣ мерасонад. Дар он ҳамчун шакли маърифати мантиқӣ зидду хилоф ҷой надорад, ба ҳақиқати он шубҳае нест ва аз ин рӯ, инсон наметавонад онро қабул накунад. Муҳаққиқи араб Муҳаммад Қушайқиш дар ин маврид аз хулосаи назарияи дониши Форобӣ қайд мекунад, ки «илм...идроки яқинӣ аст».[356]

Яке аз қисматҳои фалсафаи Форобӣ, ки дар он масоили шаклҳои дониш ва илм густурдатар матраҳ мешавад, табииёт аст. Дар зиминаи таҳқиқи масоили улуми табиӣ Форобӣ ба баррасии маърифатпазирии олам низ пардохта, ба хулосае расидааст, ки ҳарчанд имкониятҳои инсон ба авомили гуногуне бастагӣ дорад ва дар бисёр ҳолатҳо ба маҳдудиятҳо мувоҷеҳ аст, аммо инсон қудрати маърифат намудани мавҷудотро дорад. Инсон тавассути ҳис ва ақли худ ба донистани олам роҳ меёбад. Яъне Форобӣ маърифати ҳиссӣ ва ақлиро чун шаклҳои маърифат пазируфтааст. Ба назари ӯ, маърифати ҳиссӣ раванди мухталифи пайдоиши сурати маърифат дар нафси инсон буда, «муртасим» (сурате, ки ба таври фаъолу огоҳона тавассути ақл дар нафси инсон шакл мегирад. – А.Б.) ва «мунтабиъ» (сурате, ки ба таври худкор дар ҳиссиёт нақш мебандад. –А.Б.) шудани сурат ва маъниҳои номаҳсуси ашё дар зеҳн тавассути дастгоҳҳои ҳис аст. [38, с.78; 40, с.87]

Форобӣ дар такя ба таълимоти Афлотуну Арасту шаклҳои маърифатро баррасӣ намуда, маърифати ҳиссиро ба воситаи эҳсоси зоҳирӣ, ки онҳоро самъ, басар, шомма, зоиқа ва мисос меномад, аз донистани араз ва сифатҳои ҷудогонаи ашё иборат медонад. Форобӣ ба ин назар аст, ки ҳар як ҳисси зоҳир фақат мавзеи худашро медонад. Самъ танҳо қувваи шунавоӣ, басар қувваи биноӣ, шомма танҳо қувваи бӯёӣ, зоиқа қувваи чашоӣ ва мисос қувваи ҳис намудан тавассути пӯст дорад, ки мустақиму бе таҳлил аст, бинобар ин онҳо сурати комил ва томи ашёро ба пуррагӣ маърифат карда наметавонанд. Аз ин рӯ, эҷоди сурати комили ашё ва донистани маъниҳои номаҳсуси онҳоро ҳавоси ботин анҷом медиҳад, ки вазифаи миёнаравиро

байни маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ анҷом медиҳад. Онро Форобӣ зинаи хаёл унвон намудааст ва шакли дигари маърифат меҳисобад. Ба қавли ӯ: «осори маҳсус дар қувваи мутахаййила боқӣ мемонад».[40, с.87] Вазифаи хаёл коркарди тасаввурот, нигоҳ доштани сурати маҳсусот дар хотира ва дубора тасвир намудани он дар зеҳн аст.

Форобӣ ҳарчанд аз намояндагони ҳамоҳангсози дину фалсафа аст, аммо миёни маърифати ин ду шакли алоҳидаи шуури ҷамъиятӣ тафовут қоил аст. Ӯ иддаои он дорад, ки маърифати динӣ тақозои дарёфти ҳақиқат дорад, аммо ба василаи рамзу рози динӣ, ки дар асоси тахайюл ҳосил мегардад. Аммо фалсафа ба бурҳон такя мекунад, ки пештар ба ин масъала расидагӣ доштем. Бо ин кор ӯ нақшаи низоми мукаммали маърифатшиносиро тарҳрезӣ намуда, усулҳои таъсир ба шуурро таҳлил намуда, шаклҳои маърифатро дар осори гуногунаш ба таври пароканда ба ҳисс, тасаввур, ақл, ҳадс ва бурҳон рабт додааст.

Дар таълимоти Ибни Сино низ масоили маърифатӣ дар таркиби мавзуъҳои дигари мантиқу фалсафа матраҳ мешавад ва ҳамчун қисмати алоҳида коркард нашудааст. Ибни Сино се шакли маърифатро аз ҳам фарқ мекунад: бадеҳӣ, зарурӣ ва назарӣ (ақлӣ). Маърифате, ки ба ягон пешфарз, ҳукм, хулосабарорӣ ниёз надорад ва бе ёрии ҳиссиёт ба вуҷуд меояд, маърифати бадеҳӣ меномад. Масалан, аз ҷониби инсон дарк кардани мавҷудияти худи худаш маърифати бадеҳист. Маърифате, ки тавассути ҳиссиёти беруна ба вуҷуд меояд, масалан, донистани он ки оташ сӯзонанда аст, маърифати зарурӣ номида мешавад. Зеро инсон тавассути хирад пас аз гирифтани маълумот аз ҳиссиёти беруна, наметавонад онро инкор кунад ё дар он шак кунад. Маърифате, ки бо ёрии шаклҳои гуногуни хулосабарориҳои ақлӣ сурат мегирад, маърифати ақлӣ номида мешавад. Намунаи ин гуна маърифат он аст, ки тамоми чизҳои дар замон бавуҷудомада, дучори тағйирот мешаванд. [93, с.179-180]

Бо такя ба осори Ибни Сино метавон гуфт, ки мутафаккир ба маърифатпазирии олам бовар дошт. Ӯ раванди маърифатро тавассути

инъикоси сурати маҳсусот дар ақл равшан кардан мехоҳад ва дар амалӣ гардидани ин ҳадаф аз мантиқ чун равиши методологияи маърифати илмии донишҳои иктисобӣ ва илм истифода мекунад.[309, с.110] Ӯ тавассути далелҳои гуногун, махсусан эҳсоси зоҳириву ботинӣ, маърифатпазирии оламро исбот намудан мехоҳад. Дар назарияи маърифати ӯ ба мафҳуми нафс таваҷҷуҳи махсус дода шуда, онро асл ва навъҳои дигари қуввaҳои инсониро фаръи нафс[9, с.461] меҳисобад. Ибни Сино ба ин бовар буд, ки ба истиснои ҷамодот ҳама мавҷудоти зинда, ҳам наботот, ҳам ҳайвоноту инсонҳо ва ҳам афлок дорои нафсанд. Мутафаккир ин масъаларо аз зовияи маърифатшиносӣ баррасӣ намуда, шаклҳои онро дар робита ба нафс матраҳ менамояд ва ҳанӯз В.В. Соколов ин нуктаро хуб дарк намуда, ба он ишорат намуда буд: «Ибни Сино масоили марбут ба нафс ва афлокро аз нигоҳи ахлоқӣ-гносеологӣ баррасӣ мекунад».[243, с.256] Дар таълимоти Ибни Сино нафси инсонӣ ҳамчун ҷавҳаре барасӣ мешавад, ки илова ба қобилиятҳои нафсҳои наботиву ҳайвонӣ, қобилияти маърифат ва фаъолияти ақлонӣ дорад. Ба масъалаи нафс дар қисмати минбаъдаи кор муфассалтар расидигӣ хоҳем кард.

Яке аз шаклҳои маърифат, ки Ибни Сино дар осори гуногунаш онро муфассал баррасӣ намуда, маърифати ҳиссӣ аст. Ба назари ӯ, зинаи ибтидоии маърифат маҳз дар заминаи ҳис ба вуҷуд меояд. Ин шакли маърифат низоми мушаххаси шинохтро пешниҳод менамояд, ки дар он ҳис, хаёл ва ақл пайдарпай амал мекунанд. Маърифати ҳиссӣ, ба назари ӯ, шинохт ба воситаи ҳисси зоҳириву ботинӣ аст. Ҳиссҳои панҷгонаи зоҳирӣ: шунавоӣ (самъ), биноӣ (басар), бӯёӣ (шамма), чашоӣ (завқ) ва басавоӣ (мисос) ва эҳсоси берунаро «панҷ ё ҳашт аъзои ҳис»[10, с. 346; 11, с. 176] меномад, ки ҳисси муштарака, мутахаййила, фикрат (тасаввур), ваҳм ва ҳофиза аст.

Ибни Сино ҳиссҳои зоҳириро механизми такмили шаклҳои маърифат меҳисобад. Дар таълимоти ӯ зинаи ибтидоии маърифати инсон ба эҳсоси ашёи моддӣ вобаста буда, дар ниҳоят ба маърифати ақлӣ ва куллӣ ба камол мерасад. Мутафаккир дар аксари масъалаҳои табиӣ

ҷонибдори Арасту аст ва дар тавсифи ҳисҳои панҷгонаи зоҳирӣ низ мавқеи ӯ бо Афлотун созгор нест ва майл ба таълимоти арастуӣ дорад. Зеро Афлотун аз назарияи шуоъ пайравӣ мекард ва ба ин назар буд, ки дар вақти мушоҳида аз чашм нур мебарояд ва бо шайъи мушоҳидашаванда бархӯрда, онро идрок мекунад. Аммо Арасту бинишро ба қобилияти пазирандагии чашм рабт медод ва муътақид буд, ки сурати ашё тавассути муҳити мусоид ба чашм интиқол меёбад ва дар он нақш мебандад. Ибни Сино назарияи баромадани нур аз чашмро қабул надошта, андешаи афлотуниро рад мекунад ва биноиро қуввае меҳисобад, ки дар асаби холӣ мураттаб шуда, сурати ашёро қабул намуда, идроки сурати чизе мекунад. Мутафаккир дар мақолаи сеюми фасли панҷуми «Китоб аш-Шифо», ки «Дар бораи ибтоли мазҳабҳои ботил дар босира» ном дорад, равшан қайд мекунад: «Биноӣ на ба он аст, ки шуоъ аз мо берун равад ва ба маҳсус расад, балки ба он аст, ки сурати ашё дар рутубати ҷалидияи чашм нақш бандад».[20, с.101-102] Яъне ӯ бинишро як раванди физиологии дохилӣ мешуморад, ки дар он асаб руҳ нақши қабулкунандаи суратро мебозанд.

Шунавоиро Ибни Сино қуввае медонад, ки дар асаб сурати чизро тавассути мавҷ ва ҳавои фишурдашуда, ки муқовимати он садоро ба вуҷуд меорад, идрок намуда, бо шакли худ онро ба лапиш оварда, он ҳаракат ба асаб бирасад ва шунида бишавад: «аммо шунидан мар овозро бувад ва овоз аз мавҷ задани ҳаво бувад ба сабаби ҷунбонидани дурушти зуд, ки ӯро уфтад, ки биҷиҳад аз миёни ду ҷисм, ки бар якдигар зананд, ҷастане сахт ба шитоби мавҷ варо».[9, с.327] Яъне Ибни Сино қувваи шунавоиро танҳо як падидаи биологӣ намеҳисобад, балки онро раванди механикӣ медонад, ки дар заминаи бархӯрди ҷисмҳо ҳаво ба ҷунбиш омада, ба пардаи гӯш ва асаб таъсир мекунад ва нафси инсонӣ онро дарк менамояд. Ӯ аввалин шуда қайд кардааст, ки агар ҳаво набошад (вакуум), садо паҳн намешавад, ки ин бо илми физикаи муосир комилан мувофиқат дорад ва яке аз кашфиёти ӯ ба ҳисоб меравад.

Бӯёиро Ибни Сино қуввае тасвир мекунад, ки ҳавои аз бӯйҳои омехта ба бухори бодӣ ва ё дар он нақшбаста бо тағйири ҳолат ҷирми

бӯйдорро идрок кунад ва ба воситаи он ҷонвар бӯйҳоро аз ҳам фарқ мекунад. Ин қувва дар ду узви баромадкунандаи пеши майнаи сар ҷойгир шуда, бӯйро тавассути ҳавое, ки бо он омехта шудааст ва онро нафас ба дарун мекашад, дарк мекунад: «бӯидан ба миёнҷии ҷисме бувад, ки бӯй пазирад ё бо бухори бӯйдор биёмезад ва ба латофати хеш бо роҳи бинӣ пеши мағз расад ба он ду пораи мағз, ки аз ҷумлаи мағз берун омадаанд чунон чун сарҳои пистон».[9, с.326] Мутафаккир раванди бӯй кашиданро низ ба ҳаво алоқаманд мекунад. Бӯйро ӯ сифати модда меҳисобад, ки ба руҳи ҳассос тавассути нафас гирифтан таъсир мерасонад. сабаби заифтар будани қувваи буёии инсон нисбат ба бисёр ҳайвонот, масалан сагро Ибни Сино дар он мебинад, ки инсон бештар ба қувваи ақл ва тафаккур такя мекунад, аз ин рӯ, маърифати ҳиссиаш камоли табииро аз даст додааст. Ба назари Ибни Сино, руҳи нафсонӣ ҷавҳари латифест, ки дар майна ҷой дошта, масъули ҳиссиёт ва ҳаракат мебошад ва маъмулан ду ҳолати ба ҳам зид дорад, ки онҳоро «инбисот» ва «инқибоз» меномад. Инбисот ҳолати кушодашавии руҳ аст, ки сабаби зоҳир шудани эҳсоси шодӣ ва лаззат мегардад ва бӯи хуш ин равандро метезонад. Инқибоз баръакси инбисот ҳолати фишурдашавӣ ва ақибнишинии руҳ ба даруни узвҳо, ки ҳангоми тарс ё эҳсоси бӯи бад ба вуҷуд меояд ва сабаби зуъфи қуввахои ҳаётӣ мегардад.

Дар таълимоти Ибни Сино муҳимтарин вазифаи қувваи чашоӣ дарёфти мазза ва фарқ кардани сифатҳои ғизоӣ мебошад. Ибни Сино чашоӣ ё зоиқаро қуввае медонад, ки ба асабҳои дар забон ва рутубати луобии дар он буда рабт дошта, маззаро муайян мекунад: «аммо чашоӣ ба сабаби он бувад, ки рутубате, ки андар забон офарида омада аст, маззаи чизро бипазирад ва андар забон ғавс кунад, то асаби забон огоҳ шавад».[9, с.327]

Мутафаккир баъди тавсифи иҷмолии қуввахои ҳоссаи шунавоӣ, биноӣ, бӯёӣ ва чашоӣ қувваи ҳискунандаи басовоӣ ё ломисаро ба чор навъи ба ҳам алоқаманд ҷудо мекунад: «Ҳосаи дигар ламс буда, дар тамоми асабҳои пӯст ва

гӯшти бадан паҳн гашта аст ва чизеро, ки ба он мерасад, дарк намуда ба воситаи чизҳои зидде, ки мизоҷ ва ҳайати таркибро истиҳола медиҳанд, таъсир мекунад. Чунин менамояд, ки ин қувва дар назди қавме навъи дигари алоҳида набуда, балки ҷинси чор қувва аст ва илова бар ин дар тамоми пӯст паҳн гаштаасту яке аз ин қувваҳо ҳокими тазодди байни гармӣ ва хушкӣ, дигаре тазодди байни тарӣ ва хушкӣ, сеюмаш тазодди байни сахту суст ва чаҳорумаш ҳокими тазодди миёни нармӣ ва дуруштӣ аст. Азбаски ҳамаи ин қувваҳо дар як олат гирд омадаанд, чунин тасаввур мешавад, ки ҳамаи онҳо дар зот як қувваанд».[10, с.346-347] Ломиса аз диди Ибни Сино қувваест, ки дар пӯсти бадан ва гӯшту асабҳо паҳн шуда, чизе, ки ба он расад, идрок шавад: «олати вай пӯст ва гӯшт аст».[9, с.326]

Тавассути ҳиссҳои биноӣ, шунавоӣ, буёӣ, чашоӣ ва басовоӣ маърифати ҳиссӣ шакл мегирад, ки Ибни Сино онҳоро идроки ҷузъӣ ва зинаи аввалини шинохт меҳисобад. Мутафаккир бо далелҳои қотеъ исбот мекунад, ки маърифати ҳиссӣ маҳдуд ва ҷузъӣ буда, танҳо ашёи мушаххасро эҳсос мекунад, на мафҳумҳои умумиро ва ҳиссҳои зоҳирӣ «сурат»-и ашё, ба мисли ранг, овоз, бӯй ва ғайраро вақте дарк мекунанд, ки он ашё дар назди узви ҳисс ҳозир бошад. Аммо маърифати ҳиссӣ василаи гузариш аз модда ба маъно низ ҳаст, ки онро Ибни Сино марҳиларо «ҳиссҳои ботинӣ» меномад.

Қувваҳои аз дохил дарккунанда ё ҳиссҳои ботинӣ низ панҷтоанд: ҳисси муштарака, мутахаййила, фикрат (тасаввур), ваҳм ва ҳофиза. Қувваи ҳоссаи муштарака барои инъикоси сурати комили ашёст. Он дар маркази ҳиссҳои зоҳириву ботинӣ қарор дорад. Дигар қувваи мутахаййила (хаёл) аст, ки вазифаи он қувваи суратҳо ва маъниҳоеро, ки ҳисҳо донистаанд, муайян кардан буда, суратҳои дарёфтаро бо маъниҳои даркшуда мувофиқ мекунад, дар асоси суратҳои воқеӣ суратҳое меофарад, ки воқеияти реалӣ надоранд, мисли аспи паррон ва бо ёрии қувваи бахотироваранда суратҳо ва маъниҳои даркшавандаро таҷдид менамояд. Сеюм, қувваи тасаввур мебошад, ки он

сурати куллитар ва муҷаррадтари ашёест, ки дар заминаи суратҳои ҳифзшудаи эҳсос ба вуҷуд меояд. Тасаввур нисбат ба ҳисси муштарака маърифати муҷаррадтар буда, сурати ашёро аз моддаи онҳо ба таври комилтар ҷудо мекунад ва суратҳое, ки он ба вуҷуд меорад, нисбат ба суратҳое, ки ҳисси муштарака ба вуҷуд меорад, куллитар мебошад. Чаҳорум, қувваи ваҳмия номида мешавад ва он навъи олии маърифати ҳиссӣ буда, аз шинохти мафҳумҳои худ ба худ ғайримоддӣ, аммо чун араз дар моддиёт мавҷуд, ба мисли дӯстиву душманӣ иборат аст. Панҷум, қувваи ҳофиза аст ва он барои нигоҳ доштан ва ҳифз намудани маъниҳоест, ки қувваи ваҳм онҳоро дарёфт намудааст. Дар фалсафаи муосир ҳар чи тавассути ҳисҳои зоҳирӣ ҳосил мешавад, мушоҳида ва ҳар чи ба воситаи ҳисҳои ботинӣ дарёфт мегардад, вичдон мегӯянд. Ҳамаи ин ҳиссҳои зоҳириву ботиниро Ибни Сино ба асабҳо рабт медиҳад.

Қувваҳое, ки аз дохил идрок кунанд, қисме сурати чизҳои ҳисшавандаро ва баъзе маънои маҳсусотро идрок мекунанд. Яъне, қисме аз қувваҳои аз дохил идроккунанда идроки суварианд ва қисми дигар идроки маъноӣ. Дар «Ҳикмати машриқия» мутафаккир байни сурату маънӣ, ки дар заминаи малакаи ботинӣ ҳис мешавад, фарқ мегузорад: «...сурат чизест, ки онро ҳисси ботинӣ ва зоҳирӣ дар як вақт дарк мекунанд. Лекин ҳисси зоҳирӣ аввал суратро дарк намуда, сипас онро ба ҳисси ботинӣ медиҳад... Маъно чизест, ки онро нафс аз чизҳои маҳсус бе он ки онро аввал ҳисси зоҳир дарк намояд, дармеёбад».[10, с.347] Ин маъноро Ибни Сино дар «Китоб ан-наҷот» равшантар тавзеҳ медиҳад: «сурат чизест, ки онро нафси ботинӣ ва ҳисси зоҳирӣ якҷоя идрок кунанд, вале нахуст ҳисси зоҳирӣ ӯро идрок карда, пас ба нафс расонад, чун идроки барра сурати гургро, яъне шакл, ҳайат ва рангашро. Аммо онҳоро нафси ботинии барра идрок кунад, вале нахуст онҳоро ҳисси зоҳириаш дарёбад. Аммо маънӣ чизест, ки нафс аз маҳсус бидуни он ки нахуст ҳисси зоҳирӣ онро дарк кунад дарёбад, чун идроки барра маънои душмании гургро. Ва он маъноест, ки баррароба тарс водор кунад ва гурезонад, бидуни

он ки ҳис онро, албатта, дарёбад. Он чӣ аз гург аввал бо ёрии ҳис, сипас бо ёрии қувваҳои ботинӣ идрок шавад, сурат бувад ва он чи ки қувваҳои ботинӣ бе тавассути ҳис идрок кунанд, маънӣ бувад.

Аз иқтибосҳои боло илова ба моҳияти шинохти қувваҳои мудрака, метавон ба дурустии ишораи Ибни Сино дар муқаддимаи мантиқи асари «Ҳикмати машриқия»-аш ҳадс зад, ки ӯ «Китоб аш-шифо»-ро барои оммаи васеи хонандагон, аммо «Ҳикмати машриқия»-ро барои ҳакимони огоҳ таълиф намудааст: «Мо ин китобро на танҳо барои худамон, балки барои касоне, ки дар мақому мартабаи мо мебошанд, гирд овардаем. Аммо таҳқиқоти худро барои омма, дар ин ҷода, дар «Китоб аш-шифо» бисёр ва бештар аз эҳтиёҷи онҳо овардаем».[10, с.61]

Равиши Ибни Сино дар бораи моҳияти маърифат ва шаклҳои он бо таълимоти Пифагору Афлотун зид аст.[139, с.243] Зеро аз низоми фалсафии Ибни Сино бармеояд, ки маърифатро чун ба ёд овардан набояд фаҳмид, ки дар назарияи тазаккури Афлотун ҳаст. Ҳамзамон, ба назари пайравони Пифагор ва дар назарияи тазаккури Афлотун нафс азалӣ арзёбӣ мегардад ва пеш аз бадан будааст, вале Ибни Сино нафсро ҳодис меҳисобад. Ӯ дар «Китоб ан-наҷот» фасли алоҳидае «Андар исботи ҳудуси нафс» дорад ва дар ин мабҳас қайд мекунад, ки «муҳол бошад, ки [нафс] пеш аз бадан мавҷуд гардад... Нафс бо ҳудуси бадане ҳодис гардад, ки барои истеъмоли он муносиб аст».[11, с.202] Пеш аз бадан нафсро мутафаккир моҳияти муҷаррад меҳисобад, ки касратпазир нест. Пас, маълум мешавад, ки дар ин масъала Ибни Сино аз Арасту пайравӣ мекунад ва шадидан ба назарияи тазаккури Афлотун мухолифат намуда, нафсро қабл аз бадан дорои маърифате намеҳисобад, ки баъдан дар шароити муайян аз он ёдоварӣ кунад. Ин назари Ибни Сино бо андешаҳои намояндагони ирфони исломӣ низ зиддият дорад.

Дар ин замина Ибни Сино назарияи таҷридашро коркард менамояд, ки мувофиқи он маърифат дар кадом шакле набошад, аз роҳи таҷриди сурат аз модда ҳосил мешавад. Мартабаҳои таҷридро Ибни Сино аз қувваҳои ҳиссия,

хаёл, мусаввира, ваҳмия, ҳофиза, ақл ва ғайра иборат дониста, онҳоро ҳамчун ҳавоси ботинӣ тавсиф менамояд. Мутафаккир миёни идроки ҳис, тахайюл, ваҳм ва идроки ақл фарқ қоил аст. Ӯ ҳисро қуввае медонад, ки суратро аз модда бо ҳамроҳии лавоҳику нисбатҳое, ки дорад, ба андозае таҷрид мекунад. Яъне, ҳис суратро ба таври комил аз модда муҷаррад намекунад ва ба модда ниёз дорад, зеро дар сурати аз байн рафтани модда сурат низ нобуд мегардад.

Аммо хаёл сурати аз модда таҷридшударо бештар таҷрид кунад ва он бо гирифтани сурат аз модда, тавре анҷом ёбад, ки вуҷуди сурат дар он ба вуҷуди модда эҳтиёҷ надорад. Зеро агар модда ғоиб ё ботил гардад, вуҷуди сурат дар хаёл собит монад, вале аз лавоҳиқи моддӣ муҷаррад набошад. [11, с.187] Барои он ки хаёл фақат чизҳои маҳсусро тахайюл мекунад.

Ваҳм дар таҷрид аз ҳис ва хаёл таҷридитар аст ва маъноеро ифода кунад, ки ба зоти худ моддӣ нест. Вай навъи олии идроки ҳиссӣ буда, аз идроки мафҳумҳои худ ба худ ғайримоддӣ, аммо аразан мавҷуд иборат аст. Агар маънӣ, филмасал, дар модда бошад, зеро ранг, вазъ, шакл ва дигар умуре ҳастанд, ки танҳо дар маводи ҷисмонӣ вуҷуд доранд, боз худ ба худ моддӣ нестанд ва агар моддӣ бошанд, ин амр бар онҳо ориз гардад. Пас, ваҳм бо иштироки хаёл идроки умури ғайримоддӣ кунад ва аз модда онро бигирад. Масалан, инсон ба бисёриҳо гуфта мешавад, ки он табиати ягона гирифта, аз тамоми андоза, сифат ва макону вазъ дур карда шавад ва баъди таҷридаш аз онҳо дуруст аст, ки ба як ҷинси мушаххаси ҷондорон гуфта шавад.

Аз осори Ибни Сино бармеояд, ки баҳси нафси нотиқаро ӯ чун муҳимтарин масоили маърифатшиносӣ матраҳ намуда, онро дорои ду қувва: яке, қуваи омила ва дигар олима медонад. Дар истилоҳоти фалсафии Ибни Сино қуваи омила бо ақли амалӣ ва қуваи олима бо ақли назарӣ муродифанд: «Қувваи олима, ки онро қувваи олимаи назарӣ мехонанд, қуввааст, ки хосият дорад суратҳои куллии аз модда муҷаррад дар вай интибоъ ёбанд».[10, с.350] Ин қуваҳоро Ибни Сино ҳамзамон бо ақл муродиф арзёбӣ намуда, қайд мекунад: «ҳар яки онҳоро (қуввахои омила ва олима. –А.Б.) бо иштироки исм

ё аз ҷиҳати шабоҳат доштан «ақл» гӯянд».[10, с.348] Ин қувваҳо низ дар таълимоти фалсафии мутафаккир яке муҳимтарин шаклҳои маърифат ба ҳисоб меравад.

Ибни Сино маърифати ақлиро махсуси инсон медонад, ки дар заминаи қобилияти ӯ ба вуҷуд омадааст ва онро ба забон рабт медиҳад. Ӯ бо истифода аз мантиқ маърифати ақлиро дар шакли лафз ва қазия баррасӣ мекунад. Муҳаққиқи тоҷик М. Диноршоев дар заминаи ташхиси андешаҳои мантиқиву фалсафии Ибни Сино ин нуктаро дарк намуда, қайд менамояд, ки «моро ба ин хулоса (маърифати ақлӣ дар шакли лафз ва қазия сурат мегирад. –А.Б.) таҳлили мушаххаси назарияи таҷриди Ибни Сино, андешаҳои бешумори ӯ дар бораи лафз (тасаввур), мақулаҳо, умури куллӣ ва муносибати онҳо бо воқеияти айнӣ овардааст».[116, с.495]

Ибни Сино кӯшиши зиёде намудааст, то масъалаи таносуби маърифати ҳиссию ақлиро бо далелҳои муҳкам баррасӣ кунад. Ба назари ӯ, дар корҳо ҳис ба нафси нотиқа мадад мерасонад. Аз ҷумлаи кӯмакҳои он яке ин аст, ки он чиро ин қувва аз ҷузъиёт ҳис кардаанд, бар он ворид мекунад. Касе ҳис мекунад, маъноях ин нест, ки ӯ тааққул, тахайюл, гумону эътиқод мекунад ё мебинад. Пас, дар инсон ҳокими ҳиссӣ, тахайюлӣ, ваҳмӣ, назарӣ ва амалӣ мавҷуд аст. [10, с.404]

Мутафаккир дар масъалаи идрок баҳсҳои доманадоре дорад. Дар ин масъала низ ӯ аслан ба Арасту такя мекунад ва идрокро ғайрииктисобӣ, иктисобӣ ва ҳадсӣ медонад. Идроки ғайрииктисобӣ ба таъриф, қиёс, расм, мушоҳада ва бурҳон ниёз надорад ва онро мардум худ ба худ қабул мекунанд. Аммо он ба таври куллӣ ба раванди зинаҳои маърифатие бастагӣ дорад, ки қаблан касб шудааст. Идроки иктисобӣ ба хилофи идроки ғайрииктисобӣ ба ҳад, қиёс, расм, мушоҳада ва бурҳон ниёзманд буда, дар заминаи донишҳои пешина ба вуҷуд меояд. Ӯ идрок ба феъл ва идрок ба ғайри феълро мушаххас аз ҳам ҷудо мекунад. Идрок ба феъл он аст, ки баъзе қувваҳои ботинӣ чунин хосият доранд, ки баъзе сурат ва маъноҳои мудракро бо баъзеи дигар якҷо

ҷамъ кунанд ё ҷудо созанд. Аммо дар идроки ғайри феъл сурат ё маънӣ танҳо дар чизе, бе он ки дар он тасарруфе кунад, нақш мебандад. Идрок ба феъл як навъ ҳосилшавии сурат дар худи чиз ва идрок ба ғайри феъл ҳосилшавии сурат ба воситаи чизи дигар аст. [11, с.179]

Ҳамзамон Ибни Сино маърифати ғайрифаъол ва фаъолро аз ҳам фарқ мекунад. Маърифате, ки дар натиҷаи таъсири ашёи воқеияти беруна ба узвҳои ҳисс ба вуҷуд меояд, ғайрифаъол меномад. Масалан, дарки сурати осмон маърифати ғайрифаъол аст. Маърифате, ки дар ҳамон лаҳза бе ҳеҷ гуна таъсири мустақими беруна ба вуҷуд меояд, маърифати фаъол номида мешавад. Масалан, инсон сурати чизеро тасаввур карда, сипас онро дар ҳаёт таҷассум менамояд. Бинобар ин, Ибни Сино таҳти мафҳуми маърифати фаъол хаёли эҷодкоронаро (тахайюлро) дар назар дорад. [93, с.180]

Ба андешаи Ибни Сино, омӯхтан воситаҳои гуногуне дорад. Иддае аз одамон дорои истеъдоди қавии омӯзишанд ва «ҳар гоҳ ин инсон баҳри такмили чизи байни худ ва байни нафси худ буда омода бошад, ин истеъдоди қавӣ ҳадс номида шавад».[11, с.184] Дар назарияи маърифати Ибни Сино ҳадс чун қобилияти идрок ва чун навъи маърифат таҳлилу баррасӣ мешавад. Ҳадс чун қобилияти идрок ва маърифат истеъдодест, ки дар заминаи ақли фаъол инкишоф меёбад. Ин истеъдод барои ҳамаи инсоният яксон нест. Дар баъзе, албатта ақалият, он ба ҳадде қавист, ки бе таълим низ ба моҳияти масоили зиёде сарфаҳм мераванд. Ибни Сино ин ҳолатро мансуб ба ақли ҳаюлонӣ медонад ва баландтарин дараҷаи истеъдод ҳисобида, таъкид мекунад, ки «ин ҳолати ақли ҳаюлонӣ бояд ақли қудсӣ номида шавад, ки он ҷинси ақли ба малака бувад. Лек ақли қудсиро мақомаш хеле баланд бошад ва дар он тамоми мардум иштирок накунанд».[11, с.184] Аз ин ибороти Ибни Сино бармеояд, ки ақли қудсӣ ҳолате аз ҳолатҳои инсон аст ва он болотар аз иқтидори инсон нест, истеъдоди олии маърифатии ӯст, ки дар заминаи хостаҳову пайгириҳои пайваста ва ақли билмалака инкишоф меёбад.

Мутафаккир ҳадсро ба маънои дуюм, яъне чун навъи маърифат шакли олии маърифати ақлӣ меҳисобад. Дар ин фаҳмиш «ҳадс феъли зеҳн аст, ки ба зоти худ ҳадди авсатро тасдиқ кунад. Зако бошад, қувваи ҳадс аст. Гоҳ ҳадди авсат бо роҳи таълим ва мабдаъҳои таълими ҳадс ҳосил гардад».[11, с.184]

Дар «Ишорот ва танбаҳот» низ Ибни Сино тафовути ҳадсу фикрат (тасаввур)-ро нишон дода, чунин қайдҳо намудааст: «ҳадс он бувад, ки ба як бор ҳадди авсат дар зеҳн ҳосил ояд ва бошад, ки орзу ва шавқ мар он чизро буда бошад».[9, с.451] Яъне, Ибни Сино ҳадсро ба одамоне нисбат медиҳад, ки қувваи маърифатии онҳо қавӣ аст. Ӯ муътақид аст, ки одамон дар қуввати ҳадс ва фикр баробар нестанд. Баъзе ба ҳадде кундфаҳманд, ки фикр кардан дар масъалае ба онҳо фоида намедиҳад. Як гурӯҳи одамон фитнати камтаре доранд ва эшонро аз фикр кардан ҳосилу натиҷае бошад. Гурӯҳи камтаре ҳастанд, ки ин қувва дар онҳо қивитар бошад ва раванди маърифати маъқулот дар онҳо ҳадс аст. Қувваи ҳадс дар ин тоифа мардум яксон набуда, дар баъзе кам ва барои иддае бештар аст. Дар онҳое, ки қувваи ҳадс бештар аст, эшон аксар вақт аз омӯхтани чизҳо ва фикр кардан мустағнианд ва ба назар мерасад, ки онҳо аз худ чизҳо бидонанд.

Ибни Сино тахмин мекунад, ки феълҳои мансуб ба руҳи қудсӣ аз баски мартабаву шаъни олӣ доранд, бар қувваи мутахаййила низ файз мегарданд. Қувваи мутахаййила онҳоро тавассути ибораҳои фасеҳу муассир ифода мекунад. Дониши ҳадсӣ баъзан бефикру андеша ба вуҷуд меояд ва маърифати ғайритаҷрибӣ буда, зоҳиран бе таълиму омӯзиши муайян сурат мегирад. Аммо Ибни Сино мутмаин аст ва дуруст ҳам мегӯяд, ки маърифат кардан, ҳатто ба одамони ҳадси қавидошта низ танҳо тавассути заҳмати фикрӣ, ки ба малака табдил ёфтааст, муяссар мегардад.

Заминаи асосии маърифати таҷрибиро Ибни Сино дониши ғайритаҷрибӣ медонист. Аз ин равиши таҳқиқи Ибни Сино бармеояд, ки ӯ масъалаи дониши таҷрибӣ ва ғайритаҷрибиро бо масъалаи ҳадс,

алоқаманд менамояд ва ҳадсро яке аз роҳҳои иктисоби илмҳо аз ҷониби нафси нотиқа медонад. Ӯ муайян намуда буд, ки маърифати ҳадсӣ бадеҳӣ, якбора ва ақлонист. Дар ин мавзуъ қобилияти эҷодкории мутафаккирро Мӯсо Диноршоев махсус қайд менамояд: «Ибни Сино аз эҷодкорони назарияи ақлонии ҳадс аст».[116, с.500]

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки бештари масоили назарияи маърифати матраҳнамудаи Ибни Сино, ба мисли моҳияти маърифат, маърифат чун инъикос, маърифати ҳиссиву ақлӣ, ҳадс ва ғ. дар қисмати табииёти осори ӯ баррасӣ гардидаанд. Мутафаккир ба маърифатпазирии олам бовар дошта, дар ин мабҳас ба мафҳуми нафс таваҷҷуҳи махсус медиҳад ва навъҳои дигари қувваҳои инсониро фаръи нафс меҳисобад. Ӯ нафсро сарчашмаи ҳаёт номида, онро нисбати инсон, ҳайвон ва набот исми муштарак меҳисобад. Дар раванди таҳлили масоили маърифатӣ Ибни Сино назарияи таҷридашро коркард менамояд, ки мувофиқи он маърифат аз роҳи таҷриди сурат аз модда ҳосил мешавад. Мартабаҳои таҷридро Ибни Сино аз қувваҳои ҳиссия, хаёл, мусаввира, ваҳмия, ҳофиза, ақл ва ғайра иборат медонад. Ақл дар маърифатшиносии мутафаккир баландтарин зинаи таҷрид аст ва хоси инсон мебошад. Ибни Сино бо истифода аз усули ақлгароёна кӯшиш менамояд, ки моҳияти маърифати ақлӣ ва омилҳои ташаккули онро таҳлил намояд. Дар ин росто ӯ барои ошкор сохтани фаъолияти инсон ва қонунмандиҳои табиату ҷамъият кофӣ набудани маърифати ҳиссиро дарк намуда, такя намудан ба маърифати ақлиро роҳи дурусти дарёфти ҳақиқати матлуб меҳисобад.

Ибни Сино маърифати ғайрифаъол ва фаъолро аз ҳам фарқ мекунад. Маърифате, ки дар натиҷаи таъсири ашёи воқеияти беруна ба узвҳои ҳисс ба вуҷуд меояд, ғайрифаъол меномад. Масалан, дарки сурати осмон маърифати ғайрифаъол аст. Маърифате, ки дар ҳамон лаҳза бе ҳеҷ гуна таъсири мустақими беруна ба вуҷуд меояд, маърифати фаъол номида мешавад. Масалан, инсон сурати чизеро тасаввур карда, сипас онро дар ҳаёт таҷассум менамояд. Бинобар ин, Ибни Сино таҳти мафҳуми

маърифати фаъол хаёли эҷодкоронаро (тахайюлро) дар назар дорад. [93, с.180]

Хулоса, Форобӣ ва Ибни Сино маърифатро ҳамчун раванди тадриҷии шинохти табиату инсон меҳисобанд, ки аз ҳисс оғоз мешавад ва дар марҳилаи донишҳои ақлонӣ такмил меёбад. Ҳар ду мутафаккир маърифатро муқаддамотӣ ба таври умум ба ҳиссӣ ва ақлӣ ҷудо мекунанд, аммо дар таълимоти онҳо тафовутҳо низ, ҳарчанд ҷузъиянд, мушоҳида мешавад, ки ба раванди ташаккулёбии маърифат ва дараҷаи таҳлили он рабт дорад. Форобӣ раванди маърифатро ба ҳисс, тасаввур, ақл, ҳадс ва бурҳон рабт дода, ҳар кадоми онҳоро шакли алоҳидаи маърифат ҳисобад ҳам, Ибни Сино ин шаклҳоро ба таври муфассал таҳлил намуда, нақши ҳар кадоми онҳоро равшантар бозгӯ менамояд ва дар ин замина таснифоти шаклҳои дигаре, амсоли бадеҳӣ, зарурӣ ва назарӣ (ақлӣ)-ро матраҳ мекунад ва қуввaҳои ҳиссро хеле возеҳу густурда баён мекунад.

Форобӣ асосан ба масоили маърифатӣ аз дидгоҳи фалсафаву мантиқ таваҷҷуҳ намуда, ҷанбаи назарии онро таҳлил намудааст, Ибни Сино бошад бо такя ба таҷриба ҷанбаҳои равониву физиологии онро шарҳу баён мекунад. Аз ин рӯ, дар таснифоти Ибни Сино маърифати фаъол ва ғайрифаъол низ чойгоҳи хос дорад. Ҳамзамон Форобӣ асоси такомули маърифатро ба Ақли фаъол нисбат медиҳад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба замми он қобилияти ҳадсро низ тавсиф намуда, онро чун қобилияти идрок ва чун навъи маърифат таҳлилу баррасӣ намудааст.

3.3 Масъалаи нафс ва имконоти маърифатии он дар таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино

Таълимот дар бораи нафс (равоншиносӣ) ҳанӯз дар фалсафаи бостонӣ мавриди баҳси ҳакимони зиёде қарор гирифта буд. Махсусан, Арасту ин масъаларо хеле муфассал баррасӣ намуда буд ва Форобиву Ибни Сино, асосан, таҳти таъсири андешаҳои ӯ ба баррасии ин масоил пардохтаанд ва дар он тағйироти чашмрас ворид намуданд. Дар асрҳои

миёна ин масъала, ки паҳлӯҳои бисёре дорад, баҳсҳои тезу тундеро ба вуҷуд оварда, таваҷҷуҳи қариб тамоми ҳакимони ин даврaро ба худ ҷалб намуда буд. Дар таълимоти фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино низ ба масъалаи нафс таваҷҷуҳи хос дода шудааст. Онҳо асарҳои хурду бузурге дар ин мавзуъ навиштаанд, ки ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ доданашонро тасдиқ мекунад. Баҳси нафс шомили мавзуъҳои мухталифи фалсафӣ, аз қабили фалсафаи уло, ахлоқ, ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ мебошад, аммо дар таълимоти фалсафии мутафаккирони мавриди назари мо ҷанбаи маърифатии он назаррастар аст, аз ин рӯ, мо ин масъаларо дар қисмати маърифатшиносӣ баррасӣ менамоем. Ин нуктаро муҳаққиқи тоҷик Шаҳобиддинов Н. дуруст қайд мекунад: «Нафс дар фалсафаи Сино як масъалаи сирф маърифатӣ ва эпистемологӣ мебошад, ки сарчашмаи метафизикӣ дорад».[295, с.148]

Форобиву Ибни Сино дар баҳси мавриди назар кӯшидаанд масоили умдаи моҳият, табиат ва ҳастии инсон, умуман ва олами ботиниву равонии ӯро, хусусан, кашф кунанд. Ин ҷанбаи таълимоти Форобиву Ибни Сино танҳо ба сатҳи бошууронаи равони инсон нигаронида нашудааст, балки ба мисли равоншиносии муосир равандҳои психикӣ, рафтору кирдор, масоили таҳтушшуурӣ, бешуурӣ, ҳадс, хоббинӣ, ғаризаҳои дигари психикӣ ва ҳолатҳои мухталифи руҳии фардиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аз ин рӯ, баъзе муҳаққиқон ба ин назаранд, ки «Форобӣ поягузори психологияи исломист».[148, с.45]

Чи тавре ишора шуд, андешаҳои Арасту дар масъалаи нафс муҳимтарин сарчашмаи назариёти Форобӣ ва Ибни Сино маҳсуб мешаванд. Ҳамзамон китоби «Дар бораи нафс»-и Арасту яке аз муҳимтарин маъхазҳоест, ки Форобӣ ва Ибни Сино дар ин масъала ба он такя намудаанд. Ин китобро Исҳоқ Ибни Ҳунайн ба арабӣ тарҷума намуда буд ва дар ҷаҳони ислом дар миёни донишмандон шуҳрати хос дошт. Форобӣ ва Ибни Сино назарияҳои дар ин асар ироанамудаи Арастуро такмил дода, ба низоми

муайян дароварданд ва бо афкори нав музайян намуда, ба муҳити иҷтимоии худ созгор сохтанд, ки ифодакунандаи ҷойгоҳи онҳо дар рушди ин таълимот аст.

Нафс, ба назари Арасту, сарчашмаи ҳаёти ҷисм аст, аз он ҷудо нест, шакли бадан аст, аммо аз ҷисм фарқ дорад. Нафсу тан комилан аз ҳам ҷудо нестанд ва миёни онҳо робитаи ногусастанист, зеро нафс сурату феълияти бадан ва бадан моддаи нафс аст. Вақте Арасту нафсро сурати бадани моддӣ медонад, пас сурати моддӣ бояд моддӣ бошад, аммо ӯ худ таъкид мекунад, ки «Нафс ҷисм нест, балки шакли ҷисм аст».[66, с.373]

Ба назари Арасту, мавҷудот аз модда ва сурат таркиб ёфтаанд ва ҷисм аз модда таркиб ёфта, нафс шакли зиндаи он аст. Ӯ нафсро аз ҷумлаи моддиёт наҳисобад ҳам, аз ҷисм ҷудо тасаввур намекунад ва онро зинаи ибтидоии камоли ҷисми зинда медонад. Ӯ ба ин назар аст, ки «ҳар ҷисми табиӣ, ки аз ҳаёт баҳра дорад, ҷавҳар аст».[61, с.76] Арасту муътақид аст, ки ҷисму нафс аз ҳам фарқ доранд ва нафс дар навбати худ ҷавҳар аст. Ҷавҳар будани нафсро Арасту чунин шарҳ медиҳад, ки он сурат барои ҷисми табиӣ аст. Аммо ҷавҳари суварӣ камол аст. Бинобар ин нафс камол аст барои ҷисме, ки дорои ҳаёти билқувва аст ва Арасту дар ин маврид таъкид мекунад, ки ҷисми ҷондорро бо худи ҳаёт, ки ҳамон нафс аст, иштибоҳ набояд кард.[61, с.77] Арасту робитаи нафсу танро пайванди табиӣ меҳисобад, ки дар миёни онҳо таркиби иттиҳодӣ ҳаст. Дар ин асос таъсири мутақобилаи нафсу тан ва иттиҳоди онҳо ба сурати табииро шарҳ додан мумкин аст.

Арасту анвои гуногуни нафс ва мартабаҳои онро вобаста ба ҷисмҳои ҷондор нишон медиҳад. Ӯ нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва инсониро аз ҳам фарқ мекунад. Нафси наботиро поинтарин мартабаи нафс меҳисобад, ки қувваҳои инкишоф ва тавлиди мислро дорост. Нафси ҳайвонӣ дар мартабаи болотар аз нафси наботӣ қарор дорад, зеро бар иловаи қувваҳои мазкур қудрати идроки ҳиссӣ, майлу хоҳиш ва аз ҷойе ба ҷойи дигар интиқол ёфтан дорад. Нафси инсонӣ дар зинаи бартар қарор дошта, ба

замми қуввахои нафсҳои наботиву ҳайвонӣ аз ақл бархӯрдор аст. Ақл қувваест, ки тавонмандии дарки ашёро дорад ва онро Арасту дар навбати худ ба амаливу назарӣ ҷудо мекунад. Вазифаи ақли амалӣ дарки ҳақиқат барои расидан ба ғаразҳову мақсадҳои амалӣ ва ақли назарӣ дарки ҳақиқат барои худи ҳақиқат аст. Мувофиқи таълимоти Арасту, ба ғайр аз ақл дигар қуввахои нафсҳо бо нобуд шудани ҷисм аз байн мераванд. Зеро ақл аз ҷумлаи муҷаррадот аст ва он фанопазир нест. Дар масъалаи ақл ва нафси инсониро ҷавҳари муҷаррад донистан, таълимоти Арасту аз тафаккури Афлотун реша гирифтааст.[230, с.32]

Дар осори Форобӣ паҳлӯҳои гуногуни масъалаи нафс баррасӣ гардида бошанд ҳам, ӯ бештар ба қисмати нафси нотиқа таваҷҷуҳ кардааст ва онро ба гунаи Арасту тавсиф мекунад. Яъне камоли аввали ҷисми табиии олии билқувваи ҷондор. Аммо тафовут аз назариёти арастуӣ дар ин мавзуъ ҳам назаррас аст. Яке аз ихтилофоте, ки миёни Форобиву Арасту дар ин масъала ҳаст, ин аст, ки Муаллими аввал бар асоси назарияаш, ки ёд кардем, дар заминаи иртиботи нафсу тан ва таркиби иттиҳодии онҳо ҳақиқату ҳуввияти инсонро дар якҷоягии нафсу тан мебинад. Ба назари Арасту, нафс бе тан наметавонад ифодакунандаи ҳақиқати инсон бошад ва онҳо ҳам аз нигоҳи ҳастишиносӣ ва ҳам аз ҷиҳати маърифатшиносӣ аз ҳам ҷудонопазир буда, дар якҷоягӣ ҳақиқати инсонро ташкил медиҳанд. Ба қавли худи ӯ, «Агар бихоҳем таърифи куллӣ, ки мунтабиқ бар тамоми анвои нафс бошад, бидиҳем, бояд бигӯем, ки нафс камоли аввал барои ҷисми табиии олӣ аст ва аз ҳамин рӯст, ки мавриде барои баҳс, роҷеъ ба ин ки нафсу бадан як чиз аст, намемонад».[61, с.79]

Ба назари Форобӣ, нафси нотиқа сурати қувваи мутахаййила ва сурати тан аст. Аз ин рӯ, пеш аз ҷисм вуҷуд надорад ва таъкид менамояд, ки «Нафс мумкин нест пеш аз пайдоиши бадан мавҷуд бошад».[35, с.130] Форобӣ муътақид аст, ки нафс аз тане ба тани дигар интиқол намеёбад. Ӯ дар «Таълиқот» қайд мекунад, ки «Нафси инсонӣ ҳарчанд қоим ба хеш аст,

аммо наметавонад аз бадане ба бадани дигар интиқол ёбад, зеро ҳар нафс ба бадане хос аст».[35, с.179] Ба масъалаи таносух баъдтар бармегардем, аммо табиати нафсро ин ҷо, аз назари Форобӣ равшан менамоем. Форобӣ ба ин бовар аст, ки ҷисм шарти ҳатмии пайдо шудани нафс аст. Вале барои бақои нафс ҷисм шарт нест.

Дар таълимоти Форобӣ нафс танҳо хоси одамӣ нест, балки он дорои мартабаҳо буда, наботот, ҳайвонот, ҷирмҳои осмонӣ ва афлок низ дорои нафсанд. Ин назарёти ӯ бо таълимоти фалсафии Юнони бостон, махсусан Арасту, айният дорад. Нафсҳои осмонӣ шарифтар ва комилтар аз нуфуси ҳайвониву наботианд ва ҳамаи анвои нафс билфеъланд, на билқувва. Нафсҳои моддӣ сурати моддианд, аммо нафси инсонӣ сурати моддӣ нест, зеро нақше дар вуҷуди модда надорад. Он аз олами боло меояд, яъне аз Ақли фаъол, ки бавуҷуварандаи суратҳост, файз мешавад. Ин дар ҳолест, ки ҷисм омодаи пазируфтани он бошад. Форобӣ қайд менамояд, ки тамоми гиёҳҳо ва анвои ҳайвонот дорои нафсеанд, ки сурати он навъ мебошад. Аз ҳамон нафс қувваҳое ба вуҷуд меояд, ки он навъро бо абзорҳо, ки онҳоро ба кор мегирад, ба камоли хеш мерасонад. Яъне камол аз хосиятҳои ҷудонопазири нафс аст, аз ин рӯ, Ибни Сино дар ин асос ба нафс таъриф додан хостааст, ки ба ин масъала баъдан расидагӣ хоҳем кард.

Нафси инсониро бошад, Форобӣ аз ҷумлаи муҷаррадот меҳисобад, ба вай вижагии хос қоил буда, имтиёзи ӯро ба ақл рабт медиҳад. Мутафаккир вазифаи аслии нафси нотиқаро маърифати моҳияти ашё меҳисобад. Ҳарчанд масъалаи нафс аксар дар ҳастишиносии Форобӣ матраҳ мешавад, аммо хусусиятҳои маърифатии он, махсусан дар нафси нотиқа бештар аст. Ин масъаларо дар «Боварҳои қалбӣ» Форобӣ чунин шарҳ додааст: «Аз байни анвои ҳайвонӣ инсон вижагии хосе дорад. Ба ин баён, ки ӯ нафсе дорад, ки ҳам қувваҳое аз он барангехта мешаванд, ки афъолашонро бо абзорҳои ҷисмонӣ анҷом медиҳанд ва ҳам қувваҳое, ки бидуни абзори

ҷисмонӣ афъолашро анҷом медиҳад ва ин қувва ҳамон ақл аст».[35, с.129] Яъне имтиёзи нафси нотиқа аз дигар анвои нуфус дар доштани қувваи ақл буда, ҷанбаи маърифатиаш бештар аст.

Муҷаррад будани нафсро Форобӣ дар рисолаи «Исботи мавҷудоти муҷаррад» бо чаҳор бурҳон исбот кардан мехоҳад. Аввал, нафс аз маъқулоти куллӣ, ки маонии муҷарраданд, огоҳӣ меёбад, ба мисли идроки сафедии як чизи сафед. Ҳар чизе, ки дарк мешавад, дар дарккунандае ҳосил мегардад. Ҳар чизе, ки дар ҷисм ҳосил шавад, хусусиёти зотии ҷисм, ба мисли дорои макону замони хос будан ва дар натиҷа ҷузъӣ будан дошта, дар он ҳам таъсир намуда, аз худ дарак медиҳад ва соҳиби шаклу вазъу андозаву амсоли инҳо мегардад. Дар ин асос, агар нафс ҷисмонӣ мебуд ва маъқуле дар ҷисм ҳосил мешуд, албатта, миқдор, шакл ва вазъе пайдо мекард. Ҳол он ки чунин нест, пас нафс моддӣ нест.

Дуюм, Форобӣ муътақид аст, ки нафс зоти худашро дарк мекунад. Он агар мисли ҷисмҳо дар абзору олате вуҷуд медошт, наметавонист зоти худро дарк кунад. Ҳар чизе, ки вуҷудаш дар олату абзор бошад, зоташ барои ғайр хоҳад буд, ҳол он ки он чи худогоҳ аст, зоташ барои хеш мавҷуд аст. Аз ин рӯ, нафс, ки мавҷуди худогоҳ аст, наметавонад идрокаш ба воситаи абзори моддӣ бошад, пас муҷаррад аст.

Сеюм, нафс дар як они воҳид зидҳоро, ба мисли сиёҳиву сафедӣ ва гармиву сардӣ, бо ҳам идрок мекунад. Муҳол аст, ки дар модда чунин кор пеш ояд.

Чаҳорум, ақли башарӣ гоҳо пас аз пирӣ қудрати бештар пайдо мекунад, агар моддӣ мебуд, кор бояд баръакс мешуд. Пас нафси нотиқа ҷисмонӣ набуда, муҷаррад аз модда аст. Вақте он аз ҷумлаи муҷаррадот бошад, пас бо фосид шудани ҷисм, ҳарчанд он дар пайдоишаш нақш дошт, аз байн намеравад.[35, с.139-140]

Форобӣ аз ин бурҳонҳо ба хулосае омадааст, ки нафсҳои нотиқа муҷарраданд ва сабабҳои онҳо низ муҷаррад аст, зеро ҷисм дар рутбаи

вуҷудӣ аз муҷаррадот охиртар аст. Агар сурати ҷисмӣ сабаби вуҷуди муҷарраде мебуд, мебоист рутбаи болотар ва комилтар аз хешро содир мекард. Дар ин сурат лозим меомад, ки нафси инсонӣ сабабе надошта бошад. Ҳамзамон сурати ҷисмонӣ наметавонад вуҷуде комилтар аз вуҷуди хешро ифода кунад.

Аз исботи нафси нотиқа, ки Форобӣ дар рисолаи «Исботи мавҷудоти муҷаррад»-аш мекунад, маълум мегардад, ки ӯ бо бурҳонҳои мухталифе, ки дар фалсафаи атиқа маъмул буд, хуб ошно будааст ва аз онҳо моҳирона истифода намуда, иловаҳои ҷолибе низ дорад. Масалан, ӯ ба амали инсон бо диди файласуфони атиқа, ки онро ба ҷисм рабт медоданд, наменигарад ва ба хулосае омадааст, ки «аз аҷсоми инсонӣ афъоле содир мешавад, ки аз дигар аҷсом бар намеояд. Пас ин гуна афъол ношӣ аз ҷисм будан нест. Зеро ҷисми мутлақ вуҷуд надорад (ва ҳамвора дар қолабе аз худ дарак медиҳад). Пас ин амр, ки масдари чунон афъолест, муқаввими (қисми зотӣ ва зарурии таърифи ашё, ки бе он ҳамон чиз аз худ дарак дода наметавонад. –А.Б.) инсоният ва санахи (ҷинс ё навъ. –А.Б.) ҷавҳар аст. Ва наҳваи таҳаққуқи аҷсоми инсонӣ монанди наҳваи ташкили маъҷуне аз чанд амри моддӣ низ нест, чи агар ин аҷсом хусусиёте монанди рушд, тағзия, идрок, ҳаракат ва ғ. доранд, аз ноҳияи ҳамон нафс аст, на ҷисм».[35, с.129]

Чи тавре пештар ишора намудем, дар масъалаи ин, ки нафсҳо қабл аз бадан вуҷуд доштанд ва онҳо дар сурати пайдо намудани тани мусоид ба онҳо пайваст мешаванд ё онҳо дар ҳоли ёфтани ҷисми мусоид ҳодис мешаванд, файласуфони пеш аз Форобӣ назари ягона надоштанд. Масалан, Афлотун ҷонибдори азалияти нафс буда, ба назари ӯ, дониш ба хотир овардан (анамнез) аст. Нафс то ба ҷисм пайваст шудан дар олами қудс моҳияти ҳақиқатро мушоҳида мекунад. Пас аз ба ҷисм пайвастан нафс он чизе, ки то ин вақт мушоҳида карда буд, ба хотир меорад.[240, с. 16] Аммо Форобӣ назарияи афлотунии азалияти нафсро рад карда, ақидаи ҳудуси ҷисмонии нафсро ҷонибдорӣ мекунад, ки бо назари мутакаллимон аз ҷиҳате

мувофиқ аст. Зеро ҳарчанд Форобӣ ҳудуси ҷисмонии нафсро пайгирӣ намояд ҳам, онро натиҷаи таркиботи моддӣ намеҳисобад, чунки ба назари ӯ, нафси ҳодис ба ҳудуси ҷисмонӣ як амри муҷаррад аст, ки дар ин замина ба бақо мерасад. Дар масоили муҷаррадот қаблан ёдовар шуда будем, ки яке аз сифоташон фанонопазирист. Вале оё ҳамаи нафсҳо фанонопазиранд? Форобӣ муътақид аст, ки нафсҳо мартабаҳое доранд ва мумкин аст баъзе аз онҳо дар заминаи риояи амали некӯ ба камол бирасанд ва аз модда бениёз шаванд. Баъд аз он ки тан фосид шуд, нафси баркамол ба сурати муҷаррад боқӣ бимонад. Ба ибораи Форобӣ: «Нафс, он гоҳ ки чизеро дарёфт, толиби камол мешавад, аммо на барои ин ки зоти он чизи даркшударо дарёбад, балки ин камолталабӣ аз тавобеи он идрок аст».[35, с.178]

Дарку огоҳиро Форобӣ аз сифоти ҷудонопазири нафс меҳисобад. Ӯ мутмаин аст, ки он чи марбут ба аъзо ва ҳиссҳои мост, ҷуз эҳсос чизҳои маҳсус ва асарпазире аз онҳо нест. Ӯ ин андешаашро бо он асоснок менамояд, ки «гоҳ ҳавоси мо аз чизе асар мепазиранд, бидуни он ки нафсу бадан огоҳ бошанд. Аз ин рӯ, он чиз амалан на маҳсус мешавад ва на мутааллиқ ба огоҳӣ. Пас нафс аст, ки сурати маҳсусро бо абзори ҳавос дармеёбад ва сурати маъқулро тавассути суратҳои ҳиссӣ дарк мекунад, зеро нафс маъқулияти ин суратҳоро аз маҳсус будани онҳо истифода мекунад. Аз ин рӯ, суратҳои комила бо суратҳои маҳсуса мутобиқанд. Дар акси ҳол он суратҳо ҳамон суратҳои тааллуқёфтаи он маҳсусот намебуданд. Албатта, ин ба хотири нуқсони нафс аст, ки дар огоҳӣ ёфтан ба суратҳои маъқул ниёзманди миёнаравии суратҳои маҳсус аст. Ба хилофи муҷаррадот, ки суратҳои маъқулро тавассути сабабҳо, ки ҳам собит ва ҳам тағйирпазиранд, дарёфт мекунанд.

Пас инсон аз ҷузъиёт ба воситаи ҳавос ва аз куллиёт тавассути эҳсоси ҷузъиёт, огоҳӣ меёбад ва нафс ба онҳо ба таври билқуввa олим аст. Нафси кӯдак омодаи дарёфти мафҳумҳои бадеҳиву илмист, ки бидуни ниёз ба кӯмаки ҳавос, нохудогоҳона ҳосил мешавад, ки аз ҷиҳати истеъдоди вай барои

дарёфту идроки он сарчашмаҳо ва бадеҳиёт аст. Форобӣ ба натиҷае расида, ки чун нафс аз бадан ҷудо шавад ва истеъдоди дарки маъқулотро дошта бошад, имкон дорад бе ниёз ба қувваҳои ҳиссӣ, ки дигар табиист, ки надорад, метавонад маъқулотро бишиносад. Ҳамчунин имкон дорад бе қасду ирода, нохудогоҳона, ҳамон тавр, ки дар тифлӣ сарчашмаҳои бадеҳиётро дарк мекард, маъқулотро дарёбад. Ҳисҳо ҳамон роҳу равишҳое ҳастанд, ки нафси одамӣ ба воситаи онҳо ҷузъиётро мешиносад.[35, с.168-169]

Форобӣ дар «Таълиқот» сабаби худогоҳ будани нафси нотиқаро аз ҷумлаи муҷарродот будани он ва аз зоти худ бехабарии ҳайвонотро дар муҷаррад набудани онҳо меҳисобад ва қайд менамояд, ки «маъқул будани шайъ ҳамон муҷаррад будани он аз модда аст».[35, с.182] Пас нафс то даме, ки бо ҳаюлову модда якҷост, аҳволи таҷридӣ ва зоту сифоти муҷарради худро намешиносад. Қуввахои ҷисмонӣ нафсро аз таваҷҷуҳ ба зоти худ ва идроки вижаи хеш боз медоранд. Ин қувваҳо ашёро ба таври хаёлӣ ва ҷузъӣ, на ба таври тааққуливу куллӣ дарк мекунанд. Зеро ҷузъиёти онҳо бештар буда, қувваи мухаййила бар онҳо ғолиб аст. Илова ба ин, қувваҳои ҷисмонӣ дар асоси қувваҳои ҳиссӣ инкишоф ёфта, бо ақлиёт ва куллиёт қаробат надошта, онҳоро данаёфтаанд. Аз ин рӯ, танҳо бо ҳиссиёт оромиш меёбанд ва аксар вақт ба умури маъқул ва ақлиёт бо шубҳа бархӯрд карда, онҳоро хаёли хом мепиндоранд.

Муаллими сонӣ ба масоили нафс комилан диди идеалистӣ дорад. Соколов ин нуктаро дуруст дарк намуда, қайд мекунад, ки «Форобӣ ҳамчун ҳакими идеалист таъкид мекунад, ки нафс моҳияти ғайриҷисмонист».[243, с.225] Он чизҳои маҳсусу мавҳумро ба воситаи абзорҳо дармеёбад, аммо куллиёт ва умури ақлониро ба зоти хеш, бидуни ниёз ба абзору олот дармеёбад.[35, с.182] Пас Форобӣ нафсро дорои ҳиссҳое меҳисобад, ки абзорҳои идроканд, мутааллиқи идрок ҳисҳои ҷузъиётанд ва аз ин ҷузъиёт куллиёт ҳосил мешаванд. Ҷолиб аст, ки Форобӣ куллиётро таҷриба меҳисобад ва муътақид аст, ки донишҳо дар зинаи ибтидоӣ танҳо аз роҳи ҳис барои нафс

ҳосил мешаванд. Азбаски донишҳои аввалия барои нафс бе қасди қаблӣ, тадриҷӣ ҳосил мешавад, инсон ба вуҷуд омадани онҳоро фаромӯш мекунад, ҳол он ки ҷузъи ҷузъи он ба тадриҷ ҳосил шудааст. Ҳар қадар таҷриба бештар бошад, нафси оқила дар ақлоният комилтар мегардад.

Аммо нафсҳое, ки ба камол нарасидаанд, пас аз фосид шудани тан аз байн мераванд, зеро ба модда ниёзманданд. Вақте тан фосид мешавад, масалан ҳайвоне ё рустание фонӣ мешавад, нафсаш низ фонӣ мешавад. Танҳо нафси нотиқа фанопазир нест, зеро он амри муҷаррад аст. Форобӣ қотеона таъкид мекунад, ки «Нафс муҷаррад аст ва пас аз марги бадан боқӣ мемонад, чи дар он қувва ва истеъдоди пазириши завол ва фасод нест».[35, с.131] Форобӣ ин ҷо бо усули фалсафаи худ мувофиқат намекунад. Зеро усулан ӯ муътақид буд, ки ҳар чӣ ҳодис аст, фанопазир мебошад.

Дар ин масъала Форобӣ аз навъи дигари нафс низ ёдовар мешавад ва онро ба фосиқону бадкорон нисбат медиҳад. Ба назари ӯ, нафси фосиқон бо фано шудани ҷисмашон фонӣ намешавад, аммо аз лаззот маҳрум ва дар бадбахтист. Баъзе муҳаққиқоне, ки афкори Форобиро дар мавриди бақои нафс духӯра тасаввур намудаанд, ба маротиби нафс дар таълимоти мутафаккир камаҳмиятӣ кардаанд. Зеро ӯ муътақид аст, ки нафси инсонӣ бо ҷавҳари руҳонӣ мувофиқ аст ва тобеи ҷисм нест. Аз ин рӯ, баъди фанои ҷисм фосид намешавад ва абадӣ боқӣ мемонад. Аммо ин маънои онро надорад, ки Форобӣ ҷовидонии ҳамаи маротиби нафсро эътироф карда бошад. Ба назари ӯ, фақат нафсҳои фозила ва фосиқа ҷовидонианд. Нафсҳои аҳли мадинаи фозила дар лазати ҳамешагӣ ва баръакси он нафсҳои аҳли мадинаи фосиқа ба азоби абад гирифторанд. Ба таъбири Форобӣ, «Нафсро пас аз ҷудоӣ аз бадан аҳволест, ки ё тавъам бо саодати ӯст, ё шақоваташ».[35, с.131] Нафсҳои аҳли мадинаи ҷоҳила ва золла (гумроҳ) бошанд, азбаски аз маъқулот бехабаранд, зимни ҳалоки баданҳои худ фосид мешаванд. Маҳз ҳамин назари Форобӣ боиси он гашта буд, ки Ибни Рушд, Ибни Боҷа ва иддае аз файласуфон нисбати ӯ гумон карда

буданд, ки мутафаккир ба ҷовидонии нафс бовар надорад. Онҳо далел меоранд, ки Форобӣ дар китоби «Шарҳи ахлоқи Арасту» навиштааст, ки «Эътиқод ба хулуди нафс ва бақои он ва ин ки саодат ҷуз камоли ақли башар дар ҳамин дунё мавҷуд аст, сухане сустбунёд ва аз қабили ақоиди пиразанон аст».[34, с.61] Аммо ақидаи абадияти нафсҳои аҳли мадинаи фозила ва фосиқа Форобиро, ба мисли баъзе ҷараёнҳои ирфонӣ, ба андешаи таносух водор накардааст ва ӯ ба ин масъала аз зовияи фалсафа таваҷҷуҳ намудааст.

Ба ҳар навъ, аз ин назариёти Форобӣ бармедяд, ки ӯ барои нафс пас аз марг се ҳолатро мутасаввир мешавад: яке, нафсҳое,ки пас аз ҷудо шудан аз ҷисм дар лаззати абадӣ ҳастанд, дуюм, баръакс нафсҳое, ки дар бадбахтии ҳамешагӣ қарор доранд ва сеюм, нуфусе, ки бо фасоди ҷисм аз миён мераванд. Дар ин баҳс пиромуни нафсҳое, ки пас аз ҷудо шудан аз ҷисм дар лаззати абадӣ ҳастанд, Форобӣ андешаи ҷолибе баён менамояд. Ба назари ӯ, беҳтарин иҷтимоъ он аст, ки аз лиҳози шумора зиёдтар бошад, нисбатан дастовардҳои беҳтаре дошта бошад ва афроди он ҷамъият, ки дар созандагиву бунёдкорӣ саҳмдортар ва таъсироти бештар дошта бошанд, дар миёни онҳо обрӯву нуфузи зиёдтар дошта, афзалтар ҳисобида шавад.[262, с.372] Яъне ӯ ҷомеаеро писандидааст, ки афроди он вобаста ба ҳунару истеъдод мақому манзалат касб менамоянд.

Дар нигоҳи аввал Форобӣ кӯшидааст масоили марбут ба нафси нотиқаро бо ақоиди динӣ созиш диҳад, аммо аслан чунин нест. Ӯ ҷомеаи эътиқоди муташаддиди динидоштаро намепазирад ва чунин таври бархӯрд бо динро яке аз сабабҳои таназзули илм ва инқирози ҷомеа меҳисобад. Дар осори Форобӣ ҳадафи оштӣ додани дину фалсафа равшан мушоҳида шавад ҳам, ҳеҷ гуна бартарияти дин аз фалсафа эҳсос намешавад. Баръакс, ҳамеша фалсафаро аз дин муқаддам шуморидааст. Масалан, масъалаи абадият ва фанопазирии нафси инсон, ки ӯ матраҳ менамояд, бо ақоиди динӣ созгор нест. Зеро ӯ нафсро аз ҷиҳати боқӣ

мондан ва аз байн рафтану фано пазируфтан ба се гурӯҳ ҷудо намудааст: аввал, гурӯҳе, ки роҳи савобу салоҳро пеша кардаанд, саодатро шинохта ва барои расидан ба он кӯшидаанд, ва онро ба даст овардаанд. Ин гурӯҳ ба саодати абадӣ расидаанд ва дар лаззоти ҳамешагианд. Дуюм, гурӯҳе, ки маърифати саодат ба онҳо муяссар шуда, аммо онро напазируфтаанд, балки роҳи бадкоронро пеша намудаанд ва нафсашон дар кашмакаш ва азоб аст. Ин гурӯҳ дар бадбахтии бардавом қарор доранд. Ин ду гурӯҳи тавсифнамудаи Форобӣ бо ақоиди динӣ мувофиқ аст. Аммо тавсифи ӯ нисбати гурӯҳи сеюм бо ақоиди динӣ мувофиқ нест. Зеро ба назари Форобӣ, гурӯҳе, ки саодатро нашинохтаанд ва аз ақли мустафод низ бебаҳра будаанд, онҳо ниёзманди моддаанд ва бо фанои ҷисм нобуд мешаванд. Яъне, Форобӣ ҷовидонагии нафси нотиқаро вобаста аз неруи маърифатӣ маҳдуд мекунад ва нафсҳои ҷоҳилону бадкоронро ба табоҳӣ маҳкум менамояд. Одамонеро, ки аз маърифат ва натиҷаҳои ақли фаъол бебаҳраанд, ӯ дар радифи ҳайвонот меҳисобад. Бо ин назари Форобӣ баъзе андешаҳои Носири Хисрав ҳамоҳангӣ доранд.

Аз таълимоти Форобӣ доир ба нафс, ки аз рисолаи «Боварҳои қалбӣ»-аш бармеояд, ӯ нафсро ба қуввахои муҳаррикаву қуввахои мудрика ҷудо намудааст. Қуввахои муҳаррика фарогири қуввахои мунмия (инкишофёбанда) ва нузуъия (майлу хоҳиш) ҳастанд. Қувваи мунмия миёни набототу ҳайвону инсон муштарак буда, вазифааш нуму додан ва нигоҳдории мавҷуди зинда мебошад. Он шомили қуввахои ғозия (ғизогирӣ), мураббия (парваранда) ва муваллида (тавлиди мисл) мебошанд, ки вазифаи аслиашон ҳаракат додани аъзо мебошанд.

Қуввахои мудрика шомили эҳсос, тахайюл ва нутқ мебошанд. Эҳсос корашро тавассути қуввахои зоҳириву ботинӣ анҷом медиҳад. Вазифаи қувваи мутахаййила ҳифзи сурати маҳсусот баъди дур шудан аз ҳис ва таркиби онҳо дар хобу бедорист. Дар ҳайвонот қувваи мутахаййила ҳамон қувваи ваҳмия аст, ки дар инсон қувваи воҳима ва мутафаккира низ

мегӯянд.

Аммо қувваи нотиқа хоси инсон аст. Инсонро Форобӣ хулосаи олами коинот меҳисобад. Тавассути он маъқулот идрок мешаванд ва ахлоқи хубу бад, сурати зишту зебо, таъми ширину талх дарк карда мешавад. Аввалин қувваи одамӣ, ки дар ҷараёни ҳодис шудан аз худ дарак медиҳад, қувваи ғозия аст. Баъди он ба тартиб қувваҳои ҳискунанда, нузуъия, мутахаййила ва нотиқа зоҳир мешаванд.[170, с.137] Ба воситаи қувваи нотиқа инсон маъқулотро дармеёбад, заруриро аз нодаркор фарқ мекунад, ба маънои чи кор дуруст ва кадом кор нодуруст сарфаҳм меравад. Қувваи нотиқа ё ақл дар навбати худ ба амаливу назарӣ ҷудо мешавад. Ҳамаи қувваҳои мазкур феълашонро тавассути абзоре анҷом медиҳанд, ки ҷуз бо он мумкин нест анҷом гирад. Ба ҷуз қувваи ақл, ҳеҷ кадом қувваҳои ёдшуда муҷаррад аз модда нестанд. Нафси нотиқа дорои қувваи ақл мебошад, ки он на ҷисм аст ва на дар ҷисм қарор дорад.

Ҳарчанд қувваҳои нафс ба назари Форобӣ бисёр аст, аммо нафсро ӯ ҷавҳари воҳид меҳисобад. Зеро қувваҳои нафс тавре мураттаб гадидаанд, ки ҳар кадоме барои дар мартабаи баъдии худ сурат ва барои дар мартаба қаблии худ модда ҳастанд. Форобӣ ақлҳоро низ ба нафс вобаста медонад ва онҳоро аз ҷумлаи қувваҳои нафсонӣ меҳисобад: «Аз ҷумлаи қувваҳои нафс қувваи ақли амалии инсон аст, ки ҳар фард ба василаи он, он чиро аз умури инсонӣ, ки мебояд анҷом диҳад, истинбот мекунад ва аз ҷумлаи қувваҳои нафс қувваи ақли назарӣ аст ва ин қувва ҳамон аст, ки барои комил шудани гавҳари нафс ва расидан ба мартабаи ақли билфеъл ба ӯ арзонӣ шуда ва маротибе дорад ба ин наҳв, ки гоҳ ақли ҳаюлонӣ аст ва гоҳ ақли мустафод».[35, с.130]

Олитарин қувваҳои нафс қувваи нотиқа аст, ки он моддаи қувваи дигаре нест. Нафс бо ёрии қувваи мухаййила аз маҳсусот ба маъқулот мерасад, аз ин рӯ, нафс камоли ҷисм аст. Лекин камоли нафс ақл ва ҳақиқати инсон мебошад.

Нафси нотиқа ҳангоми ҳудуси бадан, ки истеъдоди қабулашро ёфта, сазовори вуҷуд дар он гардад, ҳодис мешавад ва имкон надорад пеш аз пайдоиши бадан мавҷуд бошад. Форобӣ бо исрор таъкид менамояд, ки нафс аз як тан ба тани дигаре интиқол намеёбад, зеро ҳар як нафс мабдае дорад, ки мухтассоти онро муқаррар менамояд ва тан ҳам танҳо барои ҳамин нафс омода шудааст. Аз назари Форобӣ, таносух аз он ҷиҳат низ имконнопазир аст, ки мумкин нест дар як бадан ду нафси нотиқа бошад.

Форобӣ ба ҷавҳарият ва басит (беҷисм) будани нафс таъкид намуда, барои тақвияти фикраш чандин далелҳо меорад. Масалан, ӯ истидлол менамояд, ки чун нафс маъқулотро дарк менамояд, маъқулот низ мисли сафедиву сиёҳӣ маъноҳои муҷарраданд. Агар маъқулот дар ҷисм ҳосил шаванд, бояд монанди ҷисм дорои шакл, вазъ ва миқдор бошанд ва ҳамин тавр дигар на маъқулот, балки маҳсусот бошанд. Инчунин барои мудаллал сохтани андешаи ҷавҳарияти нафси нотиқа ва фанонопазирии он Форобӣ ба таҷриба такя намуда, ба ин назар аст, ки нафс баъди пирӣ неруманд мешавад, Пас бо фавти бадан он табоҳ намегардад. Аз ин андешаҳои Форобӣ бармеояд, ки барои ӯ назариёти нафси Эпикур қобили қабул нест. Зеро Эпикур дар асоси назарияи атомиаш ба ин назар аст, ки ба мисли тамоми ашёҳо нафс аз маҷмуи атомҳо таркиб ёфта, он моддист ва фанопазир мебошад.

Инчунин Форобӣ назарияи мусули Афлотунро рад намуда, қайд мекунад, ки «мусул ва суратҳои табиӣ мумкин нест ҷудо аз модда ва ба наҳви қоим ба хеш мавҷуд бошанд».[35, с.131] Яъне Форобӣ ҳам назари афлотуниро, ки нафс пеш аз бадан мавҷуд будааст, қабул надорад ва ҳам андешаи аҳли таносухро рад менамояд, ки мувофиқи он нафс аз тане ба тани дигар интиқол мекунад.

Дар масъалаи таносуби оламу нафс файласуфон андешаҳои гуногуну гоҳо ба ҳам зид пешниҳод намудаанд. Форобӣ дар ин маврид ба натиҷае расидаст, ки нафс мафҳуми куллист, зеро он дар олам нест, балки олам дар

нафс аст. Барои тақвияти ин назари худ Форобӣ аз равиши муқоисаи мантиқӣ кор мегирад ва қайд менамояд, ки «бадан, макони нафс нест, балки агар бихоҳем маконеро барои нафс дар назар бигирем, он макон ақл аст. Дар воқеъ, мавзеъ ва макони бадан нафс аст, аммо мавзеи ақл чизи дигар аст, аммо чизе, ки ақл дар он аст (мабдаи аввал) дигар худ мавзеу маконе надорад. Зеро фаротар ва бартар аз он дигар чизе нест, то мавзеи он бошад».[35, с.163]

Дар масъалаи нафси нотиқа Форобӣ диди ирфонӣ низ дорад. Зеро ӯ нафси нотиқаро ғайриҷисмонӣ ва аз олами улвӣ меҳисобад. Ба назари ӯ, дар шаъни нафси нотиқа аст, ки маъқулотро тавассути ақл шиносад. Агар ғафлат варзад ва ба модиёти дунё гирифтор шавад, аз маъқулот рӯй гардонидааст ва аз шаъну шарофати зотии худ дур шудааст. Чунин нафсҳо аз саодат дуранд. Пас бояд кӯшиш намоянд, то ҳиҷоби тан ва худпарастиро аз худ дур намоянд ва аз пайи лаззоти ҷисмонӣ набошанд. Дар акси ҳол лоиқи қурби мақоми қудс нестанд. Нафс ҳамеша роғибу толиби камол буда, шавқу иштиёқи шадид онро ба саодат мерасонад. Пас Форобӣ ваҷдро василаи шинохт ва аз хоҳишҳои нафсонӣ дурӣ ҷустан ва ҳадси ирфониро роҳи қурбат ба мақсуди ниҳоӣ, ки воҷиб-ул-вуҷуд аст, меҳисобад. Ин назари ирфонии ӯ комилан бо ақоиди исмоилиён низ мувофиқат надорад.[120, с.206]

Вале нафсҳое, ки қонеъ ба андак аз модиётанд, таслиму розӣ аз додаҳои Офаридгорашонанд, ҳарчанд дар бадан ҳастанд, гӯё аз он растаанд ва чашмаш чизҳоеро мебинад, ки ҳаргиз надида, гӯшаш овозҳоеро мешунавад, ки ҳаргиз нашунида. Дар ин ҳол бояд бихоҳад, ки ба куллӣ алоқаашро аз модиёт бибурад ва ба муҷаррадот бипайвандад.[, с.143-144]

Пас саодати ҳақиқии инсонӣ, ба назари Форобӣ, вобаста ба пайвастан ба ақли фаъол мебошад, ки аз модиёт буридан ва ба муҷаррадот пайвастан мунтаҳои он аст. Яъне муқаддимаи ба муҷаррадот пайвастан ва ба камол расидан покии ахлоқу руҳи одамӣ аст. Ҳар қадар инсон дар ҳаёти дунявӣ аз фазилат бештар баҳра бигирад, эҳтимоли ба мартабаи муҷаррадот расидани

нафсаш, ки ба манзалаи саодати ғойист, зиёдтар мегардад. Ин назари Форобӣ низ бо маодшиносии динӣ созгор нест, зеро дар он саодату шақоват аз умури муқаддаротианд ва он тағйирпазир нест. Чунин ривояте низ ҳаст, ки худи Форобӣ ҳангоми марг гуфтааст: «Афсӯс, ки муддате ранҷ бурдам ва ба орзуи худ нарасидам».[33, с.30]

Дар таълимоти Ибни Сино низ масъалаи нафс мақоми марказӣ дорад. Он дар заминаи ақидаҳои Арастуву Форобӣ шакл гирифта бошад ҳам, ба таври мушаххастар шакл гирифта, истиқлоли фикрии муҳаққиқ дар он фаровон мушоҳида мешавад. Пеш аз Ибни Сино ҳакимони зиёде ба ин мавзуъ дахл намуда бошанд ҳам, бо боварӣ метавон гуфт, ки то ӯ касе дар ин масъала мисли вай ба таври густурда баҳс наороста буд.[164, с.153] Дар заминаи осори ҳакимони қаблӣ, махсусан Афлотун, Арасту, Киндӣ ва Форобӣ, Ибни Сино таҳқиқоти зиёде дар масъалаи нафс анҷом дода, осоре дар ин боб таълиф намудааст, ки «Китоб-уш-шифо», «Ҳикмати машриқия», «Китоб ан-наҷот», «Донишнома», «Рисолаи ҳудуд» ва «Ишорот ва танбеҳот» аз ин ҷумлаанд. Ӯ дар ин мавзуъ асарҳои алоҳидае ҳам иншо намудааст, ки бо номҳои «Рисолаи нафс» ва «Дар баёни тақсими нуфус» маъруфанд. «Рисолаи нафс»-и мутафаккир таҳти унвони «Ҳадя» низ дар феҳристҳо дучор меояд, зеро Ибни Сино онро дар давраи муолиҷаи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур китобат намуда, ба ӯ туҳфа карда буд. Мутафаккир «Рисолаи нафс»-ро ба шонздаҳ боб ҷудо намудааст, ки ҷиҳатҳои гуногуни нафс, аз қабили нафс чун камолу ҷавҳар, қувваҳои нафсонӣ, муносибати нафсу ҷисм ва мустағнӣ будани нафси инсонӣ аз ҷисм ва қувваҳои ба он пайваста, ҳодис будани нафс, фасоднопазирии нафс бо марги ҷисм, таносухнопазирии нафс ва асрори нафсро фаро мегирад. Аз қаринаҳои асар бармеояд, ки ин аввалин асари алоҳидаи Ибни Синост, ки дар мавзуи нафс баҳс мекунад. [12, с.45-72]

Аз осори ба ин мавзуъ бахшидаи Ибни Сино бармеояд, ки нафс ва организми органикӣ бо ҳам қаробат доранд ва ба истиснои ҷамодот ҳама мавҷудоти зинда, ҳам наботот, ҳам ҳайвоноту инсонҳо ва ҳам афлок дорои

нафсанд. Дар баҳси соҳибнафс будани афлок миёни машшоиён ва мутакаллимон иттифоқи назар нест. Масалан, Абуҳомиди Ғаззолӣ бо эҳтимолиятҳои сегона соҳибнафс будани афлокро рад мекунад. Аввал, эҳтимол дорад ҳаракати афлок касрӣ (зарурӣ, маҷбурӣ. –А.Б.) бошад ва ҷисме, ки ба шакли кура набошад, онро ҳаракат диҳад. Дуюм, эҳтимоли ҳаракати табъӣ доштани афлок ҷой дорад ва ба воситаи иродаи қадими Худо ба он ҳаракати даврӣ ато шуда бошад. Сеюм, иродаи Худо афлокро бевосита ба ҳаракат водор намудааст. Бинобар ҳар се эҳтимол афлок ба нафс эҳтиёҷ надорад. [103, с.162]

Пеш аз Ибни Сино дар миёни ҳакимони мусулмон Киндӣ ва Форобӣ кӯшишҳои зиёде дар масъалаи шинохти нафс намуданд, аммо ҳеҷ кадоме илми нафс (равоншиносӣ)-ро ба мисли Шайхурраис ба таври амиқ баррасӣ накардаанд. Дар масъалаҳои марбут ба нафс Ибни Сино аслан аз Арастуву Форобӣ пайравӣ менамояд. Барои он ки ӯ ба мисли ин мутафаккирон нафсро сурати ҷавҳари мавҷуди зинда медонист, ки дар амал шомили сифат ё аразҳо мешавад. [230, с.32] Арасту нафсро ба се навъ – наботиву ҳайвониву инсонӣ, ҷудо мекунад. Ба назари ӯ, нафси наботӣ зинаи поёнии нафс буда, қобилияти ғизогирӣ, инкишоф ва тавлиди мисл дорад. Нафси ҳайвонӣ дар зинаи болотар қарор дошта, ба замми қобилиятҳои нафси наботӣ неруи идроки ҳиссӣ, майл, шавқ ва ҳаракати маконӣ дорад. Нафси инсонӣ илова ба қуввахои нафсҳои наботиву ҳайвонӣ дорои ақл аст. Ақл бо ду роҳ қудрати дарк дорад: якум, дарки ҳақиқат барои ҳақиқат (ақли назарӣ) ва дарки ҳақиқат барои дастёбӣ ба мақсадҳову ғаразҳои амалӣ ва маслиҳатомез (ақли амалӣ). Ҳамаи қуввахои нафс бо марги ҷисмонӣ фонӣ мешаванд, ба ҷуз ақл, ки фанопазир нест. [126, с.59]

Дар «Рисолаи ҳудуд» мутафаккир нафсро нисбати инсон, ҳайвон ва набот исми муштарак меномад. Ҳамзамон нафсҳои инсониву фариштаҳои осмониро низ дар навбати худ муштарак ҳисобида, маънои онро чунин тавзеҳ мекунад: «Нафс ба маънои аввал камоли ҷисми табииест, ки билқувва зинда

аст. Нафс ба маънои дувум, ҷавҳарест, ки ҷисм набуда, балки камоли ҷисме мебошад, ки онро билфеъл ё билқуввa аз рӯи ихтиёре ҳаракат медиҳад, ки аз мабдаи нутқӣ, яъне мабдаи ақлӣ мебарояд».[10, с.600-601] Аз ин иқтибос бармеояд, ки ҳадди нафс, ба назари Ибни Сино, вобаста ба дараҷоти мавҷудоти зинда буда, мавҷудияташон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Ҳарчанд ӯ ба ҷисмонӣ будани нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ба таври ошкоро ибрози назар накарда, вале вобастагии нафсу ҷисмро ба ҳам таъкид мекунад. Аммо мушаххас баён мекунад, ки нафси инсонӣ ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис аст, вале ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, Ибни Сино нафси инсониро ҷавҳар меҳисобад.

Андешаҳои Ибни Сино низ дар масъалаи ҳудуси нафс бо таълимоти Афлотун мувофиқ нестанд.[139, с.243] Зеро дар назарияи тазаккури Афлотун нафс азалӣ буда, пеш аз бадан вуҷуд дорад, вале Ибни Сино нафсро ҳодис меҳисобад. Ӯ таъкид мекунад, ки «муҳол бошад, ки [нафс] пеш аз бадан мавҷуд гардад... Нафс бо ҳудуси бадане ҳодис гардад, ки барои истеъмоли он муносиб аст».[11, с.202] Дар «Рисолаи азҳавия» низ Ибни Сино ин мазмунро ба таври зайл баён мекунад: «Лозим ояд, ки нафс муҳдас бошад ва ҳудуси ӯ он вақт бувад, ки тане ҳодис шавад шоиста».[9, с.725]

Дар пайравӣ аз Арасту нафсро қабл аз омезиш бо ҷисм мутафаккир моҳияти муҷаррад меҳисобад, ки касратпазир нест. Пас, маълум мешавад, ки дар ин масъала Ибни Сино бо назарияи тазаккури Афлотун мухолифат намуда, нафсро қабл аз бадан дорои маърифате намеҳисобад, ки баъдан дар шароити муайян аз он ёдоварӣ кунад. Арасту нафсро сарчашмаи ҳаёти ҷисмонӣ меҳисобид ва муътақид буд, ки он комилан аз бадан ҷудо нест, балки сурату феълияти бадан аст. [126, с.59]

Дар фасли сеюми рисола «Дар баёни тақсими нуфус» мутафаккир таъкид мекунад, ки нафси инсонӣ мудрики маъқулоти куллӣ аст. Ҳар чӣ чунин аст, наметавонад на ҷисм бошад, на ҷисмонӣ. Агар ҷисм мешуд, ногузир тақсимпазир буд, ки ин имкон надорад, зеро он матлаи куллиёт аст. [12, с.77]

Бояд гуфт, ки ин ҷо Ибни Сино ҷисм набудани нафсро ба матлаи куллиёт алоқаманд мекунад, на ба тасаввури тақсими он. Зеро дар қисмати «Нафс»-и «Ҳикмати машриқия» кайд мекунад, ки «тамйиз ба тасаввури тақсим вобаста нест...ҳар як маъқул наметавонад, ба маъқулоти баситтар аз худ тақсим шавад, зеро дар ин ҷо маъқулоте мавҷуд аст, ки соддатарин буда, мабдаи таркиби дигар маъқулотанд».[10, с.408-409]

Яке аз рисолаҳои калидии ӯ дар масъалаи нафс «Дар баёни тақсими нуфус» унвон дошта, аз ишораҳои ин рисола бармеояд, ки ин асарро мутафаккир дар охирҳои умр навистааст: «Ин асрори нафсро ба ваҷҳи пирӣ сайр кардам, то ҷавононе, ки баъд аз мо бошанд, дарёбанд».[12, с.81]

Ибни Сино барои исботи вуҷуди нафс панҷ бурҳон ироа мекунад, ки ба тариқи зайл аст: аввал, бурҳонӣ табиӣ, ки бо назариёти Афлотуну Арасту дар ин мавзуъ ҳамоҳангӣ дорад. Мувофиқи ин бурҳон, ҳаракат ба қасриву иродӣ тақсим мешавад, ки ҳар ду шакли ҳаракат аз ҷисм содир намешавад ва ҳаракати қасрӣ ниёз ба ҳаракатдиҳандаи хориҷӣ дорад ва ҳаракати иродӣ гоҳ мувофиқи талаботи табиист, ба монанди афтодани ҷисм аз боло ба поён ё хилофи талаботи табиист, ки зарурат ба муҳаррики берун аз ҷисм дорад, ки он нафс аст.

Дуюм, бурҳони илми нафс аст. Мувофиқи он инсон ҳолоти таъсирпазирӣ, ба мисли гиряву ханда, шавқу шарм ва ғайра дорад, ки инҳо ба хотири вуҷуди нафс аст. Ба қавли Ибни Сино: «Пас, асли он қуввaҳои дарёбанда ва нигоҳдоранда мар мизоҷро чизе дигар бувад ҷуз аз мизоҷ. Ва мо онро «нафс» мехонем. Ва ин нафс он ҷавҳар аст, ки тасарруф дар аҷзои тани ту кунад... Ин ҷавҳар дар ту як чиз аст, балки ӯ худ туӣ ба ҳақиқат».[9, с.445]

Сеюм, бурҳони ёдоварӣ ва давомнокӣ мебошад, ки он минбаъд муҳимтарин мавзуи таҳқиқоти файласуфи маъруфи фаронсавӣ, дорандаи ҷоизаи «Нобел» дар соҳаи адабиёт, Ҳенрӣ Бергсон гардид. Бергсон ин бурҳонро чунин шарҳ медиҳад, ки «эй, оқил, огоҳ бош! Ту дар ҳоли ҳозир касе ҳастӣ, ки дар тули умрат будӣ. Бисёр чизҳое, ки аз сари ту гузашт, дар хотир

дорӣ..., вале ту медонӣ, ки дар муддати 20-сол ҷисми ту ба ҳадде дигаргун шуда, ки он чи дар ибтидо буд, чизе намондааст. Аммо ту дар тамоми ин муддат ба бақои зоти худ эътироф дорӣ ва минбаъд низ чунин хоҳад буд. Пас, зоти ту ва бадани ту фарқ доранд».[374, с.183]

Чаҳорум, бурҳони «ман» аст, ки мувофиқи он инсон мегӯяд, ки фалон чизро дарк кардам, гирифтам, сохтам, хӯрдам... Дар инсон чизе вуҷуд дорад, ки ҳамаи ин идрокотро фаро мегирад ва таъсирпазириҳо ба он вобаста аст. пас, «ман»-и ҳар шахс, ғайри тани ӯст. [167, с.52]

Панҷум, бурҳони инсони муаллақ дар ҳаво аст, ки мувофиқи он одам дар хобу мастӣ низ, агарчи ба худ таваҷҷуҳ надорад, аммо аз худ ғофил нест. Инсон метавонад аз ҳама чиз ғафлат варзад, аммо аз худии худ наметавонад. Агар ин ҳолат дарк мешавад, маълум мегардад, ки нафс бо тан як нест.

Мутафаккир дар боби аввали «Рисолаи нафс», ки «Дар баёни ҳадди нафс» унвон дорад, қувваҳои аз онҳо феълҳо ба вуҷуд ояндаро ба ду қисм ҷудо мекунад. Аввал, феълҳое, ки бо қасду ихтиёр амалӣ мешаванд, мисли феъли ҳайвон. Дуюм, феълҳое, ки бе қасду ихтиёр амалӣ мешаванд, мисли афтодани санг аз боло ба поён. Дар навбати худ ҳар кадоми ин ду қисмро ба ду зерқисм тақсим мекунад. Феълҳоеро, ки бе қасду ихтиёр амалӣ мешаванд: а) оне, ки феълаш бар як ҷиҳат аст ва онро «табиат» меномад; б) оне, ки феълаш бар ҷиҳатҳои гуногун афтад ва онро «нафси наботӣ» меномад. Феълҳоеро, ки бо қасду ихтиёр амалӣ мешаванд, аввал, онҳое, ки қасду феъли онҳо бар як ҷиҳат бувад ва онро «нафси фалакӣ» меномад, дуюм, онҳоеро, ки қасдҳои бисёр ва ихтиёрҳои мухталиф доранд ва онҳоро «нафси ҳаюлонӣ» меномад.[12, с.48]

Ин қисмҳо яке «табиат» ва сеи дигар «нафси наботӣ», «нафси фалакӣ» ва «нафси ҳаюлонӣ» мебошанд ва ҳарчанд миёни сеи охир дар вожаи нафс мушоракати исмӣ ҳаст, аммо Ибни Сино таъкид мекунад, ки онҳоро наметавон бо як таъриф васф намуд. Зеро агар таъриф диҳем, ки ҳар қуввате, ки феъл дорад, нафс аст, дуруст нест. Зеро дар ин сурат дар таърифи нафс ҳамаи қуввахои дорои феъл шомил мегардад, ки ғалат мешавад. Агар нафсро қуввате

донем, ки феълаш бо қасд ва ихтиёр аст, ифодакунандаи нафси наботӣ нест ва агар нафсро қуввате донем, ки афъоли мутақобил ва мухталиф кунад, шомили нафси фалакӣ набошад. Пас, барои баёни фарогири маънои ҳар кадоми ин қувваҳо зарур аст, афъоли онҳо ба назар гирифта шавад, ки ба ҷисм бастагӣ дорад.

Ибни Сино андешаҳои касонеро, ки нафсро бо сабаби изофа ба чизи дигаре тавассути мафҳумҳои «қувват», «сурат» ва «камол» ифода мекунанд, ёд менамояд ва далелҳои онҳоро низ баён мекунад: «Аммо «қувват» хондан бад-он сабаб шояд бувад, ки аз вай афъол дар вуҷуд меояд. Ва аммо «сурат» хондан бад-он сабаб шояд, ки муддате ба феъл дар вуҷуд ояд ба нафс. Ва аммо «камол» хондан бад-он сабаб шояд, ки маънии ҷинс навъ мешавад ба вуҷуди нафс».[12, с.49] Аз ин иқтибос бармеояд, ки қувват хондани нафс бинобар содир шудани баъзе феълҳо аз вай ва тобеъ шудани он ба суратҳои ҳиссиву ақлонист. Аммо сурат хондани нафс бинобар пайвастани он ба модда аст. Камол хондани он бинобар мушаххастар шудани вай аст, зеро ҳама гуна сурат камол, аммо на ҳар камол сурат мебошад.

Аз ин миён Ибни Сино барои таъриф додани нафс мафҳуми «камол»-ро писандидааст. Ба қавли ӯ: «агар мо хоҳем, ки ҳадди нафс кунем, камол авлотар бошад, дар ҳадду расми ӯ аз маонии дигар... Пас, ҳадди нафс он аст, ки нафс камоли аввал аст мар ҷисми табиии олиро, аънӣ ки он ҷисми табиӣ олати вай бошад дар афъоли хос, ки аз ӯ падид ояд. Пас, ҳадди нафси дуруст ин аст, ки намуда шуд».[12, с.49] Аз ин навиштаи Ибни Сино бармеояд, ки ӯ нафсро чун камоли аввали ҷисмҳои зинда таъриф намуда, ба ин назар аст, ки камол дар модда вуҷуд надорад ва иртибот бо чизро талаб намекунад. Яъне Ибни Сино дар таърифи нафс ба Форобӣ такя мекунад.

Дар боби дуюми «Рисолаи нафс», ки унвонаш «Дар баёни қувватҳои нафс» аст, мутафаккир барои равшан намудани моҳияти «нафс» қувваҳои нафсониро тавзеҳ медиҳад. Нафс, ба назари мутафаккир, метавонад дар ҷисмҳо феълҳое, чун ҳаракат, оромӣ, ҳифзи навъ ва дигар васоили камолотро

тавассути олат ва василаҳои гуногун интиқол диҳад. Ҳеҷ ҷисм худ ба худ на ҳаракат кунад, на ором гирад ва на тағйироте дар онҳо ҳосил шавад, то қувваҳои табиӣ, муҳаррика ва иродӣ таъсир нарасонанд. Қувваҳои муҳаррикаро Ибни Сино ба нафс рабт медиҳад ва онро мабдаи ҳаракат ҳисобида, чун ҷинси ягона дар навбати худ ба се қисм ҷудо менамояд: нафсҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ.

Аввал, нафси наботист, ки онро мутафаккир дорои қувваҳои сегонаи тағзия, нуму ва тавлид медонад. Ҷои дигар ин мазмунро чунин ифода намудааст: «Нафс феъли афзоиш, ғизогирӣ ва таваллуд кардан дорад».[10, с. 334] Нафси наботӣ феъли афзоиш, ғизогирӣ ва таваллудро ҳамеша аз роҳи эҳтиёт ва бешуурона иҷро мекунад. Сарчашмаи нафси наботӣ ҷамодот мебошад. Дар ҳолати омезиши некӯ қуввати наботӣ падид меояд, ки дорои афъоли тағзия, нуму ва тавлид мебошад.

Дуюм, нафси ҳайвонист, ки дар заминаи мусоидтар омадани мизоҷе, ки дар натиҷаи омезиши некӯи қувваҳои ҷамодӣ ба наботӣ табдил ёфта буд, ба вуҷуд меояд. Он қобилияти пазироии ҷонро дошта, тавассути қувваҳои шаҳвонӣ, ғазабӣ ва андарёфт, ки дар навбати худ ба зоҳириву ботинӣ ҷудо мешавад, муташаккил мегардад. Аз ин баҳсҳо метавон натиҷа гирифт, ки Ибни Сино ба ин бовар аст, ки аввал дар заминаи ба таври мусоид омехта шудани унсурҳои басит ҷисмҳои беҷон ба вуҷуд омадаанд ва дар заминаи мусоидтар омадани имтизоҷи унсурҳо ва такмили онҳо қувваи тағзия, нуму ва тавлид ба вуҷуд омада, нафси наботиро ташкил медиҳад. Вақте омезиши унсурҳои наботӣ комилтар мегардад ва мураттабтар мешавад, заминаи зуҳури шакли олитари ҳаёт, яъне нафси ҳайвонӣ мешавад. Аз ин мебарояд, ки мутафаккир ба нафс диди эволютсионӣ низ дорад ва онро ҳамчун натиҷаи раванди тадричӣ баҳогузорӣ мекунад. Муҳаққиқи тоҷик Нуриддин Саид дар ин масъала андешаҳои Арастуву Ибни Синоро муқоиса намуда, ба чунин хулоса омадааст: «Ин паҳлуи фалсафаи Ибни Сино ва Арасту дар асл ба принсипи рушди эволютсионӣ, ки хоси табиат аст, мувофиқат

мекунад».[226, с.82]

Нафси ҳайвонӣ бар феъл, тарки он ва идроки чизи муносиб қодир аст. Он метавонад ҷузъиётро дарёбад ва бо иродат ҳаракат кунад. Нафси ҳайвонӣ дорои қувваҳои муҳаррикаву мудрика аст. Қувваи муҳаррикаро Ибни Сино ба ду қисм ҷудо мекунад. Қисми аввал, сабаби ҳаракат ё ҷунбонидан аз он ҷиҳат, ки ҷунбиши ҷисм аз ӯ падид ояд ва онро қувваи шавқия меноманд. Он қувваест, ки ҳар гоҳ дар хаёл сурате ояд, онро ё талаб мекунад, ё аз он дурӣ меҷӯяд. Қувваи шавқия дар навбати худ ба ду шоха: «шаҳват» ва «ғазаб» ҷудо мешавад. Қувваи шаҳват ҷунбишро ба вуҷуд меорад, ки барои талаби лаззот ва қувваи ғазаб ғолиб омадан ба чизҳои зарарнок аст. Қисми дуюми қувваи муҳаррика иҷрокунандаи ҳаракат аст ва ба асаб вобаста буда, вазифааш аз он иборат аст, ки аъзоҳои баданро биҷунбонад.

Қувваи мудрикаро низ Ибни Сино ба ду қисм – қуввае, ки аз берун идрок кунад ва қуввае, ки аз дохил идрок кунад, ҷудо мекунад.[265, с. 114] Қуввaҳои аз берун дарккунанда ҳавоси панҷгонаи зоҳирӣ, яъне шунавоӣ (самъ), биноӣ (басар), бӯёӣ (шамма), чашоӣ (завқ) ва басавоӣ (мисос) аст. Ибни Сино қуввaҳои мудракаи берунаро «панҷ ё ҳашт аъзои ҳис»[10, с.346; 11, с. 176] меномад.

Дар «Китоб ан-наҷот» низ Ибни Сино ин масъаларо ба таври муфассал баррасӣ намудааст. Ӯ нафси ҳайвониро ибтидоан ба қуввaҳои муҳаррикаву мудрика ҷудо мекунад. Қувваи муҳаррика дар навбати худ ба муҳаррикаи боиса ва фоила ҷудо мешавад. Муҳаррикаи боиса «қувваест, ки агар дар тахайюл... чун сурати матлуб ё ғайриматлуб сабт гардад, қувваеро, ки зикр кунем бар таҳрик водор созад».[11, с.175] Муҳаррикаи фоиларо чунин таъриф медиҳад: «...қувваест, ки дар асабҳо ва мушакҳо паҳн гардида, хосияти он дорад, ки мушакҳоро таранг кунад ва тору робитаҳоро ба ҷиҳати мабдаъ ҷазб ё суст кунад, ё онро дароз кунад, то ки торҳо ва робитаҳо бар хилофи ҷиҳати мабдаъ шаванд».[11, с.176] Аз чунин тарзи масъалагузорӣ ва тавзеҳот бармеояд, ки масъалаи мавриди назар дар доираи табиият баррасӣ гардад,

мувофиқтар мебошад. Ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик Ниёзӣ Ё. дар мавриди таснифи илмҳо аз ҷониби Форобиву Ибни Сино ишора намудааст, ки нафс аз бахши илмҳои табиист. [188, с.159] Аммо нодида гирифтан низ нашояд, ки масъалаи нафс ба як соҳа маҳдуд намешавад ва он ҳам ҷанбаи онтологӣ ва ҳам гносеологӣ дорад. Зеро Ибни Сино нафсро мавҷуди мустақил, ҷавҳарӣ ва ҳастии ғайримоддӣ медонад, ки масоили классикии ҳастишиносианд. Ҳамзамон ӯ нафсро василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл медонад, ки масоили маърифатианд.

Сеюм, нафси инсонӣ аст, ки қобилияти маърифату уқулият дошта, метавонад раъйҳои куллиро истинбот кунад, ихтироот дар саноат дошта бошад ва маъқулоти куллиро дарёбад. [12, с.50] Нафси инсонӣ иҳотаест дар бораи ҳаракоти мавҷудот бо роҳи фикр ва баҳс. Он дар заминаи муътадилтар омадани мизоҷи қувваҳои куноӣ (қуввае, ки амалу ҳаракат ва таъсирро ба вуҷуд меорад. –А.Б.) ва андарёфт (қуввае барои дарку шинохт. –А.Б.) ташаккул меёбад. Нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки метавонад тааққул кунад ва неруеву камолоте дорад. Баъзе муҳаққиқон масъалаи мизоҷро дар таълимоти Ибни Сино таҳқиқ намуда, ба хулосае омадаанд, ки «мизоҷ ба ташаккули ҳувияти қавму миллатҳо низ таъсир мерасонад». [328, с.19]

Истилоҳоти «куноӣ» ва «андарёфт»-ро Ибни Сино дар «Донишнома» чунин тафсир менамояд, ки тавассути қуввати куноӣ мардум орзуҳои нек мекунанд ва ба кори савобу манфиатовар таваҷҷуҳ менамоянд. Қуввати андарёфт ду хел мешавад: андарёфти назарӣ ва амалӣ. Мисоли андарёфти назарӣ донистан, ки «Худо ягона аст» ва мисоли андарёфти амалӣ: «ситам набояд кардан». Андарёфти назарӣ бо кирдор омезиш надорад, аммо андарёфти амалӣ сабаби кирдор аст. Андарёфти амалӣ кулливу ҷузъӣ мешавад. Мисоли андарёфти амалии куллӣ: «ба мардум зулм набояд кард» ва мисоли андарёфти амалии ҷузъӣ: «Ин мардро набояд зад». Ҳамзамон миёни ҷузъиву куллӣ тафовути фаслӣ ҳаст: «Ҷузвӣ мар қуввати куноиро бувад ва куллӣ мар қуввати андарёфтро».[9, с.331-332]

Ибни Сино нафси инсониро ҷавҳаре меҳисобад, ки илова ба қобилиятҳои нафсҳои наботиву ҳайвонӣ, қобилияти маърифат ва фаъолияти ақлонӣ дошта, «фасод намепазирад ва истимдоди вай аз файзи илоҳӣ мебошад».[12, с.177] Ин назари мутафаккир бо андешаи Муаллими аввал мувофиқ аст, зеро Арасту муддаӣ аст, ки се ҷавҳари мутафовит вуҷуд дорад: аввал, ҷавҳари нобудипазир, ки шомили гиёҳону ҷонварон мешавад, дувум, ҷавҳаре, ки нобуд намешавад ва шомили аҷроми самовист ва сеюм, ҷавҳаре, ки на маҳсус аст, на нобудипазир ва шомили Худо ва нафси нотиқи инсон мешавад. [230, с.33]

Нафсро Ибни Сино ба далелҳои гуногун ҷавҳари руҳонӣ меҳисобад. Масалан, ба андешаи ӯ, нафс маъқулотро дарк мекунад ва маъқулот аз хусусиятҳои ҷисм аст, ки таҷзияпазиру тақсимпазир мебошад. Ин дар ҳолест, ки сурати маъқулот тақсимпазир нест, пас нафс ҷавҳари руҳонист. Ё идроки куллиёт аз ҷониби нафс бе олату васила аст. Аммо ҳис ё хаёл худу олати худро ҳис ё хаёл намекунанд. Пас, табиати нафс мисли табиати ҳиссу хаёл нест, аз ин рӯ, он ҷавҳари руҳонӣ аст.

Ибни Сино баҳси нафси нотиқаро чун муҳимтарин масоили маърифатшиносӣ матраҳ менамояд. Нафси инсонӣ дар таълимоти Ибни Сино ду қисм қувва дорад, ки якеро омила (амалӣ) ва дигареро олима (назарӣ) меномад. Дар истилоҳоти фалсафии Ибни Сино қуваи омила бо ақли амалӣ ва қуваи олима бо ақли назарӣ айният доранд: «Қувваи олима, ки онро қувваи олимаи назарӣ мехонанд, қуввааст, ки хосият дорад суратҳои куллии аз модда муҷаррад дар вай интибоъ ёбанд».[10, с.350] Ҷойи дигар ақл хондани ин қуваҳоро чунин баён мекунад: «ҳар яки онҳоро (қувваҳои омила ва олима. – А.Б.) бо иштироки исм ё аз ҷиҳати шабоҳат доштан «ақл» гӯянд».[10, с.348; 12, с. 53]

Нафс барои комил кардани бадан ба ақли амалӣ ниёзманд мебошад. Қувваи омила хоси мабдаи ҳаракати бадани инсон дар феълҳои ҷузъӣ мебошад, ки барои дархости афкор аз рӯйи андеша ба амал меояд. Он дар

муқоиса бо қуввaҳои дигар эътибори гуногун дорад. Масалан, эътибори қувваи омила ба қувваи ҳайвонии нузуъия чунин аст, ки аз он дар қувваи ҳайвонӣ ҳайатҳое ба амал меоянд, ки хоси инсонанд ва афъоле ба мисли шарм, хандаву гиря ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Эътибори қувваи омила дар муқоиса ба нафси ҳайвонии марбут ба хаёл ва ваҳм ин аст, ки инсон дар ҳолати таҳқиқи саноеъ ба он майл мекунад. Эътибори қувваи омила дар муқоиса ба худаш аз ин қабил аст, ки байни ақли амалӣ ва назарӣ афкореро ба амал меорад, ки ба амалҳои дар миёни инсонҳо маъмул, ба мисли дурӯғ зишт мебошад, вобаста аст. Ибни Сино муътақид аст, ки қуввaҳои ақлонӣ бояд аз қуввaҳои ҷисмонӣ бартарӣ дошта бошанд. Ҳамаи қуввaҳои ҷисмонӣ бояд таҳти таъсири қуввaҳои ақлонӣ қарор бигиранд ва «бадан дар қувваи ақлӣ ҳайатҳои инфиолиеро, ки дар умури табиӣ истифода шуда «ахлоқи зишт» номида мешавад, падид наоварад».[10, с.349]

Мутафаккир ба хотири исботи ба қувва тааллуқ доштани ахлоқ нафси инсониро ба ду ҷониб қиёсу нисбат дода, якеро ҷанбаи поёнӣ ва дигарро ҷанбаи болоӣ меҳисобад. Нафси нотиқа нисбати ҳар кадоми ин ҷиҳатҳо қуввае дорад, ки тавассути он алоқаро миёни худашу он ҷиҳат муназзам мекунад. Пас, қувваи амалӣ дар нафс ба ҷанбае равона шудааст, ки ғайри нафс аст ва он ҷисм ва тадбири он аст.

Қувваи олима ё назарӣ хосияте дорад, ки суратҳои куллии аз модда муҷаррад, дар вай интибоъ (раванде, ки ашё ба ҳис таъсир мекунад ва сурати он дар нафс зуҳур мекунад. –А.Б.) ёбанд. Агар ин суратҳо ба зоти худ муҷаррад бошанд, дар қабули онҳо мушкилие нест, дар акси ҳол, қувваи олима онҳоро аз модиёт муҷаррад месозад.

Қувваи олима ё назарӣ бошад, ба ҷанбаи болоии нафс равона шуда, аз он таъсир мепазирад, ки барои нафс манфиатовар аст. Пас, маълум мегардад, ки ҷанбаи поёнии нафси инсониро Ибни Сино ба ҷисм алоқаманд намуда, ба ин бовар аст, ки он ҳеҷ гоҳ асареро аз ҷинсе, ки табиати баданро дархост мекунад, қабул накунад. Ҷанбаи болоӣ ба сарчашмаҳои олӣ равона шуда, доим чизеро,

ки дар он ҷо ҳаст, пазирад ва аз он мутаасссир гардад.

Дар маҷмуъ, ковишҳои Форобӣ дар бораи нафс чунин аст, ки он камоли ҷисми зинда аст. Он азалӣ нест, балки бо ҷисме, ки омодааст онро бипазирад, ҳодис шудааст. Нафсҳои наботиву ҳайвонӣ бо фанои ҷисм аз байн мераванд, аммо нафси нотиқа, агар саодатро шинохта ва барои расидан ба он кӯшидааст ё саодатро шинохта, вале онро напазируфтааст, абадианд. Ин масъала асосан дар чаҳорчӯбаи кайҳонмарказияти юнонӣ матраҳ гардидааст. Ба ҳар навъ, назари Форобӣ нисбати нафс мушаххас буда, он ҳарчанд дар заминаи фалсафаи юнонӣ шакл гирифта аст, аммо на бо Афлотун мувофиқ аст, ки нафсро азалӣ меҳисобид, на бо Арасту мутобиқ аст, ки нафсҳои фардиро пас аз фанои ҷисм фонӣ меҳисобид. Ӯ ҳамчун файласуфи соҳибраъй нисбати ин масъала хулосаҳои муайяни худро дошт ва нафсро ҳодис ба ҳудуси тан ва боқӣ пас аз фанои ҷисм меҳисобад. Ӯ ҳамаи нуфусро зотан толиби камол медонад. Ба назари ӯ, нафс дар бадан нест, вале қувваҳои гуногунаш, ки тавассути онҳо дар ашё тасарруф мекунад ва ба мисли абзори ӯянд, дар бадан воқеъанд. Ин қуввахо байни нафсу бадан муштараканд ва аз қувваи амалия баромадаанд.

Форобӣ кӯшидааст муайян намояд, ки маърифат ба саодат сабаби аслии бақои инсон баъди маргаш аст. Сарнавишти инсон ба идроки ақлони ӯ нисбати саодати ҳақиқӣ бастагӣ дорад. Ҳар кӣ дидаву дониста сабабгори залолати худ мешавад, ба азоби доим гирифтор мегардад. Ин ақидаҳои Форобӣ хусусияти тарбиявӣ низ доранд.

Ҳамзамон метавон натиҷагирӣ намуд, ки дар масъалаи нафс то Ибни Сино касе ба мисли ӯ ба таври муназзам дар ин мазуъ баҳс наороста буд. Мутафаккир ба мафҳуми “нафс” таваҷҷуҳи махсус медиҳад ва қуввахои инсониро ҳамчун фаъли нафс баррасӣ менамояд. Нафс, ба назари Ибни Сино, ба мавҷудоти зинда мутааллиқ буда, нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ мебошанд ва ҳастиашон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Аммо нафси инсонӣ хусусияти ҷавҳарӣ дошта, ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис ҳаст, аммо

ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ абадӣ боқӣ мемонад. Ин натиҷагирии Ибни Сино бо низоми фалсафии худаш, ки ҳама чизи ҳодисро фанопазир медонист, мувофиқат намекунад.

Ҳарчанд Форобӣ ба ҷавҳарияти нафс қоил аст, аммо Ибни Сино ба ҷавҳарияти руҳонии нафс бовар дорад. Форобӣ нафсро камоли аввали ҷисми табиӣ меҳисобад, Ибни Сино онро ҷавҳари ғайримоддии мустақиле медонад, ки илова ба камол ҳастии худӣ дорад. Дар таълимоти фалсафии ҳар ду мутафаккир масоили нафс ҳам ҷанбаи онтологӣ ва ҳам гносеологӣ дорад, аммо Форобӣ онро чун як қисмати космологӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба он асосан чун василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл муносибат мекунад.

Хулоса, Форобӣ ва Ибни Сино ба масъалаи нафс чун василаи маърифатӣ таваҷҷуҳ намуда, онро пайванди асосӣ миёни ҷисми зинда ва фаъолияти ҳаётӣ меҳисобанд. Форобӣ ба ин бештар масъала диди метафизикӣ ва ахлоқи дорад, дар ҳоле ки Ибни Сино онро чун масъалаи мустақили фалсафӣ баррасӣ менамояд. Инчунин Форобӣ асосан ба ин масъала диди иҷтимоӣ-сиёсӣ дошта, нафсро дар робита бо ҷомеа баррасӣ мекунад. Ибни Сино бошад, бештар ба таҳлили психологию тиббии сохтори нафс, робитаи он бо майнаи сар ва узвҳои ҳис таваҷҷуҳ мекунад. Ба ҳар навъ, дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино нафс танҳо ифодакунандаи ҳаёт нест, балки василаи маърифати олам аст.

БОБИ 4. МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ, СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО

4.1 Андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино оид ба ахлоқ ва камолоти инсон

Дар фалсафаи асримиёнагии мо масъалаи инсон ҷойгоҳи хос дошта, чун навъи махсуси ҳастӣ баррасӣ мешавад ва дар робита ба дигар шаклҳои ҳастӣ таҳқиқ мегардад. Файласуфони ин давраи мо, махсусан Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино масъалаи инсонро дар алоқамандӣ бо ақл, ҷомеа ва арзишҳои марбут ба он таҳлил намудаанд. Онҳо муътақиданд, ки инсон табиатан майл ба камол дорад барои ноил шудан ба он ногузир ба дониш, ирода, амалҳои мақсаднок ва фазилатҳои ахлоқӣ ниёз дорад.

Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино фалсафаро маърифати ҳақоиқи ашё ба қадри тавони инсон донистаанд, ки он фарогири тамоми донишҳои инсонист. Онҳо фалсафаро бо такя ба назарияи таснифоти илми арастуӣ ба ду бахш: назарӣ ва амалӣ ҷудо намудаанд. Мавзуи баҳси фалсафаи назарӣ, аз назари Форобиву Ибни Сино, чигунагии ҳастии ашё ва ҳадафаш шинохти ҳақиқати он буда, шомили табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт аст, ки пештар ишора кардем. Мавзуи фалсафаи амалӣ амалҳои инсонҳо ва ғояти он дастрасӣ ба саодат мебошад, ки фарогири илми ахлоқ, тадбири манзил ва тадбири мудун мебошад. Ҳар кадоми ин навъҳои илмҳо дар навбати худ ба шохаҳо тақсим мешаванд. Ин тасниф то Форобиву Ибни Сино дар фалсафаи Юнони бостон маъмул буд ва ҳакимони мо бо диду салиқаи худ онро пазируфта, бо навгониҳои худ онро такмил додаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавқеи файласуфон дар танзиму ташаккули тафаккури ахлоқиву фалсафии инсоният хеле назаррас аст. Саҳми онҳо бо пешниҳоди моделҳои ахлоқӣ дар таълиму тарбияи инсоният аз институтҳои иҷтимоӣ кам набуда, мақулаҳои ахлоқие, ки онҳо баррасӣ намудаанд, минбаъд дар ташаккули мафҳумҳои гуманистӣ таъсири бевосита доранд. [334, с.25-29] Ба алоқамандон маълум аст, ки «танзими ахлоқии муносибатҳои ҷамъиятӣ

барои инсоният ҳамеша масъалаи муҳим аст».[100, с.8] Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлилу баррасии афкори файласуфони барҷаста яке аз муҳимтарин вазифаҳои муҳаққиқони имрӯза аст, то дар асоси он моҳияти ғояҳои арзишманди инсонӣ, махсусан афкори ахлоқии бузургони ҷаҳони андеша, ки дар ташаккули шахсияти имрӯза низ ниҳоят муҳим аст, баҳри рушди ҷомеаи солим равшан карда шавад.

Пас аз маъруфият касб намудани «наҳзати тарҷума» дар ҷаҳони ислом ва таваҷҷуҳи ҳакимони мусулмон ба фалсафаи атиқа, махсусан ҳикмати юнонӣ, яке аз осоре, ки писанди аксари муҳаққиқони мусулмон қарор гирифт, китобҳои ахлоқии Арасту мебошад. Зеро дар шароити истибдоди ҳокимони араб, нобаробарии иҷтимоӣ ва тафаккури қавмгароёнаву таассуби қабилавии аъроб дар ҷаҳони ислом, ки мушкилоти зиёдеро ба миён оварда буд, ба масоили ахлоқӣ талаботи иҷтимоӣ бештар гардида буд. Ин масоил наметавонист аз мадди назари донишмандон дар канор монад. Форобӣ ва Ибни Сино аз ҷумлаи мутафаккирони маъруф дар ин ҷода ба ҳисоб мераванд, ки як қисмати назарраси афкори фалсафии худро сарфи баҳси фалсафаи ахлоқ намуда, асосан ба назарияи «ҳадди миёна ё эътидоли тиллоӣ»-и Арасту такя намудаанд. Масалан, Ибни Сино дар «Китоб ан-Наҷот» моҳияти хулқро тавзеҳ медиҳад ва таъкид мекунад, ки «хулқ ин малакаест, ки ба воситаи он аз нафс феълҳое ба осонӣ ва бе андеша сар мезананд. Дар китобҳои ахлоқ фармуда шудааст, ки дар байни ду хулқи ба ҳам зид бояд тавассут ба кор бурда шавад».[11, с.338] Вожаи «тавассут» ишорае ба назарияи «ҳадди васатия»-и Арасту аст.

Усули таҳқиқи Форобӣ ва Ибни Сино дар низоми ахлоқ бо таълимоти перепатетикаи ғарбӣ ҳамоҳангии назаррас дорад ва ҳардуро метавон дар илми ахлоқ аз пайравони Арасту ҳисобид. Аммо дар байни таълимоти онҳо дар бахши масоили ахлоқӣ тафовутҳое низ мавҷуд аст, ки дар ин ҷо кӯшиш менамоем, то ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

Дар маркази таълимоти ахлоқии Форобиву Ибни Сино масоили назарияи

ҳадди васати арастуӣ ҷойгоҳи хосе дорад. Пас аз Арасту ҳакимони зиёде, хусусан намояндагони навафлотунияву мактабҳои гуногуни ҳикмати ҷаҳони ислом, бо такя ба ин назария андешаҳои ахлоқии мавриди назарашонро ироа намудаанд. Масалан, дар китобҳои ахлоқии «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ, «Рисола андар ахлоқ»-и Ибни Сино, «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ, «Ахлоқи Носирӣ» ва «Рисола андар ахлоқ»-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва «Меъроҷ-ус-саодат»-и Мулло Аҳмад Нароқӣ ва амсоли инҳо назарияи «ҳадди миёна ё эътидоли тиллоӣ»-и арастуӣ ҷойгоҳи вижа дорад ва масоили ахлоқ аз дидгоҳи Арасту матраҳ мегардад. Ин китобҳо усули ахлоқро шуҷоат, иффат, ҳикмат ва адолат меҳисобанд, ки бо усули таълимоти Арасту мувофиқат дорад. Дигар мақулаҳои ахлоқие, ки онҳо баррасӣ мекунанд, дар заминаи ин чаҳор хулқ таҳлил мешаванд.

Аз диди Форобиву Ибни Сино, ин фазоили ахлоқии чаҳоргона, ба истиснои адолат, ҳар кадом ҳадди васат доранд. Масалан, сифати шуҷоат хислатест дар инсон, ки ду тарафи ба ҳам зид дорад. Ин тарафҳо агар аз нуктаи мутавассит дуртар бишаванд, ба ҳадди ифрот (зиёдаравӣ) ва тафрит (бепарвоӣ дар коре) мерасанд. Зеро шуҷоат агар аз як тараф ба ҳадди бебокиву далерӣ мерасад, аз тарафи дигар ба ҳадди тарсу буздилӣ мерасад ва ҳар ду ҳам сифоти разилаи ахлоқианд. Аз ин рӯ, ҳадди васати он, ки номаш шуҷоат аст, дар фазоили ахлоқӣ муҳиму зарурист. Ҳамин назар дар бораи иффат (покдоманӣ) низ матраҳ мешавад. Иффат як сифати ғаризии инсон аст, ки агар ба ифрот расад, ба шаҳватроиҳои давомдор мерасад, ки зишту мазмум аст. Агар баръакс ин сифатро инсон дар замири худ бимиронад ва ба ҳадди тафрит орад, бад аст, ки боиси қатъи насли одамӣ мегардад. Айни ҳамин ҳолат дар ҳикмат низ мушоҳида мешавад. Агар ба ҳадди ифрот расад, дигар барои инсон ҳамаи меъёрҳо сарфи назар мегардад ва ба ҳадди фузуливу кунҷковиҳои беҳуда мерасонад. Баръакс, агар ба ҳадди тафрит расад, ба ҳадди нодониву

аблаҳӣ мерасонад. Ҳар ду ин ҳолатҳои мазкур баданд ва ҳадди васати он, яъне ҳикмат, аз сифоти ҳамидаи ахлоқист. Ин се мақулаи ахлоқӣ, яъне шуҷоат, иффат ва ҳикмат ҳадди васат доранд ва аз ғаризаҳои инсонӣ буда, дар ҳоли ифроту тафрит он ба разоили ахлоқӣ табдил меёбад. Аммо дар бораи мақулаи адолат Форобиву Ибни Сино назари дигартаре доранд. Ҳарчанд ин мутафаккирон ба таври ошкор дар ин масъала бо Арасту мухолифат надошта бошанд ҳам, ишороте кардаанд, ки дар он замина Ғаззолӣ «Эҳё-ул-улум ад-дин» ва «Кимиёи саъодат»-ашро навишта, хост ахлоқе пешниҳод кунад, ки аз ахлоқи Арасту фарқ дошта бошад. Чун ба назари ӯ, адолат наметавонад ба ҳадди ифроту тафрит бирасад, зеро он худ ҳадди васат аст. Яъне касе наметавонад каме ё аз ҳад зиёд одил бошад. Сифати адл дар инсон ё ҳаст, ё нест.

Ногуфта намонад, ки дар назарияи ҳадди васати арастуӣ саодат ба хуб ғизо хӯрдан монанд карда мешавад, ки дар он наметавон бо як миқдори муайяне ҳадди хуб истеъмол намудани онро маълум намуд. Танҳо метавон натиҷагирӣ намуд, ки хуб ғизо хӯрдан риояи ҳадди миёна миёни пурхӯрӣ ва камхӯрӣ аст.[60, с.17] Дар таълимоти ахлоқии Арасту ҳади миёна баъзан бо «фазилат» муродиф истифода мешавад.[60, с.53] Аз ин рӯ, ду мафҳуми калидие, ки ӯ дар таълимоти ахлоқияш ироа менамояд, яке «саодат» ва дигаре «фазилат» аст. Фазилат ба унвони мавқеияту вазъияте барои рафтори дуруст ва ба унвони ҳадди миёна байни ифрот ва тафрит баромад менамояд. Разилат бошад ҳамон ифрот ва тафрит аст, ки Форобиву Ибни Сино аз чунин тафсири он пайгирӣ намудаанд.

Форобиву Ибни Сино ҳарчанд бо ин назария мушкилие надоштанд ва онро пазируфта буданд, вале дар баъзе ҳолатҳо дар мутлақ будани он шубҳа кардаанд. Махсусан, Форобӣ нисбатан ба масоили ахлоқӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, дар ин самт корҳои бештаре намудааст.

Масоили фалсафаи амалӣ, махсусан ахлоқ, яке аз мавзуъҳои меҳварии таълимоти фалсафии Форобӣ ба ҳисоб меравад, ки чун сарчашмаи муътамади

ташаккули ҳикмати файласуфони сершумори баъдӣ дониста шудааст. Ин ҷо мо назди худ мақсад гузоштем, ки бо такя ба осори ахлоқии Форобӣ дар атрофи масоили куллии ахлоқ, яъне ба саодат расидани инсон ва омилҳое, ки дар ин раванд мусоидат мекунанд, баҳс намоем ва саҳми мутафаккирро дар ташаккули илми ахлоқ нишон диҳем.

Чи тавре пештар ишора шуд, Форобӣ дар шохаҳои гуногуни илм, аз қабили мантиқ, риёзиёт, табииёт, илоҳиёт, мусиқӣ, нуҷум, ҳайат, тадбири манзил, фалсафаи сиёсӣ ва ахлоқ дахл намуда, дар ин соҳаҳо осори гуногуне таълиф намудааст, ки ҳакимони зиёди олами ислом маҳз тавассути онҳо ба афкори фалсафӣ даст ёфтаанд. Аз ин рӯ, ӯро «муассиси фалсафаи исломӣ»[253, с.272] меҳисобанд ва ӯ тавонистааст «як дастгоҳи печидаи фалсафӣ... ба ҷаҳони андеша тақдим»[264, с.3] намояд.

Форобӣ муътақид аст, ки камоли ниҳоии инсон тавассути илму амал ҳосил мегардад. Илму амал бе ҳам муассир нестанд ва мисли ду боле ҳастанд, ки парандаро ба манзили мақсудаш мерасонанд. Танҳо соҳибони ҳикмат ба дараҷаи олии саодат метавонанд бирасанд ва саодати воқеӣ буридан аз модиёт ва пайвастан ба муҷаррадот аст. Мутафаккир дар яке аз муҳимтарин китобҳои сиёсиаш, ки «Китобу ас-сиёсати-л-маданияти» унвон дорад, саодатро чунин тавзеҳ медиҳад: «Саодат хайри мутлақ аст».[44, с.79]

Таҳлили осори ахлоқии Форобӣ бозгӯкунандаи он аст, ки таълимоти Афлотуну Арасту, машшоияи юнониву навафлотуния ва ҳикмати ҷаҳони исломи давронаш чун заминаҳои муҳимтарини андешаҳои фалсафаи амалии ӯ баромад мекунанд. Барои таҳлили амиқи афкори ахлоқии Форобӣ зарур аст, ки авалан, сарчашмаҳои ташаккули тафаккури фалсафии ӯ омӯхта шуда, баъдан, осори дар ин ҷода навишташуда ва равиши андешаронии ин мутафаккир пайгирӣ шавад.

Дар осори гуногуни Форобӣ масъалаи пайравӣ намуданаш аз мутафаккирони Юнони бостон зиёд таъкид шудааст. Масалан, аз Афлотуну Арасту пайравӣ намудан ва онҳоро «падидоварандагони фалсафа»[31, с.66]

донистанашро Форобӣ такрор ба такрор таъкид намуда, таъсири назаррасе аз онҳо бардоштааст. Ба ибораи худаш: «Дар каму бешии фалсафа такя бар орои онҳо (Афлотун ва Арасту –А.Б.) аст».[31, с.66]

Дар масоили фалсафаи амалӣ, махсусан ахлоқ, Форобӣ комилан ба ҳикмати юнонӣ такя нанамудааст. Аз сарчашмаҳои гуногун илҳом гирифтани Форобӣ ва пурра ба афкори ҳакимони юнонӣ пойбанд нашуданашро ҳанӯз Ибни Халдун дар «Муқаддима»-аш таъкид карда буд.[7, с.976]

Яке аз вижагиҳои таълимоти ахлоқии Форобӣ дар он аст, ки ӯ масоили дар ин ҷода матраҳнамудаашро дар зиндагии хеш татбиқ менамуд. Ӯ зиндагии зоҳидонаву орифонаро меписандид ва бештари лаҳзаҳои ҳаёти худро дар омӯзиш ва хилват сипарӣ менамуд. Зоҳирпарастиро мазаммат менамуд ва яке аз василаҳои дарёфти хушбахтиву шаҳомати фардиро тарки лаззоти дунё меҳисобид. Форобӣ ба ин бовар буд, ки ахлоқ натиҷаи илму амал аст. Ба назари ӯ, олиму ҳаким бояд аз сифатҳое, ба мисли покдоманӣ, ростқавлӣ, хайрхоҳӣ, заковат ва ғайра бархӯрдорӣ дошта бошад.

Таълимоти ахлоқиву фалсафии Форобӣ ҳанӯз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб намуда буд. Масалан, донишмандони асрҳои XII-XIII, ба мисли Байҳақӣ, Қифтӣ, Ибни Усайбия ва Ибни Халликон дар ин мавзуъ андешаҳои арзишманде пешниҳод намудаанд. Далелҳое, ки дар китобҳои онҳо дарҷ шуда, ба замони Форобӣ наздиктар аст ва нисбатан боварибахштаранд.[269, с.70] Истифода аз чунин манбаъҳо барои равшан намудани афкори ахлоқиву фалсафии Форобӣ арзишманд бошанд ҳам, вале муҳимтарин сарчашма таълифоти худи ӯ маҳсуб мешавад.

Албатта, тарзи ҷаҳоншиносӣ, услуби тафаккуру сохтори ғоявӣ ва симои фалсафии давр асосҳои фарҳанги ҳар марҳилаи иҷтимоӣ маҳсуб мешавад. Тавассути услуби баён метавон асосҳои маданияти даврaҳои мухталифро муайян кунад. Ба ин маъно Маркс чунин қайд мекунад, ки «ҳар гуна фалсафаи ҳақиқӣ ҷавҳари замони худ ва руҳи махсуси зиндаи маданиятҳоро ташкил медиҳад».[353, с.105]

Таърихи ахлоқ бо ҷомеа тавъам аст. Яъне, аз ибтидои ба вуҷуд омадани ҷомеаҳо инсоният бо унсурҳои ахлоқӣ бархӯрд намудааст. Аммо ахлоқ то асри VI пеш аз милод дар доираи амру наҳй, панду андарз ва ташвиқу тарғиби кори нек фаҳмида мешуд. Пас аз ташаккули макотиби фалсафии бостонии калдонӣ, мисрӣ, ҳиндӣ, чинӣ, эронӣ ва махсусан, юнонӣ ахлоқ сифоти илмият касб намуд. Назар ба гуфтаҳои муҳаққиқи рус Г.В. Драч, муназзамияте, ки хоси илмият аст, дар ин баҳс (баҳси ахлоқ–А.Б.), то фалсафаи классикии Юнони бостон дида намешавад.[124, с.15]

Ахлоқ дар замоне ҳамчун илми мустақил арзи ҳастӣ намуд, ки аввалин шаҳр-давлатҳо ба вуҷуд омада, дар тафаккури сиёсии омма мафҳумҳои табақабандии иҷтимоӣ ташаккул ёфтанд. Дар тафаккури мардум таҳаввулоте ба амал омад ва онҳо ниёзмандии худро ба меъёрҳои умумии иҷтимое, ки тавонад онҳоро пайванд бидиҳад, эҳсос намуданд. Маҳз аз ин рӯ, этика меъёрҳои ахлоқро муносибати иҷтимоӣ меҳисобад.

Осори ахлоқии тоисломии тоҷикон, асосан, баҳсҳояшро дар доираи аҳкоми дин анҷом додааст. Масоили ахлоқро дар чаҳорчӯбаи илмӣ аҷдодони мо пас аз ошноӣ тавассути тарҷума бо расоили мухталифи ахлоқии ғарбиён, махсусан, асарҳои ба ин мавзуъ бахшидаи Арасту таҳлил намуда, дар ин ҷода осори гаронарзише офаридаанд. Ба осори Арасту таваҷҷуҳ намудани ҳакимони мо сабабҳои мухталиф дорад. Яке аз он сабабҳо дар усули ҷаҳоншиносии арастуиву ин мутафаккирон инъикос мегардад. Зеро осори ахлоқии Арасту дар асоси равиши идеалистии ӯ навишта шуда, бо идеологияи ҳукмрони асримиёнагӣ аз бисёр ҷиҳатҳо қаробат дорад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи оммаи мусулмонон нисбати дигар масоили фалсафии юнонӣ ба ахлоқ бештар буда, яке аз сарчашмаҳое, ки мавриди пазироиши бештари муҳаққиқони мусулмон қарор гирифт, китобҳои ахлоқии Арастуст.

Асарҳои фалсафиву ахлоқӣ асосан ба забони арабӣ, ки дар он давра чун забони илмиву идорӣ ва муошрати байналхалқӣ хидмат менамуд, тарҷума мегардид. Осори илмии тарҷумашуда «дар олами ислом ва араб муҷиби чунон

инқилоби фикрӣ, фарҳангӣ ва луғавӣ гардид, ки дар тамоми таърихи тамаддуни башарӣ назир надошт».[280, с.342] Пас аз давраи Эҳёи Аврупо, баръакс, тарҷумаи асарҳои илмӣ-фалсафӣ аз забони арабӣ ба лотинӣ... ривоҷи хос ёфт[86, с.299] ва ба яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули афкори фалсафии ғарбиён мубаддал гардид.

Усули таҳқиқи Форобӣ бо таълимоти Афлотуну Арасту, машшоияи ғарбиву навафлотуния ҳамоҳангии назаррас дорад. Аз навиштаҳои Форобӣ дар «Таҳсил-ус-саодат»-аш бармеояд, ки ӯ аслан ба ҳикмати юнонӣ такя намудааст. Чуноне ки худаш қайд мекунад: «фалсафае, ки сифоти онро баршуморидем, аз юнониён, махсусан Афлотуну Арасту, ба мо расидааст».[37, с.99] Дар масоили ахлоқ мутафаккир асосан ба назарияи «ҳадди миёна»-и Арасту такя кардааст.

Бояд гуфт, ки ин асари Форобиро ноширони асри XX худсарона «Таҳсил-ус-саодат» номидаанд. Нусхаҳои хаттии қадимаи он беунвонанд. Дар «Феҳрист»-и Ибни Надим, ки аз муосирони Форобист, аз он ёд намешавад. Дигар сарчашмаҳое, ки ба масъалаи китобшиносӣ дахл намудаанд ва ба замони Форобӣ наздиканд, ба мисли осори Соиди Андалусӣ ва Ибни Абиусайбия низ аз номи ин асар ёд намекунанд. Танҳо дар чопҳои нав дар соли 1345 ҳ. дар матбааи Ҳайдарободи Ҳиндустон ин асар бо номи «Таҳсил-ус-саодат» ба нашр расидааст.[37, с.7] Шояд бо ин ном хондани ин асар ба хотири истифодаи такрории ибораи «таҳсили саодат» дар муқаддимаи ин китоб бошад. Ба ҳар навъ, «Таҳсил-ус-саодат» яке аз муҳимтарин осори Форобист, ки ба таҳлилу баррасии масоили ахлоқ бахшида шудааст.

Ҳанӯз дар даврони Форобӣ ва аз он баъд баъзе муҳаққиқон ӯро чун ҷамъоварандаи осор ва шореҳи афкори Арасту унвон карда бошанд ҳам, дар бисёр мавридҳо ӯ ба моҳияти ахлоқ бо диди тоза нигариста, чун файласуфи асил баромад менамояд ва амалан исбот менамояд, ки аз усули фалсафии хоссе бархурдорӣ дорад. Барои он ки Форобӣ унсурҳои ахлоқи юнониву исломиро ба ҳам рабт дода, як навъ кӯшиши омехтани эътиқодоту фалсафа

мекунад ва барои мутафаккирони сершумори баъди худ ин равишро ба мерос гузоштааст, ки ифодакунандаи соҳибмактабии ӯст.[305, с.106] Миёни таълимоти ахлоқии Форобӣ ва ҳакимони юнонӣ тафовутҳое низ мавҷуд аст. Зеро дар он ҷанбаҳои эътиқодии мутафаккир низ нақши муҳимме гузоштаанд.

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки Форобӣ дар баҳси ахлоқ матраҳ мекунад ва дар таълимоташ мақоми меҳварӣ касб намудааст, саодати инсонӣ ва роҳҳои расидан ба он аст. Дар таълимоти Форобӣ, яке аз мухтассоти инсон дорои нафси нотиқа буданаш аст. Нафси нотиқа тавассути дарки маъқулот ба дараҷаи ақли билфеъл ва болотар аз он ба ақли мустафод мерасад. Дар ин сурат нафси инсон ба камоле мерасад, ки метавонад бе ҷисми моддӣ низ арзи вуҷуд ва зиндагӣ кунад. Саодати ниҳоии инсон, ба назари ӯ, муҷаррад шудан аз модда ва пайвастан ба ақли муҷаррад аст, ки на ҳар кас ба моҳияти ин масъала дуруст сарфаҳм меравад ва барои расидан ба ин дараҷот ногузир бояд аз анбиё ва роҳи матраҳнамудаи онҳо мадад ҷуста шавад.[215, с.8-9]

Форобӣ муътақид аст, ки файласуфу набӣ аз ҷиҳати маъқулот ва мавзуъоте, ки дастрас намудаанд, аз ҳам фарқ надоранд. Тафовути онҳо дар равиши ҳосил намудани ахбор аст, зеро файласуф тавассути ақли мустафод ва набӣ бо роҳи ваҳй онро дастрас мекунанд.[37, с.21] Барои дастрасӣ ба саодат инсоният бояд, пеш аз ҳама, хоҳишу иродаи таҳсили он дошта бошад. Зеро, ба назари Форобӣ, ашёи табиӣ аз табиат ва аъмоли инсонӣ аз ирода ба вуҷуд меоянд.[37, с.50-51]

Саодати инсонӣ мавзуест, ки ҳам дар ҳикмати амалӣ ва ҳам дар ҳикмати назарии Форобӣ матраҳ шудааст. Он мавзуи меҳварии муҳимтарин осори мутафаккир, ба мисли «Таҳсил-ус-саодат», «Ас-сиёсат-ул-маданияти», «Эҳсо-ул-улум», «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн», «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила», «Ат-таълиқот» «Фусул-ул-мунтазиъа» ва ғайраҳост. Дар мавзеъҳои гуногуни осори фавқуззикр Форобӣ мехоҳад роҳҳои расидан ба саодати ҳақиқиро, ки инсоният ҷустуҷӯ дорад, моҳият ва шароити вусул ба онро нишон диҳад. Махсусан, дар афкори сиёсии Форобӣ назарияи саодати ӯ бештар ҷилвагар мешавад.

Форобӣ дар китоби «Таҳсил-ус-саодат» умуреро, ки дар бадастоварии саодат муассиранд ба чор қисм – саноати амалӣ, фазоили назариявӣ, фазоили халқӣ ва фазоили фикрӣ ҷудо намуда, ҳар кадомеро дар фасли алоҳида баррасӣ намудааст. Форобӣ дар таҳлили афкору андешаҳои ба ахлоқ алоқамандаш дар ин асар, асосан, ба равиши арастуӣ кор карда, тарҳи як низоми мушаххаси ахлоқиеро заминагузорӣ намудааст. Аксари ҳакимони мусулмони баъдӣ аз ягон ҷиҳате ба низоми ахлоқии муқаррарнамудаи Форобӣ алоқамандиашонро нишон додаанд. Масалан, чи тавре ки Форобӣ дараҷоти фазилатҳоро ба назариявӣ, халқӣ ва фикрӣ ва саноати амалӣ[37, с.25-62] ҷудо мекунад, Ибни Мискавайҳ низ барои фазоил чандин мартабае қоил аст[74, с.153], ки бозгӯкунандаи таъсирпазирии ӯ аз Форобист. Дар осори ба илми ахлоқ бахшидашудаи файласуфони маъруфи мусулмон, ба мисли Ибни Сино дар «Рисола андар ахлоқ», Ибни Мискавайҳ дар китоби «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ» ва Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар «Ахлоқи Носирӣ» таъсири таълимоти ахлоқии Форобӣ равшан мушоҳида мегардад. Масалан, Ибни Сино дар «Рисола андар ахлоқ» дар масъалаи тавассути илм такмил додани неруи назарӣ ба Форобӣ такя намуданашро таъкид мекунад: «инсонро боистӣ, ки нерӯи назарии хешро ба воситаи илмҳои муайян, ки ғояи ҳар яке аз онҳо дар китоби «Эҳсо-ул-улум» (Шуморидани илмҳо) ишора шудааст, такмил диҳад».[10, с.644]

Форобӣ зиёд кӯшидааст равиши таҳқиқи арастуиро дар байни аҳли илм густариш диҳад. Китобҳои ахлоқии фавқуззикр ҳарчанд зоҳиран дар руҳияи таълимоти дини ислом тасниф шудаанд, вале мавқеи воқеиятнигарии муаллиф назаррас буда, таъсири методҳои таҳқиқи Афлотуну Арасту дар онҳо назаррас аст. Ба назари мо, ин ба кӯшишҳои пайгиронаи Форобӣ дар ҳамоҳангсозии назарияҳои ахлоқии файласуфони Юнони бостону ахлоқи исломӣ алоқамандӣ дорад.

Бо такя ба осори дастраси Форобӣ ба натиҷае расидем, ки ӯ то андозае таҳти таъсири таълимоти ҳавзаи арастуии Бағдоди асри Х низ қарор доштааст.

Зеро Форобӣ ба мисли баъзе аз намояндагони ин ҳавзаи илмӣ муътақид буд, ки дар замони ӯ фалсафа мавқеи худро аз даст додааст. Вале Форобӣ бо фарқ аз онҳо олами исломро истисно менамуд ва марказҳои илмии мусулмононро ватани нави фалсафа ҳисобида, ба ин бовар буд, ки муҳити илмии онҳо дар ташаккули фалсафа мусоидат мекунад. Инчунин, Форобӣ бо яке аз маъруфтарин шореҳони осори Арасту, тарҷумони маъруфи ҳавзаи машшоияи масеҳии Бағдод Абубишри Матто ибни Юнус (вафоташ 940 м.) дӯстӣ дошт ва байни онҳо мубоҳисаҳо низ сурат гирифтааст.[215, с.3]

Дар масъалаи ахлоқ Форобӣ мафҳумҳои «таълим» ва «таъдиб»-ро (аз решаи адаб) пешниҳод намудааст ва онҳоро аз ҳам фарқ мекунад. «Таълим»-ро мутафаккир ба эҷоди фазоили назарӣ ва «таъдиб»-ро ба эҷоди фазоили хулқӣ нисбат медиҳад. Мутафаккир ба ин назар аст, ки «таълим» хусусияти сирф қавлӣ дорад, аммо «таъдиб» натиҷаи қавлу амал аст.[37, с.71] Яъне Форобӣ дар масъалаи таҳсили ахлоқ равиши байние миёни Афлотуну Арасту пеш гирифта, қонунмандиҳои ахлоқиро кулливу мутлақ меҳисобад ва муътақид аст, ки ба ҳар хулқе, агар ба таври мутлақ таваҷҷуҳ шавад, ҳарчанд бо мушкилоти зиёд бошад ҳам, он қобили тағйиру таҳаввул аст, зеро он ба мисли сурати ҷавҳарӣ буда, метавонад табдилу таҳаввул ёбад.

Форобӣ ба аҳкоми дин зиёд рағбат дошт, аммо диёнатеро, ки дар асоси тафаккури фалсафӣ ташаккул наёфта бошад, ботил меҳисобид.[37, с.31] Ӯ Афлотунро идеали зиндагиаш қарор дода, ҳаёти зоҳидонае дошт. Анри Корбен дар заминаи пажуҳишҳои зиёде дар бораи ҳаёту фаъолияти Форобӣ ба хулосае меояд, ки ӯ «аҳли ирфон низ буд».[57, с.225] Зеро Форобӣ итминони комил дошт, ки барои дарёфти саодати воқеии инсон дин ва фалсафа хидмати муштарак доранд ва «саодат хайри мутлақ аст».[44, с.79] Аз мазмуни суханони мутафаккир дар «Таҳсил-ус-саодат» бармеояд, ки ӯ фалсафаро аз лиҳози рутба аз дин муқаддам медонад.

Барои дақиқ муайян намудани мафҳуми саодати воқеӣ, ки дар таълимоти Форобӣ ҷой дорад, назарияи ҳақиқати инсони ӯро таҳлил намудан зарур аст.

Ба назари Форобӣ, инсон мавҷуди мураккаб аз нафсу тан аст, ки «нафс сурати инсон ва ҷисм модда дар он аст».[44, с.29] Аз маҷмуи нафсу тан ҷисме ташкил мешавад, ки моҳияти навъи хосест ва «инсон» номида мешавад. Ба назари Форобӣ, дар миёни ҷисмҳои моддӣ инсон мураккабтарин мавҷудест, ки аз лиҳози сурат низ аз тамоми сувари моддӣ бартарият дорад.[44, с.31] Имтиёзи асосии инсонро аз соири ҳайвонот Форобӣ дар доштани нафсе меҳисобад, ки ҳам афъолашонро бо абзорҳои ҷисмонӣ анҷом медиҳанд, ҳам дорои қуввае ҳастанд, ки бе абзорҳои ҷисмонӣ, яъне қувваи ақл афъолашонро анҷом медиҳанд.

Аввалин қуввае, ки аз инсон ба вуҷуд меояд, дар таълимоти ахлоқии Форобӣ, қувваи ғозия аст, ки миёни инсон ва набототу ҳайвонот муштарак буда, сарчашмаҳо ва авомили фаъолият дорад. Пас аз он қуввaҳои ҳиссӣ, нузуъия, мутахаййила, омила ва оқила дар инсон ба вуҷуд меоянд, ки ин қуввaҳо феълашонро ба воситаи абзорҳо анҷом медиҳанд ва ҷуз ин абзорҳо имкон надорад феъли аз онҳо ба амалоянда анҷом гиранд. Дар таълимоти ахлоқии мутафаккир муҳимтарин қуввае, ки тавассути он улум ҳосил мешаванд, имкони шинохти мавҷудот муяссар мегардад ва фаъолияти ахлоқӣ, неку бад, зебову зишт аз ҳам фарқ карда мешаванд, қувваи оқила ба ҳисоб меравад.[44, с.77] Инчунин ин қуввaҳо, ба ҷуз қувваи ақл, ҳеҷ кадоме муҷаррад аз модда нестанд.

Форобӣ аксари масоили ахлоқиро дар партави масъалаҳои ақлонӣ матраҳ мекунад. Ӯ дар мавриди ақл, чунонки пештар гуфтем, баҳсҳои фароҳу доманадоре матраҳ намуда, онро дорои маротиби мутафовит медонад. Аввалин мартабаи ақлро ақли мунфаил ё ҳаюлоӣ меҳисобад, ки маҳз тавассути он инсон аз ҳайвоноти дигар мумтоз мешавад ва ба ахлоқ гароиш пайдо мекунад. Одамӣ тавассути ин маротиби ақл, ки дар он ҳамаи мардум муштараканд, аз шарофати инсонӣ бархӯрдорӣ касб мекунад. Мартабаи дувум, ақл билфеъл аст, ки дар он қувваи оқилаи инсон имкон ва қувваи қабули маъқулотро амалӣ намудааст. Марҳилаи сеюм, ақли мустафод аст. Дар ин

мартаба инсон чизҳоеро тааққул мекунад, ки қаблан ба онҳо дастрасӣ дошт ва барои ин ба хориҷ аз маълумоти зеҳн ниёзманд нест. Ба ибораи дигар, ақли мустафод мулоҳизаи муҷаддади суратҳои маъқулаи ҳозир дар зеҳн аст.[44, с.77]

Дараҷоти камоли инсонро низ Форобӣ бо ақл рабт медиҳад. Ӯ ба ин назар аст, ки аввалин камолоти инсон, пас аз он ки соҳиби ақли мунфаил шуд ва бадеҳиёти ақлиро идрок кард ба даст меояд. Ин идрокот василаи расидани инсон ба камоли ниҳоӣ ва саодати воқеист. Яъне, мақсад аз ҳосил намудани идрокоти бадеҳӣ он аст, ки барои ба даст овардани камоли ниҳоӣ истифода кунад. Камоли ниҳоӣ хоси ҳамагон нест ва барои дастёбӣ ба он илму амал ва ҳикмат зарур аст. Ӯ дар рисолаи «Боварҳои қалбӣ»-аш таъкид мекунад, ки «Камоли ниҳоии инсон ҷуз бо илм ва амал тавъам муяссар намегардад ва дараҷаи олии саодати барин ҷуз барои соҳибони ҳикмати ҳақиқӣ муяссар нест».[35, с.132]

Камоли ниҳоӣ ва саодати воқеӣ дар таълимоти Форобӣ муродифанд. Дар тафсири мафҳумҳои андешаҳои камоли ниҳоӣ ва саодати воқеӣ файласуфон андешаҳои гуногун пешниҳод намудаанд. Форобӣ ба баъзеи ин назарҳо ишорот дорад ва кӯшидааст дурустиву нодурустии ин андешаҳоро ташхис диҳад. Ба назари ӯ, баъзеҳо камоли ниҳоӣ ва саодати воқеиро дар баҳрамандӣ аз лаззатҳо мебинанд. Баъзеи дигар имкониятҳои васеи молӣ, баъзе рафоҳу лаззатро саодат ҳисобидаанд. Иддае аз ҳакимон саодати воқеиро дар зиндагии индунёиву ондунёӣ тасвир намудаанд, ки Форобӣ ин назарро ба Суқроту Афлотун нисбат медиҳад. Аввал, зиндагиест, ки дар он ба хӯроку пӯшок ва моддиёт зарурат ҳаст. Дуюм, зиндагии охир, ки ба худи инсон вобаста буда, дар он ниёзе ба ғизову маскан ва моддиёт нест. Ин зиндагӣ ба нафси нотиқа ва мояи инсонияти одамӣ марбут буда, ба ҷисм ва умури моддӣ пайвастагӣ надорад.

Бо такя ба ҳамин ду навъи зиндагӣ Форобӣ ду навъи камолро аз ҳам фарқ мекунад. Камоли аввал, дар зиндагии дунявӣ муяссар мегардад ва камоли

дуюм, камоли ухравист. Камоли дуюм фаръи камоли аввал аст. Камоли дуюм танҳо дар заминаи камоли аввал, ки ба фаъолияти ҷисмонӣ марбут аст, ҳосил мешавад. Ба камоли аввал, ки сабаби камоли дувум аст, ҳама расида наметавонанд. Танҳо нафароне ба он даст меёбанд, ки фазилатҳои ахлоқиро анҷом диҳанд ва аз афъоли разила парҳез намоянд. Дар ин сурат, ба назари ӯ, ба саодати ниҳоӣ, ки хайри мутлақ низ маҳсуб мешавад, метавон расид. Ба андешаи Форобӣ, саодати ниҳоӣ он аст, ки инсон ба мартабаи ақли фаъол шарафёб шавад. Ин ба он маъност, ки аз моддиёт ҷудо шавад ва ба муҷаррадот бипайвандад.

Форобӣ дар ҷараёни мувофиқ нишон додани моҳияти таълимоти фалсафии Афлотун ва Арасту ҳам осори онҳоро бо диди фалсафӣ ва усулҳои мантиқӣ шарҳу баён мекунад, ҳам навгониҳое ворид мекунад, ки ин ду мутафаккир ба моҳияти он нарасидаанд. Масалан, Афлотун ба ин назар аст, ки табиати инсон ҳамвора бар одатҳои ӯ ғолиб меояд. Зеро инсон вақте солхӯрда шавад, тағйир додани хулқаш душвор мешавад, балки агар хоҳад кадом хулқеро тарк кунад ва ба он кор худро маҷбур созад, баръакс бештар ба он хулқ фурӯ меравад. Ба назари Арасту, ахлоқ одатест тағйирпазир ва хулқ дар табиат сиришта нашудааст ва инсон метавонад дар натиҷаи тамринҳо хулқашро тағйир диҳад. Яъне Афлотуну Арасту дар масъалаи ахлоқ диди ягона надоранд, Афлотун устувориву Арасту тағйирпазирии онро таъкид намудаанд. Вале Форобӣ ин номувофиқатиро ба таври худ тафсир мекунад ва ба ин назар аст, ки Арасту ба ин масъала аз даричаи қонунҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳ мекунад ва қонунмандиҳои ахлоқӣ ҳамеша кулливу мутлақ мебошанд. Равшан аст, ки ба ҳар хулқе, агар ба таври мутлақ нигариста шавад, ҳарчанд мушкил бошад ҳам, он қобили тағйиру таҳаввул аст ва ҳеҷ сифати ахлоқие ғайри қобили тағйиру таҳаввул нест. Аммо Афлотун ба ин масъала бо диди сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, баҳо додан мехоҳад, ки кадоме судмандтар ва кадоме зиёновартар аст. Ӯ ба ҳолатҳои сиёсатмадорону раият таваҷҷуҳ намуда, мушаххас намудан мехоҳад, ки кадом ахлоқро бо душворӣ ё осонӣ мепазиранд. Яъне ӯ назари арастуиро, ки ахлоқро

одати тағйирпазир меҳисобад, ҷонибдорӣ намуда, андешаи Афлотунро чун душвор будани тағйири ахлоқ, аммо ғайриимкон набудан қаламдод менамояд. Ба қавли Форобӣ: «Касе, ки бар хулқе аз ахлоқиёт рӯида ва баромада ва онро тақвият намуда бошад, ба наҳве ки дар нафсаш тамаккун ёфта бошад, заволи чунон хулқе аз ӯ бисёр душвор аст. Ва албатта, душвор будан, ғайр аз муҳол будан аст».[35, с.86]

Аммо сарфи назар аз ин, дар таълимоти ахлоқиаш Форобӣ бештар ба равиши арастуӣ такя намудааст. Масалан, ӯ ба назар гирифтани ҳадди миёни ифроту тафритро (аз ҳадди зарурӣ зиёд ё кам ҳисобидани чизе), ки назарияи Арасту аст, василаи ба саодат расидан меҳисобад. Арасту дар муқаддимаи «Ахлоқи Никомах»-аш менависад, ки «ғояти ҳар дониш ва ҳар фан ва инчунин ҳар амал ва ҳар як интихоб амали хайр аст. Аз ин рӯ, ба ҳақ, хайр ғояти ҳама чиз номида шудааст».[60, с.3] Ҳамин мазмун дар «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила»[40, с.105-106] ва «ат-Таълиқот»-и [39, с.22] Форобӣ низ равшан мушоҳида мешавад, ки нишондиҳандаи пайравии Форобӣ аз равиши арастуист. Ҳамзамон, Форобӣ бо такя ба андешаҳои Арасту муътақид аст, ки ахлоқи гурӯҳи иҷтимоӣ бо дигаргун шудани макону замон тағйир меёбад.[37, с.52]

Дар «Фусус-ул-мунтазиа»-аш Форобӣ ба масоили зиёди ахлоқӣ таваҷҷуҳ намуда, баъзеашро бо диди нав, ки хоси замонаш буд, таҳлил мекунад. Масалан, ӯ мафҳуми ҷавонмардиро васф менамояд. Ҷавонмард, мувофиқи нишондоди Форобӣ, нафарест, ки «барои мардуми шаҳр хубиҳову хушиҳо расонад ва некӯкорӣ кунад, бе он ки худ ба он дилбастагӣ нишон диҳад».[41, с.36]

Форобӣ ҷавонмардонро дар ҳуқуқи идораи иҷтимоъ аз сиёсатмадорон бартар меҳисобад ва қайд мекунад, ки бархе аз мардумон каромату ҷавонмардиро дар сарвати бештар доштан мебинанд ва мекӯшанд моли зиёдтар дошта бошанд, то обрӯву нуфуз пайдо намоянд, гурӯҳе онро ба аслу табор вобаста медонанд, гурӯҳи дигар бар чира шудан бар мардуми шаҳр ва

хор кардану тарсонидани онон мебинанд ва номи ин тоифа «сиёсатмадорони хасису бузургони фурӯмоя аст».[41, с.36]

Арасту ҳадафи ниҳоии инсонро «некӯкорӣ дар раванди ҳаёт»[119, с.214] меҳисобид ва дар масоили ахлоқ, чи тавре гуфтем, андешаҳояш атрофи назарияи ҳадди васат давр мехӯрад. Ин назарияи Арасту дар олами ислом шуҳрати зиёде касб намуда, дар миёни олимони мусулмон тарафдорони зиёде дошт, ки Абунасри Форобӣ аз он ҷумла аст. Масоили калидии рисолаҳои ахлоқии Форобӣ маҳз дар заминаи таваҷҷуҳи ӯ ба ин назария навишта шудаанд. Масалан, таҳлили «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар бахши назарияи эътидол таваҷҷуҳи зиёде ба андешаҳои ахлоқии Арасту дошта, аз усули назариёти ӯ истифода менамояд ва назарияи васатиятро қабул дорад.

Мувофиқи таълимоти Афлотун, истеъдоди табиӣ аз одат қавитар аст ва мушкил аст, ки тавассути одат ахлоқро дигаргун кард. Аммо Арасту ба ин назар аст, ки ахлоқ одатест, ки тавассути тамрини мудовим метавон онро иваз намуд. Форобӣ назариёти ин ду мутафаккирро дар ин мавзуъ коркард намуда, равиши миёнаро интихоб мекунад ва ихтилофи афкори онҳоро зоҳирӣ меҳисобад. Ба назари Форобӣ, ахлоқ иктисобӣ буда, фазилат ё разолати инсон фитрӣ нест. Аммо мумкин аст, истеъдоди табиии инсон барои анҷоми фазоил ё разоил мусоидат намояд. Ӯ муътақид аст, ки инсон ба замми истеъдоди иктисобӣ ба фазилат ё разолат аз истеъдоди табиӣ низ бархӯрдорӣ дорад ва метавонад онро такмил диҳад ё дар натиҷаи беаҳмиятӣ он истеъдодро аз даст бидиҳад.[41, с.34]

Форобӣ ба иктисобӣ будани ахлоқ бовар дорад. Ӯ фазилатро ҳадди миёнаи ифроту тафрит медонад[41, с.31] ва инсонро дар анҷоми афъоле, ки аз вай сар мезанад, соҳибихтиёр меҳисобад. Мутафаккир, чи гунае, ки қаблан қайд намудем, дастёбӣ ба ҳикматро аз ҷумлаи фазилатҳо шуморида, ба ин назар аст, ки «маҳз тавассути фалсафа мо ба саодат мерасем».[251, с.31] Мутафаккир ба ин назар аст, ки фалсафа илми бартар аст ва он аввалан дар

байни калдониёни Ироқ ба вуҷуд омада, баъдан ба Миср, пас ба Юнон ва аз он ҷо сурёниёну арабҳо бо он ошноӣ пайдо намудаанд. Юнониён онро ҳикмат (фалсафа) номиданд. Дар забони онҳо фалсафа муҳаббат ба ҳикмат ва файласуф дӯстдори ҳикмат ва таҳти таъсири он қарор гирифта аст.[37, с.86] Яъне Форобӣ ҳамкориҳо миёни иҷтимои башариро аз ҷумлаи фазилатҳо ҳисобида, яке аз василаҳои дарёфти саодат медонад, ки дар ҳама давраҳои ҳаёти башарӣ ин андеша арзишманд мебошад.

Дар масоили ташаккули ахлоқ Форобӣ мавқеи таълиму тарбиятро махсус қайд намуда, ҳадаф аз таълиму тарбиятро эҷоди фазоили назарӣ, хулқӣ ва фикрӣ дар байни афрод, гурӯҳҳо ва шаҳрҳо меҳисобад, [37, с.71-83] ки натиҷаи он ҳамон саодати воқеист. Аз ин хулосабарории Форобӣ маълум мешавад, ки ӯ ба мисли Арасту «фазилат ва разилатро на истеъдод ҳисобидааст, на отифа».[327, с.137] Ӯ ба ин назар аст, ки аксари одамон наметавонанд ба саодати воқеӣ бирасанд. Танҳо ҳакимон метавонанд тавассути маърифат ба ин дараҷа ноил шаванд.

Дар нисбати таваҷҷуҳу алоқамандии Ибни Сино ба илми ахлоқ бошад, дар миёни олимон андешаҳои гуногуне ироа гардидааст. Иддае аз пажӯҳандагони осору аҳволи Ибни Сино ба ин бовараанд, ки ӯ нисбати фалсафаи амалӣ камтаваҷҷуҳӣ намудааст. Муҳаққиқони сершуморе, ба мисли Герман Лей,[385] М.С.Бурабаев, Г.К. Курмангалиева, А.В. Сагадеев, В.А.Брянов,[96] Алиасғари Ҳалабӣ,[278] Муҳсин Раҳимов[203] ва ғайра низ чунин андешаро пуштибонӣ намудаанд. Ҳарчанд Алиасғари Ҳалабӣ дар масъалаи ахлоқ дар таълимоти Ибни Сино таҳқиқоти муҳимме дорад ва дар китобҳояш «Таърихи фалсафаи ахлоқ дар ислом ва Эрон» ва «Таърихи фалсафа дар Ислом» масоили ахлоқиро аз дидгоҳи мутафаккирони бузург, бахусус Ибни Сино, таҳлил карда, нишон додааст, ки чӣ тавр Ибни Сино ахлоқи арастуиро бо усули ирфонӣ ва шариати исломӣ мутобиқ намудааст ва қисман рисолаҳои ахлоқии Ибни Сино, аз ҷумла «Рисолат-ул-ахлоқ»-ро шарҳ медиҳад, ки мутафаккир ахлоқро

ҳамчун илми сохторӣ баррасӣ намуда, ҳадафи ниҳоии аҳлоқро дастёбӣ ба саодат медонад, ки танҳо ҷанбаи дунявӣ надошта, балки паҳлуҳои ухравӣ ва руҳонӣ низ дорад, аммо ба ин назар аст, ки Шайхурраис сарфи назар аз он нубуғи фикрӣ, дар муқоиса ба Форобӣ, дар соҳаи фалсафаи амалӣ беэътинотар аст. [278, с. 219-248] Ҳатто баъзе муҳаққиқон таъкид намудаанд, ки «Дар миёни мероси илмии Ибни Сино асари бунёдие, ки ба масоили ахлоқ бахшида шуда бошад, нест».[203, с. 302]

Аммо академик Мӯсо Диноршоев ба ин масъала диди дигартар дорад ва ба чунин тарзи муҳокимаронӣ шубҳа намуда, қайд намудааст: «Шояд ин қазовати муҳаққиқон дуруст набошад».[116, с. 227] Барои дурустии ин назари худ М. Диноршоев ба даврaҳои ибтидоии таълифоти Ибни Сино таваҷҷуҳ намуда, аз осори ӯ «Ал-маҷмуъ», «Ал-ҳосил ва-л-маҳсул» ва «Ал-бирр ва-л-исм»-ро, ки дар онҳо масоили фалсафаи амалӣ баррасӣ шудаанд, ёд мекунад ва бо такя ба рисолаи «Саргузашт» таъкид мекунад, ки «масоили фалсафаи амалӣ ба таври мабсут баррасӣ шуда буданд».[116, 227] Яъне устод М. Диноршоев ба хулосае омада, ки Ибни Сино масоили фалсафаи амалиро, ки ҳоло фалсафаи иҷтимоӣ ном дорад, дар осори дар даврони ҷавонӣ навиштааш ба таври васеъ баррасӣ намуда, дар асарҳои минбаъдааш ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ кардааст.

Бо ин далелҳои устод М. Диноршоев наметавонем ҳамфикр набошем, аммо баъзе нуктаҳое низ, ба назари мо, вуҷуд дорад, ки дар равшан намудани масъалаи мавриди назар мусоидат хоҳад кард. Ибни Сино дар масоили гуногуни ахлоқ ба таълимоти Афлотун таваҷҷуҳ намояд ҳам, асосан ба Арасту такя мекунад. Аз ин рӯ, ҳарчанд мо баъзе назарияҳои матраҳнамудаи арастуиро, ки ҳакимони мо таҳти таъсири онҳо қарор гирифтаанд, дар ибтидои ин баҳс қайд намудем, аммо шинохти иҷмолии ахлоқ аз диди Арасту ин ҷо аз манфиат холӣ нест. Арасту дар таснифоти илм ибтидоан донишҳои илмиро ба назариву амалӣ ҷудо менамояд. Ӯ донишҳои ахлоқиро бахши фалсафаи амалӣ ҳисобида, дар ин қисмат ба дониши сиёсӣ бартарӣ медиҳад. Вай ин масоилиро ба ҳадде тавсиф менамояд, ки намунаи ахлоқи иҷтимоӣ ва сиёсати ахлоқиро

дар ин замина коркард мекунад. Ба назари ӯ, ахлоқ илм ба сӯйи хайр аст. Ғоятро ӯ хайри инсон медонад, ки илми ахлоқ онро таҳқиқ мекунад. Маҳз таҳти таъсири ин назариёти арастуӣ Ибни Сино дар «Китоб-уш-шифо» қайд менамояд, ки «Ғояи асосии фалсафаи назарӣ-ин маърифати ҳақиқат аст ва ғояи фалсафаи амалӣ – ин донистани хайр аст».[13, с. 89]

Ибни Сино дар масоили ахлоқ ба мисли Афлотуну Арасту ва Форобӣ дарёфти хайрро ғоят меҳисобад, аммо равиши онҳо аз ҳам фарқ мекунад. Форобӣ ба мисли Афлотун дар заминаи равиши метафизикӣ хайри сиёсиро бо тарҳи арзишҳои мутлақ ва дар шароити ормонӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ибни Сино бошад ба мисли Арасту равиши ҳисгароӣ ва ратсионалиро пеша мекунад ва ба арзишҳои вуҷудӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути хирад имконпазир аст, қоил аст ва аз равиши диалектикӣ низ фаровон истифода мебарад. Аммо дар масъалаи хирадгароӣ ва аз равиши метафизикӣ истифода намудану онҳоро мафҳумҳои куллӣ ва фарогир дар сомон додан ба таҷрибаҳо, Форобиву Ибни Сино андешаи бо ҳам муштарак доранд.

Дар таълимоти ахлоқии Ибни Сино инсон хусусияти меҳварӣ дорад. Мутафаккир ғояи зиндагии инсонро дар партави саодат мебинад ва хушбахтиро дар меҳвари фаъолияти нафс қарор медиҳад. Аз ин рӯ, Ибни Сино ба мисли Арасту тақсими Афлотунро ба хирад ва нобихрад намепазирад. Ӯ ҳарчанд саодатро бо оромиши руҳӣ мутамоил медонад, аммо дар ҳар сурат, гарчи онро ба маънии лаззат надонад ҳам, мулозими он меҳисобад. Мақоми инсон ва бартарии ӯ аз соири махлуқоти дигарро Ибни Сино дар осори гуногунаш бо беҳтарин ваҷҳ нишон додааст. Дар муқаддимаи рисолаи «Тадбири манзил»-аш мутафаккир имтиёзоти инсон ва сабаби дарёфти ин мақоми олиро чунин баён мекунад: «Худованди қодири мутаъол хасоисе аз неъматҳои худро ба бани навъи инсон ихтисос дода ва сабаби он мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре аз махлуқоташ бартару болотар намудааст. Дар асари ин имтиёзу бартарӣ вуҷуди башар зеботарин махлуқ шуда ва табиаташ комилтарин табоеъ гашта ва

таркибаш муътадилтарин таркиб шудааст.

Зиндагии одамӣ ба сабаби ин мазоё беҳтарин ва пурнеъматтарин зиндагонӣ шуда ва кӯшишу саъяш дар саҳнаи зиндагӣ бар тибқи ақлу басират, ки мояи нерумандӣ ва тавоноӣ аст, сурат гирифта ва бо одоби ҳасана ва ахлоқи карима ва малакоти фозила, ки муҷиби ҷамолу зебоӣ ва асбоби зебе зиннати одамӣ аст мувофиқу мунтабиқ гардида аст.

Худо ба инсон қувваи тамйиз дода, ба сабаби он фарқ байни хайру шар ва тафовут байни рашаду гумроҳиро барои ӯ маълуму равшан намудааст. Ва низ ба сабаби ҳамин қувваи фазл сонеъро бар маснуъ ва моликро бар мамлук ва зимомдори сиёсатро бар касоне, ки дар таҳти сиёсату тадбири вай воқеанд, фаҳмондааст. Инсон ба василаи ин қувва муҷаҳҳазу мутамаккин шудааст бо ин, ки он чиро, ки байни холиқу махлуқ мебошад, бишиносад ва Офаридгору қадимро барои олам исбот бикунад».[12, с.19]

Ибни Сино мақулаҳои некиву бадиро дар миёни мақулоти ахлоқӣ муҳим меҳисобад, ки дар ин масъала бо илми ахлоқи муосир айният дорад. Ӯ мақулаҳои некиву бадиро дар робита ва алоқамандӣ таҳлил менамояд, ки гувоҳи равшани истифодаи ӯ аз усули диалектикист. Чунин равиши мутафаккир дар мушаххас намудани ҳадди ақл низ мушоҳида мешавад: ««Ақл» (табиати) аввалини саҳеҳи фитрии инсонро гӯянд, ки чун қуввае муайян мешавад, ки умури некро аз бад ҷудо мекунад».[10 с.599]

Дар таълимоти ахлоқии Ибни Сино мақулаҳои некиву бадӣ нақши калидӣ доранд ва яке бе дигаре аҳмияти худро аз даст медиҳад. Аммо мақулаи некӣ нақши назаррастар дошта, набудани онро мутафаккир дар «Донишнома» бадӣ меҳисобад: «нобудан аз ҳамаи некиҳо бадӣ аст».[9, с.297] Аз ин иқтибос бармеояд, ки Ибни Сино асли бадиро нобудани некӣ меҳисобад ва сабаби бадиву нуқсонро мушаххас намуда, ба натиҷае мерасад, ки «некӣ он ҷост, ки асари хайри аввал расад ва бадӣ он ҷост, ки он асар нарасад ва он асарро пазиро набувад».[9, с.297]

Сабабҳои ба вуҷуд омадани мақулаҳои некиву бадиро мутафаккир дар

алоқамандӣ бо ҳам баррасӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки ҳар сабабе мусаббаби дигаре дорад, ки ба сабаби аввал хатм мешавад: «сабаби нақс ва дурустӣ ин сабаб аст». [9, с.296] Аммо ба вуҷуд омадани мақулаҳои бадиро мутафаккир аз зарурат медонад ва мақсуди суратдиҳанда намеҳисобад: «шар ва фасод ва беморӣ ба зарурат ҳамеояд на мақсуд аст, валекин аз вай чора нест».[9, с.296]

Дар муқаддимаи рисола «Андар ахлоқ»-аш Ибни Сино зарурати омӯзиши илми ахлоқро баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки «Ҳар касе, ки ахлоқи ҳамидаро афзалтар медонад, бибоистӣ, ки беҳтарин кирдору рафторро ҳадафи худ қарор диҳад... Инсонро месазад, ки қувваи амалии хешро тавассути фазилатҳое пурра ва такмил диҳад, ки хоси ҳар яке аз ин қувваҳои ӯ буда, дар пояи покдоманӣ, далерӣ, ҳикмат ва додгарӣ асос ёфтаанд ва аз разоиле, ки муқобили он фазилатҳо мебошанд, дурӣ ҷӯяд».[10, с.644]

Чӣ тавре пештар ишора кардем, мақулоти ахлоқие, ки Ибни Сино матраҳ мекунад, дар доираи мафҳумҳои некӣ ва бадӣ таҳлил мешаванд ва дар заминаи назарияи ҳадди васати Арасту баррасӣ мегарданд. Дар пояи «додгарӣ» асос ёфтани фазоили ахлоқӣ, ки Ибни Сино дар иқтибоси боло қайд мекунад, ишора ба ҳадди васат будани худи мафҳуми «адолат» аст. Яъне ҳар мақулаи ахлоқӣ ба истиснои адолат ҳадди васате доранд, ки дар мабоҳиси минбаъдаи рисола «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино ба таври муфассал таҳлил мешаванд.

Ибни Сино дар идомаи рисола «Андар ахлоқ»-аш мақулаи иффатро тавзеҳ намуда, онро бо қувваи шаҳвония, далерӣ, ғазаб, ҳикмат ва адолат мансуб медонад. Мафҳумҳои мазкурро мутафаккир неру меҳисобад, ки тавассути фазилат ва шохаҳои хеш, ки навъ барои онҳоянд ё аз онҳо таркиб ёфтаанд, камол меёбанд. Ҳамзамон шохаҳои фазилатҳоро саховат, қаноат, сабр, карам, ҳилм, покӣ, бахшандагӣ, олиҳиммматӣ, сирдорӣ, ҳикмат, хушбаёнӣ, фаросат, бикрандешӣ, дурандешӣ, ростгӯйӣ, вафодорӣ, дӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳаё, бузургҳиммматӣ, накӯаҳдӣ ва фурӯтанӣ ном мебарад. [10, с.644]

Пас ба тавсифу таҳлил ва равшан намудани фазилатҳои дар боло зикршуда

пардохта, саховату қаноатро вобастаи қуввaҳои шаҳвонӣ, сабр, карам, ҳилм, покӣ, бахшандагӣ, олиҳиммaтӣ ва сирдориро ба неруи хашму ғазаб ва ҳикмат, хушбаёнӣ, фаросат, бикрандешӣ, дурандешӣ, ростгӯйӣ, вафодорӣ, дӯстӣ, меҳрубонӣ, ҳаё, бузургҳиммaтӣ, накӯаҳдӣ ва фурӯтаниро ба неруи фарқ кардан (тамйиз) вобаста меҳисобад. [10, с.644-645] Чунин таснифот ва алоқаманд намудани фазилатҳо бо мафҳумҳои ахлоқиву неруҳои инсонӣ хусусияти равишшиносӣ дошта, ба аломатҳои иҷтимоишавии инсон ишора мекунад. Зеро ба алоқамандон маълум аст, ки амалҳои ҳадафмандона ва барои дигарон судманд муҳимтарин аломатҳои иҷтимоишавии инсон аст. Ҳамзамон инсон дар танҳоӣ наметавонад ба ниёзҳои худ ноил гардад. Пас, инсон ба маънои том танҳо дар ҷомеа метавонад аз худ дарак диҳад.

Ибни Сино дар масоили маърифати камоли инсонӣ ба шинохти ҷисми физикии ӯ низ таваҷҷуҳ менамояд, ки тафовути равиши таҳқиқи ӯро аз Форобӣ мушаххастар мекунад. Масалан, дар «Қонуни тиб» мутафаккир тарбияи навзодро ба таври муназзам дар фасли «Андар парвариш»[17, с.392-408] муфассал тавсиф намуда, ки далели андешаи болост. Ё дар рисолаи «Қурозаи табиият»-аш тавассути саволу ҷавоб ба ин масъалаҳо равшанӣ андохтан мехоҳад. Масалан, ӯ саволе матраҳ мекунад, ки чаро инсон аз ҷумлаи ҳайвонҳои ростқомат аст? Мутафаккир сабаби ростқоматии инсонро аз зовияи мизоҷи ӯ баррасӣ мекунад ва латиф будани онро сабаби табдилаш аз руҳи ҳайвонӣ ба руҳи инсонӣ медонад ва қайд менамояд: «Худои таборак ва таоло навъи мардумро аз аз ҷумлаи ҳайвонот борид ва рутубдимоғтар офарид, ки мардум махсус аст ба фикрат».[12, с.87] Дар «Қонуни тиб» масоили физикии мағзи инсонро таҳлил намуда, онро омили асосии соҳибтафаккур будани ӯ меҳисобад.[18, с.6-22]

Ибни Сино дар заминаи таҷрибаҳои табиӣ ба хулосае омадааст, ки сабаби асосии ростқомат будани инсон дар тафаккур аст. Тафаккур ба мизоҷ ва ҳарорат вобаста буда, гармӣ майл ба боло дорад ва майнаи инсон макони фикрат аст. Агар инсон росто ҳаракат мекунад, иқтидори фикрронии майна

бештар мешавад. Аз ин рӯ, инсон табиатан ба тафаккур ниёз дошта, ин табъ ва мизоҷ инсонро водор намудаст, ки рост роҳ равад ва тадриҷан кашидақомат шудааст. Агар ӯ мисли ҳайвонҳои дигар чаҳорпой роҳ мерафт, ғилзат дар мизоҷ бештар мешуд, ки монеи тафаккур мегардад. Муҳимтар аз ҳама, Ибни Сино ба муайян намудани масъалае даст задааст, ки танҳо дар нимаи дуюми асри X1X марксизм то андозае ба он ҷавоби илмӣ дод ва ташаккули тафаккури инсонро ба ҷараёни кори ӯ рабт дод.

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки бо афкори бикраш Форобӣ дар ташаккули илми ахлоқ саҳми назаррас гузоштааст. Таълимоти ахлоқии Форобӣ дар заминаи осори дар ин мавзуъ таълифёфтаи Афлотуну Арасту, навафлотуния, машшоияи ғарбиву ҳавзаи арастуии Бағдоди асри X ва ақоиди мавриди назари мутафаккир ташаккул ёфтааст. Дар афкори ахлоқии Форобӣ масъалаи саодати воқеӣ мақоми меҳварӣ дорад ва тамоми мақулоти ахлоқии матраҳнамудаи ӯ дар ин доира чарх мезананд. Саодати воқеӣ бо «камоли ниҳоӣ» ва «хайри мутлақ» дар фаҳмиши Форобӣ муродиф буда, инсон дар заминаи муҷаррад шудан аз модиёт ва пайвастан ба муҷарродот ба он шарафёб мегардад.

Ибни Сино ғоятро хайри инсон медонад, ки илми ахлоқ онро таҳқиқ мекунад. Ӯ дар масоили ахлоқ ба мисли аксари ҳакимони қаблӣ дарёфти хайрро ғоят меҳисобад, аммо равиши ӯву Форобӣ аз ҳам фарқ мекунад. Форобӣ ба мисли Афлотун дар заминаи равиши метафизикӣ хайри сиёсиро бо тарҳи арзишҳои мутлақ ва дар шароити ормонӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ибни Сино бошад, ба мисли Арасту равиши ҳисгароӣ ва ратсионалиро пеша мекунад ва ба арзишҳои вуҷудӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути хирад имконпазир аст, қоил аст ва аз равиши диалектикӣ низ фаровон истифода мебарад.

Дигаре аз таҳқиқоти арзишманди Ибни Сино, ки дар заминаи таҷрибаҳои табиӣ ба даст омадааст, он мебошад, ки сабаби асосии ростқомат будани инсонро дар тафаккур мебинад. Мутафаккир тафаккурро ба мизоҷ ва ҳарорат вобаста ҳисобида, иқтидори фикрронии майнаи инсонро ба рост роҳ рафтан

рабт медиҳад. Аз ин рӯ, инсон табиатан ба тафаккур ниёз дошта, ин табъ ва мизоҷ инсонро водор намудаст, ки рост роҳ равад ва тадриҷан кашидақомат шудааст.

4.2 Назарияи давлат ва ҷомеаи фозила дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино

Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино аз аввалин ҳакимони шарқианд, ки осори алоҳидае ба масоили сиёсиву иҷтимоӣ бахшидаанд ва бузургтарин файласуфони минбаъдаи мо аз ин ганҷинаи ҳикмат ҳамчун сарчашмаи илҳом баҳраманд гардидаву назарияҳои дар ин мавзуъҳо ироашудаи онҳоро инкишоф додаанд. Яъне, Форобӣ ва Ибни Сино дар таърихи фалсафаи тоҷик аз саромадони фалсафаи иҷтимоӣ буда, осору афкори онҳо сарчашмаи боэътимоде ба ҳисоб мераванд, ки дар онҳо назариёти гуногуни давлат ва шаклҳои мухталифи ҷомеа баррасӣ шудаанд, ки дар шароити имрӯзаи буҳронии ҷаҳони муосир низ арзиши аслиашонро аз даст надодаанд.

Дар даврае, ки Форобӣ ва Ибни Сино фаъолият намудаанд, масъалаи ташкили давлати фозила ва бунёди ҷомеае, ки тавонад одамонро ба саодати ҳақиқӣ бирасонад, дар маркази таваҷҷуҳи ҳакимон қарор дошт. Форобӣ ва Ибни Сино бо такя ба фалсафаи Юнони бостон, махсусан таълимоти Афлотун, Арасту, навафлотуния ва омезиши он бо арзишҳои исломӣ назарияҳои наверо дар бораи давлат ва ҷомеаи фозила пешниҳод намуданд, ки зарурат ба пажуҳиши хос дорад.

Ҳарчанд дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино сиёсат ба маънои имрӯза нест ва он асосан санъати идора кардани ҷомеа барои расидан ба камолоти инсонӣ ва саодат мебошад, аммо ин мутафаккирон тавонистаанд категорияҳои гуногуни илми сиёсатро бо беҳтарин ваҷҳ баррасӣ намоянд. Махсусан, мафҳуми давлат, сохтору шаклҳои онро бо истилоҳоти «мадина», «мадинаи фозила», «мадинаи ҷоҳила», «тадбири

мудун», «ҷомеа» ва ғайра ифода намуда, сабабҳои асосии ташкили давлат, зарурати воқеии он барои инсоният, ниёзи одамон ба он ва амсоли инҳоро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Дар заминаи таълимоти онҳо минбаъд донишмандони гуногуне ба давлат ҳамчун шакли олии ташкилоти сиёсӣ муносибат намуда, таърифҳои зиёде пешниҳод намудаанд. Ба қавли Нуъмон Абдурраззоқ: «беш аз 145 таъриф ба давлат додаанд».[193, с.79]

Ҳамзамон дар осори сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино моҳияти ҷомеа, омилҳои ташаккул ва шаклҳои он, зарурати иҷтимоӣ шудани инсон, аҳдофи асосии ҷомеа, ҳамкории аҳли ҷомеа ва тақсимоти кор, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, идоракунии он, роҳбар ва сифоти ӯ ва амсоли инҳо ба таври мушаххас таҳлил шудаанд. Бояд гуфт, ки ҷомеа дар фалсафаи амалии Форобӣ ва Ибни Сино танҳо ҳамчун масъалаи иҷтимоие, ки дар замони мо баррасӣ мегардад, фаҳмида намешавад, зеро ин мутафаккирон тавассути усули метафизикӣ ба ин мафҳум таваҷҷуҳ намуда, онро бо сохтори куллии ҳастӣ ва низоми илоҳӣ пайваст меҳисобиданд.

Форобӣ ҳарчанд як муддат дар дарбори Сайфуддавлаи Ҳамадонӣ дар Димишқ ҳамчун мушовири илмӣ ва мусиқишинос фаъолият дошт, вале дар муқоиса бо Ибни Сино дар мансабҳои бонуфузи дарборӣ, ба мисли табиби дарбори Нуҳ ибни Мансур дар Бухоро, табиби шахсии Шамсуддавла ва вазири ӯ дар Ҳамадон, мушовир ва табиби дарбори Алоуддавла Муҳаммад дар Исфаҳон ва ғайра набуд. Яъне, Ибни Сино танҳо бо назариёти сиёсӣ маҳдуд набудааст ва амалан дар низоми идорӣ иштирок дошт. Ба ин нигоҳ накарда, осори мустақиман ба илми сиёсат бахшидаи Форобӣ бештар аст. Ба назари ин ҷониб, сабаби аслии ба сиёсат бештар таваҷҷуҳ намудани Форобӣ дар он аст, ки ӯ тамоюли шадиде ба таълимоти сиёсии Афлотуну Арасту дошта, фалсафаи амалиро муҳимтарин василаи ба низомоварандаи умури иҷтимоӣ ва дарёфти саодати инсонӣ меҳисобид. Аз ин рӯ, барои ифода намудани ғояҳои

муфиди иҷтимоӣ ӯ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи бештар намудааст ва қудрати зеҳнии худро низ барои равшан намудани масоили сиёсӣ зиёдтар сарф кардааст. Дигар масъала ин аст, ки осори дар масоили иҷтимоӣ таълифнамудаи Ибни Сино, ки дар баъзе асарҳояш худи мутафаккир ба онҳо ишора мекунад, дастрас нест. Масалан, Ибни Сино дар фасли аввали мақолаи даҳуми «Шифо» таъкид мекунад, ки «Мо дар ин боб китоби «ал-Бирру ва-л-исм»-ро таълиф намудаем ва шарҳи ин умурро аз он ҷо тааммул фармо».[19, с.437]

То Форобӣ ҳакимони мусулмон, ба мисли Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ Ал-Киндӣ ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин боб осори алоҳидае низ, ба мисли «Рисола фӣ таҳсили сабил-ил-фазоил»[151] (Рисола барои дарёфти роҳҳои дарёфти саодат), «Рисола фӣ сиёсат-ил-омма»[152] (Рисола дар сиёсати омма) ва ғ. доштаанд, аммо ҳеҷ файласуфе ба монанди Ал-Киндӣ мақулоти сиёсиро ба таври муназзаму асоснок, санҷидашуда ва дар таҷрибаву мушоҳида ҷойдошта баён накардааст ва тамоми ҳакимони мусулмони пас аз ӯ ё бевосита, ё бавосита дар ин ҷода таҳти таъсири ӯ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқи эронӣ Ризо Довар бо такя ба «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим ёздаҳ асари ба фалсафаи амалӣ бахшидаи Ал-Киндиро ба тариқи зайл ёд намуда: «Рисола фи тасҳили сабил-ил-фазоил», «Рисола фи дафъ-ил-аҳзон», «Рисола фи сиёсат-ил-омма», «Рисола фи-л-ахлоқ», «Рисола фи танбиҳ ал-ал-фазоил», «Рисола фи хабари фазилати Суқрот», «Рисола фи муҳоваратин ҷаррат байна Суқрот ва Аршегенес», «Рисола фи хабари мавти Суқрот» ва «Рисола фи хабари-ил-ақл».[211, с.101-102]

Форобӣ масоили сиёсиро ҳамчун илм матраҳ мекунад, ки барои замони ӯ ҳайратовар аст. Масалан, яке аз сифоти зотии илм объективона баҳо додан ба объекти таҳқиқ аст ва мутафаккир назарияи ҷомеаи одилаашро ба воситаи далелҳои мантиқиву ақлӣ асоснок мекунад, ҳарчанд ба мақоми роҳбар таваҷҷуҳи бештар додааст, ки вобаста ба

талаботи замонаш буд. Ӯ муътақид буд, ки ҳар некиву бадие, ки дар ҷомеа падидор мешавад, ба роҳбар вобаста аст ва роҳбар «танҳо бо ирода идора намекунад, балки табиатан ва фитран лоиқи мақоми сарварӣ аст».[37, с.69-70]

Вақте осори сиёсии Форобиву Ибни Синоро таҳқиқ менамоем, ба ин масъала бояд таваҷҷуҳ намуд, ки дар тафаккури онҳо мафҳуми «сиёсат» ба маънои истилоҳии имрӯзааш нест. Агар ин нуктаро нодида бигирем, ба мазмуни аслии осори онҳо сарфаҳм нахоҳем рафт. Ҳамчунин агар тасаввур шавад, ки воқеияти «мадинаи фозилаи»-и онҳо дар олами маъқулот ё муҷаррадот дарк мешавад, аз фалсафаи сиёсии онҳо дур мешавем. Масоили сиёсие, ки ин мутафаккирон дар робита ба ҷомеаи фозила матраҳ мекунанд, сирф хаёлӣ ё утопӣ нест, балки ҳамчун моделе ҳаст, ки бояд сохта шавад, ҳарчанд то ҳол чунин давлати идеалӣ ба вуҷуд наомадааст.

Ҳадафи Форобӣ аз таълифи осори сиёсӣ нишон додани роҳҳои имконпазир ба давлату ҷомеа барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ аст. Ба назари ӯ, вазифаи асосии давлат таъмини шароити муътадилест, ки мардум тавассути он на танҳо аз лиҳози моддӣ, балки аз лиҳози маънавӣ низ имконият пайдо мекунанд худро такмил диҳанд ва ба саодат бирасанд. Яъне, ба назари Форобӣ, мадинаи фозила (давлати идеалӣ) дастгоҳи идоракунандаест, ки муҳимтарин ормонҳои иҷтимоиро метавонад амалӣ созад ва бе он пешрафту инкишофи инсоният муҳол аст. Пас ҳар як фарди иҷтимоӣ бояд ба хотири фардои неки хеш дар бунёди мадинаи фозила саҳмгузор бошад. Ин назария дар шароити бунёди давлатҳои миллии имрӯза низ амалан арзишманд аст.

Бо такя ба осори донишмандоне, ки ба ҳаёту фаъолияти Форобӣ таваҷҷуҳ намудаанд, метавон натиҷагирӣ намуд, ки як қисмати назарраси асарҳои ба масоили сиёсӣ бахшидаи ӯ то мо омада нарасидаанд. Муҳимтарин осори сиёсии дастраси ӯ ба таври зер аст: «Сиёсот-ул-

мадания», «Орои аҳл-ул-мадинат-ил-фозила», «Фи-л-иҷтимоот-ул-мадания», «Ҷавомиъ-ус-сиёсия», «Мабодиу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила», «Фусул-ул-маданӣ», «Китоб-ул-миллат», «Талхис-ун-навомис», «Таҳсил-ус-саодат», «Танбеҳ ало сабил-ис-саодат», «Нил би-с-саодат» ва «Васоё яъумму нафъуҳо». Форобӣ осори алоҳидаи сиёсӣ дошта бошад ҳам, илова ба ин дар асарҳои фалсафиаш низ масоили сиёсиро матраҳ мекунад. Масалан, мутафаккир дар асари «Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он» афкори фалсафии Афлотунро матраҳ намояд ҳам, қариб нисфи китоб ба масоили сиёсӣ бахшида шудааст.

Форобӣ дар «Китобу ас-сиёсати-л-маданияти» барои иҷтимоӣ шудани инсон омода намудани муаллимонро муҳим меҳисобад[44, с.86] ва раиси ҷомеаро муҳимтарин омӯзгор ва сарчашмаи тақлиди умум медонад. Зеро ӯ дар ҷомеаи фозила дараҷаи одамонро яксон намедонад ва вуҷуди раиси файласуф, оқил ва одилро муҳим меҳисобад. Дар масъалаи таваҷҷуҳ ба мақоми роҳбар ва омода намудани сарвари идеалӣ ӯ аз Афлотун пайравӣ мекунад ва ба ин бовар аст, ки барои расидан ба ҷомеаи пешрафта ва давлати бузурги иҷтимоӣ вуҷуди роҳбари роҳнамои оқил зарур аст. Пешрафту инкишофи ҷомеаро Форобӣ ба фаъолияти раис марбут медонад, аммо барои ташаккули раис вуҷуди ҷомеаро ҳатмӣ намеҳисобад. Ба назари ӯ, раис бояд истеъдоди фитрӣ, табиӣ ва малакаи иродӣ дошта бошад.

Дар назарияи мадинаи фозилааш Форобӣ барои раис дувоздаҳ хислатро ҳатмӣ медонад, ки ба таври зайл аст: аввал, ҳама аъзои баданаш солим бошад; дуюм, табъан тезфаҳму оқил бошад, ба ҳадде, ки он чиро ки мардум гуфтан мехоҳанд, ногуфта дарёбад; сеюм, ҳофизаи қавӣ дошта бошад; чаҳорум, тезҳуш ва бозаковат бошад, то далели корҳоро тавассути ин фазилат ба зудӣ ошкор намояд; панҷум, забони бурро дошта бошад, то ҳар чи дар зеҳн дорад, осону фаҳмо ба шунавандагон бирасонад; шашум, дӯстдори илму пайрави он бошад ва ҳеҷ мушкил ӯро аз омӯзиши илм боз

надорад; ҳафтум, аз пурхӯрӣ ва айшу нӯш бипарҳезад ва аз маишат, бозиҳои дилхушкунанда ва дӯстдории мол барҳазар бошад; ҳаштум, ростгӯ бошад ва ростгӯёнро дӯст дорад, дурӯғ нагӯяд ва бо дурӯғгӯён душман бошад; нуҳум, бузургманиш ва дӯстдори шарафу иззат бошад; даҳум, одилу дӯстдори адл ва душмани зулму золим бошад; ёздаҳум, дар кори хайр азму тасмими ӯ бенуқсон бошад; дувоздаҳум, ба воситаи зару моли дунё ӯро фирефтан номумкин бошад. Тавассути чунин раис ҷомеа ба фазои бузургтар ворид мешавад ва давлате ташаккул меёбад, ки метавонад шаҳрвандонашро ба саодат расонад.

Яке аз ҳадафҳои асосии Форобӣ аз пешниҳоди назарияи ҷомеаи фозила мушаххас намудани табиати иҷтимоии инсон аст. [98, с.62] Бинобар ин, ӯ кӯшиш мекунад фарди идеалиеро аз таркиби ҷомеа ба вуҷуд орад. Бесабаб нест, ки ӯ дар рисолаи «Таҳсил-ус-саодат» фасли алоҳидае таҳти унвони «ат-Таълим ва-т-таъдиб» (таълиму тарбия) нависта, фазилатҳои назарӣ ва роҳи эҷоди фазилатҳои амалиро баррасӣ намудааст. [37, с.71-81] Албатта, пайдо намудани шахсе бо ин хислатҳои дувоздаҳгона, ки Форобӣ мушаххас мекунад, қариб ғайриимкон аст, аз ин рӯ, ӯ гунаи дигаре пешниҳод мекунад, ки дар сурати набудани раиси идеалӣ идоракунии давлат ба дӯши ду нафар ё гурӯҳе гузошта шавад, ки ин хислатҳо дар онҳо бошад. [98, с.105]

Аз ин мебарояд, ки Форобӣ бо такя ба низомҳои сиёсии Юнони атиқа ба диархия (аз юнонии қадим: ди-ду, архия-ҳокимият) ва олигархия (аз юнонии қадим: олигос-кам, хурд ва архия-ҳокимият) низ таваҷҷуҳ доштааст. Зеро Арасту дар асари «Сиёсат»-аш сохтори давлатии Спартаро таҳлил намуда, онро низоми омехта меҳисобад ва назари онҳоеро, ки онро низоми демократӣ ё олигархӣ гуфта буданд, зери суол мебарад. [68, с.502] Ё Асмус қайд намудааст: «Спартаи қадимро ду шоҳ дар як давра роҳбарӣ намудаанд ё ҳамин шаҳрдавлат муддате дар зери назорати як гурӯҳ ашрофон қарор доштааст».[70, с.12-16] Яъне ин давлат

сохтори олигархӣ доштааст.

Бояд гуфт, ки бардошти Форобӣ аз мафҳуми давлат низ аз шинохти сиёсатшиносии имрӯза фарқ дорад. Зеро ба назари ӯ давлат як ниҳоди ахлоқӣ ва тарбиявӣ аст, на дастгоҳи зӯрикунанда ё сиёсӣ. Вазифаи асосии давлатро ӯ тарбияи маънавӣ ва ба камолоти инсонӣ расонидани шаҳрвандон медонад, ки дар ин замина метавон амнияту иқтисоди онҳоро низ таъмин намуд.

Форобӣ инсонро ҳамчун мавҷуди табиатан иҷтимоӣ меҳисобад ва ба ин бовар аст, ки он ба танҳоӣ қодир нест тамоми ниёзҳои моддӣ ва маънавии худро таъмин кунад. Инсон маҷбур аст барои бақои худ, идомаи насл, зиндагии босаодат, инкишоф ва расидан ба камол бо инсонҳои дигар ба таври зарурӣ ҳамкорӣ кунанд, ки чун ниёзи табиӣ шинохта мешавад ва чунин кӯшиши муштарак барои дарёфти хушбахтӣ сабаби асосии пайдоиши ҷомеа гардада, дар раванди ташаккул он ба дараҷаи олитари иҷтимоӣ-давлат мерасад.

Намунаи олии давлат дар фалсафаи Форобӣ бо истилоҳи «мадинаи фозила» ифода мешавад. Мадинаи фозиларо мутафаккир давлате тасвир менамояд, ки ҳадафи ниҳоии он расонидани шаҳрвандон ба саодат ва хушбахтии ҳақиқӣ аст. Мутафаккир ҷонибдори назарияи органикии пайдоиши давлат аст, ки дар шакли нисбатан содатар онро Афлотуну Арасту пешниҳод карда буданд, аммо ӯ ин ғояро инкишоф дода, мадинаи фозиларо ба бадани солими инсон ташбеҳ медиҳад. Чуноне ки дар бадан дил узви асосӣ буда, фаъолияти дигар узвҳоро танзим мекунад, дар давлат низ раис чунин нақшро дорад. Ҳар як шаҳрванд вазифаи худро вобаста ба лаёқаташ иҷро мекунад, то тамоми ҷомеа солим бимонад.

То нимаи дуюми асри XIX назарияи органикии давлат қариб бетағйир дар миёни аҳли илм истифода мешуд ва пас аз ташаккули назарияи эволютсионии Чарлз Дарвин файласуф ва ҷомеашиноси машҳури англис Герберт Спенсер ҷомеа ва давлатро ҳамчун як организми

зиндаи биологӣ эълон кард, ки қонунҳои эволютсияи биологиро пайравӣ мекунад ва онро мушаххастар асоснок намуд. Ӯ давлатро ба организми биологӣ ташбеҳ намуд, ки таваллуд, инкишоф ва инқирозу азбайнравӣ дорад. Ҳукуматро ӯ ба мағзи сар ташбеҳ дод, ки тамоми бадан, яъне ҷомеаро идора мекунад. Шаҳрвандонро ба ҳуҷайраҳо монанд кард, ки онҳо узвҳои алоҳидаи давлатро ташкил медиҳанд. Унсури дигари муҳимми бақои давлат-иқтисод ва савдоро ба низоми гардиши хун ташбеҳ дод, ки маводҳои лозимиро ба тамоми узвҳо мерасонанд ва низоми муҳофизатии давлатро ба пӯсту нохунҳо ташбеҳ кард, ки давлатро аз хатарҳои беруна ҳифз мекунанд. Герберт Спенсер дар мавриди назарияи органикии пайдоиши давлат ва ҷомеа, ки онҳоро ҳамчун организми зинда ва тобеи қонунҳои эволютсия арзёбӣ мекунад, андешаҳои гуногун ироа намудааст. Ба қавли ӯ: «Афроде, ки ҷомеаро ташкил медиҳанд, воҳидҳои зинда мебошанд ва худи ҷомеа ҳамчун як куллияи тадриҷан рушдёбанда ва афзоишёбанда, хусусиятҳои организми зиндаро нишон медиҳад... Рушд, мураккабшавии сохтор, тафриқаи (дифференсиатсияи) вазифаҳо ва вобастагии мутақобилаи қисмҳо — ҳамаи ин нишонаҳо ба як андоза ҳам ба организми биологӣ ва ҳам ба организми иҷтимоӣ хосанд».[245, с.154] Ҳарчанд ин назария дар таърихи илм расман аз ҷониби Герберт Спенсер ҳамчун назарияи мукаммали илмӣ пешниҳод шудааст, аммо ҳанӯз дар даврони атиқа аз худ дарак дода, бо дигар ном дар назариёти донишмандони асримиёнагии мо ташаккул ёфта буд.

Форобӣ шаклҳои гуногуни давлатро дар осори сиёсиаш тавсиф намуда, ба таври муқаддамотӣ, бо такя ба масоили сиёсие, ки дар фалсафаи Юнони бостон матраҳ гардида буданд ва давлат дар доираи шаҳр барасӣ мегардид, онҳоро ба ду гурӯҳ: мадинаи фозила (давлати идеалию адолатхоҳ) ва мадинаи ҷоҳила (давлатҳои ноқис) ҷудо мекунад. Дар «Эҳсо-ул-улум» низ ӯ ду шакли ҳукуматро аз ҳам фарқ мекунад, ки якеро «мадинаҳои фозила» ва дигареро «ҳукумати ҷоҳилӣ» меномад. [34,

с.133]

Барои Форобӣ «мадинаҳои фозила» давлатест, ки ғояти он саодат аст ва фазилатҳои инсонӣ дар он маъмул аст. Давлате, ки Форобӣ ба таври мусбат тавсиф мекунад ва «мадинаи фозила» меномад, хусусияти ашрофона дошта, раёсати онро донишмандони таҳсилкарда, оқилу фозил ва адолатхоҳ ба уҳда доранд. Форобӣ онро намунаи идеалии идоракунӣ қаламдод мекунад ва натиҷаи онро саодати умум меҳисобад: «ҳукумате, ки битавонад афъол ва сунан ва малакоти иродиро, ки дар партави онҳо метавон ба саодати ҳақиқӣ расид, дар мардум ҷойгузин кунад».[34, с.133] Мутафаккир чунин низоми идориро ба бадани комил ва солими инсон ташбеҳ медиҳад, ки ҳама аъзои чунин ҷомеа, ба мисли узвҳои инсон муҳимму даркорианд ва ба якдигар барои ҳифзи ҳаёт кӯмак мерасонанд. Чи тавре ки аъзои бадан аз рӯи табиат ва қобилиятҳои худ аз ҳам фарқ мекунанд, аъзои ҷомеаи мадинаи фозила низ аз якдигар фарқ доранд. Ӯ дилро барои мавҷудияти ҷисм муҳим ҳисобида, роҳбарро ба он ташбеҳ медиҳад. Яъне, муносибати Форобӣ ба давлат хусусияти органикӣ дорад, ки чунин фаҳмиши идеалистии давлат метавонад ба тасаввуроти ғайривоқеӣ оварда расонад, ки гӯё он механизми пайдоиши табиӣ дошта бошад. [53, с.423]

Ба назари Форобӣ, «ҳукумати ҷоҳилӣ» зоҳиран солим аст ва фарҳангеро тарғиб мекунад, ки мардумро гӯё ба саодат мерасонад, аммо «дар ҳақиқат саодат нест».[34, с.133] Форобӣ ба «ҳукумати ҷоҳилӣ» вобаста ба муносибати он бо мардум ва ҳадафҳояш қисмҳои гуногуне қоил аст, ки аз онҳо ҳамчун «ҳукумати хиссат», «ҳукумати каромат» ва ғайра ном мебарад. Ӯ давлатеро, ки ҳадафи аслиаш ҷамъоварии молу сарват аст, «ҳукумати хиссат» мехонад ва ба давлате, ки талаби бузургӣ ва сарафрозӣ дорад, «ҳукумати каромат» ном мегузорад ва онҳоро дар радифи давлатҳои ҷоҳила қарор медиҳад, зеро чунин гунаи ҳукуматҳо, ба назари ӯ, ба саодати воқеӣ расонида наметавонанд.

Ҳамзамон Форобӣ аз давлатҳое ном мебарад, ки роҳбаронаш тавассути кишваркушоиҳо онро идора мекунанд ва низоми онҳоро «ҳукумати ҷабборӣ» меномад ва дар маҷмуъ, «ҳукумати ҷоҳилӣ»-ро ба чор даста – мадинаи ҷоҳила, мадинаи фосиқа, мадинаи мубаддила ва мадинаи золла ҷудо мекунад. Мадинаи ҷоҳиларо Форобӣ чунин тавсиф мекунад, ки аҳолии он саодати воқеиро нашинохтаанд ва дар пайи дарёфти он низ нестанд. Онҳо ба доми ҳавову ҳавас ва лаззатгароӣ дармондаанд. Аммо шаҳрвандони мадинаи фосиқа ҳарчанд ҳақиқати вуҷуди Худо, охират ва моҳияти саодати ҳақиқиро дарёфтаанд, вале бо он амал намекунанд. Мадинаи мубаддила мадинаест, ки одамони маскуни он дар асл бо аҳли мадинаи фозила ҳамқадам будаанд, аммо бо гузашти вақт аз онҳо дур афтодаанд. Мадинаи золла бошад, хеле бадтар буда, шаҳрвандони он ҳамеша ҳақ ё саодатро нодуруст пазируфтаанд ва таҳти ҳукумати паёмбари дурӯғин кору зиндагӣ мекунанд.

Манзури Форобӣ аз мадина давлат аст, ки натиҷаи иҷтимои одамон ва ҳамкориву алоқамандии онҳо ташаккул меёбад. Ба назари Форобӣ, аз ҳам тафовут доштани давлатҳо ба гуногунӣ ва ихтилофи ҷомеаҳо вобаста аст. Ҳадафи ниҳоии давлатро, ки маҳсули тафаккуру таҷрибаи инсонист, мутафаккир ба саодат расонидани одамон медонад. Ӯ ба ин бовар аст, ки инсон эҳтиёҷ ба камол дорад. Камол ба сурати фардӣ комил нест, ба ҷомеа ва мадинаи фозила ниёзманд аст ва ниҳояти камол дарёфти саодат мебошад, ки дар муҳити муназзами сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Пас, на ҳама ҷомеаҳо ва давлатҳо, ба назари ӯ, инсониятро метавонанд ба саодат бирасонанд. Баъзе ҷомеаҳо комиланд ва баъзе ғайрикомил. Ҷомеаи комилро ӯ ба се навъ – бузург, миёна ва хурд ҷудо мекунад. Ҷомеаи бузург онест, ки ҳама дар ободонианд, низоми муайяне онҳоро ба ҳам овардааст, тартибот ва адолат ҳукмрон гардида, дараҷаи одамон ба маърифату донишу ахлоқ муқаррар мегардад. Метавон ҷомеаи бузурги тасаввурнамудаи Форобиро ба империя монанд кард. Дар ҷомеаи миёна одамон дар як қисми обод зиндагӣ мекунанд, ба мисли давлате, ки дар

минтақаи муайян ҳукмронӣ мекунад. Ҷомеаи хурд ҳамонест, ки сокинонаш дар як қисми муайяни маскани умумӣ макон гирифтаанд, ба монанди шаҳр. Аз ин тарзи баёни Форобӣ мушаххас аст, ки ӯ ҷомеаҳои аз лиҳози шумора ва ҳудуд сернуфузу паҳноварро ба мақсади ниҳоии давлат мувофиқтар меҳисобад.

Мутафаккир барои маърифати моҳият ва аҳаммияти давлат дар фасли панҷуми «Эҳсо-ул-улум» илми маданиро тавсия медиҳад ва сарчашмаҳои ин илмро рафтори иродӣ, истеъдод, ахлоқ ва афъоли одамон меҳисобад. Ӯ вазифаи ин илмро роҳ намудан ба корҳое медонад, ки тавонад ин малакаҳоро дар инсон ба вуҷуд орад ва ӯро ба саодат бирасонад ва мутмаин аст, ки «даст ёфтан ба саодати ҳақиқӣ дар зиндагии зудгузари ин ҷаҳон ғайримумкин аст. Балки расидан ба чунин саодате танҳо дар зиндагии ҷовидонаи дигар сарой имконпазир аст».[34, с.132] Яъне Форобӣ дар заминаи назарияи мадинаи фозила усули метафизикии низоми ҷомеаеро матраҳ менамояд, ки ҳадафҳои аслии одамон моддӣ нест ва сарват андӯхтану хушгузаронӣ кардан пиндори нодурусти ба саодат расидан аст. Ба алоқамандон маълум аст, ки мувофиқи таълимоти фалсафии Форобӣ: «мавзуи ин илм (метафизика. –А.Б.) мавҷудоти ғайримоддӣ аст». [37, с.11] Форобӣ масоили ахлоқу сиёсат ё фалсафаи амалиро идомаи илоҳиёт меҳисобид ва бо он рабт медод. Ин далели он аст, ки ӯ асари «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила»-ашро бо такя ба афкори сиёсии Афлотун ва бо равиши ӯ нанавиштааст. Афлотун «Ҷумҳур»-ашро бо масоили инсон ва муносибати ӯ бо давлат ва адолат оғоз мекунад, аммо Форобӣ бо масоили шинохти «Воҷиб-ул-вуҷуд» оғоз мекунад ва сифоти онро айни зоташ медонад, ки бо ақоиди динии мавриди назараш мувофиқ аст. Бо тавсифи зуҳури инсон ӯ баршуморидани силсилаи вуҷудро комилшуда меҳисобад. Камоли одамиро ӯ дар хидмат ва манфиат расонидан ба одамони дигар медонад, ки дар ҳудуди муайяни низоми сиёсӣ, яъне давлат амалӣ мегардад. Пас ташкили давлат, ба пиндори Форобӣ, заруратест, ки инсонро метавонад ба саодат бирасонад.

Аммо ҷомеаи ғайрикомил, аз назари Форобӣ, чаҳор қисм аст: аҳли деҳа, аҳли маҳалла, аҳли кӯча ва аҳли хонаи муайян. Пас ҷомеаи комил ба камол қарибтар аст. Яъне зуҳури давлатро Форобӣ ба ҳуқуқи табиӣ рабт медиҳад ва дар айни замон онро падидаи таърихӣ ва ногузир барои пешрафту инкишофи инсоният ва ғаризаи фитрӣ меҳисобад.

Аз миёни сохтори давлатҳои гуногун Форобӣ давалати шоҳаншоҳӣ, ашрофӣ ва феодалӣ-демократиро бештар писандидааст, ҳарчанд ӯ дар ин маврид аз ақоиди динии муайян ё идеологияи ҳукмроне пайравӣ намекунад. Дар мушаххас намудани вазифаҳои давлат Форобӣ аз донишмандони замонаш хеле пешгомтар будааст ва масоиле, ки дар ин мавзуъ ӯ матраҳ намудааст, то ҳол арзиши баланди сиёсӣ доранд. Ӯ вазифаҳои давлатро баррасӣ намуда, ба мисли илми сиёсатшиносии муосир онҳоро ба дохиливу хориҷӣ ҷудо мекунад. Вазифаи хориҷии давлат мудофиаи шаҳрвандонаш аз хатарҳои беруна аст. Мадинаи фозила ҳамеша бо давлатҳои дигар дар сулҳу рафоҳ аст ва ин ҳам аз вазифаҳои давлат аст. Ҷангу ҷидолро Форобӣ аз хосиятҳои мадинаҳои ҷоҳила медонад.

Форобӣ назариёти сиёсии худро дар пояи ақлгароӣ матраҳ мекунад. Ин назариёт бар пояи омӯзишу баррасӣ ва муҳокимаҳои шахсии мутафаккир рӯйи кор омадаанд ва хусусияти догматикӣ надоранд. Аз ин рӯ, бо андешаи муҳаққиқи фаронсавӣ Анри Корбен ба пуррагӣ мувофиқ нестем, ки таълимоти иҷтимоии Форобиву имомияи шииро умумият медиҳад.

Афкори сиёсии Форобӣ мавриди таҳқиқи донишмандони зиёде қарор гирифтааст, ки метавон онҳоро ба ду гурӯҳ – муҳаққиқони асримиёнагӣ ва замони имрӯз ҷудо намуд. Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ, Ибни Абиусайбия[138; 136; 184; 132] аз пешгомони идомадиҳандагону такмилдиҳандагони ақидаҳои сиёсии Форобианд, ки ба гурӯҳи аввал тааллуқ доранд. Моҷид Фахрӣ, Иброҳим Мадкур,

Абдурраҳмон Бадавӣ, Ҳанно ал-Фохурӣ, Халил Ҷар, М.М. Хайруллаев, Умар Фаррух, Ризо Доварӣ, Анри Корбен, А. Баҳоуддинов, А.Х. Қосимҷонов, М.Т. Степанянс, М. Диноршоев, З. Диноршоева[379; 280; 269; 262; 98; 210; 158] аз гурӯҳи дуюманд.

Муҳаққиқони фавқуззикр аз дидгоҳҳои гуногун фалсафаи амалии Форобиро баррасӣ менамоянд ва хулосаҳои мухталиф мебароранд. Аммо ҳамаи онҳо дар ин масъала ҳамраъйанд, ки тамсилаи ҷомеаи идеалие, ки Форобӣ пешниҳод менамояд, назире дар фалсафаи атиқаи юнонӣ ва ҳакимони пешинаи олами ислом надорад. Мутафаккир дар заминаи пажуҳиши шахсӣ ва мушоҳидаҳову таҷрибаҳои андӯхта аз сафарҳову бардоштҳо чунин модели идеалии утопиявие пешниҳод намуд, ки минбаъд тарафдорони зиёде дар Шарқу Ғарб пайдо намуд.

Форобӣ дар асари «Сиёсат-ул-мадания» таъкид мекунад, ки инсон наметавонад дар алоҳидагӣ эҳтиёҷоти худро таъмин намояд ва ногузир ба ҷомеа ниёзманд аст. Ӯ, чунонки болотар таъкид гадид, ҷомеаро ба се навъ – ҷомеаи бузург, миёна ва хурд ҷудо мекунад. Ҷомеаи бузург аз умматҳои гуногуне иборат аст, ки онҳо дар асоси кӯмак ба ҳам дар якҷоягӣ ташаккул ёфтаанд. Ҷомеаи миёна аз як уммат иборат аст ва ҷомеаи кӯчак танҳо мардуми як шаҳрро гӯянд. Ин се навъ ҷомеаҳоро ҷомеаҳои комил меномад. [46, с.136] Ин таснифи Форобӣ хусусияти методологӣ дошта, барои равшантар кардани таркиби иҷтимоӣ кӯмак менамояд. Ҳамзамон ташкили ҷомеаи комилро мутафаккир зинаи аввали камолталабии инсон меҳисобад.

Ҷомеаҳое, ки дар деҳот, маҳаллаҳо, кӯю хонавода ташаккул ёфтаанд, ба андешаи ӯ, ҷомеаҳои ноқисанд. Яъне, Форобӣ халқияту миллатро, ки ба тамаддун расидаанд, ҷомеаи комил ва ҷузъҳои онҳоро, ки аз мардуми деҳ, кӯй, маҳалла, оила ва амсоли инҳо иборатанд, ҷомеаи ноқис меҳисобад.

Ибни Сино, чи тавре пештар ишора кардем, дар муқоиса бо Форобӣ дар масоили давлат ва ҷомеа камтар изҳори назар намуда бошад ҳам, амалан дар низоми идорӣ ширкат намуда, бо давлатҳои гуногуни замонаш, амсоли Сомониҳо, Хоразмшоҳиҳо, Зиёриҳо, Бувайҳиҳо ва Ғазнавиҳо робитаи сиёсӣ ва илмӣ дошт. Ӯ парвардаи фарҳанги даврони Сомониҳо буд ва Нуҳ ибни Мансури Сомониро табобат намуда, аз китобхонаи шоҳии ӯ истифода намуд. Дар дарбори Хоразмшоҳиҳо кор кардааст ва дар он давра бо донишмандони маъруфи он замон, аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масеҳӣ, Абулхайри Хаммор ва ғайра ҳамкорӣ доштааст. Дар давраи муҳоҷират ба Гургон рафта, аз ҳимояи ҳокими Зиёриён – Қобус ибни Вушмгир баҳраманд шудааст ва маҳз дар ин давра ҷилди якуми «ал-Қонун»-ро навиштааст. Дар марказҳои сиёсиву фарҳангии Бувайҳиҳо – шаҳрҳои Рай, Ҳамадон ва Исфаҳон кор кардааст ва дар ин давра то ба маснади вазирӣ расида буд.

Аммо бо давлати Ғазнавиён муносибати Ибни Сино баръакс буд ва чун ин абармарди таърихӣ дар руҳияи шуубияи тоҷикӣ ва тафаккури озодихоҳии Сомониён ба камол расида буд, нахост дар хидмати туркони Қарахонӣ, ки ҳарчанд дар ибтидо «худро вориси Сомониёну ҳомии забону фарҳанги эронӣ фаро менамуд», [208, с.113] хидмат кунад. Бешубҳа, Ибни Сино метавонист дар дарбори Ғазнавиҳо мақому ҷоҳи сазовор ва обрӯву нуфуз ёбад, аммо ғасби Бухоро ва суқути давлати Сомониён аз ҷониби Маҳмуд ӯро нисбати ин хонадон дилсард намуда буд ва ӯ «маҷбур шуд, ки бахши зиёди ҳаёти худро аз таъқиби Маҳмуди Ғазнавӣ пинҳон шуда, аз як шаҳр ба шаҳри дигар кӯч бандад».[268, с.117]

Баъзе аз муҳаққиқони рӯзгори Ибни Сино ба ин назаранд, ки сабаби сарпечии ӯ аз хидмати Ғазнавиҳо ба хашми Маҳмуд нисбати мазҳаби Ибни Сино, ки исмоилӣ аст, вобаста мебошад. Воқеан, иддае аз муҳаққиқони Ибни Сино ӯро шиамазҳаб ҳисобидаанд. Аммо академик Мусо Диноршоев дар заминаи таҳлили осори мутафаккир, махсусан

қисмати илоҳиёти «Шифо» ин назарро беасос мехонад ва ба хулосае расидааст, ки «1. Дар масоили ҳокимияти сиёсӣ Ибни Сино пайрави Абуҳанифа, Мовардӣ ва Форобӣ мебошад. 2. Ибни Синоро наметавон аз мутафаккирони сиёсии шиа донист, зеро тарафдори ҳокимияти меросӣ нест. 3. Барои Ибни Сино муҳимтарин шарти интихоби сарвари Мадинаи Одила на насаб, балки фазилатҳои шахсии ӯ маҳсуб меёбанд» .[9, с.134]

Воқеан, мувофиқи усули шиӣ, имомат идомаи рисолат буда, имом роҳбари сиёсист ва он танҳо ба интихоби мардум вобаста набуда, бояд аз ҷониби Худо таъйин шавад. Инчунин имом наметавонад аз миёни мардуми оддӣ бархезад, он бояд аз насли паёмбари ислом бошад. Барои Абуҳанифа муҳимтарин сарчашма Қуръону ҳадис аст. Вале дар мазҳаб ва равияҳои шиӣ, махсусан дувоздаҳимомӣ ва исмоилӣ, Қуръон бе тафсири имоми маъсум, ки онро аз таҳриф ва тафсирҳои нодуруст пешгирӣ мекунад, кофӣ нест. Будани имом барои ҳифзи низоми иҷтимоӣ ва роҳнамоии маънавии инсоният зарур аст ва вазифаҳои ӯ, ба истиснои қабули ваҳйи нав, ҳамон вазифаҳои пайғамбар аст. Дар масъалаи насаби роҳбари иҷтимоӣ низ назариёти Ибни Сино аз шиоҳо, хусусан шиаи дувоздаҳимомӣ, фарқ дорад. Зеро аз нигоҳи ақидатӣ ва фиқҳӣ шиоҳо имомро бо паёмбари ислом ва аҳли байт рабт медиҳанд ва барои онҳо насаб яке аз шартҳои асосии роҳбарӣ аст. Имом бояд ҳатман аз насли паёмбари ислом ва насли духтари ӯ Фотима ва Алӣ ибни Абутолиб ба таври меросӣ бошад ва шинохти он ба ҳадде муҳим аст, ки «ҳар ки имомашро нашинохта бимирад, гӯё дар даврони ҷоҳилия мурдааст».[105, с.17] Усули насаб дар ҷомеаи шиӣ таъсири ҳуқуқӣ ва молӣ дар дунбол дорад. Зеро насли паёмбар ҳуқуқ надорад закоти мардуми оддиро бигиранд, аммо нисфи маблағи Хумс, ки яке аз андозҳои воҷиби шиа аст, ба насли паёмбар тааллуқ дорад ва ба ҷуз онҳо дигарон аз ин маблағ истифода бурда наметавонанд. Аз ин мебарояд, ки насаб барои шиа як унсури пайвандкунандаи эътиқод, фиқҳ ва иҷтимоъ аст. Яъне назариёти

усулии шиӣ бо усули сиёсии Ибни Сино мувофиқ нест.

Анвои ҳукуматҳо дар таълимоти сиёсии Ибни Сино ҷойгоҳи вижа дорад, ки онҳоро мутобиқи ақли амалӣ баррасӣ мекунад ва аз ин миён ҳукумати барои худаш писандидаро тавсиф мекунад. Ба назари ӯ, ҳукумати подшоҳӣ, агар роҳбар оқил, одил ва бомалака бошад, одилона аст. Ба ҳукумати ашрофонаи мавруси низ Ибни Сино таваҷҷуҳ намуда, онро нисбати ҳукумати подшоҳӣ пазируфтатар меҳисобад, аммо аз ин навъи ҳукумат, ки роҳбари он худкома ва мустабид набошад, бештар таваҷҷуҳ дошт. Дар чунин навъи ҳукумат роҳбар бояд як кас бошад ва пеш аз ҳама худаш ба қонун итоат намояд.

Ибни Сино оиларо барои ташаккули ҷомеаи фозила муҳим меҳисобад ва ин масоилро дар асари «Тадбири манзил»-аш муфассалтар барасӣ намудааст. Дар заминаи таҳқиқи ин рисола донишмандоне, ба монанди М. Диноршоев, М. Исоев, У. Султонов ва дигарон таҳқиқоти судманд анҷом додаанд. Таҳлили рисолаи «Тадбири манзил» нишон медиҳад, ки Ибни Сино пайдоиш ва ташаккули манзилро ба зарурати пайдо кардани васоили ҳаёт ва инчунин ҳифз ва бардавомии насли инсонӣ вобаста медонад. Мутафаккир манзилро тарзи истеҳсоли бевоситаи ҳаёт-тавлид ва ҳифзи навъи инсон медонад. Ӯ вобаста ба вазифаи аввали манзил сухан ронда, тамоми бани башарро, сарфи назар аз молик ё мамлук, дар эҳтиёҷ доштан ба оила, хӯрок ва таъмини онҳо баробар медонад: «Ҳама кас аз подшоҳу раият ниёзманд ба ғизову хӯрокӣ аст, ки мояи ҳаёт аст ва низ ба таҳияву омода сохтани зиёдии хӯрок ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд, муҳтоҷ аст».[12, с.22]

Мутафаккир имтиёзи инсон нисбати ҳайвонотро ёдоварӣ намуда, барои тақвияти фикри ниёзмандии ҳамагонии инсон қайд менамояд: «роҳи ба даст овардани ғизову хӯрок барои инсон монанди роҳи ба даст овардани қути ҳайвонот нест, ки ҳангоми ҳаяҷону таҳрики гуруснагӣ ва ташнагӣ ҷунбиш карда, чарогоҳу об биҷӯяд ва пас аз рафъи гуруснагию ташнагӣ ба ҷойи худ баргашта ва истироҳат карда, боз дар ҳангоми ҷуъ ва аташ ба

сӯи чарогоҳу об бишитобад».[12, с.22] Яъне, ҳайвонҳо вақте сер мешаванд, дигар намедонанд, ки ба ғизову об боз муҳтоҷ мешаванд. Аммо инсон тавассути ақл аз ҳаводиси табиату ҷамъият таҷриба касб мекунад ва ниёзмандиашро ба макону ҷое, ки рӯзӣ ба даст овардааст, дарк мекунад ва мекӯшад масолеҳи заруриашро ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Дар ин сурат, инсон муҳтоҷ аст, ки барои худ манзилу ҷой хуфту хоб интихоб кунад.

Масоили ташаккулёбии ҷомеаро Ибни Сино бо ҷузъиёташ таҳлил намуда, омилҳои инкишофдиҳандаи онро баррасӣ менамояд ва қайд мекунад, ки чун инсон манзили истиқоматӣ сохт ва дар он ҷо барои ҳоҷоташ захираҳое андӯхт, наметавонад онро беназорат гузорад ва зарурат ба вуҷуд меояд ба касе, ки андӯхтаашро аз дастбурди дигарон, ки мехоҳанд, онро аз вай бирабоянд, ҳифзу нигаҳбонӣ намоянд. Ин ҷо Ибни Сино ҷойгоҳи иҷтимоии занонро муҳим арзёбӣ менамояд ва тавзеҳ медиҳад, ки агар ба нигоҳубини манзил ва захираҳои қуту ғизо ва амсоли онҳо худ машғул шавад, «дар ин сурат ҳамин андӯхтаро ночор бояд бихӯрад».[12, с.23] Агар ин ҳолат ҳамеша ҳамин тавр бошад, вазъу ҳолаш монанди ҳайвонот мегардад, ки ҳадаф танҳо мубориза барои зинда мондан аст. Пас барои такмили ҳаёти иҷтимоӣ ногузир бояд оила бунёд намояд. Дар ин масъала Ибни Сино ҳамаро баробар медонад: «Дар ин эҳтиёҷот подшоҳу раият ва ходиму махдум ҳама бо якдигар мусовӣ ва баробаранд».[12, с.23] Яъне барои ташкили оила ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ Ибни Сино иштироки зану мардро баробар медонад ва ташкили оиларо яке аз омилҳои ҷудо шудани бани башар аз ҳолати ваҳш меҳисобад.

Аз ин мебарояд, ки Ибни Сино пайдоиши ҷомеаро дар зарурати ҳамзистӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои худ дар якҷоягӣ мебинад. Маҳз ташкили зиндагии инсон дар шароити ҳамзистӣ омили ба вуҷуд омадани ҷомеа мегардад. Дар баробари ниёзмандии инсонҳо ба ҳамдигар Ибни Сино яке аз омилҳои муҳимми ташаккулдиҳандаи ҷомеаро ба

нобаробарии табиии одамон ихтисос медиҳад. Ӯ ба ин назар аст, ки ҳаргиз ҷомеаи аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ баробар вуҷуд дошта наметавонад, лекин ин нобаробарии одамон нисбӣ аст. Агар маърифати фардӣ ташаккул ёбад ва ҳар як шахс аз мақоми иҷтимоиаш розӣ бошад, ин нобаробарӣ наметавонад сабаби иллатҳо дар ҷомеа гардад. Ӯ сабаби нобаробарии одамонро чунин шарҳ медиҳад: «Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бошанд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобеъу раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати (ҳамкории дуҷониба ё кӯмак расонидан ба касе. –А.Б.) дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад».[12, с.20]

Ин ақидаҳои иҷтимоии Ибни Сино бо афкори дар ин масъала ироанамудаи Афлотун наздик аст. Зеро Афлотун ду намуди баробарии иҷтимоиро аз ҳам фарқ мекард ва онҳоро баробарии арифметикӣ ва баробарии ҳандасӣ меномид. Дар баробарии арифметикӣ ба ҳамаи одамон, новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, хирад ва лаёқаташон, неъматҳо баробар тақсим карда мешаванд, ки Афлотун онро қабул намекард. Аммо баробарии ҳандасӣ тақсими неъматҳо ба ҳар кас вобаста ба фазилат, дониш, лаёқат ва хидматаш сурат мегирад. [201, с.211] Ин назариёти Афлотун дар афкори Ибни Сино чун розигии ҳар шахс аз мақоми ишғолкардааш тасвир ёфтааст.

Ҷомеаро Ибни Сино барои ташаккули инсон хеле муҳим меҳисобад. Бар хилофи Ибни Туфайл, ки муътақид буд инсон дар танҳоӣ низ метавонад касбу кореро пеша кунад ва инкишоф ёбад, [142, с.240] Ибни Сино таъкид мекунад, ки «инсон ҳатман бояд ба шахси дигаре аз навъаш кифоят дошта, он дигар дар навбати худ ба ин ва назири ин кифояткунанда бошад. Дар натиҷа чунин бошад, ки масалан, ин бояд

барои он кишт кунад, он барои ин нон пазад,…, то ба ҳамин тариқ агар ҷамоат шаванд, корашон сохта бигардад». [19, с.439] Яъне, ӯ ба ин бовар аст, ки барои идома додани ҳаёт одамон маҷбуранд, ки муттаҳид шаванд ва ҷомеаашонро бо мувофиқи тақсимоти меҳнат бунёд кунанд. Барои ҳамкории одамон қонун ва адолат зарур аст. Барои қонун ва адолат бошад, шахсе лозим аст, ки қонун ва адолатро муқаррар созад. Чунин шахс бояд имконият дошта бошад, ки ба одамон бо нутқ муроҷиат кунад ва онҳоро барои риоя намудани қонун уҳдадор созад. Яъне, низоми мушаххаси сиёсӣ-давлат бояд шакл гирад, то дар партави он хостаҳои ҷомеа ба воқеият мубаддал гарданд.

Дар заминаи назарияҳои сиёсии Ибни Сино, ки дар «Тадбири манзил», «Уюну-л-ҳикма» ва мақолаи даҳуми «Илоҳиёт»-и китоби «Шифо» ироа шудаанд, метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ ба масъалаҳои пайдоиши давлат, зарурати қонун, тақсимоти меҳнат ва адолати иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намуда, кӯшидааст мушкилоти дар ин соҳа ҷойдоштаро ба қадри зарурӣ бартараф намояд.

Ба ҳар навъ, назариёти сиёсии Ибни Сино дар масоили давлат ва ҷомеа аз афкори сиёсии замонаш асрҳо пеш рафта буд ва ӯ давлатро на як сохтори зӯроварӣ, балки як муассисаи зарурии ақлонию ҳуқуқӣ барои ҳамкории инсоният ва муҳимтарин василаи инкишофи иҷтимоӣ медонист.

Ибни Сино ҷомеаи ташаккулёфтаро дар пайравӣ аз Форобӣ ба одила ва фосиқа ҷудо мекунад ва худ ҷонибдори ҷомеаи одила мебошад. Ҷомеаи одилае, ки ӯ тавсиф мекунад, барои ҳамаи аъзоёнаш вазифаҳои мушаххас пешниҳод намудааст ва ягон кас набояд бекор бошад. Ҳар як шахси қобили меҳнат уҳдадор аст ба ҷомеа фоида расонад, хоҳ коргар бошад ё корфармо. Ӯ хидматгорону ғуломонро, дар муқоиса бо Арасту мол намеҳисобад, балки онҳоро узви ҷомеа ва барои пешрафту инкишофи он муҳим медонад: «хидматгорони инсон ба манзалаи аъзо ва ҷавориҳи бадани вай мебошанд… Ҳавоиҷу хоҳишҳое, ки дар табиати башар ҳаст,

барои онҳо ҳам ҳаст». [12, с.41] Мутаассифона, ин андешаҳои сиёсии пешқадами Ибни Сино то ҳол ба таври муфассал таҳқиқ нашудааст ва ниёз ба пажуҳиши ҳирфаӣ дорад.

Дар афкори иҷтимоии Ибни Сино пиромуни давлат ва нақши сарвари он андешаҳои ҷолиб баён шудааст. Зарурати ин падидаи иҷтимоиро ӯ дар қонунгузорӣ ва таъмини иҷрои қонун мебинад. Қонунро мутафаккир барои танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарур меҳисобат ва онро дар бисёр ҳолатҳо бо адолат муродиф қарор медиҳад. Манзури Ибни Сино аз қонун аксар вақт муқаррароти шариат аст: «Ҳар як мушорикат ба воситаи қонуни шаръӣ ва мутаввалӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, қонуни шаръиро риоя, дар асоси ин амал ва онро муҳофизат мекунанд». [10, с.64-65]

Чуноне ки аз таълимоти иҷтимоии мутафаккир бармеояд, зарурати ҳамзистии одамон боиси бавуҷудоии давлат гардидааст ва маърифати он ба дӯши фалсафаи амалӣ аст ва «ин илм аз назди Худо берун шудааст». [10, с.65] Яъне, Ибни Сино дар масоили ҳокимияти сиёсӣ ҷонибдори давлати динӣ ва дунявист. Чун одамон муттаҳид шуданд, барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии онҳо ду падида-қонун ва адолат зарур шудааст. Аз ин гуфтаҳо ҳувайдо мешавад, ки Ибни Сино қонунро бо адолат тавъам медонад, яъне қонун на дар танҳоӣ, балки дар асоси адолат бояд муносибатҳои ҷамъиятиро танзим созад. Гузашта аз ин, шахсияте лозим аст, ки қонун ва адолатро барқарор кунад. Мақоми иҷтимоии шахсиятҳоеро, ки тавонанд қонунро дар ҷомеа вазъ кунанд, Ибни Сино хеле баланд арзёбӣ мекунад. Мутафаккир дар «Шифо» қайд мекунад, ки «воҷиб аст, ки пайғамбар бошад, воҷиб аст, ки ӯ инсон бошад ва воҷиб аст, ки ӯро хусусияте бошад, ки дигаронро набошад». [19, с.441] Яъне, барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ҷомеа ба шахсиятҳое ниёзманд аст, ки дар масъалаи қонуну адолат андешаҳои ибрознамудаи онҳо ҳамчун меъёр пазируфта мешавад. Давлати пешниҳоднамудаи Ибни Сино хусусияти динӣ дошта, сарвари он паёмбар ё ҷойнишини ӯст, ки тавассути

раъйи мардум пазируфта мешавад. Вале азбаски роҳбар аз ҷониби мардум интихоб мешавад, ин гуна давлат хусусияти демократӣ ҳам дорад.

Мутафаккир масоили таносуби ҷомеа ва инсонро таҳлил намуда, ба хулосае расидааст, ки ҷомеа бе низоми кории барои афроди он судбахш ва иттиҳоди фардҳои алоҳидаи одамон наметавонад инкишоф ёбад, ҳамчунин зиндагии одамони алоҳида бе ҳамкорӣ ва ёрии тарафайн аз имкон берун мебошад. Ибни Сино ба ин назар аст, ки аҳкоми ибодот низ барои тақвияти қонунҳо бояд истифода шавад, то қавонин фаромӯш нашавад: «ин ҳолатҳо оммаи мардумро судманданд… агар эшонро чунин ёдовариҳо набошанд, бо гузашти як ду қарн ҳамаи онро фаромӯш хоҳанд кард». [19, с.445] Аз ин мебарояд, ки Ибни Сино дар шахси инсон мавҷуди иҷтимоиеро медид, ки неруҳои худашро фақат дар ҷомеа метавонад ба манфиат пиёда созад. Мутафаккир раванди иҷтимоишавии инсонро таҳлил намуда, ба хулосае расидааст, ки он дорои якчанд аломатҳост, ки муҳимтаринашон ҳадафнокӣ ва фаъолияти дастаҷамъии барои ҳам фард ва ҳам ҷомеа судбахш аст.

Дар маҷмуъ, назариёти Форобӣ дар масъалаи давлат ва ҷомеа бештар хусусияти назариявӣ дорад, аммо Ибни Сино ба он диди ҳуқуқӣ дошта, онро ба амалия рабт медиҳад. Форобӣ зарурати муносибатҳои иҷтимоиро барои дарёфти саодати таҷридӣ мебинад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба зарурати қонун тамоюли бештар дорад. Дар масъалаи раиси ҷомеа ё роҳбари давлат андешаҳои онҳо ба ҳам наздик аст, аммо Форобӣ онро дар симои паёмбар ё файласуф дидан мехоҳад, ки дар заминаи ахлоқ, фазилат ва дониш ташаккул ёфтааст. Ибни Сино низ роҳбарро дар симои паёмбар тасаввур мекунад, аммо аз сабаби он ки шахсеро мисли ӯ дар ҳама давру замон наметавон пайдо намуд, ӯ ҷонишини паёмбарро дар симои касе мепазирад, ки дорои сифоти ҳамидае, амсоли ҷавонмардӣ, ҷасурӣ, оқилӣ бошад ва аз ҷониби мардум интихоб шуда, барои танзими ҷомеа қонун ва адолатро дар мадди аввал қарор диҳад.

Назарияи ҷомеаи фозилаи ҳарду мутафаккир муштаракоте доранд,

ки таъмини адолат, амният ва расонидани инсон ба саодати ҳақиқии дунявию ухравӣ ҷавҳари онро ташкил медиҳад. Аммо ба замми ҳамоҳангӣ тафовутҳо низ миёни ин назарияи онҳо вуҷуд дорад. Зеро Форобӣ ба ин масъала диди ахлоқӣ дорад, дар ҳоле ки Ибни Сино аз даричаи ҳуқуқу иқтисод ба он таваҷҷуҳ мекунад ва устувории ҷомеа ва давлатро дар риояи қонун мебинад, ки ин усули бархӯрди ӯ дар рушди афкори сиёсии шарқӣ мусоидат намуда, бо меъёрҳои муосири ҳуқуқӣ ҳамоҳанг мебошад. Ҳамзамон назарияи ҷомеаи фозилаи Форобӣ ва Ибни Сино дар шароити муосир низ арзишманд буда, талаботи муқаррарнамудаи онҳо нисбат ба роҳбар, ки оқилу одил бошад, ба волоияти қонун амалан бовар дошта бошад ва кафили ҳуқуқи шаҳрвандон бошад, имрӯз ҳам аҳамияти бузурги актуалӣ ва илмӣ дошта, дар шароити буҳронии ҷомеаҳои муосир метавонад чун модели мушаххасе барои устувории давлатҳои миллӣ баромад намояд.

Хулоса, дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино сиёсат ба маънои имрӯза набуда, он асосан чун санъати идора кардани ҷомеа барои расидан ба камолоти инсонӣ ва саодат аст. Аммо Форобӣ ва Ибни Сино мафҳумҳои калидии илми сиёсиро, ба монанди моҳияти ҷомеа, омилҳои ташаккул ва шаклҳои он, зарурати иҷтимоӣ шудани инсон, ҳамкории аҳли ҷомеа ва тақсимоти кор, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, шаклҳои идоракунӣ, роҳбар ва сифоти ӯ ва ғайраро ба таври мушаххас таҳлил намудаанд.

Аз таҳлили осори сиёсии Форобӣ бармеояд, ки мутафаккир таҳти мафҳуми давлат василаи муассири ҳалли мушкилоти иҷтимоиро дар назар дошта, онро дастгоҳи идоракунандае меҳисобад, ки метавонад муҳимтарин ормонҳои иҷтимоиро амалӣ созад ва пешрафту инкишофи ҷомеаро таъмин намояд. Ба назари ӯ, вазифаи асосии давлат таъмини шароити муътадилест, ки мардум тавассути он на танҳо аз лиҳози моддӣ, балки аз лиҳози маънавӣ низ имконият пайдо мекунанд худро такмил

диҳанд ва ба саодат бирасанд.

Ибни Сино бошад, пайдоиши ҷомеаро дар зарурати ҳамзистӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои одамон дар якҷоягӣ мебинад. Ба назари ӯ, маҳз ташкили зиндагии инсон дар шароити ҳамзистӣ омили ба вуҷуд омадани ҷомеа мегардад ва он барои ташаккули инсон хеле муҳим мебошад. Дар афкори иҷтимоии Ибни Сино нақши сарвари сиёсӣ муҳим буда, зарурати давлатро ӯ дар қонунгузорӣ ва таъмини иҷрои қонун мебинад. Қонунро мутафаккир муродиф адолат арзёбӣ намуда, барои танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарур меҳисобад

4.3 Фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино

Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино аз бузургтарин намояндагони машшоияи шарқӣ ба ҳисоб рафта, афкори сиёсии онҳо фарогири масоили давлат, ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеа ва роҳҳои дарёфти саодати умумибашарӣ мебошад. Яке аз нуктаҳои ҷолиб дар ин мавзуъ он аст, ки ин мутафаккирон нисбат ба дигар хакимони шарқӣ назарияҳои сиёсиро бештар инкишоф додаанд ва ин паҳлӯи фаъолияти онҳо ба таври муфассал дар ҳавзаҳои илмии мо баррасӣ нашуда, ба таҳқиқи вижа ниёз дорад.

Форобӣ ба масоили сиёсӣ аз зовияи ақл таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи назариёти матраҳнамудаи Афлотуну Арасту андешаҳои сиёсиашро пешниҳод намояд ҳам, аз осори дар ин масъала таълифнамудааш, амсоли «Сиёсот-ул-мадания», «Орои аҳл-ул-мадинат-ил-фозила», «Фи-л-иҷтимоот-ул-мадания», «Ҷавомиъ-ус-сиёсия», «Мабодиу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила», «Фусул-ул-маданӣ», «Китоб-ул-миллат», «Талхис-ун-навомис», «Таҳсил-ус-саодат», «Танбеҳ ало сабил-ис-саодат», «Нил би-с-саодат» ва ғайра бармеояд, ки ӯ дар ин масъалаҳо навгониҳо ҳам дорад ва табиатан навгаро ҳам ҳаст. Қайд кардан ба маврид аст, ки пас аз таҳлили осори сиёсии Форобӣ Ризо Доварӣ ба хулосае мерасад, ки «то кунун мо осореро суроғ надорем, ки қабл аз таълифи осори Форобӣ мунташир

шуда ва мутазаммини ақоиди шабеҳ ба афкори ӯ бошад».[211, с.102]

Аз таърихи фалсафаи асримиёнагии мусулмон бармеояд, ки файласуфони мо ба тамоми паҳлӯҳои фалсафаи юнонӣ, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои илҳоми ҳакимони мусулмон ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳ намуда, кӯшиданд дар атрофи ҳамаи бахшҳои он таълифоте дошта бошанд. Вале бо гузашти фурсате ҳакимон нисбати сиёсат, камтар таваҷҷуҳ мекардагӣ шуданд. Ба таъкиди Ризо Доварӣ, «Баъд аз Форобӣ ҳеҷ яке аз ҳукамо ба ин тафсил ба сиёсат напардохт ва мутааххирон ба куллӣ аз он қатъи алоқа карданд».[210, с.101]

Албатта, ба масоили сиёсӣ камтаваҷҷуҳ будани ҳакимони асримиёнагии мо сабабҳои хосе дорад, ки муҳимтаринашон, чунонки болотар зикр шуд, тафовути дидгоҳҳои юнонӣ ва исломӣ нисбати мафҳуми «сиёсат» мебошад. Зеро мафҳуми «сиёсат» дар фалсафаи Юнони бостон ба маънои «санъати идораи давлат»[130, с.7] буда, усули куллии низоми ҷаҳон ва тартиби низоми маданӣ мувофиқи низоми олам мебошад. Яъне, ҳакимони юнонӣ сиёсатро зӯроварӣ намеҳисобиданд, балки ба он чун санъат ва маҳорати олӣ таваҷҷуҳ мекарданд. Аз ин нуқтаи назар, сиёсатмадор бояд мисли як санъаткор бошад, ки тавонад ҷомеаро ба таври зебо, муодил ва ҳамоҳанг идора карда тавонад. Мувофиқи таълимоти аксари ҳакимони Юнони бостон, махсусан Афлотуну Арасту, коинот аз рӯи тартиб, қонунҳои муайян ва ҳамоҳангии комил сохта шудааст. Дар он ҳама чиз сабаби мушаххасе дорад ва бетартибӣ дар он ҷой надорад. Низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ бояд бо низоми коинот ҳамоҳанг бошанд. Чун ҷомеа ва давлат, ки ҷузъи коинотанд, пас тартибу низоме, ки дар онҳо ҷорӣ мешавад, бояд дар партави усулҳои куллии табиат ва коинот бошад ва набояд низоми сиёсӣ худхоҳона ё тасодуфӣ бошад.

Ба алоқамандону огоҳони масоили каломӣ маълум аст, ки олими мусулмон наметавонад фардро дар низоми маданӣ ва оламро дар сурати нафсҳои фардӣ бубинад. Зеро мувофиқи ин ҷаҳонбинӣ, инсон олами хурд

аст ва олами бузург ӯро фурӯ гирифта. Асли ҳастӣ инсон буда, ҳар ду олам ба шарофати ӯ арзи ҳастӣ намудааст. Мутакаллимон ба ин назаранд, ки Худованд тамоми сифатҳо ва асрореро, ки дар ҷаҳони бузург офаридааст, ба таври фишурда дар вуҷуди инсон ҷой додааст, ки усулан баръакси ҷаҳонбинии юнониҳо мебошад. Ҳакимони мусулмон ҷанбаҳои зиёди алоқамандӣ бо фалсафаи атиқаи юнонӣ, махсусан ақидаҳои Афлотуну Арасту, дошта, дар ин замина таълимоти гуногуне пешниҳод намудаанд ва ин бо масъалаи болозикр фарқ дорад. Афлотуну Арасту ҳар ду ба ҳастии мавҷуди собиту комилу азалие, ки фаротар аз модда мебошад, бовар доштанд. Онҳо инсонро мураккаб аз моддаву нафс ҳисобида, барои бақову камолаш ӯро ниёзманд ба зиндагӣ дар миёни ҳамҷинсонаш медонанд. Ҳамзамон сиёсатро муҳимтарин василае барои рафъи талаботи моддиву маънавии инсон ҳисобидаанд. Ба назари Афлотуну Арасту, камолу феълияти моҳияти инсонӣ дар партави фазилатҳои ахлоқӣ ва аъмоли иродии нек амалӣ мегардад ва сиёсати ҳақиқӣ бо омӯзиш ва ҳидояти инсонҳо метавонад ба онҳо дар таҳаққуқи феълияту камол мусоидат кунад. [264, с.80]

Бисёр қисматҳои фалсафаи амалии Форобӣ, махсусан мавзуъҳои сиёсӣ, бо таълимоти Арасту мувофиқат дорад. Форобӣ ба мисли Арасту муҳимтарин омили таъмини саодатро дониши сиёсӣ меҳисобид. Ӯ муҳимтарин хусусияти мадинаи фозиларо дар сиёсат арзёбӣ мекард. Ба назари Форобӣ, «ҳадафи ғойии раёсат дар мадинаи фозила дарёфти роҳҳои таҳсили саодати аҳли он мебошад» [40, с.120] ва «ҳадафи ғойии инсон нил (дарёфт-А.Б.)-и саодат аст».[209, с.101] Аммо сарфи назар аз ин дар масоили фалсафаи амалӣ Форобӣ ба Афлотун майли бештар дорад. Арасту масъалаҳои ахлоқ ва сиёсатро ба ҳам алоқаманд донад ҳам, онҳоро аз ҳам фарқ мекунад. Арасту ҳатто дар асари «Сиёсат»-аш ба хулосае омада, ки «ихтилофи хӯрок муҷиби ихтилоф дар шеваи зиндагии ҷондорон мегардад».[62, с.18] Вале дар осори Афлотун кӯшиши равшане дар ҷудо намудани баҳси ахлоқу сиёсат мушоҳида намешавад. [72] Шояд яке аз далелҳои касоне, ки фалсафаи амалии

Форобиро бештар афлотунӣ медонанд ҳамин аст, ки вай низ монанди Афлотун ва бархилофи Арасту мавзуъҳои ахлоқ ва сиёсатро аз ҳам ҷудо намекунад.

Эрвин Исак Якоб Розентал (1904–1991) шарқшинос, исломшинос ва забоншиноси барҷастаи ғарбӣ ва яке аз бузургтарин мутахассисони фалсафаи сиёсии Ислом низ сарчашмаи андешаҳои сиёсии дар назарияи мадинаи фозила ироашудаи Форобиро аз фалсафаи юнонӣ медонад. Ӯ яке аз аввалин олимҳое буд, ки ба таври муназзам андешаҳои сиёсии мутафаккирони мусулмон, махсусан Форобӣ ва Ибни Синоро таҳқиқ карда, онҳоро бо фалсафаи амалии Афлотун ва Арасту муқоиса намуда, ба натиҷае расида буд, ки ин донишмандони мусулмон тафаккури сиёсии юнониро бо шариату қонунҳои исломӣ омезиш дода, як мактаби хоси фалсафаи сиёсие таъсис додаанд, ки дар ташаккули тафаккури олимони минбаъдаи ҷаҳони ислом нақши меҳварӣ дорад. Розентал равиши таҳқиқи Форобӣ ва ҳадафи ӯро аз таълифи ин асар таҳлил намуда, ба чунин хулосае меояд: «қисматҳои сиёсии ин рисола бар асоси «Ҷумҳур»-и Афлотун ва то андозае мувофиқи «Ахлоқи Никомах»-и Арасту таълиф шудааст».[377, с. 212]

Дар воқеъ, Форобӣ дар «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила» ва «Китобу ас-сиёсати-л-маданият» дар масъалаи ба саодат расидани инсон баҳс мекунад ва ба ин назар аст, ки инсон табиатан метавонад дар мадинаи фозила тавассути илми маданӣ ба саодат, ки сирфан ғояи хайр аст, бирасад.[351, с. 128] Ин мазмунро Арасту чунин баён мекунад: «мақсади аслии сиёсат хайри инсон аст».[60, с. 14] Аммо Форобӣ ин хайри олиро ба мисли фазилате тавсиф мекунад, ки аз тааммули ақлӣ ба вуҷуд меояд ва аз дигар фазилатҳои инсонӣ, ки марбути ҷисманд, фарқ дорад. Зеро ин фазилати ом ва қувваву истеъдодест, ки ба шаъни илоҳии инсон марбут аст. Пас ӯ масоили фазилатҳои ахлоқиро бо метафизика алоқаманд мекунад ва онро бо мафҳуми «ҳаққ-ул-яқин»[161, 69;51]-и

қуръонӣ, ки чун яқини комил ва ҳақиқати бешакку шубҳа тафсир мешавад ва дар калом онро болотарин дараҷаи яқин медонанд, рабт медиҳад. Яъне Форобӣ чун ҳакими навовар бо афкори тозаву бикр соҳаи фалсафиро ғанӣ намуда, аз худ мероси гаронарзише гузошт, ки сарчашмаи илҳоми файласуфони зиёди минбаъда гардид ва онҳо фарогири масоили мухталифи илмӣ буда, роҳи ақлгароиро дар масоили сиёсӣ низ дар ҷаҳони ислом ҳамвор намуд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз сарчашмаҳои асосии афкори сиёсии Форобӣ таълимоти Афлотун аст, ки бо тарзи зист ва расму русуми ҷомеаи мусулмонӣ мувофиқ карда шудааст. Таҳлили мафҳумҳои «мадина», «фазилат», «саодат», «адолат», «раёсат», «қонун» ва ғайра, ки дар осори Форобӣ мушоҳида мешавад, бозгӯкунандаи ин андеша аст. Аммо нодида гирифтан нашояд, ки миёни андешаҳои сиёсии онҳо тафовути бунёдӣ низ ҷой дорад, ки ба тарзи барҳӯрд бо мафҳумҳои шаҳрванду мадина ва ҷойгоҳи иҷтимоиву рафтору ахлоқи намояндагони иҷтимоӣ бастагӣ дорад. Дар таълимоти Афлотун ва умуман фалсафаи юнонӣ, ба шаҳр (polis) имтиёз дода мешавад ва бақои инсону камоли онро ба зиндагӣ дар шаҳр вобаста медонанд. Яъне, дар фарҳангу фалсафаи сиёсии юнонӣ асолату эътибори дараҷаи аввал ба шаҳр дода мешавад ва вазифаи асосии шаҳрвандон гирди ҳам омадан барои муҳофизати он буда, мартабаи шаҳрванд аз мартабаи шаҳр поёнтар ва манофеи шаҳр болотар аз манофеи фард аст.

Аммо дар таълимоти сиёсии Форобӣ кор баръакси ин аст. Зеро барои Форобӣ мақоми инсони маданӣ болотар аст ва сиёсат ҳадафи олии тафаккури назарӣ, на амалӣ, ки дар таълимоти Афлотун аст, қарор мегирад. Яъне, мақсади Форобӣ аз сиёсат ҳифзу нигоҳдории ҷомеаи шаҳрӣ нест, балки ҳадафи ӯ аз ин мафҳум дарёфти роҳе барои расидан ба саодату камоли фардист. Ҷойгоҳу эътибори фард ва саодату камоли ӯ, ба хилофи таълимоти Афлотуну Арасту, ки ба шаҳр ва посдории арзишҳои умумии он қоил буданд, аз фарқиятҳои усулии таълимоти сиёсии Форобӣ аз онҳост, ки дар фалсафаи

амалии Ибни Сино низ ҳамин тавр аст.

Умуман, дар таълимоти сиёсии файласуфони мусулмоне, ки ақидаҳои худро дар ҳамоҳангӣ бо таълимоти исломӣ ироа намудаанд, метавон ба хубӣ мушоҳида намуд, ки мавзуи аслии сиёсат дар ин мавзуъ баҳси нубувват аст. Аммо набояд тасаввур намуд, ки муроди ҳакимони мусулмон, аз ҷумла Форобиву Ибни Сино аз ин баҳс исботи нубувват бошад, зеро мақсади онҳо дар масоили сиёсӣ исботи ваҳйу нубувват набуда, балки ноилоҷ ба хотири аз байн бурдани шубҳаи зиддияти фалсафаву дин, мақоми шариатро ҳам дар доираи баҳси ақлии мавриди назар ҷой додаанд. Мақсади аслии файласуфони мусулмон, ки Форобиву Ибни Сино дар ин ҷода комилан ҳамақидаанд, ин буд, ки агар онҳо ба аҳкоми тавҳид, нубувват, маъод ва ғ. беэътиноӣ мекарданд ва сирф ба баёни усулу қоидаҳои сиёсат ё фалсафаи амалӣ иктифо мекарданд, ки талаботи илми низ ҳамин аст, дар ин сурат наметавонистанд фалсафаро ҳамчун олитарин шакли тафаккур эълон кунанд ва тамоми шаклҳои дигари шуури иҷтимоиро тобеи он донанд. Аз ин рӯ, Форобӣ ба хотири мусолиҳакорӣ дар миёни оммаи муътақидони динӣ, кӯшидааст ҳамаи масоили фарогирандаи мадинаи фозилаашро бо мадинаи исломӣ мувофиқ нишон диҳад.

Аммо ӯ ба дин дар масоили сиёсӣ чандон эътино накард ва онро дар радифи ҷузъиёт қарор дода, ба ин тартиб миёни аҳкоми ваҳйи илоҳӣ ва фалсафа ҳамоҳангӣ нишон дод, ки Ардаконӣ яке аз осори таҳқиқотиашро ба ин мавзуъ бахшидааст.[65, с.130] Ҳамзамон ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳи хос накардани ҳакимони минбаъдаи мусулмон ба омилҳои гуногун вобастагӣ дошта бошад ҳам, ба назари мо, яке аз сабабҳои аслиаш ба ин омил пайванди мантиқӣ дорад.

Муҳаққиқи араб Умар Фаррух ба ин назар аст, ки сарчашмаи назариёти сиёсии Форобӣ давлатҳои исломии замонаш аст. Албатта, дар ин андеша воқеият ҷой дорад, зеро Форобӣ дар муҳити комилан динӣ зиндагӣ карда, дар

чунин шароит таълим гирифтааст ва дар осори зиёдаш аз арзишҳои эътиқодӣ такрор ба такрор ёд менамояд, ки ифодакунандаи таҳти таъсири дин қарор гирифтани ӯст. Аммо Умар Фаррух тадриҷан ба иғроқ меравад ва ҳисси арабгароияш боло гирифта, давлатҳои хусусияти миллидоштаи замони Форобиро намеписандад ва дидгоҳҳои Муаллими сониро нисбати баъзе давлатҳои замони Муаллими сонӣ таҳриф менамояд. Умар Фаррух қайд менамояд, ки «Хилофати Аббосӣ барои Форобӣ ба манзалаи мадинаи фозилаи кубро буд. Ӯ давлати Бувайҳиёнро мадинаи фозилаи вусто ва давлати Ҳамдонияро мадинаи фозилаи суғро меҳисобид. Аммо давлатҳои Фотимиён, Сомониён, Ихшидиён ва амсоли онҳоро бар зидди хилофати Аббосӣ тасаввур мекард ва дар шумори мадинаҳои фозила намеовард».[262, с.374]

Ин муҳаққиқ баъзе далелҳо дар масъалаи кай ва дар куҷо таълиф шудани осори Форобиро низ бе овардани сарчашма қайд мекунад, ки хонандаро ба шубҳа мегузорад. Масалан, ӯ менависад, ки соли 330 ҳ. Форобӣ ба навистани китоби «Орои аҳл-ул-мадинат-ил-фозила»-аш дар Бағдод шуруъ мекунад ва як сол баъд дар Димишқ онро ба поён мерасонад. Ӯ натиҷагирӣ мекунад, ки агар ин асар дар соли 331 ҳ. навишта шуда бошад, пас ҳамагӣ ҳашт сол пеш аз вафоти Форобӣ таълиф шудааст ва мешавад, ки онро ҷузъи охирин осори ӯ бидонем. [262, с.279] Шояд Умар Фаррух ба маълумоти асари «Вафаёт-ул-аъён»-и Ибни Халликон такя намуда, ин андешаашро баён карда бошад, зеро дар ин асар қайд гардидааст, ки «Форобӣ аксари осорашро дар Бағдод навишта аст».[143, с.107]

Бебаҳс, ҳар мутафаккир дар асоси ҳаводиси рӯзгори худ масоили гуногуни сиёсиро баррасӣ мекунад. Масалан, Афлотун, ки аз зумраи аввалин донишмандонест, ки масоили сиёсиро аз зовияи илм матраҳ намудааст, заминаҳои таърихии ташаккули ормоншаҳри ӯ ба ҳаводиси иҷтимоӣ-сиёсии замонаш вобастагӣ дорад. Зеро Афлотун шоҳиди ба буҳрони ҷиддӣ гирифтор шудани низоми идории юнонӣ буд. Ӯ шоҳиди қатли ноодилонаи бузургтарин ҳакими замонаш Сукрот буд, ки наметавонист дар афкори сиёсии ӯ бетаъсир

бошад. Ҳамзамон ӯ шоҳиди бевоситаи даҳҳо ҳодисаҳои мудҳише буд, ки тавассути худхоҳиву манфиатҷӯиҳо ва корҳои нодурусти софистҳо, демократҳо ва дигар сиёсатмадорону бозингарони сиёсии замонаш ба вуҷуд омада, боиси ба мушкилоти амиқи иҷтимоӣ гирифтор гардидани ҳамватананонаш гардида буд. Ҳамаи ин ҳодисаҳову падидаҳои номатлуб, ки пояҳои давлати Отинро ба ларза оварда буд, наметавонист дар руҳияи мутафаккире, ба мисли Афлотун таъсиргузор набошад. Аз ин рӯ, ӯ дарки дурусти масоили сиёсиро аз ҷониби одамон муҳимтарин василаи рафъи мушкилоти ҷомеаи мадании хеш меҳисобид.

Дар ин масъала Форобӣ бо Афлотун ҳамраъйии комил дорад. Зеро Форобӣ низ мисли Афлотун дар бартараф намудани мушкилоти ҷомеа муносибати одамон ба сиёсатро дар ҷойи аввал қарор медод. Ӯ кӯшиш мекард, ки масоили сиёсиро чун муҳимтарин унсури ҳаёти иҷтимоӣ баррасӣ намояд ва онро бо ахлоқ ва ҷовидонагии олами охират рабт диҳад. Аз ин рӯ, Форобӣ вақте масоили сиёсиро мехоҳад баррасӣ кунад, аввал масъалаи маърифати ҷаҳони муҷаррад аз моддаро матраҳ менамояд ва пас аз он ҷойгоҳи инсонро ҳамчун таркибе аз модда ва нафс дар ин дастгоҳ мушаххас кардан мехоҳад.

Форобӣ инсонро барои бақову камоли худ ниёзманд ба зиндагии гурӯҳӣ бо ҳамҷинсонаш дониста, сиёсатро муҳимтарин василае меҳисобад, ки метавонад барои рафъи ҳоҷатҳояш кӯмак намояд. Мутафаккир ба ин бовар буд, ки камоли инсонӣ дар партави фазилатҳои ахлоқӣ ва амалҳои неки интихобӣ амалӣ мешавад ва сиёсати дурусту ҳақиқӣ метавонад барои аз имкон ба воқеият гузаштани онҳо мусоидат кунад.

Аз муҳтавои осори сиёсии Форобӣ маълум мегардад, ки ӯ саодати фардиро ҷудо аз зиндагии маданӣ баррасӣ намекунад ва яке аз нишонаҳои ташхиси саодати ҳақиқӣ аз саодати эътиборӣ зиндагонии фард дар ҷомеаи фозила ё ҷомеаи ҷоҳила аст. Яъне, барои Форобӣ ноил шудан ба саодати

ҳақиқӣ дар ҷомеаи фозила имконпазир аст. Пас, ба назари ӯ, инсон бояд дар бунёди ҷомеаи фозила саҳм дошта бошад ва ислоҳи шахсӣ барои расидан ба аҳдофи олӣ басанда нест. Ноил шудан ба саодат дар ҷомеае сурат мегирад, ки раиси он ҳакими оқил бо сифоти баршуморидаи ӯ бошад. Форобӣ сиёсатро мисли Арасту илм меҳисобад ва яке аз муҳимтарин вазифаҳои сиёсатро дастрас намудани роҳи матлуби зиндагӣ ва муназзам намудани фаъолияти одамон медонад. Барои сиёсатмадор шудан низ Форобӣ шарт мегузорад, ки фард бояд илму фанни сиёсиро донад, фазоили назариро омӯхта бошад. Ӯ муътақид буд, ки дар мадинае, ки фалсафа набошад, ҷаҳл ҳукумат мекунад. [211, с.143] Ҳамзамон Форобӣ бо такя ба назариёти ормоншаҳри афлотунӣ ба ин назар буд, ки зимоми идориро бояд файласуфон дар даст дошта бошанд.

Дар ташаккули афкори сиёсии фард, бебаҳс, таъсири муҳити иҷтимоӣ ҷойгоҳи хос дорад. Ин масъала хеле аҷиб аст, ки дар ибтидои асрҳои миёнаи олами ислом ҳеҷ қавме ё халқияти маскуни ҳудуди кишварҳои мусулмоннишин дар масъалаи илми сиёсӣ ба мисли ориёитаборон таваҷҷуҳи ҷиддӣ надоштанд ва таснифоти шомил низ надоранд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тафаккури сиёсии халқиятҳои таркиби хилофати исломӣ дар заминаи таҷрибаи давлатдории аҷдодиашон рушд намудааст, ки ориёитаборон наметавонанд истисно бошанд, зеро онҳо аз поягузорони тамаддун буда, таҷрибаи ғании давлатдорӣ доштанд. Тафаккури сиёсии онҳо дар ин минтақа бештар бар пояи таҷрибаи давлатдории Сосониён ва омезиши он бо арзишҳои исломӣ ташаккул ёфтааст. Арабҳо низ чун аз тафаккури бодиянишинӣ ҷудо нашуда буданд ва таҷрибаи хеле заифи давлатдорӣ доштанд, аз таҷрибаи ғании давлатдории Сосониён истифода намуда, ҳамон модели сиёсиро бо иваз намудани номҳои калидии идоракунанда истифода мекарданд ва намояндагони ин халқият низ асари алоҳидаи сиёсие, ки дархӯри замонашон бошад, натавонист таълиф намояд.

Дар ин раванд таъсири хонадонҳои бонаҷобати ориёитабор, ба мисли Бармакиён, Саҳлиён, Навбахтиён, Сулаймиён ва ғайра ниҳоят муассир аст. Дар заминаи фаъолияти баргузидагону афроди соҳибистеъдод ва бонуфузи ориёитаборон муҳити созгори сиёсие шакл гирифт, ки ба худшиносии бештари ин гурӯҳ мусоидат намуд. Аммо бояд эътироф намуд, ки асарҳои сиёсии таълифнамудаи онҳо бештар характери амалӣ, ахлоқӣ ва пандномавӣ доштанд. Ин асарҳо бо мулоҳизакорӣ ва мусолиҳакорӣ навишта шуда, дар заминаи панду андарзҳо ва ҳодисаву воқеаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба подшоҳон тарзи дурусти ҳукмронӣ ва адолатро тарғиб менамуданд. Маъруфтарин донишмандони ориёитабори ин давра, ки оид ба масоили сиёсӣ ибрози назар намуда, асари алоҳидае таълиф намудааст, вазири бузурги Салҷуқиён Низомулмулк, муаллифи асари машҳури «Сиёсатнома» [189] мебошад. Ин китоб дар даврони Салҷуқиён ба ҳадде шуҳрат ёфта буд, ки чун дастурамали мукаммали давлатдорӣ ва сохтори судии он замон ба ҳисоб мерафт ва як ибораи маъруфи он: «Мулк бо куфр бипояду бо зулм напояд» [189, с.15] дар миёни хосу ом чун масал ёд мешуд. Дигаре аз осори сиёсии маъруфи ин давра «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус [150] ва «Одобу-л-мулук»-и Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммад ибни Исмоил Саолибии Нишопурӣ[234] мебошанд, ки дар асрҳои миёна шуҳрати зиёде касб намуда буданд. Муаллифони онҳо низ ориёитабор мебошанд ва афкори сиёсии онҳо барои нигоҳ доштани тавозуни табақаҳои иҷтимоӣ хеле таъсиргузор будаанд.

Намояндагони илму ҳикмати арабу турк низ, ба мисли Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳабиб ал-Басрӣ ал-Мовардӣ (олими араби асрҳои X-XI), Ибни Халдун, Тақиюддин Аҳмад ибни Абдулҳалим ибни Таймия (1263–1328 м.) ва Юсуф Хос Ҳоҷиб (олими туркзабони асри XI) дар ин давра ба таълифи осори сиёсӣ дар ҷаҳони ислом таваҷҷуҳ намудаанд, аммо масоили сиёсиву диниро ба ҳам омехтаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ

дар пояи таҳқиқоти ориёитаборон набудаанд. Мовардӣ дар асари «Аҳком-ус-султония»-аш сиёсату фиққҳро бо ҳам тавъам баррасӣ мекунад ва қоидаҳои сиёсиву фиққҳиро барои идораи низоми сиёсӣ муҳим меҳисобад. Ӯ кӯшидааст сохтори ҳуқуқии хилофат ва вазифаҳои раёсати онро аз назари фиққи исломӣ муайян намояд. [169]

Ибни Халдун низ ҳарчанд чун бунёдгузори сосиология ва таърихнигории муосир шинохта мешавад ва дар «Муқаддима»-аш масоили сиёсиро хеле густурда матраҳ намудааст, ки он яке аз бузургтарин шоҳкорҳои сиёсию иҷтимоии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, аммо ӯ низ бештар ба масоили иҷтимоӣ-динӣ ва асабияти арабӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ибни Халдун дар заминаи назарияи «Асабия» (ҳамбастагии қавмӣ) ва марҳилаҳои пайдоишу суқути давлатҳоро нишон медиҳад. [7]

Дигаре аз адибони араб, ки ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ намудааст, Ибни Таймия мебошад, ки яке аз машҳуртарин ва баҳсбарангезтарин фақеҳони мазҳаби ҳанбалӣ буда, дар асари «ас-Сиёсату-ш-шаръия фӣ ислоҳи-р-роъӣ ва-р-раъия»-аш кӯшидааст сиёсати давлатиро комилан бо аҳкоми шариат мутобиқ созад[140] ва дар сиёсишавии ислом ва ба вуҷуд омадани мазҳабҳои ифротии ҷаҳони ислом саҳми ҷиддӣ дорад.[191, с.26] Ибни Таймия дар ин асари сиёсиаш нигоҳи комилан нав ва бунёдгароёнаро ба масъалаи ҳукумат ва давлатдорӣ дар ислом ворид намуд. Муҳаққиқи тоҷик Нулулҳақ Қамар ҷойгоҳи Ибни Таймияро дар фиққи ҳанбалия таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст: «Ӯро ҳамчун илоҳиётшиноси арабӣ-мусулмонӣ, мубаллиғи салафия ва фақеҳи мазҳаби ҳанбалӣ ва мунаққиди «навовариҳо» дар ислом мешиносанд».[192, с.416] Агар ба таърихи таълифи ин асар таваҷҷуҳ намоем, он дар давраи ҳуҷуми муғулҳо ва салтанати мамлукҳо дар Мисру Шом навишта шудааст ва ҳадафи аслии он наҷот додани ҷомеаи арабӣ аз буҳрони сиёсию ахлоқӣ ва бозпас ба қудрат овардани онҳо буд. Ӯ назариёти нави сиёсӣ-диние матраҳ намуд, ки мувофиқи он ҳадафи

муҳимтарини бунёди давлат инкишофи дин ва хизмат ба шариат аст. Агар давлат ин вазифаашро иҷро накунад, қонунияти худро аз даст медиҳад. Ӯ баръакси донишмандони пешинаи мусулмон, ки бештар ба сохтори зоҳирии хилофат ва насаби халифа аҳамият медоданд, ба моҳият ва амалиёти давлат тамаркуз кард, ки дар дигар асарҳояш низ, аз ҷумла «Минҳоҷ ас-сунна ан-набавийя фи нақзи каломи шиа ва-л-қадария» ин тамоюл мушоҳида мешавад.[141]

Аз муҳаққиқони турк Юсуф Хос Ҳоҷиб низ асаре бо забони туркӣ таҳти унвони «Қутадғу билиг» (Бахтиёрнома) [299] таълиф намудааст, ки барои сиёсатмадорон чун сиёсатнома ва дастури ахлоқӣ баромад менамуд ва дар қолаби пандномаҳо навишта шудааст. Ба ҳар навъ, осори ба илми сиёсӣ башидаи арабҳову таркон бештар бо таълимоти динӣ ҳамоҳангӣ дошт ва аз нигоҳи мазмуну моҳият низ бо осори дар ин мавзуъ таълифнамудаи эронитаборон муқоисашаванда нест.

Чи таре пештар қайд кардем, Форобӣ нисбат ба дигар ҳакимони шарқӣ, махсусан Ибни Сино, ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳи бештар намуда, осори сершуморе таълиф намудааст, ки як қисми онҳо гум шудаанд. Аз байни осори сиёсии ӯ, ки то мо расида ҳамаашон аҳаммияти яксон надоранд, зеро дар даврaҳо ва шароитҳои гуногун навишта шудаанд. Усули герменевтикии таҳқиқ маълум менамояд, ки шароити ба вуҷуд омадани матн дар ифодаи мазмуни он нақши калидӣ дорад. Мутаассифона, таърих аз шарҳи ҳолу шароити зиндагии Форобӣ маълумоти хеле кам дар даст дорад, дар акси ҳол метавонистем нисбати осори ӯ таҳқиқи амиқтар ва беҳтар анҷом медодем. Ҳатто дар теъдоди осори ӯ назари ягонаи муҳаққиқон вуҷуд надорад. Масалан, Ибни Абиусайбия қайд намудааст: «Форобӣ 120 асар офарида аст».[132, с.140] Мувофиқи маълумоте, ки шарқшиноси маъруфи олмонӣ Карл Броккелман дар китоби «Таърихи адабиёти араб»-аш медиҳад, шумораи асарҳои Форобӣ ба 187 мерасад.[375, с. 213]

Ризо Доварӣ муҳимтарин осори сиёсии Форобиро ба таври зайл нишон медиҳад: «Орои аҳл-ул-мадинат-ил-фозила», «Сиёсат-ул-мадания», «Фи-л-иҷтимоот-ул-мадания», «Ҷавомиъ-ус-сиёсия», «Фусул-ул-маданӣ», «Таҳсил-ус-саодат», «Васоё яъумму нафъуҳо», «Талхис-ун-навомис», «Китоб-ул-миллат», «Китоб-ул-ҳуруф» ва «Фалсафаи Афлотун».[211, с. 104-105] Китоби «Фалсафаи Афлотун»-ро Доварӣ дар қатори осори сиёсии Форобӣ зикр мекунад, зеро дар он ба қавли ӯ: «афкори сиёсии Афлотунро баён мекунад ва он гаҳе аз он ҷиҳат, ки Форобӣ ахлоқро ҷузъе аз сиёсат медонад».[211, с. 105]

Форобӣ ҳарчанд дар муқоиса бо Ибни Сино ба масоили ҳуқуқӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст, аммо дар асари «Орои аҳли мадинаи фозила»-аш таснифоти ҳуқуқие анҷом медиҳад, ки бо масоили ҳуқуқии ҳакимони юнонӣ қаробат дорад. Ӯ қонунҳоро ба ақлӣ (табиӣ) ва вазъӣ (мусбат) ҷудо мекунад. Қонунҳоеро, ки бо табиати инсон ва ақли солим мувофиқанд, қонунҳои ақлӣ ва қонунҳоеро, ки барои идоракунии шаҳр аз ҷониби ҳоким ҷорӣ мешаванд, қонунҳои вазъӣ меномад. [40, с. 54-55] Инчунин ӯ дар асари «Китобу ас-сиёсати-л-маданияти» таъкид мекунад, ки агар қонуни ҳоким ба принсипҳои ақлӣ ва адолат такя накунад, он ҷомеаро ба саодат расонида наметавонад. [44, с. 128] Яъне, Форобӣ дар масоили робитаи сиёсату ҳуқуқ низ ибрози андеша намуда, алоқамандии онҳоро чун шаклҳои шуури ҷамъиятӣ барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ намудааст, ки дар шароити имрӯза низ хеле арзишманд аст, зеро таълимоти сиёсӣ барои такмили идеологияи давлатдории ҳуқуқбунёд, рушди сиёсати ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити муосир низ ҳамчун манбаи муҳими назариявӣ хизмат менамояд.

Аз таҳлили мавзуъҳои сиёсии Форобӣ бармеояд, ки ӯ дар амонатдории илмӣ низ ниҳоят амиқ кор мегирифтааст, ки барои замони ӯ нодир буд. Агар аз осори ҳакиме истифода мекард ва иқтибос меовард, ҳатман номи муаллиф ё асарашро қайд мекард. Ба таъкиди Доварӣ: «Форобӣ агар тақлиду

муҳокоте аз кори Киндӣ карда бошад, аз ҳудуди иқтибоси ном ва унвони китоб таҷовуз намекунад».[211, с. 102]

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино, ки дар дастрасӣ қарор дорад, масоили фалсафаи амалӣ, махсусан сиёсат, камтар ба таври сода баён шудааст. Ин сабаб шудааст, ки баъзе муҳаққиқони осори Ибни Сино, ба мисли Герман Лей,[385, с. 122] Сагадеев А.В., [218] Моҷид Фахрӣ[170] ва дигарон ба қароре оянд, ки мутафаккир ба масоили сиёсӣ ба таври муфассал таваҷҷуҳ накардааст. Аммо муҳаққиқоне, ба мисли М. Диноршоев ин назарияро зери шубҳа қарор дода, ба ин назаранд, ки Ибни Сино дар овони ҷавонӣ чандин асарҳои калонҳаҷме, ба мисли «ал-Маҷмуъ», «ал-Ҳосил ва-л-маҳсул», «ал-Барр ва-л-исм» ва ғайра таълиф намудааст, ки дар онҳо масоили гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла, фалсафаи амалиро ба таври муфассал таҳлил намудааст: «бинобар ин раво надидааст, ки дар осори баъдиаш ба таҳлили мабсути онҳо бипардозад».[116, с. 503-504]

Дар сохтори тафаккури Ибни Сино, ки дар Форобӣ низ ҳамин гуна аст ва пештар баён доштем, унсурҳои калидӣ дар боби сиёсат бо шеваи пажуҳишии Афлотуну Арасту, ки асосан дар ин масоил ба онҳо такя мекард, бархӯрду носозгории бунёдӣ дорад. Зеро Афлотун дар боби сиёсат бо усули метафизикӣ ибрози назар намуда, масоили сиёсиро бо раванди дониш омехтааст ва зерсохторҳои маърифатӣ, ба мисли хайри сиёсиро ба вуҷуд овардааст, Арасту бошад, ба таҷрибагароӣ майл дошта, бо бозсозии ҷавҳаре, ки тавассути ақл дарк мешавад, андешаи назариявии сиёсиро бо воқеъбинӣ омехта, аҳаммияти иҷтимоии онро нишон додааст ва ҳар ду, чи тавре пештар қайд кардем, аз мавқеи шаҳр ё давлат афкори сиёсии худро ироа намуда, мақоми онро дар иҷтимоъ аз ҳама болотар ҳисобидаанд. Аммо Форобиву Ибни Сино ба мақоми иҷтимоии фард имтиёз қоиланд, ки миёни ақидаҳои онҳо тафовути усулиро ба вуҷуд меорад.

Чи тавре миёни афкори сиёсии Афлотуну Арасту таносубу тафовут вуҷуд дорад, ҳамчунин дар таълимоти Форобиву Ибни Сино низ ин ба равшанӣ дида мешавад. Масалан, бунёди давлати тасаввурнамудаи Афлотун пояи метафизикӣ дошта, дар мутобиқат бо назарияи «мусул» (идеяҳо) шакл гирифтааст, ки Форобӣ ба он тамоюл дорад. Вале Арасту ин назарияро хаёливу ғайривоқеӣ ҳисобида, ба ин назар буд, ки миёни шаҳри ормонии афлотунӣ ва воқеият робитаи мантиқӣ вуҷуд надорад. Арасту ба василаи ин эрод мехост миёни ормоншаҳри афлотунӣ ва давлати таърихӣ робита барқарор кунад, ки минбаъд Ибни Сино дар «Шифо» ба андозае ба ин масъала дахл намуда, дар симои паёмбар ва халифа онро инъикос намуд. [19, с. 439-442]

Ибни Сино дар ковишҳои сиёсӣ назди худ мақсад гузошта буд, ки модели ҷомеаеро ба вуҷуд орад, ки худкифо бошад, то масоили дохиливу берунии худро новобаста аз ҷомеаи дигаре ҳаллу фасл карда тавонад. Албатта, ба ин масъала аз даричаи ҷаҳонбинии замони ӯ бояд баҳогузорӣ намуд, зеро дар шароити ҷаҳонӣ шудан ин мушкилот комилан ҷома иваз намудааст. Ин назарияи ӯ ба андозае бо назариёти сиёсии Афлотун ва Форобӣ зиддият дорад. Зеро ӯ ба василаи ақлгароӣ масоили сиёсиро аз ковишҳои риёзӣ ва метафизикӣ ҷудо намуд ва ҳамзамон назари онҳоеро, ки роҳбариятро хоси файласуфон медонистанд, рад намуд. Зеро барои ӯ ақлу фаросат ва малакаи раис муҳимтар аст, на аслу насаб ва қобилиятҳои фавқуттабиӣ. Чи тавре худ ишора мекунад: «суннатгузорро дуруст нест, чунин изҳор бикунад, ки ӯро ҳақиқатест, ки аз омма пинҳон медорад».[19, с. 442]

Яке яз хусусиёти афкори сиёсии Ибни Сино дар он аст, ки ба масоили пештар матраҳгардидае, ки посухи мушаххас пайдо накардаанд, ҷавоб мечӯяд, ки зоҳиран бо равиши афлотунӣ мувофиқ аст. Зеро аз осори Афлотун бармеояд, ки ӯ кӯшидааст ба масоиле посух диҳад, ки устодаш Суқрот матраҳ карда буд. Аммо ин ҷо мушкиле низ ҷой дорад, ки Ибни Сино барои посух додан ба саволҳои ҷавоби мушаххас пайдо накарда, аз

далелҳои мустақим истифода накардааст ва бештар ба далоили умумӣ ва тачридӣ такя намудааст. Дар ин масоил назари Ибни Сино, ба истиснои баъзе ҳолот, ба назариёти сиёсии Форобӣ ҳамоҳангӣ дорад. Ба ҳар навъ, Ибни Сино тавонист бо ошкор намудани нукоти ақли амалӣ, роҳи ҳалли муносибе ба пурсишҳои афлотунӣ ва ковишҳои Форобӣ дар мабоҳиси сиёсиву ахлоқу пайдо кунад.

Ногуфта намонад, ки Ибни Сино аз ҷиҳати вазифа ақлро ба назариву амалӣ ҷудо мекунад, ки тавсифи он барои ифодаи орои сиёсии мутафаккир хеле муҳим аст. Вазифаи асосии ақли назарӣ дарку шинохти ҳақиқати мавҷудот аст. Вай бо умумиятҳо, мафҳумҳои абстрактӣ ва қонуниятҳои илмӣ сарукор дорад. Аммо вазифаи ақли назарӣ танзим ва идораи рафтору амали инсон дар зиндагии рӯзмарра аст. Вай бадан ва қувваҳои ҳайвонии инсон, ба монанди шаҳват ва ғазабро таҳти таъсир қарор медиҳад ва ҳадафи аслии он эҷоди ахлоқи ҳамида, идораи дурусти корҳои фардӣ ва ҷамъиятӣ аст.

Албатта, қаблан Суқрот масъалаи вазифаҳои ақлро матраҳ намуда буд. Баъдтар Арасту баъзе ҷанбаҳои он, ба мисли пайдо намудани ҳудуди ифроту тафрит ва муайян намудани он, ки мақсади ақли назариявӣ танҳо донистани ҳақиқат аст, аммо ҳадафи ақли амалӣ анҷом додани кори хайр мебошад, кашф намуда буд. Вале Ибни Сино дар заминаи ин назария ва омезиши он бо баъзе ҷанбаҳои таълимоти навафлотуния ва ҷаҳонбинии исломӣ навгониҳое дар он ворид намуд. Масалан, Ибни Сино ақли амалиро ҳамчун қувваи мустақили нафс баррасӣ намуд. Яъне, агар Арасту ақли амалиро ҳамчун як ҷанбаи вазифавии ақл ҳисобида бошад, онро Ибни Сино ҳамчун як қувваи хос дар сохтори нафси нотиқа шарҳ дод. Инчунин Ибни Сино робитаи ақлро бо қувваҳои ботинии инсон кашф кард. Ӯ тавонист бо далоили ақлӣ ва тачрибӣ нишон диҳад, ки ақли амалӣ бо қувваҳои ҳис ҳамкорӣ мекунад. Ҳамзамон назарияи наве пешниҳод намуд, ки дар таълимоти Арасту мушоҳида намешуд ва он истифодаи

қуввaҳои ваҳму хаёл барои ба ҳаракат даровардани ҷисм аст. Муҳимтар аз ҳама, ки бевосита ба мавзуи баҳси мо дахл дорад, назарияи сезинагии ақли амалӣ таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудунро пешниҳод намуда буд.

Нодида гирифтан нашояд, ки Форобӣ масоили сиёсиро ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ намуда буд, ки он ҳам ба талаботи замони ӯ бастагӣ дорад ва баъди ӯ Ибни Сино дар қисматҳои гуногуни осори калидиаш, ба мисли «Шифо», «Донишнома», «Наҷот», «Таҳсил-ус-аодат», «Андан сиёсати илоҳия», «Тадбири манзил», «Рисола фи-с-сиёсат», «Рисола фи-л-ахлоқ» ва ғайра ин масоилро хеле муҷазтар бошад ҳам, аммо пурмазмун баён карда, ки баъд аз ӯ дар ин мавзуъ таваҷҷуҳи хос кам шудааст: «пас аз Ибни Сино фалсафа аз ҳаракат ва такомули худ бозмонда буд».[331, с. 68-81]

Дар таълимоти Форобӣ дастрасӣ ба фазоили ахлоқӣ ҳамчун фазилати фардӣ тавсиф мешавад. Ибни Сино бошад, роҳи дастраси ба фазоили сиёсиро матраҳ намуд. Ӯ ба мисли Арасту фалсафаи сиёсиашро дар ҷавоб ба аслҳои бунёдие, ба мисли кашфи чистии (моҳият) масоили сиёсӣ, чигунагии падидаи сиёсӣ, чигунагии маърифати равандҳои сиёсӣ ва сарчашмаи зуҳури масоили сиёсӣ, қарор дода, мутмаин буд, ки ҷавоб пайдо кардан ба ин масъалаҳо инсонро дар масоили сиёсӣ соҳибфазилат мекунад.

Ҳамзамон Ибни Сино фазоили сиёсиро бо тасдиқи давлат ва равшан намудани моҳияти он алоқаманд медонист. Ӯ сабаби ба вуҷуд омадани давлатро ба ғаризаҳои иҷтимоӣ рабт медод ва иллати ташаккули иҷтимоъро ғаризаи тавлиди мисл ва бақои нафс меномид. Дар масъалаи омилҳои ташаккули ҷомеа низ ба таълимоти сиёсии Арасту такя намудааст. Ба назари ӯ, иттиҳоди се нафар хурдтарин ҷомеаро ба вуҷуд меорад, муттаҳид шудани чанд хонавода омили ташаккули деҳкада мешавад ва ба ҳам пайвастани чанд деҳа, ба хотири зиндагии беҳтару бофароғаттар, омили ташаккули давлат мешавад. Аммо Ибни Сино дар

мақолаи даҳуми «Шифо» сабаби эҷоди тамоми шаклҳои табиӣ, аз ҷумла ҷомеаро иноятиПарвардигор медонад: «Албатта, дар ин ҷо сабаби табиие нест, балки бар ҳамон ваҷҳе, ки иноятро донистӣ, мабдаи онҳо ночор аз иноят аст».[19, с. 437]

Дар таълимоти сиёсии Ибни Сино мафҳуми «шаҳрванд» таҳлил шуда, он ҳамчун дараҷаи иҷтимоӣ нишон дода мешавад. Тасаввури Ибни Сино пиромуни ин мафҳум аз маънои муосираш фарқ дорад. Ба назари ӯ, шаҳрванд касест, ки дар муносибати ҳукумат бо раият, ба мисли додрасӣ, ҷойгоҳи муайяне дошта бошад.[330, с. 45-58] Яъне шаҳрванд узве аз давлат аст, ки вазифаи муайян, ба мисли узви ҳайати доварон ё маҷлиси вузаро ва ғайра дошта бошад.

Дар фалсафаи сиёсии Ибни Сино амнияти иҷтимоӣ низ ҷойгоҳи хос дорад, ки таҳти мафҳуми «инқилоб» ифода мешавад. Сабабҳои инқилобро таҳлил намуда, ӯ ба хулосае меояд, ки он хусусияти ҳатмии идеологӣ надорад, балки ангезаҳо ва гароишҳои моддие, ба мисли тарсу нигаронӣ, фишорҳои пай дар пай, ноумедӣ ба фардо ва амсоли инҳо сабаби ба вуҷуд омадани он мегардад. Ҳамчунин инкишофи номутаносиби табақаҳои иҷтимоӣ, зулму истибдоди зиёд, маҳдуд намудани воситаҳои ба даст овардани моддиёт, ба фаромӯшӣ супоридани мардум аз ҷониби ҳукком, таваҷҷуҳ накардан ба шоистагиҳо, қатъи робитаи ҳокимону раият ва ғайра низ заминаҳои асосии ба вуҷуд оварандаи инқилоб аст.

Ҳарчанд дар баъзе мавридҳо Ибни Сино ҷонибдори инқилоб аст ва онро роҳи халосӣ аз мушкилот меҳисобад, аммо нисбати ҷараёни он диди мусбат надорад. Мутафаккир инқилобро яке аз ҷараёнҳои осебрасон ба давлат дониста, пешгирии онро нисбат ба вуқуаш беҳтар меҳисобад ва роҳҳои мамониат аз онро низ нишон додааст. Дар тарс нигоҳ доштани оммаро Ибни Сино бадтарин усули идоракунӣ медонад ва муътақид аст, ки аз чунин ҳолат на худи омма, балки гурӯҳҳое, ки нуфузи сиёсиашон бештар мешавад, метавонанд истифода намоянд, ки натиҷааш бештар бар зарари мардум аст.

Ибни Сино ба ҷуз сабабҳои ба вуҷуд омадани инқилоб, ба ҳадафҳои он низ таваҷҷуҳ намудааст. Муҳимтарин ҳадафҳои инқилобиҳоро ӯ касби манфиат, фахрфурӯшиҳо ва василаи аз бадномӣ дур шудан қаламдод мекунад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳатмӣ нест, ки ҳукумати пешин комилан рад ё инкор карда шавад, балки саҳм ёфтан дар идоракунӣ ҷузъи он ба ҳисоб меравад. Мутафаккир роҳҳои пешгирии инқилобро низ баррасӣ намудааст ва муҳимтарини онҳоро ҳифзи руҳияи пайравӣ аз қонун медонад ва фиреб накардани мардумро низ аз ҷониби ҳокимон таъкид мекунад.[337, с. 89-104]

Дар маҷмуъ, таълимоти сиёсии Форобӣ ҳамчун омили бавуҷудорандаи фалсафаи нав гардидааст. Он дар заминаи фалсафаи юнонӣ ва таълимоти исломӣ ба вуҷуд омада, дар тафаккури сиёсии ҳакимони минбаъда, махсусан Ибни Сино таъсири назаррас гузоштааст ва барои сохтмони ҷомеаи шаҳрвандии муосир низ кӯмак хоҳад кард.

Ибни Сино ҳарчанд дар ин маврид нисбати Форобӣ таълифоти камтар дорад, аммо афкори сиёсии ӯро тақвият бахшидааст. Ибни Сино инсонро ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ баррасӣ намудааст.

Форобӣ ҷомеаи идеалиро дар шакли абстрактӣ тасаввур намуда, онро «мадинаи фозила» меномад ва модели идоракунӣ ва роҳбару сифоти онро баён намудааст. Ибни Сино бошад, мавҷудияти давлати идеалиро аз муҳимтарин воситаҳои дастрасӣ ба саодат меҳисобад. Мутафаккир омилҳои ташаккули давлат, навъҳои он ва зарурати таърихиашро нишон дода, аҳаммияти ташкили давлатро дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳлил намудааст.

Хулоса, Фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино намунаи равшани таҳаммулгароии сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар он алоқаи сиёсат, ахлоқ ва маърифат ба сатҳи баланд нишон дода шудааст, ки дар инкишофи афкори сиёсии минбаъда таъсири назаррас гузоштааст. Назари Форобӣ ба сиёсат асосан ҷанбаи ормонӣ дошта, ба мақоми роҳбари ҳаким таваҷҷуҳи хос дорад ва модели мушаххаси роҳбариро пешниҳод намудааст. Ибни Сино

бошад, ба сиёсат чун василаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ҳар ду мутафаккир таҳти мафҳуми сиёсат на ҳукмронии худхоҳона, ки дар асоси зӯроварӣ шакл мегирад, дар назар доранд, балки онро воситаи дарёфти саодати воқеӣ меҳисобанд.

БОБИ 5. ТАЪСИРИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ ФОРОБӢ ВА ИБНИ СИНО БА ТАШАККУЛИ ФАЛСАФА

5.1 Ҷойгоҳи Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ

Мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ дар таърихи илму фалсафа мавқеи намоён дошта, давраи нашъунамо ва таҳкими онро муҳаққиқон ҳудуди асрҳои IX ва XV ҳисобидаанд, ки дар инкишофи минбаъдаи маънавиёти башарӣ нақши муҳим гузоштааст. Дар ташаккули ин мактаби фалсафӣ саҳми донишмандони маъруфи шарқӣ, ба мисли ал-Киндӣ, Ибни Мискавейҳ, Умари Хайём, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Насируддини Тӯсӣ, Ҷалолуддини Даввонӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Ибни Рушд ва махсусан Форобиву Ибни Сино ниҳоят бузург аст. Аз ин рӯ, дар ин бахш мавқеи Форобиву Ибни Синоро дар рушди мактаби машшоияи шарқӣ мушаххас менамоем.

Поягузори машшоия, ки дар Аврупо бо унвони перепатетизм маъруф аст, Арасту буда, номгузории ин мактаб аз равиши таълими ин мутафаккир вобастагӣ дорад. Дар шарқи исломӣ аввалин файласуфе, ки аз ин сарчашма усулан истифода намудааст, Абуяъқуб ибни Исҳоқ Ал-Киндӣ, мулаққаб ба Файласуфи араб мебошад, ки як бахши умдаи фаъолияти илмии ӯро тадвин ва тасҳеҳи осори файласуфони юнонӣ, аз қабили Батлимус, Суқрот, Афлотун, Арасту ва дигарон ташкил мекунад. Зодгоҳи Ал-Киндӣ Кӯфа аст. Дар даврони халифаҳои Аббосӣ-Маъмун ва Муътасим, ӯ ба Бағдод меравад ва аз ҷониби онҳо ҳимоят меёбад. Амир Аҳмад-писари Муътасим, ба Ал-Киндӣ иродати махсус дошт ва худро шогирди ӯ меҳисобид ва барои ӯ шароити мусоиди таҳқиқ фароҳам оварда буд. Аз ин рӯ, Ал-Киндӣ чандин рисолаашро ба номи ӯ навиштааст. Аз ин шароит истифода намуда Ал-Киндӣ моҳиртарин «мутарҷимони масеҳиро ба хидмат гирифт ва ағлаб тарҷумаҳоро аз назари истилоҳоти арабӣ, ки барои онон душвор менамуд, тасҳеҳ мекард».[57, с. 219] Аз осори маҳфузмондаи Ал-Киндӣ бармеояд, ки ӯ ба масоили илмии

мухталифи замони худ, аз қабили табииёт, риёзиёт, илоҳиёт, мусиқӣ, тиб ва ғайраҳо алоқамандӣ дошта, дар ин соҳаҳо дастоварди назаррас дорад ва метавон ӯро ҳакими соҳибмактаби замонаш ҳисобид.

Ал-Киндӣ бо истифода аз усули фалсафаи машшоиёни ғарбӣ тарҳи нави равиши таҳқиқро дар Шарқ матраҳ намуд ва аз ин ҷиҳат, иддае аз муҳаққиқон ӯро муассиси фалсафаи нав меҳисобанд: «...бо таълифоти фаровони худ ба тадвини фалсафаи машшоъ ҳиммат гумошт ва бунёни фалсафаи исломиро, бо иттико ба таҷумаҳои олимони сурёнӣ ва манобеи исломӣ пайрезӣ кард».[176, с. 479] Ба назари Ал-Киндӣ, бе осори фалсафию мантиқии Арасту шахс наметавонад ба моҳияти фалсафа сарфаҳм равад.[253, с. 257] Минбаъд, ҳакимонеро, ки аз чунин тарзи таҳқиқ ҷонибдориву пайравӣ намуданд машшоиёни шарқӣ гуфтанд. Аммо ҷудо намудани ин мактаб аз мактабҳои дигари фалсафии шарқӣ кори осон нест, зеро орову ҷаҳоншиносии намояндагони машшоия аз ҳам фарқ мекунад. Масалан, Яҳёи Наҳвӣ ва Ал-Киндӣ дар офариниши олам аз ҳеҷ бовар доштанд,[390] ки бо ақоиди машшоиёне, ки ба қадим будани модда бовар доранд, мувофиқ нест.

Анри Корбен машшоияи шарқиро бо навафлотуниёни олами ислом муқоиса менамояд ва ин ду мактабро аз ҷиҳатҳои зиёде ба ҳам айният медиҳад. Ба қавли ӯ: «Истилоҳи машшоиён дар арабӣ зиёд ба кор меравад ва дар тақобул бо ишроқиён қарор дорад, аммо онон низ то ҳадде «навафлотуниёни ислом» ба шумор меоянд».[57, с. 218] Устод М. Диноршоев мавзуи ба ирфону тасаввуф ва калом майл надоштани Ибни Синоро зиёд таҳқиқ намуда бошад ҳам, ба натиҷае расида, ки «...унсурҳои ирфонӣ ва каломиро дар фалсафаи Ибни Сино комилан наметавон рад кард».[116, с. 626] Ба ҳар навъ, афкори фалсафии ҳакимони ин давра сарчашмаи ягона надошта, аз таълимоти мутафаккирони гуногун ва мактабҳои мухталиф таъсир пазируфтааст, аммо як нукта мусаллам аст, ки таъсири фалсафаи Арасту ба онҳо назаррастар аст, аз ин рӯ, бо такя ба равиши таълими ин мутафаккир пайравони ӯро машшоиён номидаанд.

Баъзе аз намояндагони машшоияи шарқӣ ҳарчанд осори мутааддиде дар самти мушаххас намудани ақоиду афкори фалсафии ин мактаб, ба монанди Ибни Рушд таълиф намуда, як навъ вокунише дар танқиди мутакаллимин карда, аз мавқеи ҳакимони машшоии шарқӣ, махсусан Форобиву Ибни Сино дифоъ намуда бошанд ҳам, лекин фалсафаи онҳоро низ наметавон сирф муташаккил аз мазмуну моҳияти таълимоти Арасту ҳисобид. Зеро он низ таҳти таъсири қавии навафлотуния ва бо омезиши калому ишроқ ва дигар макотиби динӣ-фалсафӣ шакл гирифтааст.

Машшоияи шарқӣ муҳимтарин мактаби фалсафӣ дар таърихи фалсафаи асримиёнагии мо ба ҳисоб меравад, зеро нисбат ба дигар мактабҳои фалсафии ин минтақа ба ақлу мантиқ ва дастовардҳои илмҳои дигар бештар такя намудаанд. Дар миёни маъруфтарин намояндагони фалсафаи машшоияи шарқӣ, ба монанди Абуюсуф ибни Исҳоқ Ал-Киндӣ, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Ибни Рушд, Ибни Мискавайҳ, Насириддини Тӯсӣ, Котибии Қазвинӣ, Абулҳасани Баҳманёр, Ҷалолуддини Даввонӣ, Умари Хайём ва дигарон мавқеи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино назаррастар аст ва дар ташаккули ин мактаб низ саҳми бештар гузоштаанд.

Форобӣ чун муассиси фалсафа ва мантиқ дар олами ислом шинохта шудааст.[253, с. 272] Тавассути рисолаҳои фалсафиаш ин мутафаккир тавонист, ки афкори фалсафии машшоияро дар Шарқ таҳким бахшад. Мутафаккир осори хеле ғание ба мерос гузоштааст, ки ба масоили гуногуни илмӣ бахшида шудаанд. Муҳимтарин рисолаҳои фалсафии ӯро муҳаққиқ ва мутарҷими эронӣ Саъид Раҳимиён таҳти унвонҳои «Пайдоиши фалсафа», «Фалсафаи Афлотун, бахшҳо ва тартиби мабоҳиси он», «Мақосиди метафизикии Арасту», «Ҷамъбандии андешаҳои ду ҳаким», «Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабир», «Бовариҳои қалбӣ», «Исботи мавҷудоти муҷаррад», «Дар дониши илоҳиёт», «Таълиқот», «Фаслбандии китоби андешаҳои аҳли ормоншаҳр», «Пурсишҳои дурахшон ва посухҳои комил» ва «Ниёиши бузург» дар як муҷаллад гирдоварӣ намуда, тавсифи умумиву муҷази ҳар яки ин

рисолаҳоро низ овардааст.[35]

Рисолаҳои фалсафии Форобӣ ифодакунандаи дониши қавии муаллиф буда, як навъ кӯшиши муназзам намудани донишҳои фалсафист. Зеро то ӯ дар байни мусулмонон файласуферо намешиносем, ки ба монанди Форобӣ масоили аслии фалсафаву мантиқро ҷобаҷогузорӣ намуда бошад. Инчунин, дар ҷодаи ҳикмати амалӣ низ Форобӣ аз ҳакимони мусулмон пешдастӣ намуда, осори гаронарзише ба мерос гузоштааст, ки «хушбахтона аксари онҳо то ба имрӯз ба таҳқиқгарон расидааст».[301, с.138] Пас аз ӯ Ибни Сино, Насириддини Тусӣ ва дигар намояндагони фалсафаи машшоияи шарқӣ ин иқдоми Форобиро тақвият доданд ва бо эҷоду навовариҳо дар инкишофи илму маърифат корҳои бузурге анҷом доданд, ки аҳаммияту арзиши онҳо то имрӯзҳо пойбарҷост. Аммо ҳеҷ кадоми ҳакимони асримиёнагии мо дар ташкили низоми фалсафӣ ба пояи Ибни Сино нарасидаанд. Касе қабл аз Ибни Сино донишҳои фалсафиро ба гунаи ӯ муназзам нанамуда буд ва ин иқдом дар таърихи фалсафа чун ибтикори мутафаккир шинохта шудааст.

Албатта, пеш аз Ибни Сино кӯшишҳои ташкили низоми фалсафӣ аз ҷониби баъзе аз намояндагони машшоия, ба мисли Теофраст (370-288) ва Андроники Родосӣ (асри якуми пеш аз милод) сурат гирифта буд. Ин ду ҳаким кӯшиданд осори Арастуро бо тартиби алифбои юнонӣ мураттаб намуда, аз рӯйи мавзуъҳо табақабандӣ намоянд. Зеро худи Арасту ҳарчанд ба таснифи улум иқдом намуда буд, аммо таълимоти ӯ аз низоми хоси фалсафие бархӯрдор набуд. Форобӣ низ дар баробари хидматҳои дигари бесобиқааш дар ҷодаи фалсафа «кӯшиш намуд забони фалсафа ва тартиби мушаххаси онро ба вуҷуд орад».[303, с.153] Ӯ бо таълифи осори фалсафиаш корҳои назаррасе низ дар ин самт анҷом дод, аммо дар муқоиса ба Ибни Сино ҳарчанд натавонист низоми фалсафии фарогири мавзуоти ин илмро омода созад, вале андешаи сохтори муназзаму комили фалсафаро пешниҳод намуд. Баъдан, дар асоси он Ибни Сино ва ҳакимони дигари машшоӣ ин андешаро такмил доданд.

Баъзе файласуфони асримиёнагии мо шомили кадом мактаб будани

худро нишон надодаанд. Вале Ибни Сино дар «Мадхал» пас аз баёни зарурати таълифи асар ва ахбор аз китоби «Лавоҳиқ» (Иловаҳо) ва «Дар фалсафаи машриқия» пайрави мактаби машшоия буданашро таъкид намудааст: «Аммо ин китоб («Ҳикмати машриқия»–А.Б.) бояд фарогиру васеътар бошад ва кӯмаки ҷиддитаре барои ҳаммаслакони машшоии ман шавад».[13, с. 85]

Форобиву Ибни Сино фалсафаву ақлро дар радифи ҳам қарор дода, ба мисли аксари файласуфон фалсафаро василаи дарёфти ҳақиқат унвон намудаанд. Форобӣ яке аз аввалин мутафаккирони машшоии шарқист, ки кӯшиши ба фалсафа таърифи мушаххас додан намуд. Ба назари ӯ, фалсафа «донише аст, ки ба мавҷуд чун мавҷуд ва мутааллиқот ё лавоҳиқи он ба худии худ мепардозад».[35, с. 10] Ибни Сино дар ин маврид ба ин назар аст, ки «ғараз ва ҳадаф аз фалсафа-ин ба пуррагӣ дарёфти ҳақиқати ҳама чизҳост, ба қадри тавони инсонӣ».[13, с. 87] Ҳам Форобӣ[35, с. 38-39] ва ҳам Ибни Сино [13, с. 91] ҳадафи ниҳоии фалсафаро такмили нафс, донистани ҳақиқат ва дарёфти хайр меҳисобанд.

Ин мутафаккирон ғояи илми мантиқро дар кӯмаки зеҳн баҳри дарёфти маърифат ва ҳақиқат ҳисобида, онро муҳимтарин василаи дарки фалсафа медонанд. Форобӣ мутафаккирест, ки нахустин маротиба дар Шарқ равиши тадриси илми мантиқро чун илми алоҳида ва муҳим роҳандозӣ намуд. Ӯ усули омӯзиш ва корбурди мантиқу талаботи қонуниятҳои умумии тафаккурро низ хуб кор карда баромадааст, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии намояндагони баъдинаи машшоияи шарқӣ таъсири назаррас дорад. Мутафаккир тавонистааст дар ин ҷода корҳои бунёдие анҷом диҳад ва мафҳумҳои марбут ба фалсафаву мантиқро моҳирона таҳлил ва таҳқиқ намояд. «Агар қавонини мантиқро дар ихтиёр дошта бошем ва дар садади истинботи матлуб ва тасҳеҳи он дар назди худ бароем, –менависад Форобӣ, – дармеёбем, ки ҳангоми тасҳеҳи матлуб набояд инони зеҳни хешро чунон раҳо созем, ки дар умури номаҳдуд сайр кунад ва аз ҳар роҳе, ки пеш меояд ба сӯйи мақсуд биравад».[33, с. 53]

Аз ин гуфтаи Форобӣ бармеояд, ки барои дарёфти ҳақиқат, ки вазифаи аввалиндараҷаи ақлу ҳадафи аслии илм аст, бояд аз далелҳои мушаххас ва равиши муайяни таҷрибашуда истифода намуд. Ба назари ӯ, донишҳои ҳосилшударо ба мизони ақл санҷида, баъд аз онҳо истифода намудан дуруст аст, вагарна муҳаққиқ ба иштибоҳ ва номуайнӣ рӯ ба рӯ мегардад.[33, с. 51] Ин усули таҳқиқ дар замони мутафаккир нодир аст ва пешниҳоди методологии он дар ташаккули донишҳои илмӣ хеле арзишманд аст.

Яке аз муҳимтарин асарҳои Форобӣ, ки минбаъд чун сарчашмаи муътамад миёни машшоияи шарқӣ ҷойгоҳи хосса касб намуд, «Эҳсо-ул-улум» ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будани Форобӣ «Эҳсо-ул-улум» дар байни хосу ом шуҳрат ёфта буд. Фаъолияти мутафаккир дар ин асар ба таснифи илмҳо маҳдуд намегардад, ҳарчанд ин мавзуъ таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб намудааст: «Чандин мутафаккирони асримиёнагӣ низ кӯшиш намудаанд, ки роҷеъ ба таснифи илмҳо фаҳмиши худро баён намоянд. Аз ҷумла мутафаккирони маъруфи Шарқ Ал-Форобӣ (870-951) ва Ибни Сино (980-1037) дар ин мавзуъ ақидаҳои ҷолиб доранд».[228, с. 71] Мутафаккир улуми маъруфи замонашро ҳаматарафа таҳлил намуда, барои такмили онҳо пешниҳодҳои муфиде намуда аст. Дар ин росто муаллиф такя намудан ба истилоҳотро таъкид менамояд, ки дар он замон ин равиш нодир буд. «Эҳсо-ул-улум» яке аз аввалин осори ҳакимони Шарқ аст, ки дар асрҳои миёна дар Ғарб тарҷума ва интишор ёфт. Ҳанӯз дар ибтидои асри XII мелодӣ «Эҳсо-ул-улум» дар Аврупо чандин маротиба тарҷума шуда буд, ки муҳимтарини онҳо тарҷумаи мансуб ба Ҷерард де Кремонский (тахмин солҳои 1114-1187 мелодӣ) аст, ки бо нусхаҳои арабии он мувофиқ аст.[360]

Аз равиши таҳқиқи Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум» бармеояд, ки ӯ бо такя ба таълимоти Арасту ба таснифи улум машғул мешавад, аммо ҳамчун ҳакими соҳибраъйу тозакор дар масоили мухталифе ба навовариҳо иқдом мекунад. Масалан, то Форобӣ касе дар таснифи улум фиқҳу каломро ҳамчун бахши

мустақил ворид накарда буд. Ӯ «Эҳсо-ул-улум»-ро ба панҷ қисмат ҷудо мекунад: аввал, илми забон ва риштаҳои он, дуюм, илми мантиқ ва баҳшҳои он, сеюм, улуми таълимӣ, ки аз ҳисоб, ҳандаса, манозир, нуҷум, мусиқӣ, асқол ва ҳиял, иборатанд, чаҳорум, улуми табиӣ ва улуми илоҳиву баҳшҳои онҳо, панҷум, шомили улуми маданиву бахшҳои он ва илми фиқҳу калом мебошад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи асари «Эҳсо-ул-улум» дар он аст, ки Форобӣ мекӯшад методологияи мушаххаси илмиро, дар мисоли таҳлили муқоисавӣ, роҳандозӣ намояд, ки аз ин равиш машшоиёни баъдӣ васеъ истифода намудаанд ва то имрӯз дар ҷодаи илмӣ хеле арзишманд аст. Дар қисмати ҳадафи таълифи асар ӯ чунин менависад: «Инсон ба мадади ин китоб метавонад миёни анвои улум ба муқоиса бипардозад, то бидонад кадом бартар аст ва кадом судмандтар».[33, с. 40] Ибни Сино дар рисолаи «Андар ахлоқ»-аш ба ин маънӣ ишораи равшан дорад: «...инсонро боистӣ, ки неруи назарии худро ба воситаи илмҳои муайян, ки ғояи ҳар яке аз онҳо дар китобҳои «Эҳсо-ул-улум» (Шуморидани илмҳо) ишора шудааст, такмил диҳад».[10, с. 644]

Фасли аввали «Эҳсо-ул-улум» ба таври хулосавӣ ба масоили илми луғат, сарфу наҳв, шеър, навиштану хондан бахшида шудааст. Дар ин фасл мутафаккир мекӯшад мафҳуми қонун ва қоидаҳои куллиро тавзеҳ дода, дар асоси онҳо рукнҳои муҳими илми забонро матраҳ намояд. Бахшҳои илми забон, ба назари ӯ, барои тамоми забонҳо муштарак буда, дорои ҳафт бахши бузург аст, ки иборатанд аз илми алфози муфрад, илми алфози мураккаб, илми қавонини алфози муфрад, илми қавонини алфози мураккаб, илми қавонини дуруст навиштан, илми қавонини дуруст хондан ва илми қавонини ашъор. Ин масоилро Форобӣ бо диди куллӣ баррасӣ мекунад ва ҳарчанд бо забони арабӣ ва юнонӣ мисолҳо меорад, аммо ба забони махсусе маҳдуд намегардад.

Қисмати дувюи китоби «Эҳсо-ул-улум» ба илми мантиқ бахшида шудааст. Дар ин фасл зарурати омӯзиши ин фанн, фоидаи мантиқ, алоқамандии мантиқ бо дигар улум, махсусан илми забон, фанни шеъру илми аруз ва риёзиёту табииёт махсус қайд мегарданд, ки нақши назаррасе дар

ташаккули минбаъдаи мактаби машшоия гузоштааст. Дар ин асар Форобӣ илми мантиқро бо илми наҳв муқоиса намуда, монандии онҳоро дар истифодаи қонуниятҳои лафзҳо мебинад. Ӯ алоқамандии илми мантиқ ва илми наҳвро ба тафсил баррасӣ намуда, ба натиҷае расидааст, ки «...нисбати синоати мантиқ ба ақл ва маъқулот монанди нисбати синоати наҳв аст ба забон ва алфоз. Пас, тамоми қавоидеро, ки илми наҳв, дар мавриди алфоз, ба даст медиҳад, илми мантиқ назоири онҳоро дар маъқулот ба даст медиҳад».[33, с. 52]

Аксари файласуфони минбаъдаи машшоияи шарқӣ алоқамандии грамматикаву мантиқро дар осорашон таъкид намудаанд, ки ин тарзи бархӯрди онҳо бевосита ба осори Форобӣ рабт мегирад. Зеро Форобӣ дар баҳси алоқамандии мантиқу наҳв ба замми ҳамоҳангӣ тафовути ин ду илмро низ мушаххас намуда, аҳаммияти онҳоро баён намудаастаст. Ба ибораи худаш: «...илми наҳв танҳо қавонинеро ба даст медиҳад, ки махсуси алфозу калимоти як қавм аст, вале илми мантиқ қавонини муштаракеро ба даст медиҳад, ки алфоз ва калимоти тамоми ақвомро дар бар мегирад».[33, с. 59-60] Аз ин тарзи баёни Форобӣ метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ мантиқро ҳамчун фалсафа илме меҳисобад, ки бо куллиёт сарукор дорад ва муътақид аст, ки «сухани қонунӣ ҳамеша куллӣ ва мутлақ аст».[31, с. 64] Ӯ ба ин назар аст, ки мантиқ чун муҳимтарин василаи равшан намудани мазмуни донишҳои илмист ва тамоми таърифҳои илмӣ бо ёрии мантиқ баррасӣ мешаванд. Ҳамзамон, агар кас дар доираи қонунҳои мантиқ кор гирад, аз иштибоҳ дар амон мемонад. Ба таъкиди Форобӣ: «дар тамоми мавориде, ки бихоҳем дуруст фикр кунем ва дар мавориде, ки бихоҳем хатои дигаронро ислоҳ намоем ва дар мавориде, ки дигарон бихоҳанд хатои моро ислоҳ кунанд, бояд аз илми мантиқ мадад гирифта шавад».[34, с. 84] Ин андеша хусусияти равишшиносӣ доштани илми мантиқро тасдиқ мекунад, ки таълифоти машшоиёни баъдӣ бо такя ба ин усул сурат гирифта, дар методологияи муосир низ арзишманд мебошад.

Форобиро иддае аз муҳаққиқон «аз аввалин намояндагони фалсафаи

асримиёнагии арабзабон меҳисобанд, ки масоили мантиқиро муттасил дунболгирӣ намуд ва тавассути он дар Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна чун бузургтарин донишманди мантиқдон маъруфият касб намуд». Форобӣ ҷузъҳои мантиқро аз мақулот, иборот, қиёс, бурҳон, ҷадал, хитоба ва шеър иборат медонад,[280, с. 409-410] ки дар таълимоти мантиқии машшоиёни минбаъдаи шарқӣ бо баъзе тағйироти ҷузъӣ мушоҳида мешавад. Дар қисмати мантиқи «Эҳсоу-л-улум» равиши корбурди ин илмро ба таври зайл нишон медиҳад: «Агар қавонини мантиқро дар ихтиёр дошта бошем ва дар садади истинботи матлуб ва тасҳеҳи он дар назди худ бароем, дармеёбем, ки ҳангоми тасҳеҳи матлуб набояд инони зеҳни хешро чунон раҳо созем, ки дар умури номаҳдуд сайр кунад ва аз ҳар роҳе, ки пеш меояд ба сӯйи мақсуд биравад».[33, с. 53] Аз ин андешаи Форобӣ метавон натиҷагирӣ намуд, ки барои дарёфти ҳақиқат, ки вазифаи аввалиндараҷаи ақлу ҳадафи аслии илм аст, бояд аз далелҳои мушаххас ва равиши муайяни таҷрибашуда истифода намуд. Ба назари ӯ, донишҳои ҳосилшударо ба мизони ақл санҷида, баъд аз онҳо истифода намудан дуруст аст, вагарна муҳаққиқ ба иштибоҳ ва номуайнӣ рӯ ба рӯ мегардад.[33, с. 51] Чунин равиши таҳқиқ на танҳо дар замони мутафаккир арзишманд аст, балки дар равишшиносии муосир низ муҳаққиқон аз он ба таври васеъ истифода менамоянд.

Дар «Эҳсо-ул-улум» масоили мантиқӣ дар асоси меъёрҳои муайяннамудаи Арасту баён шудааст. Мантиқи Арасту дар асоси қиёс шакл гирифтааст, Форобӣ низ ба масъалаи қиёс ва анвои он таваҷҷуҳи зиёд намуда, масъалаи қиёсу бурҳонро муфассал баррасӣ намудааст. Ӯ дар «Эҳсо-ул-улум» дар таърифи қавлҳои бурҳонӣ чунин менависад: «[Қиёс] суханонест, ки моро дар мавриди матлубе, ки дар ҷустуҷӯи шинохти он ҳастем, ба илми яқинӣ мерасонад».[33, с. 63] Мафҳуми «Илми яқинӣ»-ро Форобӣ чунин ташреҳ медиҳад: «Он илмест, ки ҳаргиз мумкин нест хилофаш мавҷуд бошад, ... шубҳае пеш намеояд, ки ӯро (нафареро, ки аз ин илм дуруст истифода мекунад.–А.Б.) ба хато афканад ва яқинашро бо муғолата аз миён бубарад».[33,

с. 63]

Баъзе муҳаққиқон таълимоти мантиқии Форобиро ба таври мутлақ шарҳи мантиқи арастуӣ ҳисобидаанд [269, с. 352-376], ки ҳақиқат надорад. Зеро Форобӣ масоили мантиқии мухталифи арастуиро дар осори худ истифода намуда, онҳоро шарҳ дода бошад ҳам, назариёти гуногуни ин соҳаро эҷодкорона инкишоф додааст ва тавонистааст заминаи қавие дар масоили бурҳону қиёс ва дигар қисмҳои мантиқ гузорад, ки дар таҳкими минбаъдаи афкори мантиқии машшоияи шарқӣ таъсиргузор аст.

Ҳарчанд мантиқи Форобӣ дар асоси мантиқи Арасту шакл гирифтааст, аммо аз навгониҳо холӣ нест. Форобӣ масоили мантиқии мухталифи арастуиро дар осори худ истифода намуда, онҳоро шарҳ дода бошад ҳам, назариёти гуногуни ин соҳаро эҷодкорона инкишоф додааст. Масалан, дар масъалаи қиёс Форобӣ «қазияҳои тасдиқӣ ва инкорӣ, фардӣ ва куллӣ, воқеӣ ва имконӣ, зарурӣ ва тасодуфиро муфассал таҳқиқу таҳлил кардааст. Зиёда аз ин қазияҳои шартиро баррасӣ намудааст, ки дар мантиқи Арасту дучор кардан мумкин нест».[262, с. 282] Ё дар асоси қазияҳои соддаи ҳамлӣ, ки дар таълимоти Арасту низ ҷой дорад, қазияҳои мураккаби шартиро ба вуҷуд овард, ки «дар ҷаҳони ислом комилан нав буд» [310, с. 45] ва минбаъд пурқудраттарин мантиқиёни шарқӣ, ба монанди Ибни Сино, Насириддини Тусӣ, Абуҳомиди Ғаззолӣ, Фахриддини Розӣ, Қутбиддини Тафтозонӣ дар ин замина корҳои мондагоре анҷом додаанд.

Қариб тамоми намояндагони машшоияи шарқӣ ба масъалаҳои ҳикмати назарӣ, аз ҷумла риёзиёт, таваҷҷуҳи хос намудаанд. Фасли сеюми «Эҳсо-ул-улум» маҳз ба мавзуи риёзиёт тахассус ёфтааст. Форобӣ ин фаслро ба ҳафт бахш ҷудо мекунад, ки аз улуми ҳисоб, ҳандаса, манозир (оптика), нуҷум, мусиқӣ, асқол (илме, ки масоили физикӣ, амсоли вазну ҳаракатро баррасӣ мекунад) ва илми ҳиял (механикаи татбиқӣ) иборат аст. Инчунин дар ин фасл Форобӣ роҳҳои амалии риёзиро нишон дода, равиши дар санъат истифода намудани ин илмро бозгӯ мекунад, ки як давраи муайян чун

дастурамал барои аҳли маънӣ хидмат кардааст.

Масоили физикӣ ва метафизикиро Форобӣ дар фасли чоруми «Эҳсо-ул-улум» баррасӣ мекунад, ки он низ дар ташаккули ҷаҳонбинии аввалияи алоқамандони ҳикмати машшоъ муассир буда, ояндагон ин анъанаро такмил додаанд. Форобӣ илми табииро дар ин асар ба ҳашт бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал сарчашмаҳо ва аразҳои вобаста ба ин сарчашмаҳо, ки тамоми ҷисмҳои табиӣ дар онҳо муштараканд, баррасӣ мегардад.

Бахши дувум ба таҳлии масоили олам бахшида шуда, дар он ҷисмҳои басит, теъдоди онҳо, ҷузъҳои аввалияи ҷисмҳо, унсурҳои аввалия, ҷисмҳои мураккаб ва ба инҳо монанд тавзеҳ меёбанд. Азбаски Форобӣ дар ин асар масоили мазкурро ба таври муҷазу хулосавӣ пешниҳод мекунад, ба хотири ба таври муфассал баррасӣ намудани ин мавзуъ ба асари «ас-Само ва-л-олам»-и Арасту ишора намуда, барои иттилои бештар гирифтан кӯмак мекунад.

Дар бахши сеюм ба таври куллӣ ба баррасии масоили кавну фасоди ҷисмҳои табиӣ мепардозад. Вобаста ба ин бахш низ Форобӣ ба асари «Кавн ва фасод»-и Арасту ишора менамояд, ки дар он ба таври муфассал масъалаҳои ба вуҷуд омадани унсурҳо, ҷисмҳои мураккаб ва сарчашмаҳои онҳо тавзеҳ шудаанд.

Баррасии сарчашмаҳои аразҳо ва таъсирпазирии онҳо дар бахши чорум нишон дода мешавад ва таъкид мегардад, ки ин таъсирпазирӣ мазсуси унсурҳост ва ба таркибҳои онҳо иртиботе надорад. Дар ин бахш ҳам Форобӣ барои дастрасӣ ба маълумоти бештар ишора ба се мақолаи аввали асари «ал-Осор-ул-улвия»-и Арасту менамояд.

Дар бахши панҷуми фасли чоруми ин асар мутафаккир ба баррасии ҷисмҳое, ки аз унсурҳо таркиб ёфтаанд ва баъзе онҳо ҷузъҳои ба ҳам монанд ва бархе ҷузъҳояшон аз ҳам фарқ доранд, мепардозад. Барои рашан намудани ҷузъҳои ба ҳам монанд гӯшту устухон ва ҷузъҳои аз ҳам фарққунанда намаку тиллоро мисол меорад. Ҷолиб аст, ки барои маълумоти бештар ҳосил намудани хонанда дар ин мавзуъ ба ӯ мақолаи чоруми асари «ал-Осор-ул-

улвия»-ро тавсия менамояд.

Дар бахши шашум ва ҳафтум ба баррасии ҷисмҳои мураккаби маъданҳо, ба мисли навъҳои гуногуни санг ва дигар маъданиёт ва чизҳое, ки навъҳои гиёҳон дар он муштарак ҳастанд мепардозад. Дар ин маворид ҳам Форобӣ ба асари «ал-Маодин»-и Арасту ишора менамояд, ки ин матолиб дар ин асар ба таври муфассал таҳлил шудааст.

Дар бахши ҳаштум ба баррасии чизҳое мепардозад, ки дар он навъҳои ҳайвонот муштарак буда, хусусиёти фарқкунанда доранд. Ин матлабро дар «Китоб-ул-ҳайвон» (Ҷонварнома) ва «Китоб-ун-нафс»-и Арасту метавон пайдо намуд. Ба назари мо, дар асоси осори фавқуззикри Арасту ва ҳамин қисмати «Эҳсо-ул-улум» Ибни Сино аввалин асари мукаммали илмӣ дар бораи табиатшиносиро бо номи «Китоб-ул-ҳайвон» (Ҷонварнома) таълиф намуд, ки то ҳол дар ҷодаи илм хеле гаронарзиш аст.

Баъди ба таври хулосавӣ дар бораи илми табиӣ маълумот ироа намудан, Форобӣ ба мавзуи илоҳиёт рӯ меорад ва дар оғози баҳс таъкид мекунад, ки «тамоми ин илм дар китоби «Мобаъдут-табиа» омадааст».[34, с. 128] Пас, ибтидоан илми илоҳиро ба се бахш тақсим менамояд. Дар бахши аввал мавзуи илми илоҳиро, ки чун мавҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд ҳаст ё ҳастии мутлақ, баён менамояд. Ин равиш дар таърихи ҳастишиносӣ пас аз навафлотуния аввалин қадаме ба ҳисоб меравад, ки чун навоварӣ дар ин боб шинохта мешавад. Дар ин замина Ибни Сино маънои вуҷудро аз моҳият фарқ кард, ки навоварии дигаре дар таълимоти машшоияи шарқӣ маҳсуб мешавад.

Дар бахши дуюм аз сарчашмаҳои бурҳонҳо дар улуми назарии ҷузъӣ баҳс мекунад. Улуми ҷузъӣ, ба назари Форобӣ, илмҳое, ки дар бораи мавзуи мушаххасе, ба мисли мантиқ, ҳандаса, ҳисоб ва ғайра баҳс мекунад. Дар бахши сеюм дар бораи мавҷудоте, ки ҷисм надоранд баҳс ороста, бо бурҳонҳо исбот кардан мехоҳад, ки мавҷудот аз мавҷуде вобастаанд, ки «мумкин нест мавҷуде аз ӯ комилтар буда бошад ва ҳаргиз мумкин намешавад, ки чизе дар мартабаи вуҷуди ӯ қарор гирад, ё он ки ӯро назире, ё зидде буда бошад... Дар ин баҳс ба

аввале мерасад, ки мумкин нест пеш аз ӯ аввале буда бошад. Ба қадиме мерасад, ки мумкин нест қадимтар аз ӯ чизе буда бошад. Ба мавҷуде мерасад, ки мумкин нест вуҷуди худро аз чизи дигар гирифта бошад. Ва ин мавҷуд ҳамон мавҷуди азалии қадимӣ-Воҳиди мутлақ аст». [34, с. 129]

Фасли панҷуми «Эҳсо-ул-улум» шомили илми маданӣ, фиқҳ ва калом аст. Ин фасл дар асоси таълимоти Афлотуну Арасту тадвин шудааст. Мавзуи баҳси илми маданӣ, ба назари Форобӣ, аз афъолу рафтори иродӣ, истеъдод, ахлоқ, сиришт ва одатҳо, ки афъол ва рафтори иродӣ аз онҳо сарчашма мегирад, иборат буда, ба ду бахш ҷудо мешавад. Бахши аввал дар масъалаи дарёфти саодати воқеӣ, таъриф ва роҳҳои расидан ба он мебошад, ки минбаъд ҳакимоне, ба мисли Ибни Мискавайҳ аз он чун сарчашма истифода намудааст. Бахши дуюм ба таърифи навъҳои ҳикмат ва мадинаи фозила бахшида шудааст. Дар ин бахш ба масоиле, амсоли пешгирӣ аз фасод ва тарбияи шаҳрванди фарҳангӣ даст мезанад, ки дар шароити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ бисёр муҳиманд ва ҷойгоҳи мутафаккирро дар ташаккули мактаби машшоъ нишон медиҳанд.

Ба масоили илми фиқҳ низ Форобӣ бо диди куллӣ таваҷҷуҳ намуда, онро донише меҳисобад, ки инсон тавассути он аҳкоми саҳеҳро, ки бо ақидаҳои шореъ мувофиқ аст, ба даст меорад. Форобӣ аҳкоми шаръӣ ва усули динро чун нишондиҳандаҳои меъёри ахлоқ баррасӣ намуда, фаъолияти паёмбарону ҳакимонро дар ошкор намудани ҳудуд ва моҳияти онҳо муштарак меҳисобад. Мутафаккир илми фиқҳро ба ду бахш: ақоид ва афъол ҷудо менамояд. Ба андешаи ӯ, он орое, ки Худо ва сифоташро ба мардум мешиносонад, ақоид аст ва он корҳое, ки ба рафтори мардум ва муносибатҳои мадании онҳо вобаста аст, афъол мебошад.

Форобӣ «Эҳсо-ул-улум»-ро бо таърифи илми калом хотима мебахшад ва ба ин назар аст, ки «Саноати калом малакаӣ аст, ки инсон ба мадади он метавонад аз роҳи гуфтор, ба ёрии ороъ ва афъоли маҳдуд ва муайяне, ки возеи шариат онҳоро сареҳан баён кардааст, бипардозад ва ҳар чиро мухолифи он

аст, ботил намояд».[34, с. 138-139] Саноати калом малакаӣ гуфтани Форобӣ ифодакунандаи он аст, ки ӯ дар таснифи илмҳо каломро дар радифи илмҳои амалӣ қарор додааст. Ҳадафи аслии мутакаллим, ба назари Форобӣ, бо дарёфти ақидаи яқинӣ маҳдуд намегардад, балки ӯ эҷодкорона бо истифода аз мантиқ, ҷадал ва ақоиди динӣ мекӯшад ба дурустии назараш, ки дар амал татбиқ мешавад, бовар ҳосил намояд.

Ҳарчанд Форобӣ илми каломро низ ба мисли илми фиқҳ ба ду бахш: ороъ ва афъол ҷудо мекунад, аммо миёни фақеҳу мутакаллим фарқ мегузорад. Фақеҳ, мувофиқи нишондоди ӯ, касест, ки бо ороъ ва афъоле, ки шореъ равшан баён кардааст сарукор дорад ва дар асоси онҳо дигар аҳкоми лозимаро истинбот (дедуксия) мекунад. Аммо мутакаллим аз эътиқодоте ҷонибдорӣ намуда, афкори бо усул мухолифро рад мекунад. Яъне, мавқеи мутакаллимро хеле маҳдуд нишон медиҳад, зеро мутакаллим метавонад аз шариат ҷонибдорӣ кунад ва фақеҳ қодир аст ба истинботи усулу фуруъ бипардозад.

Аз ин иқтибосҳо бармеояд, ки «Эҳсо-ул-улум» аввалин доират-ул-маорифи шарқист, ки маълумоти мухтасари тавсифӣ аз якчанд илм пешниҳод менамояд, то воситаи дастрасӣ ба донишҳои илмӣ бошад. Дар ин асар Форобӣ маъмултарин улуми замонашро як-як бозгӯ намудааст ва ба онҳо таъриф дода, ҳамчун ҳакими навовар идеяи таълифи асари энсиклопедӣ намуда, ки донишмандони гуногуни шарқиву ғарбӣ ин равишро дунбол намуда, онро такмил доданд. Ҳамзамон дар ин асар низ Форобӣ арҷгузорӣ ба дин ва эътирофи донишҳои илмиву мантиқиро талқин намудааст. Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи тоҷик Олимов К. аст, ки таъкид менамояд: «мутафаккирони гузаштаи халқи тоҷик ҳарчанд ба дин арҷ мегузоштанд, вале донишҳои дунявиро эътироф мекарданд ва бадтарин сифати инсонро нодонӣ ва ҷаҳолат медонистанд».[195, с. 134] Ба ҳар навъ, «Эҳсо-ул-улум» ҳамчун асари доиратулмаорифӣ миёни муҳаққиқон шуҳрати хосса дошта, бозгӯкунандаи ҷойгоҳи муаллифаш дар таърихи фалсафа мебошад ва ба олимони зиёди минбаъда, алалхусус Ибни Сино таъсир гузошта, ғояҳои он дар ташаккули

мактаби машшоияи шарқӣ мусоидат намудааст.

Аз равиши мабоҳиси мантиқии Ибни Сино ҳувайдост, ки ба назариёти мантиқии Форобӣ, махсусан мантиқиёти «Эҳсо-ул-улум» зиёд такя намудааст. Масалан, дар «Ишорот ва танбеҳот» Ибни Сино таърифи мантиқро ба равиши Форобӣ додааст, ки чунин аст: «Мурод аз «мантиқ» он аст, ки пеши одамӣ олате бувад қонунӣ, ки муроотӣ он ӯро нигоҳ дорад аз он ки дар фикри вай халале ва залале уфтад».[9, с. 350]

Тамоми намояндагони минбаъдаи фалсафаи машшоияи шарқӣ дар ҷодаи мантиқ ин таърифро ё айнан, ё мазмунан истифода намудаанд, ки бозгӯкунандаи ҷойгоҳи хос доштани Ибни Сино дар мактаби машшоияи шарқист. Ҳамзамон Ибни Сино тавонист низоми мукаммали мантиқиро дар асоси донишҳои мутафаккирони аз худаш пеш тарҳрезӣ намояд, ки дар замони ӯ нодир буд ва то имрӯз хеле арзиши баланди илмӣ дорад.

Муҳимтарин рукни низоми фалсафии Ибни Синоро мантиқ ташкил намудааст, зеро ӯ бо ҳамон суннати маъмулии фалсафаи қадиму асримиёнагӣ маҷмуи донишҳоро фалсафа меҳисобид. Низоми фалсафаашро низ аз рӯйи ҳамин тарзи муносибат бо илм «ба ду бахш-(1) Мантиқ ва (2) фалсафа»[116, с. 27] тақсим намудааст. Тамоми масоили фалсафиро Ибни Сино аз зовияи мантиқ баррасӣ менамояд. Муҳтавои муҳимтарин осори фалсафии ӯ «Донишнома», «Китоб-уш-шифо», «Китобу-н-наҷот», «Китоби ҳидоя» ва «Мантиқ-ул-машриқиййин» ин андешаро тасдиқ мекунанд. Масалан, дар қисми илоҳиёти «Китоби ҳидоя» ӯ дар исботи қудрати Воҷиб-ул-вуҷуд аз мантиқ истифода мекунад ва менависад, ки «Агар ӯ (Воҷиб-ул-вуҷуд-А.Б.) доим чизи хайр ва ҳақро хоҳад, пас, монеъ намегардад, ки агар чизеро нахоҳад, нашавад, зеро [қазияҳои] ҳамлӣ муқобили шартӣ нестанд». [10, с. 514]

Ибни Сино мантиқро методологияи маърифати илмии донишҳои иктисобӣ ва илм меҳисобад. Ӯ таъкид дорад, ки барои омӯзиши илм донишҳои мантиқӣ муҳимманд. Чунин бардошти Ибни Сино аз мантиқ, ки онро ҳам илм ва ҳам василаи дарёфти дониши саҳеҳ меҳисобад, бо ақидаи мантиқшиносони

муосир низ мувофиқат дорад. Мутафаккир дар «Ишорот ва танбеҳот» зарурати омӯзиши мантиқро чунин тавсиф намудааст: «Пас, илми мантиқ-илме аст, ки дар вай биёмӯзанд вуҷуҳи интиқолот аз маоние, ки дар зеҳни одамӣ ҳосил бувад, ба маоние, ки хоҳад, ки ҳосил кунад ва низ аҳволи он маонӣ бидонад ва адади аснофи он чи тартиб ба ҳайати интиқол дар вай бар ваҷҳи истиқомат бошад ва аҳволи он асноф, ки на чунон бошад».[9, с. 350]

Дар соҳаи мантиқ Ибни Сино асосан ба Арасту пайравӣ намудааст.[276, с. 90] Ӯ дар масъалаи гароиш доштан ба орои арастуӣ дар осори гуногунаш ишораҳои зиёд дорад. Масалан, дар «Китоб-уш-шифо» таъкид мекунад, ки дар мураттаб намудани мафҳуму мавзуъҳои илми мантиқ: «...кӯшиш ба харҷ додам, то тартиберо, ки дар китобҳои соҳиби мантиқ (яъне Арасту) ҳаст, риоя намоям».[13, с.85] Аммо ин маънои онро надорад, ки Ибни Сино аз чаҳорчӯбаи мантиқи арастуӣ берун нашуда бошад. Таҳлили мантиқи Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ ба мантиқ ва вазифаҳову мавзуъҳои он нисбат ба Арасту диди фарохтар дорад ва кӯшидааст иштибоҳоти Муаллими аввалро ислоҳ намояд. Ин мазмунро дар мавзеъҳои гуногуне равшан таъкид намудааст. Дар муқаддимаи «Мантиқи машриқия» чунин баён намудааст, ки «...ҳар касе баъди Арасту меомад, бояд хатоҳо ва иштибоҳоти ӯро дар илм ислоҳ намуда, усулҳои овардаи ӯро ба шохаҳо тақсим менамуд. Лекин касоне, ки баъди Арасту омадаанд, аз уҳдаи дарки мероси ӯ набаромадаанд ва умри худро сарфи фаҳми ҷиҳатҳои беҳтаринаш намуда, тарафҳои ноқиси онро кӯр-кӯрона ва бо таассуб омӯхтаанд... Лекин мо...барои ҳар чиз сабабе ҷустуҷӯ карда, ҳар чи рост буд рост ва ҳар чи дурӯғ буд, дурӯғ шуд».[10, с. 59-60]

Арасту мантиқро ба қиёс ва мутааллиқоти он маҳдуд мекунад ва ба ин назар аст, ки «мантиқ илме аст дар бораи қиёс ва чигунагии таълифи он».[116, с. 29] Вале Ибни Сино бо тафаккури созандаву навовар ба мантиқ рӯ овардааст. Ба қавли худаш, «...дар он (мантиқ–А.Б.) асрору латоиферо ворид кардам, ки китобҳои мавҷуда аз он тиҳӣ буданд».[13, с. 85-86] Ӯ мантиқро чунин таъриф додааст: «Мантиқ илмест, ки роҳи аз муқаддима ба даст овардани натиҷаро

меомӯзад».[10, с. 445] Ҳарчанд ин таъриф бо таърифи Арасту мазмунан қаробати зиёд дорад, аммо бо иваз намудани шакл Ибни Сино ишорат ба диди нав дар ин мавзуъ мекунад, ки ба навоварихоҳияш далолат мекунад.

Ба ҳар навъ, Ибни Сино бо такя ба мантиқи арастуӣ донистан ва истифодаи дурусти қиёсро муҳимтарин мақсади илми мантиқ унвон мекунад. Ба қавли худи мутафаккир: «Мақсади аввал ва зотии мо оид ба синоати мантиқ донистани қиёсҳо ва он қисм аз онҳое мебошад, ки дар баёни қиёсҳои бурҳонӣ баҳс мекунад ва мақсади дуввуми мо маърифати навъҳои дигари қиёсҳост. Пас, баъзеи онҳо, масалан қиёсҳои ҷадалӣ, аз тариқи машқ кардан бо онҳо ва гузаштан аз онҳо ба онҳо ба донишҳои буҳронӣ барояшон суд дошта, манфиатҳои дигаре (низ) доранд; донистани баъзеи онҳо, мисли қиёсҳои суфистоӣ, барои эмин доштани худ аз (зарари) онҳо аз қабили хитоба ва шеър моро дар корҳои шаҳрдорӣ ва низоми иҷтимоӣ судманд аст».[15, с. 30] Аз ин навишта инчунин метавон натиҷагирӣ намуд, ки Ибни Сино қиёсҳоро ба бурҳонӣ ва ғайрибурҳонӣ ҷудо мекунад ва маърифати қиёсҳои бурҳониро муҳимтар меҳисобад. Ба назари ӯ, «қиёсҳои бурҳонӣ аз муқаддимаҳое фароҳам мешавад, ки номи он «ал-воҷиб қабулуҳо» (пазируфтанашон ҳатмист.–А.Б.) аст. Агар он муқаддимаҳо дорои ҷиҳати зарурӣ бошанд, ... натиҷаи зарурӣ ба даст меояд ва агар он муқаддимаҳо дорои ҷиҳати имкон бошад, аз он қиёс натиҷаи мумкин ҳосил мегардад».[165, с. 515]

Мо низ кӯшиш мекунем баҳсҳоямон асосан атрофи қиёсҳои бурҳонӣ бошад ва таъсири таълимоти мантиқии Ибни Синоро ба ташаккули минбаъди ин илм нишон диҳем ва ҷойгоҳи мутафаккирро дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ мушаххас намоем.

Ба андешаи муҳаққиқи соҳаи мантиқ д.и.ф. Худойдодзода Ф.Б., Ибни Сино таълимоташро дар бораи қиёс ба таври мукаммал ва муфассал баррасӣ намуда, баъзе навовариҳоро дар ин соҳа худаш махсус қайд мекунад (такмил додани таснифи қиёсҳо ва илова бар бурҳони хулф). Хизмати ӯ махсусан дар инкишофи назарияи қиёсҳои шартӣ (гипотетикӣ),

ки аз ҷониби муаллифи Органон, сарфи назар аз ваъдааш дар «Аналитикаи якум», ки ба таври махсус ба ин мавзуъ дахл мекунад, (Ибни Сино бовар дошт Арасту дар бораи қиёсҳои шартӣ китобе навиштааст, ки баъдан шояд гум шудааст) хеле бузург аст.[335, с. 143]

Пас аз Ибни Сино аксари мантиқиёни шарқӣ, аз қабили Ибни Рушд(1126-1198), Насириддини Тӯсӣ (1201-1274), Қутбидин Шерозӣ (1236 ё 1237-1311) ва ғайра аз равиши истифҳоми мантиқии Ибни Сино ва равиши таҳлилии ӯ, ки баҳри пешгирӣ аз иштибоҳ ва тачридӣ шудани баҳсҳо ва мафҳумҳою қазияҳо истифода намудааст ва аз равиши арастуӣ фарқи назаррас дорад, васеъ истифода намудаанд, ки ифодакунандаи ҷойгоҳи махсус доштани ин мутафаккир дар ҷодаи мантиқ аст. Як қатор муҳаққиқоне, ки дар ин самт таҳқиқ намудаанд, ин андешаро тасдиқ мекунанд: «Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди илми мантиқ низ аз Ибни Сино пайравӣ намуда».[302, с. 101]

Агар ба сохтори мантиқи Ибни Сино таваҷҷуҳ шавад, аз бисёр ҷиҳат бо мантиқи шаклии муосир мувофиқ аст. Масалан, қисми мантиқиёти «Китоб-уш-шифо» аз баёни алфоз, хелҳои далолати шакл ба маъно ва хелҳои далолат ба моҳият оғоз мешавад, ки бо барномаҳои мантиқи муосир мувофиқат дорад. Дар масъалаи қиёс бошад Ибни Сино нисбат ба мантиқиёни пешина таҳқиқоти муфассалтар анҷом додааст. Ин қисмати фаъолияти илмии мутафаккирро ба назар гирифта мантиқшиносони муосир ба ин назаранд: «низоми мантиқии Ибни Сино назар ба низоми Арасту ва Форобӣ пурраю мукаммалтар аст».[232, с. 27]

Ибни Сино дар масъалаи қиёс ба Арастуву Форобӣ такя намудааст, аммо бо андешаҳои бикр дар ғановати он саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ қиёсро чунин таъриф медиҳад: «Қиёс қавлест, ки аз чанд қавл таркиб ёфта, ҳар гоҳе он қавлҳо пазируфта шаванд, аз онҳо зотан қавли дигаре бармеояд».[10, с. 454] Манзур аз «қавли дигар» ин ҷо натиҷа аст. Ибни Сино қиёсро аз муқаддамот ва натиҷа иборат медонад. Ин таърифро, агар бо таърифи қиёси Арасту: «нутқест, ки агар дар он чизе тахмин шуда бошад, пас ҳатман як чизи олие аз

он чизи пешниҳодшуда бармеояд, зеро дар пешниҳод вуҷуд дорад»,[67, с. 120] муқоиса кунем, монандии назаррас ҷой дорад. Дар «Донишнома» низ Ибни Сино қиёсро ба ҳамин мазмун чунин таъриф додааст: «Қиёс ба ҷумла сухане бувад андар вай суханоне гуфта, ки чун пазируфта ояд суханоне, ки андар вай гуфта омада бувад, аз он ҷо гуфторе дигар лозим ояд».[9, с. 189]

Дар ин масъала бо андешаҳои муҳаққиқи тоҷик М. Диноршоев комилан ҳамраъйем. Ӯ пас аз таҳқиқоти зиёд ба натиҷае расидааст, ки татбиқи назарияи мантиқии Арастуву Ибни Сино нишон медиҳад, ки «мутафаккири мо ҳангоми таҳқиқи масоили мантиқ–масоили алфоз, мақулот, қазоё, қиёс, ҷадал, бурҳон – ба дастовардҳои мантиқи Арасту муттако будааст ва онро бо андешаҳои нав, хусусан дар риштаи қазияҳои шартӣ ва қиёсҳои шартӣ ба андозаи зиёд ғанӣ гардонидааст».[116, с. 318]

Яке аз назаррастарин қисмати мантиқи Ибни Сино қиёс буда, мутафаккир онро муҳимтарин шакли натиҷагирӣ меҳисобад. Ба назари ӯ, «гаравиданро ва тасдиқ карданро роҳ ҳуҷҷат аст. Ва ҳуҷҷат се гуна аст: қиёс ва истиқро(индуксия –А.Б.) ва мисол».[9, с. 188] Пас, қиёс яке аз василаҳои зарурии бовар намудан ба ҳукм ва тасдиқ намудани он аст. Дар ин масъала низ пайравии Ибни Сино аз Арастуву Форобӣ мушоҳида мешавад.

Дар мабҳаси қиёс, чуноне ки қаблан ишора шуд, Ибни Сино кӯшидааст ба ҷузъиёти масоили ин мавзуъ, ки Арасту ва мантиқиёни баъд камтар таваҷҷуҳ намудаанд, равшанӣ андозад. Ӯ қиёсро ба комил ва ғайрикомил тақсим намуда аст. Қиёси комилро қиёсе ҳисобидааст, ки зарурати чизе, ки аз он барояд, аз вазъи он равшан шавад. Қиёси ғайрикомил, мувофиқи навиштаи ӯ, «он аст, ки аз он чизе барояд, лекин дар ибтидои амр равшан нест, ки ин аз он лозим ояд. Вале агар хоҳем, ки онро равшан намоем, бо чизи дигаре равшан намоем, лекин он бояд аз ҷумлаи чизҳои пешгуфта хориҷ набошад».[11, с. 46]

Ибни Сино қиёсро ба иқтиронӣ ва истисноӣ ҷудо менамояд. Дар қиёси иқтиронӣ лафзи мутағаййир такроршаванда буда, қазияи монанд, яъне лафзе, ки дар ҳар ду муқаддима муштаракбуда, алоқамандии онҳоро таъмин мекунад

ва дар натиҷа ҷой надорад, «ҳадди авсат» номида мешавад ва чизи аз он ҳосилшударо «натиҷа» мегӯянд. Натиҷаи қиёси иқтиронӣ дар муқаддимаҳояш равшан билфеъл ифода намешавад, балки билқувва аст.[15, с. 305] Қиёси иқтиронӣ дар натиҷаи ба ҳам омадани «муқаддимаи кеҳин(суғро ё асғар)» ва «муқаддимаи меҳин(кубро ё акбар)» ҳосил мешавад. «Муқаддимаи кеҳин» аз қазияе ба даст меояд, ки мавзуи натиҷа дар он бошад ва «муқаддимаи меҳин» қазияест, ки маҳмул (предикат)-и натиҷа андар вай бувад.[9, с. 190]

Дар таълимоти Ибни Сино, ба хилофи аксари мантиқиён, муқаддимаи кеҳинро аввал ва муқаддимаи меҳинро дуюм меорад ва дар устувор нигоҳ доштани ҷойгоҳи онҳо таъкид намудааст, ки дар осори аксари мантиқиёни баъдӣ он бо равшанӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар қазияи «Ҳар ҷисме мусаввар аст» ва «Ҳар мусавваре муҳдас аст» вожаи мусаввар дар ҳар ду қазия ҳаст ва такрор омада, аммо калимаи ҷисм ва муҳдас дар ин қазияҳо танҳоянд. «Ҷисм», «мусаввар» ва «муҳдас»-ро дар ин мисол «ҳад» мегӯянд. Пас, «мусаввар»-ро, ки дар ҳар ду муқаддима такрор омада, «ҳадди миёна» меноманд ва «ҷисм»-ро, ки мавзуъ (субъект) аст, «ҳадди кеҳин» ва «муҳдас»-ро, ки маҳмул (предикат) аст, «ҳадди меҳин» меноманд. Ҳар ду қазияи мазкурро «муқаддима» мегӯянд. Аз маҷмуи мавзуъ-«ҷисм» ва маҳмул-«муҳдас» хулоса бароварда мешавад, ки «Ҳар ҷисме муҳдас аст» ва онро «натиҷа» мегӯянд. Муқаддимае, ки мавзуи натиҷа дар вай аст, «муқаддимаи кеҳин», агар маҳмули натиҷа дар вай бошад, «муқаддимаи меҳин» меноманд. Гирд омадани ин муқаддимаҳоро «иқтирон» мегӯянд, ки ном гузоштани ин гунаи қиёс аз он аст.

Қиёси иқтиронӣ дар навбати худ ба ҳамлӣ ва шартӣ тақсим мешавад. Қиёси иқтирониии ҳамлӣ он аст, ки ҳар ду муқаддимаи он қазияҳои ҳамлӣ бошанд. Ибни Сино қазияи ҳамлияро ҷумлае донистааст, ки «дар он бо вуҷуди шайъе, ки маҳмули шайъи дигар аст, ҳукм равад». [10, с. 530] Яъне, қазияи ҳамлия дар хабари худ ҷозим аст. Дар қазияи ҳамлия мубтадоро «мавзуъ» ва хабарро «маҳмул» мегӯянд. Дар қиёси иқтирониии шартӣ ҳар ду муқаддима

қазияҳои шартианд.

Чигунагии ниҳоди «ҳадди миёна»-ро ба нисбати ҳадди асғар ва акбар шакли қиёс мегӯянд. Ҳадди асғар лафзе, ки дар натиҷаи қиёс мавзуъ ё муқаддам аст. Муқаддам гуфторест, ки дар худ «агар»-ро дорад. Ҳадди акбар лафзе, ки дар натиҷаи қиёс маҳмул ё толӣ (хабар) аст. Толӣ гуфторест, ки баъди муқаддам омада, калимаи «пас он»-ро дорад. Дар ин мавзуъ дар «Донишнома» Ибни Сино шаклҳои сегонаи қиёси иқтирониро бо мисолҳо ба таври муҷаз нишон медиҳад,[9, с. 190-194] ки дар асари «Уюн-ул-ҳикмат»-аш низ омада, вале мисолҳо на ба шакли қазияи мушаххас, балки тавассути рамзҳои мантиқӣ нишон дода мешаванд.[349]

Шакли аввали қиёси иқтирониро дар навбати худ Ибни Сино ба чор зарб (модус) ҷудо мекунад: аввал, қиёсе, ки аз ду куллияи муҷиба (қазияи куллии тасдиқӣ–А.Б.), ба мисли «Ҳар ҷисме мусаввар аст», «Ҳар мусавваре муҳдас аст» ва натиҷа «Ҳар ҷисме муҳдас аст»; дувум, қиёсе, ки аз ду куллӣ, лекин куброву солиб (қазияи куллии инкорӣ–А.Б.) иборат бошад, мисолаш: «Ҳар ҷисме мусаввар аст», «Ҳеҷ мусаввар қадим набувад», аз он лозим ояд, ки «Ҳеҷ ҷисм қадим набувад»; сеюм, қиёсе, ки дар он суғро(муқаддимаи хурд –А.Б.)-и муҷиби ҷузвӣ ва кубро(муқаддимаи калон–А.Б.)-и муҷиби куллӣ бошад, мисолаш: «Бархе гавҳарҳо нафс аст», «Ҳар нафсе сурати илм пазирад», пас, «Бархе гавҳарҳо сурати илм пазирад»; чаҳорум, қиёсе, ки суғрои муҷиби ҷузвӣ ва куброи солиби куллӣ бошад, масалан, «Баъзе гавҳарҳо нафс аст» ва «Ҳеҷ нафс ҷисм нест», пас, «Бархе гавҳарҳо ҷисм нест».[9, с.188-191] Қиёси муттасилро низ Ибни Сино айнан ба ҳамин тартиб тавсиф менамояд.

Шакли дувуми қиёси иқтирониро низ ба чор зарб (модус) ҷудо менамояд, ки дар асоси муҷиб ё солиб будани муқаддима, аммо дар ҳар ҳолат муқаддимаи кубро куллӣ бошад ва ҳадди миёна маҳмули ҳар ду муқаддима аст. Ба ҳар кадом шаклҳои ишорашуда Ибни Сино мисолҳо оварда, таҳлили ҳамаҷониба намуда,[9, с. 91-92] ки дар мантиқи имрӯза ҳам арзишманд аст. Ба таври мухтасар амсилаашро метавон чунин нишон дод: Аввал, аз ду куллӣ ва

куброи солиб иборат аст: ҳар А В аст, ҳеҷ С В нест, пас, ҳеҷ А С нест. Дуюм, аз ду куллӣ ва суғрои солиб:ҳеҷ А В нест, ҳар С В аст, пас, ҳеҷ А С нест. Сеюм, аз ҷузвии муҷиби суғро ва куллии солиби кубро:бархе А В аст, ҳеҷ С В нест, пас, бархе А С нест.Чаҳорум, аз ҷузвии солиби суғро ва куллии муҷиби кубро:на ҳар А В аст, ҳар С В аст, пас, на ҳар А С аст.

Шакли сеюми қиёси иқтиронӣ аз шаш зарб иборат буда, муҷиб будани суғро ва куллӣ будани муқаддима шарти он маҳсуб мешавад. Дар ин шакли қиёс ҳадди миёна дар ҳар ду муқаддима мавзуъ (субъект) аст.Зарб(модус)-ҳои шашгонаи чунин шакли қиёс ба тариқи зайланд:

Зарби аввал, аз ду куллии муҷиб, ки натиҷааш муҷибаи ҷузъия аст. Мисолаш: Ҳар В А аст ва ҳар В С аст, пас, бархе А С аст.

Зарби дувум, аз ду куллӣ ва куброи солиба,ки натиҷааш солибаи ҷузъист, ба мисли ҳар В А аст ва ҳеҷ ВС нест, пас, ҳар А С нест.

Зарби сеюм, аз ду муҷиб ва суғрои ҷузвӣ, ки натиҷааш муҷибаи ҷузъист, ба мисли бархе В А аст ва ҳар В С аст, пас, бархе А С аст.

Зарби чаҳорум, аз ду муҷиб ва куброи ҷузвӣ, ки натиҷааш муҷибаи ҷузъист, ба мисли ҳар В А аст ва бархе В С аст, пас, бархе А С аст.

Зарби панҷум, суғрояш куллии муҷиб ва куброяш ҷузвии солиб, ки натиҷааш солибаи ҷузъист, ба мисли ҳар В А аст ва на ҳар В С аст, пас, на ҳарА С аст (ин қисми қиёси иқтиронӣ ба хилофи дигар ақсоми зикршуда шакли баръакс надорад, ҳарчанд дар қиёси хулф онро фарз кардан мумкин аст–А.Б.).

Зарби шашум, аз суғрои муҷиби ҷузвӣ ва куброи солиби куллӣ сохта мешавад, ки натиҷааш солибаи ҷузъист, ба мисли бархе В А аст ва ҳеҷ В С нест, пас, ҳар А С нест.[9, с. 191-192]

Дар масъалаи шаклҳои қиёси иқтиронӣ Ибни Сино, ба хилофи мантиқиёни баъдӣ, куллан ба Арасту такя намудааст. Ба далели он ки Ибни Сино ба мисли Арасту ба се шакли қиёси иқтиронӣ қоил буд: аввал, ҳар вақте ки маҳмул дар суғро ва мавзуъ дар кубро бошад; дувум, маҳмул ҳам дар суғро ва ҳам дар кубро бошад; сеюм, вақте мавзуъ ҳам дар суғро ва ҳам дар кубро

бошад.[8, с. 190] Баъдтар мантиқиёни минбаъда шакли чаҳорум, яъне ҳадди миёнаи мавзуъ дар суғро ва маҳмул дар кубороро илова намудаанд, ки дар назарияи қиёси Ибни Сино мушоҳида намешавад.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои мутафовити мантиқи Ибни Сино аз мантиқиёни пешина, махсусан Форобӣ, дар қиёсҳои иқтиронии шартӣ мушоҳида мешавад. Ибни Сино қиёси иқтиронии шартиро гуфторе ҳисобидааст, ки яке аз муқаддимаҳо ё ҳар ду қазияҳо шартианд. Ӯ қиёси иқтиронии шартиро вобаста ба муқаддамоташон ба қиёсҳои иқтиронии шартии муттасил, мунфасил, муттасили ҳамлӣ, мунфасили ҳамлӣ, мунфасили муттасил ва муттсили мунфасил ҷудо мекунад.

Дар мантиқи Ибни Сино қиёси истисноӣ ҳамонест, ки «дар он дониш бо роҳи муайян намудани яке аз ҷиҳатҳои зиддият, ки хулоса мебошад, меафзояд».[92, с. 123] Мутафаккир қиёси истисноиро «иборат аз ду муқаддима, ки яке аз онҳо шартӣ ва дигаре вазъ ё рафъи яке аз ду ҷузъи он аст» [11, с. 63]меҳисобад. Мисоли қиёси истисноии муттасил: «Агар Абдулло навишта истода бошад, дасташро меҷунбонад».[10, с. 459] Агар муқаддимаи «вай менависад» истисно гардад, натиҷа мебарояд, ки толӣ «вай дасташро меҷунбонад» низ истисно мегардад ё агар нақизи толӣ «вай дасташро меҷунбонад» истисно гардад, берун меояд, ки нақизи муқаддимаи «вай менависад» низ истисно гардад.[10, с. 459] Мисоли қиёси истисноии мунфасил: «Ин шумор ё ҷуфт бувад, ё тоқ», «Лекин тоқ нест, пас ҷуфт аст» ё «Лекин ҷуфт нест, пас тоқ аст».[9, с. 194] Чунин тарзи қиёс дар мантиқи асримиёнагӣ бо истилоҳи модуси толлендо поненс ифода мешуд, ки натиҷагирии ҷудоии қатъиро ифода менамуд ва дар мантиқи шаклии муосир низ дида мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқи мантиқи Ибни Сино д.и.ф. Ф.Б. Худойдодзода, хусусияти қиёси истисноӣ бар хилофи қиёси муттасила, аз нигоҳи Ибни Сино, дар он аст, ки хулосаи он дар яке аз муқаддимаҳои он баръало ошкор аст. Масалан, «Агар касе таб дошта бошад, набзи ӯ тез

мешавад. Набзи ин шахс тез аст. Пас, ин шахс таб дорад».[336, с. 80]

Мутафаккир дар ин масъала дар «Китоб ан-наҷот»[11, с. 45-73] хеле баҳси муфассал ороста, бо мисолҳои мушаххас онҳоро нишон додааст. Аз равиши кориаш бармеояд, ки кӯшидааст нисбати мабоҳиси мантиқии пешиниён таҳлилаш мушаххастар ва равшантар бошад. Зеро масоили қиёс, ки дар мантиқи Ибни Сино матраҳ мегардад, бо муназзамият ва шомили навъҳову қисмҳои ин мавзуъ будан, аз мантиқи қаблӣ, махсусан Форобӣ, фарқ дорад.

Дар назарияи қиёси Ибни Сино қиёси ғайриҳақиқӣ низ таҳлил шудааст. Ӯ дар «Китоби ҳидоя» қиёси ғайриҳақиқиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Аввал, қазияҳое, ки аз ду қазияи салбӣ пайдо мешаванд. Масалан, «ё набот, ё ҷамод буда наметавонад».[10, с. 460] Дувум, қиёси ғайриҳақиқӣ аз қазияҳое, таълиф меёбад, ки яке муҷиба ва дигаре солибаи мутабоин бошанд. Масалан, «Ё вай ғарқ намешавад, ё дар об буда метавонад», ки натиҷааш истиснои нақизи дигараш аст. Ҳар кадом аз нақизи ин дуро истисно кунем, боқӣ айнан натиҷа медиҳад.

Ибни Сино масъалаи қиёси мураккабро низ дар мавриди назарияи қиёс матраҳ намуда, хеле мӯшикофона таҳлил намудааст. Дар ин масъала аз илми ҳандаса мисол меорад. Ба ибораи худаш: «Бо мо хатест нишони вай АБ бодо ва ҳамехоҳем, ки бар ин хат бар бурҳон шакле кунем сесӯ... ҳар гоҳ ки нуқтаи А-ро маркази паргор кунем ва то нуқтаи Б бигушоем ва доира кунем гирди ӯ, боз биёему нуқтаи Б-ро марказ кунем ва ба даври нуқтаи А доира кунем гирди Б, яке мар дигарро ломаҳола буранд. Бар буридангоҳ нуқтаи Ҷ аломат кунем ва аз он аломат хати рост ба А оварем ва хате рост ба Б. Пас, гӯем, ки ин шакл, ки дар миёни нуқтаҳои АБҶ аст, мусалласе аст, ҳар се паҳлӯ баробар... Пас, андар сухан қиёс чунин ба кор баранд».[9, с. 195] Ин ҷо натиҷаи қиёс боз муқаддимаи қиёси дигарӣ шуда истодааст, ки онро мантиқиён қиёси мураккаб гуфтаанд. Илова ба ин, ин ҷо Ибни Сино ишораи нозуке намуда истодааст, ки модари ҳамаи фигураҳои геометрӣ давра аст.

Дар мабҳаси қиёсҳои мураккаб Ибни Сино зерфасле таҳти унвони

«қиёси хулф» дорад. Қиёси хулф, мувофиқи нишондоди ӯ, «мураккаб бошад аз ду қиёс: яке иқтиронӣ ва дигаре истисноӣ».[9, с. 403] Шакли қиёси иқтиронӣ бо таъкиди Ибни Сино аз ихтирооти ӯст: «қиёсе аст аз ҷумлаи қиёсҳои иқтиронии ғариб, ки ман берун овардаам».[9, с. 196] Дар ин қиёс матлуб аз ҷиҳати дурӯғ ҳисобидани нақизаш маълум мегардад: «даъворо дуруст кунад, бад-он ки хилофи ӯро ботил кунад. Ва хилофи ӯро бад-он ботил кунад, ки аз вай муҳол лозим оварад. Ва ҳар чӣ аз вай муҳол лозим ояд, муҳол бувад».[9, с. 196]

Яъне, ба назари Ибни Сино, ба воситаи қиёси хулф метавон андешаҳои гуногунро мушаххас ва равшан баён намуд, зеро ҳар қазияе, ки нодуруст бошад, хилофи он дуруст аст.

Дар мантиқи «Китоб-уш-шифо» Ибн Сино ин масъаларо ба таври зер шарҳ додааст: «Агар ҳар Ҷ В нест гӯем: Агар қавли мо чунин бошад, ки: ҳар Ҷ В дурӯғ нест, пас, ҳар Ҷ Б аст. Бар он муқаддимаи содиқ меафзоем, ки он: ҳар Б А аст. Аз қиёсҳои иқтироние, ки шартӣ шуморидемашон натиҷа медиҳад: Агар қавли мо: Ҳар Ҷ Б дурӯғ нест, пас, ҳар Ҷ А аст. Сипас мегӯем: лекин ҳар Ҷ А нест, пас он хулфи муҳол мебошад. Дар ин ҳол метавонад нақизи толӣ истисно шавад, пас нақизи муқаддам натиҷа медиҳад, ки он: ҳар Ҷ Б аст».[15, с. 318]

Дар мабҳаси қиёс Ибни Сино ба масъалаи истиқрову тамсил низ баҳси муфассале оростааст. Ба назари ӯ, истиқро натиҷагирии куллист, ки ба воситаи умумисозӣ ва ҷамбъбасти хусусиятҳои ҳар як чизҳои муайяни ҷузъиёти зерфасли кул сурат гирифтааст. Ин мазмунро дар «Донишнома» мутафаккир чунин баён намудааст: «Истиқро он бувад, ки ҳукме кунанд бар мавзуе куллӣ аз он қабл, ки ҳукм андар ҷузвиёти он мавзуъ ёбанд, чунонки гӯянд: «Ҳар ҳайвоне ба вақти хоидан зафри зерин ҷунбонад». Агар битавонанд ҳар якеро аз ҷузвиёт ёфтан бар ин ҳукм, то ҳеҷ наҷаҳад, ҳукм ба куллӣ яқинӣ бувад».[9, с. 197]

Дар «Китоб ан-наҷот» масъалаи истиқро баррасӣ шуда, шаклҳои он, ки

дар «Донишнома» сарфи назар шудааст, мушаххас мегардад. Ба ибораи Ибни Сино: «Истиқро ҳукм бар мавзуи куллист, ки он ҳукм дар ҷузъиёти он куллӣ мавҷуд аст. Агар ҳукм бар ҳамаи ҷузъиёт бувад, «истиқро том», агар бар аксарияти ҷузъиёт бувад, «истиқрои машҳур» ном дорад».[11, с. 71] Аз ин навиштаи Ибни Сино маълум мешавад, ки ӯ ду навъи истиқроро аз ҳам фарқ мекунад ва онҳо истиқрои том, ки натиҷааш яқинист ва истиқрои машҳур ё ноқис, ки натиҷааш эҳтимолӣ аст.

Ибни Сино тамсилро аз истиқро сусттар меҳисобад ва чунин таъриф додааст: «тамсил ҳукм бар чизи муайянест, ки он ҳукм дар чизи дигари муайян ё чизҳои дигари муайян мавҷуд аст, зеро он ҳукм барои маънии монанди ӯ куллист. Ва ҳукми маҳкум алайҳ бар матлуб буда, ҳукми аз он нақлшуда мисол ва маънии шабеҳи он ҷомеъ аст. Мисолаш: «Олам ҳодис аст, зеро ҷисми муаллаф аст, ки шабеҳи бино бошад ва бино ҳодис аст. Пас, олам ҳодис аст». Пас, ин ҷо олам, бино, ҷисмият ва муҳдас мавҷуданд». [11, с. 71]

Тамсил дар «Донишнома» чунин таъриф дода шуда аст: «Мисол он бувад, ки ҳукм кунанд бар чизе бад-он чи андар монанди ӯ бинанд».[9, с. 198] Аз ин таърифҳо бармеояд, ки Ибни Сино ду навъи тамсил: куллӣ ва ҷузъиро аз ҳам фарқ менамуд. Тамсили куллиӣ дар асоси монанд намудани баъзе сифатҳо ба ҳамаи ашёи гурӯҳе, ки монанд ҳастанд ба даст меояд ва онро «бештар андар корҳои тадбирӣ ва андар фиқҳ ба кор баранд».[9, с. 198] Тамсили ҷузъӣ монандкунӣ аз ҷузъ ба ҷузъ аст. Мисол: «чунонки гӯӣ: «Он мисол фалон аст» ва «Он мисол бостор аст». Натиҷа ояд, ки «Бархе фалон бостор аст»».[9, с. 198]

Дар назарияи қиёси Ибни Сино ба ғайр аз қиёсҳои бурҳонӣ навъҳои дигари қиёс, аз қабили қиёсҳои ҷадалӣ, суфистоӣ, хитобӣ ва шеърӣ низ муфассал таҳлил шудаанд, ки баррасии онҳо аз маҷоли баҳси мо берун аст ва ба таҳқиқи фарохтаре бояд анҷом дода шавад.

Ба ҳар навъ, дар мантиқи Ибни Сино назарияи қиёс мавқеи калидӣ дошта, он дорои шаклҳои гуногун аст. Мутафаккир бо такя ба мантиқи Арасту

ва Форобӣ шаклҳои қиёсро таҳлил намуда, кошифонаву халлоқона ба онҳо изофаҳое намудааст, ки саҳми ӯро дар ташаккули ин назария нишон медиҳад.

Аз ин назариёти Ибни Сино бармеояд, ки ӯ мантиқро ба мисли Форобӣ ҳам ҷузъи фалсафа, ҳам методологияи илм ҳисобидааст. Маҳз аз ин рӯ, қисми умдаи фалсафаи ӯро мантиқ ташкил дода, дар таҳлили мақулоти фалсафӣ ба мантиқ такя мекунад ва аксари пайравонаш ин равиши ӯро пайгирӣ намудаанд.

Ибни Сино ба замми бунёди низоми устувори мантиқӣ, яке аз аввалинҳост, ки бо далелҳои муътамад миёни мантиқи назариявӣ ва мантиқи амалӣ тафовут қоил шудааст.Таълимоти Ибни Сино дар бораи фарқи мантиқи назариявӣ аз мантиқи амалӣ ба ақоиди мантиқшиносони чӣ Шарқ ва чӣ Ғарб таъсири калон расонида буд. [92, с. 119]

Аз низоми фалсафии пешниҳоднамудаи Ибни Сино на танҳо намояндагони машшоияи шарқӣ, балки ҳакимони зиёди гуногунмашраби шарқиву ғарбӣ бо шумули мухолифонаш, ба мисли Муҳаммади Ғаззолӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Фомаи Аквинӣ (1225-1274), Сигери Барабантӣ, Мир Домод (асрҳои 16-17), Садруддини Шерозӣ (1561-1650), Ҳодии Сабзаворӣ (1797-1872) ва дигар файласуфон фаровон истифода намудаанд. Махсусан, дар ҳикмати олами ислом пас аз Ибни Сино таъсири ин мутафаккир ниҳоят бузург аст. Ба қавли академик М. Диноршоев: «Рӯҳи Ибни Сино дар афкори фалсафии мамолики исломӣ то ба ҳол мавҷ мезанад».[116, с. 264]

Форобиву Ибни Сино дар муҳите умр ба сар бурдаанд, ки мафкураи ҳукмрони даврро ақоиди динӣ ташкил менамуд, аз ин рӯ, дар таълимоти фалсафии онҳо нақши дин назаррас аст. Масалан, Форобӣ комилан пойбанди назарияи офариниш буда, ба ин назар аст, ки «Ҳамаи мавҷудот аз зоти Ҳақ мутаъол содир шудаанд ва муқтазои зоти ӯянд, бинобар ин бо ӯ носозгор нестанд».[35, с. 167] Ё дар «Ниёиши бузург»-аш Форобӣ қайд мекунад, ки «Худовандо, ҳидоятро ба ман илҳом ва имонамро бо тақво росих фармо ва ҳубби дунёро назди ман мағзуб қарор деҳ».[35, с. 237] Ибни Сино бошад дар тавсифи нафси инсонӣ ба ин назар аст, ки «нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки фасод

намепазирад ва истимдоди вай аз файзи илоҳӣ мебошад».[12, с. 177] Ё барои исботи маод Ибни Сино муътақид аст, ки «ҷуз аз роҳи шариъату тасдиқи хабари нубувват ба исботи он роҳе нест».[19, с. 419]

Кӯшиши оштӣ додани фалсафаву дин дар осори ҳакимони зиёди асримиёнагии мо мушоҳида мешавад. Масалан, мувофиқи навиштаи Ноҷӣ: «Носири Хусрав вайро (Абулаббоси Эроншаҳрӣ. –А.Б.) устоди Муҳаммад Ибни Закариёи Розӣ дониста,... иқдоми Эроншаҳриро дар омехтани фалсафа ва дин бузург медорад».[177, с. 479] Форобӣ низ дар омезиш додани фалсафаву дин кӯшишхои зиёд намудааст. Аммо таҳлили афкори фалсафаи амалии Форобӣ нишон медиҳад, ки ӯ, сарфи назар аз он, ки кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, то миёни дину фалсафа ҳамоиш ба вуҷуд орад, байни онҳо тафовут низ қоил аст. Ба назари ӯ, «Фалсафа вусул ба ҳақиқат аз роҳи назар ба бурҳон аст ва дин вусул ба ҳақиқат аз роҳи тамсил ва рамз. Истидлолу бурҳон дар ҳама ҷо якест, ба ҳамин ҷиҳат, фалсафаи юнонӣ, масалан, дар олами ислом ҳам муътабар аст. Аммо тамсилу рамз бо ихтилофи ақвом ва миллатҳо фарқ мекунад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки адён ба зоҳир бо ҳам ихтилоф доранд».[33, с. 119]

Ибни Сино низ дар муҳимтарин осори фалсафиаш, ба мисли «Донишнома», «Китоб ан-наҷот», «Китоб-уш-шифо», «Ишорот ва танбеҳот», «Мабдаъ ва маод», «Китоби ҳидоя» ба масоили илоҳиёт таваҷҷуҳи махсус намуда, дар радифи масоили ин қисмати фалсафӣ баҳси Воҷиб-ул-вуҷуд, тавҳиди зоти Борӣ, сифоти худо, қадим, ҳодис, ваҳй, паёмбаршиносӣ, қиёмат, ҳаёти ондунёиро матраҳ менамояд. Дар «Вафаёт-ул-аъён»-и Ибни Халликон низ, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиши ҳаёту фаъолияти Ибни Сино маҳсуб мешавад, ба масъалаи таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудани Шайхурраис ба аҳкоми дин ишоратҳо ҷой дорад. Ибни Халликон қайд мекунад: «чун Ибни Сино эҳсоси марг намуд, ғусл кард, тавба намуд, моли зиёде ба фақирон садақа дод, ғуломони зердасташро озод намуд ва дар ҳар се шабонарӯз як маротиба Қуръонро хатми комил мекард». [143, с. 160]

Ин назариёти Форобиву Ибни Синоро набояд сирф эътиқоди мазҳабӣ донист, зеро ин мутафаккирон ба он чун низоми иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавие таваҷҷуҳ намудаанд, ки барои роҳнамоии инсон ба саодат мусоидат менамояд. Форобиву Ибни Сино дар ин росто ба таҳлили мафҳумҳои вуҷуд, моҳият, сабаб, натиҷа, ақл, нафс, нубувват, ахлоқ, қонун ва амсоли инҳо пардохта, нақши назаррасе дар таҳкими назариявии масоили ҳамбастагии мантиқ, илоҳиёт, сиёсат ва таълимоти динӣ гузоштанд.

Дар осори Ибни Сино такрор ба такрор кӯшиши навоварӣ мушоҳида мегардад, ки бозгӯкунандаи шуҷоату ихтироъкорӣ ва пурмаҳсулии мутафаккир буда, дар ғановати фикрии мактаби машшоияи шарқӣ мусоидат намудааст. Масалан, дар «Ҳикмати машриқия» Ибни Сино дар мавзуи «Дар зикри илмҳо» таснифи улуми фалсафиро ба таври муқаррарӣ нишон медиҳад, вале дар мавриди фалсафаи амалӣ, дар қисмати тадбири манзил, аз қонуни шариат (фиқҳ) ёд мекунад ва онро бахше аз илми амалӣ меҳисобад. [10, с. 64-65] Ин мавқеи Ибни Сино нисбати фиқҳ дар «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ низ мушоҳида мегардад, ки дар ташаккули фалсафа ва фиқҳ мусоидат менамуд.

Ҳарчанд баъзе пешниҳодоти Форобиву Ибни Сино, ба мисли мавзуъҳои аслии фалсафа, назарияи сабабият, фиқҳро бахше аз улуми амалӣ донистан ва ғайраҳо аз ҷониби умум дастгирӣ наёфта бошад ҳам, дар заминаи баҳсҳо ва муборизаҳои мафкуравӣ дар тавсеа ва ташаккули тафаккури фалсафӣ мусоидат намуд. Инчунин, маъруфтарин намояндагони макотиби фалсафии калому тасаввуфи ҷаҳони ислом, ки бо андешаҳои ин ду мутафаккир зиддият нишон медоданд, минбаъд аз равиши таҳқиқу таҳлил ва далелу бурҳон овардани ин донишмандон ба таври васеъ истифода намудаанд, ки яке аз онҳо Абуҳомиди Ғаззолист. Ӯ дар осори мантиқиаш, ба мисли «Маҳак-ун-назар фи-л-мантиқ», «Меъёр-ул-улум фи-л-мантиқ» ва дигарҳо аз низоми мантиқии Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ намудааст.

Таъсири амиқи Форобӣ дар ташаккули фалсафа, махсусан ҳикмати машшоияи шарқӣ, ниҳоят бузург аст. Муҳаққиқони зиёде ба хулосае

омадаанд, ки бештари ақидаҳои машшоиёни шарқӣ дар натиҷаи таҳлили афкори фалсафии Форобӣ рӯйи кор омадааст. Албатта, ин андеша ба пуррагӣ қобили пазирофӣ нест, аммо нишондиҳандаи мавқеи Форобӣ дар ҷодаи илму фалсафа аст. Таълимоти Форобӣ дар ташаккули фалсафа, махсусан ҳикмати машшоияи шарқӣ, ниҳоят муассир аст. Ҳанӯз дар даврони фаъолияти Муаллими сонӣ шогирдонаш, ки аз ҳалқаи дарсии ӯ баҳра бардошта буданд, барои ривоҷи таълимоти устодашон кӯшидаанд. Дар интишори орои фалсафии Форобӣ пайравони ӯ Абузакариё Яҳё ибни Адӣ, Абусулаймон Муҳаммад ибни Тоҳири Сиистонӣ ва Абуҳайёни Тавҳидӣ хидматҳои шоён намудаанд.

Форобӣ на танҳо намояндаи ҳикмати машшоияи шарқӣ, балки аз поягузорони ин мактаб мебошад. Таъсири афкори фалсафии ӯ танҳо дар доираи машшоияи шарқӣ маҳдуд нагардида, дар тамоми макотиби фалсафии олами ислом мушоҳида мегардад. Ба қавли Ризо Доварӣ: «Ӯ муаллими ҳамаи файласуфон аст... Фалсафаи исломӣ, бахусус ҳавзаи машшоияи он, шарҳу тафсири осор ва орои Муаллими сонист».[209, с. 239] Хидматҳои бесобиқаи Форобӣ дар ҷодаи фалсафа муҳаққиқонро ба он во доштааст, ки ӯро яке аз поягузорони илму фалсафа дар ҷаҳон ва тамаддуни исломӣ ҳисобанд. [253, с. 272]

Форобӣ аз аввалин ҳакимони мусулмон аст, ки тавассути рисолаҳои фалсафиаш тавонист, афкори фалсафии машшоияро дар Шарқ таҳким бахшад ва зарурати омӯзиши илм, махсусан фалсафаро баррасӣ намояд. Муҳаққиқон ба ин назаранд, ки «тақрибан, сӣ рисола бо забони арабӣ аз ӯ (Форобӣ–А.Б.) боқӣ мондааст». [280, с. 397] Дар рисолаҳои фалсафиаш Форобӣ кӯшиш намудааст донишҳои фалсафиро муназзам намояд. То Форобӣ дар байни мусулмонон кӯшиши ба вуҷуд овардани низоми муайяне, ки тавонад масоили аслии фалсафаву мантиқ ва ҷобаҷогузории мавзуъҳои онҳоро ба танзим дарорад, ба таври назаррас мушоҳида намешавад. Пас аз Форобӣ файласуфони зиёде ба ин кор иқдом намуданд, аммо ҳеҷ кадоми ҳакимони асримиёнагии мо дар ташкили низоми фалсафӣ ба пояи Ибни Сино нарасидаанд ва касе ба мисли

ӯ донишҳои фалсафиро муназзам нанамуда аст.

Хулоса, таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули минбаъдаи ҳикмати машшоияи шарқӣ ниҳоят бузург аст. Маҳз тавассути таваҷҷуҳи пайвастаи ин ду мутафаккир ба мантиқ ва фалсафа ин илмҳо дар олами ислом мавқеи назаррас пайдо намуданд ва ҳикмат тавонист аз низоми мушаххаси илмӣ бархӯрдор гардад. Аз низоми илмии матраҳнамудаи онҳо, махсусан дар масоили қиёсу бурҳон, намояндагони машшоияи шарқӣ ба таври васеъ истифода намудаанд, ки бозгӯкунандаи мавқеи ин донишмандон дар ҷодаи равишшиносии илмист. Дар масъалаи оштӣ додани фалсафаву дин низ Форобӣ ва Ибни Сино зиёд кӯшидаанд. Табиист, ки онҳо дар шароите умр ба сар бурданд, ки ақоиди динӣ дар тамоми қишрҳои иҷтимоӣ таъсиргузор буд, аз ин рӯ, дар назариёти фалсафиашон, махсусан дар фалсафаи амалӣ, масоили зиёдеро бо такя ба дин баррасӣ намудаанд, ки дар шинохти мактаби машшоияи шарқӣ аҳмият ва арзиши хос дорад. Вале нодида гирифтан нашояд, ки дар таълимоти ин ду мутафаккир тарҳи масъалаҳо ва усули баррасии онҳо бо неруи андеша корбаст мешавад. Онҳо дар исботи андеша на ба ваҳйу нақл, балки ба ақлу мантиқ такя намудаанд.

5.2 Нақши мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино дар инкишофи фалсафаи исломӣ ва ғарбӣ

Дар таърихи фалсафа мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино ҷойгоҳи сазоворе доранд ва дар ташаккули фалсафа нақши назаррас гузоштаанд. Мавзуъҳои пажуҳишии ин мутафаккирон ба ҳадде фарох аст, ки наметавон онҳоро дар доираи як мактаби фалсафӣ ҷой дод. Мероси илмии онҳо на танҳо дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ, балки ба инкишофи соҳаҳои муҳимми илм, аз қабили мантиқ, илоҳиёт, риёзиёт, тиб, ахлоқ, забоншиносӣ ва ғайра аҳаммияти вижа дорад.

Осори Форобӣ ва Ибни Сино дар дар инкишофи афкори исломӣ ва ғарбӣ чун сарчашмаи муътамад хидмат намудааст. Ҳамзамон чун

сарчашмаҳои инкишофи мактабҳои фалсафии ҷаҳони ислом, схоластикаи аврупоӣ ва даврони минбаъда баромад намуда, дар табодули фаҳангии тамаддунҳои Шарқу Ғарб мусоидат намудааст. Бесабаб нест, ки Сагадеев А.В. ба фаъолияти онҳо баҳои баланд дода, таъкид менамояд: «Инкишофи минбаъдаи машшоия ба номи Форобӣ ва Ибни Сино бастагӣ дорад».[207, с. 22] Донишмандони гуногуни шарқиву гарбӣ ба осору орои онҳо таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи онҳо андешаҳои бикре ироа намудаанд ва дар ғановати фалсафа саҳмгузорӣ намудаанд, ки омӯзишу баррасии онҳо рисолати донишпажуҳони имрӯза аст.

Омӯзиш ва таҳлили мероси илмии ин мутафаккирон нишондиҳандаи он аст, ки онҳо танҳо асосгузорони фалсафаи машшоияи шарқӣ набуда, балки пайвандгари тамаддунҳои шарқиву ғарбӣ, махсусан тамаддуни Юнони бостон ва тамаддуни шарқи мусулмон ба ҳисоб мераванд. Таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҳанӯз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёди шарқиву ғарбиро ба худ ҷалб намуда буд ва сарчашмаҳои сершуморе аз осору андешаҳои фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино истинод намуда, дар ин замина назариёти нав пешниҳод намудаанд, ки ифодакунандаи нақши онҳо дар инкишофи фалсафа аст. Ҳанӯз донишмандони асрҳои XII-XIII, ба мисли Байҳақӣ, Қифтӣ, Абеусайбия, Ибни Халликон ва Ибни Халдун нисбати ҳаёту фаъолияти илмии Форобӣ ва Ибни Сино андешаҳои арзишманд пешниҳод намуда буданд, ки барои шинохти симои воқеии ин мутафаккирон хеле муҳиманд. Хайруллоев дуруст қайд мекунад, ки далелҳое, ки дар китобҳои он мутафаккирон дарҷ шуда, ба замони Форобӣ ва Ибни Сино наздиктар аст, аз ин рӯ, онҳо нисбатан боварибахштаранд.[269, с. 70] Аммо нодида гирифтан нашояд, ки истифода аз чунин манбаъҳо барои равшан намудани афкори фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино арзишманд бошанд ҳам, вале муҳимтарин сарчашма таълифоти худи онҳо маҳсуб мешавад.

Баъзе сарчашмаҳое, ки ба таҳқиқи андешаҳои Форобӣ ва Ибни Сино

бахшида шудаанд, дар масоили гуногуне афкори ин ҳакимонро нақд мегиранд ва онҳоро рад менамоянд. Масалан, Ибни Халдун дар «Муқаддима»-аш барои равшантар кардани паҳлуҳои гуногуни масъалаи тавлид аз муъҷиза ва илҳом ҳадс мезанад ва назарияи «бақо»-и Форобиро рад намуда, ба навзодон илҳоми ом қоил аст: «илҳоми оме, ки барои навзодон ҳангоми рӯй овардан ба пистони модар даст медиҳад, ошкортарин гувоҳ бар вуҷуди илҳоми барои башар аст, зеро чигунагии иноятиздонӣ бузургтар аз он аст, ки битавон бар он иҳота ёфт ва аз ин ҷо ба бутлони ақидаи Форобӣ ва ҳукамои Андалус метавон пай бурд, ки дар ин хусус ба адами инқирози анвоъ ва муҳол будани инқитоъи маволид ва ба вижа навъи инсонӣ истинод карда».[7, с. 823]

Бояд гуфт, ки Форобӣ ба ин бовар буд, ки табиат худкор ва устувор аст ва дар низоми коинот «сиришти инсон аз он ҳайс, ки ин табиати хос аст, машмули олами кавну фасод нест..., аммо табиати шахсу бадани инсон машмули олами кавну фасод аст».[35, с. 176] Ибни Халдун бо ибораҳои «адами инқирози анвоъ» ва «муҳол будани инқитои маволид» манзураш аз байн нарафтани намудҳо ва ғайриимкон будани қатъ гардидани тавлиди мисл барои бақои биологӣ аст, ки дар фалсафаи асримиёнагӣ дар атрофи он баҳсҳои зиёде сурат гирифта буд. Ин баҳс асосан дар доираи масъалаи азалият ва абадияти олам ва занҷираи пайвастаи ҳаёт сурат мегирифт. Машшоиён, махсусан Форобӣ ва Ибни Сино, ба ин назар буданд, ки табиат худаш бақои инсонро кафолат медиҳад. Маҳз аз ин рӯ, онҳо нафси инсонро муҳдис, аммо фанонопазир меҳисобиданд. [35, с. 131]

Ибни Халдун назарияи «муҳол будани инқитои анвоъ»-ро рад карда, мегӯяд, ки табиат ба воситаҳо ниёз дорад ва бақои навъи инсон ба қонунҳои табиат вобаста аст. Ӯ чунин қайд карда: «Ибни Сино бо такаллуф ин назарияро рад кардааст, чи ӯ бо ақидаи мазбур мухолифат дошта ва аз аз он назария пайравӣ кардааст, ки инқитоъи анвоъ ва

вайронии олами таквин ва онгоҳ бозгашти онҳо бори дигар имкон дорад».[7, с. 824] Ин ҷо Ибни Халдун ишора мекунад, ки бо Ибни Сино дар ин масъала ҳамраъйанд, аммо таъкид менамояд, ки тариқаи истидлоли Шайхурраисро қабул надорад: «ҳарчанд мо бо ӯ (Ибни Сино. –А.Б.) дар мавзуи инқитоъи анвоъ мувофиқем, вале мувофиқати мо аз тариқе нест, ки вай ба он истидлол кардааст».[7, с. 824] Яъне Ибни Халдун ба далелҳои шаръӣ, ки дар асоси Қуръону ҳадис баён шуда, ба фоили мухтор (амалкунандае, ки амалаш бо хосту иродааш анҷом мегирад, на ночору маҷбурӣ. –А.Б.), вале далели Ибни Сино дар ин масъала ба истиноди афъол ба иллати муҷиба (нисбат додани амалҳо ба анҷомдиҳандаи онҳо ба сабабе, ки мавҷудияти маълулро ҳатмӣ ва зарурӣ мекунад. –А.Б.) асос ёфтааст. Аз ин мебарояд, ки Ибни Халдун мехоҳад тавассути усули худи ин мутафаккирон бар зидди онҳо иқдом намояд, ки нишондиҳандаи таҳти таъсири онҳо қарор гирифтан ва аз осори онҳо ғизои маънавӣ касб намуданаш аст.

Ҳарчанд Ибни Халдун дар баъзе мавридҳо бо Форобӣ ва Ибни Сино мухолифати ошкоро дорад, аммо дар масоили улуми ақлӣ, ки ба хотири дорои андеша будан барои инсон онро амри табиӣ ҳисобида, онҳоро «донишҳои фалсафӣ ва ҳикмат»[7, с. 972] меномад, мувофиқат дорад. Ӯ донишҳои ақлиро дар асоси яке аз низомҳои фалсафии муқаррарнамудаи Ибни Сино[11, с. 356-480] ба мантиқиёт, табииёт, илоҳиёт ва риёзиёт ҷудо мекунад ва мисли ин мутафаккирон риёзиётро илми «таолим» номида, онро дар навбати худ ба ҳандаса, арифметика, мусиқӣ ва ҳайат ҷудо мекунад, ки ифодакунандаи таҳти таъсири таълимоти ин мутафаккир қарор доштан ва дар заминаи осори ӯ эҷод намудани Ибни Халдун мебошад.

Таснифоти дар масъалаи риёзиёт анҷомдодаи Форобӣ бошад, каме аз таснифоти Синову Ибни Халдун дар ин масъала фарқ мекунад. Зеро Форобӣ дар фасли сеюми «Эҳсо-ул-улум», ки ба мавзуи риёзиёт бахшида шудааст, ин фаслро ба ҳафт бахш – улуми ҳисоб, ҳандаса, манозир (оптика),

нуҷум, мусиқӣ, асқол (илме, ки масоили физикӣ, амсоли вазну ҳаракатро баррасӣ мекунад) ва илми ҳиял (механикаи татбиқӣ) ҷудо мекунад. Инчунин дар ин фасл Форобӣ роҳҳои амалии риёзиро нишон дода, равиши дар санъат татбиқ намудани ин илмро бозгӯ мекунад,[34, с. 151] ки дар мусиқишиносии имрӯза низ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дорад ва Насириддини Тӯсӣ дар «Асос-ул-иқтибос» дар заминаи он таснифоти комилтаре анҷом дода аст. [258; 259]

Сарфи назар аз интиқоди шадид ҳакимони машшоӣ, усули улуми фалсафиро Ибни Халдун мисли Форобӣ аз мантиқиёт, риёзиёт, арифметика ё илми адад, ҳандаса, ҳайат, мусиқӣ, табииёт ва илоҳиёт[7, с. 973] иборат медонад. Ҷолиб аст, ки ӯ ба гузаштаи эрониёну римиён дар масоили улуми ақлӣ ва сиёсату тамаддун баҳои баланд медиҳад: «беш аз ҳама ду қавми бузург ба улуми ақлӣ (фалсафа) таваҷҷуҳ доштаанд ва онҳо эрониён ва румиён будаанд, ки бозори улум дар назди онон бар тибқи ахборе, ки ба мо расида, равнақу ривоҷ дошта аст, зеро умрони эшон ба ҳадди вуфур буда ва давлату салтанат пеш аз ислом ва ҳангоми зуҳури ислом ба онон ихтисос доштааст. Аз ин рӯ, дар шаҳрҳо ва навоҳии мутааллиқ ба эшон дарёи бекароне аз ин улум ёфт мешудааст».[7, с. 973]

Пас аз ёд намудани сарчашмаҳои аслии ташаккули улуми ақлӣ, интиқоли он ба ҷаҳони ислом ва саҳми мутафаккирони мусулмон дар инкишофи он Ибни Халдун ба масоили радду қабули афкори фалсафии донишмандони Мағриби атиқа бо назариёти мусулмонон пардохта, аз таълифи осори гаронарзиш ва таъсири онҳо дар инкишофи минбаъдаи фалсафа изҳори назар мекунад ва бо ифтихор аз кору пайкори бузургтарин олимони исломӣ чунин қайд менамояд: «аз бузургони эшон дар миллати ислом инон буданд: Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дар Машриқ ва Қозӣ Абдулвалид ибни Рушд ва вазир Абубакр ибну-с-Соиғ дар Андалус».[7, с. 976]

Фаробӣ аввалин мутафаккире буд, ки низоми мукаммали фалсафаи

сиёсӣ ва мантиқи Арастуро бо ҷаҳонбинӣ ва таълимоти исломӣ омезиш дод ва консепсияи давлатдории афлотуниро азнавсозӣ карда, заминаи фалсафаи сиёсии исломиро поягузорӣ намуд. Ибни Сино ин низоми фалсафии тарҳрезинамудаи Форобиро ба авҷи аъло расонида, низоми метафизикиеро ба вуҷуд овард, ки дар он масъалаи вуҷуду моҳият ба таври қатъӣ аз ҳам ҷудо карда шуд. Назарияи Ибни Сино дар бораи «Воҷиб-ул-вуҷуд», «муъдам-ул-вуҷуд» ва «имкон-ул-вуҷуд» дар фалсафаи исломӣ таҳаввулоте ба вуҷуд овард ва дар ҷаҳонбинии файласуфони мусулмон таъсири амиқ гузошт, ҳамзамон авитсенизм чун ҷараёни фалсафӣ дар Ғарб пайравони зиёде касб намуда, дар ташаккули фалсафаи асримиёнагии масеҳӣ низ нақши назаррас гузошт. Таълимоти фалсафиву мантиқии Форобӣ ва Ибни Сино баъдан ба тафаккури мутафаккирони ғарбӣ низ, ба мисли Алберти Бузург (1193-1280), Фомаи Аквинӣ (1225-1274), Роҷер Бекон (1214-1292), Раймунд Луллий (1235-1315), Леонардо Бруно (1370-1444), Спиноза (1632-1677), Лейбнитс (1646-1716), Эрнест Ренан (1823-1892), Этен Жилсон (1884-1978) ва ғайра таъсири амиқ гузошт.

Агар назарияҳои дар масоили Ибни Синоро бо назарияҳои сиёсии муосир муқоиса кунем, ҳамоҳангиҳои зиёдеро метавон дарёфт намуд, ки бузургии фикрии ӯро дар ин соҳа ифода мекунанд. Масалан, заминаҳои назариявии назарияи «Қарордоди иҷтимоӣ», ки дар таълимоти сиёсии Томас Гоббс, Ҷон Локк ва Жан-Жак Руссо ба вуҷуд омадааст, дар фалсафаи амалии Ибни Сино мушоҳида мешаванд. Зеро, чи тавре пештар ишора кардем, Ибни Сино мегӯяд, ки одамон бинобар эҳтиёҷоти муштарак ва барои пешгирӣ аз зулми якдигар ба созиш (қарордод) ва умумият ниёз доранд. Давлат ва қонун маҳсули ин зарурати якҷоя зиндагӣ кардан аст. Ин андеша дар таълимоти Локк ва Руссо низ мушоҳида мешавад, зеро онҳо давлатро маҳсули созиши одамон барои ҳифзи тартибот ва ҳуқуқ медонистанд.

Ё худ Ибни Сино таҳти мафҳуми «саноати арбоби мурувват» [12, с.30] ҷомеаи инкишофёбандаро ба се табақа ҷудо мекунад: ҳокимон, пешоварон ва муҳофизони тартиботи иҷтимоӣ, ки бо назарияи «функсионализм» шабоҳат дорад. Зеро мувофиқи ин назария ҷомеа ҳамчун як организми зинда тасаввур мешавад, ки ҳар як аъзо ё табақаи он вазифаи мушаххаси худро дорад. Ё Ибни Сино дар симои роҳбарон ҳукмрони мутлақи худхоҳро намебинад, балки онҳоро ҳамчун «инсоне, ки барои суннату адолат ҷорӣ кардан солеҳ аст», [19, с.440] яъне иҷрокунандаи қонун медонад. Ба ақидаи ӯ, қонун бояд бар хосу ом нуфуз дошта бошад ва ҳеҷ кас набояд аз муқаррароти он сарпечӣ кунанд. Ин назари Ибни Сино бо консепсияи муосири «давлати ҳуқуқбунёд» хеле наздик аст. Зеро мувофиқи ин консепсия принсипи волоияти қонун ҷузъи асосии давлатдорист ва чеҳраҳои аввали сиёсӣ низ дар он бояд мутеи қонун бошанд.

Тарҷумаи асарҳои Форобӣ ва Ибни Сино ҳанӯз дар асрҳои XII–XIII дар Аврупо ба роҳ монда шуда, донишмандони ғарбӣ шефтаи таълимоти онҳо гардида буданд. Масалан, асари «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ ва қисман китобҳои «Шифо» ва «ал-Қонун»-и Ибни Сино дар асри XII аз ҷониби тарҷумонҳои маъруфи мактаби тарҷумонии Толедои Испания Доминго Гундисалво ва Ҷерард де Кремона тарҷума шуда буд. Осори тарҷумавии Форобӣ ва Ибни Сино дар низоми таълимии донишгоҳҳои аввалини аврупоӣ, ба мисли Болоня ва Оксфорд таъсири босазо гузоштааст.

Аз муҳимтарин хидматҳои Форобӣ дар роҳи илм он аст, ки ӯ бо таҳияи низоми мушаххас мактаби мукаммали фалсафиро дар ҷаҳони ислом асос гузошт, ки минбаъд садҳо муҳаққиқону донишмандон таҳти таъсири он қарор гирифтанд ё дар заминаи он донишҳои наверо коркард намуда, дар ғановати илм саҳмгузорӣ намуданд. Дар ҷаҳони ислом таваҷҷуҳ ба фалсафа ҳамчун илм аз замони Ал-Киндӣ оғоз шавад ҳам, бо

таълимоти Форобӣ ташаккул меёбад ва бо осори Ибни Сино ба камол мерасад. Форобиро ҳанӯз дар ҳавзаҳои илмии замонаш чун файласуф ва Муаллими сонӣ ёд намудаанд. Дар ибтидо ӯ ба доираи баҳсҳои фалсафӣ тавассути тафсири осори Арасту ворид гардид ва тавонист мушкилоти зиёди норавшани таълимоти машшоияро бозгӯ кунад. Аз ин рӯ, муҳаққиқи мисрӣ Умар Фаррух Форобиро ноогоҳона танҳо муфассири осори Афлотуну Арасту ҳисобидааст. [262, с. 728]

Ҳарчанд Форобиву Ибни Сино пайрави як мактаби фалсафӣ-машшоияи шарқӣ буда, аксари сарчашмаҳои ба онҳо таъсиргузор муштараканд ва қариб дар як муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ парвариш ёфтаанд, аммо дар баробари мушобиҳати зоҳириву маъноӣ дар таълимоти онҳо тафовут низ зиёд мушоҳида мешавад, ки ба муҳити фарҳангӣ-адабии замонашон бастагӣ дорад. Агар ба масоили фалсафие, ки Форобӣ матраҳ мекунад, таваҷҷуҳ кунем, ба хубӣ дида мешавад, ки ӯ баёни муҷаз дошта, ба масъалагузориҳои мушаххас, аммо ба андозае чигилу ба ҳамагон дастнорас майл дорад. Ибни Сино бошад бештар ба шарҳи муфассали масоил ва равшанбаёнӣ таваҷҷуҳ мекунад. Масалан, Ибни Сино ба замми таснифи улуми фалсафӣ, ки дар боло ёд кардем, ба ташреҳи он низ пардохта, чунин ибрози назар намудааст: «Ғояи асосии фалсафаи назарӣ фақат иборат аз такмил додани нафс аст, ки танҳо бадонад. Аммо ғояи аслии фалсафаи амалӣ на фақат такмилёбии нафс барои донистан аст, балки барои он аст, ки донӣ ва бо он дониш чи бояд кунӣ, то ҳамон кунӣ. Пас ғояи фалсафаи назарӣ эътиқоди фикрист, на амалӣ. Ва ғояи амалия донистани ақидаест, ки дар амал ҷорӣ аст. Ва назария беҳтар аст, ки мансуби раъй ба дониста шавад».[13, с. 87]

Дар заминаи таҳлили осори дастраси муҳаққиқони гуногуни шарқиву ғарбӣ, ки ба омӯзиши фалсафаи Форобиву Ибни Сино иқдом намудаанд, метавон бардошт намуд, ки дар тарзи таълифи осори ин ду мутафаккир низ фарқият мушоҳида мешавад. Масалан, мувофиқи

нишондоди муҳаққиқи маъруфи араб Иброҳим Мадкур, дар аснои таълифи «Китобу-ш-шифо» Ибни Сино «дар назди худ мароҷееву сарчашмаҳое надошт»,[13, с. 22] ки чунин таҷриба дар аснои таълифоти осори Форобӣ мушоҳида намешавад. Ин мазмун дар «Рисолаи саргузашт» низ ба ривояти шогирди Шайхурраис чунин баён шудааст: «Дар ин кор (таълифи масоили асосии «Китобу-ш-шифо» –А.Б.) ду рӯз машғул шуда, масъалаҳои асосиро пурра, бидуни китобе, ки пеши худ ниҳад ва асле, ки бад-он мурочиат кунад, аз ёд ва аз дил навишт».[9, с. 163] Аммо дар ин гуфтор як нозукие ҷой дорад, ки аксари муҳаққиқони Ибни Сино, бо шумули Иброҳим Мадкур, ба он таваҷҷуҳ накардаанд. Ҷузҷонӣ ин ҷо дар ду рӯз навиштани масоили асосиро ёд кардааст, ки он албатта нақшаи таълифи рисола ва тарҳи масъалаҳо будааст. Зеро дар идомаи матн омадааст, ки «Сипас, Шайх он ҷузвҳоро дар пеши худ ниҳода, ... дар ҳар масъалае менигаристу шарҳашро менавишт».[9, с. 163]

Форобӣ, чи тавре қаблан ишора шуд, ба мисли аксари файласуфони замонаш афкори фалсафиро печидаву мармуз тавре ироа менамуд, ки асосан мутааллиқони соҳа метавонанд аз моҳияти аслии он огоҳ шаванд. Ӯ муътақид буд, ки ҳикмат ва дастрасӣ ба моҳияти он кори хосон аст. Ин равиши Муаллими сонӣ низ ифодакунандаи таҳти таъсири муҳити фарҳангиву адабии замонаш қарор гирифтани ӯст. Зеро Форобӣ дар шароите зистааст, ки руҳониён ба фалсафа диди мусбӣ надоштанд ва оммаро зиди он таҳрик медоданд. Аз ин рӯ, Форобӣ кӯшиш мекард, ки руҳониён бо шумули омма аз асрори фалсафа огоҳ набошанд. Аммо, бар хилофи ӯ, Ибни Сино кӯшидааст мафҳумҳои фалсафиро возеҳу равшан баён намуда, ба харҳашаҳои лафзӣ ва суханбозӣ, ба истиснои чанд асари рамзиаш, ба мисли «Рисолат-ут-тайр», «Ҳай ибни Яқзон» ва «Саломон ва Абсол»[24] таваҷҷуҳ накардааст.

Ин равиши таълифи Форобиву Ибни Сино ба донишмандони

минбаъда, ҳатто мухолифонашон таъсири ҷиддӣ расонидааст. Масалан, Ғаззолӣ дар баъзе осораш, аз ҷумла «Таҳофут-ул-филосифа»,[101] «Ал-Мунқиз мин-аз-залол»,[102] «Мақосид-ул-фалосифа»[103] ва Ибни Халдун дар «Муқаддима»[7]-аш ҳарчанд ба таълимоти фалсафии Форобиву Ибни Сино бо диди интиқодӣ бархӯрд мекунанд, аммо аз ин усул роҳат истифода кардаанд.

Осори Форобиву Ибни Сино аз даврони фаъолияташон то имрӯз чун сарчашмаҳои муътамади илмӣ дар миёни аҳли маърифат қадру манзалати олие касб намуда, аз ҷониби ҳазорон муҳаққиқони гуногун ва пайравону мухолифонашон таҳлилу ташреҳу изофот ёфтаанд, ки дар ташакули минбаъдаи фалсафа нақши калидӣ доранд. Мутаассифона, аз баъзе осори онҳо танҳо ном мондаасту халос, ки дар навиштаҳои худашон, ё дар сарчашмаҳои баъдӣ ба онҳо ишора мешавад. Аммо осори пойбарҷойи онҳо, аввалан, кам нест, сониян, таъсироте, ки гузоштаанд бо ҳеҷ адиби дигар қобили мукоиса нест. Бузургтарин файласуфони минбаъдаи мусулмон ҳамон равиши онҳоро пазируфтаанд. Ба таъкиди муҳаққиқи тоҷик Ниёзӣ, «Баъд аз нақду маҳдудияти Муҳаммад Ғазолӣ аз илмҳои фалсафӣ дар доираи улуми динӣ Насириддини Тӯсӣ донишманде буд, ки таснифи илмҳоро он тарзе ки машшоиёни шарқӣ, махсусан Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино тасниф карда буданд, идома дод».[343, с. 26]

Таълифоти Форобӣ дастраси донишмандони манотиқи гуногуни дунё гардида, сабаби ба вуҷуд омадани андешаҳои мухталиф гардидааст. Дар қариб тамоми осори Форобӣ «як навъ кӯшиши муназзам намудани донишҳои фалсафӣ»[309, с. 105-106] мушоҳида мешавад. Махсусан, дар «Эҳсо-ул-улум», «Ҷавоб ба масъалаҳое, ки аз онҳо пурсида шуд», «Китоб фи-л-мантиқ-ил-ибора», «Ал-мантиқиёт», «Китоб ал-ҳуруф», «Дар дониши илоҳиёт», «Исботи мавҷудоти муҷаррад», «Ас-самоъ ат-табиӣ» ин шеваи амал равшантар мушоҳида мешавад. Яке аз маъруфтарин

асарҳои Форобӣ, ки назариёти он чун сарчашмаи илҳоми аксари файласуфони минбаъдаи олами ислом қарор гирифтааст, «Эҳсо-ул-улум» мебошад, ки дар он муаллиф кӯшидааст, илмҳои маъмули замонашро баршуморад ва ба онҳо таърифи мушаххас дода, зарурати таълим ва манфиатҳои онҳоро баён намояд, ки таҳти таъсири он донишмандони шарқӣ асарҳои зиёде навиштаанд, ки маъруфтаринашон «Ҷавомеъ-ул-улум» (Донишномаи илмҳо)-и Шаъё ибни Фариғун, «Рисолаҳои Ихвон-ус-сафо» (ин асар шомили 52 рисола буда, аз ҷониби якчанд олим навишта шудааст, мутаассифона, номи муаллифон маълум нест.–А.Б.), «Мафотиҳ-ул-улум» (Калиди илмҳо)-и Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуф Котиби Хоразмӣ, «Китоб-уш-шифо»-и Абуалӣ ибни Сино, «Иршод-ул-қосид ило асно-ил-мақосид» (Роҳнамоии хабаррасон ба сӯйи мақсадҳо)-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Соид Ас-Санҷорӣ Ал-Акфонӣ, «Муқаддима»-и Ибни Халдун, «Мифтоҳ-ус-саода ва мисбоҳ-ус-сиёда» (Калиди хушбахтӣ ва чароғи роҳнамо)-и Тош Куброзода, «Кашф-уз-зуннун ан асоми-ил-кутуби ва-л-фунун» (Ошкор намудани гумонҳо андар номҳои китобҳо ва илмҳо)-и Мустафо Абдуллоҳ, маъруф ба Ҳоҷӣ Халифа, «Кашшофу истилоҳот-ил-фунун» (Бозкунандаи истилоҳоти илмҳо)-и Мавлавӣ Муҳаммадаъло ибни Алии Таҳонавӣ ва «Абҷадият-ул-улум» (Алифбои илмҳо)-и Сиддиқ Ҳасанхон мебошанд.

Дар масъалаи таъсири «Эҳсо-ул-улум» ба муҳаққиқони соҳаҳои гуногун олимони зиёде ибрози назар намудаанд. Масалан, соли 1932 Фармер бо номи «Таъсири «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ бар нависандагони таърихи мусиқӣ дар Аврупои Ғарбӣ» мақолае навист, ки дар Лондон ба нашр расид. Дар ин мақола чанд куҳантарин нусхаҳои «Эҳсо-ул-улум» бо нусхаи тарҷимаи лотинии ин асар муқоиса шуда, натиҷагирӣ шудааст, ки ин нусхаҳо аз ҳам фарқ доранд ва зарурати чопи интиқодии он ба миён омадааст[34, с. 51]. Мутаассифона, сарфи назар аз шуҳрати зиёд, то ҳол

дар ҳавзаҳои илмии мо чопи интиқодии «Эҳсо-ул-улум» ва дигар осори Форобӣ низ сурат нагирифта ва асарҳои ин мутафаккир ба қадри зарурӣ омӯхта нашудааст. Агар дар ин масъала осори Форобиву Ибни Синоро ба ҳам муқоиса кунем, нисбатан осори Шайхурраис дар ҳавзаҳои илмии мо маъмултар ва тарҷумаву нашри он низ бештар сурат гирифта аст.

«Эҳсо-ул-улум яке аз аввалин осори ҳакимони Шарқ аст, ки дар асрҳои миёна дар Ғарб тарҷума ва интишор ёфт. Чи тавре пештар ишора кардем, ҳанӯз дар ибтидои асри XII мелодӣ «Эҳсо-ул-улум» дар Аврупо чандин маротиба тарҷума шуда буд, ки муҳимтарини онҳо тарҷумаи мансуб ба Ҷерард де Кремона (тахмин солҳои 1114-1187 мелодӣ) аст, ки бо нусхаҳои арабии он мувофиқ аст: «Асари Форобӣ «Эҳсо-ул-улум» дар нимаи аввали асри XII дар Толедои Испания аз ҷониби Доминго Гундисалво ва сипас ба таври дақиқтар ва мукаммалтар аз рӯи нусхаҳои аслии арабӣ аз ҷониби Ҷерард де Кремона ба забони лотинӣ тарҷума шуд»[106, с.112] ва дар асоси он баъдан соли 1932 Анхел Гонзалес Паленсия дар Мадрид матни интиқодии «Эҳсо-ул-улум»-ро, дар муқоиса бо матни арабӣ ва тарҷумаҳои лотинии он нашр кард.

Форобӣ аз аввалин мутафаккирони олами Ислом аст, ки равиши тадриси илми мантиқро чун илми алоҳида ва муҳим роҳандозӣ намуд ва ғояи ин илмро дарёфти маърифат ва ҳақиқат ҳисобида, онро муҳимтарин василаи дарки фалсафа унвон кард. Ӯ равиши омӯзиш ва истифодаи мантиқу талаботи қонуниятҳои умумии тафаккурро низ хуб кор карда баромадааст, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии намояндагони баъдинаи машшоияи шарқӣ хусусан ва ҳакимони шарқӣ умуман, муассир буда, дар рушди минбаъдаи соҳа нақши калидӣ дорад. Махсусан, дар қисмати мантиқи «Эҳсо-ул-улум» мутафаккир тавонистааст корҳои бунёдие анҷом диҳад ва мафҳумҳои марбут ба фалсафаву мантиқро моҳирона таҳлил ва таҳқиқ намояд. Ба андешаи ӯ, «Синоати мантиқ, ба таври умумӣ,

қавонинеро ба даст медиҳад, ки пайравӣ аз онҳо боиси истиқомати хирад мегардад ва дар мавориде, ки мумкин аст дар баъзе аз маъқулот барои одамӣ иштибоҳе пеш ояд, ӯро ба роҳи дуруст ва ҳақиқат раҳнамун мешавад»[33, с. 51]. Форобиро аксари муҳаққиқони осори ӯ аз нахустин мантиқиёни ҷаҳони ислом ҳисобидаанд. Масалан, Хайруллоев М. Дар ин маврид чунин қайд менамояд: «Форобӣ аз аввалин намояндагони фалсафаи асримиёнагии арабзабон мебошад, ки масоили мантиқиро муттасил дунболгирӣ намуд ва тавассути он дар Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна чун бузургтарин донишманди мантиқдон маъруфият касб намуд»[269, с. 144].

Муҳаққиқони маъруфи араб Ҳанно ал-Фохурӣ ва Халил Ҷар дар асари «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ»-ашон ҷузъҳои мантиқро, ки Форобӣ аз мақулот, иборот, қиёс, бурҳон, ҷадал, хитоба ва шеър иборат медонад, [280, с. 409-410] муфассал таҳлил менамоянд. Аз муҳтавои навиштаҳои онҳо бармеояд, ки низоми мантиқии Форобӣ таҳкурсии фалсафа ва мантиқи исломиро гузошт ва ин тасниф дар таълимоти мантиқии машшоиёни минбаъдаи шарқӣ бо баъзе тағйироти ҷузъӣ мушоҳида мешавад ва донишмандони зиёди шарқиву ғарбӣ, амсоли Ибни Сино (980-1037), Ибни Рушд (1126-1198*)*, Ибни Боҷҷа (тақрибан 1085-1138*)*, Ибни Туфайл (тақрибан 1105-1185*)*, Насириддини Тӯсӣ (1201-1274*)*, Алберти Бузург (1193-1280), Фомаи Аквинӣ (1225-1274), Роҷер Бекон (1214-1292), Раймунд Луллий (1235-1315) аз ин сарчашма ба таври васеъ истифода намуда, онро инкишоф додаанд. Ин далели равшани нақш доштани осори Форобӣ дар ташаккули фалсафа аст.

Умар Фаррух таълимоти мантиқии Форобиро таҳлил намуда, қисматҳои гуногуни мавзуии онро бо мантиқи Арасту муқоиса мекунад ва ба хулосае омадааст, ки он ба таври мутлақ шарҳи мантиқи арастуӣ мебошад [262, с. 352-376]. Ё Сагадеев А.В. дар асари «Ибн-Сина

(Авиценна)»-аш зербобе таҳти унвони «Ду Форобӣ» дорад, ки мушобиҳати маъноии таълимоти ин ду мутафаккирро тасдиқ мекунад. Аммо таҳқиқот нишон медиҳад, ки чунин баҳогузорӣ дуруст нест, зеро Форобӣ масоили мухталифи мантиқии арастуиро дар осори худ истифода намуда, онҳоро шарҳ дода бошад ҳам, назариёти гуногуни ин соҳаро эҷодкорона инкишоф дода, тавонистааст заминаи қавие дар масоили бурҳону қиёс ва дигар қисмҳои мантиқ гузорад. Ҳарчанд мантиқи Форобӣ дар асоси мантиқи Арасту шакл гирифтааст, аммо аз навгониҳо холӣ нест, ки муҳимтарин ҷанбаи арзишии фаъолияти олимро бозгӯ мекунад. Форобӣ масоили мантиқии мухталифи арастуиро дар осори худ истифода намуда, онҳоро шарҳ дода бошад ҳам, назариёти гуногуни ин соҳаро эҷодкорона инкишоф додааст. Масалан, дар масъалаи қиёс Форобӣ навгониҳое дорад, ки дар таҳқиқи худи Умар Фаррух қайд гардидааст: «Форобӣ қазияҳои шартиро муфассал баррасӣ намудааст, ки дар мантиқи Арасту дида намешавад»[262, с. 282]. Ё Форобӣ дар асоси қазияҳои содаи ҳамлӣ, ки дар таълимоти Арасту низ ҷой дорад, қазияҳои мураккаби шартиро ба вуҷуд овард, ки дар ҷаҳони ислом комилан нав буд [310, с. 44-45]. Ин навгониҳо муҳимтарин хусусияти кори илмиро таъмин намуда, Форобиро на танҳо чун шореҳ, балки ба сифати олими асили соҳаи мантиқ муаррифӣ мекунад.

Дигаре аз муҳаққиқони араб, ки дар шинохти фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино корҳои мондагор намуда, Ҳусайн Алӣ Маҳфуз (1926–2009) мебошад, ки китоби маъруфи дар ин самт таълифнамудааш «Абунаср Ал-Форобӣ фӣ ал-мароҷиъ ал-арабийя» (Абунасри Форобӣ дар сарчашмаҳои арабӣ) ва «Таъсири ниёкони Ибни Сино дар тиб ва адабиёт» ном дошта, дар шинохти ҳаёт, афкор ва осори Форобӣ ва Ибни Сино аз муҳимтарин ва арзишмандтарин асарҳои пажуҳишӣ ба шумор мераванд. Ҳусайн Алӣ Маҳфуз яке аз бузургтарин шарқшиносон, адибон ва матншиносони асри

ХХ ироқӣ буда, забони форсиро ҳам хуб медонист ва ба унвони илмии профессорӣ низ расида буд. Ӯ забон ва адабиёти форсиро ба хубӣ медонист ва соли 1955 рисолаи доктории худро дар Донишгоҳи Теҳрон таҳти унвони «Таъсири ниёкони Ибни Сино дар тиб ва адабиёт» ҳимоя карда буд[366].

Ҳусайн Алӣ Маҳфуз дар таълифи ин китобҳо аз сарчашмаҳо, тазкираҳо, китобҳои тарихӣ ва фалсафии зиёде истифода намудааст, ки дар онҳо дар бораи Форобӣ ва Ибни Сино, ҳаёту фаъолияти онҳо, андешаҳо ва асарҳояшон маълумот дода шудааст. Ҳамзамон Ҳусайн Алӣ Маҳфуз андешаҳои донишмандони дигар, ба мисли Ибни Халликон, Ибни Надим, Ибни Абиусайбиа ва ғайраро, ки нисбати ин донишмандон баён намудаанд, дар ин асарҳояш ҷамъоварӣ намуда, онҳоро таҳлилу баррасӣ мекунад. Маҳфуз аъзои фахрии чандин академияҳои илмии ҷаҳон буд ва барои шиносонидани мероси илмии мутафаккирони мо Форобӣ ва Ибни Сино заҳматҳои фаровон кашидааст. Дар заминаи китоби «Абунаср ал-Форобӣ фӣ ал-мароҷиъ-ил-арабийя»-и таълифнамудаи ӯ ҷашнвораҳои байналмилалии Форобӣ дар Ироқ ва кишварҳои дигар ба вуқуъ пайвастанд, ки ҷанбаи дигари хидматҳои ӯ дар маърифати симоии воқеии Форобиро бозгӯ мекунад.

Ҳарчанд китоби «Абунаср ал-Форобӣ фӣ ал-мароҷиъ-ил-арабийя»-и Ҳусайн Алӣ Маҳфуз як намунаи олии таҳқиқоти илмӣ мебошад ва дар бораи Форобӣ маълумоти арзишманд додааст, аммо аз нуқсонҳои ҷиддӣ низ орӣ нест. Зеро Маҳфуз дар ин асар ба масъалаи миллат ва ҳувияти Форобӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, аз дидгоҳи фарҳангӣ ва забонӣ ба он баҳо додан ва собит кардан мехоҳад. Азбаски Маҳфуз ин китобро дар заминаи осори бо забони арабӣ дар бораи Форобӣ навишташуда таълиф намудааст, ба муайян намудани асолати миллии ӯ чандон майл надорад. Ӯ назари муҳаққиқи асри XIII Ибни Халликон ва баъзе таърихнависони дигарро, ки дар заминаи насаби бобои Форобӣ Тархон асли ӯро туркӣ

медонанд, қайд намуда, онро он қадар боварибахш намеҳисобад, ки дуруст аст. Вале назари муҳаққиқони ба даврони Форобӣ наздиктар, ба мисли донишманди асри X Ибни Надимро, ки дар «Ал-Феҳрист»-аш қайд намудааст, ки Муаллими сонӣ табори эронӣ дошт ва падараш аз баландрутбагони низомии Сомониён буд, ки баъдан ба минтақаи Фороб кӯчида буданд ё назариёти донишманди асри XIII Ибни Абуусайбиаяро бо вуҷуди иқтибос овардан ба назар намегирад. Аз дидгоҳи ӯ, Форобӣ комилан дар муҳити илмӣ ва фарҳангии арабӣ ба камол расида, тамоми осори худро ба забони арабӣ навиштааст. Маҳфуз таъкид мекунад, ки Форобӣ дар асарҳояш ҳатто як калимаи ғайриарабиро ба таври устувор истифода набурдааст ва сохтори фикрии ӯ комилан бо забони арабӣ ташаккул ёфтааст. Маҳфуз барои тақвияти андешаи худ, ки ба турку тоҷик будани Форобӣ тамоюл нишон намедиҳад, дар ин баҳс бештар ба ҳадис ва назарияи «Уммати исломӣ» такя мекунад, ки мувофиқи он: «ҳар кас, ки ба арабӣ сухан гӯяд, ӯ араб аст».[133, с. 203] Аз ин рӯ, ӯ Форобиро араб меҳисобад ва ҳамчун намоянда ва бунёдгузори асосии тамаддуни исломӣ ва арабӣ муаррифӣ мекунад, ки ҳувияти илмияш бар қавмияташ бартарӣ дорад. Баҳси асолати қавмии Форобӣ худ ифодакунандаи ҷойгоҳи илмии мутафаккир дар ҳавзаҳои мухталифи илмии ҷаҳон буда, нақши ӯро дар ташаккули фалсафа бозгӯ мекунад.

Аз ҷониби баъзе пажӯҳандагону ноширони осори Форобӣ на танҳо ба ҳувияти милливу нажодии ӯ дасткорӣ шуда, балки баъзе асарҳояш низ ном иваз намудаанд. Масалан, ноширони асри XX худсарона яке аз асарҳои мутафаккирро, ки дар муқаддимааш бештар ва дар таркиби матни он низ ибораи «таҳсил-ус-саодат» такрор ба такрор омада, бо ин ном нашр кардаанд. Дар маъруфтарин феҳристҳое, ки осори Форобӣ баршуморида мешаванд, аз ҷумла «Феҳрист»-и Ибни Надим, ки аз муосирони ӯст, аз номи ин асар нишоне нест ва нусхаҳои хаттии қадимаи мавҷудаи он низ беунвонанд. Муҳаққиқони дигаре низ, ба мисли Соиди Андалусӣ ва Ибни

Абиусайбия, ки ба масъалаҳои китобшиносӣ дахл намудаанд ва ба замони Форобӣ нисбатан наздиктаранд, аз номи ин асар ёд намекунанд. Танҳо дар чопҳои нав дар соли 1345 ҳ. дар матбааи Ҳайдарободи Ҳиндустон ин асар бо номи «Таҳсил-ус-саодат» ба нашр расидааст.[37, с. 7]

Ибни Сино низ дар ташаккули илму маънавиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми назаррасе гузоштааст. Агар ба таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ кунем, кам донишмандонеро дучор меоем, ки мисли Ибни Сино бо маҳсули илмӣ ва адабии худ солиёни зиёде боз аҳли маъниро мафтуну мадюни худ гардонида бошанд. Аз замони зиндагонии ин нобиға то имрӯз атрофи ном ва арзиши корҳои илмии ӯ баҳсу мунозираҳо идома дорад ва рӯзи 23-юми соли 2026 таҳти рақами 1180 таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи тиб аз ҷониби Пешвои миллат далели равшани гуфтаҳои болост. Ҳамзамон ин фармон нишондиҳандаи он аст, ки Ибни Сино чун рамзи маърифатпарварии миллати тамаддунофари тоҷик дар ҳавасманд намудани олимони имрӯза барои пешрафти илми ҷаҳонӣ саҳм дорад ва симои маънавии ӯро боз ҳам бошукуҳтар ба ҷилва меорад.

Ибни Сино аз ҷумлаи он мутафаккирони бузургест, ки дар ҳавзаҳои илмии мухталифи дунё пазируфта шуда, мақбули хосу ом гардидааст. Осори гаронарзиши ӯ дар соҳаҳои гуногуни илм навгониҳои зиёде ба вуҷуд оварда, то имрӯз қимати маънавии худро бо сарбаландӣ ҳимоя мекунад. Донишмандони сершумори Шарқу Ғарб таҳти таъсири афкори ӯ қарор гирифта, аз усулу равиши пешгирифта ва низоми фалсафии матраҳнамудаи ӯ ғизои маънавӣ касб намуда, нисбати орову афкори ӯ андешаҳои гуногуне пешниҳод намудаанд.

Шуҳрати илмии Ибни Сино ва нубуғи фикрии ӯ боис гардид, ки ҳанӯз дар даврони зиндагиаш ва минбаъд мутафаккирону олимони бузурге дар пайравии ӯ асарҳое эҷод намуданд ва ӯро устоди худ хонданд. Аз ҷумла, яке аз файласуфони маъруф ва фақеҳони шинохтаи замони Сино

Абуабдуллоҳи Маъсумӣ ӯро устоди худ мешуморад [250, с. 37-38]. Донишманди шаҳире ба мисли Берунӣ, ки айбу нуқсони фалсафаи табииёти арастуиро мекӯшид ислоҳ намояд ва аз муосирону ҳамкорони Шайхурраис аст, масоили муғлақу душворфаҳмро ба Сино ҳавола мекард. Ибни Сино ва Берунӣ, ки ҳар ду зодаву парвардаи муҳити бонаҷобати Сомониён буда, бори аввал дар дарбори ин давлати фарҳангмеҳвар мулоқот намудаанд ва минбаъд дар «Фарҳангистони Маъмун»-и Хоразм ин ду донишманди бузург аз соли 1004 то 1012, анқариб ҳашт сол дар аҳди хоразмшоҳии Абулҳасан Алӣ ибни Маъмун ва бародараш Абулаббос Маъмун ибни Маъмун дӯстиву ҳамкорӣ доштанд ва борҳо Берунӣ ифтихори мусоҳиба доштанашро бо Ибни Сино ёд намудааст. Ё файласуф, мунаҷҷим, муҳандис, риёзишинос ва табиби машҳури Италия Ҷироламо Кордано (1501-1576) дар асари «Роҷеъ ба ҳаёти худам» Ибни Синоро мураббиву муршиди худ шуморида гуфтааст: «Ҳамаи андешаҳоям аз они худи ман набуда, балки аз они Ибни Сино мебошанд». [49, с. 18]

Таъсири Ибни Сино ба бисёре аз муҳаққиқони баъдӣ, ки ба осору афкори ӯ таваҷҷуҳ намудаанд, ба ҳаддест, ки назари интиқодиашонро низ ба орои ӯ мувофиқ кардан мехоҳанд, ки далели раднопазири нақши мутафаккир дар ташаккули фалсафаи минбаъда аст. Камоли илмии Ибни Сино ба андозае буда, ки қариб аз тамоми осори олимони маъруфи замонаш огоҳӣ дошт ва нисбати арзиши илмии онҳо баёни андеша намудааст. Масалан, Абулфараҷ Абдуллоҳ ибни Таййиб, ки аз донишмандони маъруфи даврони Сино буд, аз ҷониби ӯ мавриди нақди илмӣ қарор гирифтааст. Сино малакаву маҳорати тиббии Ибни Таййибро меписандад ва таъриф менамояд, аммо нуқсонҳои дониши фалсафиву мантиқ ва риёзиашро бо далелҳои мушаххас нишон медиҳад. Чунончи дар ҷое мефармояд: «...ёфтаем кутубе чандро, ки Абулфараҷ ибни Таййиб дар тиб нигошта, онҳоро... писандидаем, ба хилофи тасонифе, ки дар мантиқу

табииёт ва порае аз риёзӣ намудааст».[235, с. 81] Ё Сино рисолаи «Қуввои табиия»-ашро ба муқобили «Мақолат фи-л-қувват-ил-арбаа»-и Абулфарағ навишта, [33, с. 48] ки ифодакунандаи дониши амиқи ӯ аз осори муосиронаш аст. Ин равиши Ибни Сино низ дар ташаккули тафаккури интиқодии донишмандони гуногуни ҷаҳон бо сароҳат мушоҳида мешавад.

Баъзе аз муҳаққиқони осори Ибни Сино ба «Рисолаи саргузашт»-и мутафаккир хурдагирӣ намуда, муаллифи онро ба худситоӣ айбдор мекунанд. Аз ҷумла, ибораи «ғаразҳои ин китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман кушода шуданд»,[9, с. 157-158] ки дар «Рисолаи саргузашт»-и мутафаккир омада, ба худписандии муаллифаш ҳамл мекунанд. [290, с. 520] Баъзеи дигар баръакс онро эътирофи нубуғи фикрии Форобӣ аз ҷониби Ибни Сино меҳисобанд. [297, с. 184] Масалан, Ибни Сино худ дар «Рисолаи саргузашт» ба ин нукта ишорати равшан дорад ва бо таҳният ба дарку фаҳми Форобӣ ва ҳусули манфиат аз бардошти ӯ менависад, ки вақте дар мантиқ, риёзиёт ва табииёт тавоно шудам, ба омӯзиши илоҳиёт шуруъ кардам ва китоби «Мо баъд-ут-табиа»-ро чиҳил маротиба такрор ба такрор хондам, аммо нафаҳмидам. Баъди чанде барои хайрхоҳӣ ба муҳтоҷе китобашро аз бозор харидам ва дидам, ки «Фи ағрози китоби Мо баъд-ут-табиа»-и Форобӣ будааст. Баъди хондани он «дарҳол ғаразҳои ин китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман кушода шуданд».[9, с. 157-158]

Дар ин масъала муҳаққиқон назари ягона надоранд ва баъзе ин ишораи Ибни Синоро ба пинҳон намудани худписандии мутафаккир ҳамл мекунанд. Масалан, Ё. Ниёзӣ бо такя ба пажуҳиши Тайсир Шайхуларз ба ин назар аст, ки «Қиссаи китоби «Мобаъдуттабиа»... воситаи наҷот буд аз барои пӯшонидани муболиғаҳояш, зеро Ибни Сино худаш дар ин ҷо дарк кард, ки ҳудуди воқеиятро шикастааст».[187, с. 107] Яъне, ба назари ин муҳаққиқ, Ибни Сино ба таърифу тавсифи худ аз меъёр бештар машғул гардидааст.

Аммо сарфи назар аз ин, Ибни Сино бо нубуғи фикриву таълимоти серқирраш на танҳо фалсафаи машшоиро ба авҷи аъло расонд, балки тавассути тарҷумаҳои лотинии осораш ба низоми фикрии мутафаккирони Ғарб таъсири босазое расонида, чун ситораи тобноки осмони илм дар фурӯзон намудани қитъаҳои гуногуни торики ҷаҳони башарӣ хидматҳои бедареғ намудааст. Дар муҳити илмии Аврупои асримиёнагӣ осори Ибни Сино аз нуфузи хосе бархурдор буд. Ба қавли академик А.Турсунов: «Дар байни аввалин китобҳое, ки дар Аврупо чоп шудаанд (соли 1473), «ал-Қонун»-и ӯ низ буд; минбаъд тарҷумаи лотинии ин қомуси илмҳои тиб боре чанд аз нав нашр гардид».[257, с. 33] Ин асари ӯ то асри XIX китоби рӯимизии бузургтарин табибони ҷаҳон буд ва «дар университети немис воқеъ дар Йена то худи қарни XVIII илми тибро аз рӯйи китоби Ибни Сино дарс медоданд».[257, с. 34] Академик А.Турсунов барои исботи нуфузи илмии Ибни Сино ва «ал-Қонун»-и ӯ дар ҳавзаҳои илмии аврупоӣ далели қонеъкунандае меорад: «Дар бораи то чи андоза баланд будани дараҷаи нуфузи илмии «ал-Қонун»-и Ибни Сино ҳукм кардан як ба роҳнамои тибие рӯй овардан кофист, ки дар қарни XV дар Италия интишор ёфтааст: Дар он китоб номи Бӯалӣ бештар аз 3000 маротиба зикр шудааст ва ҳол он ки ба Букрот барин табиби маъруфи юнонӣ ҳамагӣ 140 маротиба истинод рафтааст».[257, с. 33]

Донишмандони маъруфу соҳибмактаби ғарбӣ, ба мисли Алберти Бузург, Фомаи Аквинӣ, Роҷер Бэкон, Боэтсийи Дакиййӣ, Рене Декарт, Спиноза, Лейбнитс, Дунс Скот, Кант ва ғайра аз осори Ибни Сино фаровон истифода бурдаанд. Масалан, Алберти Бузург дар асарҳои ба масоили табиатшиносӣ ва метафизика бахшидааш аз осори Ибни Сино фаровон истифода бурда, ӯро «шоҳи файласуфон»[244, с. 88; 113] мехонд. Дар низоми фалсафии Алберти Бузург, ки дар таърихи фалсафа ҳамчун яке аз асосгузорони схоластикаи доминиканӣ дар Аврупои асримиёнагӣ шинохта мешавад, назариёти «имконият» ва

«зарурат»-и Ибни Сино ҷойгоҳи хос дорад. Масалан, Алберти Бузург дар яке аз муҳимтарин асарҳояш таҳти унвони «Метафизика», ки дар заминаи шарҳу тафсири метафизикаи Арасту ва илоҳиёти мутафаккирони мусулмон рӯйи кор омодааст, бо такя ба «Китоб аш-шифо»-и Ибни Сино тафовути бунёдии «вуҷуд» (esse) ва «моҳият» (essentia)-ро қабул карда, ба мисли Шайхурраис ба ин назар аст, ки мавҷудот дар зоти худ «мумкин» ҳастанд ва барои ба вуҷуд омадан ба як сабаби зарурӣ, яъне ба Худо ниёз доранд. Дар вақти баррасии табиати офариниш, фарқ кардани табиати Худо аз махлуқот ва робитаи Холиқу махлуқ низ Алберти Бузург истилоҳоти Ибни Синоро дар бораи «зарурат» ва «имконият» истифода мебарад. [373]

Фомаи Аквинӣ низ ҳарчанд бо ҳама назариёти ба масоили теологӣ бахшидаи Ибни Сино ҳамфикр набуд, вале таълимоташро дар асоси сохтори мантиқӣ ва фалсафии Шайхурраис инкишоф додааст. Эме Форе яке аз муҳаққиқони барҷастаи таълимоти Фомаи Аквинӣ асари «Хулосаи илоҳиёт»-и ӯро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки беш аз 250 маротиба мутафаккир аз Ибни Сино иқтибос оварда аст,[372] ки нишони эҳтирому эътирофи ӯст. Ҳамзамон Фомаи Аквинӣ панҷ бурҳони вуҷуди Худо– далели аввал ба ҳаракат, далели дуюм ба масъалаи сабабият, далели сеюм ба фаҳмиши зарурат ва тасодуф, далели чаҳорум ба тасаввурот дар бораи камолоти ҷаҳон ва далели панҷум мақсаднокӣ ва дорои низоми муайян доштани ҷаҳон иртибот дорад, асоснок намуд,[56, с. 80-81] ки бо назариёти бурҳонии дар ин мавзуъ матраҳнамудаи Ибни Сино хеле наздик аст.

Файласуфи маъруфи англис ва асосгузори усули таҷрибӣ дар Аврупо Роҷер Бэкон дар қисмати дуюми «Асари бузург»-аш, ки таҳти унвони «Робитаи байни фалсафа ва илоҳиёт» ёд мешавад, Ибни Синоро бузургтарин файласуф пас аз Арасту навишта, таъкид мекунад, ки барои расидан ба моҳияти амиқи мафҳумҳои фалсафӣ бояд забони арабӣ ва

осори Ибни Синоро омӯхт.[97, с. 862-877] Ба назари ин ҷониб, Роҷер Бэкон ба он хотир ба ин хулоса расидааст, ки дар замони ӯ осори ба забони лотинӣ тарҷумашудаи Арасту ва Ибни Сино нуқсонҳои зиёд дошт. Аз ин рӯ, Бекон ба ин назар буд, ки барои дарки дурусти мафҳумҳои фалсафӣ забони арабиро, ки қариб тамоми осори Арасту ба он тарҷума шудааст, бояд донист. Инчунин Роҷер Бэкон фалсафаи Ибни Синоро, ки дар заминаи таълимоти арастуӣ шакл гирифта, бештарашон бо забони арабӣ навишта шуда буданд, чун меъёри маърифати фалсафӣ пазируфта буд. Ҳамзамон Бэкон таъсири мустақим аз назарияҳои дар бораи нур ва оптика ироанамудаи Ибни Ҳайсам ва Ибни Сино гирифтааст ва худаш низ онро эътироф мекунад ва борҳо дар ин масъала ба «Китоб-уш-шифо»-и Ибни Сино истинод мекунад.

Бэкон дар соҳаҳои гуногуни илм, ба мисли фалсафа, кимиё, астрология, математика, физика, астрономия ва ғайра низ машғул шуда, дар ташаккули табиатшиносӣ саҳми назаррас гузаштааст. Ҳарчанд Бэкон санҷиши таҷрибиро муҳим мешуморид, аммо нисбати дониши ақлонӣ чандон таваҷҷуҳ накардааст. Ба дониши ақлонӣ бетаваҷҷуҳии Бэкон бо усули таҳқиқи Ибни Сино мувофиқ набошад ҳам, таносуби фалсафа ва илоҳиётро омӯхта, онҳоро ба ҳам оштӣ додан хостанаш бо фаъолияти Форобиву Ибни Сино айният дорад. Ба қавли Бэкон, таҷриба, дониш, фалсафа ба эътиқод бо ҳам зиддият надоранд, зеро онҳо натиҷаи ваҳйи Худовандӣ мебошанд ва миёни онҳо танқузе нест. [179, с. 112; 248, с. 175]

Яке аз назарияҳои пешниҳоднамудаи Роҷер Бэкон дар масоили ҷисмҳои табиӣ чунин буд, ки ҳар як ҷисми табиӣ аз худ қувва ё энергияе хориҷ мекунад, ки ба муҳити атроф таъсир мерасонад. Таҳлили осори Ибни Сино нишон медиҳад, ки ин андешаи Бэкон бо афкори дар ин масъала дар «Табииёт»-и «Китоб-уш-шифо»-и Шайхурраис матраҳнамуда бисёр наздик аст. Зеро олимони аврупоӣ то Бэкон нурро мафҳуми руҳонӣ ё сирф риёзӣ меҳисобиданд. Вале Бэкон дар заминаи

таълимоти Ибни Сино дар ин масоил ба хулосае омада буд, ки нур суръати мушаххаси баланде дорад, ки онро бо чашми оддӣ мушоҳида кардан ғайриимкон аст ва он сифати ҷисм буда, метавонад ба чизҳо таъсири физикӣ расонад. Чи тавре пештар қайд кардем, Сино аз мунаққидони ашаддии назарияи шуоъи Афлотун буд, ки мувофиқи он чашм нуре истихроҷ менамояд ва ба ин васила ашё мушоҳида мешавад. Ибни Сино баръакс иддао мекард, ки қувваи босира сурати ашёро қабул намуда, идроки сурати чиз мекунад. Дар заминаи таҳлили далелҳои физикӣ ва анатомие, ки Ибни Сино намуда буд, Роҷер Бэкон назарияи «ашё инъикоскунандаи нур»-и Ибни Синоро рад намуда, асоси оптикаи муосирро гузошт.

Бэкон дар раванди таҳлили сохтори чашм ва қуваи босира ба олимони гуногуне рӯй оварда, назариёти онҳоро таҳлил намуда буд, аммо аз миёни онҳо ӯ ба Ибни Сино таваҷҷуҳи хос дошт. Дар аснои тасвири сохти чашм Бэкон бештар ба асарҳои тиббии Ибни Сино, аз ҷумла китоби «ал-Қонун» такя намуда, масъалаҳои гуногуни марбут ба оптикаро баррасӣ намуда, ин таҷрибаҳоро дар сохтани аввалин линзаҳои калонкунанда истифода намуд. Муносибати Бэкон ба осору орои Ибни Сино хусусияти методологӣ дорад, зеро дар натиҷаи ин гузариш аз оптикаи абстрактӣ ба оптикаи физикӣ ба вуқуъ пайваст ва заминаи мусоиде барои ихтирои телескоп ва микроскоп дар даврaҳои баъдӣ фароҳам омад.

Дар осори Боэтсийи Дакиӣ дар масъалаи қадим будани олам ба Ибни Сино борҳо истинод шудааст. Махсусан, дар фалсафаи табиӣ Боэтсий ҷонибдори ҳамеша будани ҳаракат ва модда буда, ин мавқеи Ибни Синоро пайгирӣ мекунад ва ратсионализми ӯро инкишоф медиҳад. Дар масоили эмонатсия низ Боэтсий аз усули метафизикии синоӣ истифода мекунад. [94, с. 260-278]

Дунс Скот низ дар масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, махсусан

метафизика ва маърифатшиносӣ, аз Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ карда, баъзе андешаҳои Шайхурраисро қариб бетағйир барои бунёди низоми фалсафии худ истифода бурдааст, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо бо ӯ ихтилофи назар ҳам доштааст. Дунс Скот ба мисли Ибни Сино мавзуи метафизикаро илм дар бораи «вуҷуд» ҳисобида, бо назариёти пешвоёни схоластика, ки мавзуи метафизикаро бештар ба Худо ва ҷавҳарҳо рабт медоданд, мухолифат намудааст. Ӯ назари моҳиятии Ибни Синоро пазируфта, ба натиҷае расид, ки моҳият дар худии худ на куллӣ аст ва на ҷузъӣ, балки як чизи бетараф аст, ки метавонад ҳам дар зеҳн ва ҳам дар хориҷ аз он вуҷуд дошта бошад. Ҳамзамон Дунс Скот далелҳои худро барои исботи вуҷуди Худо дар асоси мафҳуми «Воҷиб-ул-вуҷуд» пешниҳод намудааст, ки он комилан бо назариёти дар ин мавзуъ ироанамудаи Ибни Сино мувофиқ аст. Ӯ таъкид мекунад, ки «фарзи имкони нестии Воҷиб-ул-вуҷуд ғайриимкон аст».[145, с. 45]

Дар фалсафаи ғарбӣ Кант якчанд истилоҳот ва категорияҳои тозае ворид кард, ки муҳимтарини онҳо дониши априорӣ (то таҷрибавӣ) ва «апостериорӣ» (дониши баъди таҷрибавӣ) мебошанд. Дар таърихи фалсафа яке аз муҳимтарин дастовардҳои илмии Кант маҳз шаклгирии консепсияи маърифатшиносии ӯ дар заминаи назарияи априористиаш ба ҳисоб меравад. Тавассути ин назария Кант мехост исбот намояд, ки асоси тобатаҷрибӣ на танҳо дар хирад, балки дар ҳиссиёт низ мавҷуд аст. Ин назарияи Кант дар таърихи фалсафаи нави Аврупо сабаби таҳаввуллоти фикрии зиёде гардиданд, ки сарчашмаи онро метавон дар фалсафа ва мантиқи Форобӣ ва Ибни Сино низ дарёфт намуд. Зеро ин мутафаккирон таҳти мафҳуми истилоҳи «бадеҳӣ» донишҳоеро дар назар доштанд, ки барои дарк кардани онҳо ба фикр кардан, далел овардан ва исбот кардан зарурате нест. Дар мантиқи Форобӣ ва Ибни Сино он тавассути истилоҳи «аввалиёт» ва «зарурииёт» ифода шуда, ба чизҳое нисбат дода мешавад, ки дар аввалин мартабаи ақл, бе ҳеҷ василае дарк мешаванд ва он

донишест, ки барои инсон қабулаш ҳатмист.

Ҳарчанд масъалаҳои қиёс дар мантиқи давраи Нави Аврупо ба таври усулӣ дигар шуд, аммо ҳаргиз ин маънои онро надорад, ки осори дар ин мавзуъ таълифнамудаи Арасту, Форобӣ, Ибни Сино ва дигар донишмандони ин соҳа камарзиш шуда бошад. Воқеан, андешаҳои Форобиву Ибни Сино, ки дар мавзуи қиёс баён шудаанд, бо афкори донишмандони давраи Наву Навини Аврупо, ки усули дедуктивии арастуиро танқид мекарданд, пурра мутобиқат намекунад. Дар ин давра муҳаққиқоне, ба мисли Френсис Бекон (1561-1626), Рене Декарт (1596-1650), Ҷон Стюарт Милл (1806-1873) ва дигар таҷрибагароёне, ки қонуниятҳои қиёси арастуӣ ва пайравони онро танқид менамуданд, муътақид буданд, ки қиёс дониши нав намедиҳад, зеро матлаб дар яке аз муқаддимаҳо ифода шудааст ва зарурат ба натиҷа нест. Дар ин сурат он арзиши илмиашро аз даст медиҳад. Аксари мантиқиёни давраи Наву Навини Аврупо мантиқи индуктивӣ ё татбиқиро ҷонибдорӣ менамуданд ва онро ҷойгузини мантиқи қиёси дедуксионӣ донистанд.

Вале, ба ҳар навъ, дар мантиқи муосир низ қиёс арзишманд буда, як қисмати таркибии ин илмро ташкил медиҳад ва донишмандони гуногуни ғарбӣ дар солҳои охир ба пажуҳиши мероси мантиқӣ ва фалсафии Форобӣ ва Ибни Синоро машғуланд, ки ифодакунандаи нақши файласуфони мо дар ташаккули фалсафаву мантиқи ғарбист. Масалан, яке аз мантиқиёни маъруфи британиёӣ Тони Дерри қиёси шартии мантиқи Ибни Синоро муфассал таҳқиқ кардааст ва ӯро аз нобиғаҳои ин соҳа меҳисобад. Ё Даг Свенсон низоми мантиқии мутафаккирони моро бо мантиқи муосири рамзӣ муқоиса намуда, ба арзиши баланди илмӣ доштани он қоил аст.

Сабаби аслии чунин нақд гирифтани баъзе мантиқиёни ин давраи Нави Аврупо ба таври мутлақ аз Арастуву пайравони ӯ дар он аст, ки «онҳо аз мероси арзандаи мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик дар соҳаи

мантиқ бехабар буданд».[232, с. 28-29] Маврид ба зикр аст, ки дар таълимоти Ибни Сино масъалаи қиёс ба таври васеъ таҳлил мешавад ва «қариб тамоми масъалаҳои назарияи хулосаи илми мантиқи ҳозираро дар бар мегирад».[92, с. 117]

Илова бар он ки Ибни Сино дар масоили гуногуни илмӣ, ба мисли фалсафа, мантиқ, ситорашиносӣ, тиб, кимиё, психология ва ғайра дасти расо дошт ва ба онҳо навгониҳо ворид намудааст ва дар ташаккули ин илмҳо нақши босазо дорад, ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик: «асосгузори навъи бадеии рубоиёти фалсафӣ» [116, с. 123] меҳисобанд. Рубоиёти фалсафии Ибни Сино сарчашмаи илҳоми ҳакимони рубоисарои минбаъдаи тоҷик гардид. Аммо миёни як гурӯҳи ками муҳаққиқони Ибни Сино андешае ҳам вуҷуд дорад, ки ӯ рубоиёте надорад ва онҳо ба ӯ нисбат дода шудаанд. Ин гурӯҳ, бо сабаби дар девони шоирони дигар, ба мисли Умари Хайём, Афзалуддини Кошонӣ ва дигарон низ мушоҳида шудани рубоиёте бо шаклу мазмуни рубоиҳои Ибни Сино, рубоисароии ӯро зери шубҳа гузоштаанд.

Яке аз онҳо шарқшиноси шинохтаи олмонӣ Карл Ҳерман Эте (1844-1917) мебошад, ки як қисмати умдаи фаъолияти ӯ ба омӯзиш ва тарҷумаи осори манзуми адибони тоҷик, амсоли Фирдавсӣ, Қазвинӣ ва Сино бахшида шудааст. Эте дар Аврупо аз аввалинҳо шуда ба тарҷума намудани рубоиёти Ибни Сино иқдом карда буд. Ӯ соли 1875 мақолае таҳти унвони «Ибни Сино ҳамчун шоири ғиноии форс» чоп намуд ва дар он понздаҳ рубоии Ибни Синоро ҳамчун намунаи ашъори форсии мутафаккир ба забони олмонӣ тарҷумаву таҳлил намуд. Дар ин мақола дар заминаи муқоисаи матни онҳо бо матни рубоиҳои шоирони дигар ба хулосае омад, ки ин рубоиҳо ба Ибни Сино тааллуқ надоранд ва даричаи шубҳа ба рубоисаро будани Шайхурраисро ба рӯйи ояндагон боз кард.

Баъдтар яке аз ҳамкорони Эте шарқшинос ва адабиётшиноси маъруфи англис Эдвард Гранвил Браун (1862-1926), ки «умри худро сарфи

ҳифз, тарҷума ва таҳлили амиқи адабиёти классикии форсӣ карда»,[359] дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон»-аш ин масъаларо дар заминаи ин баҳс матраҳ намуда, ба шеъри форсии Ибни Сино шак мекунад. Браун қайд мекунад: «Ибни Сино гузашта аз мақолот ва кутуби илмӣ ва фалсафӣ ба гуфтани шеър низ тафаннун мекард. Мусташриқи олмонӣ Ҳерман Эте мақолае таҳти унвони «Ибни Сино ба унвони шоири ғиноии Эрон» мунташир сохта, дар он 15 рубоиро ба вай нисбат дода аст. Бо ин ҳама, баррасиҳои интиқодӣ ва матншинохтӣ нишон медиҳад, ки тақрибан тамоми ин рубоиёт дар девонҳои шуарои дигар, бавижа Умари Хайём ва Бобоафзали Кошонӣ низ омадаанд... Бисёр душвор аст, ки битавон бо қатъият гуфт, ки кадом яке аз ин ашъор ҳақиқатан таровиши қалами худи Шайхурраис аст, чаро ки сабки ин рубоиёт бештар бо шеваи сухансароии қуруни шашуму ҳафтуми ҳичрӣ шабоҳат дорад, то бо асри Ибни Сино».[95, с. 142] Браун барои тақвияти фикраш рубоии машҳури «Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал...»-ро оварда, таъкид мекунад, ки аз назари сабк ва замони зуҳур ба давраи фаъолияти Ибни Сино мувофиқат намекунанд. Адабиётшинос ва синошиноси бузурги эронӣ Саид Нафисӣ ва Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб ва иддае аз матншиносони эронӣ низ ин назарияро пуштибонӣ намудаанд ва баъзе рубоиёти Ибни Синоро мансуб ба ӯ донистаанд.

Шубҳаи баъзе муҳаққиқоне, ки шеъри тоҷикии Ибни Синоро тардид менамоянд, донишмандони мо Ҳусейнзода Ш. ва Шарифов Х. нодуруст ҳисобида, таъкид мекунанд: «Хеле баид менамояд, агар шахсе шеъри ғаррои арабӣ гӯяд, насри фасеҳи тоҷикию арабӣ дошта бошад, дар суҳбатҳои адабӣ иштирок намояд, дар муҳити шеъру адабпарвари онвақтаи Бухоро ба камол расида ва бо вуҷуди ин ҳама шеъри тоҷикӣ нагуфта бошад» [286, с. 55].

Баъзе муҳаққиқони фалсафаи Ибни Сино, ба мисли Анри Корбен, Сайид Ҳусайни Наср, Муҷтабо Зореъӣ, Артур Владимирович Сагадеев ва

ғайра ба ин назаранд, ки мутафаккир дар охирҳои ҳаёташ ба ирфону тасаввуф низ майл кардааст. Онҳо дар заминаи осори рамзии Ибни Сино, ба мисли «Ҳай ибни Яқзон», «Рисолаи тайр» ва қисмати «Фи-л-баҳҷати ва-с-саодати» (Дар бораи шодмонӣ ва саодат.–А.Б.) ва «Фи мақомот-ил-орифин» (Дар бораи мақомҳои орифон) аз «Ишорот ва танбеҳот»-и мутафаккир ба хулосае омадаанд, ки ӯ ба ирфон низ алоқамандӣ нишон додааст. А. Корбен ӯро «аз поягузорони анъанаи ирфони фалсафӣ»[58, с. 168] ҳисобидааст. Сайид Ҳусайни Наср ба ҷанбаҳои тасаввуфи ботинӣ таваҷҷуҳ намудани ӯро тасдиқ дорад. [186, с. 35-42] Муҷтабо Зореъӣ дар заминаи «Фи мақомот-ил-орифин»-и Шайхурраис ба хулосае расидааст, ки «Ишорот ва танбеҳот» охирин асари фалсафии мутафаккир аст ва ин қисмати асар бозгӯкунандаи он аст, ки ӯ дар охирҳои умр ба ирфон майл кардааст. [131] А.В. Сагадеев низ ишора мекунад, ки дар осори даврони пеш аз вафоти Ибни Сино унсурҳои ирфонии ӯ қавитар мешавад. [218, с. 222]

Аммо иддае аз муҳаққиқон, ба мисли Димитри Гутас ва Мусо Диноршоев диди дигартар доранд. Академик Мусо Диноршоев дар масъалаи аз маслаки машшоия дур шудани Ибни Сино дар охирҳои умраш, ки иддае аз муҳаққиқони Шайхурраис ба ин назар гароиш намудаанд, таҳқиқоти судманд анҷом дода, дар заминаи муқоиса намудани қисматҳои гуногуни осори мутафаккир, махсусан «Ҳикмати машриқия» бо дигар асарҳои фалсафиаш ба натиҷае мерасад, ки «фалсафаи Ибни Сино дар ин асар низ монанди дигар осори ӯ, на ирфону ишроқ, балки машшоияи шарқӣ аст».[156, с. 76]

Ба назари ин ҷониб, нодида гирифтан ҳам нашояд, ки воқеан Ибни Сино ба фалсафаву ирфон низ таваҷҷуҳ намудааст.

Хулоса, таҳлили мероси илмии Форобӣ ва Ибни Сино нишон медиҳад, ки онҳо танҳо асосгузорони фалсафаи машшоъияи шарқӣ набуда, балки пайвандгари тамаддунҳои шарқиву ғарбӣ, махсусан

тамаддуни Юнони бостон ва тамаддуни исломӣ ба ҳисоб мераванд ва дар ташаккули фалсафаи манотиқи мазкур саҳми бориз гузоштаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муҳити шуҳрату интишори фалсафаи Форобӣ бо вуҷуди иқтидори қавии фикрӣ дар таъсиргузорӣ нисбати фалсафаи Ибни Сино маҳдудтар аст. Зеро таъсири орои фалсафии Форобӣ бештар дар доираи ҷаҳони ислом маҳдуд гардидааст, аммо таъсири ҳикмати Ибни Сино ин марзҳоро убур намуда, дар осори муҳаққиқони Аврупову Африқо инъикос гардидааст ва китобҳояш ба забонҳои зиёде тарҷума шуда, дар барномаи таълимии донишгоҳу донишкадаҳои гуногуне роҳ ёфтааст. Таълимоти фалсафиву мантиқии онҳо ба тафаккури мутафаккирони минбаъдаи мусулмон, ба мисли Ибни Рушд, Ибни Боҷҷа, Ибни Туфайл, Насириддини Тӯсӣ, Ғаззолӣ, Ибни Халдун ва ғайра таъсири амиқ гузошта аст. Ҳатто мухолифони онҳо, ба мисли Газзоливу Ибни Халдун таҳти таъсири онҳо дар ғановати минбаъдаи фалсафа саҳми бориз гузоштаанд. Дар заминаи таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино назариёти фалсафии донишмандони маъруфи ғарбӣ низ, ба мисли Алберти Бузург, Фомаи Аквинӣ, Роҷер Бекон, Раймунд Луллий, Леонардо Бруно, Спиноза, Лейбнитс, Эрнест Ренан, Этен Жилсон ва дигарон ташаккул ёфтааст.

Мушаххас карда шуд, ки Фаробӣ аввалин мутафаккирест, ки низоми мукаммали фалсафаи сиёсӣ ва мантиқи Арастуро бо ҷаҳонбинӣ ва таълимоти исломӣ омезиш дода, консепсияи давлатдории афлотуниро азнавсозӣ карда, заминаи фалсафаи сиёсии исломиро гузошт ва Ибни Сино ин низоми фалсафии тарҳрезинамудаи ӯро ба авҷи аъло расонид.

Ин ду мутафаккир бори аввал масоили мутафизикиро бо мантиқи илмӣ даромехтанд, ки ин раванд боиси гузариши тафаккури асримиёнагӣ ба давраи Эҳё ва шаклгирии методологияи муосири илмӣ дар ҳар ду ҳавзаи фарҳангӣ гардид ва дар заминаи назариёти онҳо донишмандон, махсусан муҳаққиқони Ғарб, кашфиёте намуданд, ки манзари ҷаҳонро

барои мухаққиқони минбаъда дигаргун намуд. Чуноне ки Роҷер Бэкон дар заминаи омӯзиши назариёти синоии нур ва рад намудани он, асоси оптикаи муосирро гузошт.

Дар заминаи таҳқиқи осори манзуми Ибни Сино масоили гуногуни адабиётшиносӣ инкишоф ёфт, донишмандони шарқиву ғарбӣ дар ин росто баҳсҳои фаровони илмӣ намуда, ҷанбаҳои мухталифи норавшани ин соҳаро равшан намуданд ва як гурӯҳи мутахассисони соҳа Шайхурраисро чун муассиси рубоиёти фалсафӣ дар таърихи адабиёти тоҷик пазируфтаанд.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ дастовардҳои илмии зерин муайян карда шуданд.

1. Густариши фалсафа дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба омилҳои гуногуне вобаста аст, ки муҳимтаринашон: дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI давлатҳои нисбатан мустақил ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа суботи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа таъмин гардида, илм дар ҷомеа мақом пайдо намуд ва заминаҳои институтсионалии инкишофи фалсафа ба вуҷуд омад. Шаҳрҳои нисбатан бузургтарири Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои IX-XI ба марказҳои илмӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта, муҳити созгоре барои мубодилаи фикру андеша дар миёни ҷомеа ба вуҷуд оварданд, ки дар натиҷа, фалсафа аз доираи фаъолияти инфиродӣ фаротар рафта, ба касби иҷтимоӣ мубаддал гашт, ки ин низ аз омилҳои асосии инкишофи ин илм дар ин давра аст. Дар заминаи дастрасӣ бо осори донишмандони форсии қадиму миёна, юнонӣ, римӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ ва ғайра олимони маҳаллӣ ба фалсафаи классикӣ ошноӣ пайдо намуданд, ки омезиши фарҳангҳоро ба вуҷуд оварда, боиси инкишофи фалсафа гардид. Муҳити илмиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон боиси ба низом даромадани донишҳои фалсафӣ дар ин минтақа шуд, ки дар ин саҳми мутафаккирон, махсусан Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино бештар аст, зеро онҳо аз аввалин файласуфони ҷаҳони ислом буданд, ки илмҳои фалсафиро муназзам сохта, забони фалсафиро ба таври мушаххас роҳандозӣ намуданд ва бо кӯшиши Ибни Сино фалсафа аз қолаби арабӣ берун оварда шуд ва ҳазорҳо истилоҳоти илмӣ бо забони тоҷикӣ сохт, ки он заминаҳои мустаҳками инкишофи фалсафаро гузошт. **[1-М], [2-М], [3-М], [27-М].**

Сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино гуногун бошанд ҳам, дар ин миён фалсафаи Афлотуну Арасту, навафлотуния ва анъанаҳои мазҳабии зардуштия, яҳудия, масеҳия ва ислом низ ҷойгоҳи хос доранд ва метавон ба таври зер чунин натиҷагирӣ намуд: метафизика ва

таълимоти сиёсии ҳарду мутафаккир асосан дар заминаи назарияи эйдоси Афлотун шакл гирифтаанд; бунёди методологии таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино дар асоси мантиқу фалсафаи Арасту ташаккул ёфта, он ба фалсафаи ин ду мутафаккир шакли мантиқӣ ва низом бахшида бошад ҳам, онҳо тавонистанд бо ворид кардани навгониҳо ва мутобиқ намудани он бо афкори замонашон консепсияи нави фалсафӣ коркард намуда, дар заминаи таълимоти навафлотуния ҳарду мутафаккир ба мутобиқ гардонидани фалсафаву дин иқдом намуданд ва Форобӣ консепсияи «файз» ва Ибни Сино марҳилаҳои вуҷудро коркард намуданд; ҳарчанд омилҳои яҳудия ва масеҳия бевосита дар афкори мутафаккирони мо ба назар нарасанд ҳам, аммо унсурҳои гуногуни назарияи офариниш, тавҳид, ваҳй, нубувват, муҳокимаҳои метафизикии донишмандони ин мазҳабҳо бо роҳҳои мухталиф, махсусан тавассути тарҷума ва муҳити фарҳангӣ ба онҳо таъсир гузоштааст. **[1-М], [2-М], [3-М], [12-М].**

Таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино сарчашмаи ягона надошта, дорои машраби мухталифе мебошанд, ки дар баъзе масъалаҳо бо ҳам мувофиқати комил надоранд. Муҳимтарин сарчашмаҳои ташаккули фалсафаи Форобӣ ва Ибни Синоро ба замми таълимоти афлотуниву арастуӣ, навафлотуния ва ориёӣ инчунин ақоиди исломӣ низ ташкил медиҳанд ва онҳо дар муайян намудани мазмуну моҳияти фалсафа, ҳастишиносӣ, назарияи маърифат, тасаввурот оид ба ҳастии мутлақ, таснифи илмҳо, истифодаи мақулоти фалсафӣ, мушаххас сохтани мавзуи метафизика, масоили ахлоқ, сиёсат ва усули таҳқиқу сохтори осорашон асосан аз равиши ин мактабҳои фалсафӣ истифода намудаанд. Баъзе аз ин сарчашмаҳо, ба мисли таълимоти фалсафии Афлотуну Арасту, навафлотуния ва ҳикмати исломӣ таъсироти назаррастару бевосита гузоштаанд, чун мафҳумҳо ва мавзуъҳои асосии баҳсҳои онҳо аз бисёр ҷиҳат ҳамоҳангӣ доранд. Инчунин таъсири сарчашмаҳое низ, ба монанди таълимоти фалсафии ориёитаборон дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино бо сароҳат эҳсос мешаванд, ҳарчанд онҳо ба мисли таълимоти фалсафии Юнони бостон ва асримиёнагии шарқӣ пуртаъсир

нестанд. **[1-М], [2-М], [3-М], [10-М], [12-М], [13-М], [27-М].**

Ақоиди фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино ҳарчанд мушобиҳати зиёди шакливу маъноӣ доранд, аммо тафовути ҷавҳарӣ низ дар онҳо мушоҳида мешавад. Форобӣ дидаву дониста андешаҳои фалсафии худро пардапечона, бо рамзу роз баён намудааст, ки моҳияти онро танҳо аҳли ҳикмат пай бурда тавонанд. Ибни Сино бошад, мекӯшид, ки бо ибороти фаҳмову сода афкорашро баён кунад. Форобӣ дар масоили зиёди фалсафӣ меъёри воқеиятро афкори ҳакимони юнонӣ, махсусан андешаҳои Афлотуну Арасту меҳисобид, Ибни Сино бошад, танҳо ҳамон андешаҳои ҳакимони юнониро мепазируфт, ки исботи мантиқӣ дошта бошанд ва дар тарозуи ақл бигунҷанд. Форобӣ бештари афкори фалсафиашро бо такя ба Афлотуну Арасту баён намудааст, дар ҳоле ки Ибни Сино барои дарёфти ҳақиқат ба ақлу мантиқ такя мекард, на ба андешаи ҳакимон. **[1-М], [10-М] [14-М] [15-М].**

2. Дар ҳастишиносии асримиёнагӣ Форобӣ ва Ибни Сино аз навоварону назарияпардозон ва муассисони фалсафаи навин буда, масъалаҳои матраҳнамудаи онҳо минбаъд мавзуи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегарданд. Ибни Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф мустағнӣ ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад. **[1-М], [4-М], [5-М], [6-М], [13-М], [18-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино барои маърифати ҳастӣ истилоҳоте, ба мисли

«мафҳум», «моҳият» ва «шакл»-ро истифода бурда, маъноҳои онҳоро ба таври ҷудогона баррасӣ намудаанд. Мафҳуми ҳастӣ, ба назари онҳо, шакли андеша аст, ки мавҷудияти моддиро дар зеҳн инъикос мекунад. Он натиҷаи тафаккури ақлӣ буда, василаи маърифати воқеӣ аст. Моҳият бошад, ҳақиқати чиз аст, ки бо ҷавоби суоли «ин чист?» айният дорад. Агар Форобӣ ба масоили мантиқии ин мавзуъ таваҷҷуҳи бештар дошта бошад, Ибни Сино робитаи онро бо ҳастии воқеӣ нишон медиҳад. **[1-М], [2-М] [16-М], [17-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино ҳаракатро яке аз сифатҳои мавҷудияти модда меҳисобанд. Аммо Форобӣ дар заминаи баррасии масоили марбут ба ақл ба вуҷуд омадан, аз байн рафтан ва таҳаввулотро низ ҳаракат меҳисобад. Пас ӯ ҳаракатро ҳамчун низоми космологӣ таҳлил намуда, онро танҳо ба ҷисм маҳдуд намекунад, балки унсури сохтории тартиби ҳастӣ меҳисобад ва замонро ҳамчун натиҷаи ҳаракати афлок пазируфта ба қадим будани он қоил аст. Форобӣ дар ин масъала асосан ба таълимоти арастуӣ такя менамояд, ки бо он равиш сабабҳои аслии ҳаракатро мушаххас карда наметавонист. Аммо бисёр ҷанбаҳои норавшани онро бо далоили мантиқӣ тавонистааст равшан намояд, ки ҳама гуна тағйироту инкишофро ҳамчун ҳаракат баррасӣ намудани ӯ аз ин ҷумла аст, ки дар фалсафаи муосир низ арзишманд мебошад. Инчунин, ӯ тавонист муайян намояд, ки ҳаракати ҷисм дар ҳолати беҳавоӣ сифати табииашро гум мекунад ва ба таъсири беруна нигаронида мешавад. **[1-М], [20-М], [24-М].**

3. Нуктаҳои умдаи таълимоти Форобӣ дар бораи ҳаракат, замон, макон, робитаи онҳо бо ҳаюлову ҷисмҳои моддӣ, ҳамзамон азаливу абадӣ будани онҳо дар ин мавзуъ мушаххас гардид. Форобӣ ҳама гуна тағйироту инкишофро дар доираи мақулаи ҳаракат баррасӣ намуда, ба ин назар аст, ки он ибтидо ва интиҳои замонӣ надорад ва дар маҷмуъ ҳаракатро ба чаҳор қисм – вазъӣ, маконӣ, миқдорӣ (каммӣ) ва сифатӣ (кайфӣ) ҷудо мекунад. Ӯ ҳарчанд ҳаракати ҷавҳариро намепазирад ва муътақид аст, ки ҳаракат дар ҷавҳари ашё вуҷуд надорад, аммо ҳаракоти дохилии ашёро эътироф карда, онро ба табиӣ ва

нафсонӣ ҷудо мекунад. **[1-М], [24-М].**

Инчунин Форобӣ зимни таҳлили мавзуи ҳаракат кӯшидааст мазмуну моҳияти ҳаракатҳои мустақим ва навъҳои он, ҳаракатҳои табииву иродӣ, иттифоқӣ ва амсоли онҳоро, ки дар таълимоти Арасту мушоҳида мешаванд, равшан намояд. Мутафаккир вуҷуди замону маконро ба ҳастии ҳолоти ҳаракати ҷисмҳо ва маҳалли онҳо вобаста дониста, макони мутлақан холиро қабул надорад ва замонро низ моддӣ ҳисобида, муътақид аст, ки агар ҳаракат набошад, замон низ нест. **[1-М], [20-М], [24-М].**

Ибни Сино низ ҳаракатро арази зотии ҷисмҳо меҳисобад ва аз аввалин намояндагони машшоияи шарқист, ки шаклҳои ҳаракатро ба тафсил таҳлил намуда, онҳоро тақсимбандӣ намудааст. Мувофиқи тақсимоти ӯ, ҳаракат ибтидоан ба се қисм ҷудо мешавад. Дар тақсими аввал гузариш аз қувва ба феъл ба назар гирифта мешавад, ки бо таснифоти Фороб мувофиқат дорад ва он фарогири чор шакли ҳаракат – маконӣ, вазъӣ, миқдорӣ ва сифатӣ аст. Дар тақсими дувум ҳолатҳои ҳаракат ё сарчашмаи зуҳур ба назар гирифта мешавад ва дар навбати худ шомили ҳаракатҳои аразӣ, касрӣ ва табъӣ мебошад. Дар тақсими сеюм ниҳод ва сифоти ҳаракат ба назар гирифта мешавад, ки ҳаракоти даврӣ ва мустақимро фаро мегирад. Ин таснифоти Ибни Сино ҳарчанд бо назариёти ба масоили ҳаракат марбути Форобӣ монандӣ дошта бошад ҳам, мутафаккир кӯшидааст навъҳои ҳаракат ва сарчашмаи зуҳури онҳоро дақиқ нишон диҳад ва дар ҳалли ин масъалаҳо саҳми назаррас гузошта аст. Ҳаракату замону маконро Ибни Сино мисли модда қадим меҳисобад. Ӯ муътақид аст, ки замон миқдори ҳаракат мебошад ва ҷонибдори назарияи нисбияти замон аст. Макон низ ба монанди ҳаракату замон хосияти ҷисм ва шарти моддии ҳаракат аст. Мутафаккир кӯшидааст, ки ба воситаи субути ҳастии воқеии макон, робитаи онро бо замону ҳаракат исбот намояд. **[1-М], [20-М], [24-М].**

Дар навъҳои ҳаракат ва робитаи он бо сабаб низ дар таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино ҳамоҳангӣ мушоҳида мешавад. Ҳар ду мутафаккир ба анвои маконӣ, сифатӣ ва миқдории ҳаракат қоиланд ва муътақиданд, ки ҳар ҳаракат

сабабе дорад ва бе ҳаракатдиҳанда он ба вуқуъ намеояд. **[1-М], [20-М], [24-М].**

4. Назарияи ҷавҳар ва араз дар ҳастишиносии Форобӣ ва Ибни Сино тавассути равиши метафизикӣ равшан карда мешавад. Ҳарду мутафаккир дар миёни ҷавҳару араз робитаи устувор нишон медиҳанд. Ибни Сино дар заминаи мақулаҳои даҳгонаи арастуӣ ба тавсифи масъалаи ҷавҳар ва араз мепардозад, вале дар шинохти ин мақулаҳо ба таълимоти Арасту билкул пойбанд намонда аст. Ӯ бо ироаи афкори тоза, бо такя ба андешаҳои дар ин боб баённамудаи Форобӣ, ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, назари вуҷудии Арастуро нисбати ҷавҳар намепазирад ва ба он диди моҳиятӣ дорад. Аз ин рӯ, Ибни Сино Воҷиб-ул-вуҷудро аз доираи ҷавҳару араз берун баррасӣ менамояд. Ба замми монандиҳо дар масъалаи ҷавҳар ва араз дар таълимоти ин мутафаккирон тафовутҳо низ мушоҳида гардид, ки ба таври зайланд: Форобӣ ҷавҳарро ба «аввалия» ва «сонавия» ҷудо намуда, ба ҷавҳари аввалия афзалият медиҳад, аммо ба ин назар аст, ки ҳақиқати ашёро мафҳумҳои куллӣ ташкил медиҳанд, ки ҷавҳарҳои сонавия мебошанд. Ибни Сино ин назари Форобиро қисман пазируфта, ба ислоҳи он мекӯшад ва ба натиҷае мерасад, ки ҷавҳари куллиёт танҳо дар зеҳн ҷавҳар аст. Дар хориҷ танҳо ҷавҳари фардӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон Ибни Сино ба истилоҳи «ҷавҳари сонавия», ки Форобӣ онро асосан ҳамчун як истилоҳи мантиқӣ истифода карда ва бо диди онтологӣ таваҷҷуҳ намуда, куллиётро «арази зеҳнӣ» меҳисобад. Форобӣ ақлҳоро ҷавҳарҳои муҷаррад ҳисобида, асосан онҳоро дар доираи нуфуси самовӣ ва назарияи судур баррасӣ мекунад. Ибни Сино бошад, мекӯшад исбот кунад, ки ҷавҳарияти нафс ба далели он аст, ки вай «дар мавзуъ» нест. **[1-М], [21-М], [25-М].**

5. Форобӣ оламро ҳамчун низоми бо ҳадафи мушаххас ба вуҷудомада эътироф мекунад ва мутмаин аст, ки он тавассути донишҳои ҳиссиву ақлӣ маърифатпазир аст. Ӯ донишҳои ақлиро бо тафаккури мантиқӣ муҷаҳҳаз намуда, баландтарин зинаи маърифат меҳисобад. Ба андешаи ӯ, ақл, ки

воситаи асосии маърифати воқеият мебошад ва бидуни он шинохти ҳақиқат воқеӣ нест, ниёз ба парвариш дорад, ки он ба василаи шуғли мудовим ба дониш ва даст меояд. **[1-М], [19-М], [21-М].**

Ибни Сино низ оламро маърифатпазиру муназзам медонад ва низоми фалсафие коркард намудааст, ки дар он идрок тавассути таҷрибаҳои ҳиссӣ шакл гирифта, бо ақл ва нафс такмил меёбад. Ӯ мартабаҳои идрокро эҳсос, хаёл, ваҳм ва тааққул медонад ва ин мафҳумҳоро дар муқоиса бо Форобӣ ба таври дақиқтару муфассалтар шарҳу такмил додааст. **[1-М], [15-М], [19-М], [23-М], [32-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино ҳар ду ҳисро сарчашмаи ибтидоии маърифат медонанд, аммо аввалӣ ба тасаввур ва дуюмӣ ба эҳсоси ботинӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Онҳо дар масъалаи идроки олам аз ҷониби инсон ба қудрати ақл баҳои мусбат медиҳанд, аммо Форобӣ ба мантиқу таҷриба бештар такя мекунад, вале аҳёнан Ибни Сино аз доираи баҳси фалсафӣ берун меравад ва махсусан дар мавриди ақли фаъол ба илоҳиёту ирфон майл мекунад. **[1-М], [19-М], [26-М].**

Дар мавриди ҳудус ва қидами олам Форобӣ ва Ибни Сино андешаҳои муштарак доранд. Ҳар ду ҳам кӯшидаанд масоили дар ин боб матраҳнамудаашон зоҳиран аз доираи ақоиди динӣ берун наравад. Форобӣ мафҳуми «қадим»-ро ба Худо зотӣ ва дар мавриди олам нисбӣ медонист. Ибни Сино низ ба мисли Форобӣ оламро қадим медонад, аммо он вобастаи Воҷиб-ул-вуҷуд аст. Ҳар ду мутафаккир ба хилофи мутакаллимон, ки мафҳуми «қадим»-ро шарҳи динӣ медоданд, онро аз лиҳози фалсафӣ тафсир намудаанд, яъне вуҷуди зарурии вобаста ба сабаби аввал. Аз ин дидгоҳ, олам ҳодис набошад ҳам, аммо бо зоти Худо аз лиҳози шарофат, табъ ва маълулият баробар нест. **[1-М], [19-М], [23-М].**

Форобӣ ва Ибни Сино маърифатро ҳамчун раванди тадриҷии шинохти табиату инсон меҳисобанд, ки аз ҳисс оғоз мешавад ва дар марҳилаи донишҳои ақлонӣ такмил меёбад. Ҳар ду мутафаккир маърифатро муқаддамотӣ ба таври

умум ба ҳиссӣ ва ақлӣ ҷудо мекунанд, аммо дар таълимоти онҳо тафовутҳо низ, ҳарчанд ҷузъиянд, мушоҳида мешавад, ки ба раванди ташаккулёбии маърифат ва дараҷаи таҳлили он рабт дорад. Форобӣ раванди маърифатро ба ҳисс, тасаввур, ақл, ҳадс ва бурҳон рабт дода, ҳар кадоми онҳоро шакли алоҳидаи маърифат меҳисобад, аммо Ибни Сино ин шаклҳоро ба таври муфассал таҳлил намуда, нақши ҳар кадоми онҳоро равшантар бозгӯ менамояд ва дар ин замина таснифоти шаклҳои дигаре, амсоли бадеҳӣ, зарурӣ ва назарӣ (ақлӣ)-ро матраҳ мекунад ва қуввaҳои ҳиссро хеле возеҳу густурда баён мекунад. **[1-М], [15-М], [19-М], [22-М].**

Форобӣ асосан ба масоили маърифатӣ аз дидгоҳи фалсафаву мантиқ таваҷҷуҳ намуда, ҷанбаи назарии онро таҳлил намудааст, Ибни Сино бошад, бо такя ба таҷриба ҷанбаҳои равониву физиологии онро шарҳу баён мекунад. Аз ин рӯ, дар таснифоти Ибни Сино маърифати фаъол ва ғайрифаъол низ чойгоҳи хос дорад. Ҳамзамон Форобӣ асоси такомули маърифатро ба Ақли фаъол нисбат медиҳад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба замми он қобилияти ҳадсро низ тавсиф намуда, онро чун қобилияти идрок ва чун навъи маърифат таҳлилу баррасӣ намудааст. **[1-М], [15-М], [23-М], [32-М].**

6. Форобӣ ба масъалаи нафс чун камоли ҷисми зинда таваҷҷуҳ намудааст. Аз дидгоҳи ӯ, нафс азалӣ нест, балки бо ҷисме, ки омодааст то онро бипазирад, ҳодис шудааст. Нафсҳои наботиву ҳайвонӣ бо фанои ҷисм аз байн мераванд, аммо нафси нотиқа, агар саодатро шинохта ва барои расидан ба он кӯшидааст ё саодатро шинохта, вале онро напазируфтааст, абадист. Ин масъала асосан дар чаҳорчӯбаи кайҳонмарказияти юнонӣ матраҳ гардидааст. Ба назари ӯ, нафс дар бадан нест, вале қуввaҳои гуногунаш, ки тавассути онҳо дар ашё тасарруф мекунад ва ба мисли абзори ӯянд, дар бадан воқеъанд. Ин қуввaҳо байни нафсу бадан муштараканд ва аз қувваи амалия баромадаанд. Форобӣ кӯшидааст муайян намояд, ки маърифати саодат сабаби аслии бақои инсон баъди маргаш аст. Сарнавишти инсон ба идроки ақлони ӯ нисбати саодати ҳақиқӣ бастагӣ дорад. **[1-М], [18-М], [25-М].**

Ибни Сино қуввaҳои инсониро ҳамчун фаръи нафс баррасӣ менамояд. Нафс, ба назари ӯ, ба мавҷудоти зинда мутааллиқ буда, нафсҳои наботиву ҳайвонӣ ҷисмонӣ мебошанд ва ҳастиашон низ комилан ба ҷисм вобаста аст. Аммо нафси инсонӣ хусусияти ҷавҳарӣ дошта, ҳарчанд бо ҷисм ба вуҷуд меояд ва ҳодис ҳаст, аммо ҷисмонӣ набуда, камоли ҷисм мебошад ва пас аз фанои ҷисм низ абадӣ боқӣ мемонад. **[1-М], [18-М].**

Форобӣ ба ҷавҳарияти нафс қоил аст, аммо Ибни Сино ба ҷавҳарияти руҳонии нафс бовар дорад. Форобӣ нафсро камоли аввали ҷисми табиӣ меҳисобад, Ибни Сино онро ҷавҳари ғайримоддии мустақиле медонад, ки илова ба камол ҳастии худӣ дорад. Дар таълимоти фалсафии ҳар ду мутафаккир масоили нафс ҳам ҷанбаи онтологӣ ва ҳам гносеологӣ доранд, аммо Форобӣ онро чун як қисмати космологӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба он асосан чун василаи маърифати олам ва сарчашмаи идроку тафаккуру ақл муносибат мекунад. **[1-М], [18-М], [21-М], [25-М].**

7. Таълимоти ахлоқии Форобӣ дар баробари мактатабҳои классикӣ, ҳамзамон аз ҳавзаи арастуии Бағдоди асри Х ва ақоиди исломӣ сарчашма гирифтааст. Дар афкори ахлоқии Форобӣ масъалаи саодати воқеӣ мақоми меҳварӣ дорад ва тамоми мақулоти ахлоқии матраҳнамудаи ӯ дар ин доира чарх мезананд. Саодати воқеӣ бо «камоли ниҳоӣ» ва «хайри мутлақ» дар фаҳмиши Форобӣ муродиф буда, инсон дар заминаи муҷаррад шудан аз модиёт ва пайвастан ба муҷаррадот ба он шарафёб мегардад. **[7-М], [8-М], [9-М].**

Ибни Сино мақулаҳои ахлоқро дар доираи мафҳумҳои некӣ ва бадӣ таҳлил менамояд, ки бо назариёти илми ахлоқи муосир мувофиқат дорад. Фазоили ахлоқиро Ибни Сино дар пояи адолат баррасӣ мекунад. Ӯ моҳияти ахлоқро хайри инсон медонад, ки илми ахлоқ онро таҳқиқ мекунад. Ибни Сино дар масоили ахлоқ ба мисли аксари мутафаккирони қаблӣ дарёфти хайрро ғоят меҳисобад, аммо равиши ӯву Форобӣ аз ҳам фарқ мекунад. Форобӣ ба мисли Афлотун дар заминаи равиши метафизикӣ хайри сиёсиро бо тарҳи арзишҳои

мутлақ ва дар шароити ормонӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ибни Сино бошад, ба мисли Арасту равиши ҳисгароӣ ва ақлгароиро пеша мекунад ва ба арзишҳои вуҷудӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути хирад имконпазир аст, такя мекунад ва аз равиши диалектикӣ низ фаровон истифода мебарад. **[7-М], [8-М], [9-М], [26-М].**

Дар масъалаи давлат ва ҷомеа бошад, Форобӣ бештар ба донишҳои назариявӣ такя мекунад, аммо Ибни Сино ба он биниши ҳуқуқӣ дошта, ба амалия рабт медиҳад. Форобӣ зарурати муносибатҳои иҷтимоиро барои дарёфти саодати таҷридӣ мебинад, дар ҳоле ки Ибни Сино ба зарурати қонун тамоюли бештар дорад. Дар масъалаи раиси ҷомеа ё роҳбари давлат андешаҳои онҳо ба ҳам наздик аст, аммо Форобӣ онро дар симои паёмбар ё файласуф дидан мехоҳад, ки дар заминаи ахлоқ, фазилат ва дониш ташаккул ёфтааст. Ибни Сино низ роҳбарро дар симои паёмбар тасаввур мекунад, аммо аз сабаби он ки шахсеро мисли ӯ дар ҳама давру замон наметавон пайдо намуд, ӯ ҷонишини паёмбарро, ки бо сифоти ҳамидае, амсоли ҷавонмардӣ, ҷасурӣ, оқилӣ бошад, мепазирад, ки аз ҷониби мардум интихоб мешавад ва барои танзими иҷтимоъ ӯ қонун ва адолатро дар мадди аввал қарор медиҳад. **[7-М], [8-М], [26-М].**

Таълимоти сиёсии Форобӣ ҳамчун омили бавуҷудорандаи фалсафаи нав гардидааст, ки минбаъд ба унвони фалсафаи исломӣ шинохта мешавад. Он дар заминаи фалсафаи классикӣ ва таълимоти исломӣ ба вуҷуд омада, дар тафаккури сиёсии мутафаккирони минбаъда, махсусан Ибни Сино таъсири назаррас гузоштааст ва дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии муосир низ кӯмак хоҳад кард. Форобӣ ҷомеаи ормониро дар шакли муҷаррад тасаввур намуда, онро «мадинаи фозила» меномад ва сохтори идоракунӣ ва роҳбару сифоти онро баён намудааст. **[29-М], [30-М] [33-М], [34-М].**

Ибни Сино ҳарчанд дар ин мавзуъ нисбати Форобӣ таълифоти камтар дорад, аммо афкори сиёсии ӯро тақвият бахшидааст. Ӯ инсонро ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ баррасӣ намуда, мавҷудияти давлати ормониро аз

муҳимтарин воситаҳои дастрасӣ ба саодат меҳисобад. Мутафаккир омилҳои ташаккули давлат, навъҳои он ва зарурати таърихиашро нишон дода, аҳаммияти ташкили давлатро дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳлил намудааст. **[5-М], [6-М], [28-М].**

Фалсафаи сиёсии Форобӣ ва Ибни Сино намунаи равшани таҳаммулгароии сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар он алоқаи сиёсат, ахлоқ ва маърифат дар сатҳи баланд нишон дода шудааст, ки дар инкишофи афкори сиёсии минбаъда таъсири назаррас дорад. **[5-М], [6-М], [28-М].**

8. Таълимоти фалсафии Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули минбаъдаи ҳикмати машшоияи шарқӣ ниҳоят бузург аст. Маҳз тавассути таваҷҷуҳи пайвастаи ин ду мутафаккир ба фалсафаву мантиқ ин илмҳо дар олами ислом мавқеи назаррас пайдо намуданд ва фалсафа тавонист аз низоми мушаххаси илмӣ бархӯрдор гардад. Аз низоми илмии матраҳнамудаи онҳо, махсусан дар масоили қиёсу бурҳон, на танҳо намояндагони машшоияи шарқӣ, балки қариб тамоми мактабҳои фалсафии олами ислом, бо шумули калому тасаввуф, ба таври васеъ истифода намудаанд, ки бозгӯкунандаи мавқеи ин донишмандон дар ҷодаи равишшиносии илмист. Дар масъалаи созиши фалсафаву дин низ Форобӣ ва Ибни Сино зиёд кӯшидаанд. Аммо нодида гирифтан нашояд, ки дар таълимоти ин ду мутафаккир тарҳи масъалаҳо ва усули баррасии онҳо бо неруи андеша корбаст мешавад. Онҳо дар исботи андеша на ба ваҳйу нақл, балки ба ақлу мантиқ такя намудаанд. **[10-М], [11-М], [22-М], [26-М], [28-М], [31-М].**

ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ТАТБИҚИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия дар мавзуи «Фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино (таҳлили муқоисавӣ)» имкон медиҳад, ки на танҳо омӯзиши мероси фалсафии мутафаккирони бузурги Шарқ ба сатҳи нави илмӣ бардошта шавад, балки барои рушди таҳқиқоти муқоисавӣ, такмили мазмуни таҳсилоти фалсафӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, рушди илмҳои гуманитарӣ ва густариши муколамаи фарҳангҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ низ заминаи устувори назариявӣ ва амалӣ фароҳам оварда шавад.

1. Такмили барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҷдиди барномаҳои таълимии фанҳои «Таърихи фалсафа», «Фалсафаи Шарқ», «Мантиқ» ва «Ахлоқ» истифода шуда, омӯзиши муқоисавии афкори Форобӣ ва Ибни Сино ба низоми таълим ворид гардад.

2. Омода намудани курсҳои махсуси таълимӣ барои мутахассисони соҳаи фалсафа. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тавсия дода мешавад, ки курсҳои махсуси «Фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино» ва «Перипатетизми шарқӣ» таҳия ва дар донишгоҳҳо амалӣ карда шаванд.

3. Таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ. Хулосаҳои илмии таҳқиқот метавонад ҳамчун асос барои таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва диншиносӣ истифода шаванд.

4. Истифода дар рушди таҳқиқоти байнисоҳавӣ. Натиҷаҳои диссертатсия барои густариши таҳқиқоти байнисоҳавӣ дар самтҳои фалсафа, таърих, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, педагогика ва ахлоқшиносӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд.

5. Тақвияти худшиносии миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ. Тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот зимни иҷрои барномаҳои давлатии тарбияи

ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва омӯзиши мероси илмиву фарҳангии ниёгон истифода карда шаванд.

6. Истифода дар таҳияи консепсияҳои рушди илми фалсафа. Хулосаҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва консепсияҳои рушди илмҳои гуманитарӣ ва фалсафӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси назариявӣ истифода гарданд.

7. Татбиқ дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот барои иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, омода намудани рисолаҳои илмӣ ва ташкили мактабҳои илмии омӯзиши фалсафаи классикии Шарқ тавсия карда мешаванд.

8. Истифода дар рушди муколамаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо. Таҳқиқот метавонад ҳамчун асоси назариявии густариши муколамаи фарҳангҳо, таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва арзишҳои умумибашарӣ дар ҷомеаи муосир хизмат намояд.

9. Таҳияи манбаъҳои электронии илмӣ. Тавсия дода мешавад, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пойгоҳи рақамии муқоисавии осори Форобӣ ва Ибни Сино, луғатномаи истилоҳоти фалсафӣ ва захираҳои электронии таълимӣ таъсис дода шаванд.

10. Истифода дар омодасозии кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ, инчунин ҳангоми роҳнамоии корҳои курсӣ, рисолаҳои магистрӣ ва диссертатсияҳои докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) истифода шаванд.

11. Рушди таҳқиқоти муқоисавии фалсафаи Шарқ ва Ғарб. Таҳқиқоти мазкур барои анҷом додани таҳлилҳои муқоисавии минбаъда байни таълимоти Форобиву Ибни Сино бо афкори файласуфони дигар заминаи методологӣ фароҳам меорад.

12. Истифода дар таҳкими сиёсати фарҳангии давлат ва дипломатияи илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми баргузории конференсияҳои

байналмилалӣ, форумҳои илмӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва муаррифии мероси илмиву фалсафии тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ истифода гардида, ба таҳкими нуфузи илми тоҷик ва рушди дипломатияи илмӣ мусоидат намоянд.

ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ:

Санадҳои меъёрии ҳуқукӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -64 с.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, соли 2016, №3. (аз 15.03.2016с. №1294; аз 17.05.2018с. №1532. https://mfa.tj. (санаи мурочиат: 12.03.2022).

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6. (ҚҶТ аз 28.08.2017с. №1461 https://mfa.tj. (санаи мурочиат: 02.01.2022).

[4]. http:// www. president. tj. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ Ибни Сино дар соҳаи тиб аз 23.05.2026. № 1180. (санаи мурочиат 28-05-2026).

Монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ:

[5]. Абдуллоҳ, М.Р. Ал-мақулот ал-ашара байн ал-фалосифа ва ал-мутакаллимин (Категорияҳои даҳгона аз диди файласуфон ва мутакаллимон) [Матн] / Муҳаммад Рамазон Абдуллоҳ. – Бейрут: Мактабат-ул-ҳошимиййя, 2016. – 65 с.

[6]. Абдурраҳмон Ал-Бадавӣ. ААфлутин инда-л-араб (Афлотин дар шинохти араб). [Матн] / Абдурраҳмон Ал-Бадавӣ. –Қоҳира, 1955. –327 с.

[7]. Абдурраҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун. Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Дар ду ҷилд. [Матн] / Абдурраҳмон ибни Халдун. –Сарредаксияи илмии Инсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2019. –1394 с.

[8]. Абуалӣ, ибни Сино. Осори мунтахаб. –Ҷ. 1. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 1981. –477 с.

[9]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 1. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе, 2005. –852 с.

[10]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 2. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе, 2005. –802 с.

[11]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 3. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе, 2007. –528 с.

[12]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 4. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе, 2007. –921 с.

[13]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 5. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе, 2009. –657 с.

[14]. Абуалӣ, ибни Сино. Муқаддимаи «Шифо» ба қалами Доктор Иброҳим Мадкур. [Матн] / Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 5. –Душанбе, 2009. –657 с.

[15]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ. 6. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе, 2013. –960 с.

[16]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ .7. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе, 2023. –718 с.

[17]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ .12. Китоби аввал [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2010. –768 с.

[18]. Абуалӣ, ибни Сино. Осор. –Ҷ .14. Китоби сеюм, қисми аввал. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2013. –1078 с.

[19]. Абуалӣ, ибни Сино. Китобу-ш-шифо. Фанни сездаҳум андар баёни илоҳиёт. Тарҷума аз арабӣ, пешгуфтор, тавзеҳот ва таҳия аз Шаҳобуддинов Саййиднуриддин. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2019. –550 с.

[20]. Абуалӣ, ибни Сино. Бахши ан-Нафси Китоби аш-Шифо. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Қоҳира, 1959. –284 с.

[21]. Абуалӣ, ибни Сино. Таълиқот. (Схолии) Мутарҷим (аз арабӣ) ва муаллифи сарсухан Фатҳиддин Сироҷ. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе, 1992. –256 с.

[22]. Абуалӣ, ибни Сино. Гиёҳнома. Ҷонварнома. Мутарҷим: Сулаймонов С. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2021. –703 с.

[23]. Абуалӣ, ибни Сино. Китоб ал-Ҳидоя (Ҳидоятнома). Мутарҷим: Сулаймонов С. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2025. – 335 с.

[24]. Абуалӣ, ибни Сино. Пирӯзнома. Таҳриру такмил ва тавзеҳоти Ш. Ҳусензода ва Х. Шарифов. [Матн] / Абуалӣ, ибни Сино. –Душанбе, 1980. –102 с.

[25]. Абуалӣ, ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот маъа шарҳи Насируддин Тусӣ [Матн] / Абуалӣ ибн Сино. – Теҳрон: «Қудс», 1375 ҳ. – Ҷ. I. – 357 с.

[26]. Абуалӣ, ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот маъа шарҳи Насируддин Тусӣ [Матн] / Абуалӣ ибн Сино. – Теҳрон: «Қудс», 1375 ҳ. – Ҷ. II. – 463 с.

[27]. Абуалӣ, ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот маъа шарҳи Насируддин Тусӣ [Матн] / Абуалӣ ибн Сино. –Теҳрон: «Қудс», 1375 ҳ. – Ҷ. III. – 465с.

[28]. Абубакр, Муҳаммад Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. [Матн] / Закариёи Розӣ. - Душанбе, 1989. -153с.

[29]. Абубакр, Муҳаммад Закариёи Розӣ. Тибби Мансурӣ. [Матн] / Закариёи Розӣ. - Душанбе: «Дониш», 2016. -450 с.

[30]. Абулфазл, Шакурӣ. Фалсафаи сиёсии Ибни Сино ва таъсири он бар адвори баъдӣ. [Матн] / Шакурӣ Абулфазл. – Қум, 1384.- 149с.

[31]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф “Афлотун ва Арасту”). Тарҷумаи Абдулҳусайн Машкут ад-Динӣ. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон,

1391. –289 с.

[32]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Китобу ас-самоъ ат-табиӣ. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Қоҳира: Дор-ул-машриқ, 1960 –200 с.

[33]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Эҳсо-ул-улум. Мутарҷим: Ҳусайн Хидев Ҷам. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон, 1381. –119 с.

[34]. Абунасри, Форобӣ. Эҳсо-ул-улум. [Матн] / Абунасри Форобӣ. –Душанбе: Олами дониш, 2023. –151 с.

[35]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Расоили фалсафии Форобӣ. Мутарҷим Саъид Раҳимиён. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон, 1387. –253 с.

[36]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабири юнонӣ. Мутарҷим (аз матни англисӣ) Абулфазл Ҳақири Қазвинӣ. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон, бе соли нашр.–15 с.

[37]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Таҳсил-ус-саодат. Шореҳ дуктур Алӣ Бумулҳам. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Бейрут, 1995. –102 с.

[38]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Китоб ал-ҳуруф. Таҳқиқи Муҳсин Маҳдӣ. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Бейрут, 1990. –220 с.

[39]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Ат-таълиқот. Муқаддима, таҳқиқ ва тасҳеҳи Сайдҳусайн Мусавиён. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон, 1392. -106 с. (бо забони арабӣ)

[40]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Бейрут, 1986. –188 с.

[41]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Фусул-ул-мунтазиъа. Тарҷимаи Ҳасан Маликшоҳӣ. [Матн] / Абунаср, Ал-Форобӣ. –Теҳрон, 1382. –207 с.

[42]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Китоб фи-л-мантиқ-ил-ибора. Таҳқиқи дуктур Муҳаммад Салим Солим. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Қоҳира: Мактабату дор-ул-кутуб, 1976. –66 с.

[43]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Ал-Мантиқиёт. Ҷ.2. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон, 1309 ҳ. –553 с.

[44]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Китобу ас-сиёсати-л-маданияти. Муқаддима, таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Алӣ Бумулҳам. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Бейрут: Мактабат-ул-ҳилол, 1996. –128 с.

[45]. Абунаср, Форобӣ. Андешаҳои аҳли мадинаи фозила. Тарҷумаи Саид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. [Матн] / Абунаср Форобӣ. - Теҳрон: Шурои олии фарҳангу ҳунар, 1379. -320с.

[46]. Абунаср, Форобӣ. Сиёсати мадания. Тарҷума ва таҳшияи Саид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. [Матн] / Абунаср Форобӣ. - Теҳрон, 1358. -208 с.

[47]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Ҷавобот лимасоилин суила анҳо (Ҷавоб ба масъалаҳое, ки аз онҳо пурсида шуд). Тасҳеҳи дуктур Ҷаъфар оли Ёсин. [Матн] / Абунаср Ал-Форобӣ. –Теҳрон, 1370. –208 с.

[48]. Абуусмон Амр ибни Баҳр Ал-Ҷоҳиз. Китоб-ул-ҳайвон. Ҷ.1. Таҳқиқ ва шарҳи Абдуссалом Муҳаммад Ҳорун. [Матн] / Абуусмон Амр ибни Баҳр Ал-Ҷоҳиз.–Бейрут, 1969. –427с.

[49]. Аванян Г.Г., Вагина М., Ю., Зарецкий Ю.П. Джироламо Кардано и его автобиография// Джироламо Кардано. О моей жизни/Редактор и составитель: Юрий Зарецкий. [Текст] / Аванян Г.Г. – Москва, 2012. – 334 с.

[50]. Алан, Р. Вайт. Равишҳои мобаъд-ут-табиа. Тарҷумаи Иншоаллоҳ Раҳматӣ. [Матн] / Алан Вайт. –Теҳрон, 1387. –320 с.

[51]. Ал-Фараби. Математические трактаты. [Текст] / Ал-Фараби. – Алма-Ата: Наука, 1972. –324 с.

[52]. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты / Перевод с арабского. [Текст] / Аль-Фараби. –Алма-Ата: Наука, 1985. –624 с.

[53]. Аль-Фараби. Философские трактаты. [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата: Наука, 1972. –430 с.

[54]. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты [Текст] / Абу Наср Мухаммад Аль-Фараби. Перевод с арабского. – Алма-Ата: Наука, 1973. – 435 с.

[55]. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. [Матн] / Амирхон Ш.Т. –Душанбе: ЭР-граф, 2022. –368 с.

[56]. Амондуллоев Б.С. Фалсафа (воситаи таълимӣ). [Матн] / Амондуллоев Б.С. –Душанбе, 2024. –308 с.

[57]. Анри, Корбен. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Таботабоӣ. [Матн] / Анри Корбен. –Теҳрон, 1380. –513 с.

[58]. Анри, Корбен. История исламской философии// Перевод с французского и примечания А.Кузнецова. [Текст] / А. Корбен. - М.: Прогресс-радиция, 2010. -360с.

[59]. Анри, Корбен. История исламской философии. Пер. с фр. А. Кузнецова. [Текст] / Анри Корбен. –М.: ООО Садра, 2013. –367 с.

[60]. Арасту. Ахлоқи Никомах// Мутарҷим: Муҳаммад Ҳусайн Лутфии Табрезӣ. [Матн] / Арасту. –Теҳрон, 1377. –414 с.

[61]. Арасту. Дар бораи нафс. [Матн] / Арасту. –Теҳрон: Интишороти ҳикмат, 1349. –339 с.

[62]. Арасту. Сиёсат. Мутарҷим: Ҳамид Иноят. [Матн] / Арасту. –Теҳрон, 1381 [2002] –482 с.

[63]. Арасту. Поэтика. Муқаддима, тарҷима ва ҳавошии Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ. [Матн] / Арасту.–Теҳрон, 1958. –240с.

[64]. Арасту. Мобаъдуттабиа. Мутарҷим Муҳаммад Ҳусайн Лутфӣ. [Матн] / Арасту. –Теҳрон, бе соли нашр. –584 с.

[65]. Ардакани, Р.Д. Фараби – основоположник исламской философии [Текст] / Р.Д. Ардакани; пер. с перс. А. Абсаликова. – М.: ООО «Садра», 2014. – 130 с.

[66]. Аристотель. О душе// Сочинения. Т. 2. [Текст] / Аристотель. –М. 1976. –550 с.

[67]. Аристотель. Сочинения. Т. 2. [Текст] / Аристотель. –М. 1978. –688 с.

[68]. Аристотель. Политика. [Текст] / Арасту. –М.: Мысль, 1983. –

830 с.

[69]. Асмус В.Ф. Логика. [Текст] / Асмус В.Ф. –М., 1947. –387 с.

[70]. Асмус, В.Ф. История античной философии. [Текст] / Асмус В.Ф.–3-е изд. –М.: Высшая школа, 1998. –400 с.

[71]. Афлотун. Ҷумҳур. Маҷаллаи Садои Шарқ, № 7. [Матн] / Афлотун.–Душанбе, 2011. –С. 83-117.

[72]. Афлотун. Давраи осори Афлотун.//Тарҷумаи Муҳаммад Ҳасан Лутфӣ ва Ризо Ковиёнӣ. Чопи 3. Дар чор ҷилд. [Матн] / Афлотун. –Теҳрон, 1380.–2676 с.

[73]. Аҳмад, Амин. Фаҷр-ул-ислом. [Матн] / Аҳмад, Амин. –Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-арабӣ, 1969. –С.

[74]. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мискавайҳ. Тазҳиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷимаи Ҳусайн Қадамӣ. [Матн] / Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мискавайҳ.–Қум, 1397. –328с.

[75]. Аҳмадов Саид. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р). [Матн] / Аҳмадов Саид.-Душанбе: «Соҳибкор», 2009. –204 с.

[76]. Аҳмадов Саид. Назарияҳо ва методологияи илмии диншиносӣ. [Матн] / Аҳмадов Саид. –Душанбе-2025. –480 с.

[77]. Аҳмадов Саид. Философия калама в современном исламе. –Душанбе, 2004. –224 с.

[78]. Аҷам, Р. Ал-мантиқ ‘инда ал-Форобӣ (Мантиқ аз дидгоҳи Форобӣ) [Матн] / Рафиқ Аҷам. – Бейрут, 1986. – 289 с.

[79]. Бабаджанов И.Х. Гносеология правовой танатологии. [Текст] / Бабаджанов И.Х. Монография. –Душанбе, 2009. –352с.

[80]. Байҳақӣ, Заҳируддин. Таърихи ҳукамои ислом. Таҳқиқи Муҳаммад Курд Алӣ. [Матн] / Байҳақӣ, Заҳируддин. –Димишқ, 1946. –986 с.

[81]. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. [Матн] / Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. –

Душанбе: Бухоро, 2014. –760 с.

[82]. Баҳронӣ, Муҳаммад. Ал-ақл-ул-амалӣ (Ақли амалӣ) [Матн] / Муҳаммад Ал-Баҳронӣ. – Бейрут: Шабакат-ул-фикр, 1418 ҳ. – 415 с.

[83]. Бартольд В.В. Культура мусульманства. [Текст] / Бартольд В.В. –М.: Петроград изд-во «ОГНИ», 1918. –111 с.

[84]. Бартольд, В.В. Сочинения [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: «Наука», 1963. – Т. I. – 760 с.

[85]. Бартольд, В.В. Сочинения [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: «Наука», 1966. – Т. VI. – 784 с.

[86]. Бобоӣ Парвиз. Мактабҳои фалсафӣ аз даврони бостон то имрӯз. [Матн] / Бобоӣ Парвиз. –Теҳрон, 1386 (2007).–844 с.

[87]. Бобоҷон, Гафуров. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. [Матн] / Бобоҷон Гафуров. –Душанбе, Нашриёти муосир, 2020. –976 с.

[88]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Одиназода Р.С. Амондуллоев Б. Проблемаҳои назариявии фалсафаи ҳуқуқ. Монография. – Душанбе: «ЭР–граф», 2026. –272 с.

[89]. Бободжонзода, И.Х. (И.Х. Бабаджанов). Современные проблемы морально-этических норм и права в медицине. Монография [Текст] / И.Х. Бободжонзода. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2022. – 460 с.

[90]. Богоутдинов А.М. Избранные произведения. [Текст] / Богоутдинов А.М. –Душанбе, 1980. –418с.

[91]. Болтаев М.Н. Вопросы гносеологии и логики в произведениях Ибн-Сины и его школы. [Текст] / Болтаев М.Н. –Душанбе: Ирфон, 1965. – 598 с.

[92]. Болтаев М.Н. Ақидаҳои фалсафии Абуалӣ ибни Сино.– Душанбе: Ирфон, 1969. –155 с.

[93]. Болтаев М.Н. Абу Али ибн Сина — великий мыслитель, ученый энциклопедист средневекового Востока. [Текст] / Болтаев М.Н. –

М.: Сампо, 2002. – 400 с.

[94]. Боэтсий Дакийский. О вечности мира// Историко-философский ежегодник 1992. –М.: Наука, 1994. –С.260-278.

[95]. Браун, Э. Г. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷилди 2. [Матн] / Эдвард Гранвил Браун ; тарҷумаи Ғуломҳусейни Садрии Афшор. — Теҳрон : Марворид, 1398 [2019]. –712 с.

[96]. Бурабаев М. С. Социальные этические и эстетические взгляды аль-Фараби. [Текст] / Бурабаев М.С., Курмангалиева Г.К., Сагадеев А.В., Брянов В.А. –Алма-Ата: Наука, 1984. –176 с.

[97]. Бэкон, Роджер. Большое сочинение (фрагменты) // Антология мировой философии: В 4-х т. — М.: Мысль, 1969. — Т. 1, ч. 2. — С. 862–877.

[98]. Восточная философия: Вводный курс / [М. Т. Степанянц и др.]; Под ред. М. Т. Степанянц; Рос. акад. наук, Ин-т философии. — 2-е изд., испр. и доп. –М.: Восточная литература, 2001. –351 с.

[99]. Гайденко, В. П. Западноевропейская наука в средние века: Общие принципы и учение о движении [Текст] / В. П. Гайденко, Г. А. Смирнов. – М.: Наука, 1989. – 352 с.

[100]. Головко, Н.А. Нормаҳи ахлоқ ва шахс. Тарҷумаи М. Султонов ва С.Ҷононов. [Матн] / Головко Н.А. –Душанбе: Ирфон, 1978. –80 с.

[101]. Ғаззолӣ, Муҳаммад. Таҳофут-ул-филосифа. Тарҷумаи Ҳасан Фатҳӣ. [Матн] / Ғаззолӣ Муҳаммад. –Теҳрон, 1383 ҳ. (2005 м.) –234 с.

[102]. Ғаззолӣ, Муҳаммад. Ал-Мунқиз мин-аз-залол.Тарҷумаи Зайниддин Каёинажод. [Матн] / Ғаззолӣ Муҳаммад. –Бе ҷой ва соли нашр. –107 с.

[103]. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Мақосид-ул-фалосифа. [Матн] / Ғаззолӣ Муҳаммад. –Душанбе, 2018. –208 с.

[104]. Ғуломризо Раҳмонӣ. Фалсафаи ирфонии ААфлутин. [Матн] / Ғуломризо Раҳмонӣ. –Теҳрон, 1386. –493с.

[105]. Дастамбуев Н.Ш. Социальная философия современного исмаилизма: проблемы и решения. –Душанбе, 2020. –152 с.

[106]. Де Бур, Т. Дж. История философии в исламе [Текст] / Т. Дж. Де Бур; пер. с англ. Эдварда Р. Джонса. – Москва : УРСС : Либроком, 2012. – 216 с.

[107]. Декарт, Р. Сочинения в 2 томах. Т. 1 под.ред. В. В. Соколов [Текст] / Р. Декарт. – Москва : Мысль, 1989. – 654 с.

[108]. Деҳлавӣ, Имом Аҳмад Шоҳ Валиюллоҳ. Ҳуҷҷат-ул-Лоҳ-ил-болиға. Ҷ.1. [Матн] / Деҳлавӣ, Имом Аҳмад Шоҳ Валиюллоҳ. –Бейрут, 2005.–416 с.

[109]. Джахид, А.М. Абу Наср Фараби о государстве [Текст] / А.М. Джахид. – Душанбе, 1966. – 116 с.

[110]. Диноршоев, М. Философия Насириддина Туси [Текст] / Диноршоев, М. Душанбе: Дониш, 1968.- 187с.

[111]. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. [Текст] / Диноршоев. М. –Душанбе: Дониш, 1985. –256 с.

[112]. Диноршоев, М. Диноршоева, З. Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали и его “Опровержения филосов” [Текст]: Газали, Абу Хамид Мухаммад. Опровержение филосов / М. Диноршоев., З. Диноршоева. – Душанбе: Дониш, 2008. – **160 с.**

[113]. Диноршоев, М. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / М. Диноршоев, К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 2011. – Ҷ. 2. – 340 с.

[114]. Диноршоев, М. Компендиум философии Ибн Сины [Текст] / М.Диноршоев. – Душанбе, 2010. – 341 с.

[115]. Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе: «Дониш», 2011. – 407с.

[116]. Диноршоев. М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. [Матн] / Диноршоев. М. –Душанбе: ЭР-граф, 2017. –656 с.

[117]. Диноршоев М. Философия Ибн Сины. [Текст] / Диноршоев. М.

–Душанбе: Дониш, 2020. –494 с.

[118]. Диноршоева, З.М. Гражданская философия Фараби [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе: Из-во РТСУ, 2006. – 323 с.

[119]. Диоген Лаэртский. О жизни, учениях и изречениях знаменитых философов (Дар бораи ҳаёт, таълимот ва ҳикмати маъруфтарин файласуфон). [Текст] / Диоген Лаэртский. –Москва, 1979. –620 с.

[120]. Додихудоев Хаёлбек. Исмоилия ва озодандешии Шарқ. [Матн] / Додихудоев Хаёлбек. –Душанбе: Ирфон, 1989. –288с.

[121]. Доиратулмаорифи форсӣ. Ҷ.1. Бо сарпарастии Ғуломҳусайн Мусоҳиб [Матн]. - Теҳрон: 1345 ҳ.ш. –1004с.

[122]. Донишномаи арабӣ-форсӣ. [Матн] . - Теҳрон, 1383. Ҷ.4. –864с.

[123]. Дориюш, Ошурӣ. Донишномаи сиёсӣ. (фарҳанги истилоҳот ва мактабҳои сиёсӣ). [Матн] / Ошурӣ Дориюш. - Теҳрон, 1397. -468с.

[124]. Драч Г.В. Рождение античной философии и начало антропологической проблематики (Тавлиди фалсафаи атиқа ва ибтидои масъалагузориҳои антропологӣ). [Текст] / Драч Г.В. –М.: Гардарики, 2003. – 318 с.

[125]. Джонбобоев С. Эпистемалогия Ибн Сины: о двиении мысли от илюзии к истине/ Под ред.: Л. Тарасова. [Текст] Джонбобоев С. –Б.: Университет Центральной Азии, 2020. –200 с.

[126]. Ёръалӣ Курд Фирӯзҷойӣ. Навовариҳои фалсафаи исломӣ: дар қаламрави мобаъд-ут-табиъа ба ривояти Ибни Сино. [Матн] / Ёръалӣ Курд Фирӯзҷойӣ. –Қум, 1346 –544 с.

[127]. Ҳамавӣ, Ё. Муъҷам-ул-булдон (Қомуси кишварҳо) [Матн] / Ё. Ҳамавӣ. – Бейрут, 1979. – 567 с.

[128]. Зиёев И.Г. Философия религии Мухаммада Икбала. [Текст] / Зиёев И.Г. –Душанбе, 2014. –304 с.

[129]. Зиёев Х.М. Суфийский орден мавлавия. [Текст] / Зиёев Х.М. – Душанбе: Хумо, 2007. –275 с.

[130]. Зокиров Г.З. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. –Душанбе: ЭР-граф, 2010. –520 с.

[131]. Зореъӣ, Муҷтабо. Ирфони Ибни Сино. [Матн] / Зореъӣ, Муҷтабо. –Теҳрон, 1386. –240 с.

[132]. Ибни Абиусайбия, Аҳмад ибн-ил-Қосим. Уюн-ул-анбоъ фӣ табақот-ил-атиббоъ. [Матн] / Ибни Абиусайбия. –Қоҳира, бе соли нашр. - 516 с.

[133]. Ибни Асокир, Алӣ ибни Ҳасан. Таърихи мадинати Димашқ. [Матн] / Ибни Асокир, Алӣ ибни Ҳасан. – Байрут: Дор ал-Фикр, 1995. – Ҷ. 3. – 520 с.

[134]. Ибни Надим, Абулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқ. Ал-Феҳрист. Таҳқиқ ва тасҳеҳи Айман Фуод Саййид. [Матн] / Ибни Надим. –Лондон: Муассисаи мероси исломӣ, 2009. –412 с. (бо забони арабӣ)

[135]. Ибни Надим, Муҳаммад ибн Исҳоқ. Ал-феҳраст. Ба кӯшиши Ризо Таҷаддуд. [Матн] / Ибни Надим. - Теҳрон, 1346. -278с.

[136]. Ибн Рушд, Абу-л-Валид. Талхис китаб ас-сияса ли-Афлатун: Ҷавамиъ сиясат Афлатун [Матн] / Абу-л-Валид Ибн Рушд; таҳқиқи Аҳмад Шаҳлон. – Бейрут, 1998. – 272 с.

[137]. Ибни Рушд. Талхиси мо баъда ат-табиъа (Мухтасари метафизика) [Матн] / Ибни Рушд. – Теҳрон, 1377 ҳ. – 1834 с.

[138]. Ибн Сино, Абу Алӣ. Рисола фӣ-с-сиёса [Матн] / Абу Алӣ Ибн Сино; таҳқиқ Фуод Абдулмунъим Аҳмад. – Ал-Искандария: Муассисат шабоб ал-ҷомиа, 1986. – 111 с.

[139]. Ибни Сино, Ҳусайн ибни Абдуллоҳ. Илоҳиёт аз Китоби Шифо. Тарҷумаи Иброҳим Додҷӯ. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино.–Теҳрон: Амири Кабир, 1388. –362 с.

[140]. Ибни Таймия, Тақиюддин Аҳмад ибн Абдулҳалим. ас-Сиёсату-ш-шаръия фӣ ислоҳи-р-роъӣ ва-р-раъия. [Матн] / Тақиюддин Аҳмад ибни Таймия; таҳқиқи Алӣ ибни Муҳаммад Муаррих. – Риёз: Дору-

л-олами-л-кутуб, 1998. – 240 с.

[141]. Ибни Таймия, Тақиюддин Аҳмад ибн Абдулҳалим. Минҳоҷ ас-сунна ан-набавийя фи нақзи каломи шиа ва-л-қадария. Дар чор ҷилд. [Матн] / Тақиюддин Аҳмад ибни Таймия. –Риёз, 1983. –2390 с.

[142]. Ибни Туфайл, Абубакр Муҳаммад ибн Абдулмалик. Ҳайй ибн Яқзон / Таҳқиқи Форуқ Саъд. [Матн] / Ибни Туфайл. –Байрут: Ал-Мактабат-ул-асриййа, 1978. –240 с.

[143]. Ибни Халликон. Вафаёт-ул-аъён ва абноу абнои-з-замон // Абулаббос Шамсиддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абибакр ибни Халликон. –Ҷ.2. –Бейрут, бе соли нашр. –557 с.

[144]. Иброҳим Мадкур. Муқаддимаи «Шифо»//Абуалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 5. [Матн] / Иброҳим Мадкур. –Душанбе, 2009. –С. 20-53.

[145]. Иоанн Дунс Скот. Трактат о первом начале / Иоанн Дунс Скот ; пер. с лат. А. В. Арролонова. – Москва : Изд-во Францисканцев, 2001. – 180 с.

[146]. Исоев М. Ҳикмати амалии Мискавейҳ [Матн] / М.Исоев. - Душанбе, 2003. -176 с.

[147]. Исҳоқ, Ҳусайнии Кӯҳсорӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ. [Матн] / Исҳоқ Ҳусайнии Кӯҳсорӣ. –Теҳрон, 1382. –401 с.

[148]. Кадыров С.Б. Философский анализ психологических аспектов исламской религии. [Текст] / – Кадыров С.Б. –Худжанд: Техно-парк ТГУПБП, 2023. –257 с.

[149]. Каримов, А.А. Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ). [Матн] / Кримов А.А. –Хуҷанд, 2025. –448 с.

[150]. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома. [Матн] / Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе : Ирфон, 1979. – 192 с.

[151]. Ал-Киндӣ, Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ. Рисола фӣ таҳсили сабил-ил-фазоил [Матн] / Ал-Киндӣ // Расоил ал-Киндӣ ал-фалсафия

[Маҷмуи рисолаҳои фалсафии Ал-Киндӣ] / таҳқиқи Муҳаммад Абдулҳодӣ Абурида. – Қоҳира : Дор ал-фикр ал-арабӣ, 1950. – Ҷ. 1. – С. 270–285.

[152]. Ал-Киндӣ, Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ. Рисола фӣ сиёсат-ил-омма [Матн] / Ал-Киндӣ // Муаллафот ал-Киндӣ ал-фалсафия [Осори фалсафии Ал-Киндӣ]. – Байрут: Дор ал-мунтахаб ал-арабӣ, 1993. – С. 115–130.

[153]. Климович, Л.И. Қуръон, пайдоиш ва асотири он. [Матн] / Климович Л.И. –Душанбе: Ирфон, 1990. –240 с.

[154]. Комил, Маҷдӣ. Ал-Форобӣ файласуф-ил-муслимин абра кулли-л-усур ва ал-муаллим-ис-сонӣ баъда Арасту (Форобӣ файласуфи мусулмонҳо дар тули ҳама асрҳо ва Муаллими сонӣ баъд аз Арасту) [Матн] / Маҷдӣ Комил. – Қоҳира: «Мактабат-ул-фитол», 2015. – 230 с.

[155]. Комилов, Р.С. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.С. Комилов. – Душанбе: «Дониш», 1997. – 320 с.

[156]. Комилов Р.С., Комилов Ф.С. Дар ҷустуҷӯи ҳикмат. [Матн] / Комилов Р.С., Комилов Ф.С. –Душанбе: Дониш, 2004.–170 с.

[157]. Комилов, Р.С. Ҳакими ҳикматшинос. [Матн] / Комилов Р.С. – Душанбе: Дониш, 204.–173с.

[158]. Корбен, Анри. История исламской философии/пер.А. Кузнецова. [Матн] / Корбен, А. –М.: Прогрес-Традиция, 2011. –578 с.

[159]. Кошифӣ, Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия”. [Матн] / Кошифӣ, Ҳ.В. –Душанбе: Адиб, 1991. –320 с.

[160]. Қифтӣ, Ҷамолиддин Юсуф. Ахбор-ул-уламои би ахбор-ил-ҳукамо. [Матн] / Қифтӣ, Ҷамолиддин Юсуф. –Қоҳира, 1326. –396 с.

[161]. Қуръон.

[162]. Лей, Герман. Очерк истории средневекового материализма. [Текст] / Лей, Герман. Пер. С нем. З.В. Горловой и И.А. Саца.–М., 1962. – 587 с.

[163]. Ливиц, В.А. Парфянская ономастика. [Текст] / Ливиц, В.А. –

СПб.: Петербургское лингвистическое обество, 2010. –400 с.

[164]. Маликшоҳӣ Ҳасан. Тарҷума ва шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино// Маликшоҳӣ Ҳасан. –Ҷ. 1.Чопи 6. –Теҳрон, 1375. –564 с.

[165]. Маликшоҳӣ Ҳасан. Тарҷума ва шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино// Маликшоҳӣ Ҳасан. –Ҷ. 2. Чопи 5.–Теҳрон, 1375. –704 с.

[166]. Маҳмадов, А.Н. Фалсафаи варзиши Абӯалӣ Сино. [Матн] / Маҳмадов А.Н.–Душанбе, 2005. –64 с.

[167]. Маҳмуд Қосим. Фи-н-нафси ва-л-ақл (Дар масъалаҳои нафсу ақл).–Қоҳира, 1954. –292 с.

[168]. Маҳфуз, Ҳусайн Алӣ. Абунаср ал-Форобӣ фӣ ал-мароҷиъ-ил-арабийя (Абунасри Форобӣ дар сарчашмаҳои арабӣ). [Матн] / Ҳ. А. Маҳфуз. – Бағдод, 1975. – 649 с.

[169]. Мовардӣ, Абулҳасан. Ал-Аҳкому-с-султония ва-л-вилоёту-д-диния. [Матн] / Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Ал-Мовардӣ; таҳқиқи Аҳмад Муборак ал-Бағдодӣ. – Кувайт : Дору-л-ватан, 1989. – 380 с.

[170]. Моҷид, Фахрӣ. Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом// Зери назари Насруллоҳ Пурҷаводӣ. Тарҷума аз арабӣ Муртазо Асъадӣ ва ҳайати мутарҷимон. [Матн] / Моҷид, Фахрӣ. –Маркази нашри донишгоҳӣ, 1389 [2011]. –437 с.

[171]. Моҷид, Фахрӣ. Ал-мантиқ ‘инда ал-Форобӣ (Мантиқ аз диди Форобӣ) [Матн] / Моҷид Фахрӣ. – Бейрут, 1987. – 189 с.

[172]. Мирзоев Г.Дж. Реформаторские тенденции в исламе (особенности, проблемы и перспективы). [Текст] / Мирзоев Г.Дж. .– Душанбе, 2022. –328 с.

[173]. Музаффарӣ, М. Антропологияи ориѐӣ [Матн] / М. Музаффарӣ. – Душанбе, 2006. – 124 с.

[174]. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон. – Теҳрон: Интишороти Садро, 1349. (1970). –612 с.

[175]. Муҳаммад Лутфӣ Ҷумъа. Фалсафаи ислом дар Машриқ ва Мағриб. [Матн] / Муҳаммад Лутфӣ Ҷумъа. –Қоҳира, 1927. –328 с.

[176]. Муҳаммадризо, Ноҷӣ. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. [Матн] / Муҳаммадризо Ноҷӣ. –Теҳрон, 1378 ҳ. (1999 м.). –727 с.

[177]. Муҳаммадризо, Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. [Матн] / Муҳаммадризо Ноҷӣ. –Душанбе, 2011. –1295 с.

[178]. Муҳаммадтақии Астарободӣ. Шарҳи Фусус-ул-ҳикам, мансуб ба Абунасри Форобӣ. [Матн] / Муҳаммадтақии Астарободӣ. –Теҳрон, 1358 ҳ./1980м. –382 с.

[179]. Муҳаммадхоҷаев, А. Таърихи фалсафаи ғарб: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии ТҶ [Матн] / А. Муҳаммадхоҷаев. – Душанбе: Дониш, 2014. – 320 с.

[180]. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой (М.Шукуров). Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. [Матн] / Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. –Душанбе: Дониш, 2009. –С. 518 с.

[181]. Муҳтарам Ҳотам. Эрони гумшуда. [Матн] / Муҳтарам Ҳотам. –Душанбе, 2012. –681 с.

[182]. Назариев, Р. Социальная философия «Ихван-ас-сафа» Насира Хусрава [Текст]: сравнительный анализ / Р. Назариев. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 329 с.

[183]. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. [Матн] / Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. –Душанбе, 2012. –743 с.

[184]. Насириддини, Тусӣ. Ахлоқи Носирӣ. [Матн] / Насириддини Тусӣ. –Душанбе, 2009. –386 с.

[185]. Наср, Сайид Хусейн. Философы ислама: Авитсенна (Ибн Сина), ас-Сухравардӣ ва Ибн Араби. [Текст] / Сайид Хусейн Наср;

Перевод с английского, предисловие и комментарии Р. Псху. –М.: Языки славянской культуры, 2014. –152 с.

[186]. Наср, Сайид Ҳусейн. Се ҳакими мусулмон: Ибни Сино, Суҳравардӣ ва Ибни Арабӣ. [Матн] / Сайид Ҳусейн Наср; тарҷумаи А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. –128 с.

[187]. Ниёзӣ Ё. Назари муҳаққиқони араб ба фалсафаи Ибни Сино. [Матн] / Ниёзӣ Ё. –Душанбе: Ирфон, 2008. –318 с.

[188]. Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. –Душанбе: Абдурраҳмон-Р, 2022. – 332 с.

[189]. Низомулмулки, Тӯсӣ. Сиёсатнома. [Матн] / Низомулмулки Тӯсӣ. –Душанбе, 2019. –200 с.

[190]. Нуриддин Саид, Зиёӣ Х.М., Қурбонов А.Ш., Хуморов Д. Методологияи таҳқиқоти илмӣ. Китоби дарсӣ барои зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос. [Матн] / Нуриддин Саид. –Душанбе: Эр-Граф, 2020. – 176 с.

[191]. Нурулҳақ Қамар. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он. [Матн] / Нурулҳақ Қамар –Душанбе, 2018. –147 с.

[192]. Нурулҳақ Қамар. Салафия: назария ва амалия. [Матн] / Нурулҳақ Қамар –Душанбе: Ирфон, 2026. –416 с.

[193]. Нуъмон, Абдурраззоқ. Низоми сиёсӣ дар ислом. [Матн] / Нуъмон, Абдурраззоқ. –Риёз, 1418 ҳ. –236 с.

[194]. Олимов Карокатулло. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII. [Матн] / Олимов Карокатулло – Душанбе: Дониш, 2019. –332 с.

[195]. Олимов Карокатулло.Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат (таҳқиқи фалсафӣ-сиёсатшиносӣ). [Матн] / Олимов Карокатулло –Душанбе, 2021. –167 с.

[196]. Олимов Карокатулло. Абурайҳони Берунӣ донишманди

доиратулмаориф. [Матн] / Олимов Карокматулло –Душанбе, 2023. –138 с.

[197]. Осимӣ, Муҳаммад, Болтаев, Муҳаммад. Материализми диалектикӣ [Матн]: васоити таълимӣ барои студентони донишкадаҳои олӣ / М.Осимӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 230 с.

[198]. Осимӣ, Муҳаммад. Абуалӣ ибнӣ Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн] / М. Осими // Садои Шарқ, 1980. – №8. – С.3 -11.

[199]. Осифа, Осифӣ. Мабонии фалсафа, ошноӣ бо фалсафаи ҷаҳон: аз замонҳои қадим то имрӯз. [Матн] / Осифа Осифӣ. –Теҳрон, 1370. –654 с.

[200]. Пиров, С. Фахруддини Розӣ ва андешаҳои ахлоқиву тарбиявии ӯ [Матн] / С. Пиров. Муҳаррир: Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 196 с.

[201]. Платон. Законы // Сочинения в четырех томах. Т. 3. Ч. 2 / Под общ. ред. А. Ф. Лосева и В. Ф. Асмуса; пер. с древнегреч. А. Н. Егунова. [Текст] / Платон.–М. : Мысль, 1994. –554 с.

[202]. Растагор, Фасоӣ Мансур. Анвои насри форсӣ. [Матн] / Растагор, Фасоӣ Мансур. –Теҳрон, 1380. –636 с.

[203]. Рахимов, М. Абуалӣ ибн Сина (Авиценна). Философия человека. [Текст] / М. Рахимов. –Душанбе: Ирфон, 2018. –648 с.

[204]. Раҳимӣ Фарҳод. Физикаи олам, сохтори материя ва фалсафаи ҳастӣ. Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ. [Матн] / Раҳимӣ Фарҳод. – Душанбе: ЭР-граф, 2026. –704 с.

[205]. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Таъминотчӣ», 2018. – 516 с.

[206]. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён. [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 704 с.

[207]. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: ЭР-граф, 2016. –364 с.

[208]. Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Фирдавсӣ. [Матн] / Риёҳӣ, Муҳаммадамин. –Душанбе, 2012. –338 с.

[209]. Ризо, Доварии Ардаконӣ. Фалсафаи мадании Форобӣ. [Матн] / Ризо Доварӣ. –Теҳрон, 1354. –253 с.

[210]. Ризо, Доварии Ардаконӣ. Форобӣ. [Матн] / Ризо Доварӣ. –Теҳрон, 1995. –328 с.

[211]. Ризо, Доварии Ардаконӣ. Форобӣ-файласуфи фарҳанг. [Матн] / Ризо Доварӣ. –Теҳрон, 1389. –368 с.

[212]. Ризо, Доварии Ардаконӣ. Форобӣ муассиси фалсафаи исломӣ. [Матн] / Ризо Доварӣ. –Теҳрон, 1977. –132 с.

[213]. Ризо, Ҳошим. Зардушт паёмбари Эрони бостон. [Матн] / Ризо Ҳошим. –Теҳрон, 1380. –280 с.

[214]. Ричерд, Ён. Форобӣ ва мактабаш [Матн] / Ён Ричерд; тарҷума ва таҳқиқи Гулбобо Сайидӣ. – Теҳрон: Бӯстони китоб, 1389 ҳ. – 182 с.

[215]. Ричард Рудолф Валзер. Форобӣ. Мутарҷим Ризо Доварӣ/ Маҷмуи баҳсу таҳқиқ дар бораи Абунасри Форобӣ. [Матн] / Ричард Рудолф Валзер. –Теҳрон, 1353. –24.с.

[216]. Розенталь Франц. Торжество знания: Концепция знания в средневековом исламе. [Текст] / Розенталь Франц.–М.: Наука, 1978. – 372 с.

[217]. Сагадеев А.В. Ибн Рушд (Аверроэс). [Текст] / Сагадеев А.В. – М., 1973. –206 с.

[218]. Сагадеев А.В. Ибн-Сина (Авиценна).–2-е изд. [Текст] / Сагадеев А.В. –М.: Мысл, 1985. –222 с.

[219]. Садро, Алиризо. Илми мадинаи Форобӣ [Матн] / Алиризо Садро. – Теҳрон: Созмони интишорот, 1387 ҳ. – 471 с.

[220]. Садыкова Н.Н. Философия Мирзо Абдулкодира Бедиля. [Текст] / Садыкова Н.Н. – Душанбе, 2007. –302 с.

[221]. Садыкова Н.Н. Учение Бедиля о бытие и познании. [Текст] /

Садыкова Н.Н. – Душанбе, 2018. –212 с.

[222]. Садыкова, Н.Н. Философская антропология Мирзо Абдулкодира Бедиля [Текст] / Н.Н. Садыкова. – Душанбе: «Сурушан», 2003. – 287 с.

[223]. Садыков, А.У. Политические взгляды Абу Насра ал-Фараби [Текст] / А.У. Садыков. – Душанбе, 2006. – 135 с.

[224]. Саид, Зайд. Ал-Форобӣ [Матн] / Саид Зайд. – Қоҳира: «Дор-улмаориф», 2001. – 115 с.

[225]. Саид, Зайд. Ал-Форобӣ: Навобиғ-ул-фикр ал-арабӣ (Нобиғаҳои андешаи арабӣ). [Матн] / Саид Зайд. – Қоҳира: Дор-ул-маориф, 1988. – 111 с.

[226]. Саидов Н.С. Человек, его сущность и сущностные силы в философии Аристотеля и Ибн Сины. [Текст] / Саидов Н.С. –Душанбе: Ирфон, 2008. –250 с.

[227]. Саид Н.С., Аҳмадов С.А., Назаров М.А. Мантиқ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). –Душанбе: Маориф, 2017. –340 с.

[228]. Саид Н.С., Назаров М.А. Фалсафа ва методологияи илм. Китоби дарсӣ. [Матн] / Саид Н.С., Назаров М.А. –Душанбе: Маориф, 2016. –304 с.

[229]. Сайид, Ҳусайн Наср. Таърихи фалсафаи исломӣ. Ҷилди 1. [Матн] / Сайид, Ҳусайн Наср. –Теҳрон: интишороти «Ҳикмат», 1383ш./1425қ. 491с.

[230]. Саййидюнус Адёнӣ. Бозшиносии фалсафаи Ибни Сино. [Матн] / Саййидюнус Адёнӣ.–Теҳрон, 1384. –367 с.

[231]. Сайфуллоев Н. М. Логика Ибн Сины. [Текст] / Сайфуллоев Н. М. –Душанбе: Дониш, 1991. –184 с.

[232]. Сайфуллоев Н. М., Ивлев Ю.В. Мантиқ. [Матн] / Сайфуллоев Н. М., Ивлев Ю.В. –Душанбе: Дониш, 2013. –317 с.

[233]. Салдадзе Л.Г. Ибн Сина (Авиценна): Страницы великой жизни. – Т: Изд-во лит. и искусства, 1985. – 464 с.

[234]. Саолибӣ, Абумансур. Одобу-л-мулук (Одоби подшоҳон). [Матн] / Абумансур Саолибии Нишопурӣ ; тарҷума аз арабӣ, муқаддима ва тавзеҳоти С. Сулаймонов. – Душанбе : Дониш, 1991. – 176 с.

[235]. Сафо, З. Абурайҳони Берунӣ, Форобӣ ва Ҳайдагер [Матн]: панҷ мақола / Забеҳуллои Сафо, Ҷамшеди Човушӣ. – Теҳрон, 1386. – 118 с.

[236]. Саъд, Форуқ. Маъа Ал-Форобӣ ва-ал-мудун-ул-фозила (Бо Форобӣ ва шаҳрҳои фозила) [Матн] / Форуқ Саъд. – Бейрут: Дор-улмашриқ, 1982. – 150 с.

[237]. Сироҷов Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар китоби «Наҷот»-и Ибни Сино. [Матн] / Сироҷов Ф. –Душанбе: Дониш, 1980. –138 с.

[238]. Смирнов А.В. Сознание. Логика. Язык. Культура. Смысл. . [Текст] / Смирнов А.В. –М.: Языки славянской культуры, 2015. –712 с.

[239]. Содиқов А. У. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. [Матн] / Содиқов А. У. –Душанбе: Ирфон, 1989. –144 с.

[240]. Содиқов А. У. Аз таърихи афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ. [Матн] / Содиқов А. –Душанбе, 1999. –180 с.

[241]. Содиқов, А.У. Ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Абунаср ал-Форобӣ [Матн] / А.У. Содиқов. – Душанбе, 2009. – 153 с.

[242]. Соид ибни Аҳмади Андалусӣ. Табақот-ул-умам. Таҳқиқ, тасҳеҳ ва тарҷумаи Ғуломризо Ҷамшеднажод. [Матн] / Соид ибни Аҳмади Андалусӣ. –Теҳрон: Улуми инсони ва мутолиоти фарҳангӣ, 1383. –358 с.

[243]. Соколов, В.В. Средневековая философия: Учеб. пособие для филос. фак. и отделений ун-тов. [Текст] / Соколов В.В. –М.: Высш. школа, 1979. –448 с.

[244]. Соколов, В. В. Средневековая философия: Учеб. пособие для филос. фак. ун-тов. – 2-е изд. [Текст] / Соколов В.В. – М.: Высшая школа,

2001. – 352 с.

[245]. Спенсер, Г. Основания социологии: в 3 т. [Текст] / Г. Спенсер; перевод с английского. – Москва: Академический проект, 2013. – Т. 1. – 540 с.

[246]. Спиноза, Б. Этика [Текст] / Б. Спиноза. Тарҷумаи В. И. Соколов. – Москва: АСТ, 2019. –352 с.

[247]. Степанянц, М. Т. Мусульманское концепции в философии и политике XIX–XX вв./М. Т. Степанянц. –М., 1982. -247с.

[248]. Субботин, А. Л. Фрэнсис Бэкон и принцип его философии/ А. Л. Субботин. – М.: Мысль, 1971. –590 с.

[249]. Сулаймонов Б.С. Назарияи мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ. [Матн] / Сулаймонов Б.С. –Душанбе: Олами дониш, 2023. –207 с.

[250]. Султонов У. Муосирони Абӯалӣ ибни Сино. [Матн] / Султонов У. –Душанбе, 1980. –128 с.

[251]. Таранов П.С. 150 мудрецов и философов (Жизнь. Судьба.Учение. Мысли) [Текст] / Т.1. –Симферопол – Запороже, 2000. –848 с.

[252]. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. Ҷ.1. (Фалсафаи аҳди бостон). Нашри дуюм. [Матн] –Душанбе: Дониш, 2016.–892 с.

[253]. Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX). Дар панҷ ҷилд. Ҷ.2. [Матн] –Душанбе: Дониш, 2016.–892 с.

[254]. Таърихи фалсафаи Шарқ ва Ғарб. Маҷмуи муаллифон. Зери назари Сарвиполӣ Родокришнон. Ҷ.1. Мутарҷим Хусрав Ҷаҳондорӣ. [Матн] / /-Теҳрон, 1387. –680 с.

[255]. Таърихи фалсафаи Шарқ ва Ғарб. Маҷмуи муаллифон. Зери назари Сарвиполӣ Родокришнон. Ҷ.2. Мутарҷим Ҷавод Юсуфиён. [Матн] /-Теҳрон, 1387. –516 с.

[256]. Терновский В.Н. Ибн Сина. [Текст] / Терновский В.Н. – Москва: Наука, 1969. –189 с.

[257]. Турсунов Акбар. Эҳьёи Аҷам. Руҷӯи таърихию публисистӣ. [Матн] / Турсунов Акбар.–Душанбе: Ирфон, 1984. –208 с.

[258]. Тусӣ, Н. Асос-ул-иқтибос [Матн] / Насируддин Тусӣ. – Теҳрон, 1355 ҳ. – 598 с.

[259]. Тусӣ, Н. Асос-ул-иқтибос [Матн] / Насируддин Тусӣ. – Теҳрон: «Донишгоҳи Теҳрон», 1374 ҳ. – 628 с.

[260]. Тусӣ, Н. Ахлоқи Носирӣ [Матн] / Насируддин Тусӣ; таҳқиқ ва таълиқи Муҷтабо Минавӣ. – Теҳрон: «Зар», 1880. – 666 с.

[261]. Тусӣ, Н. Равзаи таслим ё тасаввурот аз калимоти Хоҷа Насируддини Тусӣ [Матн] / Насируддини Тусӣ; муалл. сарс. барг. ва тавз. Ш.Х. Карамхудоев, М. Мабатқадамов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 246 с.

[262]. Умар Фаррух. Таърих-ул-фикр-ил-арабӣ ило айёми Ибни Халдун (Таърихи фикри арабӣ то замони Ибни Халдун). [Матн] /Умар Фаррух. –Бейрут, 1972. –728 с.

[263]. Умедов М. Х. Толерантност в философском учениях Фаридаддина Аттара и Джалаледдина Руми. –Душанбе: Типография ТНУ, 2023. – 320 с.

[264]. Фарноз, Нозирзода Кирмонӣ. Фалсафаи сиёсии Форобӣ (Шарҳи назарияи мадинаи фозила бо татбиқ бар орои Афлотун ва Арасту). [Матн] / Фарноз Нозирзода Кирмонӣ. –Теҳрон, 1996. –435 с.

[265]. Фоиз, Ад-Доя. Муъҷам-ул-мусталаҳот-ил-илмийяти ли-л-Киндӣ ва-л-Форобӣ ва-л-Хоразмӣ ва Ибн Сино ва-л-Ғаззолӣ (Фарҳанги истилоҳоти илмӣ дар осори Ал-Киндӣ, Ал-Форобӣ, Ал-Хоразмӣ, Ибни Сино ва Ал-Ғаззолӣ). [Матн] / Фоиз Ад-Доя. –Бейрут, 1410 ҳ.(1990 м.) –302 с. (бо забони арабӣ)

[266]. Фредерик, С.Старр. Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг. Нашри 2-таҳриршуда ва ислоҳшуда. [Матн] / Фредерик С.Старр. –Душанбе: ЭР-граф, 2023. –692.

[267]. Фролова, Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние и современность. [Текст] / Е.А. Фролова.–М. 2006. –199 с.

[268]. Фролова Е. А. Арабская философия: Прошлое и настоящее. . [Текст] / Е.А. Фролова — М.: Языки славянских культур, 2010. — 464 с.

[269]. Хайруллаев М.М. Абу Наср ал-Фараби. [Текст] / Хайруллаев М.М. –Москва: Наука, 1982.–302 с.

[270]. Хайруллаев, М.М. Мировоззрение Фараби и его значение в истории философии [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент, 1967. – 335 с.

[271]. Хайруллаев, М.М. Фараби и его философские взгляды [Текст] / М.М. Хайруллаев. – М.: Полиграф, 2005. – 355 с.

[272]. Хайруллаев, М.М. Фараби эпоха и учение [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент, 1975. – 352 с.

[273]. Хайруллаев, М.М. Фараби-крупнейший мыслитель средневековья [Текст] / М.М. Хайруллаев. – Ташкент, 1973. – 100 с.

[274]. Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби форсӣ. [Матн] / Хатибӣ Ҳусайн. –Теҳрон, 1386. –637 с.

[275]. Хосе Ортега-и-Гассет. Что такое философия? [Текст] / Хосе Ортега-и-Гассет. –Москва: Наука, 1991.–408 с.

[276]. Худойдодов Ф.Б. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины. [Текст] / Худойдодов Ф.Б. –Душанбе, 2017. –258 с.

[277]. Ҳалабӣ, Алиасғар. Таърихи фалсафаи Эрон аз оғози ислом то имрӯз. [Матн] / Алиасғар Ҳалабӣ. –Теҳрон, бе соли нашр. –334 с.

[278]. Ҳалабӣ, Алиасғар. Таърихи фалосифа дар Ислом. [Матн] / Алиасғар Ҳалабӣ. – Теҳрон : Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии донишгоҳҳо (Самт), 1375 (1996). – 570 с.

[279]. Ҳамавӣ, Ё. Муъҷам-ул-булдон (Қомуси кишварҳо) [Матн] / Ё. Ҳамавӣ. – Бейрут, 1979. – 567 с.

[280]. Ҳанно, Ал-Фохурӣ, Халил Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони

исломӣ. Мутарҷим Абдулмуҳаммад Оятӣ. [Матн] / Ҳанно Ал-Фохурӣ. – Теҳрон, 1386. –816 с.

[281]. Ҳанно, Ал-Фохурӣ. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом [Матн] / Ҳ. Фохурӣ, Ҷ. Халилӣ. – Теҳрон, 1998. – Ҷ. I. – 1537 с.

[282]. Ҳарбӣ, Муҳаммад Ҳасан. Ал-Киндӣ ва ал-Форобӣ: руъяти ҷадид (Киндӣ ва Форобӣ – бо нигоҳи нав) [Матн] / Х. Ҳарбӣ. – Қоҳира: «Ҷомеат-ул-искандариййа», 2003. – 123 с.

[283]. Ҳисом Ал-Олусӣ. Диросот фи-л-фикр-ил-фалсафиййӣ-ил-исломиййӣ. (Таҳқиқот дар андешаҳои фалсафии исломӣ). [Матн] / Ҳисом Ал-Олусӣ. –Бейрут, 1400 ҳ (1980 м.). –312 с.

[284]. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм. [Матн] / Ҳотамов Н.... –Душанбе, ЭР-граф, 2015. –644 с.

[285]. Ҳоҷӣ Халифа, Мустафо Абдуллоҳ. Кашфу-з-зуннун ан асомии-л-кутуб ва-л-фунун. [Матн] / Ҳоҷӣ Халифа. –Туркия, 1310. Ҷ. 1. –562 с.

[286]. Ҳусейнзода, Ш., Шарифов Х.. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. –Душанбе: Маориф, 1985.–118 с.

[287]. Ҷавод, Рақавӣ, Муҳаммад Исҳоқ Орифӣ, Алӣ Қурбонӣ, Муҳаммадалӣ Нидоӣ, Муҳаммад Ваҳидиён. Маърифатшиносӣ.– Донишгоҳи улуми исломии Разавӣ, 1384. –296 с.

[288]. Ҷаҳшиёрӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибн Абдус. Китоб-ул-вузаро ва-л-куттоб. Таҳқиқи Муҳаммад Ас-Саққо. [Матн] / Ҷаҳшиёрӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибн Абдус. –Қоҳира, 1937. –428 с.

[289]. Ҷоҳиз, Абуусмон ибн Амр ибн Баҳр. ал-Баён ва-т-абйин (Баён ва балоғат). Таҳқиқи Абдуссалом Муҳаммад Ҳорун. [Матн] / Ҷоҳиз, Абуусмон ибн Амр ибн Баҳр. –Бейрут, 2019. –647 с.

[290]. Шайх Ал-Арз, Тайсир. Ал-мадхал ила фалсафати Ибн Сино. [Матн] / Шайх Ал-Арз, Тайсир. –Бейрут: Дор-ул-анвар, 1967. –520 с.

[291]. Шамолов А.А. Каломи Моваройуннаҳр. [Матн] / Шамолов А.А.– Душанбе: Дониш, 2013. –569 с.

[292]. Шамсиддинов Ҷ. Мантиқ ва фалсафа. [Матн] / Шамсиддинов Ҷ. – Душанбе, 2016. –140 с.

[293]. Шариф М.М. Таърихи фалсафа дар ислом. [Матн] / Шариф М.М. –Теҳрон, 1362. -268с.

[294]. Шарифзода И. Амондуллоев Б., Гулаҳмадов Ш. Фалсафа. (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ) [Матн] / Шарифзода И. –Душанбе: “Мулквар”, 2024.–408 с.

[295]. Шаҳобиддинов Н. Дар сапедадами озодандешӣ. [Матн] / Шаҳобиддинов Н. –Душанбе, 2018. –288 с.

[296]. Шаҳобиддинов Н. Метафизикаи Ибни Сино. [Матн] / Шаҳобиддинов Н. –Душанбе, 2020. –252 с.

[297]. Шидфар Б.Я. Ибн Сина. [Текст] / Шидфар Б.Я. –Москва: Наука, 1981. –184 с.

[298]. Эмомов Асрориддин. Масъалаҳои интишори забони арабӣ дар Хуросон ва Моваройуннаҳр. [Матн] / Эмомов Асрориддин. –Душанбе: ЭР-граф, 2022. –300 с.

[299]. Юсуф, Хас-Хаджиб Баласагуни. Благодатное знание / перевод С. Н. Иванова; отв. ред. А. Н. Кононов. [Текст] / Юсуф, Хас-Хаджиб Баласагуни. – Москва: Наука, 1983. – 528 с.

Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо:

[300]. Абдуллозода Ш. Вазъияти динию мазҳабӣ дар аҳди Абуалӣ ибни Сино/ Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. –Душанбе: Дониш, 2005. –С.138-157.

[301]. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ ва аҳамияти таҳқиқи он/ Гузоришҳои АИ ҶТ, шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. № 2 (010). –Душанбе, 2020. –С.134-142.

[302]. Амирхон Ш.Т. Таснифоти илмҳо дар таълимоти Қутбидини

Шерозӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. №6.–С97-103.

[303]. Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ / Маводи маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи “Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир” бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. –Душанбе, 2021. –С.151-156.

[304]. Амондуллоев Б.С., Давлатов П. Таҳлили муқоисавии «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ/ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –№ 5. –Душанбе, 2021. –С.105-116.

[305]. Амондуллоев Б.С., Давлатов П.Н. Таҳлили муқоисавии афкори ахлоқии Арасту ва Форобӣ/ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –№ 8. –Душанбе, 2021. –С.105-112.

[306]. Амондуллоев Б.С. Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик / Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд». –Душанбе, 2021. –С. 122-127.

[307]. Амондуллоев Б.С. Баъзе андешаҳо перомуни нақши Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. –№1.–Душанбе, 2022. –С.67-73.

[308]. Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –№2. –Душанбе, 2022. – С. 59-70.

[309]. Амондуллоев Б. Баъзе ақидаҳо доир ба таъсири Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. –№ 3. –Душанбе, 2022. –С. 105-116.

[310]. Амондуллоев Б.С. Форобӣ ҳамчун поягузори машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –№ 4. –Душанбе, 2022. –С. 41-52.

[311]. Амондуллоев Б.С. Баррасии мухтасари назарияи қиёс дар мантиқи Ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –№ 9. –Душанбе, 2022. –С. 26-34.

[312]. Амондуллоев Б.С. Андешаҳои Форобӣ дар боби ахлоқ // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ (маҷаллаи илмӣ). –№4, бахши 2. –Хоруғ, 2022. –С. 75-86.

[313]. Амондуллоев Б.С. Худшиносӣ ва масоили арзишҳои миллӣ дар таълимоти Ибни Сино / Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023). –С.249-256.

[314]. Амондуллоев Б.С. Масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти Ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). –№10. –Душанбе, 2023.–С. 155-163.

[315]. Амондуллоев Б.С. Ҳастишиносии Форобӣ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №1.–Душанбе, 2023. –С.114-120.

[316]. Амондуллоев Б.С. Таснифоти илм дар «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №3.–Душанбе, 2024. –С.74-80.

[317]. Амондуллоев Б.С. Назарияи маърифати Абуалӣ ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – №2. –Душанбе, 2024. –С. 85-93.

[318]. Амондуллоев Б.С. Масъалаи нафс дар таълимоти фалсафии Абуалӣ ибни Сино // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи

ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. –№1.–Душанбе, 2024. –С. 111-118.

[319]. Амондуллоев Б.С. Нигоҳе ба назарияи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024.-№10. –С.131-137.

[320]. Амондуллоев Б.С. Шаклҳои ҳаракат аз назари Ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) . –№6, қисми 1. – Душанбе, 2024–С. 76-82.

[321]. Амондуллоев Б.С. Масъалаи ҳаракат дар фалсафаи Абунасри Форобӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)– Душанбе, 2025.-№1. –С. 145-150.

[322]. Амондуллоев Б.С. Масъалаи нафс ва тан дар фалсафаи Форобӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)– Душанбе, 2025.-№4. –С. 134-140.

[323]. Амондуллоев Б.С. Таъсири фалсафаи Абунасри Форобӣ ба Ибни Сино / Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. –№2.–Душанбе, 2025. –С. 68-74.

[324]. Амондуллоев Б.С. Саҳми нобиғаи тоҷик-Пури Сино дар рушди тамаддуни умумибашарӣ / Бахши фалсафаи фарҳанг ва эстетика. Маводи Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1045-солагии Абуалӣ ибни Сино. (4-5 ноябр) –Душанбе, 2025. –С. 844-853.

[325]. Амондуллоев Б.С. Меъёри маърифат дар таълимоти Ибни Сино / Бахши онтология, гнессеология, антропология, мантиқ. Маводи Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1045-солагии Абуалӣ ибни Сино. (4-5 ноябр) –Душанбе, 2025. –С. 362-367.

[326]. Амондуллоев Б.С. Нигоҳе ба масоили илоҳиёт дар таълимоти Форобӣ / Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. –№1.–Душанбе, 2026. –С.91-98.

[327]. Давлатов П. Амондуллоев Б. Фазилат аз нигоҳи Арасту ва Ибни Мискавайҳ/ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 4. –

Душанбе, 2021. –С.132-142.

[328]. Зиёӣ Хуршед. Масъалаҳои хислатшиносӣ, типологияи шахсият ва инъикоси онҳо дар таълимоти антропологии Ибни Сино/ Ахбори институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. –№2.–Душанбе, 2026. –С. 17-23.

[329]. Муҳаммадхоҷаев А. Саҳми Ибни Сино дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ// Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ.–Душанбе: Дониш, 2005 –С.69-98.

[330]. Наср, Сайид Ҳусайн. Ҳикмати амалии Ибни Сино ва назарияи тадбири мудун [Матн] / Сайид Ҳусайн Наср // Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон. – 1382 (2003). – Ш. 4 (166). – С. 45–58.

[331]. Саййид Йадуллах Йазданпанах. Роль сухраварди в развитии исламской философии / Исламская философия и философское исламоведение: Перспективы развития. — М.: Языки славянских культур, 2012. — 128 с. –С. 68-81.

[332]. Сулаймонӣ Саидраҳмон. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он// Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. [Матн] /Саидраҳмон Сулаймонӣ. –Душанбе: Дониш, 2005 –С.99-137.

[333]. Трубников Н.М. Проблема времени в свете философского мировоззрения. / Вопросы философии, 1998. № 2.

[334]. Умедов М. Х. Справедливость один из источников формирования идеи гуманизма у восточных перипатетиков. / Известия АМИТ, отделение общественных наук. № 4 (258). –Душанбе, 2019. –С.25-29.

[335]. Худойдодов Ф.Б. Понятие силлогистики в логическом учении Ибн Сины // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/5(142).

[336]. Худойдодов Ф.Б.Взгляд Ибн Сины на исключительные

силлогизмы // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – №3/2(198).

[337]. Эзидӣ, Самад. Андешаҳои сиёсии Ибни Сино ва масъалаи суботи ҷомеа [Матн] / Самад Изидӣ // Фатҳномаи андеша: маҷаллаи илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳи Теҳрон. – 1391 (2012). – Ш. 2 (18). – С. 89–104.

Диссертатсия ва авторефератҳо:

[338]. Абубакри М.Г. Андешаҳои ахлоқӣ дар таълимоти фалсафии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ: Аавторефератиди дисс... доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси фалсафа. [Матн] / Абубакри М.Г. –Душанбе, 2021. -29с.

[339]. Баратов, Н.Ю. Основные принцыпы этики Фараби и их развитие в трудах персидских мыслителей: Дис...канд. филос.наук. [Текст] / Н.Ю. Баротов. - Ташкент, 1681. – 159с.

[340]. Геюшева, З.З. Этические взгляды восточних перипатетиков: Дис... канд.филос.наук. [Текст] / З.З. Гаюшев. - Баку, 1983. 143с.

[341]. Диноршоева, З.М. Гражданская философия аль-Фараби: Дис...док. филос.наук [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2006. – 304с.

[342]. Исоев, М. Этическое учение Мискавайха и его роль в развитии этической мысли средневековья: Автореф. дисс… канд. филос. н. [Текст] / М. Исоев. –Душанбе, 1993. -64с.

[343]. Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо: Автореферати рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. –Душанбе, 2020. –С.26. (80 с.)

[344]. Саидов, Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотелья и Ибн Сины о челевеке: Автореферат дисс… док. филос. наук. [Текст] / Н.С. Саидов. - Душанбе, 2009. – 46с.

[345]. Саидов Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке: Дис. ... докт. филос. наук. [Текст] / Саидов Н.С. –

Душанбе: Маориф, 2009. –306 с.

[346]. Сулаймонов Б.С. Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ: Автореферати рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. [Матн] / Сулаймонов Б.С. –Душанбе, 2025. –75 с.

[347]. Сулаймонов Б.С. Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ: Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. [Матн] / Сулаймонов Б.С. – Душанбе, 2025. –472 с.

Захираҳои электронӣ:

[348]. Аҳмадхонӣ, М. Нигоҳе ба орои маънишинохтии хоҷа Насируддини Тусӣ [Манобеи электронӣ] / М. Аҳмадхонӣ. – Низоми дастрасӣ: https://congress2.iranology.ir/pdf/zabanhaye%20irany%20va%20zab anshenasy%20iran/Persian.pdf/1.pdf (Рӯзи муроҷиат: 21.02.2025).

[349]. Абуалӣ ибни Сино. Уюн-ул-ҳикмат. [захираи электронӣ] / Абуалӣ ибни Сино. – Низоми дастрасӣ: http://www/ al- mostafa. com. (нусхаи электронӣ, бо забони арабӣ, санаи муроҷиат 15-11-2021)

[350]. Абунаср, Ал-Форобӣ. Китоб-ул-ҳуруф. Таҳқиқи Муҳсин Маҳдӣ-устоди забони арабӣ дар донишгоҳи Гарвард. [захираи электронӣ] / Абунаср, Ал-Форобӣ. –Бейрут, 1986. –278 с. – Низоми дастрасӣ: http://www/ alkottoob. com. (нусхаи электронӣ, бо забони арабӣ, санаи муроҷиат 29-12-2021)

[351]. http://www/ al- mostafa. com. Абунаср Ал-Форобӣ. Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила. (нусхаи электронӣ, бо забони арабӣ, санаи муроҷиат 22-12-2022).

[352]. Варақаи матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти хизматии Вазорати корҳои дохилӣ дар соли 2025 [манбаи электронӣ]. URL:

https://www.mvd.tj/7096-varaai-matbuot-oid-ba-ambasti-faolijati-hizmatii-vazorati-koroi-dohil-dar-soli-2025.html (санаи истифодабарӣ: 14.02.2026).

[353]. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение (Куллиёт). Ҷ. 1. –М., 1955. – 698 с. (www.uaio.ru манбаи электронӣ, санаи мурочиат 25-03-2021).

[354]. http:// www. Googl Books/ Файюмӣ, Саид ибни Юсуф. Китоб-ул-амонот ва-л-эътиқодот. –Лейден, 1880. 320 с. (нусхаи электронӣ, бо забони арабӣ, санаи мурочиат 21-08-2024)

[355]. Renan E. De philosophia peripatetica apud Suros/Letre a Reynayd (Journal Asiatigut. III). –Paris, 1852.

[356]. http://www/ noor-book. com. Муҳаммад Қушайқиш. Назарият-ул-илм инда Абинаср Ал-Форобӣ. –Қоҳира, 2015.–208 с. (нусхаи электронӣ, бо забони арабӣ, (санаи мурочиат 25-04-2026)

[357]. http://ru.m. wikipedia.org ru.knowledgr.com (санаи мурочиат 15-12-2021)

[358]. http://tarikhema.ir/Абунаср ал-Форобӣ. Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабири юнонӣ. Мутарҷим (аз матни англисӣ) Абулфазл Ҳақири Қазвинӣ.–Теҳрон, бе соли нашр. (нусхаи электронӣ)–15 с.

[359]. http://ru.m. wikipedia.org. Браун, Эдвард Гранвил (санаи мурочиат 21-05-2026)

[360]. http://bogoslov.ru. Герард Кремонский. (санаи мурочиат 15-12-2021)

[361]. http://www.e–riu.ru – Российский Исламский Университет.

[362]. http:// www.cyciwwiki. org/wik. Саадия Гаон. (санаи мурочиат 15-07-2025)

[363]. http://elibrary. ru. С. Султонзода. Таълимоти Ибни Сино дар бораи модда ва атрибутҳои он дар партави фалсафаи давраи Нав. (санаи мурочиат 28-01-2024)

[364]. ru.wikipedia.org/ Вирусология-Большая Медицинская Энциклопедия. (санаи мурочиат 1-05-2025)

[365]. bg.wikipedia.org/ Вируси-Уикипедия. (санаи муроҷиат 16-10-2025)

[366]. http:// www. arabicbookshop.net. Mahfuz Husain Ali. (санаи муроҷиат 28-05-2026)

[367]. Юбилей великого учёного Аль-Фараби включён в международный календарь памятных дат на 2020 год. https://www.gov.kz/memleket/entities/mfajakarta/press/article/details/16400?lang=ru&utm_source=chatgpt.com. (Санаи муроҷиат 21-06-2026)

[368]. The UNESCO Courier: a window open on the world, XXXIII, 10 p. 4-45, illus., map 1 октябри соли 1980 https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000074765. (санаи муроҷиат 21.06.2026)

[369]. Evaluation of Exercise in Canon of Medicine https://applications.emro.who.int/imemrf/ Arch_Iran_Med/Arch_Iran_Med 2016_19_10_743_746.pdf. (санаи муроҷиат 21.06.2026);

[370]. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил 01.09.2018, шаҳри Душанбе https://www.president.tj/event/speeches/16681. (санаи муроҷиат 21-06-2026)

Адабиёти хориҷӣ:

[371]. Abed, Sh.B. Aristotelian Logic and the Arabic Language in alFarabi [Text] / Sh.B. Abed. – Albany: State University of New York Press, 1991. – 201 p.

[372]. Aimé Forest (Эме Форе). La structure métaphysique du concret selon Saint Thomas d'Aquin (Сохтори метафизикии ашёи мушаххас аз нигоҳи Сент Фомаи Аквинӣ). –Paris: Librairie Philosophique J. Vrin, 1956. – 380 c.

[373]. Albertus Magnus. Metaphysica [Text] : Libri I–V / Albertus

Magnus ; ed. B. Geyer // Opera Omnia. — Monasterii Westfalorum : Aschendorff, 1960. — Tomus 16, pars 1. — 300 p. — (ба забони лотинӣ).

[374]. Bertrand Russell. A History of Western Philosofhy and its Connection with Political and Social Circuvstances from the Earliest Times to the Present Day. –Londn, 1946. –916 p.

[375]. Brockelmann, C. Geschichte der arabischen Litteratur. Band 1 / Carl Brockelmann. – 2. Auflage. – Leiden : E. J. Brill, 1943. – 676 S.

[376]. Chatti, S. Arabic Logic from Al-Fārābī to Averroes: A Study of the Early Arabic Categorical, Modal, and Hypothetical Syllogistics [Text] / S. Chatti. – Birkhäuser, 2019. – 384 p.

[377]. Erwin I. J. Rosenthal. Political Thought in Medieval Islam: An Introductory Outline. –Cambridge University Press, 1958. –323 p.

[378]. Ethé, H. Avicenna als persischer Lyriker / H. Ethé // Nachrichten von der Königlichen Gesellschaft der Wissenschaften und der Georg-Augusts-Universität zu Göttingen. — Göttingen : Dieterichschen Buchhandlung, 1875. –№ 20. –S. 553–567.

[379]. Fakhry, Majid. A History of Islamic philosophy. New York, 2004. –400 p.

[380]. Farmer H.G. The influence of Alfarabi's Ihsha' al-Ulum (De Scientiis) on the Writers on music in western Europe. dans le J.R.A.S., 1932, – P. 561-592.

[381]. Galston, M. Al-Farabi on Aristotle's theory of demonstration in Islamic philosophy and mysticism [Text] / M. Galston. – Delmar, NY: Caravan Books, 1981. – 234 p.

[382]. Germann, N. Logic as the Path to Happiness: Al-Fārābī and the Divisions of the Sciences [Text] / N. Germann // Quaestio. – 2015. – 15 january. – PP. 15-30.

[383]. Hammod, R. The Philosophy of al-Farabi and Its Influence on Medieval Thought [Text] / R. Hammod. – Copyright, 1947. – 84 p.

[384]. Lameer, Joep. Al-Fārābī and Aristotelian Syllogistics [Text] / Joep Lameer. – Leiden: «Brill», 1994. – 351 p.

[385]. Ley, H. Studie zur Geschichte des Materialismus im Mittelalter / Hermann Ley. – Berlin : Aufbau-Verlag, 1957. – 575 S.

[386]. Sharif, M.M. A History of Muslim Philosophy [Text] / M.M. Sharif. – Wiesbaden, 1963. – 902 p.

Фарҳангномаҳо

[387]. Ал-Хаворазмӣ, А.Ю. Мафотиҳ-ул-улум (Гиреҳкушои илмҳо) [Матн] / Аҳмад ибн Юсуф ал-Хаворазмӣ. – Бейрут: Дор-ул-кутуб, 1989. – 284 с.

[388]. Ал-Ҷурҷонӣ, М.С. Муъҷам-ут-таърифот (Фарҳанги истилоҳот) [Матн] / Муҳаммад ас-Саид ал-Ҷурҷонӣ. – Қатар: Дор-улфазила, 2004. – 254 с.

[389]. Ваҳба, М. Ал-муъҷам ал-фалсафӣ (Фарҳанги фалсафӣ) [Матн] / Мурод Ваҳба. – Қоҳира: Дор-ул-кутуб, 1966. – 476 с.

[390]. Ғолиб, М. Фӣ сабили мавсуъа фалсафиййа ал-Форобӣ (Қомуси афкори фалсафии Форобӣ) [Матн] / Мустафо Ғолиб. – Бейрут: Мактабат-ул-ҳилол, 1998. – 161 с.

[391]. Ивин, А.А. Словарь по логике [Текст] / А.А. Ивин, А.Л. Никифоров. – М: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 1997. – 384 с.

[392]. Ислам. Энциклопедический словарь [Текст]. – М.: Наука, 1991. –315 с.

[393]. Кондаков, Н.И. Логический словарь [Текст] / Н.И. Кондаков. – М.: Наука, 1975. – 721 с.

[394]. Кратки Философский словарь [Текст] / под ред. М. Розенталя, П. Юдина. – М.: Гос-е изд-во полит. лит., 1954. – 704 с.

[395]. Новая философская энциклопедия [Текст]. – М.: «Мысль», 2010. – Т.2. – 637 с.

[396]. Новейший словарь иностранных слов и выражений [Текст]. –

М.: Современный литератор, 2003. – 976 с.

[397]. Ситибо, Ҷ. Ал-муъҷам-ул-фалсафӣ [Матн] / Ҷамил Ситибо. – Бейрут: Дор-ул-кутуб, 1987. – 765 с.

[398]. Саидраҳмон Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. [Матн] / С. Сулаймонӣ.Дар 2 ҷилд. –Душанбе: ЭР-граф, 2005. –Ҷ.1. –1046 с.

[399]. Саидраҳмон Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. [Матн] / С. Сулаймонӣ. Дар 2 ҷилд. –Душанбе: ЭР-граф, 2005. –Ҷ.2. –1208 с.

[400]. Сулаймонӣ, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ [Матн] / С. Сулаймонӣ. – Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда. – Душанбе: «Эрграф», 2010. – 1564 с.

[401]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиѐти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – Ҷ. I. – 950 с.

[402]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиѐти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – Ҷ. II. – 945 с.

[403]. Философский энциклопедический словарь [Текст]. – М.: Советская энциклопедия, 1983. – 840 с.

[404]. Фролова, И.Т. Философский словарь [Текст] / И.Т. Фролова – М., 1986. – 588 с.

[405]. Ҳамавӣ, Ё. Муъҷам-ул-булдон (Қомуси кишварҳо) [Матн] / Ё. Ҳамавӣ. – Бейрут, 1979. – 567 с.

[406]. Ҷабр, Ф. Мавсуъа мусталаҳот илм ал-мантиқ ’инда ал-араб (Фарҳанги истилоҳоти илми мантиқ аз диди арабҳо) [Матн] / Фарид Ҷабр, Рафиқ ал-Аҷам. – Бейрут: Мактабат-ул-лубнонӣ, 1996. – 1297 с.

[407]. Ҷаҳомӣ, Ҷ. Мавсуъа мусталаҳот Ибн Сино (Фарҳанги истилоҳоти Ибни Сино) [Матн] / Ҷирон Ҷаҳомӣ. – Бейрут: «Мактабат-ул-лубнонӣ, 2004. – 1519 с.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

I. Монография, китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ:

[1-М]. Амондуллоев Б.С. Перипатетизми шарқӣ: муқоисаи масъалаҳои назариявии фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино. –Душанбе, 2026. – 265 с. 275 с. –ISBN 987-99985-50-72-8

[2-М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Одиназода Р.С. Амондуллоев Б.С. Проблемаҳои назариявии фалсафаи ҳуқуқ. [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.С. Одиназода, Б.С. Амондуллоев. – Душанбе: «ЭР–граф», 2026. – 312 с. – ISBN 978-99985-1-453-9.

[3-М]. Бобоҷонзода И.Ҳ., Одиназода Р.С. Амондуллоев Б.С. Методологияи фалсафаи ҳуқуқ. [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.С. Одиназода, Б.С. Амондуллоев – Душанбе: «ЭР–граф», 2026. – 444 с. – ISBN 978-99985-1-453-9

[4-М]. Амондуллоев Б.С. Фарҳангшиносӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Амондуллоев Б.С.–Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020.– 256 с. УДК: 71,4 (2) Ф-25. ISBN: 978-99975-57-92-6.

[5-М]. Шарифов И.У., Амондуллоев Б.С., Гулаҳмадов Ш.Н. Фалсафа. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. [Матн] / И.У. Шарифов, Б.С. Амондуллоев, Ш.Н. Гулаҳмадов–Душанбе: “Мулквар”, 2024.–408 с. ББК- 101 (575,3) ТКБ 87,3, 3(2 тоҷик) Ш-25. ISBN: 978-99985-869-1-0.

[6-М]. Амондуллоев Б.С. Фалсафа. Воситаи таълимӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев. –Душанбе: Нашриёти ҶДММ “Аршам”, 2024. –308 с. УДК: 101(575,3) ББК: 87,3 (2т) ISBN: 978-99985-50-72-8.

II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[7-М]. Амондуллоев Б.С. Давлатов П. Таҳлили муқоисавии «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ ва «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ [Матн] / Б. С. Амондуллоев, П. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2021. -№ 5. –С. 105-115. УДК: 130 (575.3)

– ISSN 2074-1847.

[8-М]. Амондуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии афкори ахлоқии Арасту ва Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев, П. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2021. -№ 8. –С, 105-112. УДК: 13 (575.3) – ISSN 2074-1847.

[9-М]. Давлатов П., Амондуллоев Б.С. Фазилат аз нигоҳи Арасту ва Ибни Мискавайҳ (таҳлили муқоисавӣ) [Матн] / П. Давлатов, Б. С. Амондуллоев// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2021. -№ 4. –С.132-142. УДК: 1(091): (575.3) – ISSN 2074-1847.

[10-М]. Амондуллоев Б.С. Баъзе ақидаҳо доир ба таъсири Форобӣ ва Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ [Матн] /Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022. -№3–С.105-116. УДК: 1(091)(575.3) – ISSN 2074-1847.

[11-М]. Амондуллоев Б.С. Баъзе андешаҳо перомуни нақши Ибни Сино дар ташаккули мактаби машшоияи шарқӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (силсилаи фанҳои ҷамъиятшиносӣ», №1.–Душанбе, 2022.–С.67-73. ISSN 0235 – 005X.

[12-М]. Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022 -№2– С. 59-70. УДК: 1 (09)(575.3) – ISSN 2074-1847.

[13-М]. Амондуллоев Б.С. Форобӣ ҳамчун поягузори машшоияи шарқӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022. -№ 4–С. 41-52. УДК: 111.3 – ISSN 2074-1847.

[14-М]. Амондуллоев Б.С. Баррасии мухтасари назарияи қиёс дар мантиқи Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2022. -№ 9–С. 26-34. УДК: 1(091) – ISSN 2074-1847.

[15-М]. Амондуллоев Б.С. Андешаҳои Форобӣ дар боби ахлоқ

[Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ (маҷаллаи илмӣ).–Душанбе, 2022-№4, бахши 2. –С. 29-36. ТД982-95.0-42. – ISSN 2664-5696.

[16-М]. Амондуллоев Б.С. Масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2023.-№10. –С. 155-163. ТДУ: 140.8 (575.3) – ISSN 2074-1847.

[17-М]. Амондуллоев Б.С. Ҳастишиносии Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.№1.–Душанбе, 2023. –С.114-120. – ISSN 0235 – 005Х.

[18-М]. Амондуллоев Б.С. Масъалаи нафс дар таълимоти фалсафии Абуалӣ ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.№1.–Душанбе, 2024. –С. 89-96. – ISSN 0235 – 005Х.

[19-М]. Амондуллоев Б.С. Назарияи маърифати Абуалӣ ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024.-№2. –С. 85-92. ТДУ: 130.2 (575.3) – ISSN 2074-1847.

[20-М]. Амондуллоев Б.С. Шаклҳои ҳаракат аз назари Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024.-№6, қисми 1. –С. 76-82. ТДУ: 1.01 (575.3) – ISSN 2074-1847.

[21-М]. Амондуллоев Б.С. Нигоҳе ба назарияи ҷавҳар ва араз дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2024.-№10. –С. 131-137. ТДУ: 128/129 (575.3) – ISSN 2074-1847.

[22-М]. Амондуллоев Б.С. Таснифоти илм дар «Эҳсо-ул-улум»-и Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №3.– Душанбе, 2024. –С.74-80. – ISSN 0235 – 005X.

[23-М]. Амондуллоев Б.С. Таъсири фалсафаи Абунасри Форобӣ ба Ибни Сино [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ.№2.–Душанбе, 2025. –С. 68-74. – ISSN 0235 – 005X.

[24-М]. Амондуллоев Б.С. Масъалаи ҳаракат дар фалсафаи Абунасри Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2025.-№1. –С. 145-150. – ISSN 2074-1847.

[25-М]. Амондуллоев Б.С. Масъалаи нафс ва тан дар фалсафаи Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ)–Душанбе, 2025.-№4. –С.134-140. – ISSN 2074-1847.

[26-М]. Амондуллоев Б.С. Нигоҳе ба масоили илоҳиёт дар таълимоти Форобӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. №1.– Душанбе, 2026. –С.91-98. – ISSN 0235 – 005X.

III. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп шудаанд:

[27-М]. Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // (Маводи маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир” бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. – Душанбе, 2021. –С. 151-155.). – ISBN 978-99975-338-3-8.

[28-М]. Амондуллоев Б.С. Мавқеи саодат дар фалсафаи амалии

Абунасри Форобӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию амалии дар мавзуи “Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[29-М]. Амондуллоев Б.С. Худшиносӣ ва масоили арзишҳои миллӣ дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилали дар мавзуи “Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (03 октябри соли 2023) –С.249-256. – ISBN 978-9995-338-3-8.

[30-М]. Амондуллоев Б.С. Роль философского наследия представителей восточного перипатетизма в формировании личности в современных условиях [Текст] / Б.С. Амондуллоев // В сборнике: «Узбеко-Финское образование и проблемы воспитания гармоничного поколения». Материалы Международной научно-практической конференции. – Самарканд, 2024. –С. 539-542.

[31-М]. Амондуллоев Б.С. Нақши Форобӣ дар ташаккули фалсафаи машшоияи шарқӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуаи мақола ва гузоришҳои Симпозиуми байналмилалии “Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва аҳаммият барои ҷаҳони муосир”, (16-17 октябри соли 2024, ш. Душанбе, Тоҷикистон). –С. 485-497.

[32-М]. Амондуллоев Б.С. Меъёри маърифат дар таълимоти Ибни Сино [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуаи мақолаҳои Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ”. (–Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025).–С. 362-367. (1287 с.) Бахши онтология, гнессеология, антропология, мантиқ. *УДК620.22(082).ББК 30.3я43 П27. С-.* ISBN 987-985-880-356-8.

[33-М]. Амондуллоев Б.С. Саҳми нобиғаи тоҷик- Пури Сино дар рушди тамаддуни умумибашарӣ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маҷмуаи мақолаҳои Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар

рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ”. (–Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025). –С. 844-853. (1287 с.) *Бахши фалсафаи фарҳанг ва эстетика. УДК620.22(082).ББК 30.3я43 П27. С-.* ISBN 987-985-880-356-8.

[34-М]. Амондуллоев Б.С. Мақоми Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули фалсафаи тоҷик [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд”. –Душанбе, 2021. –С. 122-128. ISBN: 978-99985-993-9-0.

[35-М]. Амондуллоев Б.С. Нақши «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ дар ташаккули илми ахлоқ [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Материалы круглого стола «Современные тенденции развития философской науки в Таджикистане и мире» (18 ноября 2022). –Душанбе, 2022. –С.13-20. Филиал МГУ в г.Душанбе УДК: 171(575.3).

[36-М]. Амондуллоев Б.С. Назаре ба забони фалсафа ва зарурати омӯзиши он дар замони истиқлол / [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир». –Душанбе, 2022. –С. 92-99.

[37-М]. Амондуллоев Б.С. ««Эҳсо-ул-улум» аввалин доират-ул-маорифи шарқӣ» [Матн] / Б.С. Амондуллоев / [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 12-уми марти соли 2024. –С. 79-86. ISBN 987-99985-46-85-1.

[38-М]. Амондуллоев Б.С. Раванди худшиносии миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ / [Матн] / Б.С. Амондуллоев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Ташаккули худшиносии миллии ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ» (ш. Душанбе, 31.03.2026). –Душанбе, ДМТ, 2026. –С. 92-100. УДК: 28(575.3), ББК: 86.38(5Р), Ф-79.

[39-М]. Амондуллоев Б.С. Some aspect of the anthropogical teaching of

Mirzo Abdulkoodir Bedil Sodiki N.N. Umedov M.H. Amndulloev B.C. Proceedings of the internationai Science Conference «Giobal perspectives in science education and aplied research» (May 21. 2025). Delhi. India. P. 73-79.

[40-М]. Амондуллоев Б.С. Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ташаккули фарҳанги миллӣ. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи “Шоҳнама”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва нақши он дар шинохти таърих, фарҳанг ва ҳуввияти миллӣ”. –Душанбе, 2025. –С. 173-180.